***ISSN 2413-5151***

# ПАЁМИ

## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2019. №5.

Қисми II

---

# ВЕСТНИК

## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Серия социально-экономических и общественных наук

2019. №5.

Часть II

---

# BULLETIN

## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

Series of economic and social sciences

2019. No.5.

Part II

***МАРКАЗИ***
***ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА***
***ДУШАНБЕ – 2019***

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
# БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 10 шумора нашр мегардад.



***Сармуҳаррир:***

| | |
|---|---|
| **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**Муовини сармуҳаррир:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон* |

***Муовини сармуҳаррир:***

| | |
|---|---|
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:***

***08.00.00 –иқтисод***

| | |
|---|---|
| **Давлатзода Қудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Обидов Фозил Саидович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |

***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Золотухин Алексей Валеревич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Маҳмудзода Маҳкам Аъзам** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амиралӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазоқулов Ҷамшед Сайдалиевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент* |

***23.00.00 –сиёсатшиносӣ***

| | |
|---|---|
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Искандаров Акбаршо** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Қурбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашриҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*
***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ****: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*
***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**
**ва ҷамъиятӣ**
– 2019. – №5. Қисми II
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0037/ЖР-97 аз 17.01.2018 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва траҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



© ДМТ, 2019

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали | *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:***

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Обидов Фозил Саидович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Золотухин Алексей Валерьевич** | *Доктор юридических наук, доцент* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Махмудзода Махкам Аъзам** | *Доктор юридических наук, профессор, академик АН РТ* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазокулов Джамшед Сайдалиевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, доцент* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Мухаммад Абдурахмон Навруз** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Искандаров Акбаршо** | *Доктор политических наук, доцент* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктор философских наук, профессор* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2019. – №5. Часть II
ISSN 2413-5151

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство №0037/ЖР-97 от 17.01.2018г.

**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2019

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**

**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012. Issued 10 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Imomzoda Mғhammadyғsғf Saidali** | *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University* |

**DӮPҒTY CHIӮF ӮDITOҚ:**

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:***

***08.00.00 - Economy***

| | |
|---|---|
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Obidov Fozil Saidovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Furkat Farkhodovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |

***12.00.00 - Jurisprudence***

| | |
|---|---|
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Zolotukhin Aleksei Valer'evich** | *Doctor of Law, Associate Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Mahmudzoda Mahkam Azam** | *Doctor of Law, Professor, Academician* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazokulov Jamshed Saidalievich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Associate Professor* |

***23.00.00 - Political sciences***

| | |
|---|---|
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Iskandarov Akbarsho** | *Doctor of Political Science* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Idiev Khairiddin Usmonovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University.**
**Series of economic and social sciences**
– 2019. – №5. Part II
ISSN 2413-5151
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

© TNU, 2019

УДК:63:31 (575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ ТАМОЮЛИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ОЗУҚАВОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)

*Исайнов Ҳ.Р., Расулов Д.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бехатарии обию озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи самараноки захираҳои обӣ зич пайваста аст, зеро захираҳои об на танҳо унсури асосии маводи хӯрока, балки манбаи ҳаёт, сарчашмаи зиндагӣ аз замонҳои қадим буд, ҳаст ва боқӣ мемонад ва чи тавре ки дар урфият мегӯянд «…бе об ҳаёт нест». Барои таъмини талаботҳои асосии ҳар як инсон дар як шабонарӯз камаш 20 литр об лозим аст.

Истифодаи захираҳои табиӣ, хусусан захираҳои об сол то сол, на танҳо яке аз масъалҳои рӯзмарра дар ҷумҳурӣ, балки ба яке аз муммоҳои муҳимтарини сиёсати кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал табдил ёфта, метавонад дар пешрафти иқтисодиёти кишварҳои минтақа нақши бузурге дошта бошад. Аз дигар тараф, кулли масъалаҳое, ки дар мисоли буҳрони баҳри Арал ба ҳифзу истифодаи бехатарии захираҳои обӣ дахл доранд, имрӯзҳо дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо хусусияти минтақавӣ, балки глобалӣ низ гирифтаанд. Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба муҳим будани ин масъала ҷалб намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунад: «… сол то сол дар кураи Замин ҳаҷми обҳои ошомиданӣ коҳиш мeёбад, хавфи ба амал омадани «буҳронҳои об» воқеӣ мегардад... Ҳамагон бояд фаҳманд, ки арзишмандии об на камтар аз арзишмандии нафт, газ, ангиштсанг ва дигар навъҳои сӯзишворию манбаъҳои энергия барои ояндаи устувори кишвар ва минтақа мебошад» [1].

Ба хотири пешгирӣ аз оқибатҳои ногувори он роҳбарияти бисёр кишварҳо тадбирҳои муассиреро амалӣ карда истодаанд. Тавре медонем, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо муаммои хушкшавии баҳри Арал дучор омада истодаанд. Баҳри Арал то соли 1960 дар масоҳати 68 ҳазор км квадратӣ, бо ҳаҷми 1000 км$^3$ об доман паҳн намуда буд. Бо сабаби аз меъёр зиёд истифодабарии об аз дарёи Ому ҷиҳати обёрии заминҳои пахта аз тарафи ҷумҳуриҳои дар поёноб ҷойгиршуда сатҳи оби баҳр нисбат ба соли 1960 ба андозаи 12 метр паст гардида, шӯршавии об дар он ба миқдори 3 маротиба баланд гардид [1]. Дар натиҷаи шамолҳои бо намак омехташуда ва паст рафтани сатҳи обҳои зеризаминӣ яку якбора иқлими минтақаҳои аҳолинишини ин маҳал тағйир ёфта, сатҳи шӯршавӣ ва харобшавӣ (деградатсия)-и заминҳо бештар гардид, ки дар ниҳоят шароити зиндагии аҳолии минтақаро душвор гардонид.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар замони гузашта (иқтисоди планӣ) бартарӣ барои аз худ кардани заминҳои нави обёришаванда ба ҷумҳури-ҳое дода мешуд, ки ҳаҷми бештари пахта ва шолӣ истеҳсол мекарданд. Дар натиҷаи чунин сиёсат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар сари аҳолӣ миқдори аз ҳама камтарин дар минтақа таъминот бо заминҳои обёришаванда ва манбаъҳои обӣ пеш омад.

Боиси ёдоварист, ки аз солҳои 90-уми асри гузашта сар карда, дар ҷумҳурии мо як қатор қарор ва чорабиниҳо вобаста ба истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об дар сатҳи байналмилалӣ баргузор гардидааст. Аз ҷумла: амалигардонии «Рӯзи байналмилалии захираҳои об» (аз таърихи 22-юми декабри соли 1992, таҳти рақами 47/193), соли 2003 эълон гардидани «Соли байналмилалии оби тоза» (20-уми декабри соли 2000-ум, таҳти рақами 55/196), эълон гардидани давраи солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии фаъолияти «Об барои ҳаёт» (23-юми декабри соли 2003, таҳти рақами 58\217), соли 2008 эълон гардидани «Соли байналмилалии санитария» (20-уми декабри соли 2006, таҳти рақами 61/192), соли 2013 эълон гардидани «Соли байналмилалии ҳамкориҳои об» (20-уми декабри соли 2010, таҳти рақами 65/154). Инчунин, 21-уми декабри соли 2016, таҳти рақами 71/463 аз тарафи Маҷмааи умумии СММ қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» қабул гардид, ки дар ироаи Паёми навбатии Президенти мамлакат (аз 22-юми декабри соли 2016) ин хушхабар ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва тамоми мардуми ҷумҳурӣ расонида шуд. Ин қатънома аз ҷониби 193 давлати дунё дастгирӣ ёфтааст. Хотиррасон менамоем, ки чорабинии мазкур 22-юми марти соли 2018 (рӯзи байналмилалии захираҳои об) оғоз гардида, 22-юми марти соли 2028 ба анҷом мерасад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози бойигарии захираҳои обӣ мавқеи мустаҳкам дорад. Зиёда аз 50%-и ҳаҷми солонаи сарчашмаи дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Тоҷикистон рост омада, ин захираҳо бо пиряххо, ки 8%-и ҳудуди ҷумҳуриро фаро гирифтаанд, захираҳои калони обҳои нӯшокиро ташкил медиҳанд (дар маҷмӯъ 845 млрд. $м^3$). Бо нишондиҳандаҳои ташкилоти давлатии Институти таҳқиқоти илмии Мелиоратсия ва захираҳои оби ҷумҳурӣ ба ҳиссаи ҳавзаи дарёҳо 65,1 $км^3$ ҳаҷми об, аз ин миқдор ба ҳудуди Тоҷикистон 52,2 $км^3$, аз он ҷумла ба ҳавзаҳои дарёи Аму 50,5 $км^3$, дарёи Сир 1,7 $км^3$ рост меояд. Сарчашмаи асосии обгирии ин дарёҳо аз ҳисоби дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон мебошад. Умуман, дар маҷмӯъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози бойигарии захираҳои об дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) баъди Россия ҷойи дуюм ва дар Осиёи Марказӣ ҷои аввалро соҳиб аст. Аз ҳисоби сифати обҳои ширин бошад, ҷумҳурии мо дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд.

Танзими сарчашмаҳои об дар ҷумҳурӣ тавассути 8 обанбор, ки ғун-ҷоиши фоиданокашон зиёда аз 7439 $км^3$ мебошад, ба амал бароварда мешавад. Ба ҳудуди ҷумҳуриамон зиёда аз 51,6 $км^3$ оби нӯшокӣ рост меояд. Дар ҷадвали зерин захираҳои обе, ки ба ҳиссаи захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал, аз он ҷумла ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меоянд, инъикос ёфтаанд (ҷадв. 1).

Нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки 55,6% ё 64,6 $км^3$ захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меоянд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар миқёси давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳаҷми обҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми 6,6 $км^3$ арзёбӣ мешаванд, ки аз ин миқдор ҳар сол 2,3 $км^3$ бо мақсадҳои гуногун истифода мешавад.

**Ҷадвали 1. Захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал (ҲБА)***
**Table 1. Water Resources in the Aral Sea Basin (MMC) ***

| Ҷумҳуриҳо | Ҳавзаи Амударё ($км^3$/сол) | Ҳавзаи Сирдарё ($км^3$/сол) | Ҳамагӣ дар ҲБА $км^3$/сол |
|---|---|---|---|
| Қазоқистон | - | 4,5 | 4,5 |
| Қирғизистон | 1,9 | 27,4 | 29,3 |
| Тоҷикистон | 62,9 | 1,7 | 64,6 |
| Туркменистон (якҷоягӣ бо Эрон) | 2,78 | - | 2,78 |
| Узбекистон | 4,7 | 4,14 | 8,84 |
| Афғонистон | 6,18 | - | 6,18 |
| Ҳамагӣ | 78,46 | 37,7 | 116,2 |

*Маъхаз: Справочник / Секретариат Интеграционного Комитета Евразийского экономического сообщества. -М., 2016. - 112 с.

Ҳаҷми умумии истифодаи об аз ҳамаи сарчашмаҳои обҳои зеризаминӣ, дарёҳо, кӯлҳо ва ғайра ба ҳисоби миёна 14,5-15,0 куб буда, ин нишондиҳанда рӯз то рӯз паст гардида, ба 12,5-13,0 $км^3$ рафта расидааст. Алоқаи обҳои зеризаминӣ бо обҳои рӯйизаминӣ баръало аён аст. Бояд гуфт, ки дар 10-15 соли охир ифлосшавии ин обҳо аз ҳисоби обмониҳои зиёд, истифодаи аз меъёр зиёди нуриҳои минералӣ ва захрҳои химиявӣ ба назар мерасад.

Умуман, сохтори обистифодабарӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллии Тоҷикистон чунин аст: саноат 6%, кишоварзӣ 85% (аз он ҷумла барои обёрикунонӣ 65-70%), обтаъминкунӣ дар деҳот 5% ва дар шаҳрҳо 4%. Дар ҷадвали поёнӣ захираҳои обие, ки дар соҳаҳои иқтисоди миллии ҷумҳурӣ истифода мешаванд, инъикос ёфтааст (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. Истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. $м^3$ ***
**Table 2. Use of water resources in the national economy of the Republic of Tajikistan, mln. $m^3$**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | дар соли 2017 дар муқоиса нисбат ба соли 1990 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1990 | 1995 | 2000 | 2017 | в млн. $м^3$ | в % |
| Гирифтани об | 13662 | 12909 | 13379 | 10700 | 2962 | 78,3 |
| Истифодаи об | 12046 | 11874 | 10197 | 8816 | 3230 | 73,2 |
| Истифодаи об дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ: барои обёрӣ: | 9895 | 9639 | 8676 | 7468 | 2427 | 75,5 |
| саноат | 594 | 944 | 535 | 525 | 69 | 88,4 |
| бо об таъминкунии шаҳрҳо | 485 | 612 | 384 | 383 | 102 | 78,9 |
| бо об таъминкунии соҳаи кишоварзӣ | 696 | 659 | 602 | 440 | 256 | 63,2 |
| хоҷагиҳои моҳипарварӣ | 2 | - | - | - | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| дигар истифодабарандагони об | 374 | 20 | 0 | - | - | - |

*Маъхаз: Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
Эзоҳ: (-) - вуҷуд надоштани маълумотҳои аниқ

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи об дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, барои обёрӣ ҳамоно аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд аст. Сабаби аз ҳама зиёд истифода бурдани захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаи барои обёрикунӣ эҳтиёҷдошта («аридная зона») ҷойгир шудааст ва аз ин хотир зиёда аз 90% маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ аз заминҳои обӣ ба даст меояд.

Агар истифодаи захираҳои обро дар миқёси 100%-и соҳаҳои кишоварзӣ арзёбӣ намоем, он гоҳ вобаста ба шароити табиӣ, кишти зироатҳо ва обёрӣ то 65-70% захираҳои об барои кишоварзӣ ҷудокардашуда, маҳз барои обёрӣ истифода мешавад. Қисми боқимондаи он (15%) барои таъмини фермаҳои чорводорӣ, минтақаҳои аҳолинишин ва обшоркунии чарогоҳҳо сарф мешавад.

Дар маҷмӯъ, ба ҳисоби миёна дар солҳои охир ҳаҷми обҳои баргардонда 4600 млн. куб. км, аз ҷумла, коллекторҳою заҳбурҳо 4050 млн. куб. км ва обҳои хоҷагӣ - саноатӣ 5553 млн. км$^3$-ро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор ҳаҷми об 9% захираҳои оби такшиншаванда ва 39% ҳаҷми оби барои обёрӣ истифодашаванда мебошанд. Истифодаи дуюмдараҷаи обҳои коллекторию заҳбурӣ, ки барои ҷумҳурии мо аз сабаби релефи мушкил масъалаи вазнин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок нест, ҳамагӣ 347 млн.куб. км ё 75%-ро ташкил медиҳад.

Дар шароити ҳозира истифодаи обҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми 6468,7 ҳазор метри кубӣ дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад. Баровардани онҳо ба воситаи 600 чоҳи пармашуда ва 4000 чоҳи амудӣ иҷро мешавад. Тақсимоти обҳои зеризаминӣ аз рӯйи таъйинот чунин аст:

- таъминоти аҳолӣ 2169,54 ҳазор м$^3$;
- истеҳсолию техникӣ 447,89 ҳазор м$^3$;
- обёрикунонии замин 3591,30 ҳазор м$^3$.

Ҳолате дигаре, ки метавонад садди роҳи тараққиёти оқилонаи истифодаи захираҳои обӣ гардад, зиёд гардидани сарфи хароҷоти он барои тоза кардани сифати об (яъне ба талаботҳои гигиенӣ ҷавобгӯ будани он), обшоркунии заминҳо ва то ба истеъмолкунанда расонидани захираҳои обӣ мебошад. Масалан, ҳангоми обшор кардани заминҳои нав на танҳо барои обёрӣ, балки барои техника, роҳ, неруи барқ, газ, манзил, муассисаҳои дигари иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои инфрасохторӣ маблағҳои калон лозим мешавад. Ҳоло барои обшор кардани як гектар замин дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бо назардошти сохтмони шабакаҳои магистралӣ, каналҳо ва инфрасохторҳои хизматрасонӣ аз $2 то $2,5 ҳазор лозим меояд, ки агар шароити иқтисодию иҷтимоии ҷумҳуриро ба назар гирем, ин шумора маблағи калон ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз оне ки Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои обии фаровон дорад, миқёси истифодаи онҳо хеле маҳдуд аст. Дар қаламрави ҷумҳурӣ солона 64 км$^3$ захираҳои об ташаккул меёбанд, аммо ҳамагӣ 20%-и он мавриди истифода қарор мегираду халос. Дар ҷумҳурии мо майдонҳои зиёди обёринашуда (вале барои обёрӣ мувофиқ) мавҷуданд, ки дар ҳолати аз худ кардани онҳо ҳосили фаровони зироатҳоро гирифтан мумкин аст. Ин масъаларо ба назар гирифта, Ҳукумати ҷумҳурӣ консепсияи истифодаи самараноки ҳифзи захираҳои обро қабул кард (аз моҳи декабри соли 2001).

Агар сухан сари захираҳои озуқаворӣ равад, бояд қайд намоем, ки дар ҳама давру замон таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва захираҳои об вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб мерафт ва меравад. Чунки он як қисми асосии бехатарии давлат ба ҳисоб рафта, таъминсозандаи устувории ҷомеа аст. Чаро имрӯзҳо захираҳои обию озуқаворӣ ин қадар тез ва барои аксар давлатҳои ҷаҳон шадид гардидааст? Ҳатто дар давлатҳои мутараққӣ ин масъала мубрам гардидааст, ҳол он ки 30-40 соли охир гӯё ин масъала барои мардуми ҷаҳони пешрафта то абад ҳалшуда менамуд ва ҳамзамон барои кишварҳои рӯ ба инкишоф мушкилии умрбод буд. Умуман, бехатарии озуқаворӣ чиро дар назар доранд?

Бояд қайд кард, ки мафҳуми бехатарии озуқаворӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри гузашта, баъди буҳрони амиқи ғалла аз тарафи ФАО (Ташкилоти байналхалқии кишоварзӣ ва озуқаворӣ) дохил карда шуд. Маълум аст, ки ғалла манбаи асосии таъминоти озуқа дар ҷаҳон буда, дар ҷумҳурии мо он ҳамчун маводи асосии хӯрокӣ ба ҳисоб меравад ва мутобиқи муқарраароти ташкилоти ФАО ин маҳсулот ҳамчун

эталони мушоҳидаи баланси озуқаворӣ қабул шудааст. Аз ин рӯ, он барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар ҳаҷми 140 кг/одам дар як сол муайян гардидааст.

Дар бораи мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Бехатарии озуқаворӣ мафҳуми нисбатан васеъро дар бар гирифта, агар ба ҳама онҳо такя намоем, шарҳи ботафсили онро бо чунин тарз низ ифода кардан мумкин аст: ба миқдори кофӣ вуҷуд доштан ва ба таври воқеӣ дастрас будани озуқавории бехавф, мувофиқат намудани он ба ратсиони меъёрии хӯрокӣ, ҳис намудани масъулият барои таъминоти бехатарии озуқавории давлат ва ҳар як шаҳрванди алоҳида, таъминоти иқтисодӣ ва физикии сатҳи зарурии истеъмоли хӯрока, таъмин намудани сарчашмаи талабот бо маҳсулотҳои кишоварзӣ, ашёи хом, озуқа ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки бехатарии озуқаворӣ ва ғизо ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан, аз ҷиҳати иҷтимоию фарҳангӣ), мавҷуд ва дастрас бошад ва ҳамаи ашхос ҳама вақт барои таъмини ҳаёти фаъол ва солим чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол ва ҳазм кунанд. Расми поёнӣ аз элементҳо (унсурҳо)-и асосии бехатарии озуқаворӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Расми 1. Бехатарии озуқаворӣ ва элементҳо (унсурҳо)-и асосии он**
**Fig. 1. Food security and its basic elements**




Сарчашма: муалиф таҳия намудааст

Барои боз ҳам фаҳмо шудану пурра будани таркиби сохтории бехатарии озуқаворӣ ва элементҳо (унсурҳо)-и асосии он, мо ҳар як кадом унсури онро таҳлил карда мебароем.

*Ҳолати ғизо:* ба миқдори кофӣ вуҷуд доштан ва ба таври воқеӣ дастрас будани ғизои бехавф ва мувофиқат намудани он ба ратсиони меъёрии хӯрокро дар назар дорад.

*Истеъмол ва ҳазм:* донистани ҳолати саломатӣ ва шароити тозагӣ (санитарӣ) барои он зарур аст, ки организми инсон озуқавориро истеъмол ва ҳазм карда тавонад.

*Дастрасӣ:* ҳамаи хонаводаҳо ва ҳамаи аъзои онҳо барои харидории миқдори зарурии озуқаворӣ (аз ҳисоби истеҳсолот, харид ва ёрӣ) ба қадри кофӣ захира доранд.

*Мавҷуд будан:* бехатар ва дар сатҳи кофӣ вуҷуд доштани озуқаворӣ, чи аз ҷиҳати миқдор ва чи аз ҷиҳати сифат мебошад.

*Устуворӣ:* доимо мавҷуд ва дастрас будан.

Давлат бояд дар асоси оқилона истифода бурдани захираҳои табиию меҳнатӣ ва воситаҳои истеҳсолот аҳолиро бо озуқаи сифатнок мувофиқи меъёри муқарраргардидаи тиббӣ таъмин намояд ва барои муҳлати муайян (аз номусоидии обу ҳаво, кам шудани ҳосил, қатъ гаштани воридот бо сабабҳои гуногун) захираи худро дошта бошад.

Бояд қайд намуд, ки вазифаи аввалиндараҷаи муносибатҳои аграрӣ имкониятҳои қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаи худӣ (ватанӣ) мебошад. Новобаста аз муваффақиятҳои бадастомада, дар шароити ҳозира барои амалисозии ин чорабинӣ сухан рондан хело барвақт аст, зеро меъёри воқеии пешниҳодшудаи истеъмолии маҳсулоти озуқа ба ҳар сари аҳолӣ қонеъ карда намешавад. Барои ба ин гуфтаҳо боварӣ ҳосил намудан нишондиҳандаҳои воқеии истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯроквориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назар мегузаронем (ҷад. 3).

**Ҷадвали 3. Истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аъзои хонавода дар як сол, бо килограмм)**
**Table 3. Consumption of main food products in the Republic of Tajikistan (average per household member per year, per kilogram)**

| Номгӯйи маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 |
| Маҳсулоти нонӣ | 148,0 | 160,6 | 154,1 | 153,1 | 151,5 |
| Картошка | 37,8 | 35,0 | 34,7 | 33,3 | 39,1 |
| Сабзавот ва полезӣ | 98,5 | 70,7 | 88,1 | 76,1 | 80,4 |
| Мева ва буттамева | 50,8 | 33,2 | 32,9 | 33,5 | 30,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 64,9 | 60,9 | 58,0 | 58,7 | 59,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 4,4 | 11,0 | 11,2 | 14,8 | 14,7 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Равғани растанӣ | 10,2 | 14,4 | 13,9 | 16,4 | 17,2 |
| Тухм (дона) | 19,0 | 40,0 | 55,0 | 71,0 | 68,0 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | 6,7 | 12,0 | 13,6 | 14,1 | 14,3 |

Маъхаз: Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонавода. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017. -С.40

Таҳлил ва тамоюли нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳои воқеии истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ ба чашм мерасад. Масалан, истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ, аз он ҷумла маҳсулоти нонӣ, картошка, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, равғани растанӣ, тухм ва қанду шакар тамоюли рӯ ба афзоиш доранд. Дигар нишондиҳандаҳои истеъмоли маҳсулотҳои асосии хӯрокворӣ, аз қабили сабзавот ва полезӣ, мева ва буттамева, шир ва маҳсулоти ширӣ дар соли 2016 дар муқоиса нисбат ба соли 2000-ум кам шуда истодаанд.

Аммо новобаста аз дастовардҳои дар роҳи истифодаи захираҳои озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ бадастоварда, як қатор муаммоҳо арзи вуҷуд доранд, ки садди роҳи истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мегарданд.

Муаммое, ки таъмини бехатарии озуқавориро мушкил месозаду то ҳол дар назди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истеҳсолкунандагони ватанӣ боқӣ мемонад, ин нокифоя будани воситаҳои пулӣ мебошад. Маълум аст, ки соҳаи кишоварзӣ наметавонад бе низоми устувори молиявию қарздиҳӣ ва дотатсияи давлатӣ инкишоф ёбад. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳама вақт захираҳои воситаҳои молиявии нақдӣ барои ташкилу васеъкунӣ ва пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ намерасанд.

Дастгирии молиявии давлат дар шакли маблағҷудокунӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, маблағҳо аз андози ягонаи замин, бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ дар баробари маблағҳои барои хизматрасонии обтаъминкунӣ пардохташаванда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2017 52%-и ҳаҷми тақсимшударо ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2000 (яъне тайи 17 сол) 13,8 маротиба камтар мебошад [3]. Аз ин рӯ, дар оянда зарур аст, ки маблағҳои пардохти хоҷагиҳо барои об якҷоя бо дастгирии давлат бояд хароҷоти ташкилотҳои хоҷагии обро ҷиҳати обрасонӣ ба истеъмолгарон пӯшонад. Дар акси ҳол ҷараёни паст шудани самаранокии системаҳои обёрикунанда идома меёбад.

Яке аз омилҳои ба истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ мусоидаткунанда ин ба назар гирифтани ҷанбаҳои экологию иқтисодии истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Чи тавре ки дар боло зикр шуд, соҳаи кишоварзӣ яке аз истифодабарандагони бузурги захираҳои обӣ мебошад. Мутаассифона, яке аз омилҳои ифлоскунандаи муҳити зист низ аз соҳаи кишоварзӣ сарчашма мегирад (аз фермаҳои чорводорӣ, заҳрхимикатҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва ғ.), ки беҳбуд бахшидан дар ин соҳа, пеш аз ҳама, ба вазъи экологию иқтисодӣ замни обёрикунии заминҳо, азнавтаҷҳизонидани системаҳои обёрикунӣ ва дигар чораби-ниҳои комплексии мелиоративӣ вобаста мебошад. Ба андешаи проф. Ҳ.А. Одинаев, «беҳдошти вазъияти экологию иқтисодӣ дар минтақаҳои обёришаванда, бартарафнамоии буҳрон дар соҳаи кишоварзӣ, дар маҷмӯъ ба азнавсозии низоми обию ирригатсионӣ ва бо ҳам омезишёбии самаранокии мақсадҳои тараққиёти кишоварзӣ ва хоҷагии об вобаста мебошад. Рафтори консептуалӣ дар тараққиёти комплекси хоҷагии об, пеш аз ҳама, ба зарурияти манъ кардан аз амалисозии стратегияе, ки дар асоси он тараққиёти экстенсивӣ, зиддиустувории кишоварзӣ ва хоҷагии об бо ҷорӣ намудани манфиатҳои қонунӣ дар ҳалли муаммоҳои экологӣ-обӣ ва рӯ овардан ба амалисозии рафтори экосистема меистад, вобаста буда, дар он ҳолат таъсири комплексии ҳамаи омилҳо, аз он ҷумла экологӣ ба назари эътибор гирифта мешавад» [4,с.141]. Фикр мекунем, ки маҳз дар доираи ҳамин пешниҳод ва чорабиниҳо бояд стратегияи ояндаи экологию иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ сурат гирад.

Бинобар ин, ба андешаи мо, дар соҳаи ҳифзи захираҳои обию озуқаворӣ бояд самтҳои афзалиятнок инҳо бошанд:

- давра ба давра берун баровардани иншооти ифлоскунанда аз мавзеъҳои ҳифзшавандаи обҳои дарёҳо, каналҳо, дигар манбаъҳои об ва минтақаҳои санитарию муҳофизатии маҳзани об;
- роҳ надодан ба истифодаи иншооти нав, бидуни ҷойгиркунонии дастгоҳҳои пешгирикунандаи ифлосшавӣ ва таъсири зараровари захираҳои обӣ дар иншоотҳои сохташаванда;
- истифодаи меъёрии нуриҳои маъданӣ ва заҳрдоруҳо (заҳрхимикатҳо);

- бунёди корхонаҳои истеҳсоли «коагулянтҳо» (моддаҳои махсусе, ки барои тоза кардани обҳои нӯшокӣ истифода мешаванд);

- сохтмони корхонаҳои коркард ва азнавкоркарди партовҳо дар шаҳрҳо ва минтақаҳои калони аҳолинишин;

- барқарорсозӣ ва таъсис додани лабораторияҳои идоравӣ оид ба назорати сифати обҳо;

- ҷорӣ намудани технологияи пешқадами софу тоза ва безарар гардондани обҳои ифлос бо назардошти таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии тоза;

- бечунучаро иҷро намудани талаботи ҳифзи табиат ҳангоми истифодаи обанборҳо, иншооти обии ҳудудҳои махсусҳифзшаванда, манбаъҳои обҳои ифлос ба объектҳои об ва муҳити табиӣ;

- анҷом додани мониторинги партофтани обҳои маъданӣ ва обҳои гарми зеризаминӣ;

- омӯзиши таъсири корхонаҳои калони хоҷагии об ва саноат ба ҳолати захираҳои обӣ ва иқлим.

Ҳамин тавр, маблағгузории комплексии истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти сармоягузорӣ, бо мақсади барқарорсозии он вобаста мебошад, зеро бо сабаби он ки маблағгузорӣ ба истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ ва хароҷоти нигоҳории онҳо дидаю дониста дар ҳаҷми пурра сурат намегирад, имкон дорад дар оянда мушкилиҳо пеш оянд.


### АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон /[Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/19088
2. Аширбеков У. Арал: история исчезающего моря. Монография / У. Аширбеков, И. Зонн. -Душанбе, 2003. - 86 с.
3. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). -Душанбе, 2018. -348 с.
4. Одинаев Х.О. Эколого-экономическое регулирование природопользования в сельском хозяйстве. Монография / Х.О. Одинаев. -М.: МАКСПресс, 2004. -141 с.


### МАСЪАЛАҲОИ ТАМОЮЛИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ОЗУҚАВОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ)


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба масъалаҳои тамоюли истифодаи захираҳои обию озуқаворӣ ва таъсири он ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Истифодаи захираҳои табиӣ, хусусан захираҳои обию озуқаворӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра барои пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Таҳлили нишондиҳандаҳои истифодаи захираҳои обию озӯқаворӣ дар соҳаи иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд. Маблағгузории комплексии истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти сармоягузорӣ, бо мақсади барқарорсозии он вобаста мебошад, зеро бо сабаби он ки маблағгузорӣ ба истифодаи самараноки захираҳои обию озуқаворӣ ва хароҷоти нигоҳории онҳо дидаю дониста дар ҳаҷми пурра сурат намегирад, имкон дорад дар оянда мушкилиҳо пеш оянд.



**Калидвожаҳо:** бехатарии озуқаворӣ, захираҳои обӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), бухронҳои об, таҳлил, нишондиҳандаҳо, обёрикунонии эҳтиёҷдошта, соҳаи растанипарварӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, дастгирии молиявӣ.


### ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНО-ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ РЕСУРСОВ И ЕГО ВЛИЯНИЯ НА ОБЕСПЕЧЕНИЕ РАЗВИТИЯ ДЕХКАНСКИХ (ФЕРМЕРСКИХ) ХОЗЯЙСТВ


В статье рассматриваются вопросы, связанные с совершенствованием использования водно-продовольственных ресурсов и их влияния на обеспечение развития дехканских (фермерских) хозяйств. Использование природных ресурсов, особенно водных и продовольственных, имеет большое значение для экономики страны на протяжении многих лет. Проведен анализ показателей использования водных и продовольственных ресурсов в народном хозяйстве Республики Таджикистан и представлены конкретные выводы. Комплексное финансирование эффективного использования водно-продовольственных ресурсов в дехканских хозяйствах во многом зависит от инвестиционной деятельности с целью его восстановления, так как финансирование с эффективным использованием водно-продовольственных ресурсов и расходов на его содержание осуществляется не в полном объеме и поэтому в будущем могут возникнуть трудности в данном направлении.



**Ключевые слова:** продовольственная безопасность, водные ресурсы, дехканские (фермерские) хозяйства, водный кризис, анализ, показатели, аридная зона, отрасли растениеводства, сельскохозяйственная продукция, финансовая поддержка.


### QUESTIONS OF IMPROVING THE USE OF WATER-FOOD RESOURCES AND ITS IMPACT ON THE ENSURING DEVELOPMENT OF DEHKAN (FARM) ECONOMIES


The article deals with issues related to improving the use of water and food resources and its impact on ensuring the development of dekhkan (farm) farms. The use of natural resources, especially water and food, has been of great importance for the country's economy over the years. The analysis of indicators of the use of water and food resources in the national economy of the Republic of Tajikistan was carried out and concrete conclusions were presented.

Comprehensive financing of the efficient use of water and food resources in dekhkan farms largely depends on investment activities with a view to its restoration, since financing with efficient use of water and food resources and the costs of its maintenance is not carried out in full and therefore, difficulties may arise in the future given direction.

**Key words:** food security, water resources, dekhkan (farmer) farms, water crisis, analysis, indicators, arid zone, branches of plant growing, agricultural products, mass production, financial support.

**Сведения об авторах:** ***Исайнов Хисайн Рахимович*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-40-61-42**

***Расулов Додулло Тоджиддинович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 907-77-42-42**

**Information about the authors:** ***Isaynov Khisain Rakhimovich*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 918-40-61-42**

***Rasulov Dodullo Todjiddinovich*** - Tajik National University, assistant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **dodullo_2010@mail.ru**. Phone: **(+992) 907-77-42-42**

**УДК: 36.1/5(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ҚАРЗҲОИ ХУРДИ ПЕШНИҲОДГАРДИДА АЗ ҶОНИБИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР МИҚЁСИ ҶУМҲУРӢ

***Имомназарова Т.А., Майдаева М.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нақши ташкилотҳои қарзӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле бузург аст. Чунки ҳар қадаре ки суръати гардиши пул дар муомилот тез бошад, саривақт таъмин гардад ва дуруст ба роҳ монда шавад, ҳамон қадар иқтисодиёти кишвар босуръат рушду нумӯ меёбад.

Агар пул дар як ҷо бекор хобад, пас истеҳсолот аз кор мемонад ва боиси пастравии сатҳи зиндагии мардум мегардад, зеро пулҳои бекорхобида дар иқтисодиёт гардиш намекунанд ва ҷараёни истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолӣ суст мегардад, инчунин ба соҳибонашон даромад намеоваранд. Баъзан мешавад, ки дар муассисаю корхонаҳо маблағҳои пулии озод вуҷуд доранд ва дар ин ҷо, албатта, хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ лозим мебошад, ки ин маблағҳоро ҷалб намуда, ба дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба он корхонаҳое, ки ба пул ниёз доранд, пешниҳод намояд. Дар ин асос ҷойҳои нави корӣ созмон дода мешаванд, шахсони бекор ба кор ҷалб карда шуда, сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ коҳиш меёбад.

Дар шароити муосир ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти озодона бурда, бо ҷамъоварии маблағҳо ва ба қарз пешниҳод намудани онҳо шуғл меварзанд. Инчунин, фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ рӯз аз рӯз ривоҷу равнақ ёфта, амалиётҳо ва хизматрасониҳои нав ба нав дар ин соҳа пайдо шуда истодаанд, ки дар натиҷаи анҷом додани ин хизматрасониҳо ташкилотҳои қарзӣ даромадҳои зиёд ба даст меоранд. Яке аз хусусиятҳои низоми иқтисодиёти бозорӣ ин рақобат мебошад, ки, албатта, дар рафти фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ низ бетаъсир нест, зеро мақсади асосии ташкилотҳои қарзӣ ба даст овардани даромад мебошад. Дар иқтисодиёти кишвар шумораи чунин ташкилотҳои амонатию қарзии хурд рӯз аз рӯз зиёд мешавад. Бинобар ин ташкилотҳои қарзиро мебояд баҳри ҷалби мизоҷон, яъне истифодабарандагони хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ ва ба даст овардани даромад фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда, сифати амалиётҳо ва хизматрасониҳои худро беҳтару хубтар намоянд.

Ба муштариён додани қарз яке аз вазифаҳои муҳимми бонк буда, сарчашмаи асосии даромади бонки тиҷоратӣ ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ба шумор меравад. Таснифи зиёди қарзҳо вуҷуд дорад, ки аз рӯйи самтҳои истифодаи онҳо муайян карда шудааст.

Қарзҳоеро, ки бонкҳо медиҳанд, ба таври зерин таснифбандӣ кардан мумкин аст:

- қарз ба соҳаҳои савдо ва саноат;
- қарз ба шахсони воқеӣ;
- қарз ба ташктлотҳои қарзӣ;
- қарз ба корхонаҳои агросаноатӣ;
- қарзи истеъмолӣ ба аҳолӣ ва ғайра.

Бонкҳои тиҷоратӣ ё ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ вазъияти молиявии қарзгирандаро ҳаматарафа омӯхта арзёбӣ менамояд ва баъди додани қарз аз рӯйи фаъолияти қарзгиранда назорат мебарад. Ин амал ба он мақсад анҷом дода мешавад, ки:

-якум, муайян намудани имконияти баргаштани қарз дар муҳлати муқарраршуда;

-дуюм, арзёбӣ намудан ва мақсаднок будан, дароз кардани мухлати қарз;

-сеюм, кам кардани хатари бонкӣ аз қарзҳои додашуда.

Аз ин рӯ қайд кардан бо марвид аст, ки қарз дар шароити муосир нақши калидиро мебозад.

Дар давоми соли 2017 ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ ва шахсони алоҳида ба андозаи 1 529 321 сомонӣ қарзҳои хурд пешниҳод намудаанд. Дар зарфи соли 2018 бошад ин нишондиҳанда ба 1 780 246 сомонӣ баробар шуд.

Қарзҳои хурди додашуда дар соли 2018 дар умум 4 812 474 сомониро ташкил дод, ки аз ин 4 401 831 сомонӣ пардохт карда шуд. Меъёри миёнаи фоизӣ аз рӯйи қарзҳои хурди додашуда дар соли 2018 -25%-и солонаро ташкил дод [6,с.106].

**Диаграммаи 1.**




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми қарзҳои хурд дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста ба дараҷаи пешравии иқтисодиёти онҳо сол аз сол зиёд мегардад. Масалан, ҳаҷми маблағи қарзҳои хурди додашуда дар вилояти Суғд 40,8% дар шаҳри Душанбе бо таносуби фоизӣ 21,1%, дар вилояти Хатлон 22%, ноҳияҳои тобеи марказ 14,9% ва дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,2%-ро ташкил дод.

**Диаграммаи 2.**




Аз диаграммаи 2 бармеояд, ки ҳаҷми қарздиҳӣ (қарзҳои хурд) дар минтақаҳои ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст. Бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳияҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ ва дар доираи Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молия аз ҳисоби буҷети давлатӣ тавассути шабакаи бахшҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ба соҳибкорон барои пешбурди фаъолияти худ 3 млн. сомонӣ маблағ ҷудо намуда буданд.

Бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ инчунин ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт қарзҳои хурд пешниҳод менамоянд. Масалан, дар соли 2018 ба андозаи 4 812 474 млрд. сомонӣ қарзҳои хурд дода шуданд, (ниг. ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Қарздиҳии хурд аз рӯйи соҳаҳо (ҳаз. сомонӣ. дар давра)** [6, 108]
**Small loans by sectors (thousand somoni in the period)**

| № | Номгӯй | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **2016** | **2017** | **2018** |
| 1. | Ҳамаи қарзҳои хурд | | | |
| 1.1. | Кишоварзӣ | 772 711 | 828767 | 963434 |
| 1.2. | Саноат | **378394** | **342057** | **385068** |
| 1.3. | Сохтмон | 144 458 | 122671 | 201924 |
| 1.4. | Нақлиёт | 24 320 | 11 475 | 28 017 |
| 1.5. | Хӯроки ҷамъиятӣ | 24 992 | 17 371 | 22 170 |
| 1.6. | Хизматрасонӣ | 367 626 | 386 439 | 576 397 |
| 1.7. | Савдои хориҷӣ | 558 170 | 658 754 | 773 571 |
| 1.8. | Миёнаравии молиявӣ | 781 | 2 775 | 260 |
| 1.9. | Истеъмолот | 1 128 626 | 1 351 003 | 1 722 136 |
| 1.10 | Дигар | 226 404 | 95 836 | 139 498 |

Сарчашма: Бюллетени омории БМТ. – 2019. –№12(281). -С.108

Бонки миллии Тоҷикистон баҳри ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ фаъолияти худро ривоҷ дода, барои ин заминаи ҳуқуқӣ ва шароити мусоиде фароҳам меорад, то маблағҳое, ки ба воситаи бонкҳо, ҷамъиятҳои қарздиҳӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ҷалб карда мешаванд, ба сифати қарзҳои хурд на танҳо ба шаҳру ноҳияҳои калон, балки ба аҳолии ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон низ дода шаванд.

Инчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки ҳаҷми қарзҳои додашуда дар низоми бонкӣ 8,2 млрд. сомониро ташкил дод ва нисбат ба соли гузашта 6,5% (500 млн. сомонӣ) афзуд. Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда нисбати соли гузашта 2,2 банди фоизӣ паст шуд. Дар баробари ин, теъдоди қарзҳои додашуда 17,8% ё 85,5 ҳаз. адад афзоиш ёфта, ба 564,6 ҳаз. адад баробар гардид, ки ин аз зиёд шудани пешниҳоди қарзҳои хурду миёна ба муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад. Бояд қайд кард, ки ҳиссаи бештари қарзҳо ба соҳаҳои саноат -19,2%, савдои хориҷӣ - 29,1%, кишоварзӣ - 8,7% ва хизматрасонӣ - 7,3% рост меояд. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 42,3% ё 3,5 млрд. сомонӣ ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ равона гардидаст (аз ҷумла, қарз ба занони соҳибкор дар 5 соли охир 6,2 млрд. сомонӣ). Ба соҳаҳои сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ бошад, ба 5196 қарзгиранда 45,6 млн. сомонӣ ҷудо гардид, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 2,7 маротиба зиёд аст.

Хулоса, қарздиҳӣ яке аз амалиётҳои асосии бонкӣ ба шумор рафта, бонкҳо маблағҳои аз аҳолию корхонаҳо ҷалбнамудаи худро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт барои қарздиҳӣ ва ё маблағгузорӣ равона месозанд. Дар ин раванд амонатгузорон бо истифода аз хизматрасониҳои бонкӣ дар баробари эмин нигоҳ доштани маблағҳои худ аз ҳисоби онҳо даромад ба даст меоранд.


**АДАБИЁТ**

1. Бердиев Р.Б. Экономическая сущность политики начисления процентов за использование банковских кредитов в рыночных условиях / Р.Б. Бердиев, Т.А. Имомназарова // Вестник ТНУ. –Душанбе: Сино, 2012. -часть 11. -№2/8(100).
2. Абрюкина М.С. Финансовый анализ коммерческой деятельности: учебник для вузов / М.С. Абрюкин. – М.: Финпрес. 2009. – 480 с.
3. Алексеева А. Банки и общество / А. Алексеева // Аргументы и факты. – 2010. -№2. -С.16-18.
4. Ашуров Г.Д. Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ: васоити таълимӣ / Г.Д. Ашуров. – Душанбе: Комбинати полиграфии ш. Душанбе, 2009. – 305 с.
5. Ашуров Н. Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк: васоити таълимӣ / Н. Ашуров. -Душанбе, 2009.
6. Бюллетени омории БМТ. – 2019. –№12(281). -С.106-108.


**ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ҚАРЗҲОИ ХУРДИ ПЕШНИҲОДГАРДИДА АЗ ҶОНИБИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР МИҚЁСИ ҶУМҲУРӢ**


Дар моқалаи мазкур оиди масъалаҳои қарздиҳии хурд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки қарздиҳӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар рушди иқтисодиёт мебошад. Бо истифода аз захираҳои қарзӣ соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт рушд менамоянд. Қарздиҳӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина инкишоф ёфта истодааст. Имрӯз аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади рушди қарзҳои хурд барномаҳои гуногун қабул гардида, мавриди истифода қарор гирифта истодаанд, ки метавонанд барои рушди ин самт заминаи мусоид фароҳам оваранд. Инчунин, вобаста ба ин Бонки миллии Тоҷикистон бо сармоягузорони хориҷӣ

ҳамкориҳоро ба роҳ монда истодааст. Масъалаи пешниҳоди қарзҳои хурд дар шароити муосир бениҳоят муҳим арёбӣ мегардад, зеро соҳибкорони хурду миёна ба ин намуди қарзҳо эҳтиёҷи зиёд доранд. Муаллиф бар он ақида аст, ки сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ бояд хуб нигоҳ дошта шавад. Аз ин рӯ дар мақола муаллиф бештар ба масъалаи идоракунии самараноки захираҳои қарзӣ аҳамият додааст. Дар мақола бо мақсади рушди қарзҳои хурд дар ҷумҳурӣ аз ҷониби муаллиф баъзе тавсияҳо пешниҳод гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** қарз, қарздиҳӣ, ташкилотҳои ғайрибонкӣ, минтақаҳо, бахши иқтисодӣ, маблағгузорӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, сармоягузорӣ.

**АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ МАЛЫХ КРЕДИТОВ СО СТОРОНЫ КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ НА ТЕРРИТОРИИ ТАДЖИКИСТАНА**

В статье анализированы вопросы малого кредитования со стороны кредитных организаций в Республике Таджикистан. Обосновано, что кредитование является особо важным аспектом развития экономики. С помощью кредитования можно развивать различные отрасли экономики, в том числе базовые. Кредитование со стороны кредитных организаций в нашей республике развивается постепенно. Сегодня с целью развития малого кредитования Национальный банк Таджикистана принимает разные программы, что способствует созданию необходимых предпосылок. Также Национальный банк Таджикистана активно работает с зарубежными инвесторами для привлечения дополнительного капитала. Вопрос малого кредитования также является архиважным в регионах республики. Так как малые и средние предприниматели активно работают в регионах, и это приводит к необходимости предоставления малых кредитов регионам страны в целом. Автором выделяется такое мнение, что для предоставления малых кредитов небанковским кредитным организациям нужно обратить внимание на качество кредитного портфеля. В этой связи в статье автор особое внимание уделяет вопросам управления кредитных ресурсов, что сегодня считается своевременным. В статье с целью развития малых кредитов в республике автором предложены некоторые рекомендации, что позволяет совершенствовать данное напровление.

**Ключевые слова:** кредит, кредитование, небанковские организации, регионы, отрасли экономики, финансирование, Национальный банк Таджикистана, инвестиции.

**ANALYSIS OF MODERN CONDITION OF GRANTING SMALL LOANS FROM THE CREDIT ORGANIZATIONS ON THE TERRITORY OF TAJIKISTAN.**

Ярким примером кластера, который функционирует на территории США, является «Силиконовая долина». В основе этого кластера лежит тесное сотрудничество исследовательских центров и венчурного капитала. Именно они представляют материальную, осязаемую основу кластера, так как имеют влияние на остальных его участников. Исследовательские центры и венчурный капитал порождают необходимую инфраструктуру, стимулируют образование новых игроков кластера. В результате взаимодействия производятся инновации. Отсюда можно сделать вывод, что в США образовывалась кооперация университетов и частных компаний, следовательно, возникала возможность получения прибыли от коммерциализации результатов проводимых научно-исследовательских работ и необходимость поиска дополнительных источников финансирования фундаментальных исследований. Необходимо отметить, что для кластеров США характерна активная самостоятельная разработка новшеств, а также активное участие штатов в развитии научных исследований, перевод части полномочий на региональный уровень. В решение вопросов инновационного развития страны вовлечены все органы государственной власти на всех ее уровнях и ветвях в рамках своей компетенции. В отношениях государства и бизнеса прослеживается интенсивное партнерство, скорее, даже сотрудничество.

Постепенно задача формирования и укрепления региональных инновационных кластеров в США была поставлена в число важнейших национальных приоритетов.

Одним из примеров процесса создания кластеров может служить опыт Японии. Основной отличительной чертой кластера в Японии является ведущая роль крупной компании, которая реализует внутреннюю экономию от масштаба и находится на передовом рубеже новых технологий. Региональный кластер представляет систему связей между определенным количеством крупных и сетью средних и малых предприятий, и в сети наблюдается строгая иерархия. Зарождению и становлению кластеров способствовала активная политика, проводимая со стороны государства, последнее большое внимание уделяет развитию науки. Все принятые законы по науке, технике и технологиям являлись стратегическими программами развития научной и инновационной сферы страны на длительную перспективу, в число наиболее важных было включено положение о необходимости активизации позиций региональных властей в отношении науки. Государство играло исключительно активную роль в общей координации научно-исследовательских работ в стране. Акцентировалось внимание региональной администрации на важности содействия развитию науки, укрепления сотрудничества между местной промышленностью, высшей школой и государственными научными организациями. В дальнейшем региональной администрацией был взят курс на инновационные кластеры, которые должны формироваться по местной инициативе. Государственный финансовый план по науке и технологиям предусматривал обеспечение повышения конкурентоспособности промышленных технологий посредством сотрудничества корпораций, правительства и академического сектора. Была разработана Инициатива по поддержке зарождающихся кластеров, которая способствовала формированию административных групп по координации совместных исследований. Поддерживалось создание центров кооперационных исследований при национальных университетах, на материально-

технической базе которых реализуются научно-исследовательские и опытно-конструкторские работы по совместным контрактам с промышленностью. Одной из задач этих центров является координация тематики собственных исследований и разработок с целями местной промышленности.

Япония заимствовала новшества у других стран и продолжала их совершенствовать на своей территории, переходила к самостоятельной разработке определенных технологий. Следовательно, можно сказать, что разработка кластеров в основном велась преимущественно с учетом зарубежного опыта, прежде всего американского, но есть и отличия. Кластеры в Японии создаются с целью продвижения наиболее современных научно-технических направлений. Особое значение придается смешанным отраслям: биопроизводству, экологической и биоинформатике. Главное отличие кластеров Японии от аналогичных кластеров в Европе – это то, что в Японии кластеры преобладают в смешанных отраслях, а в Европе они преобладают в традиционных отраслях.

Преимущество кластерного подхода состоит в том, что он позволяет комплексно, системным образом рассматривать ситуацию в группе взаимосвязанных предприятий, относящихся к разным отраслям. Кроме того, кластерный подход позволяет использовать в качестве «стержня» стратегии развития кластера инициативы, выдвинутые и реализуемые лидерами бизнеса, которые, таким образом, гарантированно будут успешно реализованы. При этом успех (особенно долгосрочный) кластерных проектов в значительной степени зависит от эффективного управления процессами активации кластера и, кроме того, осознания лидерами бизнеса срочности и необходимости перемен, активности и «стратегического видения» местных лидеров и наличия стратегии развития кластера.

Формирование и развитие итальянской модели региональных кластеров во многом объясняется успешным развитием индустриальных районов (промышленных округов). В стране классического малого бизнеса в настоящее время из 4 млн фирм только 2% считается крупными (занято по 1000 работников и более). Все промышленные округа, как правило, размещены в небольших городах и характеризуются высокой степенью концентрации малых ремесленных фирм, на которых занято несколько работников.

Ремесленные фирмы обладают высокой конкурентоспособностью на мировом рынке, достигаемой посредством кооперации мелких производителей, создания коллективных институтов и максимального использования потенциала дифференциации продукции, высокой инновационной активности фирм, их гибкости и быстрой реакции на новые потребительские запросы. Необходимо отметить весомую роль государства в формировании и развитии региональных кластеров, которая проявляется в обеспечении скидок на экспорт, поддержке и привлечении инвесторов, в консалтинге, что позволило выпускать конкурентоспособную продукцию как на внутреннем, так и на внешнем рынке.

Повышение конкурентоспособности посредством кластерных инициатив становится базовым элементом стратегий развития подавляющего большинства стран. Анализ более 500 кластерных инициатив, реализованных за последние 10 лет в 20 странах, показывает, что высокая конкурентоспособность этих стран основана на сильных позициях отдельных кластеров – локомотивах конкурентоспособности. Так, конкурентоспособность Швеции в целлюлозно-бумажном секторе распространяется на наукоемкое оборудование по деревообработке и производству бумаги, конвейерные линии и некоторые смежные отрасли-потребители (например, производство промышленной и потребительской упаковки). Дания разработала специфические инновационные технологии для агробизнеса и пищевой промышленности. Немецкие машиностроители и автомобилестроители выигрывают от наличия в Германии высокоразвитого производства компонентов для этих отраслей. В Италии сложились отраслевые комбинации: металлообработка – режущий инструмент; мода – дизайн; кожа –обувь; деревообработка – мебель. Китаю понадобились почти 15 лет и огромные внешние инвестиции для создания конкурентоспособных кластеров вокруг ориентированных на экспорт текстильной промышленности, фабрик спорттоваров, одежды, игрушек, посуды и др. [1,с.49].

Кроме того, некоторые исследователи, анализируя опыт зарубежных стран по формированию кластеров пищевой промышленности, показывают различные типы кластеризации. Так, исследователи этой проблемы Пугачева Н.Б. и Баранов Ю.А. по этому поводу выделяют четыре типа кластеризации:

1) каталитический – правительство сводит заинтересованные стороны (например, частные компании и исследовательские организации) между собой, но обеспечивает ограниченную финансовую поддержку реализации проекта;

2) поддерживающий – каталитическая функция государства дополняется его инвестициями в инфраструктуру регионов, образование, маркетинг для стимулирования развития кластеров;

3) директивный – поддерживающая функция государства дополняется проведением специальных программ, нацеленных на трансформацию специализации регионов через развитие кластеров;

4) интервенционистский – правительство наряду с выполнением своей директивной функции перенимает у частного сектора ответственность за принятие решения о дальнейшем развитии кластеров и посредством трансфертов, субсидий, ограничений или регулирования, а также активного контроля над фирмами в кластере, формирует его специализацию [5,с.48].

Таким образом, основываясь на опыте зарубежных стран, можно сказать, что региональный кластер, особенно кластер пищевой промышленности, можно представить как точку роста, как ядро инновационно ориентированной экономики. А экономика, в которой региональным кластерам отводится главная роль, имеет все шансы стать конкурентоспособной и, что немаловажно, инвестиционно привлекательной. Региональный кластер выступает в роли инструмента, стимулирует развитие региона, формирует особую благоприятную среду для развития малого, среднего и крупного бизнеса и обладает мультипликационным эффектом, который оказывает не только положительное влияние на развитие промышленности, но и способствует повышению уровня и качества жизни населения региона.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Кошебаева Г.К. Кластеры как основа современного развития и повышения конкурентоспособности экономики: зарубежный опыт и казахстанские реалии / Г.К. Кошебаева // Управление. – 2013. –№1. –С.48-55.
2. Левченко Т.А. Кластерный подход к развитию экономики: отечественный и зарубежный опыт / Т.А. Левченко // Вестник ВГУЭС. –2016. –№4. –С.68-78.
3. Поникаров В.А. Международный опыт формирования кластеров / В.А. Поникаров, Е.В. Горбачевская // Инноватика и экспертиза. –2010. –№2(5). –С.39-48.
4. Порваткина М.В. Зарубежный опыт формирования и развития региональных кластеров в экономически развитых странах / М.В. Порваткина // Вестник Томского государственного педагогического университета. – 2011. –№12 (114). –С.112-116.
5. Пугачева Н.Б. Зарубежный опыт кластеризации: исторический аспект / Н.Б. Пугачева, Ю.А. Баранов // Общество: философия, история, культура. –2013. –№2. –С.45-48.


**ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ОИД БА РУШДИ КЛАСТЕРИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ**


Ташаккулёбӣ ва рушду инкишофи кластери саноати хӯрокворӣ дар замони муосир барои дар амал татбиқ намудани самаранокии истеҳсолот ва таъмин намудани рушди саноати хӯрокворӣ муҳити созгорро ба вуҷуд меоварад. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккулдиҳӣ ва рушду инкишофи кластерҳои минтақавӣ нишон медиҳад, ки рушди саноати хӯрокворӣ на танҳо тақозои кластеркунонии ин соҳаи истеҳсолотро талаб менамояд, балки дар ин соҳаи истеҳсолот ворид намудани технологияҳои пешрафта ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавиро низ тақозо менамояд.



**Калидвожаҳо:** саноати хӯрокворӣ, кластерҳои минтақавӣ, таҷрибаи хориҷӣ, технологияҳои пешрафта, иқтисодиёти минтақавӣ, истеҳсолот.


**АНАЛИЗ ЗАРУБЕЖНОЙ ПРАКТИКИ РАЗВИТИЯ КЛАСТЕРОВ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ**


Формирование и развитие кластеров пищевой промышленности в современном мире обеспечивает благоприятный климат для реализации эффективного производства и развития пищевой промышленности. Анализ зарубежного опыта по формированию и развитию региональных кластеров показывает, что развитие пищевой промышленности не только требует кластеризацию этой сферы производства, а также требует внедрения в этой сфере высоких технологий и обеспечение конкурентоспособности региональной экономики.



**Ключевые слова:** пищевая промышленность, региональные кластеры, зарубежный опыт, высокие технологии, региональная экономика, производство.


**ANALYSIS OF FOREIGN PRACTICE OF DEVELOPMENT OF FOOD CLUSTERS**


The formation and development of food industry clusters in the modern world provides a favorable climate for the implementation of efficient production and development of the food industry. An analysis of foreign experience in the formation and development of regional clusters shows that the development of the food industry not only requires the clustering of this production sector, but also requires the introduction of high technologies in this area and ensuring the competitiveness of the regional economy.



**Key words:** food industry, regional clusters, foreign experience, high technologies, regional economy, production.



**Сведения об авторе:** ***Саидов Кадриддин Мухиддинович*** - Институт экономики и демографии АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 44. E-mail: **saidov-14.10.1991@mail.ru**. Телефон: **(+992) 988-07-73-40**

**Information about the author:** ***Saidov Kadriddin Mukhiddinovich*** - Institute of Economics and Demography of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, postgraduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street 44. E-mail: **saidov 14.10.1991@mail.ru**. Phone: **(+992) 988-07-73-40**

УДК 338.48:379.85(575.3)

# ОМИЛҲОИ ИҚТИСОДӢ – ИҶТИМОИИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Қурбонов Ш.Я.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тадқиқи рушди сайёҳӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ–иҷтимоии охири асри XX ва аввали асри XXI, дар чаҳорчӯбаи ягона ва низоми мукаммали иқтисодӣ–иҷтимоӣ, ки дар он омилҳои асосии фаъолияткунанда ва рушд дида мешаванд, амалӣ мегардад. Ба омилҳои асосие, ки ба рушди сайёҳии давлатҳои пешрафта таъсир мерасонанд, чунин омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба монанди афзоиши даромади воқеии одамон, таносуби қурби асъор ва суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ шомил мебошанд. Солҳои охир яке аз омилҳои муҳим, сатҳи таъмини амнияти шаҳрвандон ба шумор меравад. Ҳангоми таснифоти омилҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, пеш аз ҳама, бояд омилҳои объективӣ ва субъективиро ҷудо намоем.

Омилҳои объективӣ, шароитҳои табиӣ – иқлимӣ, рушди иқтисодӣ – иҷтимоии ҳудуд, ҳолати инфрасохтор ва ғайраро фаро мегирад.

Ба андешаи мо, ба омилҳои субъективӣ чунин омилҳо шомил мебошанд ба мисли:

- фаъолияти сохтори давлатӣ, ки танзимкунандаи воридшавӣ ё хориҷшавии шаҳрвандони хориҷӣ маҳсуб мeёбад:
- асосҳои институтсионалии рушди соҳа;
- омилҳои иҷтимоӣ ва ғайра.

Инчунин, аксари тадқиқотчиён решаҳои иҷтимоии рушди сайёҳиро ба таърихи он вобаста медонанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар давраҳои гуногуни рушди соҳа дар баробари савдо, инчунин мақсадҳои асосӣ аёдат, маърифат, табобат ва варзиш ба ҳисоб мерафтанд.

Аз давраҳои қадим то миёнаи асри XIX вобаста ба мукаммалгардии нақши ҷомеа, саёҳатҳо бо мақсади шиносоӣ ва маърифатпазирӣ хусусияти анъанавӣ гирифтанд. Давраҳои мазкурро метавон ҳамчун давраҳои якуми сайёҳии иҷтимоӣ ва ашрофӣ номид.

Вобаста ба пешрафти техникӣ ва усули истеҳсоли фабрикавӣ, рушди нақлиёт ва шабакаи роҳҳо нишонаҳои табдилёбии сайёҳии элитарӣ (ашрофӣ) ба сайёҳии оммавӣ падид омадаанд, ки инро давраи дуюми рушди сайёҳӣ номидан мумкин аст.

Чунин тамоил ба бавуҷудоии раванди трансформатсияи тавозуни вақти корӣ ва фориғӣ ба манфиати фароғат таъсир расонид. Дар ин давра вобаста ба пайдошавии рухсатии музднок, сафарҳои оммавии сайёҳӣ бештар гардиданд. Аввалин ташаккулдиҳандаи сафарҳои оммавии сайёҳӣ Томас Кук дар соли 1841 ба шумор рафта, ӯ мақсадҳои иқтисодӣ нею иҷтимоиро пайгирӣ менамуд. Масалан:

- ташаккулёбии сайрҳои оммавии арзони мунтазам (бастаи хизматрасонии ҳаракат тавассути роҳи оҳан бо пешниҳоди чой ва кулчақанд, сурудхонон ва саёҳат барои 570 нафар иштирокчӣ, барои ҳар як нафар ҳамагӣ ду шиллинг) [1].
- истифодаи оқилонаи вақти фароғат;
- ташвиқи тарзи ҳаёти солим (аввалин сайёҳаткунандагон аъзоёни иттиҳодияи зидди майнӯшӣ буданд, ки роҳбараш Томас Кук буд) ва ғайра.

Агар давраи дуюми рушди сайёҳӣ заминагузори тавлид ва ташаккулёбии сайёҳии оммавӣ бошад, пас давраи сеюм рушдро дар бар мегирад.

**Расми 1. Таснифоти давраҳои сайёҳӣ**
**Picture 1. Classification of Tourist Circuits**




Консепсияи асосӣ дар ин ҷо нисбатан арзоншавии арзиши сафарҳои сайёҳӣ ба шумор рафта, дар давраи мазкур саёҳатҳо шакли «сайёҳии халқиро» мегиранд.

Дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тавлидёбии сайёҳии халқӣ аз соли 1929 инҷонибро дар бар мегирад. Дар ин давра ин вазифаро комсомол иҷро менамуд. Ҳамзамон, иттифоқи касаба бо мақсади дастгирии иҷтимоӣ ҳамасола кормандони муассисаҳоро ба сафарҳои сайёҳӣ ва табобатӣ сафарбар менамуд.

Давраи чоруми рушди сайёҳӣ дар ҷаҳон хусусияти оммавӣ – саноатӣ ва сайёҳии конвейерӣ дорад (солҳои 50–80 уми асри XX), ки ба рушди саноати сайёҳӣ бо хӯроки умум, нақлиёт, саноати дилхушию саргармӣ вобаста аст.

Солҳои охир дар аксар кишварҳои олам хусусияти оммавии рушди сайёҳӣ нигоҳ дошта мешавад. Чунин ҳолати гузариш аз сайёҳии конвейерӣ ба сайёҳии гуногунҷабҳавӣ (дифференсионидашуда) ба чашм расида, даҳҳо навъҳо ва шаклҳои сайёҳӣ ва номгӯйи хадамоти сайёҳӣ падид омадаанд (давраи панҷуми рушди сайёҳӣ).

Ба болоравии маҳсулнокии меҳнат талаботҳои иҷтимоӣ ба самти рекреатсионии сайёҳӣ ҳамчун воситаи истироҳат, барқарорнамоии саломатӣ ва беҳдошти ҳолати ҷисмонӣ равона мегардад. Дар ин давра ифлосшавии муҳити атроф ба чашм мерасад. Дар шароити мазкур сайёҳии экологӣ тавлид ва ташаккул меёбад. Мутаносибан самтҳои нави талаботҳои иҷтимоӣ ба сифат ва тарзи ҳаёти солим падид меояд.

Дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ оид ба саёҳат ва сайёҳӣ, саноати сайёҳӣ хусусияти оммавӣ гирифта буд. Чунин тағйироти сохторӣ боиси ташаккулёбии саноати бонуфузи сайёҳии иҷтимоӣ гардид. Вобаста ба ин дар ҳамаи минтақаҳо ва марказҳои сайёҳӣ меҳмонхонаҳои нав, кемпингҳо, мотелҳо (меҳмонхонаҳои хурди сарироҳӣ), марказҳои сайёҳӣ ва дигар воситаҳои ҷойгирнамоӣ сохта шуданд. Амалан низоми сайёҳии варзишӣ ва сайругаштӣ аз сари нав тавлид ёфт.

Аслан, давраи 5–уми рушди сайёҳӣ дар натиҷаи ташаккули муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд омадааст.

Дар маҷмӯъ, рушди сайёҳӣ дар тамоми давраҳо ба як қатор омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ вобаста аст, аз ҷумла:

- афзуншавии вақти фароғат дар мувозинати вақти аҳолӣ;
- болоравии қобилияти пардохтпазирӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ;
- афзунгардии талабот ба истироҳат ва фароғат;
- омилҳои демографӣ ва сохтори иҷтимоии аҳолӣ;
- васеъшавии шаҳрҳо ва равандҳои ҷаҳонишавӣ;
- ташаккули бахшҳои иттилоотӣ – гуманитарӣ;
- тағйирот дар сохтори арзишҳои маънавии аҳолӣ ва ғайра.

Афзоиши вақти фароғат дар мувозинати вақти аҳолӣ, ки бо некуаҳволии онҳо мувофиқ мебошад, омили муайянкунандаи иқтисодӣ – иҷтимоии рушди сайёҳӣ мебошад.

Дар давраи сеюми рушди сайёҳӣ дар аксар кишварҳои рушдёфта, кафолати конститутсионии пардохти рухсатӣ таъмин карда мешавад ва дар давраи дигар ин кафолат ба меъёри ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон табдил ёфт. Ин ҳолат ба рушди сайёҳӣ ва пеш аз ҳама, ҳамчун омили рекреатсия ба беҳдошти рӯҳии миллат таъсир расонид.

Ҳамзамон, шурӯъ аз нимаи дуюми асри XX ва то ҳоло ҷараёни босуботи кӯтоҳнамоии вақти корӣ дар маҷмӯи тавозуни вақтии аҳолии давлатҳои пешрафтаи саноатии ҷаҳон идома дорад.

Ин ҳолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба чашм мерасад. Танҳо қариб дар 50 соли охир кӯтоҳгардии давомнокии вақти корӣ 29,7%-ро ташкил дода, агар дар давраи соли 1970 – 2496 соат, соли 2001 – 2080 соатро ташкил медода бошад, пас ҳоло он ба 1924 соат баробар шудааст.

Омили некуаҳволии аҳолӣ дар аксар давлатҳои рушдёфта тамоюл ба рушдро дорад, лекин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир сатҳи некуаҳволии аҳолӣ нисбати нишондиҳандаи давлатҳои аз лиҳози саноатӣ пешрафта ва инчунин ҳатто аз давлатҳои рушдёфтаистода пасттар аст.

Мавриди зикр аст, ки дар давраи баъд азислоҳотӣ, оғоз аз соли 2002, рушди сатҳи некуаҳолии аҳолӣ ба чашм мерасад, ки афзоиши даромаднокии аҳолӣ исботи он аст. Даромадҳои пулии аҳолӣ бо фоиз ба соли дигар ба таври зерин тағйир меёфт: соли 2002 – 122,0%; соли 2003 – 148,1%; соли 2004 – 133,2%; соли 2005 – 119,8% ва соли 2018 нисбат ба соли 2005 148,5% [2].

Мувофиқи нишондодҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, индексҳои ҳаҷми умумии унсурҳои маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба ҳар нафар аҳолӣ (мувофиқи чорчӯбаи нишондодҳои байналхалқӣ) тамоюл ба рушд дорад ва дар давраҳои гуногун чунин мебошад.

Аз нишондиҳандаҳои оморӣ маълум мегардад, ки ҳаҷми ММД тамоюл ба рушд дошта, суръати афзоиши он ба 7,3% баробар аст, яъне нишондиҳандаи афзоиши ҳаҷми ММД ба ҳар сар аҳолӣ, ифодагари болоравии қобилияти харидории аҳолӣ мебошад. Дар сурати болоравии қобилияти харидорӣ талабот ба хадамоти сайёҳӣ афзоиш ёфта, боиси рушди соҳаи мазкур мегардад.

**Ҷадвали 1. Суръати афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ [2]**
**Table 1. Growth of Gross Domestic Product Growth**

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо (млн. сомонӣ) | 30071,1 | 36163,1 | 40525,5 | 45606,6 | 48408,7 | 54479,1 | 61093,6 | 68831,1 |
| Суръати афзоиш ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта | 107,4 | 107,5 | 107,4 | 106,7 | 106,0 | 106,9 | 107,1 | 107,3 |
| Ба ҳар нафар аҳолӣ (сомонӣ) | 3898,1 | 4579,1 | 5019,1 | 5523,7 | 5727,8 | 6300,3 | 6913,5 | 7540 |

Сарчашма: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018

Ҳолати ба ин муносиб дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ солҳои 80–ум ба чашм мерасид, яъне новобаста ба шароитҳои даромаднокии аҳолӣ, сайёҳӣ ба таври оммавӣ ва дастрас нигоҳ дошта мешуд. То давраи солҳои 2010–ум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳӣ комилан хусусияти тиҷоратӣ ва элитарӣ дошта, танҳо гурӯҳи муайяни шаҳрвандон қобилияти харидории хадамоти сайёҳиро доштанд.

Дар давраи соли 1989 дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сайёҳӣ ба таври интенсивӣ рушд ёфта, шумораи истифодабарандагони хадамоти сайёҳӣ ва фароғату истироҳат танҳо дар низоми иттифоқи касаба ба 42 млн. нафар баробар гардид [3].

Мувофиқи тафсилоти Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (СУС) - сайёҳӣ дар кишвар он замон оммавӣ ҳисобида мешавад, ки агар дар он зиёда аз 50%-и аҳолӣ иштирок намоянд. Вобаста ба ин сайёҳӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (солҳои 80–90–ум), Олмон (оғоз аз солҳои 1975) ҳамчун оммавӣ тасниф мегардад.

Мувофиқи нишондодҳои оморӣ дар Федератсияи Россия бошад, вобаста ба болоравии дараҷаи даромаднокӣ ва ташаккули инфрасохтори сайёҳӣ, шумораи сайёҳони воридшаванда ба таври босубот афзоиш меёбад.

**Ҷадвали 2. Динамикаи воридшавии сайёҳон ба Федерастияи Россия (дар давраи солҳои 2014 - 2017) [4]**
**Table 2. Dynamics of Visiting the Russian Federation to the Russian Federation (for the period of 2014 - 2017)**

| Нишондиҳанда | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Россия ҳаз. нафар | 25438 | 26852 | 24571 | 24390 |
| Занҷири афзоишӣ | - | 105,6 | 91,5 | 99,3 |
| Суръати базавии афзоишӣ | 100,0 | 105,6 | 96,6 | 95,9 |

Сарчашма: Оҷонсии федералии ФР оид ба сайёҳӣ: сомонаи расмӣ [Манбаи электронӣ] Оҷонсии федералии ФР оид ба саёҳат. – 2014–2017. –[Манбаи электронӣ] Реҷаи дастрасӣ: https:ll/www.russiatourism.ru

Чи тавре ки аз ҷадвал маълум аст, динамикаи сайёҳии воридотӣ тағйирёбанда аст, зеро дар давраи соли 2015 нисбати соли 2014 суръати афзоиш 5,6%-ро ташкил дода, дар давраҳои солҳои 2016 ва 2017 ин нишондиҳанда коҳиш ёфтааст. Албатта, ба ин ҳолат омилҳои зерин таъсир расонидаанд:

- таҳримҳои иқтисодӣ, ки аз ҷониби давлатҳои Аврупоӣ ва Амрико нисбати Россия амалӣ карда мешаванд;
- ногувории вазъи муносибатҳои геосиёсӣ бо дигар кишварҳо;
- ҳолати нохуби сиёсӣ дар қисми ғарбӣ – ҳамсарҳадӣ бо Украина ва ҳамзамон муносибатҳои нохуби байни ду давлат;
- вобаста ба беқурбшавии пули миллӣ, коҳишёбии қобилияти харидории аҳолӣ ва ғайра.

Мутаносибан ба он сафарҳои сайёҳӣ–воридотӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюл ба афзоиш дошта, дар давраи соли 2018 нисбати соли 2017 2,5 маротиба бештар аст, ки аз рушди соҳаи сайёҳӣ шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 3. Динамикаи воридшавии сайёҳони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2018 [5]**
**Table 3. Dynamics of the arrival of foreign tourists to the Republic of Tajikistan for the period of 2012-2018**

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид шудаанд, (ҳаз. нафар) | 344 | 320 | 246 | 320 | 463 | 420 | 1214 |
| Ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки ба сифати сайёҳ ворид шудаанд. | 245 | 208 | 213 | 413 | 344 | 431 | 1154 |




Ҳамзамон зикр намудан ҷоиз аст, ки вобаста ба нишонаҳои даромаднокӣ, зиёда аз 50%-и аҳолии мамлакат аз хадамоти сайёҳӣ истифода бурда наметавонанд.

Ба ғайр аз ин (новобаста аз даромад), як қатор табақаҳои иҷтимоӣ наметавонанд (ё ин ки имкониятaшон маҳдуд аст) аз хадамоти сайёҳӣ истифода намоянд: хизматчиёни ҳарбӣ, маҳбусон, гурезагон, муҳоҷирон, беморон, маъюбон, кӯдакони синни томактабӣ, одамони бе макони доимии зист ва ғайраҳо.

**Ҷадвали 4. Динамикаи сафарҳои сайёҳии шаҳрвандони ҶТ ба дигар кишварҳо [2]**
**Table 4. Travel Dynamics of Citizens of the Republic of Tajikistan to other countries**

| **Солҳо** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2017** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди сайёҳони дохилӣ, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба берун аз кишвар сафар кардаанд (нафар) | 17199 | 15443 | 29589 | 16363 | 19549 | 14420 | 15238 |

Сарчашма: Аз маълумотҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин ҷо зикр намудан ҷоиз аст, ки вобаста ба буҳрони иқтисодӣ, муфлисшавии як қатор муассисаҳои истеҳсолӣ, бонкҳо ва муассисаҳои хизматрасонӣ дар давраи солҳои 2014 ва 2018 сафарҳои сайёҳӣ ба хориҷи кишвар коҳиш ёфтаанд, ки ин далели пастравии қобилияти харидории аҳолӣ мебошад.

Инчунин, яке аз омилҳои дигари номунтазамии бозори сайёҳӣ мавсимнокии тақозо ба хадамоти сайёҳӣ мебошад. Бинобар ин аксари ширкатҳои сайёҳӣ пешниҳоди хадамоти сайёҳӣ ба бозори дохилиро танҳо дар мавсим ба роҳ монда, дар дигар давраҳо бошад, муассисаҳои мазкур ба дигар шаклҳои фаъолият, яъне новобаста ба сайёҳӣ, ба монанди савдо, миёнаравӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ, таблиғот, хадамоти иттилоотӣ, чиптафурӯшӣ ва ғайра машғуланд.

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба эътироф гардидани сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ, шумораи ширкатҳои сайёҳӣ афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 5. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда дар давраи солҳои 2012 -2018 [5]**
**Table 5. Number of tourist companies operating in the Republic of Tajikistan for the period 2012-2018**

| **Солҳо** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ (адад) | 60 | 74 | 63 | 82 | 118 | 91 | 145 |

Аз нишондодҳои оморӣ маълум мегардад, ки шумораи ширкатҳои сайёҳӣ пайваста дар тағйирот аст. Дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 шумораи ширкатҳои сайёҳӣ 54 адад ё 159,3% афзоиш ёфтааст, ки ба ин омилҳои зерин таъсир расонидаанд:

- ташкили сохтори алоҳида оид ба сайёҳӣ, яъне Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар натиҷа як қатор сабукиҳо ҳангоми омоданамоии ҳуҷҷатҳо ҷиҳати кушодани ширкати сайёҳӣ аз ҷониби кумитаи мазкур пешниҳод шудаанд;
- дастгириҳои давлатӣ, яъне дар 5–соли аввали фаъолият аз супурдани андоз аз фоида озод гардидани ширкатҳои сайёҳӣ;
- аз супурдани боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизотҳое, ки ба бахши сайёҳӣ тааллуқ доранд;
- ташкили шароитҳои муносиб ҷиҳати фаъолият;
- ташаккул ёфтани инфросохтори сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ;
- омода намудани мутахассисони соҳибкасби миллӣ ва ғайра.

Динамикаи ҳаҷми хадамоти сайёҳӣ – экскурсионӣ ба ҳар нафар аҳолӣ ва интенсификатсияи сайёҳӣ, вобастагии нишондиҳандаҳои рушди сайёҳӣ аз ҳолати умумии иқтисодиёт ва бахши иҷтимоӣ дар кишварро тасдиқ менамояд. Масалан, яку якбора

пастравии нишондиҳандаҳо ба ҳолати бухронӣ вобаста аст. Ҳамзамон, болоравии арзиши хадамоти маишию манзилӣ, хадамоти нақлиёт, алоқа ва барқ ба болоравии харидории хадамоти сайёҳӣ монеа эҷод намудааст.

**Каҷхатаи таносуби арза ва тақозо ба хадамоти сайёҳӣ**




Тағйирёбии сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва қобилияти харидории он, инчунин вобаста ба вақт ба чандирияти тағйироти на танҳо ҳаҷми хадамоти истеъмолшуда, ҳамзамон ба гардиши сайёҳӣ, интенсивияти сайёҳӣ ва ғайра оварда мерасонанд.

Бо назардошти тадқиқотҳои чандирияти тақозо ба хадамоти сайёҳӣ, дар сурати ҳаҷми умумии истифодаи хадамот аз ҷониби аҳолӣ ба андозаи 1%, ҳаҷми сафарҳои сайёҳӣ ба андозаи 0,08 – 0,10% афзоиш меёбад, ки ин нишондиҳанда ночиз аст.

Дар сурати расидани истифодаи хадамот ба 2,5%, ҳаҷми сафарҳо 4% ва ҳангоми ба 5%, ҳаҷми сафарҳои сайёҳӣ 10% афзоиш меёбанд. Дар ин ҷо тағйирёбии номутаносиби арза ва тақозои сайёҳӣ ба самараи мултипликативии сайёҳӣ вобаста аст. Каҷхатаи таносуби арза ва тақозо ба хадамоти сайёҳӣ мувофиқи ҳисоби миёнаи арифметикӣ

Дар ин ҷо:

X - ҳаҷми хадамот (бо %);

У - сафарҳои сайёҳӣ (бо %).

Ҳисоби миёнаи арифметикӣ

$$\overline{X} = \frac{\sum X_n}{n} = \frac{1+2.5+5}{3} = 2.83\%$$

$$\overline{У} = \frac{\sum У_n}{n} = \frac{0,1+4+10}{3} = 4,7\%$$

Масалан, дар кишварҳои рушдёфта, тамоюли гуногуни рушди сайёҳӣ дида мешавад, ки аз даромаднокии аҳолӣ, анъана, урфу одат ва дигар омилҳо вобаста аст. Масалан: интенсивияти баланди сайёҳӣ барои нафарони бо даромади на он қадар баланд дар Фаронса ва Итолиё аз сохтори иҷтимоии рушдёфта далолат медиҳад. Дар маҷмӯъ, дар кишварҳои рушдёфта аксари истифодабарандагони хадамоти сайёҳӣ, одамони табақаи миёна маҳсуб меёбанд, ки ин нишондиҳанда 39 -52%-ро ташкил медиҳад.

Тавлиди табақаи миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андешаи мо, ба рушди босуръати сайёҳӣ таъсир мерасонад ва даромад ба буҷа ба сифати андоз аз муассисаҳои пешниҳодкунандаи хадамоти сайёҳӣ, афзоиш меёбад. Мушкилӣ дар он аст, ки ҳанӯз дар ҷумҳурӣ ин табақа, ҳатто дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушд дар давраи соли 2020 ташаккул наёфтааст, зеро сатҳи даромаднокии аҳолӣ паст буда, нишондиҳандаи бекорӣ ва камбизоатӣ ҳоло ҳам баланд аст.

**Ҷадвали 6. Шумораи бекорони дар хадамоти шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, дар вилоятҳо, ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ [2]**

**Table 6. Number of unemployed registered in the employment service in the provinces, Dushanbe and RRS**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорон – ҳамагӣ, ҳаз. нафар | 54,5 | 52,3 | 53,9 | 55,5 | 51,1 | 53,1 | 49,7 |

Сарчашма: Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019

Ҳамзамон, дар шароити пешрафти илмӣ–техникӣ дар натиҷаи афзунгардии муассисаҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои техникӣ, ки ба вайроншавии вазъи экологии биосфера оварда расонидааст, талабот ба истироҳати тӯлонӣ ва табобату беҳдошти саломатӣ афзун гардидааст. Дар ин шароит яке аз омилҳои муҳим барои беҳдошти ҳолати саломатии миллат рушди сайёҳии рекреатсионӣ мебошад, вале дар сурате ки сайёҳӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти элитарӣ дошта, оммавияти он 50%-ро ташкил намедиҳад, танҳо як табақаи муайяни аҳолӣ аз хадамоти сайёҳӣ истифода намуда метавонанду халос. Дар кишварҳои хориҷӣ ба рушди сайёҳӣ омилҳои демографӣ низ таъсир мерасонанд, ки ба онҳо ҳайати иҷтимоӣ ва сохтори синнусолии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, таваллуд ва фавт, таносуби мардону занон шумораи никоҳ ва талоқ, сохтори оилавӣ афзоиши табиии аҳолӣ, равандҳои демографӣ ва ғайра шомиланд.

**Ҷадвали 7. Нишондиҳандаҳои асосии демографӣ (дар давраи солҳои 2013 - 2018) [2]**
**Table 7. Basic demographic indicators (for the period of 2013 - 2018)**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ (ҳаз. нафар) | 8161,1 | 8352,0 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 | 9121,1 |
| Аз ҷумла аҳолии шаҳрӣ | 2170,9 | 2215,5 | 2260,3 | 2300,0 | 2354,2 | 2448,1 |
| Аҳолии деҳот | 5990,2 | 6136,5 | 5290,9 | 6442,3 | 6577,0 | 6673,0 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ (ба ҳаз нафар) | 22,0 | 23,8 | 24,1 | 22,7 | 21,7 | 21,2 |
| Никоҳ (ба ҳаз. нафар) | 12,0 | 11,6 | 9,1 | 8,4 | 8,9 | 9,0 |
| Талоқ (ба ҳаз. нафар) | 1,0 | 1,1 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,1 |
| Шумораи таваллудшудагон (ба ҳаз. нафар) | 209,4 | 229,5 | 237,5 | 230,0 | 224,1 | 226,2 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ | 177,7 | 196,6 | 195,9 | 192,0 | 194,0 | 193,6 |

**Диаграммаи нишондиҳандаҳои асосии демографӣ (дар давраи солҳои 2013 - 2018)**
**Chart of key demographic indicators (for the period of 2013 - 2018)**




Ҳангоми таҳлили вазъи демографӣ дар давраи солҳои охир чунин хулосабарорӣ карда мешавад:

- шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ бо сабаби афзоиши таваллуд ва коҳишёбии марг зиёд мегардад;
- шумораи аҳолии қобили меҳнат афзудааст;
- дараҷаи дарозумрӣ боло рафтааст;
- нишондиҳандаи умумии талоқ нисбати никоҳ ночиз аст (1,1%0);
- раванди муҳоҷирати меҳнатӣ афзоиш ёфтааст.

Ҳамаи ин хусусиятҳои аҳолӣ ба соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонанд, зеро ҳар қадар аҳолии қобили меҳнат афзоиш ёбад, одамони ин синну сол даромадҳои муайян ба даст оварда, кӯшиш менамоянд ҳаёти худро аз ҳисоби боздиди давлатҳои нав гуногунранг намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Сапрунова В. Туризм Эволюция. Структура / В.Сапрунова Маркетинг. –М., 1997. – С.57.
2. Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018.
3. Гулеев В,Г. Сайёҳӣ: иқтисодиёт ва рушди сайёҳӣ / В.Г. Гулеев. -М: Иқтисодиёт, 2003. – С.65 (бо заб. русӣ).
4. Зайсева Н.А. Ёров Ҷ.Н. Истифодаи муносибати кластерӣ ҷиҳати болоравии самаранокии иқтидори сайёҳӣ (дар мисоли ФР ва ҶТ) / Н.А. Зайсева, Ҷ.Н.Ёров.
5. Аз ҳисоботҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018.


**ОМИЛҲОИ ИҚТИСОДӢ – ИҶТИМОИИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур омилҳои иқтисодӣ – иҷтимоии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тадқиқи рушди сайёҳӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ–иҷтимоии охири асри XX ва аввали асри XXI, дар чаҳорчӯбаи ягона ва низоми мукаммали иқтисодӣ–иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Ба омилҳои асосие, ки ба рушди сайёҳии давлатҳои пешрафта таъсир мерасонанд, чунин омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба монанди афзоиши даромади воқеии одамон, таносуби қурби асъор ва суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ шомил мебошанд. Солҳои охир яке аз омилҳои муҳим, сатҳи таъмини амнияти шахрвандон ба шумор меравад. Дар шароити пешрафти илмӣ–техникӣ дар натиҷаи афзунгардии муассисаҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои техникӣ, ки ба вайроншавии вазъи экологии биосфера оварда расонидааст, талабот ба истироҳати тӯлонӣ ва табобату беҳдошти саломатӣ афзун гардидааст. Дар ин шароит яке аз омилҳои муҳим барои беҳдошти ҳолати саломатии миллат рушди сайёҳии рекреатсионӣ мебошад, вале дар сурате ки сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти элитарӣ дошта, оммавияти он 50%-ро ташкил намедиҳад, танҳо як

табақаи муайяни аҳолӣ аз хадамоти сайёҳӣ истифода намуда метавонанду халос. Дар кишварҳои хориҷӣ ба рушди сайёҳӣ омилҳои демографӣ низ таъсир мерасонанд, ки ба онҳо ҳайати иҷтимоӣ ва сохтори синнусолии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, таваллуд ва фавт, таносуби мардону занон шумораи никоҳ ва талоқ, сохтори оилавӣ афзоиши табиии аҳолӣ, равандҳои демографӣ ва ғайра шомиланд.

**Калидвожаҳо:** рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳои иқтисодӣ – иҷтимоии рушди сайёҳӣ, таъмини амнияти шахрвандон, вайроншавии вазъи экологии биосфера, рушди сайёҳии рекреатсионӣ.

**ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ СФЕРЫ ТУРИЗМА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье автором рассмотрены экономические и социальные факторы развития сферы туризма в Республике Таджикистан. Исследование сферы туризма как экономико-социального явления конца XX и начала XXI веков осуществляется в единой рамке и совершенной экономико-социальной системе. К основным факторам, которые влияют на развитие туризма в развитых государствах относятся такие экономико-социальные факторы как реальное увеличение прибыли его жителей, соотношение курса валюты и политической и экономической стабильности страны. В последние годы одним из важных факторов является уровень безопасности граждан. В условиях научно-технического прогресса в результате увеличения числа производственных предприятий и технических средств, которые приводят к загрязнению экологического состояния биосферы, возрастают требования к долговременному отдыху и улучшению состояния здоровья граждан. В этих условиях одним из важных факторов в деле улучшения состояния здоровья граждан является развитие сферы рекрационного туризма, но так как в Республике Таджикистан туризм имеет элитарное значение и его массовость не составляет и 50%, только один определенный слой населения имеет возможность использовать туристические службы. В зарубежных странах на развитие туризма оказывают влияние также и демографические факторы, в которые входят и социальный состав, возрастная структура населения, население города и села, рождаемость и смертность, соотношение мужчин и женщин, количество браков и разводов, семейная структура, природный прирост населения, демографические процессы и т.д.

**Ключевые слова:** развитие туризма в Республике Таджикистан, экономические и социальные факторы развития сферы туризма, обеспечение безопасности граждан, разрушение экологического состояния биосферы, развитие сферы рекрационного туризма.

**ECONOMIC AND SOCIAL FACTORS OF DEVELOPMENT OF THE SPHERE OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In the article, the author considers the economic and social factors of tourism development in the Republic of Tajikistan. The study of tourism as an economic and social phenomenon of the late XX and early XXI centuries is carried out in a single framework and a perfect economic and social system. The main factors that influence the development of tourism in developed countries include such economic and social factors as a real increase in the profits of its residents, the ratio of the currency exchange rate and the political and economic stability of the country. In recent years, one of the important factors is the level of security of citizens. In the conditions of scientific and technological progress, as a result of an increase in the number of manufacturing enterprises and technical means that lead to pollution of the ecological state of the biosphere, requirements for long-term rest and improvement of the health status of citizens are increasing. Under these conditions, one of the important factors in improving the health status of citizens is the development of the field of tourism in tourism, but since tourism in the Republic of Tajikistan is elitist and its mass is not even 50%, only one particular segment of the population has the opportunity to use tourism services. In foreign countries, the development of tourism is also influenced by demographic factors, which include social composition, age structure of the population, urban and rural population, birth rate and mortality, male to female ratio, number of marriages and divorces, family structure, natural population growth, demographic processes, etc.

**Key words:** tourism development in the Republic of Tajikistan, economic and social factors in the development of tourism, ensuring the safety of citizens, destruction of the ecological state of the biosphere, development of the sphere of tourism in tourism.

**Сведения об авторе:** ***Курбонов Шайдулло Ятимович*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры экономики и управления туризма. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект рудаки, 17. Телефон: **918-38-38-55. E-mai: shahidullo.tj@gmail.com**

**Information about the author:** ***Kurbonov Shaydullo Yatimovich*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Economics and Tourism Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-38-38-55**. E-mai: **shahidullo.tj@gmail.com**

**УДК 368,023 (575,3)**

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ БОЗОРИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳусайнов М.С.***

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ташаккул ва рушди бозори суғурта ҳамчун қисми ҷудонашавандаи низоми молиявӣ яке аз омилҳои мусоидаткунандаи тараққиёти моликияти хусусӣ, таъмини бехатарии низоми молиявӣ, барқароркунии зарар, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода ба миён меоянд, ба ҳисоб меравад.

Бозори суғурта аз он нуқтаи назар барои субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти бозоргонӣ чунин шароит аз ҳар як субъекти фаъолияти хоҷагидорӣ мустақилона ҳифз намудани саломатӣ, ҳаёт ва моликиятро талаб менамояд, ки ин иқдомро фақат бозори суғурта таъмин менамояд. Аз ин лиҳоз, рушди минбаъдаи бозори суғурта ва мукаммалнамоии он дар мамлакат умуман барои тараққиёти иқтисодиёт нақши калидиро иҷро намуда, барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории мамлакат проблемаи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди соҳаи суғурта аз иштироки бевоситаи танзими давлат ва идоракунии маҳаллӣ ва инчунин аз таъмини босифати хизматрасонии суғуртаи аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Суғурта ҳамчун механизми ҳифзи иҷтимоии дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ бамиёномада мунтазам ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ мусоидат мекард. Мафҳуми мазкур аз калимаи «страх»-и русӣ бармеояд ва ба тоҷикӣ маънои «тарс», «бим»-ро дорад. Соҳибони амвол байни ҳам ба муносибатҳои муайяни истеҳсолӣ ворид гардида, меҳаросиданд, ки амволашон эҳтимолияти нобудшавӣ ё дар натиҷаи офатҳои табиӣ, сӯхтор, ғорат ва дигар хатарҳои ҳаёти иқтисодӣ хавфи аз даст рафтанро дорад [1,с.22].

Барои ошкор намудани моҳияти суғурта зарурияти омӯхтани ташаккулёбии фаъолияти суғурта ҳамчун сегменти ғайрибонкии бозори молиявӣ дар марҳилаҳои гуногун ба миён меояд. Аз сарчашмаҳои гуногун маълум мегардад, ки шаклҳои аввалини суғурта дар давраҳои ду ҳазор сол пеш аз мелод дар қонунҳои шоҳи Вавилон Хаммурапи байни субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ оиди якҷоя саҳм гузоштан барои бартараф намудани хавфҳои гуногун ва барқарор намудани зарарҳо аз фаъолияти тиҷоратӣ баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, дар ҳуқуқи Юнон элементҳои ҷавобгарии суғуртавиро ёфтан мумкин аст. Дар шакли мукаммал ҷавобгарии суғуртавӣ дар замони муосир дар аввали асрҳои XIX дар Фаронса мушоҳида мешавад. Чи тавре ки маълумотҳо нишон медиҳанд, сабаби асосии пайдоиш ва рушди фаъолияти суғуртавӣ ба ҳайси соҳаи алоҳида тараққиёти босуръати саноат ва зиёд шудани ҳолатҳои фавқулода ва ба ҳалокат расидани кормандон дар истеҳсолот мебошад. Дар аввали асри XX бошад, рушди минбаъдаи фаъолияти суғурта ва мукаммалнамоии базаи ҳуқуқии он мушоҳида мешавад, бахусус дар давлатҳои Аврупо дар кодексҳои гуногун барои зарари молиявӣ дар соҳаи моликияти хусусӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда буд. Дар Россия бошад, дар давраи пеш аз инқилоб фаъолияти суғуртавӣ аз тарафи корхонаҳои зиёд амалӣ шуда буд, ки мақоми асосиро дар ин ҷода ҷамъиятҳои саҳомӣ ишғол мекарданд. Дар шароити тарзи истеҳсолоти капиталистӣ суғурта характери тиҷоратиро касб намуда, мақсади асосии он ба даст овардани фоида аз тарафи субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар натиҷа таъминоти суғуртавӣ ба моли хос мубаддал мегардад [2,с.31].

Дар замони Шӯравӣ тамоми фаъолияти хоҷагидорӣ аз он ҷумла фаъолияти суғуртавӣ аз тарафи давлат назорат шуда, суғурта бо тамоми шаклҳояш манополияи давлатӣ эълон шуд. Барои ошкор намудани моҳияти суғурта ба сарчашмаҳои гуногун такя кардан зарур мешуморем.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори суғурта дар марҳилаи нави рушд қарор дошта, мунтазам проблемаҳои мавҷудбударо бо дастгирии институтҳои молиявӣ ҳаллу фасл намуда истодааст. Бозори суғурта қисми ҷудонашавандаи бозори молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он муносибатҳои молиявӣ байни субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ оиди хариду фурӯши пул, асъори хориҷӣ ва қоғазҳои қиматнок ба амал меояд. Бозори молиявӣ аз бозори қарзӣ, бозори қоғазҳои қиматнок ва бозори асъор иборат мебошад, ки бозори суғурта ба бозори қарзӣ мансубият дорад. Сохтори бозори қарзӣ аз бозори суғурта, лизинг, фондҳои нафақавӣ,бозори қарзии бонкӣ ва монанди инҳо иборат мебошад, ки бозори суғурта дар он яке аз шохаҳои муҳимми рушди муносибатҳои молиявӣ дар давлатҳои муосир арзёбӣ мегардад.

Дар сарчашмаҳои гуногун оиди моҳияти суғурта ва бозори суғурта омадааст, ки бозори суғурта ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ оиди хариду фурӯши хизматрасонии суғуртавӣ, ки дар ҳимояи манфиатҳои моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ инъикос меёбад, арзёбӣ мегардад. Дар бозори суғурта низ қонуниятҳои бозор, ба монанди пешниҳод, талабот ва қонуни арзиш ба қонуниятҳои аввалиндараҷаи ин бозор мансубият дошта, аз дуруст ба роҳ мондани онҳо ташаккулёбии хизматрасонии суғуртавӣ барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ аҳамияти зиёди илмӣ дорад.

Аз таърихи пайдоиши суғурта бармеояд, ки ҳанӯз дар аҳди бостон ривоҷи кишоварзиву парвариши чорво ва зуҳури унсурҳои додугирифти молию пулӣ ба падид омадани содатарин шакли ҳифзи суғуртавӣ, яъне суғуртаи табиӣ ва инкишофи баъдии он

мусоидат намуд. Марҳилаҳои таърихии шаклгирии суғурта дар сарчашмаҳои фаровони таърихиву иқтисодӣ бозтоб ёфтаанд [3,с.9]. Дар давраи асрҳои миёна, моҳияти аслии суғурта на дарёфти даромад ва ё суд, балки ёрии мутақобила байни одамон буд ва нишондиҳандаҳои асосии суғурта дар он давра чунин буданд:

-соҳаи суғурта ба қишрҳои миёна, косибӣ, тиҷорат ва умуман бозаргонон хизматрасонӣ менамуд;

-суғурта ҳанӯз аз тиҷорат, косибӣ ва мазҳаб ҷудо нашуда буд ва созмону муассисаҳои вижаи суғурта мавҷуд набуданд;

-гурӯҳи тоҷирӣ, косибӣ ва ё ҳар гурӯҳи дигаре, ҳамзамон ба унвони гурӯҳи суғуртакунанда ва суғурташаванда амал мекард [3,с.9].

Тадқиқот нишон медиҳад, ки суғурта дар натиҷаи талаботи ҷомеъа барои таъмини ҳимояи манфиатҳои гуногун аз хавфҳои номуайян ва ҳолатҳои фавқулода ба миён омадааст. Дар баробари ин, таҷриба нишон медиҳад, ки хизматрасонии суғуртавӣ на фақат барои рушди истеҳсолот, ва ҳимояи манфиатҳои субъектони хоҷагидорӣ, балки барои дигар проблемаҳои иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, барои рушди низоми молиявӣ ба воситаи фондҳои суғуртавӣ хизмат менамояд. Мавриди зикр аст, ки воситаҳои пулие, ки дар шакли суғурта ва аз дигар сарчашмаҳо ба ширкатҳои суғуртавӣ ворид мешаванд, дар бисёр мавридҳо аз ҳаҷми пардохти суғурта бисёртар мебошанд ва барои ин ширкатҳо имконияти маблағгузории лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ, маблағгузории қоғазҳои қиматнок, иштирок дар ҷараёни сармоягузории молиявӣ ва инчунин иштирокчии фаъоли бозор хизмат менамоянд.

Чи тавре ки маълум аст, бозори суғурта қисми ҷудонашавандаи бозори молия ба шумор рафта, мисли дигар бозор дар зери таъсири талабот ва пешниҳод ташаккул меёбад. Хусусияти бозори суғурта, ки аз дигар бозорҳо онро фарқ мекунонад, дар он зоҳир мегардад, ки объекти хариду фурӯши ин бозор маҳсулотҳои суғуртавӣ (неъматҳои моддӣ, ки аз фонди суғуртавӣ ҷудо мешаванд) ба ҳисоб мераванд. Қоидаи асосии сиёсати иҷтимоии давлат чунин мебошад, ки ҳимояи базавии иҷтимоӣ барои ҳамаи аъзоёни ҷомеа якхела буда, аз тарафи давлат таъмин карда мешавад ва барномаҳои иҷтимоии суғуртавӣ низ, чун қоида, аз ҳисоби ҳаққи аъзогии корфармо ва ҷудо намудан аз маоши аҳолии коркун ва инчунин қисман аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷавӣ маблағгузорӣ карда мешавад [4,с.11]. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки махз намудҳои мухталифи суғуртавӣ ва, пеш аз ҳама ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун ҷузъи низоми молиявӣ сарчашмаи асосии пешгирӣ ва барқарорсозии зарар аз ҳар гуна хатарҳо ба ҳисоб рафта, устувории ҷараёни рушди иқтисодиро таъмин менамояд.

Жарова М.В. дар тадқиқоти худ оиди бозори суғурта чунин қайд мекунад, ки бозори суғурта низоми муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи харидуфурӯши моли махсус (хизматрасонии суғуртавӣ) дар ҷараёни қонеъ гардонидани талаботҳои ҷомеа, ки ба воситаи манфиатҳои суғуртавӣ татбиқ мешавад ва қисми ҷудонашавандаи калонтарин бозори қарзӣ ба ҳисоб меравад. Бозори суғурта бо ҳамаи шохаҳои ҷараёни бозистеҳсол алоқаманд буда, дар асоси қонуниятҳои бозор фаъолият менамояд ва дар навбати худ, пурра ҳолат ва сатҳи рушди қувваи истеҳсолии ҷомеаро инъикос менамояд [5,с.12]. Вобаста ба ин зарурияти аз нав дида баромадани муносибатҳои методологӣ оиди донистан ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам дар соҳаи фаъолияти суғуртавӣ ва ба ин васила маҳдуд накардани шарҳдиҳии умумии бозори суғурта ба вуҷуд меояд.

Дар луғати иқтисодии А.Н. Азрилянин оиди бозори суғурта чунин омадааст, ки бозори суғурта низоми муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки оиди хариду фурӯши моли махсус (рӯйпӯши суғуртавӣ) дар ҷараёни қонеъ гардонидани талаботҳои ҷомеа ба ҳимояи суғуртавӣ равона гардидааст ва дар шароити мавҷудияти қисми зиёди суғурташавандагон ба вуҷуд омадааст. Бозори суғурта ба соҳаҳои суғурта аз рӯйи миқёс, (миллӣ, минтақавӣ, байналхалқӣ) ва ғайра ҷудо мешавад [6,с.816].

Фаъолияти суғуртавиро дар кишвар ташкилотҳои суғуртавӣ амалӣ менамоянд, ки вазифаи асосии онҳо аз чунин элементҳо иборат мебошад:

Мафҳумҳои овардашуда дар ҷадвал исбот менамоянд, ки суғурта чун категорияи иқтисодӣ маҷмӯи муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, барои барқарор намудани зарари моликият, пурра намудани дороиҳо ва дигар амалҳои вобаста ба иҷрои ухдадориҳо истифода бурда мешавад.

Бозори суғурта ва фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун марҳилаи нави даврони соҳибистиқлолӣ дар ҶТ, айни ҳол дар марҳилаи аввали рушди худ қарор дошта, рушди минбаъдаи он дар кишвар аз дуруст ба роҳ мондани танзими давлатии фаъолияти суғуртавӣ ва соҳибкорӣ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, фаъолияти суғуртавӣ ба монанди дигар соҳаҳои муҳимми хоҷагидорӣ барои баланд бардоштани сатҳи рушди

**Расми 1. Нишондиҳандаи асосии соҳаи фаъолияти суғурта**
**Picture 1. Key indicators in the field of insurance**




Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти суғуртавӣ аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст

соҳибкорӣ ва рушди низоми молиявӣ дар шароити бозор аз ҳисоби захираҳои иловагии молиявӣ саҳми калон дорад ва рушди бозори суғуртаро аз ин нуқтаи назар ҳамчун моҳияти иқтисодӣ фаҳмидан зарур аст.

- ➢ барои иштирок дар биржаи хариду фурӯши криптоасъорҳо шабакаи миллии интернет бояд суръати ниҳоят баланд дошта бошад, зеро амалиётҳо дар сатҳи мустақим (online) мегузаранд;
- ➢ ҳангоми амалиёти майнингӣ (хариду фурӯши криптоасъор) дараҷаи муҳофизати маблағ, махфият ва ҳамлаи хаккерон эҳтимолияти зиёд дорад;

➢ дар бозори криптоасъорҳо зиёда аз 500 намуди асосии криптоасъор фаъолият мебаранд, ки рақобати байни онҳо ва эҳтимолияти дар муддати кӯтоҳ паст шудани қурби онҳо боқӣ мемонад;

➢ маркази нигоҳдории маблағҳои дорандагони Bitcoin аниқ набуда, ҳангоми талафот тарафи апилятсиядиҳӣ номуайян аст;

➢ мувофиқи таҳлили олимони машҳур бисёр намудҳои криптоасъор, аз он ҷумла Bitcoin ба як намуди пирамидаи молиявӣ монанд буда, дурнамои фаъолияти онҳоро ягон давлат ё шахс кафолат дода наметавонад;

➢ криптоасъорҳо, аз ҷумла Bitcoin дар баъзе ҳолатҳо эҳтимолияти паст кардани қурби пули миллиро доранд ва ғ.

**АДАБИЁТ**


1. Crypto-Curancy Market Capitalizations [Электронный ресурс] - Режим доступа - URL: http://coinmarketcap.com/ (дата обращения 02.04.2018).
2. Форум Bitcoin: [электронный ресурс] - Режим доступа - URL: http://bit-labs.ru/otnoshenie-k-bitkoin-v-raznyh-stranah-mira - (дата обращения 30.08.2017).
3. Википедия, свободная энциклопедия [Электронный ресурс] URL:http://ru.wikipedia.org/wiki/%CA%F0%E8%EF%F2%EE%E2%E0%EB%FE%F2%E0 (дата обращения 30.03.2018).
4. Официальный сайт Bitcoin: [Электронный ресурс] URL: http://bitcoin.org/ (Дата обращения 30.06.2014).
5. Новости криптовалют: [Электронный ресурс]. URL:http://cryptomap.ru/kriptovalyuta/ (Дата обращения 05.06.18).
6. Bitcoin в России, Информационный портал о криптовалюте Bitcoin [Электронный ресурс] - Режим доступа - URL:http://bitcoininfo.ru//kolichestvo-bitkoin-koshelkov-blockchain-dostiglo-2-millionov (дата обращения 09.06.18).
7. Алексеева Н.А. Развертывание и совершенствование воспроизводственных цепочек в результате воздействия интеллектуального капитала малого бизнеса / Н.А. Алексеева // Многоуровневое общественное воспроизводство: вопросы теории и практики. - 2010. -№1. -С.7-11.
8. Туманов Д.В. Развитие информационного общества, роль в воспроизводственном процессе / Д.В. Туманов // Многоуровневое общественное воспроизводство: вопросы теории и практики. - 2013. -№5. -С.291-300.
9. Вахрушев Д.С. Самоорганизация и динамическая устойчивость экономических систем: теоретико-методологические аспекты: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук / Д.С. Вахрушев. -Кострома: Костромской государственный университет им. Н.А. Некрасова, 2004. -48 с.


**КРИПТОАСЪОР ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҚТИСОДИЁТИ ЗАМОНАВИИ ИТТИЛООТӢ**


Дар мақолаи мазкур, муаммои дарки назариявии намуди нави пулҳои электронӣ - криптоасъор баррасӣ карда шудааст. Маълум аст, ки имрӯз дар ҷаҳон ҳеҷ гуна фаҳмиши ягонаи криптоасъор вуҷуд надорад - дар баъзе сарчашмаҳо онҳо ҳамчун асъор, дар дигар сарчашмаҳо бошад, ҳамчун мол ва ё ашёи хом ҳисобида мешаванд. Дар натиҷаи таҳлили таърифҳои мавҷудаи криптоасъор зарурати фаҳмиши илмии онҳо муайян ва асоснок карда шудааст. Гардиши криптоасъорҳо, ки шумораи онҳо дар солҳои охир беш аз 500 навъ бо капитализатсияи умумии 80 млрд. долл. ИМА мебошад, таҳлил карда шудааст. Ҳамзамон, мавҷуд набудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ таъкид шудааст, ки муносибати байни истифодабарандагонро ба танзим медарорад. Ҳамчунин, қурби яке аз намуди маъмултарини криптоасъор - Bitcoin бо тилло муқоиса карда шудааст. Ҳамин тариқ, истидлол кардан мумкин аст ки, криптоасъори Bitcoin як намуди "тиллои электронӣ" мебошад. Дар заминаи гузаронидани тадқиқот оиди фаъолияти криптоасъорҳо дар бозори байналхалқии асъор, истифодаи системаи Bitcoin ва қонунӣ намудани гардиши ин система дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.



**Калидвожаҳо:** пули коғазӣ, Bitcoin, пулҳои электронӣ, ҷаҳонишавии молиявӣ, эволютсияи пул, усулҳои муҳофизатии криптографӣ, тилло, рақобат, сатҳи хавф, пирамидаи молиявӣ.


**КРИПТОВАЛЮТА КАК ФЕНОМЕН СОВРЕМЕННОЙ ИНФОРМАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКИ**


В данной статье рассмотрена проблема теоретического осмысления нового вида виртуальных денег - криптовалют. Известно, что на сегодняшний день в мире не существует единого понимания криптовалюты - в одних источниках они понимаются как валюта, в других как товар или сырье. В результате проанализированы существующие формулировки криптовалют, на основе чего выявлена и обоснована важность их глубокого научного осмысления. Особое значение в данной работе уделено анализу распространения и обращения криптовалют, которые в настоящее время насчитывают свыше 500 разновидностей при общей капитализации в 80 млрд. долл. США. При этом обращается внимание на отсутствие нормативно правовой базы, регулирующей обоюдные взаимоотношения, на основе чего подчеркивается перспектива необходимости не только тщательного научного изучения криптовалют, но и необходимости разработки различных институциональных норм. В работе также представлено сравнение котировок золота с одним из самых распространенных видов криптовалют – Bitcoin. С учетом вышесказанного можно сделать следующий вывод о том, что их курсы примерно равны, а в какие-то моменты повторяют друг друга. Таким образом, в статье поддерживается идея о том, что Bitcoin является своеобразным «электронным золотом». На основе проведенного исследования, авторами предлагается собственная формулировка понятия криптовалют, формулируются основные предпосылки их появления и популярности.



**Ключевые слова:** криптовалюта; Bitcoin; электронные деньги; финансовая глобализация; эволюция денег; криптографические методы защиты; золота; конкуренция; уровень риска; финансовая пирамида.


**CRYPTOCURRENCY AS A PHENOMENON OF THE MODERN INFORMATION ECONOMY**


In the article the problems of theoretical comprehension of a new kind of electronic cash - Cryptocurrency. Shows that, to date, there is no common understanding of Cryptocurrency, in some sources they are treated as currency in other goods or raw materials. As a consequence of the existing language Cryptocurrency analysed, on the basis of what has been identified and the necessity of an adequate scientific understanding. Of particular importance in the article on the analysis

of the dynamics of the spread and treatment of Cryptocurrency, which currently employs more than 500 varieties in total capitalization at $ 80 billion. It focuses on the absence of normative and legal base governing relationships between users, on the basis of which advocated the thesis need not only a detailed scientific study of Cryptocurrency, but also the need to develop institutional rules. Also compares the prices of one of the most common types of Cryptocurrency - Bitcoin with gold. The authors conclude that their rates are approximately equal, and in some moments are repetitive. Thus, article supported the thesis that Bitcoin is a kind of "e-gold". On the basis of the study, the authors have their own language concepts Cryptocurrency, formulated the basic premises of their appearance and popularity.

**Key words:** cryptocurrency; Bitcoin; electronic money; financial globalization; the evolution of money; cryptographic protection methods; gold; competition; level of risk; financial pyramid.

**Сведения об авторе:** ***Бакаев Мирзохамид Хабибович*** - Политехнический институт Таджикского технического университета им. М. Осими, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Ленина, 226. Телефон: **(+992) 77** 928-80-40-30. E-mail: **bakaevmh@mail.ru**

**Information about the author:** ***Bakaev Mirzokhamid Habibovich*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical Universityby name M.S. Osimi, associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 226 Lenin str. Phone: **(+992) 928-80-40-30**. E-mail: **bakaevmh@mail.ru**

**УДК:311.313+339.7(575.3)**

# САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сайдиев А.Д., Мамадбекова Н.А.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар раванди ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ сармоягузорӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини иқтисодиёти ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, ҳамчун омили диққатҷалбкунандаи сиёсати давлат шинохта мешавад. Фаъолияти сармоягузорӣ аз замони бавуҷудоӣ то кунун барои ҳар як давлат натиҷаҳои дилхоҳе ба бар овардааст, ки иқтисодиёти онҳоро дар муддати кӯҳтоҳтарин ба куллӣ дигаргун намудааст. Ин ҳам бошад, таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи дунё буда, барои давлатҳои рӯ ба инкишоф як пайраҳаи нав боқӣ мондааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ пайваста кӯшиш менамояд, ки барои беҳтар намудани вазъи иқтисодиёти кишвар ва ҳарчи зудтар баромадан аз буҳрони иқтисодӣ дар ҳар як фаъолияти худ роҳ, усул ва сиёсати хоса ва мувофиқро муқаррар намуда, фаъолияти сармоягузориро тавассути он танзим намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ имконияти ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷи дуру наздикро надошт, чунки пурра аз ҳисоби буҷаи Иттиҳоди Шӯравӣ маблағгузорӣ карда мешуд. Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати дарҳои кушод имрӯз кишварамон барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва раҳоӣ ёфтан аз буҳрони иқтисодӣ, инчунин таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ, тавассути барномаҳои стратегии иқтисодӣ бо мамлакатҳои дӯсту ҳамсоя ҳамкориҳои бевоситаро ба роҳ мондааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити суст шудани суръати рушди иқтисодӣ аксари кишварҳои ҷаҳон аз беҳсозии фазои сармоягузорӣ ҳамчун воситаи суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардошани сифати он истифода мебаранд. Мақомоти давлатӣ дар чунин шароит ҳамчун субъектҳои масъул барои ҷалби сармоягузориҳо саъю кӯшиш мекунанд ва ба сармоягузорон заминаи иқтисодиро пешниҳод мекунанд [1,с.89].

Барои рушди соҳа, албатта, зарурияти ислоҳоти иқтисодӣ ба миён меояд.

Ислоҳоти пай дар пайи иқтисодиёти Тоҷикистонро чунин тавсиф додан мумкин аст, ки он дар ҳолати рушд қарор дорад. Яке аз омилҳои асосии беҳтар кардани иқтисодиёт ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ба Тоҷикистон мебошад. Ҷалби инвеститсияи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз усулҳои беҳтарин мебошад, ки метавонад рушди иқтисодиро таъмин намояд. Ҷалби сармоягузорони хориҷӣ нишонаи заифу нотавонии иқтисодии давлати моро нишон намедиҳад, зеро маълум аст, ки пешрафтатарин давлатҳо, ба мисли ИМА ва Ҷопон аз лиҳози ҷалби сармоя дар ҷойи аввал меистанд. Ва нақши сармоягузорӣ дар пешрафти рушди минтақаҳои алоҳидаи ин давлатҳо аз аҳаммият холӣ нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имконият ва шароитҳоро барои сармоягузорон дар қаламрави кишвар фароҳам овардааст. Ин, пеш аз ҳама, мусоидат намудан ба минтақаҳои қафомондаи мамлакат барои мубаддал гардонидани онҳо ба минтақаҳои саноатӣ мебошад.

Барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозин ин рушд додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлил нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ амалӣ

шудааст. Дар робита бо ин, дар ҷойҳо (дар минтақаҳои кишвар) масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. Далели ин татбиқи аксари нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои рушди устувор барои Тоҷикистон мебошад, ки онҳо асосан дар пойтахт – шаҳри Душанбе ноил шудаанд [1,с.42].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармояи хориҷӣ дар соли 2017 1-миллиарду 100,4 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 354 миллион доллари ИМА сармоягузории мустақим, 245,9 миллион доллари ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 500,0 миллион доллари ИМА сармоягузории портфелӣ (ҷомадонӣ) (евробондҳо) мебошанд [5].

Маълумот оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Диаграмма 1**




Зимнан бояд қайд намуд, ки воридоти сармоягузории мустақим нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 79,7 миллион доллари ИМА коҳиш ёфтааст. Сармояи мустақим асосан ба соҳаҳои саноати коркард- 37,6 миллион доллари ИМА (10,5%), саноати истихроҷи маъдан- 176,6 миллион доллари ИМА (49,5%), фаъолияти молиявӣ ва ҳар гуна хизматрасонии тиҷоратӣ- 30,6 миллион доллари ИМА (8,6%), нақлиёт ва алоқа- 64,1 миллион доллари ИМА (18,0%), кишоварзӣ- 17,9 миллион доллари ИМА (5,0%), маориф- 15,8 миллион доллари ИМА (4,4%), сохтмон- 7,7 миллион доллари ИМА (2,2%) ва ғайра- 6,8 миллион доллари ИМА (1,9%) равона карда шудаанд [5].

Қарзҳои мазкур ба соҳаҳои саноат -87,7 миллион доллари ИМА (38,8%), хизматрасонии молиявӣ- 122,2 миллион доллари ИМА (50%), сохтмон- 6,7 миллион доллари ИМА (3,0%), нақлиёт ва алоқа-22,0 миллион доллари ИМА (9,7%) ва дигар соҳаҳо- 7,3 миллион доллари ИМА (3,2%) равона гардидаанд [5].

**Диаграмма 2. Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо**
**Diagram 2. Attracting direct foreign investments into sectors**




Дар соли 2017 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи хориҷӣ бештар аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой 303,0 миллион доллари ИМА, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико 208,9 миллион доллари ИМА, Шоҳигарии Британиёи Кабир 136,4 миллион доллари ИМА, Федератсияи Россия 81,1 миллион доллари ИМА, Филиппин 31,8 миллион доллари ИМА, Арабистони Саудӣ 21,2 миллион доллари ИМА, Белгия 13,5 миллион доллари ИМА, Швейтсария 12,7 миллион доллари ИМА, Аморати Муттаҳидаи Араб 11,2

миллион доллари ИМА, Фаронса 4,4 миллион доллари ИМА ва аз ҷониби дигар давлатҳо бошад, 70,9 миллион доллари ИМА ворид гардидааст.

**Диаграмма 3. Сармояи хориҷӣ аз рӯйи дигар намуди сармоягузорӣ**
**Diagram 3. Foreign investment in other types of investment**




Дар байни воситаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷӣ минтақаҳои озоди иқтисодӣ мақоми хоссаро соҳиб буда, минтақаҳои дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ ва иқтисодиро пешкаш менамоянд, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат мекунанд.

То имрӯз дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 71 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудаанд. Бештари онҳо ба минтақаҳои озоди иқтисодии "Суғд" ва "Данғара" рост меоянд [4].

**Ҷадвали 1. Шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда аз рӯйи минтақаҳо**
**Table 1. The number of registered subjects by regions**

| Номгӯйи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) | МОИ Данғара | МОИ Суғд | МОИ Панҷ | МОИ Ишкошим | Ҳамагӣ: |
|---|---|---|---|---|---|
| Субъектҳои бақайдгирифташуда | 24 | 31 | 14 | 2 | 71 |
| Субъектҳое, ки аллакай истеҳсолро шурӯъ намуданд | 12 | 7 | 1 | 0 | 20 |
| Субъектҳое, ки барои истеҳсолот омодагӣ дида истодаанд | 3 | 3 | 2 | 0 | 8 |

Манбаъ: www. medt.tj - Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017

Ҳаҷми сармоягузориҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2017 ба 96,1 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбати соли 2016, 11 маротиба кам мебошад. Сабаби кам шудани ин нишондиҳанда ба охир расидани корҳои сохтмонии корхонаҳои азими минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" ҶДММ "ТК-Ойл" ва ҶДММ "Ауфен" корхонаи истеҳсоли металлҳои конструктивӣ мебошад. Саҳми асосиро дар сармоягузории мустақим ба ширкатҳои МОИ "Данғара" ҶДММ "Тк-Ойл", ҶДММ Шенси ва ҶДММ "Тоҷ-Пласт" гузоштаанд.

Вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо бояд иброз дошт, ки дар соли 2017 ба маблағи 99,3 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки нисбати соли 2016, 9,6 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Айни замон, дар минтақаҳои озоди иқтисоди кишвар ҳамагӣ 1,007 корманд кору фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 505 нафари онҳо ба МОИ "Данғара", 415 нафар ба МОИ "Суғд" 75 нафар ба МОИ "Панҷ" ва 12 нафар дар МОИ "Ишкошим" рост меояд.

Дар соли 2017 пардохтҳои гумрукӣ ва андозӣ аз ҳисоби субъектҳои минтақа ба буҷети давлат ҳамагӣ ба маблағи 16,6 млн сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати соли 2016, 1 млн. сомонӣ кам мебошад. Сабаби кам гардидани нишондиҳандаи мазкур ба итмом расидани корҳои сохтмонии корхонаи коркарди нафт мебошад, ки баъд аз ба охир расидани корҳои сохтмонӣ мутахассисони ширкати мазкур ба Ҷумҳурии Халқии Хитой баргаштанд, ки ин боиси кам шудани пардохти андозҳои иҷтимоӣ ва андоз аз даромад гардид [4].

Ҳамин тавр, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин таҷрибаи давлатҳои мутараққии иқтисодӣ буда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як омили густаришдиҳандаи иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҳар як давлати соҳибистиқлол ба равобити иқтисоди хориҷӣ ниёз дорад, зеро онҳо ҳам зарур ва ҳам муфид мебошанд ва дар шаклҳои гуногун сурат мегиранд. Яке аз шаклҳои нисбатан васеъ паҳнгардидаи чунин равобит бунёди корхонаҳои муштарак мебошад. Онҳо имконият медиҳанд, ки манобеи молиявӣ ва манобеи корхонаҳои кишварҳои гуногунро муттаҳид намуда, фаъолияти умумии истеҳсолию иқтисодиро дар

ҳудуди кишвар ҷараён бахшанд, то ки масъулияти муштараки муассисон тибқи саҳми онҳо дар сармоягузорӣ риоя шавад.


**АДАБИЁТ**

1. Ҳакимзода Абдураҳмон. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии самти иқтисод / Ҳакимзода Абдураҳмон, Қ.Қ. Раҷабов. -Душанбе: Ирфон, 2010. –490 с.
2. Раджабов К.К. Влияние свободных экономических зон на социально-экономическое развитие Республики Таджикистан / К.К. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. - 2011. -№3(67). -С.74-82.
3. Шоидарвозова М.С. Специальные экономические зоны как форма стимулирования и привлечения иностранных инвестиций / М.С. Шоидарвозова // Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2005. -№2. -С.80-86.
4. Блау, С.Л. Инвестиционный анализ: Учебник для бакалавров / С.Л. Блау. -М.: ИТК Дашков и К, 2016. - 256 с.
5. Борисова, О.В. Инвестиции. В 2 т. Т.1. Инвестиционный анализ: Учебник и практикум / О.В. Борисова, Н.И. Малых, Л.В. Овешникова. -Люберцы: Юрайт, 2016. -218 с.
6. Стратегияи миллии рушди ҷумҳурии тоҷикистон барои давраи то соли 2030
7. -Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017. www.medt.tj
8. -Сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017. www.stat.tj


## САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаҳои асосии сармоягузориҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва рушди минтақаҳои алоҳидаи он, ки ба такмили корхонаҳои истеҳсолӣ ва саноат мусоидат мекунанд, мавриди муҳокима қарор дода шудаанд. Масъалаи сармоягузорӣ, таҳия ва татбиқи сиёсати самараноки сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои муҳим барои кишвари мо маҳсуб меёбад. Муносибатҳо оид ба сармоягузорӣ, фаъолияти иқтисодӣ, танзими давлатӣ ва пешбурди сармоягузорӣ бояд бо роҳи пешниҳод намудани низоми одилонаи ҳуқуқӣ, баробарҳуқуқӣ ва кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда шаванд. Таҳлили сиёсатҳои мавҷуда ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки барои истифодаи самарабахши захираҳои моддӣ ва молиявӣ, таҷҳизот ва технологияҳои замонавӣ, таҷрибаи идоракунӣ, иқтисодиёти кишвар ба сармоягузории хориҷӣ ниёз дорад. Ҳамин тавр, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои дар ҳоли рушд, омили рушди иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ барои ҳар давлати мустақил дар шаклҳои гуногун татбиқ мешаванд. Муаллиф ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватаниро ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз омилҳои асосии рушди минтақаҳои мазкур мешуморад.



**Калидвожаҳо**: сармоягузорӣ, содирот, воридот, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, технологияҳои инноватсионӣ, иқтисоди хориҷӣ, хизматрасонии молиявӣ, захираҳои моддӣ ва молиявӣ, стратегияи рушди иқтисодӣ.


## РОЛЬ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ФОРМИРОВАНИИ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматриваются основные вопросы иностранных инвестиций в экономике Таджикистана и развитие его отдельных регионов. Иностранные инвестиции способствуют улучшению работы производственных и промышленных предприятий. Проблема инвестирования, разработки и реализации эффективной инвестиционной политики является одним из важнейших вопросов для нашей страны. Отношения по поводу инвестиции, экономической активности, государственного регулирования и стимулирования инвестиций должны регулироваться путем предложения справедливой правовой системы, равноправия и гарантии защиты прав инвесторов на территории Республики Таджикистан. Анализ действующей политики и законодательства Республика Таджикистан показал, что для эффективного использования материальных и финансовых ресурсов, современной техники и технологии, управленческого опыта, экономика страны нуждается в иностранных инвестициях. Таким образом, создание свободных экономических зон с учетом опыта экономически развитых стран является для Таджикистана фактором экономического развития. Внешнеэкономические связи очень важны для любого независимого государства, поскольку они необходимы и выгодны, и реализуются в различных формах. Автор считает привлечение иностранных и внутренних инвестиций в свободные экономические зоны одним из основных факторов развития этих зон.



**Ключевые слова**: инвестиции, экспорт, импорт, свободные экономические зоны, инновационные технологии, внешнеэкономическая деятельность, финансовые услуги, материальные и финансовые ресурсы, стратегия экономического назвития.


## THE ROLE OF FOREIGN INVESTMENTS IN THE FORMATION OF FREE ECONOMIC ZONES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The article discusses the main issues of foreign investment in the economy of Tajikistan and the development of its individual regions, which contribute to the improvement of the production and industrial enterprises. The problem of investing, developing and implementing an effective investment policy is one of the most important issues for our country. Relations about investment, economic activity, government regulation and investment promotion should be regulated by offering a fair legal system, equality and guarantees of the protection of investors' rights in the territory of the Republic of Tajikistan. An analysis of current policies and legislation of the Republic of Tajikistan showed that in order to effectively use material and financial resources, modern equipment and technology, managerial experience, the country's economy needs foreign investment. Thus, the creation of free economic zones, taking into account the experience of economically developed countries, is a factor of economic development for Tajikistan. Foreign economic relations are very important for any independent state, since they are necessary and beneficial, and implemented in various forms. The author considers the attraction of foreign and domestic investment in free economic zones one of the main factors for the development of these zones.

**Key words:** investments, export, import, free economic zones, innovative technologies, foreign economic activity, financial services, material and financial resources, strategy of economic name.

**Сведения об авторах:** ***Сайдиев Акмал Девонаевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры таможенного дела. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: **akmal_0219@mail.ru**. Телефон: **(+992) 501-04-76-86**
***Мамадбекова Насаб Алибековна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры таможенного дела. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. E-mail: **nasab0304@gmail.com**. Телефон: **(+992) 93-713-03-04**

**Information about the authors:** ***Saidiev Akmal Devonaevich*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of International Financial and Credit Relations. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E-mail: **akmal_0219@mail.ru.** Phone: **(+992) 501-04-76-86**
***Mamadbekova Nasab Alibekovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Customs and logistics activities Department. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E-mail: **nasab0304@gmail.com**. Phone: **(+992) 93-713-03-04**

**УДК: 656+654:31(575.3)**

# АРЗИШИ ДАРОМАД ВА ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ АВТОМОБИЛГАРДИ МУСОФИРКАШОН

***Абдуллоева Н.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав**

Нақлиёт соҳаи истеҳсолоти моддиест, ки кашонидани борҳо, мусофирон ва бағоҷро амалӣ мегардонад ва яке аз заминаҳои асосӣ ва муайянкунандаи рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Инкишофи соҳаи нақлиёт, дар навбати худ, воситаи мусоидат ба савдои дохилӣ ва хориҷӣ буда, омили асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва транзитии байналмилалии кишвар маҳсуб меёбад [1]. Дар иқтисоди миллӣ воситаи нақлиёт нақши муҳимро дорад, ки аз нақлиёти боркаш ва мусофиркашон ва дигар намудҳои нақлиёт иборат аст ва аз нуқтаҳо ба самтҳои муайян равона карда шудааст. Дар системаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ КАМ ҷойи махсусро ишғол намуда, мақсади асосии корхона ба даст овардани фоида мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, фоида ҳамчун нишондиҳандаи асосии корхона ба шумор меравад. Фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратии корхона, инчунин барои сарчашмаи афзун сохтани мусофирон ва рушду нумуи он ва ҷалб намудани маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсияҳо ва таъмини эҳтиёҷоти дигар, аз он ҷумла ашёи моддӣ ба роҳ монда мешавад.

Фаъолияти истеҳсолии нақлиёти боркаш бо ҳаҷми интиқоли мол ва гардиши бор, ҳаҷми маҳсулотҳои интиқолдиҳанда (тонна) тавассути масофаи интиқоли онҳо (километр) муайян карда мешавад. Фаъолияти кории воситаи нақлиёти мусофиркаш бошад, интиқол додани мусофирон бо ҷойи зарурӣ мебошад. Ронандаи воситаи нақлиёти мусофиркаш бо зиёд кардани шумораи мусофирон, ки масофаи интиқол (километр) мебошад, муайян карда мешавад ва фоидаи асосӣ дар он таҷасум меёбад.

Ташкили фаъолияти истеҳсолӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ хусусиятҳои хосро дорост:

1) алоқамандӣ бо кор;
2) кори босалоҳият бо мизоҷ;
3) пардохти хизматрасониҳо аз ташкилотҳои дигари соҳаҳои иқтисодиёт.

Ин бо сабаби он аст, ки аввалин корхонаҳои нақлиётӣ дар аксари ҳолатҳо имконияти пешпардохт барои хидматҳои расонидашударо истифода мебаранд ва дар навбати худ, раванди интиқолдиҳӣ аз оғози он барои интиқол додани мол ба молгиранда хеле кам аст.

Дар даромадҳои ҳар як корхона, аз ҷумла нақлиёти автомобилӣ, даромади пулӣ, пули нақд аз иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои нақлиётӣ барои фурӯши молҳо ва ғайра иборат аст. Корхонаҳои автомобилӣ аз ҳисоби интиқоли мусофирон, боркунӣ ва борфарорӣ, интиқоли бор, фурӯши арзиши амвол, таъмир ва нигоҳдории таҷҳизоти нақлиётӣ, иҷора ва хизматрасонии дигар даромад мегиранд [2]. Барои онҳо, арзиши корҳо ва хизматрасониҳо дар нарх ё тарофаи ин хидмат оварда шудаанд. Аз ҳисоби фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) маблағе, ки дар ҳисоби ҳисоббарории КАМ гирифта шудааст, барои хизматрасониҳо анҷом дода мешавад.

Маблағи саривақт ва даромади воқеӣ дар фаъолияти иқтисодии ҳар як корхонаи нақлиёт мебошад.

Якум, ин манбаи асосии мунтазам барои ширкат дар робита бо ҳар як андозаи имконпазир мебошад.

Дуюм, раванди гардиши ҳамаи фондҳои КАМ бо фурӯши хизматрасониҳо ва даромадҳо, яъне барқарорсозии маблағҳое, ки сарф карда мешаванд ва фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои барқароршавии давраи оянда (расми 1).




Аз лаҳзаи гирифтани даромад вобаста ба суботи молиявии ширкат, вазъи сармояи кории он, фоида, саривақтии ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет, маблағҳои иловагии буҷетӣ, бонкҳо, таъминкунандагон ва кормандон вобаста аст. Маблағи пасандозии даромад ба пардохти ҷаримаҳо ва санксияҳо оварда мерасонад, ки ниҳоят на танҳо боиси аз даст додани фоидаи ширкати мизоҷ, балки низоъ дар кор ва қатъ кардани истеҳсолот дар корхонаҳои дахлдор мегардад [3].

Пардохте, ки аз ҷониби КАМ гирифта шудааст, ба ҳисоби ҷорӣ ҳисоб карда мешавад. Маблағ ба ҳисоби ҳозираи ширкат фавран барои пардохт намудани пардохтҳо барои таъминкунандагони маводи сӯзишворӣ, ашёи хом, маводҳо, ҷузъҳо, маҳсулоти нимтайёр, қисмҳои эҳтиётӣ ва ғайра истифода мешаванд. Фоизҳо ба буҷет ва маблағҳои иловагӣ, андозаи музди меҳнат, андозаи музди истеҳсолоти истеҳсолӣ, пардохти хароҷоти дар нақшаи молиявӣ пешбинишуда ва нархи маҳсулотро дар бар намегиранд. Даромад аз фурӯши маҳсулот (хизматрасониҳо), сарфи назар аз нишонаҳои беруна (шакли пулӣ, гирифтани маблағҳо, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, манбаи пардохтҳои гуногуни корхона), маънои дарки пурраи калимаро надорад, танҳо ба маблағи ҷуброни хароҷот, музди меҳнат ҷуброн карда мешавад.Қисми боқимондаи даромад даромадҳои холиси ширкатро дар бар мегирад. Ин омилҳо, дар навбати худ, ба андозаи даромад таъсир мерасонанд: якум, интиқол, гардиши ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, муҳлати иҷроиши фармоиш, риояи шартҳои шартнома, шаклҳои муносиби ҳисоббаробаркунӣ, сатҳи нархҳо, дар навбати аввал, вобаста ба фаъолиятҳои КАМ, вайрон кардани шартномаҳо аз ҷониби молрасони моддӣ, захираҳо, пардохти дертар аз хизматрасонӣ бо сабаби набудани маблағҳои муштариён.

Вобаста ба ин банақшагирии фурӯши хидматҳои худ мумкин аст барои соли оянда, барои семоҳа пешгӯӣ карда шавад. Банақшагирии нақшаи солона, инчунин хароҷоти нақлиётӣ бо сабаби шароити ноустувори иқтисодӣ мушкил аст. Банақшагирии дукаратаи ҳарсола имкон медиҳад, ки барои муайян кардани фоида ба ҳисоби аккаунти АТР амалӣ намудани фоида муайян карда шавад.

Маблағи даромад аз корҳои иҷрошуда ва хизматрасонии нақлиётӣ вобаста ба ҳаҷми кор (хизматрасонӣ) ва нарх ва тарифҳои дахлдор барои ҳар як самти фурӯши онҳо вобаста аст [4]. Бақайдгирии маблағҳои пулӣ, ки вобаста ба ихтиёрдории воситаҳои асосӣ, активҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, арзиши фурӯши коғазҳои қиматнок аз ҳисоби фурӯши хадамоти нақлиёт мебошад, ба инобат гирифта намешавад. Натиҷаҳои чунин амалҳо ҳамчун фоида ё талафот ҳисобида мешаванд ва ҳангоми муайян кардани фоида (баланси) ба назар гирифта мешаванд. Нишондиҳандаҳои нақдӣ барои ин амалиётҳо метавонанд зудтар ба нақша гирифта шаванд, масалан, ҳангоми таҳияи тақвими пардохт. Корхонаҳои нақлиётӣ усулҳои баҳисобгирии муҳосибиро аз иҷрои кор ва пешниҳоди хизматрасонӣ дар асоси шартҳои тиҷоратӣ ва шартномаҳои басташуда мустақилона интихоб мекунанд.

Даромадҳо даромад аз фурӯшро ташкил медиҳанд, маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), инчунин даромад аз амалиёти ғайриманқуле, ки даромад аз амалиёти молиявӣ, тиҷоратӣ, фаъолиятҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғайра мебошанд. Тавре ки дар боло зикр шуд, даромадҳои ташкилотҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҳисоби даромадҳо аз ҳамаи намудҳои фаъолиятҳои тиҷоратии корхона - боркашонӣ ва мусофиркашонӣ, нигоҳдорӣ ва

таъмири нақлиёти автомобилӣ, хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ, кирояи биноҳо, иншоотҳо, воситаҳои нақлиёт, инчунин дигар даромад ва фаъолиятҳоро ба даст оварда мешаванд.

Даромади истеҳсолот барои арзиши масолеҳи истеъмолшуда аз ҳисоби даромадҳо, фонди истеҳлокӣ мутобиқи меъёрҳои истеҳлокӣ ташкил карда мешавад, музди меҳнати кормандон, андозҳо ва пардохтҳои ғайрирасмӣ пардохта мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақлиёт», Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №396 аз 14.09.1999 қабул шудааст ва банди 8-уми Низомномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №602 аз 28.12.2006 қабул шудааст.
2. Минск 2009 Волков, О.И. Экономика предприятия / О.И. Волков. -М., 2000.
3. Ивуть, Р.Б. Бизнес-план предприятия / Р.Б. Ивуть, Н.Н. Пилипук. -Минск: Вышэйшая школа, 2000.
4. Логистика Министерство Транспорта Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. www.mintrans.tj/ru/ground-transportation/logistika
5. Ивуть, Р.Б. Экономика автомобильного транспорта: учебно-методическое пособие: в 2 ч. / Р.Б. Ивуть. -Минск: БИТУ, 2009. -Ч.2. -275 с.
6. Егоршин, А.П. Управление персоналом / А.П. Егоршин. -Н. Новгород, 1997. -137 с.
7. Ивуть, Р.Б. Методическое пособие к выполнению курсового и дипломного проектирования по разработке бизнес-плана / Р.Б. Ивуть, Н.Н. Пилипук, Т.Р. Кисель. -Минск: БЕПА, 1999.
8. Экономическая безопасность / Р.А. Кожевников [и др.]. -М.: МИИТ, 2001.


## АРЗИШИ ДАРОМАД ВА ФОИДАИ КОРХОНА КАМ


Мақолаи мазкур масъалаҳои назариявиро дар бар гирифта, дар он системаи нишондиҳандаҳои иқтисодии КАМ ҷойи махсусро ишғол менамояд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, фоида ҳамчун нишондиҳандаи асосии фаъолияти молиявӣ ва мизоҷони ташкилот, инчунин манбаи рушди он, маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ, қонеъгардонии эҳтиёҷоти дигар, аз ҷумла моликияти коллективӣ ҷомеа маҳсуб меёбад. Ҳамчунин дар ин мақола муаллиф тавсияҳо оид ба категорияи иқтисодии фоида даромадҳои софро дар соҳаи истеҳсоли масолеҳ инъикос намудааст, ки таъсири иқтисодӣ дар натиҷаи фаъолияти корхона муайян карда мешавад. Маблағе, ки дар корхона ба даст оварда шудааст, маънои онро дорад, ки даромади гирифташуда аз ҳама хароҷоти вобаста ба фаъолияти худ зиёдтар аст.



**Калидвожаҳо**: даромад аз амалиёт, истеҳсол ва фурӯши молҳо, маҳсулот, кор, хизматрасонӣ, даромад аз иштирок дар фондҳои ваколатдори ташкилотҳои дигар, таъмири нақлиёти автомобилӣ, хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ, иҷора додани биноҳо, иншоотҳо, воситаҳои нақлиёт, даромад ва амалиётҳои ғайрикишоварзӣ.


## СУЩНОСТЬ И ЗНАЧЕНИЕ ДОХОДОВ И ПРИБЫЛИ ПРЕДПРИЯТИЯ АТП


В данной статье рассматриваются теоретические вопросы и особое место отводится системе экономических показателей АТП. В условиях рыночной экономики прибыль является основным показателем финансовых результатов деятельности организации, а также источников финансирования инновационных и инвестиционных проектов, удовлетворения других потребностей, в том числе коллективной собственности общества. Также в данной статье авторитетные рекомендации по экономической классификации отражают чистый доход в сфере производства, что влияет на экономический эффект от деятельности предприятия. Сумма, заработанная на предприятии, означает, что заработанный доход выше стоимости его деятельности.



**Ключевые слова:** доходы от операций, производство и реализация товаров, продукция, работы, услуги, доходы, полученные от участия в уставных фондах других организаций; ремонт автотранспортных средств, транспортно-экспедиционные услуги, аренда зданий, сооружений, транспортных средств, операционные и внереализационные доходы.


## THE ESSENCE AND VALUE OF THE INCOME AND PROFITS OF THE ENTERPRISE MC


This article discusses theoretical issues and a special place is given to the system of economic indicators of mc. In a market economy, profit is the main indicator of the financial performance of an organization, as well as its sources, financing innovative and investment projects, satisfaction of other needs, including the collective ownership of society. Also in this article, authoritative recommendations on economic classification reflect the net income in the sphere of production, which affects the economic effect of the activities of the enterprise is determined. The amount earned in the enterprise means that the earned income is higher than the value of its activities.



**Key words:** income from operations, production and sale of goods, products, works, services, income derived from participation in the authorized capital of other organizations; repair of motor vehicles, freight forwarding services, rental of buildings, structures, vehicles, operating and non-operating income.



**Сведения об авторе:** ***Абдуллоева Назира М.*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры финансов. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **902-99-09-26**. E-mail: **AbdulloevaNazira1986@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Nazira M.*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Finance. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street 67. Phone: **902-99-09-26.** E-mail: **AbdulloevaNazira1986@mail.ru**

УДК:312 (575.3)

# ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛИИ ШАҲРВАНДОН

*Раҳматов Б.К.*

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Бозор, дар маҷмӯъ, низоми равобити иқтисодиест, ки байни фурӯшандагон ва харидорони молу хизматрасониҳо ба вуҷуд меояд. Инчунин, бозорро ҳамчун фазои иқтисодиву ҷуғрофӣ шарҳ додан мумкин аст, ки дар он раванди муомилоти мол, яъне раванди мубодилаи мол ба пул ва пул ба маҳсулот ҷараён мегирад. Зери мафҳуми «бозор», метавон механизми амали якҷояи фурӯшандагон ва харидорони молу хизматрасониҳоро фаҳмид.

Дар байни бозорҳо бозори меҳнат ҳамчун заминаи асосии муносибатҳои бозоргонӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд, зеро идоракунии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, идоракунии фаъолияти меҳнатиро дар назар дорад. Барои иқтисоди бозорӣ, бозори меҳнат ҳайати табиӣ буда, барои иҷрои вазифаи тақсимотӣ ва азнавтақсимкунии меҳнати ҷамъиятӣ хизмат менамояд. Ин тақсимот мутаносибан дар соҳаҳои кишоварзӣ ба намудҳои шуғли мавҷуда, оид ба меъёрҳои натиҷагирии ҳосилнокӣ ва истеҳсолоти меҳнат амалӣ мегардад. Зимнан, ин раванд дар робита бо талаботҳои ҷамъиятӣ ва шаклҳои моликиятдорӣ сурат мегирад.

Гузариш аз низоми марзию маъмурӣ ба иқтисоди бозоргонӣ ба механизми шуғл як қатор тағйиротҳои назаррасро ворид менамояд. Қайд намудан лозим аст, ки дар шароити нав таҳия намудани чорабиниҳои иҷтимоиву иқтисодии сиёсат, аз ҷумла сиёсати шуғл, бо зарурати фаҳмиши назариявӣ ва асосноккунии назарияҳои иқтисодие, ки ба масъалаи меҳнат ва шуғл мансубанд, вобастагӣ дорад. Аз ин бармеояд, ки ҷиҳатҳои зиёди сатҳи омӯзиши масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз марҳилаи таърихии таҳияи назарияи мазкур вобастаанд.

Таърихи омӯзиши назарияи классикии шуғл бо номи олимони англис, ба монанди А. Смит, Д. Рикардо, Ж.Б. Сей ва дигарон алоқаманд аст. Аз ҷумла, А. Смит, дар меҳнати илмии асосии худ «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои бойигарии халқҳо», баҳси илмиро бо ҳамасрони худ, олимони иқтисодчӣ, масалан, бо намояндагони мактаби меркантилистон ва физиократҳо оғоз намуд. Ӯ чунин мешуморид, ки «... бойигарии халқ дар раванди истеҳсолот ташаккул мeёбад ва манбаи асосии он меҳнати инсон буда, шуғли пурра - меъёри иқтисоди бозорӣ аст» [8,с.124].

Мафҳуми «бозори меҳнат», дар фаҳмиши маҳдуд, маънои ҷоеро дар назар дорад, ки байни соҳиб ва фурӯшандаи қувваи корӣ хариду фурӯш мегузарад. Вале қобили қайд аст, ки раванди кирояи қувваи корӣ чорабинии ниҳоят мушкил буда, зинаи натиҷавии қонеъгардонии талаботи миқдорӣ ва сифатии қувваи кориро барои тоҷир муайян менамояд. Ба қарор омадани коргарон оиди фурӯши қувваи корӣ, ҳамчунин раванди дарозмуддати қабули қарорҳо ва содир намудани амалҳои асосноккардашуда пеш меояд. Дар баъзе сарчашмаҳо пешниҳод шудааст, ки истилоҳи «бозори меҳнат»-ро бо истилоҳоте, ки ба моҳияти он мутаносибанд, иваз карда шавад. Қайд намудан лозим аст, ки бозори меҳнат аз дигар бозорҳои моливу моддӣ ба куллӣ фарқ мекунад, зеро дар ин ҷо нақши омилҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоиву психологӣ беандозa боло мебошад. Мафҳуми «бозори меҳнат», тавре ки намояндагони Ташкилоти байналмилалии меҳнат (ТБМ) қайд менамоянд, ки ҳақиқати «сохторҳои соҳибкорӣ ва субъектҳои меҳнат якҷоя музокироти коллективӣ ё инфиродиро оиди шароит ва музди меҳнат мегузаронанд», асоснок мегардонанд.

Масъалаҳои бозори меҳнатро таҳқиқ намуда, Л.В. Бондаренко менависад, ки бозори меҳнат «... маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие (дар навбати аввал, муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ) мебошад, ки байни моликони қувваи корӣ, меҳнат (фурӯшанда) ва моликони истеҳсолот ба вуҷуд омада, мутобиқи қонуни талабот ва пешниҳод, арзиш, рақобат ва муомилоти пулӣ амалӣ мегардад» [8,с.63-64].

**Ҷадвали 1. Сохтори шуғл дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
**Structure of employment in the economy of the Republic of Tajikistan**

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шуғл фаро гирифта шудаанд (ҳаз. наф.) | 2249,3 | 2291,5 | 2307,3 | 2325,4 | 2379,7 | 2384,2 | 2407 |
| Дар соҳаи воқеӣ (ҳаз. наф.) | 1671,8 | 1685 | 1682,7 | 1682,6 | 1704 | 1694,8 | 1685,3 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Фоизи шуғл дар соҳаи воқеӣ | 74,33% | 73,53% | 72,93% | 72,36% | 71,61% | 71,1 | 70,0 |
| Дар соҳаи хизматрасонӣ (ҳаз. наф.) | 577,6 | 606,5 | 624,6 | 642,8 | 675,7 | 690,5 | 721,7 |
| Фоизи шуғл дар соҳаи хизматрасонӣ | 25,67% | 26,47% | 27,07% | 27,64% | 28,39% | 29,91% | 29,9% |

*Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумотҳои – «Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ». Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: АОПҶТ, 2017. - С. 84-85

Аз ҷадвали 1 пастшавии тамоюли муътадили шуғли аҳолӣ дар бахши воқеии иқтисодиёти кишвар дар муддати ҳафт сол мушоҳида карда мешавад. Ҳамзамон, шумораи бекорон зиёд гардида, ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ ба афзоиш аст. Вазни қиёсии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ки дар соли 2011 2360,3 ҳаз. нафар ё 49,29%-и ҳамаи захираҳои меҳнатии кишварро ташкил медод, дар соли 2017 бошад, ба 2407ҳаз. нафар ё 107,0% расид [10,с.62].

Тоҷикистон дар байни кишварҳои ИДМ аз рӯйи нишондиҳандаи миёна музди меҳнат дар ҷойи аз ҳама охирон ҷойгир аст.

Чунин вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатиро муайян намуд. Ҳайати асосии захираҳои меҳнатӣ ба кишварҳои ИДМ, аз он ҷумла аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Русия бо умеди дарёфти кори баландмузд раҳсипор мегарданд.

Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз дошт: «Масъалаҳои вобаста ба тайёр кардани кадрҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии кори иҷтимоӣ ва таъмини муҳити дастрас барои маъюбон беҳбудиро тақозо доранд.

Аз ин рӯ, ба вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм супориш дода мешавад, ки оид ба ҳалли мушкилоти мавҷуда чораҳои зарурӣ андешида, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намоянд.

Ҳукумати кишвар ба масъалаи шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатиро амалӣ намуда истодааст.

Соли 2017-ум 135 ҳазор ҷойи кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ ташкил шудааст, ки ин мушкилоти нарасидани ҷойҳои кориро дар мамлакат ҳал карда наметавонад.

Аз ин рӯ, мо бояд дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватанӣ ва тавассути ҳарчи бештар ҷалб намудани сармояи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим сохтмони корхонаҳои хурду миёна ва азхудкунии заминҳои навро, ки омили муҳайё кардани ҷойҳои кори нав мебошанд, ҷиддӣ ба роҳ монем.

Вобаста ба ин, Ҳукумат вазифадор аст, ки ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои хурду миёна тадбирҳои бетаъхир андешад ва дар давоми соли 2018-ум 110 ҳазор ҷойи кори доимӣ, бахусус, барои занону ҷавонон таъсис диҳад.

Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишварро таҳлил карда, ҷалби онҳоро ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ таъмин созанд.

Дар баробари ин, касбомӯзии калонсолонро ба роҳ монда, дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ марказҳои касбомӯзӣ ташкил карда шаванд» [5,с.7].

Дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ мавқеи сеюмро ишғол менамояд ва ба ҳолати 1 январи соли 2017 шумораи аҳолии доимии Тоҷикистон 8 миллиону 742,8 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016 таҳти №366 “Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019” шумораи аҳолии доимии Тоҷикистон дар соли 2018 ба 9 миллиону 37,3 ҳазор нафар ва дар соли 2019 бошад, ба 9 миллиону 245,0 ҳазор нафар мерасад.

Бо дарназардошти афзоиши табиии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар солҳои 2018-2019, афзоиши шумораи қувваи корӣ (аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол) низ ба амал меояд. Дар солҳои 2018-2019 шумораи қувваи корӣ дар Тоҷикистон мутаносибан то 2 миллиону 584,7 ва 2 миллиону 644,0 ҳазор нафар мерасад. Дар муқоиса бо соли 2016 афзоиши қувваи корӣ дар ин солҳо 8,4%-ро ташкил медиҳад.

Шумораи аҳолии машғули кор бошад, дар ин давра 97,6%-ро аз шумораи умумии қувваи корӣ ташкил намуда, соли 2018 ба 2 миллиону 522,7 ҳазор нафар ва соли 2019 ба 2 миллиону 580,5 ҳазор нафар мерасад [7,с.1-2].

**Ҷадвали 2. Таносуби шумораи аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор барои солҳои 2016-2019**

**Table 2. Proportion of population, labor resources, labor force and employed population for 2016-2019**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Аҳолии машғули кор | 2384,2 | 2491,5 | 2522,7 | 2580,5 |
| Қувваи корӣ | 2438,3 | 2552,8 | 2584,7 | 2644 |
| Захираҳои меҳнатӣ | 5224,3 | 5238,7 | 5395,2 | 5519,2 |
| Шумораи аҳолӣ | 8742,8 | 8925,8 | 9037,3 | 9245 |

Сарчашма: Ҳисобҳои муаллиф мутобиқи нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019




Афзоиши шумораи аҳолии доимӣ, захираҳои меҳнатӣ, қувваҳои корӣ ва аҳолии машғули кор барои беҳтар гардидани вазъи ичтимоию иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Тибқи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, №366) дар назар аст, ки дар соли 2017 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 58,9 миллиард сомонӣ, соли 2018 65,7 миллиард сомонӣ ва дар соли 2019 ба 73,5 миллиард сомонӣ мерасад.

Сиёсати шуғл яке аз ҷузҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ буда, барои гузаронидани чорабиниҳое, ки ба фароҳам овардани шароити истифодаи пурраи неруи меҳнатӣ, соҳибкории шаҳрвандони қобили меҳнат ва чорабиниҳое, ки зидди бекорӣ муносибанд, нигаронида шудааст. Аз самаранокии шуғл қобилияти нигоҳ доштани сатҳи зиндагии мутаносиби тамоми аҳолии кишвар, аз ҷумла, кӯдакон, пиронсолон, маъюбон ва бекорон вобастагии калон дорад.

Даромади моддӣ дар ҳаёти ҳар як шахс нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро манбаи бевоситаи қонеъгардонии ниёзҳои шахс ба ҳисоб меравад. Музди меҳнат манбаи асосии даромад аст, вале аксар вақт бузургии он барои қонеъгардонии талаботи одии инсон нокифоя аст. Бинобар ин, давлат ваколатдор мешавад, ки танзими музди меҳнатро ба уҳда гирад, аҳолӣ бошад, манбаъҳои дигари даромадро ҷустуҷӯ намояд. Дар ҳолатҳои зиёд даромади шумораи ками аҳолӣ баръакси шумораи зиёди аҳолӣ хело калон аст. Аз ҳамин сабаб дар ҷомеа вазъи норозигӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳалли он низ ба уҳдаи давлат вогузор мегардад.

Таъмини шуғли пурмаҳсул ба афзоиши истеъмолот, пасандозҳо ва сармоягузориҳо мусоидат мекунад. Шумораи аҳолии қобили меҳнат соли 2030 6,8 млн. нафарро ташкил хоҳад дод. Шумораи умумии аҳолии ба шуғл машғулбуда бояд то 70% аҳолии қобили меҳнат дар соли 2030 зиёд гардад. Дур шудан аз бартарияти ҳиссаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ бояд қисми муҳимми ислоҳот дар соҳаи шуғл ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат гардад ва бо таҷдиди сохтории бахши воқеӣ алоқаманд бошад (аз рӯйи сенарияи индустриалӣ ё индустриалию инноватсионӣ). Ҳиссаи аҳолии дар соҳаи хизматрасонӣ машғулбуда аз 27,6% то 60%, дар саноат аз 3,3% то 15-20% афзоиш ёбад.

Ин маънои онро дорад, ки тақрибан 70% афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар деҳоти

ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 2016-2030 дар соҳаҳои саноат, иҷтимоӣ ва таҳсил дар макотиби таҳсилоти касбӣ машғул бошанд. Шуғли расмӣ аз 40% то 70% аз шумораи умумии аҳолии машғулбуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёбад [6,с.68].

Дар шароити иқтисодиёти банақшагирӣ, вақте ки моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот ҷорӣ гардида буд, афзалият ба механизми давлатии танзимкунии даромадҳои аҳолӣ дода мешуд, дар шароити иқтисоди бозорӣ ва шаклҳои хусусии моликиятдорӣ афзалият ба механизми танзимкунии давлатӣ дода шудааст. Дар натиҷаи татбиқи механизми мавҷудаи танзими даромадҳо тақсимот ва азнавтақсимкунии арзиши таъсисдода, яъне баъд аз тақсимот дар байни соҳибони воситаҳои истеҳсолот тавассути ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба назар мерасад.

Оиди танзими давлатии даромадҳои аҳолӣ профессор Қодиров Д.Б. чунин қайд намудааст: «Танзими сахти давлатӣ танҳо барои даромадҳое, ки сарчашмаи онҳо буҷети давлатӣ ва фондҳои ғайрибуҷетии давлат ба ҳисоб меравад, нигоҳ дошта шуд. Зимнан, яке аз воситаҳои танзими давлатии даромадҳо ва ҳамзамон шакли ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, системаи кафолатҳои давлатӣ, иҷтимоӣ шуд, ки худ нисбати даромадҳои пулии аҳолӣ чунин пардохтҳоро дар бар мегирад: пардохти музди меҳнати моҳонаи ҳадди ақал, меъёри пардохти музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, ҳадди ақали нафақа аз рӯйи пиронсолӣ, ёрдампулиҳои гуногун (оид ба бекорӣ, оид ба корношоямии муваққатӣ, барои кӯдакон ва ғ.) инчунин механизми индексатсияи онҳо мутобиқи динамикаи нархҳо» [9,с.88].

Бо назардошти вазъи воқеӣ дар бозори меҳнат ва эҳтимолияти ногузири таъсири буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон, танзими масъалаи муносибатҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ нақши аввалиндараҷаро касб менамоянд ва хеле муҳим аст, ки тақсимоти аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар мақсаднок амалӣ карда шавад.

Дар солҳои 2018-2019 афзоиши шумораи аҳолӣ ҳар сол тибқи пешгӯиҳо 2,0-2,3%-ро ташкил намуда, дар соли 2019 то 9245,0 ҳаз. нафар меафзояд, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита дорад. Мувофиқи пешгӯиҳо шумораи аҳолӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2016 502,8 ҳаз. нафар зиёд мешавад ва дар ин ҳолат шумораи захираҳои меҳнатӣ 293,9 ҳаз. нафар ва қувваҳои корӣ 184,0 ҳаз. нафар меафзояд [7,с.6].

Бо назардошти гуфтаҳои боло мо ба чунин хулоса омадем:

1. Яке аз масъалаҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат аз он иборат аст, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ равишҳои гуногуни муайяннамоии категорияҳои пурра ва натиҷавии шуғлро ёфтан мумкин аст. Аз як тараф, шуғли пурра ҳамчун «кофӣ будани ҷойҳои корӣ барои ниёзмандон» маънидод карда шудааст. Аз тарафи дигар, ин мавқеи иштироки фаъолонаи аҳолӣ дар фаъолияти ҷамъиятӣ мебошад.

2. Категорияи «шуғли самарабахш» низ яке аз мафҳумҳои мушкил аст. Ба ақидаи мо, арзёбии миқдории ин параметр тавассути низоми муайяни нишондиҳанда, ба монанди: сатҳи мавҷудаи шуғли аҳолии касбӣ; сатҳи шуғли фаъоли аҳолӣ дар хоҷагии ҷамъиятӣ; сохтори тақсимоти захираҳои меҳнатӣ бо самтҳои фаъолияти ҷамъиятӣ; сохтори тақсимоти натиҷавии кор аз рӯйи бахшҳои иқтисодиёт; таносуби мувофиқатии сохторҳои кормандон бо назардошти тахассуси касбӣ; меъёри бекорӣ ва ғайраҳо бештар воқеӣ аст.

3. Ҳалли мушкилоти шуғл дар шароити муосир бо роҳи истифодаи васеи номенклатура ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии хадамоти шуғл дар бозори меҳнат имконпазир аст. Гузаронидани мониторинги бозори меҳнат аз рӯйи сохтори алоҳидаи вазифаҳо ва ихтисосҳо ҳатмист. Ҳамкории хадамоти шуғл бо муассисаҳои олӣ ва миёнаи таълимӣ барои тайёр намудани мутахассисоне, ки дар оянда бозори меҳнат ниёзманди онҳо бошад, муҳим аст.

4. Рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ боиси таъминнокии шуғл мегардад. Аз ин лиҳоз, амалӣ намудани тадбирҳо барои дастгирии молиявии ташаббусҳои соҳибкории шаҳрвандони бекор дар бахши истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва тиҷорат барои шуғли пурмаҳсул ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ сабаб мегардад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / дар нашри Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи с.2001, №41, аз 3 майи с. 2002, №5, аз 1 марти с. 2005, №85, аз 29 апрели с.2006, №180, аз 12 майи с. 2007, №247, аз 11 марти с.2010, №601, аз 29 декабри с. 2010, №640]. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 624 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №6, мод.428; соли 2008, №6, мод. 448; с. 2010, №7, мод. 568; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 с., №1428; аз 28.08.2017 с., №1461).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои давлатии иҷтимоӣ» [Матн]// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. -№8. -541 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зист» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2009. -№5. -328 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018.
6. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -88с.
7. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019. -35 с.
8. Бондаренко Л.В. Занятость, доходы и потребление сельского населения [Текст]/ Л.В. Бондаренко. -М.: ГНУ ВНИИЭСХ, 2012. -128 с.
9. Кадыров Д.Б. Механизм регулирования доходов населения / Д.Б. Кадыров. - Душанбе: Ирфон, 2003. - 153 с.
10. Таджикистан и страны СНГ за 2014 год: статистический сборник [Текст]. - Душанбе: АСПРТ, 2015. - 78 с.

## ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ НЕКУАҲВОЛИИ ШАҲРВАНДОН

Дар мақолаи мазкур оиди нақши шуғл дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандони ҷумҳурӣ сухан меравад. Дар шароити муосир зиёди қисми аҳолии ҷумҳурӣ бекор ё муваққатан бекор буда, дар ҷустуҷӯи кор ё аз сабаби кам будани музди меҳнат маҷбуранд, ки ба кишварҳои ИДМ, аз ҷумла ба Русия бо умеди дарёфти кори баландмузд раҳсипор гарданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамасола барои таъмини ҷойҳои нави корӣ тамоми чораҳои заруриро меандешад. Дар марказҳои шуғли аҳолии шаҳри Душанбе ва вилоятҳо махсус ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ бо мақсади таъмини шаҳрвандони бекор бо ҷойи корӣ гузаронида мешаванд. Ба ғайр аз ин, шаҳрвандон имконияти ба чунин марказҳо муроҷиат намуданро ҳама вақт доранд. Сиёсати шуғл яке аз ҷузъҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ буда, барои гузаронидани чорабиниҳое, ки ба фароҳам овардани шароити истифодаи пурраи неруи меҳнатӣ, соҳибкории шаҳрвандони қобили меҳнат ва чорабиниҳое, ки зидди бекорӣ муносибанд, нигаронида шудааст. Аз самаранокии шуғл қобилияти нигоҳ доштани сатҳи зиндагии мутаносиби тамоми аҳолии кишвар, аз ҷумла, кӯдакон, пиронсолон, маъюбон ва бекорон вобастагии калон дорад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин қайд намудаанд: “Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила, рушди сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки масъалаи шуғли аъзои ҳар як оилаи кишварро таҳлил карда, ҷалби онҳоро ба соҳаи кишоварзӣ, корҳои хонагӣ, косибӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, корҳои мавсимӣ ва хизматрасонӣ таъмин созанд”.

**Калидвожаҳо:** шуғл, нақши шуғл, дарёфти кори баландмузд, таъмини шаҳрвандони бекор бо ҷойи корӣ, сиёсати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандони ҷумҳурӣ.

## ЗАНЯТОСТЬ НАСЕЛЕНИЯ И ЕЕ РОЛЬ В ПОВЫШЕНИИ БЛАГОСОСТОЯНИЯ ГРАЖДАН

В данной статье говорится о роли занятости в повышении благосостояния граждан Республики. В современных условиях большинство граждан республики являются безработными или временно безработными, вынуждены участвовать в поиске работы или из-за низкой заработной платы направляются в страны СНГ, в том числе в Россию, в надежде найти высокооплачиваемую работу. Правительство республики приступает к принятию всех необходимых мер для обеспечения рабочих мест. В центрах занятости населения города Душанбе и областей будут проведены специальные ярмарки рабочих мест с целью обеспечения безработных граждан рабочими местами. Кроме того, граждане имеют возможность обращаться в такие центры. Политика занятости является важной частью социальной политики, направленной на проведение мероприятий, по созданию условий для полного использования трудового потенциала, предпринимательства трудоспособных граждан и против безработицы. От эффективности занятости в значительной степени зависит способность поддерживать оптимальный уровень жизни всего населения страны, в том числе детей, пожилых людей, инвалидов и безработных. Президент страны Эмомали Рахмон в своем очередном Послании отметил: «Министерствам труда, миграции и занятости населения, промышленности и новых технологий, образования и науки, комитетам по делам молодежи и спорта, женщин и семьи, развитию туризма, исполнительным органам государственной власти областей, городов и районов необходимо проанализировать вопрос занятости членов каждой семьи страны и обеспечить их привлечение в сферу сельского хозяйства, надомного труда, народных ремесел, а также работ и услуг».

**Ключевые слова:** занятость, роль занятости, поиск высокооплачиваемой работы, обеспечение безрабоных граждан рабочими местами, социальная политика, повышение уровня благосостояния граждан республики.

## EMPLOYMENT AND ITS ROLE IN IMPROVING THE WELFARE OF CITIZENS

This article refers to the role of employment in improving the welfare of citizens of the Republic. In modern conditions, the majority of citizens of the Republic are unemployed or temporarily unemployed, forced to participate in job search or because of low wages, sent to the CIS countries, including Russia in the hope of finding a high-paying job. The government of the Republic is taking all necessary measures to provide jobs. Special job fairs will be held in the employment centers of the city of Dushanbe and the regions in order to provide unemployed citizens with jobs. In addition, citizens have the opportunity to apply to such centers. Employment policy is an important part of social policy aimed at carrying out activities aimed at creating conditions for the full use of labor potential, entrepreneurship of able-bodied citizens and against unemployment. The ability to maintain an optimal standard of living for the entire population, including children, the elderly, the disabled and the unemployed, depends to a large extent on the effectiveness of employment. The President of the country Emomali Rahmon in his next Message said: "the Ministries of labour, migration and employment of population, industry and new technologies of education and science, committees on Affairs of youth and sports, women and family, development of tourism, the Executive bodies of state power of regions, cities and districts it is necessary to analyze the issue of employment of the members of each family of the country and to ensure their involvement in agriculture, domestic work, cottage cheese, folk crafts, as well as works and services".

**Key words:** employment, the role of employment, the search for high-paying jobs, providing unemployed citizens with jobs, social policy, improving the welfare of citizens of the republic.

**Сведения об авторе:** ***Рахматов Бахтовард Кушиевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **931-55-36-86**

**Information about the author:** ***Rakhmatov Bakhtovard Kushievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the department of accounting. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: **931-55-36-86**

**УДК 31:37(575.3)**

# АСОСҲОИ ИЛМИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ МАОРИФ

***Боқилов Б., Қараева Ҷ.Ғ.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Идоракунӣ маҷмӯи усул ва омилҳои мақсадноки ба объект равонакардашуда барои ба даст овардани натиҷаҳои муайян ва дилхоҳ мебошад.

Ҳамчун фаъолияти мақсадноку бошууронаи одамон, идоракунӣ барои аз худ кардани қонуниятҳои объективии тараққиёти ҷамъиятӣ асоснок карда шудааст. Соҳаи асосии фаъолияти идоракунӣ - идоракунии ҷамъият, иқтисодиёт ва аз он ҷумла идоракунии молиявӣ ба шумор меравад.

Дар идоракунии молиявӣ якчанд элементҳои амалкунанда ҷудо карда мешаванд: банақшагирӣ, идоракунии амалиётӣ (ҷорӣ), назоратӣ.

Дар рафти банақшагирӣ ҳар як субъекти хоҷагидорӣ ҳолати моливии худро ба нақша даровардa, баҳо медиҳад ва роҳҳои зиёд намудани захираҳои молиявӣ, самтҳои оқилона истифода бурдани онро муайян менамояд.

Идоракунии амалиётӣ (ҷорӣ) маҷмӯи чорабиниҳоест, ки он, пеш аз ҳама, ба бадастории самараи мусбӣ бо ҳароҷоти камтарин бо ёрии азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ равона карда шудааст.

Назорат бошад, яке аз элементҳои идоракунӣ ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни банақшагирӣ ва ҳам дар ҷараёни идоракунии амалиётҳо ҷойи муайянро ишғол менамояд. Мақсади асосии назорат дуруст истифода бурдани захираҳои молиявӣ аз рӯйи нақшаи тартибдодашуда ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он мебошад. Мувофиқи гурӯҳбандии муносибатҳои молиявӣ 3 гурӯҳи объектҳои идоракунии молиявиро фарқ кардан лозим аст: молияи муассисаҳо, муносибатҳои суғуртавӣ ва молияи давлатӣ. Субъектҳои идоракунӣ гурӯҳи муносибатҳои молиявӣ аз шуъбаҳои суғуртавӣ ва шуъбаҳои молиявию инспексияҳои андоз иборат мебошанд.

Идоракунии молиявиро, пеш аз ҳама, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти болоии қонунбарор ба амал мебарорад, ки ин Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин тарзи идоракунӣ ҳангоми дида баромадан ва тасдиқкунии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи он оиди иҷроиш ҷой дода шудааст.

Фаъолияти идоракунии молиявӣ дар муносибатҳои шартномавӣ ва ба уҳда доштани ҷавобгариҳои иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад. Яке аз шохаҳои асосии идоракунӣ идоракунии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Асоси ташкилии сиёсати давлат дар соҳаи маориф барномаи рушди маориф мебошад, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти дастовардҳои ҷаҳонӣ таҳия гардида, ҷиҳати баррасӣ ва тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади рушди маориф ҳамоҳангии фаъолияти вазорату кумитаҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Дар мақомоти идораи маориф, дар муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳо, иттифоқҳо) онҳо таъсис ва фаъолияти сохторҳои ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои сиёсии ҷамъиятӣ ва динӣ манъ аст.

Воситаҳои буҷетӣ сарчашмаҳои асосии таъмини молиявии хароҷотҳо барои соҳаи маориф ба ҳисоб меравaнд. Зарурияти молиякунонии буҷетии соҳаи маориф ба хусусиятҳои хизматрасонии таълимӣ ҳамчун моли ҷамъиятӣ, нақши онҳо дар тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии давлат вобаста аст. Таъмини молиявӣ, стратегияи таркибии идоракунии ин соҳа мебошад. Вазифаҳои интихоби роҳҳои бартаридоштаи инкишофи маориф, ки онро бо захираҳои молиявии зарурӣ бояд дар сатҳи ҷумҳуриявӣ таъмин карда, пеш аз ҳама, дар муайянкунии таносуби хароҷотҳо барои самтҳои гуногуни соҳаи маориф

сарфа карда мешавад. Дар замони ҳозира, оҳиста-оҳиста уҳдадориҳо оид ба молиягузории маориф, аз сатҳи ҷумҳуриявӣ ба сатҳи маҳаллӣ гузашта истодааст.

Дар соли молиявии 2016 дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои маблағгузории соҳаи маориф 554685 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шуда буд, ки аз он аз ҷумла:

- ба таҳсилоти умумӣ – 117804 ҳазор сомонӣ;
- ба таҳсилоти касбӣ- 351452 ҳазор сомонӣ;
- фаъолиятҳои дигар дар соҳаи маориф-85429 ҳазор сомонӣ.

Дар соли молиявии 2017 бошад, дар буҷети ҷумҳуривӣ барои маблағгузории соҳаи маориф 662978 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шудааст:

- таҳсилоти умумӣ–156824 ҳазор нафар;
- таҳсилоти касбӣ – 418687 ҳазор нафар;
- фаъолияти дигар дар соҳаи маориф – 87467 ҳазор сомонӣ




Аз ин нишондодҳо чунин бармеояд, ки дар соли молиявии 2017 нисбат ба соли молиявии 2016 ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи маориф хеле зиёд шудааст. Масалан, дар соли 2016 ба соҳаи маориф 554685 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, соли 2017 ин нишондиҳанда ба 662978 ҳазор сомонӣ расид, ки 108293 ҳазор сомонӣ зиёдтар мебошад. Барои соҳаи таҳсилоти умумӣ дар соли 2016 117804 ҳазор сомонӣ ҷудо шуд, дар соли 2017 бошад, ин нишондиҳанда ба 156824 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст. Ин нишондод дар соли 2017 39020 зиёд шудааст. Ба соҳаи таҳсилоти касбӣ бошад, дар соли 2016 351452 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст, ки ин ба соли 2017 хеле зиёдтар мебошад. Соли 2017 бошад, ба ин соҳа 418687 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст, ки нисбати соли 2016 67235 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст. Барои дигар фаъолиятҳои соҳаи маориф дар соли 2016 85429 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст, дар соли 2017 бошад, 87467 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Ин нишондод низ нисбат ба соли 2016 зиёд шуда, 2038 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.[1]

Бояд дар хотир дошт ки, пешрафти ягон давлат бе рушди илму фарҳанг имконпазир аст. Мо дар асри нав бояд ба омӯзиши илмҳои дақиқ бештра аҳамият диҳем. Ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумот тадбирҳо меандешад. Барои амалӣ намудани лоиҳаҳо дар соҳаи маориф то имрӯз маблағҳои зиёде бо шартҳои имтиёзнок аз созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҷалб шудаанд.

Идораи бонизоми маориф дар баланд бардоштани шароити моддӣ-маишии омӯзгорон ва умуман кормандони соҳаи маориф зоҳир мегардад, ки он, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани музди меҳнат ва барҳам додани камбизоатии онҳо вобастагӣ дорад. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, маблағгузорӣ ба соҳаи маориф сол ба сол зиёд шуда, вазъи таълим ҳам рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст. Самти асосӣ дар шаклу усулҳои идораи маориф дар ҷумҳурӣ бояд демократикунонӣ ва новобаста будани он ба маркази идораҳои боло бошад, аз руйи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» амал намояд.[1]

## АДАБИЁТ


1. Шарифов З.Р. Иқтисодиёти маориф. –Душанбе, 2011.
2. Шарифов З.Р., Насимов А. Менеҷмент дар соҳаи маориф. –Душанбе, 2011.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016–2017.


## АСОСҲОИ ИЛМИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ МАОРИФ

Идоракунӣ асосҳои илмии худро дар натиҷаи фаъолияти роҳбарии якчанд давраҳои таърихии инсонӣ ба даст овардааст. Идоракунӣ маҷмӯи усул ва омилҳои мақсадноки ба объект равонакардашуда барои ба даст овардани натиҷаҳои муайян ва дилхоҳ мебошад. Соҳаҳои асосии фаъолияти идоракунӣ - идоракунии ҷамъият, иқтисодиёт ва аз он ҷумла идоракунии молиявӣ ба шумор меравад. Идораи бонизоми маориф дар

баланд бардоштани шароити моддӣ-маишии омӯзгорон ва умуман кормандони соҳаи маориф зоҳир мегардад, ки он, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани музди меҳнат ва барҳам додани камбизоатии онҳо вобастагӣ дорад. Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, маблағгузорӣ ба соҳаи маориф сол ба сол зиёд шуда, вазъи таълим ҳам рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст. Самти асосӣ дар шаклу усулҳои идораи маориф дар ҷумҳурӣ бояд демократикунонӣ ва новобаста будани он ба маркази идораҳои боло бошад, аз руйи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» амал намояд.
**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, маҷмӯи усул, ҷамъият, иқтисодиёт, молия, соҳа.

**НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ**

Управление достигло своих научных основ в результате руководства несколькими историческими этапами человечества. Управление - это комплексный набор методов и целевых объектов, ориентированных на достижение конкретных и желаемых результатов. Организованное управление сферой образования проявляется в повышении материально- бытовых условий преподавателей и в целом работников сферы образования, которое зависит от увеличения заработной платы и ликвидации уровня бедности среди них. Как известно, год от года увеличивается финансирование в сферу образования, и улучшается состояние образования. Основным направлением форм и методов управления сферой образования в республике должны стать демократизация и ее независимость от вышестоящих органов и осуществление деятельности согласно Закону Республики Таджикистан «Об образовании».
**Ключевые слова:** управление, комплексный набор, методы, социальная, экономическая, финансовая, сфера.

**SCIENTIFIC ASPECTS OF FINANCIAL MANAGEMENT OF EDUCATION**

Management achieved its scientific bases as a result of the leadership of several historic human history. Management - this comprehensive set of methods and target objects focused on the achievement of specific and desired results. The key area of management is the management of public, economic, and financial sphere. Organized management of the field of education is manifested in an increase in the living conditions of teachers and education workers in general, which depends on an increase in wages and the elimination of poverty among them. As you know, from year to year funding for education is increasing, and the state of education is improving. The main direction of forms and methods of managing the education sector in the republic should be democratization and its independence from higher authorities and the implementation of activities in accordance with the Law of the Republic of Tajikistan “On Education”.
**Key words:** management, complex set, methods, social, economic, financial, sphere.

**Сведения об авторах:** ***Бокилов Бахтиёр Хасанович*** **-** Таджикский государственний педагогический университет имени С. Айни, ассистент кафедры финансового менеджмента. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни, 121. Телефон: **880-88-21-21**
***Гафорзода Джонона Гафор*** - Таджикский государственний педагогический университет имени С. Айни, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой финансового менеджмента. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни, 121. Телефон: **931-01-86-86.** E-mail: **karatva.j@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Bakhtior Khasanovich Bokilov*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Assistant of the Department of Financial Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 121. Phone: **880-88-21-21**
***Gaforzoda Johnona Gafor*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Financial Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street, 121. Phone: **931-01-86-86**

**УДК : 339.7+36.1/.5 (575.3)**

# НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОР ВА МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОН

***Шарифзода Н.Ш., Фасеҳзода И.С., Нуралиев Ҳ.Ф.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Иқтисодиёти ҷаҳони муосир ҳарчи бештар ба ҳам пайваста ва аз ҳам вобаста шуда истодааст. Ҳар як мамлакат новобаста аз вазъи иқтисодию сиёсиаш бо кишварҳои дигар муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, бо дигар мамлакатҳо равобити дипломатиро ташкил ва қатъ менамояд. Бо сабаби он ки пули миллии мо дар хориҷи кишвар мавриди истифода қарор намегирад, зарурияти хариду фурӯши асъори хориҷӣ ба миён меояд. Хариду фурӯши асъор дар бозори асъор, ки вазифаи асосии он мусоидат кардан ба сармоягузорӣ ва рушди тиҷорат мебошад, амалӣ гардонида мешавад. Муносибатҳои асъорӣ ба хариду фурӯши мол, воридоти сармоя, қарзгирӣ, амалиётҳои асъорӣ, хамкориҳои илмӣ-техникӣ ва ғайраҳо алоқаманд мебошанд. Муносибатҳои сиёсӣ аз ҳамкориҳо дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ, ташкилу идораи созмонҳои байнидавлатӣ ва минтақавию умумиҷаҳонӣ иборатанд. Ташкили дурусту самараноки муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ зарурати муносибатҳои асъориро ба миён меоранд.

Низоми асъорро аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ дида баромадан мумкин аст, яъне: иқтисодӣ (функсионалӣ) – маҷмӯи муносибатҳои асъорӣ-иқтисодии

субъектҳои бозори ҷаҳониро дар бар мегирад, ки таърихан дар заминаи байналмилалии робитаҳои хоҷагӣ ташаккул ёфтааст ва ҳуқуқӣ (институтсионалӣ) - шакли давлатӣ-ҳуқуқии (байнидавлатии) ташкили муносибатҳои асъорию иқтисодӣ мебошад [9,с.84].

Низоми асъориро аз рӯйи марзиву ҳудудӣ ба се қисмат гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст (нигаред ба расми 1).

**Расми 1. Низоми асъорҳо**
**Figure 1. Currency system**

| | | |
|---|---|---|
| **Низоми асъорҳо** | | |
| Низоми миллии асъор | Низоми минтақавии асъор | Низоми ҷаҳонии асъор |

Қисмати аввал, бори нахуст низоми миллии асъор дар заминаи қонунҳои миллӣ бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи дохилии давлат пайдо шудаанд. Низоми миллии асъор – ин қисми таркибии сиёсати пулию қарзии мамлакат буда, принсипҳои ташкил ва танзими муносибатҳои асъории давлатро мувофиқи қонунҳо муайян мекунад. Низоми миллии асъор одатан мустақилияти нисбӣ дорад, чунки аз сатҳи инкишоф ва вазъи робитаҳои иқтисоди хориҷии мамлакат вобаста буда, асрҳои 16 ва 17 ба вуҷуд омадааст [4,с.39].

Низоми асъори миллӣ якчанд вазифаҳоро иҷро менамояд:

-ташкил ва истифодаи захираҳои асъорӣ;

-таъмин намудани алоқаҳои иқтисодии берунаи мамлакат;

-таъмин намудани шароитҳои муътадили амали хоҷагии миллӣ ва ғайраҳо [2,с.101-102].

Унсури асосии низоми миллии асъор – асъори миллӣ воситаи аз тарафи қонун муайянкардашудаи ҳамин давлат (сомонӣ дар Тоҷикистон, рубл дар Россия) мебошад. Ҳама гуна воҳиди пули миллӣ, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун воситаи муомилот истифода мешавад, ба асъор табдил меёбад.

Унсури махсуси низоми миллии асъор, асъори захиравӣ (резерв) мебошад, яъне асъоре, ки бо он давлат дороиҳои зудфурӯши дохилӣ, минтақавӣ ва байналхалқии худро (доллари ИМА, евро ИА, юани Чин, тиллову сангҳои қиматнок, қоғазҳои қиматноки давлативу ширкатҳо ва дигарҳо) барои танзими макроиқтисодии иқтисодиёт нигоҳ медорад. Унсури дигари низоми миллии асъор аз бозори асъор, реҷа (режим)-и қурби асъор ва паритети асъор иборат аст, ки мо онҳоро дар ҷадвали №1 таҳлил намудаем (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Фарқиятҳо байни унсурҳои низоми байналхалқии асъор ва низоми миллии асъор**
**Table 1. Differences between the elements of the international monetary system and the national currency system**

| Унсурҳои асосии низоми байналхалқии асъор | Унсурҳои асосии низоми миллии асъор |
|---|---|
| 1.Воҳидҳои асъории захиравии миллӣ ва коллективӣ | 1.Асъори миллӣ |
| 2.Тартиб ва сохтори активҳои пардохтпазири байналхалқӣ | 2.Шарти табдилпазирии асъори миллӣ |
| 3.Механизми паритети асъор ва қурби асъор | 3.Режими қурби асъор |
| 4. Шарти табдилёбии асъор | 4.Маҳдудиятҳои асъорӣ |
| 5.Шаклҳои ҳисоббаробаркунии байналхалқӣ | 5.Ҳисоббаробаркуниҳои давлат бо хориҷа |
| 6.Режимҳои бозорҳои асъории байналхалқӣ ва бозори ҷаҳонии тилло | 6.Режими бозорҳои миллии асъор ва тилло, амалиётҳо бо сангҳои қиматбаҳо |
| 7.Ташкилотҳои байнидавлатие, ки муносибатҳои молиявӣ-асъориро танзим менамоянд | 7.Мақомотҳои миллии хизматрасонанда ва танзимкунандаи муносибатҳои асъорӣ |

Маъхаз: ҳисоби муаллифон аз рӯйи ахбороти маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон

Аз ҷадвали мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки байни мафҳуми асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ фарқиятҳои зиёде мавҷуд мебошад. Умуман, давлате, ки мехоҳад асъори миллии он дар сатҳи ҷаҳонӣ баромад намояд, бояд иқтисодиёташ устувор бошад. Яке аз нишонаҳои иқтисодиёти устувор ин ба таври табиӣ муайян гаштани қурби асъори миллии он нисбати дигар асъорҳо мебошад.

Асъори миллӣ воситаи аз тарафи қонун муайянкардашудаи ҳамин давлат (сомонӣ дар Тоҷикистон, рубл дар Россия, доллар дар ИМА, евро дар ИА ва ҳоказо) мебошад. Мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”, асъор пули миллии мамлакатҳои хориҷӣ мебошад. Пули миллӣ– сомонӣ мебошад, ки як воҳиди он ба 100 дирам баробар аст [8,с.1]. Ҳама гуна воҳиди пули миллӣ, ки дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун воситаи муомилот истифода карда мешавад, ба асъор табдил меёбад.

Иқтисодиёти бозоргонӣ барои пешрафти тиҷорати байналхалқӣ зарурати интихобу истифодаи пули ҷаҳонӣ ё ба таври дигар асъори ҷаҳониро ба миён овард. Он, дар навбати худ, зарурати ташкили низоми асъорӣ: бозори асъор, қабулу истифодаи қоидаҳои ягонаи табдили асъор, таъмини устувории қурби он ва ҳалли масъалаҳои дигари ба он алоқамандро талаб кард.

Албатта, ҳар як кишвар низоми миллии асъори худро дорад, ки аз инҳо иборат мебошанд:

-воҳиди пули миллӣ (масалан, сомонӣ);

-реҷаи қурби пул (басташуда ва ё озодшинокунанда) ва таъмини устувории он;

-шартҳои табдили пули миллӣ;

-тартиби фаъолияти бозорҳои пул ва тилло;

-тартиби ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ дар кишвар;

-таркиб ва тартиби идораи захираҳои тиллоию асъории кишвар;

-хуқуқи муассисаҳои танзимкунандаи муносибатҳои пулӣ дар кишвар [8,с.124-125].

Рушди босуботи муносибатҳои иқтисодию сиёсии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомҳои асъори миллӣ ташкил карда шуда, низоми олии асъории байналхалқӣ гардидааст. Мақсади ташкили он ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ, қарздиҳию дастгирии якдигар, нигоҳдошти намояндагиҳои дипломатӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари байналхалқӣ мебошад.

Асъори миллӣ, пеш аз ҳама, барои баамалбарории пардохти берунӣ дар аснои пайдошавии уҳдадорӣ дар назди шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо асъори хориҷӣ иваз карда мешавад. Аз нигоҳи дигар, роҳҳои асосии воридоти асъори хориҷӣ ба мамлакат ин грантҳо, сармоягузорҳо, қарзҳои дарозмуддати давлатӣ, интиқоли маблағ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ, ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат ва монанди инҳо мебошанд.

Маҳз ба ҳамин хотир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 201 миллион сомонӣ ё 3% зиёд мебошад. Вобаста ба ин, Бонки миллиро вазифадор кард, ки барои зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ ва махсусан, ба соҳаҳои истеҳсолӣ, нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо чораҳои қатъӣ андешад.Соли 2018 ҳиссаи пули накде, ки берун аз низоми бонкӣ дар муомилот қарор дорад, дар гардиши умумии пулии кишвар 64 фоизро ташкил кард [1,с.4].

Чи хеле ки дар боло қайд намудем, давлате, ки соҳиби пули миллӣ аст, таърихи хело қадима дорад. Доштани пули миллӣ яке аз нишонаҳои соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолӣ мебошад. Соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолии ҳар як давлат дар Конститутсияи он дарҷ гардидааст. Мо мардуми тоҷик низ дорои Конститутсия ва асъори миллии худ мебошем [6,с.1]. Боиси ёдоварист, ки аз қадим мардуми тоҷик ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буд, ҳаст ва мемонад. Фаъолияти соҳибкориро бе гардиши пул тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таърихи пайдошавии муомилоти пулӣ дар қаламрави имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз асрҳои 5-4 то мелод сарчашма мегирад. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (н.Қубодиён) дорикҳои тиллои Ҳахоманиширо пайдо намуданд. Дар ин тангаҳо тасвирҳои алоқамананд ба дини зардуштӣ акс ёфта буданд. Дар асрҳои миёна дар давраи давлатдории аввалин давлати мутамаркази тоҷикон – Сомониён, муомилоти пулӣ ба авҷи аълои тараққиёти худ расид. Академик Бобоҷон Ғафуров низ дар китоби «Тоҷикон» қайд кардааст, ки «Дар давраи аҳди Сомониён дар миқёси Самарқанду Бухоро зиёда аз 30 сиккахонаҳо (дуконҳои тангасозӣ) амал мекарданд. Дар он давраҳо тангаҳои дар муомилот буда, ба худ номҳои дирҳам, динор ва исмоилияро доро буданд. Дирҳамҳои сомонӣ на танҳо дар ҳудуди ин давлат, балки берун аз он низ дар муомилот истифода бурда мешуданд.

Баъд аз пароканда шудани давлати Сомониён, ҳар як сулолае, ки ба сари тахт меомад, низоми муомилоти пулии худро ҷорӣ мекард. Дар ҳудуди Осиёи Миёна то солҳои 1920 тангаҳои филизӣ ҳамчун воситаи муомилот истифода бурда мешуданд. Пайдоиши аввалин пулҳои қоғазӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна ба давраи ҳукмронии охирин амири Бухоро - Амир Олимхон рост меояд. Ин пулҳои қоғазӣ «танга» ном доштанд. Пулҳои қоғазӣ арзиши номиналии 20, 50, 100, 300, 500, 1000, 2000, 5000, 10000 – тангаро доро буданд [4,с.44].

Дар соли 1920 дар қаламрави Аморат Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро таъсис ёфт, ки чопи пулҳои қоғазии пешинаро танҳо бо як аломати фарққунанда идома дод. Ин

аломат дар қисмати болои рӯйи рости онҳо навиштаҷоти «Бо фармони аълоҳазрат бароварда шудааст», ба рамзи пролетарӣ – тасвири дос ва дарзаи гандум иваз шуда буд.Соли 1922 матбааи Бонки халқии Бухоро бо таҷҳизоти нав муҷаҳҳаз гардид, ки дар он пулҳои қоғазӣ бо усули офсет чоп шуда, бо сифати нисбатан баланди худ фарқ мекарданд. Ин пулҳо то барҳамхӯрии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро, яъне то соли 1924 дар муомилот буданд [3,с.56].

То 10-уми майи соли 1995 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилоти пулӣ бо номи «рубл» (интишори Бонки марказии Россия) амал мекард. Низоми пулии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [7,с.34]. Қурби пули миллиро Бонки миллии Тоҷикистон муайян ва онро интишор намуда, дар васоити ахбори омма чоп мекунад. Мувофиқи қарори Комиссияи махсуси давлатӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллӣ бо номи «рубли тоҷикӣ» ба муомилот бароварда шуд ва он то 1.04.2001 с. дар муомилот буд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 30.10.2000с. дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди пули нав бо номи «Сомонӣ» ба муомилот бароварда шуд [11,с.41]. Ин пул бо номи Асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст. Пули сомонӣ арзиши номиналии 1, 3, 5, 10, 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ дар шакли қоғазӣ, инчунин 1,5,10, 20, 25, 50 - дирам 1, 3, 5 – сомонӣ дар шакли тангагӣ дар муомилот гардиш менамояд.

Қисмати дувум, низоми минтақавии асъор муносибатҳои асъориро дар байни якчанд давлатҳои як минтақа ифода менамояд. Умуман, низоми минтақавии асъор ин дар заминаи созишномаҳои байнидавлатӣ қабулшудаи шакли ташкили муносибатҳои асъории давлатҳост, ки мустақилона амал карда, ба ҳаракати байналхалқии молҳо ва омилҳои истеҳсолот хизмат мекунад.

Таърихи барқароршавӣ ва инкишофи низоми минтақавии асъор мустақиман ба барқарор гаштани сохтор ва таъсири мутақобили мамлакатҳои иқтисодиёти рушди устувор алоқаманд аст. Низоми минтақавии асъор яке аз низомҳое мебошад, ки байни низомҳои милливу ҷаҳонии асъор ва гурӯҳҳои ҳамгироии давлат хизмат мерасонад. Дар замони муосир ду намуди низоми минтақавии асъор мавҷуд аст:

1.Иттиҳоди асъорӣ-иқтисодии Африқо - «ҳудуди франки франсузӣ», ки давлатҳои франсузизабони Африқоро дар бар мегирад.

2.Низоми асъории Аврупо (ЕВС) аввали ташкилёбиаш дар чорчӯбаи низоми иқтисодии соли 1979-ум мебошад. Вазифаи он танзим намудани сатҳи таваррум дар давлатҳо–иштироккунандагон ва таъмин намудани қурби асъори онҳо буд. Механизми фаъолияти Низоми асъории Аврупо дар асоси ба истифодаи ҳисоби асъори ягона–ЭКЮ пайдо гашт. Рушди тиҷорат ва пурзӯр шудани интегратсияи саноатии мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ барои рушди тиҷорати фаъол ба воҳиди ягонаи асъори аврупоӣ евро гузаштанд. Евро асъори тартибӣ буда, дар баробари асъори миллии давлатҳои Аврупо гардиш намуда, зиёда аз 15-давлати ин минтақа онро эътироф ва қабул намудаанд. Ташкил намудани низоми ягонаи асъори Евро кайҳо пайдо шуда, он соли 1969-ум қонунан дар нақшаи ташкилии Иттиҳоди асъори аврупоӣ ба қайд гирифта шудааст.

Назарияи гузариш ба асъори ягона дар Аврупо аз тарафи олими амрикоӣ аз Донишгоҳи Колумбия Роберт Манделло пешниҳод карда шуда буд. Дар корҳои худ, аз он ҷумла дар китобаш «Низоми монетарии байналхалқӣ (1965) якумин шуда шароитҳоеро пешниҳод намуд, ки то якчанд давлатҳо ба асъори ягона рӯй оваранд. Ба сифати дастовардҳои истифодаи асъори ягона Ф.Манделло паст шудани низоми фоиз ҳангоми ивазшавии қурби асъор ва савдои байниҳамдигарии давлатҳоро пешниҳод намуд [10,с.193].

Қисмати сеюми низоми байналхалқии асъор – ин низоми қонунан ташкилёфтаи муносибатҳои асъории давлатҳои аъзои созмонҳо мебошад, ки мақсади он ташкил, танзим ва назорати устувории асъор мебошад. Асосан ҳисоби байналхалқӣ бо роҳи ғайринақдӣ ба воситаи бонкҳо бо роҳи муқаррар кардани муносибатҳои корреспондентӣ (шарномавӣ) байни ташкилотҳои қарзии мамлакатҳои гуногун ба амал бароварда мешаванд.

Бо ҳамин мақсад бонкҳо бо ҳамдигар созишномаҳои корреспондентӣ (оид ба кушодани ҳисобҳо) мебанданд (ностро-суратҳисоби бонки мазкур дар бонкҳои дигар ва лоро-суратҳисоби дигар бонкҳо дар бонки мазкур), ки дар онҳо тартиби ҳисобҳо, ҳаҷми подоши комиссионӣ, инчунин методҳои пуркунии ҳисоби корреспондентӣ бо баробари харҷи воситаҳо нишон дода шудаанд.

Бинобар ин, ба андешаи мо, барои дар амал татбиқ намудан ва рушди низоми байналхалқии асъор ҳалли масъалаҳои зерин муҳим ва зарурӣ мебошад: аз тарафи давлату ҳукумат пешгирӣ намудани фаъолияти корхонаҳои монополистӣ, ки сабаби баланд гардидани нархҳо дар мамлакат онҳо мебошанд; мустаҳкам намудани низоми пулии

мамлакат дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ; нагузоштани маҳдудият ба аҳолӣ ҳангоми хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар ташкилотҳои қарзӣ; чораҳои зарурӣ андешидан нисбати кормандони нуқтаҳои мубодилаи асъори тамоми ташкилотҳои қарзӣ, бинобар сабаби бо нархи гаронтар фурӯхтани асъорҳои хориҷӣ аз нархномаи муайянгардида. Маҳз бо ҳамин роҳҳо мо метавонем афзалиятҳои рушди асъори миллиро ба даст орем.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018 [Манбаи электронӣ]. URL: http: // www.president.tj.
2. Абдуҳамидова Г. Танзим ва назорати асъор (комплекси таълимӣ-методӣ) / Г. Абдуҳамидова. -Душанбе, 2011. -231 с.
3. Ашуров Н. Муомилоти пул ва қарз / Н. Ашуров, А.Н. Ашуров. –Душанбе: Матбуот, 2006. -232 с.
4. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк / Н. Ашуров. -Душанбе, 2011. -336 с.
5. Иброҳимов И.Р. Муомилоти пул, қарз ва бонк / И.Р.Иброҳимов, М.А. Ниёзов. –Душанбе: Ирфон, 2010. -285 с.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 6.11.1994. -21 с.
7. Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон». -Душанбе, 28.06.2011. -№722. -47 с.
8. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор». -Душанбе, 13.06.2013. -№964. -12 с.
9. Муминов А.Б. Пул, қарз, бонк / А.Б. Муминов, Т.Т. Муслихова. -Душанбе, 2014. -126 с.
10. Островский Л.Е. Внешнеэкономическая деятельность предприятия / Л.Е. Островский. –М., 1999. -434 с.
11. Ҷураев Б.М. Пул, қарз ва бонк / Б.М.Ҷураев. -Душанбе, 2012. -114 с.


## НИЗОМИ БАЙНАЛХАЛҚИИ АСЪОР ВА МАРҲИЛАҲОИ ИНКИШОФИ ОН


Дар шароити муосир ҳар як давлат, новобаста аз вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ бо иқтисодиёти давлатҳои дигар алоқамандии зич дорад. Низоми асъории ҳамаи давлатҳои ҷаҳон маҷмӯи муносибатҳои иқтисодиёро, ки бо ташаккулёбии асъор ва шаклҳои ба роҳ мондани он (мавҷудияти ниҳодҳои дахлдор, корҳои ташкилӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ) алоқамананд, инъикос менамояд. Дар мақола қайд карда мешавад, ки муносибатҳои асъорӣ бо хариду фурӯши молу хизматҳо, сармоягузорӣ, робитаҳои иқтисодии беруна, қарзи байналхалқӣ, амалиётҳои асъорӣ, ҳамкориҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар муносибатҳои иқтисодӣ алоқаманданд. Ташкили муносибатҳои самараноки иқтисодию сиёсӣ зарурати истифодаи муносибатҳои асъориро ба вуҷуд меорад. Дар мақола муаммоҳои муосири низоми ҷаҳонии асъор дида баромада шудааст, ки онҳо бевосита бо сатҳи тараққиёти иқтисодиёти Чумҳурии Тоҷикистон вобастагии зич доранд. Қайд карда мешавад, ки иқтисодиёти давлатҳои дар давраи гузариш қарордошта аз сатҳи бавуҷудоии таваккалҳои гуногун ва бартарии асъори хориҷӣ вобастагӣ доранд. Дар мақола инчунин қайд карда мешавад, ки ва пайдоиши бозингарони нави калони бозори асъорӣ, пеш аз ҳама давлатҳои Осиё, ки асъори онҳо мавқеи худро дар бозори асъорӣ мустаҳкам намудааст барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон заруратро ба пеш меорад, ки мо низ дар ин самт кӯшиш ба харҷ диҳем.



**Калидвожаҳо:** асъор, асъори миллӣ, устувории асъор, қурби асъор, мубодилаи асъор, бозори асъор, танзими асъор, сиёсати асъор, низоми асъор.


## МЕЖДУНАРОДНАЯ ВАЛЮТНАЯ СИСТЕМА И ЭТАПЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ


В современных условиях каждое государство, независимо от его экономической и политической ситуации, тесно связано с экономикой других стран. Валютная система всех стран мира представляет совокупность экономических отношений, связанных с формированием валюты и форм их организации (наличием соответствующих институтов: организаций, учреждений, правовых норм). В статье отмечается, что валютные отношения взаимосвязаны с покупкой и продажей товаров и услуг, инвестициями, внешнеэкономической деятельностью, мировой ссудой, валютными операциями, научно-техническим сотрудничеством и другими экономическими отношениями. Создание эффективных экономических и политических отношений приводит к необходимости валютных отношений. В статье рассматриваются проблемы современной мировой валютной системы, которые неразрывно связаны с уровнеми развития экономики Таджикистана. Отмечается, что экономика стран с переходным периодом зависима от уровня возникновения различных рисков и превосходства иностранных валют. В статье также отмечается важность появления (возникновения) новых крупных игроков, прежде всего стран Азии, чья валюта значительно укрепила свои позиции на мировом валютном рынке, и в этих условиях таким странам, как Таджикистан, необходимо также занимать свои позиции и осуществлять финансовые операции.



**Ключевые слова**: валюта, национальные валюты, валютная стабильность, обмен валют, обменный курс, валютный рынок, валютное регулирование, валютная политика, валютная система.


## THE INTERNATIONAL MONETARY SISTEM AND THE STAGES OF ITS DEVELOPMENT


In modern conditions, every state, regardless of its economic and political situation, is closely connected with the economies of other countries. The monetary system of all countries of the world is a set of economic relations associated with the formation of currency and the forms of their organization (the presence of relevant institutions: organizations, institutions, legal norms). The article notes that currency relations are interrelated with the purchase and sale of goods and services, investments, foreign economic activity, world loan, foreign exchange transactions, scientific and technical cooperation and other economic relations. Creating effective economic and political relations leads to the need for monetary relations. The article discusses the problems of the modern world monetary system, which are inextricably linked with the level of development of the economy of Tajikistan. It is noted that the economies of countries in transition are dependent on the level of occurrence of various risks and the superiority of foreign currencies. The article also notes the importance of the emergence (emergence) of new major players, primarily the countries of Asia, whose currencies have significantly strengthened their positions in the world currency market and in such conditions as countries like Tajikistan it is also necessary to hold their positions and carry out financial operations.

**Key words:** currency, national currency, currency stablility, rate, exchange currency, currency market, currency regulation, monetary policy, monetary sistem.

**Сведения об авторах:** ***Шарифзода Нурулло Шариф*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **988-71-76-76**. E-mail: **Nurullo_sharifzoda@mail.ru**
***Фасехзода Ислом Саймирзо*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического анализа. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **918-71-97-19; 934-71-97-19.** E-mail: **fasikhov83@mail.ru**
***Нуралиев Хикматулло Файзуллоевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **918-78-74-54**

**Information about the authors:** ***Sharifzoda Nurullo Sharif*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Assistant at the Department of Accounting. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **988-71-76-76.** E-mail: **Nurullo_sharifzoda@mail.ru**
***Fasekhzoda Islom Saymirzo*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of economic analysis. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 918-71-97-19; 934-71-97-19.** E-mail: **fasikhov83@mail.ru**
***Nuraliev Hikmatullo Fayzulloevich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Assistant at the Department of Accounting. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **918-78-74-54**

**УДК: 330.115(575.3)**

# МОДЕЛИ АРЗЁБИИ АМАЛКАРДИ ТАЛФИҚӢ МАВРИДИ МУТОЛИАИ САНОАТИ ДОРУСОЗӢ

***Ҳабибуллоҳ Муманд, Бибизода Аминӣ***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Системаҳои арзёбии амалкард дар воқеъ абзори мавриди истифода барои назорат ва барномарезӣ барои фаъолиятҳои созмон аст ва бояд бад-он таваҷҷуҳи хосе намуд. Ин абзор барои ислоҳ ва барӯзнамоии тамоми вуҷӯҳи созмон дар ҷиҳати таҳаккуқи аҳдофи созмон ба кор рафта ва ё ҳатто метавонад боис тағйири аҳдофи созмон шавад. Ин ҷумлаи маъруф дар бораи лузуми андозагирии амалкард хулосаи калом аст: "Ҳеҷ чизе қобили мудирият нест, магар он ки андозагирӣ шавад" [75].

Мушкили аслӣ дар мудирияти амалкард, интихоби шохисҳои арзёбии амалкарди ғайримолӣ аст. Рӯйкардҳои зиёде дар даҳаи гузашта дар бораи ин мавзӯъ баён шуда ва баён мешаванд. Тамоми ин моделҳо дорои мазоё ва маоибе ҳастанд, ки метавон маҳдудияти аслии онҳоро дар роҳнамоии андаки онҳо дар пиёдасозӣ ва истифода аз шохисҳои аз пеш таърифшуда баён намуд [75].

Ба унвони яке аз рӯйкардҳои ғайримолии навин метавон ба моделҳои арзёбии амалкарди фароянди (дар баробари воҳиди меҳвар) ишора намуд. Яке аз мушкилоте, ки дар созмонҳо вуҷуд дорад он аст, ки он қадар тамаркузи онҳо бар вазифа (бахш) буда, ки иддаи каме аз персонал дар бораи наҳваи ҷараёни фараяндҳои миёнбахшӣ иттилоъ доранд. Ба баёни дигар, онҳо танҳо қисмате аз фароянд, ки марбут ба худашон аст, дониста ва ба он мусаллатанд. Аммо диди калонро нисбат ба тамоми фароянд надоранд, аз ин рӯ арзёбии амалкардҳои фароянд ё дида намешуд ва ё дар арзёбии воҳидмеҳвар мағфул воқеъ мешуд. Ин амр метавонад бахусус дар мавриди мудирони аршад боиси адами огоҳӣ аз наҳваи коркарди фараяндҳо шавад. Ин падида дар мавриди мудирони ҷадид бештар машҳуд хоҳад буд. Ҳамчунин, дар чандин пажӯҳиш ба мушкилоти тасмимгирӣ бидуни лиҳоз намудани фараяндҳо миёни бахшҳо ишора шудааст [69,46,40,35у77].

*Пешина таҳқиқ*. Арзёбии амалкард ҳамоно, бозхӯрд ё иттилооти фаъолиятҳои муртабит бо интизороти муштарӣ ё аҳдофи стратегӣ буда ва нишондиҳандаи ниёз ба беҳбуд ва тавсеа мебошад. Дар ҳақиқат арзёбии амалкард як абзори ҳаётӣ барои дастёбӣ ба беҳбудиҳои асосӣ аст [15 ва 53]. Бар асоси таърифи анҷомшуда арзёбии амалкард фароянди камсозии асарбахшӣ ва корoии фаъолиятҳои муртабит бо амалкард мебошад [64]. Сайри такомулии арзёбии амалкардро метавон ба се бахш: аввал, пешниҳодот; дувум, чорчӯбаҳо ва севум, системааҳо тақсим намуд. Дар пажӯҳиши анҷомшуда бо ироаи се гурӯҳи фавқ таорифе барои он ироа шуда, ки дар идома ба онҳо хоҳем пардохт [23].

1. ***Пешниҳодҳои арзёбии амалкард***. Дар як пажӯҳиши анҷомшуда [23] пешниҳодҳо ба сурати маҷмӯае аз тавсияҳо ва назароти муртабит бо шохисҳо ё сохтори арзёбии амалкард

муаррифӣ шудаанд. Ба унвони намуна, шохисҳои андозагирӣ бояд камӣ ва то ҳадди имкон ба муштарӣ наздик ё ба иборае муштаримадор бошанд [23].

2. ***Чорчӯбаҳои арзёбии амалкард***. Чорчӯбаи арзёбии амалкард дар таҳқиқоти гузашта асари зиёде доштааст. Чорчӯбаҳои андозагирӣ дорои ду навъи сохторӣ ё рӯйаманд ҳастанд. Тафовути аслӣ миёни онҳо дар навъи ташкили чорчӯба мебошад.

Дар чорчӯбаҳои сохтори авомили ҳаётии муваффақият мебоист барои дастаҳои аз қабл таъйиншуда таъриф шаванд, аммо дар рӯйкарди рӯйаманд танҳо ба ироаи яксарии мароҳили нишот гирифта, аз стратегияи ширкат барои таҳияи авомил иктифо мешавад.

Чорчӯбаҳои рӯйаманд бар асари фиқдони таваҷҷуҳ ба аносири сохторӣ, дар кумак ба мудирият ва озодии интихоби шохисҳои арзёбӣ нотавонанд, ҳамон тавр, ки дар чорчӯбаҳои сохторӣ адами вуҷуди аносири рӯйаманд, ки дар ҳидояти чигунагии иҷрои арзёбии амалкарди муфид маҳсус аст, мебошад. Бинобар ин, бакоргирии танҳо яке аз рӯйкардҳои мазбур боиси бурузи яке аз мушкилоти зикршуда мешавад. Ба далели тааддуди ҷанбаҳое, ки дар ин мафҳум дахолат дошта ва таъсиргузоранд, талошҳо барои ироаи як чорчӯбаи мушаххаси арзёбии амалкард ҳамчунон идома ёфт. Ин пажӯҳишҳо ба ироаи системаҳои арзёбии амалкард мунҷар шудааст [23].

3. ***Системааҳои арзёбии амалкард***. Дар муқоиса бо чорчӯбаҳои арзёбии амалкард, теъдоди андаке аз системаҳои арзёбии амалкард вуҷуд дорад, ки ба сурати академикӣ матраҳ шуда бошад. Илзоми аввалия барои як системаи муваффақи арзёбии амалкард истифода аз ҳарду навъи чорчӯба (рӯйаманд ва сохторманд) аст. Дар ин ҷо ба баррасии се системаи арзёбии амалкард пардохта шуда ва нуқоти заъфи онҳо ироа мешавад:

***1. Системаи арзёбии амалкарди корти имтиёздиҳии мутавозин*** [23].

Дар силсилаи пажӯҳишҳои анҷомшуда тавассути ду пажӯҳишгар – Каплан ва Нортан, ки дар маҷаллаи «Ҳорвардбизнес» ба чоп расид, онҳо арзёбии суннатии амалкард бар асоси мавзӯоти молӣ (монанди нархи бозгашти сармоягузорӣ ё давраи бозгашти сармоя)-ро ба чолиш кашида ва масири ҷадидеро дар амалкарди касбу корҳо эҷод намуданд. Унвони пешниҳоди онон барои ин системаи "мутавозин" қасди онҳоро дар имтиёздиҳӣ ба маҷмӯае аз аҳдофи кӯтоҳ ва баландмуддат ва ба манзури мутавозинсозӣ ва баланси онҳо миёни шохисҳои молӣ ва ғайрмолӣ мерасонад. Бояд таваҷҷуҳ кард, ки дар ин система ҳеҷ шохиси аз пеш таъйиншудае вуҷуд надорад ва бар асоси навъи система тарроҳӣ шуда, формула мешаванд. Ҳамчунин нуктаи муҳим он ки ин рӯйкард сирфан дар мудирияти воҳидҳои як касбу кор ва тарҳҳои шахсӣ корбурд дорад [56]. Албатта, дар пажӯҳиши дигаре бо пай бурдан ба ин накс фарояндҳои созмониро дар чорчӯбаи корти имтиёздиҳӣ (чаҳор гурӯҳ) таъриф намуда ва ҳадафи хешро таъйини фарояндҳои стратегӣ унвон намудааст. Аз ин рӯ, дар пажӯҳиши мазбур корбурди ҷадиде аз корти имтиёздиҳии мутавозин дар муҳандисии муҷаддади фарояндҳои касбу кор пешниҳод шудааст [33]. Ба ҳамин иллат аст, ки рӯйкарди аслии ин система фарояндмеҳвар мебошад.

***2. Системаи арзёбии мукааб AMBITE*** [11]. Дар ин система арзёбии амалкарди феҳрист пеш таъриф шуда, аз шохисҳои амалкарди бисёре аз корҳои ҳадси зотӣ дар дигар рӯйкардҳоро надорад, вале боиси коҳиши инъитофпазирии система мешавад. Ҳамчунин, бакоргирии стратегияи созмон барои шиносоӣ ва муртабитсозии авомили ҳаётии муваффақият ва илзомоти муштарӣ бо фарояндҳои касбу кор мушкилсоз мебошад. Ба илова, системаи ироашуда ва бахусус натоиҷи ҳосила барои бакоргирӣ дар фароянди муҳандисии муҷаддади фарояндҳо, тарроҳӣ ва барои дигар корбурдҳо муносиб намебошад [23]. Аз ин ҷост, ки рӯйкарди мазбур танҳо дар воҳидҳои созмон (рӯйкарди воҳидмеҳвар) корбурд дорад.

***3. Системаи арзёбии мидурӣ*** [60]. Ин система аз лиҳози сохтор мушобеҳи системаи мукааби AMBITE мебошад. Ба унвони мушкилот ба вуҷуд омада дар мутолиаи мавридӣ анҷом пазируфта, тавассути ироадиҳандагони ин модел метавон ба сахтӣ муртабит сохтани стратегияи ширкат ба авлавиятҳои рақобатии (шаш ҳита) ва низ эҳтимоли мансух шудани феҳристи аз пеш таърифшуда ишора намуд. Бо таваҷҷуҳи шабоҳати сохтор бо системаи қаблии рӯйкарди он низ воҳидмеҳвар мебошад.

***Таъриф масъала***. Бо вуҷуди пешрафте, ки системаҳои арзёбии амалкард дар муқоиса бо чорчӯбаҳо доштаанд, аммо илова бар заъфҳои матрахшуда дар сафаҳоти пешин муҳимтарин маҳдудияти онҳо адами таваҷҷуҳи ҳамзамон ба арзишофариниҳои ношӣ аз воҳидҳои тахассусии як созмон ва фарояндҳои он созмон мебошад. Арзёбии амалкарди вазифавӣ (воҳидҳои тахассусӣ) ва таърифи шохисҳои арзёбӣ дер замоне аст, ки дар созмонҳои мухталиф истифода мешаванд. Аммо рӯйкарди фарояндӣ дар арзёбии амалкард мақулаи нисбатан ҷадиде аст. Дар ин ҷо дар бораи далоили талфиқи ин ду рӯйкард баҳс хоҳад шуд. Аз ин рӯ, саволи аслии таҳқиқ бад-ин гуна матраҳ мешавад: Чӣ гуна метавон бо арзёбии амалкарди талфиқӣ (фароянди воҳид) мизони расидан ба аҳдофи

роҳбурдиро мавриди арзёбӣ қарор дод? Лозим ба зикр аст, ки дар ин пажӯҳиш навъи таърифи мо ба ин ду ҳавза ба шакли зер аст:

***Фароянди касбу кор***: маҷмӯаи ҳамоҳанг, пӯё ва комиле аз фаъолиятҳо ва вазоиф, ки ҳадди ақал ду воҳиди тахассусӣ дар анҷоми он муассиранд [51].

***Равиш ва мароҳили таҳқиқ.*** Тайи солиёни мутамодӣ саноати дорусозӣ ба унвони пурсудтарин саноат шинохта шудааст ва низ фиқдони пажӯҳиш дар мавриди арзёбии ҷомеи амалкард боиси интихоби он барои пиёдасозии модели амалкард шуд.

Ин мутолиа дар ҷиҳати ироаи як модели арзёбии амалкарди фарояндҳо ва воҳидҳои тахассусӣ дар ширкати дорусозӣ буда ва аз назари фароянди иҷроӣ таҳқиқи кайфӣ ва камӣ мебошад, ки ба василаи равиши омехтаи иктишофӣ анҷом мепазирад. Ҳамчунин бар ҳасби ҳадафе, ки дунбол мешавад як таҳқиқи тавсифӣ ва аз навъи паймоишӣ мебошад. Аз назари натоиҷ, ин таҳқиқ аз навъи корбурдӣ аст ва аз назари мантиқи ҳоким бар таҳқиқ, истиқроӣ қаламдод мешавад.

Нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки 55,6% ё 64,6 км³ захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меоянд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар миқёси давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳаҷми обҳои зеризаминӣ дар ҳаҷми 6,6 км³ арзёбӣ мешаванд, ки аз ин миқдор ҳар сол 2,3 км³ бо мақсадҳои гуногун истифода мешаванд. Ҳаҷми умумии истифодаи об аз ҳамаи сарчашмаҳои обҳои зеризаминӣ, дарёҳо, кӯлҳо ва ғайра ба ҳисоби миёна 14,5-15,0 куб буда, ин нишондиҳанда рӯз то рӯз паст гардида, ба 12,5-13,0 км³ рафта расидааст. Алоқаи обҳои зеризаминӣ бо обҳои рӯйизаминӣ баръало аён аст. Бояд гуфт, ки дар 10-15 соли охир ифлосшавии ин обҳо аз ҳисоби обмониҳои зиёд, истифодаи аз меёър зиёди нуриҳои минералӣ ва заҳрҳои химиявӣ ба назар мерасад.

Умуман, сохтори обистифодабарӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ чунин аст: саноат - 6%, кишоварзӣ -85% (аз он ҷумла барои обёрикунӣ 65-70%), обтаъминкунӣ дар деҳот - 5% ва дар шаҳрҳо - 4%. Дар ҷадвали 2 захираҳои обие, ки дар соҳаҳои иқтисоди миллии ҷумҳурӣ истифода мешаванд, бо чунин тарз инъикос ёфтааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сарфи об дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пеш аз ҳама, дар кишоварзӣ, бахусус барои обёрӣ ҳамоно аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд аст. Сабаби аз ҳама зиёд истифода бурдани захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ нисбати дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаи барои обёрикунӣ эҳтиёҷдошта («аридная зона») ҷойгир шудааст ва аз ин хотир зиёда аз 90% маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ аз заминҳои обӣ ба даст меояд. Агар истифодаи захираҳои обро дар миқёси 100%-и соҳаҳои кишоварзӣ арзёбӣ намоем, он гоҳ вобаста ба шароити табиӣ, кишти зироатҳо ва обёрӣ то 65-70% захираҳои оби барои кишоварзӣ ҷудокардашуда маҳз барои обёрӣ истифода мешавад. Қисми боқимондаи он (15%) барои таъмини фермаҳои чорводорӣ, минтақаҳои аҳолинишин ва обшоркунии чарогоҳҳо сарф мешавад.

Дар замони вуҷуд доштани низоми ягонаи давлатии банақшагирӣ-иқтисодӣ масъалаи тақсимоти захираҳои об миёни давлатҳои минтақа аз рӯйи қарори Протоколи ҳоҷагии оби собиқ ИҶШС ва принсипи «тақсимоти лимити сарчашмаи обҳои минтақа» ва ҳавзаи дарёҳо ба миқдори муайян сурат мегирифт, ки дар ин ҳолат бартарият ба истеҳсолкунандагони асосии пахта дода мешуд. Дар натиҷа Тоҷикистон ва Қирғизистон танҳо 25% аз ҳаҷми сарчашмаи обҳои худиро истифода бурда, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва

Туркманистон ба андозаи 3,5 ва 12 маротиба зиёдтар меъёр (лимит)-и обистифодабарӣ доштанд (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои обтаъминкунӣ дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ**
**Table 2. Water supply indicators in Central Asian countries**

| Нишондиҳандаҳо | Афғонистон | Қазоқистон | Қирғизистон | Тоҷикистон | Туркманистон | Узбекистон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳудуд, ҳаз. км² | 162,1 | 344,4 | 124,9 | 143,1 | 488,1 | 448,8 |
| Сарчашмаи худии дарёҳо, км³/сол | 13,0 | 4,5 | 29,3 | 56,2 | 2,8 | 9,8 |
| Меъёр (лимит)-и муқарраргардида км³/сол | - | 15,6 | 7,5 | 14,3 | 33,0 | 52,0 |
| Таъминоти худии захираҳои об, ҳаз. м³/км² | 80,2 | 13,1 | 234,6 | 392,7 | 5,7 | 21,8 |
| Таъминоти худии захираҳои об аз рӯйи меъёр, ҳаз. м³/км² | - | 48,2 | 60,0 | 100,0 | 70,1 | 115,8 |
| Таъминоти худии захираҳои об, ҳаз. м³/одам | 2,17 | 1,49 | 10,73 | 8,99 | 0,56 | 0,39 |
| Таъминоти худии захираҳои об аз рӯйи меъёр, ҳаз. м³/одам | 0 | 5,01 | 2,71 | 2,29 | 6,71 | 2,08 |
| Масоҳати қиёсии заминҳои обӣ, га/одам | - | 0,30 | 0,14 | 0,10 | 0,41 | 0,19 |

Маъхаз: Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана / Х.М. Мухаббатов. -Душанбе: Дониш, 2015. -С.174

Тавре ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, меъёр (лимит)-и обтақсимкунӣ на танҳо истифодаи баробари захираҳои обро таъмин намекард, балки ба ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Туркманистон имконият медод, ки «пешвоиро» дар минтақа аз рӯйи нишондиҳандаҳои обтаъминкунӣ ва миқдори масоҳати заминҳои обиро ба ҳар сар аҳолӣ нигоҳ доранд.

Пас аз пош хӯрдани ИҶШС, ки оқибат давлатҳои минтақа истиқлолиятро ба даст ов617 варданд, дар Конститутсияҳои худ монополияи соҳибӣ доштани захираҳои обро нигоҳ доштанд, ки ҷадвали иқтисодӣ ва сиёсии меъёри обистифодабарии ҳамонвақта то ҳол идома ёфта истодааст. Ба ивази тақсимоти нобаробари манбаъҳои об дар шароити давлатдории ягона Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва моддию техникиро гирифта, ҳимояи баробари иҷтимоии аҳолӣ таъмин карда мешуд. Дар шароити нави сиёсиву иқтисодӣ бошад, бинобар набудани механизми номукаммали иқтисодии тақсимоти об бо усули пештара ғайри қобили қабул гардидааст. Чунончи, шартномае, ки ҳанӯз 20-уми сентябри соли 1995 дар шаҳри Нукуси Ӯзбекистон баста шуда буд, ба мақсад мувофиқ нест, зеро дар он тақсимоти истифодаи захираҳои оби минтақа бо чунин тарз нишон дода шудааст: барои Қирғизистон - 0,09 км³, барои Тоҷикистон - 7-9 км³, барои Туркманистон -22 км³, барои Ӯзбекистан - 22-23 км³. Яъне, гуфтан мумкин аст, ки ҷумҳуриҳои дар болооб ҷойгиршуда (Қирғизистону Тоҷикистон), захираҳои бойи обӣ дошта, онро пурра истифода бурда наметавонанд.

Ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар он мушоҳида мешавад, ки захираҳои об ҳамчун сарвати табиӣ бесарҳад буда, ҷой ва макони аниқ надошта, метавонад дар баъзе ҳолатҳо аз ҳудуди чанд мамлакат гузарад. Аз ин рӯ, ба фикри мо, роҳҳои мукаммалгардонии истифодаи захираҳои обро метавон бо ҳалли равандҳои муҳимтарин амалӣ сохт. Рақаму далелҳои дар боло овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки роҳҳои такмил додани истифодаи захираҳои обию ирригатсиониро метавон бо ҳалли равандҳои муҳимтарин амалӣ сохт, ки баъзе аз онҳоро ин ҷо мавриди таҳлил қарор медиҳем (расми 1).

Яке аз роҳҳои такмилдиҳии истифодаи захираҳои об - ин мувофиқсозии принсипҳои низоми идораи захираҳои обӣ мебошад. Мувофиқ гардонидани низоми идоракунии захираҳои обӣ дар сатҳи ташкилӣ, иқтисодӣ ва техникӣ зина ба зина амалӣ шуда истодааст, ки иҷрои тадбирҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ бояд ба сатҳи дохилидавлатӣ ва минтақавии ҳар як кишвари дар минтақаи Осиёи Марказӣ воқеъбуда дахл дошта бошад.

Ҳаллу фасли муаммоҳои идораи обтаъминкунии соҳаҳои иқтисодӣ ва комплекси табииро бо роҳи афзун намудани ҳиссаи дар ихтиёр будаи захираҳои обӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо, ҳамзамон бо иҷрои тадбирҳои ҳифзи обӣ амалӣ кардан мувофиқи мақсад аст. Барои мувофиқгардонии системаи дорои захираҳои обӣ дар сатҳи миллӣ бояд гузариши мунтазам ба усули системавии идора дар доираи воҳидҳои гидрографӣ ва воҳидҳои маъмурӣ сурат гирад. Таъсиси ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, дар

амал ҷорӣ намудани идораи талабот ба об, таъмини тафриқаи пардохтҳои об ва расонидани он вобаста ба шароити мушаххас, рушди шаклҳои мухталифи обистифодабарии давлатӣ, хусусӣ, коллективӣ ва саҳомиро дар асоси фаъолияти иқтисоди бозории хоҷагии об вусъат додан лозим аст.

**Расми 1. Мукаммалгардонии идоракунии истифодаи самараноки захираҳои обию ирригатсионӣ ва самтҳои асосии он дар ҷумҳурӣ**
**Figure 1. Improving the Effective Use of Water and Irrigation Resources and Its Main Directions in the Country**




Сиёсати хориҷӣ дар соҳаи муносибатҳои об бояд дар заминаи истифодаи комплексии захираҳои обӣ, эътирофи об ҳамчун сарвати иқтисодӣ ва муқаррар намудани механизми иқтисодии истифодаи об, дастгирии тадбирҳои минтақавӣ оид ба идораи муштараки захираҳои обӣ, таъсис ва таҳкими механизми самарабахши пешгирӣ ва ҳалли ихтилофоти бамиёномада, хусусан дар солҳои камобӣ асос ёбад. Ба ҳалли масъалаҳои бамиёномадаи истифодаи об бояд ташкилотҳои ояндабинии дақиқи бонкии манбаъҳо ва ёфтани роҳҳои мувофиқаи қабули тарафайн мусоидат намоянд.

Самти дигари такмил додани идоракунии захираҳои обӣ - ин бартарафсозии муаммоҳои тақсимоти захираҳои обӣ миёни ҷумҳуриҳои минтақа (Осиёи Марказӣ) мебошад. Масъалаи асосӣ дар ҳавзаи баҳри Арал тақсимоти обҳои байнидавлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳалли дигар муаммоҳо, аз ҷумла масъалаи экологӣ низ аз он вобаста аст.

Ҳоло захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал дар асоси созишномаҳои пас аз даврони Шуравӣ баимзорасида, дар заминаи санадҳои техникию иқтисодии давраи собиқ ИҶШС дар шароити амал накардани механизми ҷуброние, ки обтақсимкунии нобаробарро бояд бартараф намуда, хароҷоти нигоҳдории комплекси хоҷагии оби дорои аҳаммияти минтақавиро пӯшонад, истифода мегарданд. Аз ин ҷост, ки ҳолатҳои зикргардида имрӯз ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ нестанд.

Аз ин нуқтаи назар, ба ҷумлаи омилҳои сар задани муаммоҳои байнидавлатии комплекси хоҷагии об ҳамчунин метавон инҳоро дохил намуд:

- вобастагии обтаъминкунӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда аз манбаъҳои обтаъминкуние, ки дар давлатҳои ҳамсоя воқеъ мебошанд, инчунин аз ҷониби онҳо қисман зери об мондани заминҳои обӣ;
- масъалаи обтақсимкунӣ дар солҳои камобӣ яке аз муаммоҳои доғи рӯз гардида, ба бисёре аз соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди ҷумҳуриҳои минтақа таъсири манфии худро мерасонад;
- таъсири мунтазами афзоиши шумораи аҳолӣ дар минтақа (дар шароити ҳозира аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ қариб 70 млн. нафарро ташкил медиҳад) масъалаҳои истифодаи захираҳои обиро мураккаб месозад;

- бастани созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба барои ҳалли масъалаҳои байнидавлатии истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа мувофиқи меъёр ва усулҳо зарур аст.

Мукаммалгардонии механизми фаъолияти хоҷагии об дар шароити бозоргонӣ яке аз самтҳои дигари идоракунии захираҳои обӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки дар шароити ҳозира вазъи иқтисодӣ ва консепсияи умумии гузариш ба иқтисоди бозорӣ имкон намедиҳад, ки хароҷоти нигоҳдории маҷмӯи хоҷагии об пурра пӯшонида шавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд овардани механизмҳои нави идораи иқтисоди бозорӣ ба ҷоннок намудани механизмҳои нави идораи иқтисодии фаъолияти хоҷагии об оварда мерасонад, ки риояи он ҳатмӣ ва зарур аст.

Бо назардошти мавсимӣ будани хоҷагиҳои кишоварзӣ, механизми дақиқи иқтисодии ҳисоббаробаркуниҳои миёни таҳвилкунандагон ва истеъмолгарони захираҳои обӣ инчунин зинаҳои алоҳидаи системаҳои обёришаванда ва ташкилотҳои ёрирасони хизматрасонро таҳия кардан зарур аст.

Дастгирии молиявии давлат дар шакли маблағҷудокунӣ аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, маблағҳо аз андози ягонаи замин, бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ дар баробари маблағҳои барои хизматрасонии обтаъминкунӣ пардохташаванда дар соли 2017 52%-и ҳаҷми тақсимшударо ташкил намуд, ки нисбат ба соли 1990 (яъне тайи 27 сол) 13,8 маротиба камтар мебошад. Аз ин рӯ, дар оянда зарур аст, ки маблағҳои пардохти хоҷагиҳо барои об якҷоя бо дастгирии давлат бояд хароҷоти ташкилотҳои хоҷагии обро ҷиҳати обрасонӣ ба истеъмолгарон пӯшонад. Дар акси ҳол ҷараёни паст шудани самаранокии системаҳои обёрикунанда идома меёбад.

Яке аз омилҳои ба мукаммалгардонии сохтори идоракунии самараноки захираҳои обию энергетикӣ мусоидаткунанда ба назар гирифтани ҷанбаҳои экологию иқтисодии истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Чи тавре ки дар боло зикр шуд, соҳаи кишоварзӣ яке аз истифодабарандагони бузурги захираҳои обӣ мебошад. Мутаассифона, яке аз омилҳои ифлоскунандаи муҳити зист низ аз соҳаи кишоварзӣ сарчашма мегирад (аз фермаҳои чорводорӣ, заҳрхимикатҳои дар соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда ва ғ.), ки беҳбуд бахшидан дар ин соҳа, пеш аз ҳама, ба вазъи экологию иқтисодӣ зимни обёрикунонии заминҳо, азнавтаҷҳизонии системаҳои обёрикунонӣ ва дигар чорабиниҳои комплексии мелиоративӣ вобаста мебошад. Ба андешаи профессор Ҳ.А. Одинаев, «беҳдошти вазъияти экологию иқтисодӣ дар минтақаҳои обёришаванда, бартарафнамоии буҳрон дар соҳаи кишоварзӣ, дар маҷмӯъ ба азнавсозии низоми обию ирригатсионӣ ва бо ҳам омезишёбии самаранокии мақсадҳои тараққиёти кишоварзӣ ва хоҷагии об вобаста мебошад. Рафтори консептуалӣ дар тараққиёти комплекси хоҷагии об, пеш аз ҳама, ба зарурияти манъ кардан аз амалисозии стратегияе, ки дар асоси он тараққиёти экстенсивӣ ва хоҷагии об бо ҷорӣ намудани манфиатҳои қонунӣ дар ҳалли муаммоҳои экологӣ-обӣ ва рӯ овардан ба амалисозии рафтори экосистема меистад, вобаста буда, дар он ҳолат таъсири комплексии ҳамаи омилҳо, аз он ҷумла экологӣ ба назари эътибор гирифта мешавад» (8). Фикр мекунем, ки маҳз дар доираи ҳамин пешниҳод ва чорабиниҳо бояд стратегияи ояндаи экологию иқтисодии низоми хоҷагии об сурат гирад.

Яке аз самтҳои такмилдиҳии идораи захираҳои обӣ - ин ҳифз ва масъалаҳои бехатарии истифодаи захираҳои обӣ мебошад. Рушди устувори мамлакат бештар ба истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳои об аз ифлосшавӣ вобаста аст. Дар ин бобат вазифаҳои асосӣ чунинанд:

- роҳ надодан ба баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар мин-тақаҳои аҳолинишин;

- пешгирӣ ва бартараф намудани шӯршавӣ ва ботлоқшавии замин-ҳои обёришаванда;

- таъмини истифодаи меъёрии об дар фаъолияти технологӣ;

- пешгирии ифлосшавии захираҳои обӣ аз боқимондаи партовҳо аз корхонаҳои саноатӣ, соҳаи кишоварзӣ, хоҷагиҳои коммуналию манзилӣ ва ғайра.

Масъалаҳои ҳифзи захираҳои обӣ бояд маҷмӯан ба таври мунтазам дар таркиби барномаҳои давлатии экологӣ ҳаллу фасл шаванд. Ҳоло ки пастравии сатҳи техногении ифлосшавии захираҳои об ҷой дорад, бо дарназардошти баробарии рушди иқтисодию демографӣ имкони зиёд шудани чунин хатарҳо ба миён меояд.

Бинобар ин, ба андешаи мо, дар соҳаи ҳифзи захираҳои обӣ бояд самтҳои афзалиятнок инҳо бошанд:

- давра ба давра берун баровардани иншооти ифлоскунанда аз мавзеъҳои ҳифзшавандаи обҳои дарёҳо, каналҳо, дигар манбаъҳои об ва минтақаҳои санитарию муҳофизатии махзани об;

- роҳ надодан ба истифодаи иншооти нав, бидуни ҷойгиркунонии дастгоҳҳои пешгирикунандаи ифлосшавӣ ва таъсири зараровари захираҳои обӣ дар иншоотҳои сохташаванда;

- истифодаи меъёрии нуриҳои маъданӣ ва заҳрдоруҳо (заҳрхимикатҳо);

- бунёди корхонаҳои истеҳсоли «коагулянтҳо» (моддаҳои махсусе, ки барои тоза кардани обҳои нӯшокӣ истифода мешаванд);

- сохтмони корхонаҳои коркард ва азнавкоркарди партовҳо дар шаҳрҳо ва минтақаҳои калони аҳолинишин;

- барқарорсозӣ ва таъсис додани лабораторияҳои идоравӣ оид ба назорати сифати обҳо;

- ҷорӣ намудани технологияи пешқадами софу тоза ва безарар гардондани обҳои ифлос;

- бечунучаро иҷро намудани талаботи ҳифзи табиат ҳангоми истифодаи обанборҳо, иншооти обии ҳудудҳои махсусҳифзшаванда, манбаъҳои обҳои ифлос ба объектҳои об ва муҳити табиӣ;

- анҷом додани мониторинги партофтани обҳои маъданӣ ва обҳои гарми зеризаминӣ;

- омӯзиши таъсири корхонаҳои калони хоҷагии об ва саноат ба ҳолати захираҳои обӣ ва иқлим.

Самти дигари суръатбахши идоракунии захираҳои обӣ инкишоф додани корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ мебошад. Мақсаду вазифаҳои асосии таъминоти илмӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ бояд аз нақши махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули масъалаҳои захираҳои обӣ дар ҳавзаи баҳри Арал, сиёсати давлатӣ ва инкишофи стратегии иқтисодиёт ҷиҳати бештар таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ, оби тозаи ошомиданӣ, молҳои саноатӣ ва қувваи барқ бунёд гирад. Дар ин роҳ инкишоф додани таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва таҷрибавию конструкторӣ зарур аст.

Самтҳои нисбатан афзалиятнок дар соҳаи тадқиқоти бунёдии идоракунии захираҳои обӣ бояд инҳо бошанд:

- арзёбии маҷмӯъ ва пешгӯии захираҳои обӣ, ҳамчунин таъсири зараровари об;

- таҳияи механизми иқтисодии истифодаи комплексӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ дар сатҳи миллӣ ва байнидавлатӣ;

- таҳияи усулҳои пешгӯии хок, гидрогеологию мелиоративӣ ва асоснок намудани низоми муносиби мелиоративӣ.

Барои анҷом додани тадқиқоти зикргардида, беҳтар мебуд, агар дар соҳаи тадқиқотҳои илмию амалӣ ҳалли чорабиниҳои зерин ба амал бароварда мешуд:

- таҳияи асосҳои илмӣ ва меъёрҳои муносибатҳои байнидавлатии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи баҳри Арал;

- таҳияи самтҳои асосӣ дар соҳаи ҳифзи захираҳои обӣ, сарфаҷӯии об ва неруи барқ;

- мутобиқгардонии хоҷагии об барои пешбурди устувору мутавозини истеҳсолоти кишоварзӣ, ки барои ба даст овардани 2-3 ҳосил дар як сол равона шудааст;

- аз худ кардан ва обёрии минтақаҳои кӯҳӣ ва хокаш фурӯраванда;

- таҳия ва таъсис додани низоми иттилоотии комплексии хоҷагии об;

- таҳияи барномаҳои баланд бардоштани самаранокии зироаткорӣ дар минтақаи обёрии мошинӣ;

- мутобиқ намудани низоми кори обанборҳои барои обёрию неруи барқ таъйингардида. Барои гузаронидани тадқиқотҳои мазкур таъминоти моддию техникии ташкилотҳои илмии дахлдорро пурзӯр намудан зарур аст.

Тайёр намудани мутахассисони соҳаи хоҷагии об яке аз самтҳои асосии мукаммалагардонии идоракунии захираҳои обӣ ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти иқтисодӣ ва тараққиёти ояндаи комплекси хоҷагии об таҷдиди назари қатъиро дар бобати таълим ва тайёр намудани кадрҳо, интихоб ва ҷобаҷогузории онҳо бо назардошти талаботи иқтисоди бозорӣ, истифодаи оқилонаи об, экология ва муносибатҳои байнидавлатӣ оид ба об тақозо менамояд.

Дар ин бобат тайёр намудани ҳайати муаллимони мактабҳои олӣ ва миёна, ки тавонанд мутахассисони ба талаботи замони муосир ҷавобгӯйро барои комплекси хоҷагии об тайёр кунанд, иқдоми муҳимтарин мебошад. Зимнан, ҷиҳати бо ҳам пайвастани омӯзиши назариявию амалӣ таъсиси марказҳои тренингӣ, ҳамчунин хоҷагиҳои озмоишию намоишӣ дар тамоми минтақаҳои табиию иқлимӣ аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Самти ояндаи тайёр намудани мутахассисон барои комплекси хоҷагии об бояд пешгӯӣ, истифодаи комплексии захираҳои обӣ, идоракунӣ, экология ва муносибатҳои байналмилалӣ оид ба захираҳои обӣ бошад..

Дар асоси шароитҳои нави иқтисодии хоҷагидорӣ ва истифодаи техникаю технологияи нав масъалаи такмилу тағйири ихтисоси кормандони мавҷудаи инженерию техникии комплекси хоҷагии оби мамлакат хеле муҳим аст.

Масъалаи истифодаи пиряххо, роҳҳои пешгирии обшавӣ ва кам гардидани онҳо низ яке аз самтҳои афзалиятноки идоракунии захираҳои обӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала, бахусус, дар шароити тезутунд гардидани муаммоҳои тағйирёбии иқлим дар рӯйи Замин хусусияти ниҳоят муҳиммро касб менамояд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар 50 соли охир бинобар тағйироти глобалии иқлим ҳодисаи камшавии пиряххо ба назар мерасад. Ба ақидаи Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «…дар Осиёи Марказӣ, ки захираҳои об дар он омили калидии таъмини рушди устувори минтақа мебошанд, кайҳост, ки зарурати таҳияи барномаи фарогири минтақавӣ оид ба мутобиққунӣ ба тағйироти иқлим эҳсос мешавад. Саривақтӣ будани чунин барномаро зери таъсири тағйирёбии иқлим босуръат коҳиш ёфтани масоҳати пиряххои минтақа низ тақозо дорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки баъди солҳои 60-уми асри гузашта сеяки пиряххои минтақа, ки манбаи асосии оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, нест шудаанд» [1].

Ҳамзамон, бо обшавии пиряххо ҳаҷми онҳо кам гардида, ҳоло танҳо ба серобии дарёҳои дорои ҳиссаашон 40-50% дар маҷрои пиряххо таъсир мерасонанд. Аз ҷониби дигар, дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиёд шудани миқдори боришот пешбинӣ мешавад, ки он ба афзоиш ёфтани ҳаҷми яхбандӣ оварда мерасонад. Ҳамин тавр, омилҳое мавҷуданд, ки ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташкили мушоҳидаҳои саривақтӣ, махсусан барои тартиб додани дурнамои дарозмуддат ва фавқулода серобии дарёҳои Амударё ва Сирдарёро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар амалисозии чорабиниҳои зерин дар назар дошта шаванд:

- ба роҳ мондани низоми мушоҳида дар 10-12 пиряххои ҳаҷман калону муҳим дар 2-3 сол як маротиба;
- мушоҳидаҳои ҳарсолаи аэрофотометрии вазъи пиряххо дар қисматҳои асосии яхбандишаванда;
- мушоҳидаи низоми ғафсии барф дар минтақаҳои кӯҳӣ дар давраи аз моҳҳои январ то май.

Дар ҳудуди Тоҷикистон инчунин бештар аз 20 пиряххои лағжанда мавҷуданд, ки хусусияти лағжишро дар давраҳои муайян дошта, боиси ба вуҷуд омадани таҳдиди гирифтани пеши маҷрои саргаҳи дарёҳои кӯҳӣ мегарданд. Бинобар ин, гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба пешбинии лағжишҳои фоҷиавӣ дар асоси таҳқиқотҳои мақсадноки яхшиносӣ зарур ва дар айни ҳол ҳалталаб мебошад.

Таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба сифат ва ҳаҷми захираҳои оби нӯшокӣ торафт аёнтар мегардад. Маълум аст, ки тағйироти иқлим ба коҳиш ёфтани захираҳои обӣ дар пиряххои мавҷуда, афзоиш ёфтани масоҳати обҳои шӯри зеризаминӣ, инчунин зиёдшавӣ ва шиддат ёфтани боришот сабаб гаштааст. Аз тарафи дигар, тағйироти давраҳои гидрометереологӣ ба бехатарии энергетикиву озуқаворӣ ва захираҳои обӣ таъсири манфӣ дошта, дар пайомад метавонад хатари обхезиву хушксолиро ба миён орад.

Ҷоннок намудани манбаъҳои сармоягузорӣ ба соҳаи истифодабарии захираҳои обӣ низ яке аз самтҳои ба такмилдиҳии идоракунии он мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки ба амал баровардани самтҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва мукаммалгардонии сохтори идоракунии он бе ҷоннок намудани манбаъҳои сармоягузорӣ ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои системаҳои обёрӣ чунин манбаъҳои сармоягузорӣ муайян гардидаанд: маблағҳои аз истифодаи об руёндашаванда; маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ; маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ; сармоягузориҳои хориҷӣ; дигар манбаъҳои тибқи қонунгузорӣ манъ нагардида.

Хуб мебуд, агар дар марҳалаи ташаккул додани буҷети давлатӣ ҳар сол мутобиқи қонунгузории буҷетӣ ба таври ҳатмӣ маблағҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин маблағҳои андоз аз замин барои маблағгузориҳои чорабиниҳои мелиоратсия ва захираҳои обӣ пешбинӣ карда мешуд. Ҳамзамон, ҳангоми баррасии масъалаҳои истифодаи маблағҳои андоз аз замин зарур аст, ки ҳатман талаботҳои Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя карда шаванд. Ҳамчунин, тақозо мегардад, ки механизми ҳатмии равона кардани маблағҳои аз ҷудо кардани заминҳо бадастомада барои аз худ

намудани заминҳои нави обёришаванда, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин ва баланд бардоштани маҳсулнокии онҳо сарфшуда зери назорат қарор дода шаванд.

Мусоидати ҳамаҷониба бо ҷалби маблағҳои бахши хусусӣ барои истифода ва азхудкунии заминҳои обӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ зарур аст. Аз ин рӯ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии зироаткории обӣ такмили сиёсати андоз лозим аст.

Ҳамин тавр, маблағгузории комплекси хоҷагии об аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти сармоягузорӣ, бо мақсади барқарорсозии он вобаста мебошад, зеро бо сабаби он ки маблағгузорӣ ба системаҳои обию ирригатсионӣ ва хароҷоти нигоҳории онҳо дидаю дониста дар ҳаҷми пурра сурат намегирад, имкон дорад мушкилиҳо пеш оянд.

**АДАБИЁТ**


1. Суханронии Президенти мамлакат Э.Раҳмон дар Иҷлосияи 70-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (25-28 сентябри соли 2015).
2. Гулюк Г.Г. Управление использованием водных ресурсов и мелиорация земель в Китае (по материалам XIX конгресса по ирригации и дренажу в Пекине) / Г.Г. Гулюк, В.С. Носовский, Е.П. Гусенков // Мелиорация и водное хозяйство. - 2014. -№5. -С.64-68.
3. Инвестиционные аспекты развития регионального водного сектора. -Алматы: Евразийский Банк Развития, 2011. -С.16.
4. Исайнов Х.Р. Эффективность использования мелиоративно-ирригационного потенциала аридного региона: эколого-экономические аспекты / Х.Р. Исайнов // Вестник университета. - 2016. -№3(54). -Ч.I. -С.57-65.
5. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ.Р. Исайнов. -Душанбе: Ирфон, 2018. -648 с.
6. Носиров Н.К. Мировой опыт финансирования водохозяйственных организаций на базе платного водопользования / Н.К. Носиров, М.А. Аминджанов, А.М. Мадаминов // Мелиорация и водные ресурсы: проблемы и пути их решения (Материалы научно-практической конференции, 25 декабря 2010 г.). -Душанбе, 2010. -С.146-152.
7. Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана / Х.М. Мухаббатов. - Душанбе: Дониш, 2015. -518 с.
8. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природопользования в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев. -М.: МАКСПресс, 2004. -284 с.


**СОХТОРИ ИДОРАКУНИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ИРРИГАТСИОНИИ ҶУМҲУРӢ: МУАММОҲОИ ҶОЙДОШТАШУДА ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ОН**


Дар мақола масъалаи идоракунии захираҳои обию ирригатсионӣ ва такмил додани сохтори он дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Диққати асосӣ ба таҳлили вазъи ҳозираи низоми обёрикунӣ, муаммоҳо ва омилҳои ба рушди захираҳои обию ирригатсионии минтақаҳои барои обёрӣ эҳтиёҷманд равона гардида, чорабиниҳои комплексӣ ба азнавсозӣ ва рушди низоми обёрикунии минтақаи барои обёрӣ эҳтиёҷманд равона гардидаанд. Самтҳои асосии такмилдиҳии сохтори идоракунии истифодаи захираҳои обию ирригатсионӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ коркард ва пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** захираҳои обӣ, обёрӣ (иррагатсия), захираҳои обию иригатсионӣ, низоми обёрикунонӣ, фонди обёришаванда, муаммоҳо ва роҳҳои такмилдиҳии ба сохтори идоракунии истифодаи захираҳои обию ирригатсионӣ таъсир-бахш.


**СТРУКТУРА УПРАВЛЕНИЯ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНО-ИРРИГАЦИОННЫХ РЕСУРСОВ РЕСПУБЛИКИ: СУЩЕСТВУЮЩИЕ ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ**


В статье рассматриваются использование водно-ирригационных ресурсов и совершенствование их структуры в современных условиях. Особое внимание уделено анализу современного состояния водно-ирригационных ресурсов, проблем и путей совершенстования их структуры, предлагается комплекс мероприятий по улучшению реконструкции ирригационных систем аридного региона. Разработаны и предложены основные направления управления водно-ирригационных ресурсов и совершенствование их структуры в условиях новых экономических отношений.

**Ключевые слова**: водные ресурсы, ирригация, оросительные системы, ирригационный фонд, водно-ирригационные ресурсы, проблемы и совершенствование их структуры в условиях новых экономических отношений.


**EFFECTIVE FUNCTIONING OF IRRIGATION SYSTEMS AS A FACTOR CONTRIBUTING TO THE DEVELOPMENT OF THE ARID REGION IRRIGATION FUND**


The article discusses the use of water-irrigation resources and improving their structure in modern conditions. Particular attention is paid to the analysis of the current state of water-irrigation resources, problems and ways to improve their structure, a set of measures is proposed to improve the reconstruction of irrigation systems in the arid region. The main directions of managing water-irrigation resources and improving their structure in the context of new economic relations have been developed and proposed.

**Key words:** irrigation systems, irrigation, irrigation fund, factors contributing to the development of the irrigation fund.



**Сведения об авторе:** ***Фозилов Раджабмурод Шодиевич*** **-** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **900-00-07-89**

**Information about the author:** ***Fozilov Rajabmurod Shodievich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant of the department of management. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street 67. Phone: **900-00-07-89**

**УДК 331.56**

## ДАВРАБАНДӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

***Буризода Ҳалима Эмомалӣ***
**Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон**

Дар шароити муосири давлатдории миллӣ ба ҳисоб гирифтан ва истифода бурдани таҷрибаи фаровони давлатҳои гуногун дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ба манфиати кор аст, чунки ҳамаи он барои расидан ба ҳадафҳои ягона – беҳтар кардани активҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ равона карда шудаанд. Муқоиса ва омӯзиши таърихи рушди баҳисобгирии муҳосибӣ роҳҳои такмили баҳисобгирии муҳосибиро дар муассиса ва корхонаҳои гуногун нишон медиҳад [5,с.116-117].

Баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодӣ давраҳои гуногунро дар бар гирифта, он марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, имрӯз ба низоми мураттаби илман асоснок табдил ёфтааст. Вале барои ба таври куллӣ ва ҳаматарафа дарк намудани масъалаҳои муосири вобастаи баҳисобгирии муҳосибӣ мо бояд ба масоили пайдоиш ва ташаккули таърихии он муроҷиат намоем. Инчунин, барои омӯзиши хусусиятҳои муҳимтарини он бояд усули даврабандии таърихии мавзӯъро истифода барем.

Пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки аввалин сарчашмаҳои таърихӣ дар Аврупо, ки ба шаклҳои баҳисобгирӣ дахл дорад, аз шакли куҳнаи баҳисобгирӣ дар Италия пайдо шудаанд. Шакли итолиёвӣ дар асри XIV соли 1340 дар шаҳри Генуя ҷорӣ гардидааст.

Соли 1458 дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ аввалин маротиба ба тариқи дастнавис дастури муҳосибӣ тартиб дода шудааст, ки он ба қалами сокини Далматия Венедикт Котрули тааллуқ дорад.

Нахустин асари чопие, ки техникаи пур кардани китоби муҳосибиро аз рӯйи шакли итолиёвӣ шарҳ додааст, асари илмӣ дар бораи ҳисобҳо ва қайдҳо соли 1494 таҳия шудааст, ки онро олими машҳури соҳаи риёзӣ Лука Паҷоли навишта буд.

Асари илмии Л. Пачоли "Рисола дар бораи ҳисобҳо ва навиштаҷот", ки аз 36 боб ва аз ду қисм иборат буд, дар он муаллиф мафҳуми навиштаҷоти баҳисобгирӣ ва сабти дутарафаро нишон додааст [4,с.30]. Қисми якуми онро Пачоли "Инвентар" ва қисми дуюми онро "Диспозитсия" намудааст.

**Нақшаи 1. Асари илмии Л. Паҷоли дар бораи баҳисобгирӣ ва қайдҳо**
**Scheme 1. Sci. Frustration about accounting and notes**




Пачоли оид ба яке аз дафтарҳои муҳосибӣ, ки онро мемориал меномид, чунин навиштааст. "Мемориал китобест, ки дар он ҳар кадом тоҷир молҳои фурӯхтаашро ҳар рӯз, соат ба соат ба қайд мегирифт. Мемориал дафтари хотиравии хомакӣ (сиёҳнавис) буда, ҳангоми ба ҷо овардани амалиёт онро шогирдон ё хизматчиёни тиҷоратхона (мағоза, макони савдо, идораи давлатӣ, ташкилоти ғайридавлатӣ) тартиб медоданд.

Дар ҳамин дафтар тамоми молу мулки соҳибаш дар шакли аслӣ (натуралӣ) бо миқдор ва арзиши пулӣ нишон дода мешуд.

Асосгузори баҳисобгирии муҳосибӣ Лука Пачоли (1445-1515) олими машҳури риёзӣ ба ҳисоб меравад. Асари нахустин оид ба баҳисобгирӣ дар Венетсия соли 1494 аз тарафи олими номбурда бо номи "Рисола дар бораи ҳисоб ва навиштаҷот" нашр шудааст.

Дар ин асар таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ дода шудааст. Баҳисобгирии муҳосибӣ тибқи ин асар фаъолиятест, ки дар доираи идоракунии ҷамъият амалӣ гардида, аз назорат, баҳисобгирӣ ва бақайдгирии ҳолатҳои дар табиат ва ҷамъият рӯйдода иборат мебошад.

Таърифи дигари он аз ҷониби Бартомео де Солозано соли 1519 дода шудааст: "Ҳисобдорӣ аз тамоми илму санъатҳо болотар меистад, чунки ба он ҳама эҳтиёҷманданд,

вале он ба ҳеҷ кас эҳтиёҷ надорад, бе илми ҳисобдорӣ олам идоранашаванда мебуд ва одамон ҳамдигарро фаҳмида наметавонистанд".

Агар ба таърихи баҳисобгирии муҳосибӣ дар Русия назар андозем, пас, дар Русия аввалин китобҳо дар асри XIX таҳия шудаанд. Инҳо китоби К.Кларк ва В. Немчинов дастури таълимии "Счетная наука (илми ҳисоб)", соли 1866 П. Райборт "Курси пурраи муҳосиботи тиҷоратӣ бо низоми одӣ ва дутарафа", минбаъд китоби баланси баҳисобгирӣ соли 1912 аз тарафи профессори олмонӣ Алберт Калмес навишта шудааст [4,с.31].

Дар Россия баҳисобгирии балансӣ мавҷуд буд, чунки моҳият ва мазмуни маълумотҳои баҳисобгириро танҳо дар баланс ҷамъбаст мекарданд.

Аз таърихи рушди баҳисобгирии муҳосибии Русия, тавре дар китоби Ф.Езерский соли барориши он 1870 нишон дода шудааст, низоми баҳисобгирии Русия аз се китоб иборат буд ва ҳар яки он аз қисмҳо иборат буд.

| № | **Китобҳои низоми муҳосибии русия соли 1870** |
|---|---|
| 1. | Китобҳои низоми муҳосибии Ф.Езерский |
| 2. | "Капитал", ки вазифаи қайди хронологиро иҷро мекард |
| 3. | "Иловагӣ" – китоби баҳисобгирии доимӣ |
| 4. | "Ҳисоби ҷамъбастӣ", ки китоби асосиро иваз менамуд |
| | **Китоби "Капитал", ки маблағҳои гардиши бақайдгирифташуда он аз се қисм иборат буд**: |
| 1. | Дар хазина |
| 2. | Арзиши мол |
| 3. | Бақия (боқимонда) |

Мақсади асосии ин қисмҳо аз он иборат буд, ки шуъбаҳои касса ва мол сутунҳои даромад ва хароҷот доштанд. Дар сутуни "бақия" бошад, зарар ва фоида нишон дода мешуд.

Таърихи баҳисобгирии ИҶШС ба анъанаҳои Русияи тошӯравӣ асос ёфтааст, вале аз рӯзҳои аввали Инқилоби Феврал (с.1917) имкон дод, ки Русия ба ҳисобҳои нави баҳисобгирӣ ҳамроҳ гардад. Инқилоби моҳи октябри соли 1917 бошад, боиси тағйироти назарраси иҷтимоию иқтисодӣ гардид, ки метавонист ба нигоҳ доштани рақобат дар ин соҳа таъсир расонад.

Баҳисобгирии муҳосибии давраи ИҶШС-ро метавон ба шаш марҳила тақсим кард:

Ҳар як марҳилаи номбаршуда махсусияти худро дошта, масалан, дар марҳилаи якум, соли 1917 то тобистони соли 1918 корхонаҳои хусусӣ мавҷуд буданд. Дар ин давра баҳисобгирии муҳосибӣ бо усулҳои пештара давом карда, андешаҳо ва механизмҳои нав дар он роҳ наёфтанд. Аксари олимони бузурги соҳаи мазкур дар Русия Е.Е. Сивере, А.П. Рудановский, Н.А. Кипарисов, Р.Я. Вейтсман ба нашри китобҳои бо усули куҳна таҳияшуда ва таълифи китобҳо бо маводҳои нав машғул буданд.

| **Даврабандӣ дар таҳаввулоти баҳисобгирии муҳосибии давраи ИҶШС** | |
|---|---|
| **1)** | 1917-1918 - кӯшиш барои навсозии усулҳои анъанавӣ дар низоми нави иқтисодӣ; |
| **2)** | 1918-1921 (коммунизм) - системаҳои куҳна ва шаклҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ, таҳияи усулҳои нави ҳисобҳо; |
| **3)** | 1921-1929 - барқарорсозии низоми ҳисобдории анъанавӣ; |
| **4)** | 1929-1953 (сохтани сотсиализм); деформатсияи принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; |
| **5)** | 1953-1984 (давраи баъдиҷангӣ ва рукуд) - такмили ҳисобдории истеҳсолӣ, таҳлили сохторҳои ташкилии он, таҳия ва паҳн кардани механизми он; |
| **6)** | 1984-1991 - таҷдиди сохтори ҳамаи муносиботи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, саъю кӯшиши такмил додани усули классикии ҳисобот. |

Александр Михайлович Галган, яке аз муҳассилини аввалини Донишкадаи тиҷорати Маскав (ҳоло Плеханов), дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ муҳаққиқи бонуфуз маҳсуб ёфта, дар Итолиё, шогирди А.П. Рудановский ва Ф. Беста ҳуҷҷатҳои муҳимтарини

Ҳанӯз аз оғози инқилоб В.И. Ленин барои азнавсозии реҷаи иқтисодиёт, милликунонии корхонаҳои капиталистӣ нақша тартиб дода буд. Ленин на танҳо як қатор пешниҳодҳои К. Маркс ва Ф. Энгелсро амалӣ намуд, балки дар таҳкими сиёсат ва иқтисод ва дар рушди ҳисобдорӣ қарорҳоеро қабул кард, ки низоми мазкур то ҳол дар рушду нумӯ қарор дорад.

Низоми баҳисобгирии ИҶШС дар шароити иқтисоди марказонидашудаи идоракунӣ бо фарогирии моликияти давлатӣ дар он таъсис дода шуда буд. Ин низом бевосита ба заминаи методологии банақшагирии мутамарказ вобаста буда, барои таъмини идоракунии фаъолияти тамоми корхона аз ҷониби мақомоти болоӣ ва инчунин назорати онҳо дар татбиқи нақшаҳои давлатӣ ва ҳифзи моликияти давлатӣ нигаронида шуда буд.

Ин низом пурра ба модели асосии иқтисодиёти он давра мувофиқат кард ва дар шароити худ ба таври кофӣ самаранок буд.

**Ҷадвали 1. Фарқият байни муҳити иқтисодии сотсиалистӣ ва капиталистӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ**

**Table 1. The differences between the socialist and capitalist economic environment in the accounting system**

| № | Баҳисобгирии капиталистӣ | Баҳисобгирии сотсиалистӣ |
|---|---|---|
| 1. | 1. Раванди такрористеҳсол бар асоси моликияти хусусӣ | 1. Раванди такрористеҳсол бар асоси моликияти сотсиалистӣ |
| 2. | 2. Муҳосиба дар чаҳорчӯбаи корхона маҳдуд мебошад | 2. Баҳисобгирии муҳосибӣ қисми системаи ягонаи ҳисобдории хоҷагидории халқ мебошад |
| 3. | 3. Баҳисобгирӣ кори хусусии корхонаҳои инфиродӣ мебошад. | 3. Баҳисобгирӣ иҷроиши нақшаи суратҳисобҳо барои ҳамаи корхонаҳо ва муттаҳидсозӣ дар асоси методология мебошад |
| 4. | 4. Мақсади баҳисобгирӣ - ба даст даровардани фоида | 4. Мақсади ҳисобдорӣ - инъикоси иҷроиши нақша |
| 5. | 5. Баҳисобгирии муҳосибӣ - сирри тиҷоратӣ буда, метавонад қолабӣ бошад | 5. Баҳисобгирии муҳосибӣ -ошкорбаёнӣ, ки воқеиятро ба таври шаффоф инъикос мекунад |

Корҳои фаъоли таҷдиди низоми ҳисобдорӣ дар солҳои 1989-1990 оғоз гардида, дар он замон зарурати модернизатсияи ин низом барои корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ ва ширкатҳои саҳомии маъмули иқтисодии бозорӣ оғоз ёфт. Натиҷаи таҳия ва иваз кардани як қатор усулҳои ҳисобдорӣ, ки ба шартҳои корхона ҷавобгӯ набуданд, дар ин замина, зарурати мутобиқсозии низоми молиявии иқтисодии Русия барои тағйир додани муносибатҳои иқтисодӣ, таҳияи консепсияи томи заминавии меъёрию методӣ барои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот, пеш аз ҳама, ҷадвали ҳисобҳо ва дастурҳои истифодаи он, муқаррароти ҳисобдорӣ, гузоришҳо ва дигар амалҳое, ки ба шароити пешинаи иқтисодӣ хос буданд, равона карда шудаанд.

Дар миқёси ҷаҳон соли 1973 стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ (КБСБМ) қабул шуданд, ки он имрӯз зиёда аз 143 ташкилоти касбиро аз 104 мамлакати ҷаҳон муттаҳид мекунад [5,с.20].

Мақсади ин Кумита аз ташкил, таҳия, нашр ва такмили стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ иборат буда, зар зарфи сӣ соли фаъолият зиёда аз 39 стандарти байналмилалии баҳисобгирии муҳосибиро таҳия кардааст, ки дар истифодаи умум қарор доранд [5,с.21].

Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, озодии иқтисодиёт ва ворид шудан ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ дар охири солҳои 90-уми асри гузашта, ба низоми мавҷудаи ҳисобдорӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои давлатӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид кард.

Рушди шаклҳои нави ташкилӣ ва ҳуқуқии корхонаҳо дар асоси моликияти хусусӣ (ширкатҳои муштарак, корхонаҳои муштарак, соҳибкории инфиродӣ) зарурати гузаштан ба шаклҳои ҳисобдорӣ, ки барои доираи васеи истифодабарандагон шаффоф ва боэътимод мебошанд, муайян карда шуданд. Дар робита ба ин, ислоҳоти низоми ҳисобдорӣ ва ҳисоботдиҳӣ бо мақсади мутобиқ шудан ба талаботи бозор оғоз ёфт.

Соли 1998 Нақшаи ҳисобҳо барои ҳисобдорӣ барои фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии корхонаю ташкилотҳо ва дастурҳо барои истифодаи он тасдиқ карда шуданд.

Моҳи майи соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисобдорӣ» қабул карда шуд. Қонун вазифаҳои назорати қонунгузорӣ оид ба ҳисобдорӣ ва мустаҳкам намудани фаъолияти касбомӯзиро такмил дод. Аз ин давра, ҳангоми таҳияи санадҳои танзимкунандаи муҳосибот, бисёр муқаррарот ва стандартҳои баҳисобгирии байналмилалӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Аз соли 1999 то соли 2004 барои бахши хусусӣ, ки мувофиқ ба мундариҷаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ ЮСАИД) таҳия шудаанд, 13 санадҳои баҳисобгирии муҳосибот таҳия карда шуда бошад ҳам, вале ҳанӯз онҳо ба талабот ҷавобгӯ набуданд.

Бо мақсади тағйир додани ин вазъият, 9 июли соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Меморандуми тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ» (USAID) ба имзо расид. Меморандум вазифаҳои тарафҳо, инчунин усули гузаштан ба СБҲМ-ро муайян кард.

Бо дарназардошти Меморандуми зикргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноябри соли 2002 таҳти №428 Қарор "Дар бораи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи

молиявӣ» қабул кард, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамоҳангсоз ва мақоми масъул барои таҳия, тасдиқ ва амалисозии стандартҳои ҳисоботи миллӣ (молиявӣ) дар хоҷагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд.

Соли 2002 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории мутахассисонро аз ҳисоби кормандони баландпояи Вазорати молия, аз муҳосибони касбии донишкадаҳо, аудиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олимони кишвар ташкил намуд.

Гурӯҳи корӣ тадқиқотро анҷом дода, ҷадвали амалиро барои татбиқи функсионалии СБҲМ ва гузариши шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин низомро таҳия намуд.

Соли 2004 мутобиқи СБҲМ ҳисобҳои Нақшаи барои фаъолияти молиявию хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ ва шаклҳои ҳисоботӣ таҳия шуда (тавозуни муҳосиботӣ ва замимаҳо он, ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва иқтисодӣ, ҳисоботи гардиши пули нақд, ҳисоботи тағйирот дар сармоя), нақшаи гузариши корхонаҳои иқтисодиёти миллӣ ба тарҳи нави ҳисобҳо, шаклҳои ҳисоботи молиявии миёнамуҳлат ва солона барои ташкилотҳои суғуртаи ҷумҳуриявӣ, ба амал бароварда шуд.

Аз соли 2004 инҷониб ҳамчун таҷриба 16 корхонаи калони саноатӣ, коммуникатсия, нақлиёт, энергетика ва ғайра дар низоми ҳисоботии худ низоми нави ҳисоботдиҳии мазкурро қабул кардаанд.

Ҳамзамон, бо дастгирии корхонаи корпоративии ПРАГМА, Бонки Рушди Осиё, чорабиниҳои гуногун, масалан тренингҳо ва мутобиқгардонии ҳисоббарандагон ба СБҲМ, курсҳои кӯтоҳмуддат (8-10 рӯз) ташкил ва гузаронида шуданд.

| № | Таҷрибаи бо системаи нави ҳисоботдиҳӣ мутобиқгардонии сиёсати ҳисобдории ширкатҳо ва омодасозии муҳосибон тибқи СБҲМ |
|---|---|
| 1 | - аз 1-уми январи соли 2008, ҳамаи саҳмияҳое, ки саҳмияҳои он ба 600 ҳазор сомонӣ баробар аст, ба СБҲМ интиқол дода мешаванд; |
| 2 | - аз 1 январи соли 2009, ҳамаи ҶСПСК, ки активҳои онҳо камтар аз 600 ҳазор сомонӣ мебошад, ба ҳисобдорӣ тибқи СБҲМ гузаронида мешаванд; |
| 3 | - аз 1 январи соли 2010, дигар ширкатҳо бояд ба СБҲМ гузаранд. |

Таҷрибаи бо низоми нави ҳисоботдиҳӣ мутобиқгардонии сиёсати ҳисобдории ширкатҳо ва омодасозии муҳосибон тибқи СБҲМ, иҷозат барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба муайян намудани марҳилаи воқеӣ ва шартӣ оид ба ҷорӣ намудани СБҲМ гузаронида шуд. Дар заминаи ин чорабиниҳо, Фармони Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 октябри соли 2006 таҳти №465 “Дар бораи тадбирҳои иловагии татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " қабул карда шуд ки мувофиқи он хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

Бо ҳамин фармон, Комиссияи ҳукуматӣ оид ба татбиқи СБҲМ таҳти роҳбарии Сарвазири Ҳукумати ҶТ ва аъзоёни комиссия –роҳбарони вазорату идораҳои асосӣ, барои баррасии масъалаҳои СБҲМ бо назардошти он муайян карда шудаанд, аз ҷумла:

**Нақшаи 2. Аъзоёнии комиссияҳо -вазорату идораҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии масъалаҳои СБҲМ**

**Figure 2. Commission membership - Key ministries and agencies of the Republic of Tajikistan to review IFRS issues**



Дар доираи татбиқи СБҲМ дар васоити ахбори оммаи шаҳрӣ ва минтақавӣ (вилояти Суғд, вилояти Хатлон) оид ба ислоҳот эълонҳо фиристода шуда, семинарҳо ва тавзеҳоти интиқоли низоми ҳисобдорӣ оид ба СБҲМ дар субъектҳои тиҷоратии минтақаҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд.

Дар моҳи августи 2007 дар доираи лоиҳаи USAID оид ба рушд, омӯзишҳо мутобиқи СБҲМ дар доираи лоиҳаи CAP Барномаи ҳисоботи молиявӣ ва идоракунии ҳисобот барои хизматчиёни давлатӣ - мутахассисони Вазорати молия, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронида шуд. Барои иштирокчиёни тренинги ҳисоботи молиявӣ 42 сертификат ва 38 сертификат барои ҳисоботи идоравӣ дода шуда.

Дар моҳи сентябри соли 2007 ҳайати Шӯрои методологии ҳисобдорӣ ва аудити назди Комиссияи ҳукуматӣ оид ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисон, олимон ва кормандони соҳаи аудити Ҷумҳурии Тоҷикистон такшил карда шуд, ки вазифаи асосии он муҳокима ва тасдиқи лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ дар соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит мебошад.

Дар моҳи октябри соли 2007 варианти электронии СБҲМ бо забони русӣ аз ҷониби Шӯрои Аврупо оид ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки ин таҳияи маводи нави методологиро вобаста ба ин соҳа такмил дод.

Яке аз аввалин ҳуҷҷатҳои тасдиқнамудаи Шӯрои методологии ҳисобдорӣ ва аудити Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи СБҲМ дар Тоҷикистон ин "Консепсияи СБҲМ дар доираи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ” бо мақсади баланд бардоштани сифати маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи он ба шумор мерафт, ки дастрасии кафолат ба он ба манфиати истифодабарандагон арзёбӣ карда мешуд.

То оғози соли 2009 Шӯрои методологӣ 36 тавсияҳои методологиро барои татбиқи СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуд.

Дар рафти татбиқи нақшаи ислоҳоти баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ, вариантҳои гуногуни ташаккул додани ҳисоботи муҳосибии ташкилотҳои бахши хусусӣ, вобаста ба вазифаҳои худ ва дараҷаҳои гуногун, дар ошкор намудани маълумоти ҳисобдории ниҳоӣ, бояд баррасӣ карда шаванд, аз ҷумла:

- корхонаҳо истифодаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро ба роҳ мемонанд. Фаъолияти ин ташкилотҳо бо зарурати ҷалби сармоя (аз ҷумла дар хориҷа) барои рушди минбаъдаи истеҳсолот, инфраструктура ва ғ.;

- корхонаҳое, ки ҳисоботи муҳосибиро дар як варианти бисёрҷанба ташкил медиҳанд;

- корхонаҳое, ки ҳисоботи молиявиро барои баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии корхонаҳо ва ташкилотҳо аз соли 1998 ташкил додаанд;

- маблағҳои ташкилотҳои тиҷоратии хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки дар асоси варианти содакардашуда ҳисобот медиҳанд, мутобиқи Низомномаи баҳисобгирӣ барои субъектҳои тиҷорати хурд, ки бо Қарори №22 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, бо мувофиқаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2008 ба роҳ монда шудааст.

Тағйирот дар низоми муҳосибӣ ва омода намудани ҳисоботи молиявӣ дар СБҲМ мақомоти давлатиро водор сохт, ки барои омӯхтани таҷрибаҳои беҳтарини стандартҳои байналхалқии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ҷорандешӣ намоянд [2,с.50-51].

Дар доираи Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар давраи солҳои 2009-2018, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 марти соли 2009 тасдиқ шуд, Вазорати молия бо дастгирии донорҳои байналмилалӣ ислоҳотро дар низоми муҳосибӣ давра ба давра ба амал баровард.

Бо ин мақсад, Вазорати молия ният дорад, ки низоми иттилоотии идоракунии молиявиро таҳия намояд. Корҳо оид ба татбиқи ислоҳоти баҳисобгирии Вазорати молия тибқи “Методологияи идоракунии баҳисобгирии муҳосибии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида мешаванд.

Таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қабули Стандартҳои байналмилалии ҳисобдорӣ ва омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар бахши давлатӣ, самарабахшии амалиётҳои ҳукуматро баланд бардошта, боиси эътимоди сармоягузориҳои бештар, коҳиш додани имкониятҳои идоракунии молиявӣ, фаъолиятҳои коррупсионӣ махсусан дар ҳолати пурра автоматизатсияи низоми молиявӣ мегардад. Вазифаи асосии ин соҳа принсипҳоро барои рушди соҳа пешбинӣ намудан аст.

Самтҳои асосии пешбинишудаи татбиқи СБҲМ дар ҳамаи бахшҳо ва ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, татбиқи онҳо дар

бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт (махсусан, дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, низоми бонкӣ) дорои хусусиятҳои махсус ва муайян мебошанд [2,с.185].

**Нақшаи 3. Принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ барои рушди соҳа**
**Figure 3. Basic Principles of Accounting for Sector Development**




Рушди низоми танзими баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ ба сохтани чунин модел равона карда шудааст, ки манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро ба инобат гирифта, кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии танзимотро дар бар гирад [3,с.428].

Дар асоси модели мазкур як омили одилонаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи касбӣ (иттиҳодияҳои касбӣ ва дигар манфиати ҷамъиятӣ) мушоҳида намудан мумкин аст [8].

**Нақшаи 4. Тартиби идораи давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ**
**Figure 4. Procedure of state management in the field of book keeping**




Бо мақсади дастгирии буҷаи Тоҷикистон ва татбиқи ин ислоҳот, вохӯриҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо, ки бо СБҲМ маблағгузорӣ мекунанд, ба роҳ монда мешаванд. Лоиҳаи таҳияи барномаи байналмилалии сертификатсияи касбии аккредитатсияҳо барои рушди минбаъдаи ҳисобдорӣ ва аудит, дар татбиқи СБҲМ ва дигар лоиҳаҳое, ки дар давоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, саноат, нақлиёт, коммуникатсия, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва ғайра таҳлили фаъолияти ин лоиҳаҳо дар сатҳи стандартҳои байналмилалии аудит мебошанд, ба назар гирифта мешаванд [1,с.612]

Барои расидан ба мақсадҳои зикршудаи ислоҳоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар соҳаи давлатӣ, анҷом додани корҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- истифодаи усулҳои муосири ҳисобдорӣ, аз ҷумла истифодаи маҷаллаҳо ва дастурҳои ёрирасон,

- таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳисобдорӣ дар якҷоягӣ бо таҳияи Шабакаи ягонаи ҳисобҳо ва татбиқи дастурамалҳо;

- бо дарназардошти низоми технологияҳои иттилоотӣ, фароҳам овардани муҳити институтсионалӣ, ки дар он ҳисобҳои ягона иҷро карда мешаванд.

Мо умедворем, ки тадбирҳои мазкур барои баланд бардоштани масъулияти молиявӣ ва шаффофият дар раванди фаъолияти ҳисобдории корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо татбиқи ҳадафҳои пешбинишаванда заминаҳои мусоид фароҳам меоранд.


### АДАБИЁТ

1. Бухгалтерский учет: Учебник / В.Г. Гетьман, В.Э. Керимов, З.Д. Бабаева, [и др.]; под ред. проф. В.Г. Гетьман. – М.: ИНФРА-М, 2014. -717 с.
2. Карагод В.С. Международные стандарты финансовой отчетности : учеб. пособие для бакалавров / В.С. Карагод, Л.Б. Трофимова. – 3-е изд., испр. и доп. -М.: Юрайт, 2012. - 322 с.
3. Кирьянова З.В. Анализ финансовой отчетности: учеб. для бакалавров / З.В. Кирьянова, Е.И. Седова. – 2-е изд., испр. и доп. -М.: Юрайт, 2012. – 428 с.
4. Раҳимов С.Х. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Дастури таълимӣ / С.Х. Раҳимов, Д.А. Олимов.– Душанбе: Эр-граф, 2014. Нашри 2. –260 с.
5. Шарифов З.Р. Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ / З.Р. Шарифов, П.Х. Бобомуродов. –Душанбе: Ирфон, 2015. –256 с.
6. Ковалев В.В. Корпоративные финансы и учет: понятия, алгоритмы, показатели : учеб. пособие / В.В. Ковалев, Вит. В. Ковалев. – 2-е изд., перераб. и доп. –М.: Проспект, 2012. – 874 с.
7. Коноплянник Т.М. Основы аудита : учеб. пособие / Т.М. Коноплянник, Н.А. Мухарева. –М.: КНОРУС, 2012. – 311 с.
8. Бухгалтерский учет и перспективы управления. [Электронный ресурс]. http://minfin.tj/index.php?newsid=86


### ДАВРАБАНДӢ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ


Дар мақола масъалаҳои даврабандӣ ва марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ин масъала вобаста ба рукнҳои таърихии инкишофёбӣ низоми баҳисобгирии муҳосибиро аз давраҳои қадим то марҳилаи муосир мухтасаран фаро мегирад. Дар таҳқиқот аслан таърихи инкишофи баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста ба фаъолияти асосгузори баҳисобгирии муҳосибӣ Лука Пачоли, анъанаҳои Русияи пешазинқилобӣ, таърихи баҳисобгирии ИҶШС, даврабандӣ дар таҳаввулоти баҳисобгирии муҳосибии даврони ИҶШС, фарқият байни муҳити сотсиалистӣ ва капиталистии ҳаёт дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, дар самти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва корҳои фаъоли таҷдиди низоми ҳисобдориро дар солҳои 1989-1990 таҳлил шудаанд. Дар заминаи ин таҳлиҳо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои нави иқтисодӣ низ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи мундариҷаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ ЮСАИД) мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Таҷрибаи бо низоми нави ҳисоботдиҳӣ мутобиқгардонии сиёсати ҳисобдории ширкатҳо ва омодасозии муҳосибон тибқи СБҲМ таҳлил карда шуда, он барои истифодаи амалии низоми баҳисобгирии муҳосибии муосир пешниҳод карда шудааст. Дар мақолаи илмӣ чараёни татбиқи нақшаи ислоҳоти баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ, бо пешниҳоди вариантҳои гуногуни ташаккул додани ҳисоботи муҳосибӣ оварда шуда, ҳамзамон принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ барои рушди бахши мазкур дар идоракунии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** даврабандӣ, баҳисобгирӣ, муҳосибот, асосгузори баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили иқтисодӣ, мемориал, баланс, даромад, хароҷот, таҳаввулоти баҳисобгирӣ, стандартҳои байналмилалӣ, ҳисоботи молиявӣ, муҳосибони касбӣ.


### ПЕРИОДИЗАЦИЯ И ПЕРИОДЫ РАЗВИТИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА


В статье исследуются образование и развитие бухгалтерского учета. Этот вопрос мы связываем с историческими корнями развития системы бухгалтерского учета с древних ивремен до наших дней. Исследование основано главным образом на истории бухгалтерского учета на основе записей Луки Пачоли, истории бухгалтерского учета и его эволюции в традициях досоветской России, в СССР, различий между социалистической и капиталистической системами учета в системе бухгалтерского учета. Конкретно рассмотрены работы по обновлению системы учета в Республике Таджикистан за 1989-1990 гг. Проанализированы также новые экономические отношения в период государственной независимости Республики Таджикистан на основе международных стандартов финансовой отчетности (МСФО). Также представлены опыт новой системы отчетности, учетная политика разных компаний, адаптация и подготовка современного учета, в соответствии с МСФО. Предлагается внедрение реформ бухгалтерского учета, в соответствии с МСФО, различные варианты составления бухгалтерской отчетности а также основные принципы учета и развития данного сектора в государственном управлении.



**Ключевые слова:** учет, бухгалтерия, основатель бухгалтерии, экономический анализ, статус, мемориал, бухгалтер, баланс, доходы, расходы, эволюция учета, международные стандарты, финансовые отчеты, профессиональные счета, бухгалтерский учет.


### PERIODIZATION AND PERIODS OF DEVELOPMENT OF ACCOUNTING


The article examined the formation and development of accounting. We linked this question with the historical roots of the development of the accounting system from ancient to modern times. The study is based mainly on the history of

accounting based on Luke Pacioli's accounting records, the history of accounting and its evolution of accounting in the USSR, the differences between socialist and capitalist accounting systems, and the traditions of pre-revolutionary Russia in the accounting system. The active work on updating the accounting system in the Republic of Tajikistan for 1989-1990 was specifically considered. Based on this, the article also considers new economic relations in the period of state independence of the Republic of Tajikistan on the basis of international financial reporting standards (IFRS). Also, the experience of the new reporting system, accounting policies of different companies, adaptation and preparation of modern accounting in accordance with IFRS is presented. At the end of the scientific article, the process of introducing accounting reforms in accordance with IFRS was carried out, offering various accounting options and, at the same time, the basic principles for accounting for the development of the sector in public administration.

**Key words**: form, accounting, accounting, founder of accounting, socialistic, capitalist, economic analysis, memorial, accountant, balance, income, expenses, accounting evolution, international standards, financial reports, professional accounts, accounting, training.

**Сведения об авторе:** ***Буризода Халима Эмомали*** – Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, докторант PhD, работник Профсоюза образования и науки Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, проспект Рудаки, 26. Телефон: **907-82-90-91**

**About the author:** ***Burizoda Halima Emomali*** – Institute of entrepreneurship and service of Tajikistan, PhD candidate, an employee of the trade Union of education and science of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 26. Phone: **907-82-90-91**

**УДК 621.311.019.3**

# ИНФРАСОХТОРИ ЭНЕРГЕТИКӢ – РАВАНДИ ТАРАҚҚИЁТИ ОН: МУАММО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

***Ҳомидова М.И***
**Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон**

Барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва инкишофи минбаъда Ҳукумати кишвар се ҳадафи стратегиро ба нақша гирифта буд: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ. Барои пешрафти иқтисодиёти кишвар Тоҷикистонро зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба истиқлолияти энергетикӣ ҳарчи зудтар ноил гардад. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3% афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод карда шуд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад [1].

Раванди тараққиёти мунтазами иқтисодиёти минтақа аз самаранокии кори саноати он, яъне инфрасохторҳои минтақа вобаста мебошад. Мақсади таҳияи мақола дида баромадани фаъолияти инфрасохторҳои энергетикӣ дар маҷмӯъ дар минтақаи Суғд мебошад.

Инфрасохтор маҷмӯи соҳаҳо, объектҳо ва иншоотҳое мебошад, ки барои самаранокии рушди пурраи иқтисодиёт ва ҳаёти ҳамарӯзаи мардум дар кадом мавзеъ ки набошад, шароити умумии истеҳсолиро таъмин менамояд. Ба он сохторҳои информатика, электроэнергетика, нақлиёт, хизматрасонии коммуналӣ ва инчунин муассисаҳои таълимӣ, органҳои нигоҳдории тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва ғайра дохил мешаванд. Инфрасохторро бо аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ мекунанд, ки аз ҷумлаи онҳо чунин намудҳои онро номбар кардан мумкин аст:

**Расми 1. Намудҳои инфрасохтор**
**Figure 1. Infrastructure types**



Масъалаи таъмини бомароми рушди иқтисодиёти давлат яке аз масъалаҳои актуалӣ мебошад. Сабаб он аст, ки вазъи иқтисодию – иҷтимоии кишвар ва минтақаҳои он маҳз аз вазъи инфрасохторҳо вобаста аст, ки ин яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти давлат ва минтақа мебошад. Ба ин масъала умуман дар адабиётҳои хориҷа аз аввали солҳои 60-ум аҳаммияти ҷиддӣ дода буданд. (нигаред ба корҳои К. Кларк, А. Маршалл, Р. Фрей, Е. Симонис, С. Штонер, Д. Рей ва ғайра). Бисёре аз муаллифон инфрасохторро ҳамчун маҷмӯи соҳаҳои алоқа, нақлиёт, логистика, хадамот ва муассисаҳои институтсионалӣ (мақомоти адлия, нотариус, шаҳрак ва ғайра) шарҳ доданд.

Инфрасохтор (аз калимаи лотинии infra - «зер» ва structura - сохт, ҷойгиршавӣ») комплекси сохторҳои хизматрасонии бо ҳам алоқаманд ва ё объектҳое мебошад, ки асоси амалкунии системаро ташкил медиҳанд [2].

Тараққиёти иқтисодиёти минтақа бо роҳи баланд бардоштани самаранокии амалиёти маҷмӯаи энергетикаи барқии минтақа, кор карда баромадани дастурҳои амалии навсозии пурраи он ва мувофиқгардонии он ба талаботҳои стратегии тараққиёти иқтисодиёт муваффақ мегардад. Таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодааст.

Дар вилояти Суғд комплекси энергетикии барқӣ қисми муҳимми таркибии хоҷагии минтақа мебошад ва кори ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти онро таъмин намуда, алоқаҳои иқтисодии байни ташкилотҳои зерсохтории онро бо ҳам мепайвандад, дар истеҳсолот ва хизматрасониҳои гуногун, ки даромадро ба буҷаи давлатӣ таъмин менамоянд, саҳми босазоро мегузорад. Энергетикаи барқӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ буда, дар таъмини фаъолияти кории ҳамаи соҳаҳои хоҷагии минтақа нақши бузургро мебозад.

Вазифаи аввалиндараҷаи тараққиёти бемайлонро аксар вақт чун бо манбаъҳои энергия, хусусан бо энергияи барқ таъмин намудани панҷяки аҳолии ҷаҳон, ки ба он дастрасӣ надоранд, арз мекунанд. Дар ҳуҷҷати ҷамъбастии конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тараққиёти бемайлон бо шиори «Ояндае, ки мо мехоҳем», ки соли 2012 барпо гардид, энергетика нақши асосиро мебозад.«Мо эътироф менамоем, ки энергетика дар раванди тараққиёти ҷаҳонӣ нақши фавқулодаро мебозад, барои он ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои бемайлон дар соҳаи энергетика ба решакан кардани фақирӣ, беҳтар кардани саломатӣ ва пешгирии марги бармаҳали аҳолӣ шуда, барои қонеъ гардонидани талаботҳои ҷонии мардум мусоидат менамояд” [3].

Захираҳои энергетикӣ дар замони ҳозира ба ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ торафт таъсири зиёдтар мерасонанд. Онҳо асоси иқтисодиёти ҳар як мамлакатро ташкил намуда, шароити иҷтимоии ҳаёти мардумро муайян месозанд ва ба муҳити атроф бевосита ё бо ягон восита таъсир мерасонанд. Дар Тоҷикистон ҳоло аз захираҳои энергетикии барои азхудкунии саноатӣ дастрасбуда фақат захираҳои энергетикии обӣ мавҷуд мебошанд. Ин захираҳо амалан хеле бузург мебошанд - 527 млрд. кВт*соат дар як сол, ки аз он фақат наздик ба 16 млрд. кВт*соат истифода бурда шудааст [4,с.6].

Дар айни ҳол дар кишвар шумораи зиёди дарёҳои хурду калон мавҷуд аст, ки интизори азхудкунии неруяшон мебошанд. Бинобар ин имконияти таъмини бемайлони неруи барқ ҳам бо роҳи сохтани як ё якчанд неругоҳи бузург ва интиқоли барқ ба дигар минтақаҳои кишвар бо хатҳо ва ҳам бо бунёд сохтани садҳо НБО хурди ба истеъмолгарон наздик воқеъбуда мавҷуд аст. Аз рӯйи дороӣ бо захираҳои энергияи обӣ Тоҷикистон баъд аз Хитой, Россия, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол мекунад. Дар масъалаи нишондиҳандаҳои хосси ин захираҳо бошад, ба ҳар сари аҳолӣ солона 87800 кВт*соат -ҷойи дуюм, ба ҳар як км² масоҳаташ солона 3682,7 ҳазор кВт*соат -ҷойи якумро дар ҷаҳон ишғол мекунад [6].

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 адад НБО бузург ва миёна ва зиёда аз 300 адад НБО хурди иқтидори умумиашон 132 МВА амал мекунанд [7,с.51].

Соли 2009 барномаи нави сохтмони неругоҳҳои хурд қабул шуд. Мувофиқи ин барнома сохтмони 189 НБО хурд бо иқтидори умумии 103,6 МВт дар назар дошта шудааст. Дар давоми солҳои 2010-2011 зиёда аз 60 НБО хурд бо иқтидори умумии 47 МВА сохта шудааст ва ин раванд давом дорад. Ҳисобҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар маҷрои дарёҳои минтақаҳои кӯҳии кишвар имконияти техникии сохтмони зиёда аз 900 НБО хурд бо иқтидори аз 100 то 3000 кВА мавҷуд буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мебошанд. Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон истифодаи энергияи дарёҳои хурд талабот ба

неруи барқи 500-600 ҳазор нафар одамонро, ки дар дурӣ аз зеристгоҳҳо зиндагӣ мекунанд, 50-70%, дар баъзе ҳолатҳо 100% таъмин карда метавонад.

Бояд қайд намоем, ки мақсади сиёсати миллии тараққиёти энергетикаи обии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ равона карда шуда, ҳеҷ хел ваҷҳи зарар расонидан ба давлатҳои ҳамсояро надорад. Тақсимоти захираҳои обӣ дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи дохилидавлатӣ буд. Дар кишварҳои нави Осиёи Марказӣ дар ин масъала бо розигии тарафайн ҳал карда мешавад ва қисме аз муносибатҳои байнидавлатиро ташкил медиҳад.

Ба ҳама маълум аст, ки бо сохта шудани хатти интиқоли барқи 500 кВ Ҷануб - Шимол ва МБГ (Маркази барқию гармӣ) бо иқтидори 300 МВА дар шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мустақилияти энергетикӣ ноил гардид. МГБ-и Душанбе якҷоя бо истеҳсоли 300 МВА неруи барқ ҳамзамон энергияи гармӣ низ ҳосил мекунад, ки истифодабарии он истифодаи барқро барои эҳтиёҷоти гармкунӣ дар пойтахт низ кам мекунад, ки ин баробари истеҳсоли энергияи барқ дар зимистон хеле зарурбуда мебошад [8,с.42.]

Бо НОБ-и Роғун норасоии барқ на фақат барҳам мехӯрад, балки имкони содироти барқ хеле зиёд мешавад. Истеъмоли барқ бошад, дар зимистон нисбат ба тобистон зиёд мешавад. Ин масъалаи ба ҳам мувофиқ наомадани диаграммаҳои мавсимии ҷараёни оби дарёҳо ва истеъмоли барқро то дараҷае обанборҳо бо ҷамъ кардани об ҳал мекунанд. Аз тарафи дигар, қариб ҳамаи обанборҳои НОБ-ҳои кишвар инчунин барои танзими байнидавлатии обёрии заминҳои корам низ хизмат мекунанд, яъне дар он вақте ки талабот ба энергияи барқ кам аст, талабот ба об зиёд мешавад ва ҳатто оби обанборро бе истифодаи энергияаш сар додан лозим меояд, ки ин муқобили ҳамаи қоидаҳои сарфакорӣ мебошад. Бо барқарор шудани муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳо дар ҳамаи соҳаҳо байни кишварҳои ҳамсоя - Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, дар яке аз вохӯриҳо сарони ин ду давлат қарор додаанд, ки дар дарёи Зарафшон ду НОБ бо иқтидори ҳар яке 160 МВА бо маблағгузории ҳамҷоя месозанд, ки вазифаи ин НОБ ҳам ба ғайр аз истеҳсоли барқ танзими обёрии заминҳои ҳавзаи дарёи Зарафшони ҳарду кишвар мебошад.

Агар ба маълумотҳои истеҳсоли энергияи барқӣ дар Ҷумҳурии ҳамсоя назар андозем (бинобар аз ҳамворӣ гузаштани маҷрои дарёҳо ва кам будани энергияи кинетикии об дар воҳиди дарозии дарёҳо) мебинем, ки фоизи НОБ-ҳо дар истеҳсоли барқ камтар аз 20%-ро ташкил медиҳад. Яъне, дар кишвари ҳамсоя зиёда аз 80% энергияи барқ бо сӯзонидани ангишт дар МГБ-ҳо ба даст оварда мешавад. Истифодаи МГБ-ҳо дар фасли зимистон имконият медиҳад, ки онҳо гармии онро барои гармкунии биноҳо ва корхонаҳои худ истифода мебаранд ва самаранокии МГБ хуб аст. Вале дар тобистон бошад, гармӣ дар биноҳо лозим нест ва самаранокии онҳо кам мешавад.

Таҳлилҳои илмӣ собит менамоянд, ки обанборҳои дар кӯҳсор бунёдшаванда назар ба обанборҳои дар ҳамвориҳо бунёдшаванда 5-10 маротиба камтар заминҳои корамро фаро гирифта, қимати баланди иқтисодӣ доранд. Мисол, гарчанде аз ҷиҳати масоҳат обанбори Қайроққум ба обанбори Норак баробар бошад ҳам, вале иқтидори НБО «Норак» аз НБО–и «Қайроққум» чандин маротиба зиёд аст.

Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти минтақа мушкилоту пайомадҳои зиёдеро ба бор меоранд. Тоҷикистон низ дар ин раванд истисно нест. Натиҷагирии арзишҳои илмӣ аз он башорат медиҳанд, ки ин неругоҳ як дараҷа барои пешгирӣ намудани офатҳои табиӣ, бахусус обхезиҳо дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он тарҳрезӣ гардидааст. Мувофиқи хулосаҳои олимон бо бунёди ин неругоҳ сарфи маблағҳо ба мақсади пешгирӣ ва рафъи оқибати обхезиҳо сарфа гардида, истифодабарии самараноки ин маблағҳо метавонад ба иқтисодиёти минтақа такони ҷиддӣ бахшад.

Омӯзиши ин далелҳо ба чунин хулоса меорад, ки ин ду кишвар барои бартараф намудани монеаҳои самаранок истифода намудани захираҳои энергетикии худ бояд як системаи энергетикии умумиро ташкил дода, бо ҳамдигар додугирифти мавсимии энергияро ба амал бароранд. Дар фасли зимистон ҷумҳурии ҳамсоя миқдори муайяни энергияи барқашро ба Точикистон интиқол медиҳад ва энергияи гармиашро худ истифода мекунад. Дар фасли тобистон бошад, ҳамон миқдор ё ҳатто каме зиёдтарро аз кишвари мо мегирад.

Ин мубодила барои ҳарду кишвар ҳам аз ҷиҳати энергетикӣ ва ҳам аз ҷиҳати танзими обёрӣ муфид мебошад. Барои Тоҷикистон ин имконият медиҳад, ки қобилияти содироти энергияи барқаш дар фасли зимистони камобӣ баландтар нигоҳ дошта шавад ва дар фасли тобистон зарурати резиши беҳудаи оби обанборҳояш намемонад.

Барои кишвари ҳамсоя - Ӯзбекистон бошад, дар фасли тобистон гирифтани барқ аз ҳамсоя миқдори МБГ-ҳои дар фасли тобистон коркунандаро, аз як тараф кам, мекунад. Аз тарафи дигар, интиқоли барқ ба Тоҷикистон ба ҷамъшавии об дар обанборҳои он мусоидат намуда, боиси дар минтақаи Осиёи Миёна танзими обёрӣ ва экология хубтар мегардад, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бештар шуда, сатҳи некуаҳволии ҳарду кишвар баланд мешавад.

Дар фасли зимистон кишвар ба камбуди зиёди энергияи барқӣ (2.2-2.5 млрд.квт/соат) дучор мешуд ва маҷбур буд, маҳдудияти додани барқро ба кор барад, ки он махсусан ба аҳолии деҳот, ки беш аз 70% аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, таъсир мерасонид, ки ин ба маҳдудияти энергияи барқӣ нобудшавии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ба 30% мерасид. Бо сохтмони НОБ-и Роғун имкони содироти барқ хеле зиёд мешавад, лекин нобаробарии солонаи қобилияти истеҳсолии неруи барқ ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад, яъне дар фасли тобистон потенсиали истеҳсолии НОБ-ҳои Тоҷикистон нисбат ба зимистон ба маротибаҳо зиёд мемонад.

Қисми дигари муаммо – ин зиёд будани муқовимати ХИБ (хатти интиқоли барқ)-и пайвасти байни НОБ-ҳои марказ бо НОБ-24 («Дӯстии халқҳо») дар шимоли кишвар, яъне камии сахтии пайваст (недостаточная жесткость соединения) мебошад. Аз ҳамин сабаб аст, ки ҳангоми 515 кВ нигоҳ доштани шиддат дар НОБ-и Норак ва интиқоли 500 МВт иқтидор бо ХИБ 500 кВ Л-518 шиддат дар воридаҳои зеристгоҳи Суғд-500 ҳамагӣ ба 460 кВ баробар шуда истодааст. Афтиши шиддат: $\Delta U=515 - 460 =55$ кВ, ки 10,7%-ро ташкил медиҳад.

Мушкилии дигар, дуртар будани маркази сарбории барқии вилояти Суғд аз маркази истеҳсолии ҷумҳурӣ мебошад. Яъне, муқовимати нисбатан зиёдтари хатти интиқоли барқи байни НБО-24 ва марказ ҳангоми расиши кӯтоҳ дар хатҳои интиқоли барқи вилоятии 220/110 кВ боиси пасту баландшавии шиддат дар аксари зеристгоҳҳои вилоят шуда, ба кори мунтазами истифодабарандагони қувваи барқ халал эҷод менамояд.

Мувофиқи барномаи стратегии роҳбарияти давлат силсилаи неругоҳҳо дар дарёи Зарафшон ва МГБ Шӯроб дар асоси кони ангишти Шӯроб бо иқтидори 600 МВА бояд сохта шавад, дар ҳамон вақт зарурати интиқол аз ҷануб ба шимоли кишвар намемонад, талафоти ба ҳамин алоқаманд низ аз байн меравад.

Ҳамин тариқ, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки фаъолияти босамари инфрасохтор боиси рушди иқтисодиёти минтақа, дар маҷмӯъ мамлакат буда, барои саноатикунонии мамлакат такони ҷиддӣ мебахшад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018 шаҳри Душанбе.
2. Buhr, W. What is Infrastructure? Department of Economics, School of Economic Disciplines, University of/Siegen. Siegen Discussion Paper No.107- 03. – 2003.
3. «Наше общее будущее» — Доклад Всемирной комиссии по вопросам окружающей среды и развития [доклад Брундтланд]. 29 ноября 1990 года. Вызов Югу - Обзор и резюме доклада Комиссии Юга (A/45/810).
4. Қодиров А. Муаммоҳои электроэнергетикаи Тоҷикистон / А.Қодиров, Ш.А. Муҳаммадюсупова. –Хуҷанд: Меъроҷ, 268 с.
5. [Электронный ресурс]. https://www.unece.org. (Дата обращения 22.05.2019)
7. Назарзода А. Гидроэнергетика. Гидроэнергетикаи Тољикистон / А. Назарзода. -Душанбе, 2014. -168 с.
8. Рушди энергетикӣ - рушди устувори иқтисодиёти мамлакат // Маводҳои Конференсияи дуюми илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Технологияи муосир дар электроэнергетика ва саноат”.-Хуҷанд: ДПДТТ, 2018.-201с.


**ИНФРАСОХТОРИ ЭНЕРГЕТИКӢ – РАВАНДИ ТАРАҚҚИЁТИ ОН: МУАММО ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН**


Дар мақолаи мазкур ҳадафҳои стратегии мамлакат дида баромада шудаанд. Зикр шудааст, ки фаъолияти босамари инфрасохтор метавонад моро ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар расонанд, яъне ба саноатикунонии босуръати мамлакат. Мафҳуми инфрасохтор ва гурӯҳбандии он оварда шудааст. Ҳисобҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар маҷрои дарёҳои минтақаҳои кӯҳии кишвар имконияти техникии сохтмони зиёда аз 900 НБО хурд бо иқтидори аз 100 то 3000 кВА мавҷуд буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мебошанд. Аз рӯйи ҳисоби мутахассисон истифодаи энергияи дарёҳои хурд талабот ба неруи барқи 500-600 ҳазор нафар одамонро, ки дар дурӣ аз зеристгоҳҳо зиндагӣ мекунанд, 50-70%, дар баъзе ҳолатҳо 100% таъмин карда метавонанд. Мушкилии системаи энергетикии Суғд дида баромада шуда, роҳҳои ҳалли он пешниҳод шудаанд.



**Калидвожаҳо:** ҳадафи стратегии мамлакат, инфрасохтор, инфрасохтори электроэнергетикӣ, обанборҳо, содироти барқ, хатти интиқоли барқ, энергияи дарёҳои хурд, системаи энергетикӣ.


**ЭНЕРГЕТИЧЕСКАЯ ИНФРАСТРУКТУРА И ПРОЦЕССЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ ЕЕ РЕШЕНИЯ**


В данной статье были рассмотрены стратегические направления развития страны, указывается, что эффективность нашей инфраструктуры может привести нас к достижению стратегических целей страны, то есть

быстрой индустриализации страны. Понятие инфраструктуры и ее классификация. Есть большое количество малых и больших рек, которые ждут своего развития и использования их энергии. Основной задачей беспрецедентного развития энергетики является один из ее компонентов. Предварительные оценки показывают, что в речных бассейнах страны имеются технические возможности для строительства более чем 900 малых ГЭС, мощностью от 100 до 3000 кВА, которые являются экономически выгодными для страны. По мнению специалистов, для использования энергии малых рек может потребоваться электричество для 500-600 000 человек, которые живут в отдаленных районах, до 50-70%, в некоторых случаях - до 100% потребности в электроэнергии. Обсуждается проблема энергии Согда и предлагаются ее решения.

**Ключевые слова:** стратегическая цель страны, инфраструктура, энергетическая инфраструктура, водохранилище, экспорт электроэнергии, линия электропередач, энергия малых рек, энергетическая система.

**POWER INFRASTRUCTURE - PROCESS OF ITS DEVELOPMENT: PROBLEMS AND WAYS OF ITS DECISION**

In this article were considered the strategic objectives of the country that effectivness of our infrastructure can lead us to a strategic objective of the country, that is fast industrialization of the country. Concept of its infrastructure and its classification. There is a large number of the small and big rivers which wait for the development and use of their energy. The main objective of unprecedented development of power is one of its components. Preliminary estimates show that in river basins of the country there are technical capabilities for construction more than 900 small hydroelectric power stations with power from 100 to 3000 kVA and economic for the country. According to experts, for use of energy of the small rivers electricity up to 500-600,000 people who live in the remote areas, up to 50-70%, in certain cases - up to 100% of need for the electric power can be required. The problem of energy of Sogd is discussed and its solutions are proposed

**Key words:** the strategic objectives of the country, infrastructure, energy infrastructure, water reservoirs, export of electric power, power transmission line, the energy of small rivers, power system.

**Сведения об авторе:** ***Хомидова М.И.*** – Горно-металлургический институт Таджикистана, ассистент кафедры электроснабжения. **Адрес:** 735730, Республика Таджикистан, г. Чкаловск, улица Московская 6. E-mail: **homidova_1004@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khomidova M.I.*** - Mining and Metallurgical Institute of Tajikistan, assistant of the Department of Power Supply. **Address:** 735730, Republic of Tajikistan, Chkalovsk, Moskovskaya street 6. E-mail: **homidova_1004@mail.ru**

**УДК:36.1/.5+334.75 (575.3)**

# МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

***Шарипов Ф.З.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Дар иқтисоди имрӯзаи омехта низоми хариди давлатӣ ҷузъи ҳатмии идораи давлатӣ-молиявӣ ва дигар захираҳои ҷамъиятии сектори иқтисодиёт мебошад. Аз он на танҳо иҷрои вазифаи таъмини талаботи ҷамъият, балки вазифаи танзими давлатии иқтисод дархост карда мешавад.

Бухрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ба рушди раванди нави тағйирёбии низомҳои иқтисодӣ сабабгор шуд. Барои марҳалаи нави тағйирёбии иқтисоди Тоҷикистон муҳим ташаккули шароити қоидавӣ (институтсионалӣ) барои паси сар кардани оқибати бухрон ва гузаштан ба усули инноватсионии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Барои дарёфти ҷавоби дуруст ба талаботи стратегии инноватсионӣ ислоҳоти сифатии институтҳои танзими давлатӣ, фишанг ва технологияҳои иҷрои вазифаҳои давлатӣ, аз он ҷумла институт ва механизмҳои низоми хариди давлатӣ бо мақсади рушди он ҳамчун қисмати ҷудонашавандаи танзими ҷамъиятӣ, ки идораи самараноки захираҳои давлатиро таъмин мекунад, зарур аст.

Низоми хариди давлатӣ бояд ба фишанги босамари танзим, муътадилгардонии иқтисод ва муттаҳидгардонии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, иқтидорҳои илмӣ ва саноатӣ барои иҷрои мақсадҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат то соли 2020 табдил ёбад.

Муҳиммияти мавзӯъ бо он асоснок мешавад, ки дар илми иқтисодии ватанӣ дар амал як қатор мушкилоти ташкилӣ ва қонунгузории таъмини харид барои эҳтиёҷоти давлат ҳал карда нашудааст. Дар натиҷа ислоҳоти ҳоло мавриди иҷрои низоми хариди давлатӣ хусусияти қоидавӣ ва лаҳзавиро пайдо кардааст, ки ба истифодаи босамари хариди давлатӣ дар доираи Барномаи чораҳои танзими зиддибуҳронии иқтисод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст, халал мерасонад.

Давлат ӯҳдадорӣ ва хароҷоти таъмини маҳсулоти ҷамъиятӣ ва ҷамъиятию истеҳсолиро ба зиммаи худ гирифта, дар як вақт бо роҳи маблағгузории хароҷоти истифодабарии ташкилотҳои сектори ҷамъиятӣ метавонад худ онро истеҳсол кунад, ҳамчунин метавонад онро аз сектори ғайридавлатӣ (соҳибкорон) харидорӣ намояд.

Истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ, ки асосан дар дасти сектори ҷамъиятист, имрӯз ба андозаи зиёд ё дар берун аз ҳудуди он, ё бо ҳамкорӣ бо корхонаю муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ амалӣ гардонида мешавад. Ба ҷойи механизми пурраи тақсимотии таъмини ҷомеа бо неъматҳои ҷамъиятӣ механизми хариду фурӯш арзи вуҷуд кардааст. Ҳар як шарик вазифаеро ба зимма мегирад, ки ба таври беҳтарин аз уҳдаи анҷомаш мебарояд. Давлат бошад, бештар мақсад ва афзалиятҳои барномаҳо, нишондиҳандаҳои онҳоро муайян месозад, дар нақши қувва ва ташкилотчӣ баромад мекунад, мониторинг ва назоратро ба ҷо меорад, барои натиҷаҳои ҳамкорӣ ҷавобгарӣ ба зимма мегирад, асосҳои молиявии кооператсияро ташкил менамояд.

Сохторҳои ғайридавлатӣ дар бисёр маврид истеҳсоли худи неъматҳои ҷамъиятиро ба зимма доранд.

Аз рӯйи моҳияти иқтисодӣ мақулаи (категорияи) «супориши давлатӣ» талаботи ҷамъиятиеро, ки тавассути талаботи давлат ифода меёбад, инъикос менамояд. «Хариди давлатӣ» бошад, аз рӯйи моҳият талаботи таъминшудаи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Мутаносибан супориши давлатӣ гуфта, талаботи асоснок ва расмишуда ба маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатро бояд фаҳмид, супориши давлатӣ ин амал оид ба муайян кардани молфиристонандагон (иҷрокунандагон, пудратчиён) баҳри бастани шартномаи давлатӣ барои дастрасии маҳсулот, иҷрои кор, расондани хизмат ба ҳисоб меравад.

Дар навбати худ, истилоҳи «хариди давлатӣ» мазмуни шартномаи бозориро фаҳмонда, марҳалаи иҷрои супориши давлатиро инъикос менамояд.

Яъне, хариди давлатӣ ҳамчун натиҷа, марҳилаи ниҳоии раванди таъмини талаботи ҷамъият баромад мекунад. Он дар худ нишонаи ҳамаи марҳалаҳои гузашта ва дар як вақт, шакли таъмини талаботи ҷамъиятиро дорост, зеро ивази маҳсулот дар байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон дар раванди хариду фурӯш дар бозори мол анҷом мепазирад.

Ҳамин тавр, низоми хариди давлатӣ ин маҷмӯи муташаккили ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобаста, дорои ягонагӣ ва яклухтӣ мебошад. Ба низоми хариди давлатӣ чун ҳамаи дигар низомҳои иқтисодӣ мақсаднокӣ хос аст.

Фаъолияти субъектҳои он дар шахси мақомоти кафолатдори давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидории шаклҳои гуногуни моликият дар ниҳоят, ба дастёбии мақсадҳои ба худ хосси низоми мазкур, яъне маҳз таъмини талаботи ҷамъиятӣ равона шудааст. Мақсаднокӣ мутобиқат, ҳамчунин вазифаҳои ба ташкилот мувофиқи дар асоси қоидаҳои умумии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ оид ба банақшагирӣ, ташаккул, ҷойгиронии супоришҳои давлатӣ, иҷрои шартномаҳои давлатӣ бо мақсади дастрасии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатиро дар назар дорад.

Ҳамчун низоми ягонаи иқтисодӣ, ки хосси алоқаи байниҳамдигарӣ ва ба ҳам вобастаи ҷузъҳои алоҳидаи ин низом мебошад, шаклҳои гуногуни моликият, муносибатҳои иқтисодӣ дар доираи низоми мазкур худ ба худ, ғайри алоқа бо дигар ҷузъҳо ба вуҷуд намеояд ва амал намекунад. Аммо барои марҳалаи аввали барқароршавии низоми иқтисодӣ он ҳолат хос аст, ки таркибҳои алоҳида аллакай ба вуҷуд омадаанд, дигарашон дар марҳалаи ташаккул қарор доранд; дар ин ҳолат таркибҳои низоми кӯҳнаи иқтисодӣ мавҷуданд, дар натиҷа мураккабӣ ҳангоми алоқаи байниҳамдигарии таркибҳои алоҳида ё зернизом ҳамчун ягонаи яклухт ба вуҷуд меояд.

Дар шароити имрӯза низоми хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз чунин шакли мураккабро ба вуҷуд овардааст, ки дар он таркибҳои алоҳида ва зернизомҳо дар марҳалаи гуногуни рушд қарор доранд. Раванди ташаккули асосҳои қоидавӣ (институтсионалӣ)-и хариди давлатӣ, ки ҷавобгӯйи шароити бозории хоҷагидорист, бо тартибҳои бавуҷудомада, қоидаҳои барқарорӣ ва иҷрои алоқаҳои иқтисодии давлат-супоришгар бо субъектҳои хоҷагидорӣ дар зиддият қарор мегирад.

Давлат хароҷот барои харидро афзун намуда, барои маҳсулот ва хизматрасонӣ талаботи иловагӣ ба вуҷуд меорад, ки ин сабаби афзоиши ММД мегардад. Субъектҳои хоҷагидорӣ аз давлат барои маҳсулоти расонда (маҳсулот, кор, хизматрасонӣ) пардохт ба даст оварда, хароҷоташонро дар асоси рағбатнокии ниҳоии худӣ ба истеъмолот афзун менамоянд. Бо ин онҳо ба афзоиши талаботи умумӣ ва ММД мусоидат менамоянд. Аз ҳисоби ин механизми афзоиши хароҷоти давлатӣ раванди мултипликатсияи даромади миллиро ба кор медарорад, ки монанд ба он аст, ки ҳангоми афзоиши сармоягузории хусусӣ ба вуҷуд меояд.

Яъне, хариди давлатӣ ба сифати омили ҳавасмандсозии баландбардории макроиқтисодии нишондиҳандаҳои давлат ва минтақаҳо баромад мекунад, тавре зикр шуд, хариди давлатӣ омили муҳимми ташаккули маҷмуи талабот мебошад ва ба ҷараёни

рушди иқтисод ва таъмини шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад. Давлат ҳамчун субъекти фаъолияти иқтисодӣ ҳаҷми калони харидро барои таъмини талаботи ҷамъиятӣ ба анҷом расонида, ба рушди иқтисод, афзоиши инноватсионии он, беҳтаршавии сифати хизматҳои иҷтимоии расондашаванда мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, хариди давлатӣ аз рӯйи таъсири худ ба иқтисод хусусияти маҷмӯиро дорост. Низоми хариди давлатӣ вазифаҳои зикршударо ба ҷо оварда, на танҳо вазифаи таъмини эҳтиёҷоти давлатро иҷро мекунад, балки ба сифати яке аз институтҳои асосии танзими давлатӣ, ба сифати фишанги муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат баромад мекунад .

Чанд самти иҷрои хариди буҷетро, ки фаъолияти муътадили давлат ва таъмини талаботи ҷамъиятиро таъмин месозанд, метавон ҷудо кард:

- хариди аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, нақлиёти автомобилӣ ва техникаи махсус, маводи сӯзишворию молиданӣ, хӯрокворӣ, техникаи тиббӣ ва доруворӣ; кор оид ба бунёди биноҳо ва иншооти хусусияти дифоӣ дошта, иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ (КСВ) барои эҳтиёҷоти дифоӣ ва бехатарии мамлакат;

- хариди таҷҳизоти ҳисоббарорию телекоммуникатсионӣ, ҷиҳоз, маҳсулоти матбаа, молҳои конселярию офисӣ, бунёди бино ва иншоот, иҷрои КСВ ва хизматрасониҳои сохтмонию таъмирӣ барои муассисаҳои давлатӣ ва ташкилоти буҷетӣ;

- харид бо тартиби сохтмони манзили давлатӣ;

- харид ва расондани маҳсулот барои захираҳои давлатӣ; ба вуҷуд овардани захираҳои сафарбаркунӣ; харид барои барҳамдиҳии офатҳои табиӣ ва фалокатҳои техногенӣ;

- расондани маҳсулот барои содирот ба тартиби иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- харид ва расондани маҳсулот барои иҷрои барномаҳои мақсадноки давлатӣ, ки қисман ё пурра аз ҳисоби воситаҳои буҷет маблағгузорӣ мешаванд.

Дар шароити имрӯза мутахассисон Ф. Рибаков, Г. Алпатов ва А. Литвиненко чунин меҳисобанд, ки аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроия «нақши хариди давлатиро дар иқтисоди мамлакат номукаммал баҳогузорӣ менамояд». Баробари ин, дар самтҳои асосии сиёсати буҷетӣ қайд мешавад, ки қоидаҳои хариди давлатӣ, аз он ҷумла озмунҳо чун собиқа имкониятҳои зиёдро барои маҳдудкунии иштирокчиёни эҳтимолии савдо, ҳамчунин барои баландбардории талаботи буҷетӣ ва нигоҳдории хароҷоти бесамари буҷетӣ вогузор намудааст.

Хариди давлатӣ фишанги баландбардории иқтидори технологии саноати тоҷик шуда метавонад. Бо ин мақсад иқтисодшиносон ташкили низомҳои сарбастаро бо шакли «таҳқиқоти илмӣ ва истеҳсоли маҳсулоти илмият дошта дар ширкатҳои тоҷик- харидҳои калони ин маҳсулот аз тарафи давлат» пешниҳод менамоянд. Ба сифати самти дигар донишмандон ҳавасмандкунии ҷараёни сармояи хориҷиро ба истеҳсоли маҳсулоти дорои илмият ва иҷрои хариди давлатии ин маҳсулотро пешниҳод намудаанд.

Аз ҷумла, дар мавриди таҷрибаи Россия дар бораи хариди давлатӣ ҳарф зада, донишмандон бар онанд, ки дохилшавии мунтазами супоришгарони давлатӣ ба муносибатҳои мутамаддин бо бизнес мушоҳида мешавад, аммо дар айни замон адами далелҳои аниқро дар бораи низоми хариди давлатӣ дар ин ҷумҳурӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд, ки барои аз ҷиҳати илмӣ дуруст баҳо додан ба самаранокии он метавонад ёрӣ расонад. Ин ҳолатҳо дар натиҷаи як қатор сабабҳо ба амал меояд: на ҳамаи супоришгарони давлатӣ маълумоти талабшавандаро пешниҳод менамоянд; як қатор маълумот хусусияти пӯшида дорад; мушоҳидаҳои оморӣ дорои хато ва ноаниқиҳо мебошанд, онҳо як қатор ҷиҳатҳои муҳимми хариди давлатиро кушода намедиҳанд.

Дар ФР ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудани қонунҳои муҳим дар ин мавриди дар ҳалли мушкилоти бамиёномада нақши калон бозиданд. Пас аз қабули Қонуни федералии дар ФР «Дар бораи ҷойгиронии супоришҳо барои дастрасии маҳсулот, иҷрои кор, расондани хизмат барои эҳтиёҷоти давлат ва муассисаҳои давлатӣ» (минбаъд Қонуни №168) аз 03 марти соли 2006 таҳти №168 таъмини иттилоотии хариди давлатӣ дар ин мамлакат сатҳи баландтарро соҳиб шуд. Чунин қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба тасвиб расид. Аз он ҷумла қоидаҳои асосие, ки дар ин қонунҳо сабт гардидаанд, аз инҳо иборатанд: рақобат ва баробарии молфиристонандагон; истифодаи самараноки воситаҳои буҷетӣ; шаффофияти харидҳои давлат.

Барои иҷрои ин қоидаҳо аз тарафи давлат, дар навбати аввал, бояд шароите ба вуҷуд оварда шавад, ки дар он маълумот дар бораи хариди давлатӣ, хусусияти маҳсулот, кор,

хизмати харидашаванда, дар бораи супоришгарони давлатӣ ва молфиристонандаҳо ба доираи васеи ашхоси ба он шавқманд дастрас гардад.

Ҳамин тавр, тибқи Қонуни №168-и РФ ва ҳам тибқи қонуни ба ин монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷойгиронии супоришҳо барои дастрасии маҳсулот, иҷрои кор, расондани хизмат барои эҳтиёҷоти давлат ва муассисаҳои давлатӣ» дар ин ҷумҳуриҳо дар сатҳи субъектҳои онҳо ва ташкилотҳои мунисипалӣ таъсиси нашрияҳои махсус дар назар дошта шудааст, ки дар онҳо дар бораи ҳамаи харидҳои давлатӣ ва мунисипалӣ иттилооту эълон ба чоп мерасанд, ҳамчунин сайтҳои расмии интернет ин иттилоотро оид ба хариди давлатӣ ба ҳама дастрас намуданд.

Дар шарҳи мавзӯи мазкур ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки хариди давлатӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои таъмини эҳтиёҷоти давлат (талабот) мебошад, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулот (кор, хизмат), ки аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ таъмин мешаванд.

Низоми ҳозиразамони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба харидҳои давлатӣ асосан дар пояи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷа, аз он ҷумла ФР бунёд шудааст. Қариб дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои асосии қонунгузорӣ, меъёрӣ ва усулӣ таркибҳо аз ҳуҷҷатҳои ба ин монанди ТДМ пайгирӣ шудааст. Ба иловаи ин, фаҳмиш ва ҷаҳонбинии миллӣ, хусусияти хариди хосси мардуми тоҷик ба эътибор гирифта шудааст. Афзун ва таҳкимбахшии суръати таъмини иттиллоотӣ дар соҳаи ҷойгиронии супоришҳои давлатӣ ва мунисипалӣ барои такмили низоми хариди давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити даркорӣ фароҳам меорад, имкон медиҳад, ки назорати воқеӣ аз болои гузарондани он амалӣ шавад, фасод маҳдуд гардад.

Эҳтиёҷоти давлатии ҷумҳурӣ ин талаботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулотест, ки барои ҳалли вазифаҳои таъмини ҳаётӣ, дифоӣ ва бехатарии давлат ва барои иҷрои барномаҳои ҷумҳуриявии мақсаднок ва барномаҳои байнидавлатии мақсаднок, ки дар онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунад, заруранд. Ҳаҷми талаботи давлат дар шакли супориши давлатӣ муайян карда мешавад ва барои аз тарафи ваколатдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ бастани шартнома бо молфиристонанда (иҷрокунанда) ҳамчун асос хизмат мекунад.

Дар навбати худ, супориши давлатӣ гуфта, маҷмӯи супоришҳо барои харид ва расондани маҳсулот баҳри эҳтиёҷоти давлат, ки аз тарафи супоришдиҳандагони давлатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби сарчашмаҳои буҷетии маблағгузорӣ, ҳамчунин фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ анҷом дода мешаванд.

Эҳтиёҷоти давлат бо роҳи бастани шартномаи давлатӣ барои расондани маҳсулот, кор ва расондани хизмат таъмин карда мешавад, яъне анҷом додани муомилоти шаҳрвандию ҳуқуқӣ - хариди давлатиро дар назар дорад.

Хариди давлатӣ аз тарафи давлат иҷро намудани вазифаҳои гуногунро мефаҳмонад, ки ба баланд бардоштани идоракунии марказонида, пешгирии афзоиши хароҷоти беназорат, ихтисори хароҷоти буҷети давлатӣ, идораи ҷараёнҳои моддӣ дар ҳолати мувофиқати онҳо бо муносибатҳои бозорӣ нигаронда шудааст. Азбаски хариди давлатӣ дар қисмати хароҷотии буҷети аксарияти давлатҳои пешрафта ҷойи асосиро ишғол мекунад, он фишанги таъсирбахши идораи иқтисодиёт дониста мешавад. Тавассути шарномаҳои давлатӣ бисёр мамолик мушкилоти иҷтимоию иқтисодии худро баровварда мекунанд, ҳамчунин гузарондани таҳқиқоти илмӣ, ташкил ва ҷорӣ намудани технология ва таҳияҳои навро таъмин месозанд. Аз ин рӯ, низоми хариди давлатӣ, хариди маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлат фишанги пуриқтидори таъсири давлат ба иқтисод мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Афанасьева М.В. Государственные закупки ва рыночной эконимике / М.В. Афанасьева, Н.В. Афанасьев, В.А. Кныш. -СПб.: СПбГУЭФ, 2004. -С.10.
2. Смотрицкая И.И. Экономика государственных закупок / И.И. Смотрицкая. -М.: Кныжный дом «ЛИБРОКОМ», 2009. -С.22-23.
3. Формирование и развитие системы государственного заказа на примере опыта Санкт-Петербурга / под ред. В.В.Бланка. -СПб., 2006. -С.82.
4. Смотрицкая И.И. Трансформация системы государственных закупок в Российской экономике: автореф. дисс.док. экон. наук / И.И. Смотрицкая. -М., 2009. -С.22.
5. Дежкина Т.Г. Теоретические основы государственного предпринимательства / Т.Г. Дежкина // Проблемы современной экономики. - 2004. -№4(28).
6. Симкина Л.Г. Экономическая политика России: федеральный и региональный компоненты / Л.Г. Симкина; под.ред. Ф.Ф. Рыбакова, Г.Е. Алпатова. -СПб.: ОЦЭиМ, 2002. -С.27.
7. Федеральный закон от 03.03.2006 №168 «О государственной закупке товаров, работ и услуги.

**МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои хариди давлатӣ, моҳият ва нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, фишанги босамари танзим ва муътадилгардонии захираҳои моддӣ, моҳияти иқтисодии категорияи супориш давлатӣ, «хариди давлатӣ» сабабҳои афзоиши ММД, сифати омили ҳавасмангардонии баланд бардоштани нишондодҳои макроиқтисодиёт, самтҳои иҷрои харид аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, харид ва расонидани маҳсулот барои иҷрои барномаҳои мақсадноки давлатӣ, таҳлили андешаи олимони соҳавӣ оид ба нақши хариди давлатӣ дар иқтисоди мамлакат, масъалаҳои пешгирии афзоиши хароҷоти зиёд, ихтисори сарфи хароҷоти буҷети давлатӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** хариди давлатӣ, хароҷот, маҳсулоти ҷамъиятӣ, супоришҳои давлатӣ, хариду фурӯш, хизматрасонӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ, ҳисоббаробаркунӣ, самаранокӣ, рақобат, буҷети давлатӣ, маблағгузорӣ, шартнома.

**СУЩНОСТЬ И РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЗАКУПОК В РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКЕ**

В статье рассмотрены вопросы государственных закупок, сущность и их роль в обеспечении устойчивого роста национальной экономики, эффективный инструмент экономического регулирования и стабилизации материальных ресурсов, экономическая сущность категории государственного заказа «государственная закупка», причины роста ВВП, качество факторов стимулирования повышения макроэкономических показателей направления выполнения закупок за счет средств бюджета, закупки и доставка продукции для выполнения государственной целовой программы, анализ точек зрения отраслевых ученых на роль госзакупок в экономике страны, вопросы увеличения и изменения расходов, экономиа расходов бюджетных средств.

**Ключевые слова:** государственные закупки, расходы, общественный продукт, государственные задания, закупка-реализация, обслуживание хозяйственных субъектов, инвестиция, расчеты, эффективность, конкуренция, государственный бюджет, капиталовложения, доходы.

**THE ESSENCE AND ROLE OF GOVERNMENT PROCUREMENT IN A MARKET ECONOMY**

The article discusses issues of government procurement, the nature and its role of ensuring the sustainability of the growth of the national economy, an effective tool for economical regulation and stabilization of material resources, the economic nature of the category of state order, “Government procurement” causes of an increase in GDP account of budget funds, procurement and delivery of products for the implementation of the state target program, point of view of industry scientists about the role of public procurement in the country's economy, the issues preventing an increase in unnecessary costs, with the exception of the state budget.

**Key words:** government procurement, expenditures, social product, government assignments, procurement-sales, services, business entities investment, calculations, efficiency, competition, the state budget, capital investments, revenues.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Фаррух Зарифович*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, соискатель кафедры предпринимательский и экономический основы. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **936-06-06-06**

**Information about the author:** ***Sharipov Farrukh Zarifovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, applicant for the Department of Entrepreneurship and Economics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **936-06-06-06**

**УДК-33Т**

# ЗАНЯТОСТЬ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ВЫСОКОГО УРОВНЯ ВНЕШНЕЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ

***Furthermore***

Экономические трансформации, связанные с преобразованием административно планируемой экономики в рыночную, которые реализовались в республиках бывшего Советского Союза во многих отношениях представляют новый, ранее не известный феномен в экономической истории. Никто не прогнозировал эти поражающие воображение трансформации, следствием которых являются сложные институциональные и экономические преобразования. Не секрет, что страны, с планово-административной экономической системой, в том числе Республика Таджикистан, в своей практике имели достаточно развитый обмен, основу которого составлял высокий уровень специализации производства и налаженные производственные отношения между союзными республиками. Следует отметить, что указанные элементы хозяйственной деятельности имели не рыночный характер и реализовались на основе принципов планово-административного хозяйствования.

Объективно-обусловленные особенности занятости экономически активного населения в условиях переходного периода прежде всего характеризуются происходящими процессами трансформаций. Прежде всего этот феномен проявляется в расслоении экономического пространства рынка труда. В реузльтате такого расслоения возникла сегментация рынка труда, что отразилось на уровне и формах занятости экономически активного населения.

После развала планово-административной системы возникли две модели переходного рынка труда. Первая модель возникла в странах центрально-восточной Европы, а вторая в странах бывшего СССР (ныне СНГ), а вторая в странах Восточной Европы. Общая специфика этих рынков труда объясняется тем, что они возникли на фоне разрушения старой и формирования новой экономической системы. Однако, несмотря на общую характеристику рынка труда, его формирование в условиях Республики Таджикистан имеет определенные особенности. Прежде всего это касается общей тенденции развития макроэкономических условий и изменения уровня занятости экономически активного населения. В условиях Республики Таджикистан с начала 90-х годов прошлого столетия, еще в период существования плановой экономики, сложились следующие макроэкономические тенденции занятости экономически активного населения:

- высокий уровень экономической активности;
- избыточное предложение рабочей силы на рынке труда;
- занятость в неформальном секторе экономики;
- наличие в экономике феномена самозанятости и др.

Существующая единая тарифная система, которая определяла стабильные ставки заработной платы, по существу реализовалась под натиском монопольной власти государства как основного работодателя.

В первые годы реализации перехода к рыночной экономике, в Республике произошла попытка децентрализации занятости экономически активного населения, которая послужила поводом для разрушения установленных многими годами хозяйственных связей предприятий. Приватизация государственной собственности на средства производства, либерализация цен и в связи с этим начало предпринимательства создали ранее несуществующие возможности для населения самостоятельно находить рабочие места с достойной заработной платой.

В течение всего переходного периода, регулирование занятости экономически активного населения реализовалось только со стороны государства и не всегда эффективными методами.

Еще со времен существования единого народнохозяйственного комплекса Советского Союза, Республика Таджикистан, с точки зрения прироста населения, относилась к региону с быстрорастущим населением. Такая тенеднция продолжилась и после развала СССР и начала построения рыночных отношений в республике. Выявляя объективно-обусловленные особенности занятости экономически активного населения не учитывать этот фактор просто невозможно. Дело в том, что основу формирования экономически активного населения составляют люди. Поэтому в таблице 1 мы привели данные о численности постоянного населения, трудовых ресурсах, численности занятых в экономике.

**Таблица 1. Динамика численности населения и трудовых ресурсов в Республике Таджикистан**

**Table 1. Dynamics of population and labor resources in the Republic of Tajikistan**

| Показатели | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Численность постоянного населения (тыс. чел.) | 5505,6 | 5701,4 | 6250 | 6842,2 | 7621,2 | 7807,2 | 7987,2 | 8161,1 | 8352 | 8551,2 | 8742,8 | 8931,2 |
| Трудовые ресурсы (тыс. чел.) | 2526 | 2811 | 3186 | 3893 | 4530 | 4664 | 4796 | 4859 | 4983 | 5111 | 5224 | 5326 |
| Численность занятых в экономике (тыс. чел.) | 1971,3 | 1852,5 | 1745,4 | 2111,7 | 2233,3 | 2249,3 | 2291,5 | 2307,3 | 2325,4 | 2379,7 | 2385,3 | 2407,0 |

Источник: Таджикистан: Статистический ежегодник. –Душанбе, 2018. -С.27. -С.81-84

Отсюда следует, что занятость экономически активного населения Республики Таджикистан объективно связана с феноменом быстрорастущего населения, трудовых ресурсов и за последние годы ростом занятых трудовых ресурсов в экономике (рис. 1).

Из диаграммы рисунка 1 видно, что темпы роста трудовых ресурсов за весь рассматриваеый период превышают рост численности населения, а темпы роста численности занятых в экономике намного ниже, чем темпы роста трудовых ресурсов и населения. Это говорит о том, что, несмотря на все усилия эффективно регулировать занятость экономически активного населения, в республике проблема безработицы приобрела хронический характер.

Занятость экономически активного населения Республики Таджикистан в условиях переходного периода оказалась неустойчивой, и рост безработицы превзошел все ожидания. Несмотря на реалии переходного периода в области занятости экономически активного

населения, на протяжении 26 лет статистические органы, оперируя только реально зарегистрированными безработными, характеризуют ее уровень не выше 3%.

**Рис. 1. Темпы роста численности населения, трудовых ресурсов и численности занятых в экономике**

**Fig. 1. The growth rate of population, labor and employment in the economy**




На самом деле объемы фактического уровня безработицы за эти годы были намного больше публикуемых данных статистических органов. В сложившихся социально-экономических условиях республики д.э.н., профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ученый-экономист Р.К. Рахимов в своих работах оценивает фактический уровень безработицы в пределах 36-40% [1,с.50]. При этом за предельно допустимый уровень безработицы этим экономистом принимается 9%.

По сравнению с ним д.э.н., профессор Т.Р. Ризокулов на основе анализа реальных тенденций в сфере занятости экономически активного населения выделяет два этапа в характеристике фактического уровня безработицы. Согласно его исследованиям, на первом этапе рыночных трансформаций, охватывающем период с 1991 по 1996гг. реальный уровень безработицы в среднем составляет 23,8%. На втором этапе с 1997 по 2007гг., реальный уровень безработицы в среднем составляет 32,9% [2].

Нам представляется, что эти данные, озвученные отечественными учеными-экономистами, в точности характеризуют состояние рынка труда Республики Таджикистан.

Об этом можно судить по диспропорции между спросом и предложением рабочей силы на рынке труда Республики Таджикистан, которая характеризуется как преобладание предложения над спросом.

В монографии Когномика [5] утверждается, что главным отличием современного этапа мирового общества является всеобщее распространение высшего или, используя более распространенный термин – послешкольного образования. Иными словами, образования взрослых людей, достигших возраста 18 лет и более. Исследование показывает, что результатом послешкольного образования 4-5 лет является увеличение производительности труда в 15-20 раз (в зависимости от отрасли общественного производства). Массовое высшее образование – это основная характеристика постиндустриальной экономики, обеспечивающей переход к экономике знаний.

Авторы «Когномики» утверждают, что в перспективе порядка 90% экономически активного населения будут вести познавательную деятельность, как в процессе первичного обучения – и до законченного бакалавриата, так и в течение всей экономически активной жизни – образование в течение всей жизни. Иногда эти люди – люди с высшим профессиональным образованием будут создавать человеческий капитал страны, который в современных условиях составляет подавляющую долю национального богатства. Таким образом, резюмируют авторы монографии, познавательная деятельность человека, определяемая уровнем развития высшего образования, становится, тем самым ключевым фактором экономического роста и развития социума и определяет престиж и место государств в современном мире.

Именно эта роль человеческого капитала, имеющего высшее и послевузовское образование привело к тому, что во второй половине XX века высшее образование в мире получило ускоренное расширенное развитие. Так, с 50-х годов в развитых странах, а несколько позже в большинстве развивающихся, стал резко возрастать социальный спрос на высшее образование, принимая порой характер социального взрыва. Государство стремилось к удовлетворению этого резко растущего спроса на образование. В итоге, число обучающихся в высшей школе росло беспрецедентными темпами, так за 30 лет, с 1955 по 1986 годы , число поступивших в высшие учебные заведения Испании возросло в 15 раз, Швеции – 9,7 раза, Австрии – в 9,4 раза, в Франции - 6,7 раза. В развивающихся странах рост был еще более внушительным. За то же самое время число поступивших в вузы Таиланда возросло в 33 раза, Индонезии в 36 раз, Конго в 60 раз, Венесуэлы в 63 раза, Мадагаскара в 87 раза, Кении 103 раза, Нигерии в 112 раза.

Наравне с резким увеличением контингента студентов высших учебных заведений последней четверти столетия правительство стран принимали целевые долгосрочные программы адаптации содержания образовательного процесса к потребителям экономики, которое имеет тенденции перехода к экономике знаний. Одновременно дискутировалась недостаточная гибкость «формального образования» и предлагалась концепция «возобновляемое образование», так как действующее формальное образование приводило людей к разочарованию в силу еего неспособности удовлетворить социальный спрос на образование и потребности общества в квалифицированной рабочей силе.

Все больше распространилась идея «возобновляемого образования», выдвинутая Улофом Пальме, министром просвещения Швеции 1960 году. Исследователи все больше приходили к мысли о том, что идея практически является «новой стратегией в сфере образования». По мнению авторов [16,с.27], «эта стратегия выражала стремление правительств разработать фундаментальную концепцию радикальных преобразований, в сфере образования, которые содействовали бы значительному расширению образовательных возможностей и установлению новых функциональных связей между экономической и социальными сферами общественной жизни.

Учитывая революционное развитие информационных технологий решено было создавать новую образовательную систему на базе идей непрерывного образования - обучение в течение всей жизни. Продолжалась разработка и реализация целого цикла международных и национальных проектов и программ информатизации образования. Эти программы охватили обучение как на формальном, так и на неформальном образовательном процессе и детей и взрослых.

Высокоразвитые страны [16,с.30] Великобритания, Германия, Франция, Италия, Скандинавские страны, США и Япония в последние годы разработали и продолжают внедрять государственные программы развития образования на базе применения современных компьютерных и телекоммуникационных систем. Эти программы предусматривают применение сетевых технологий в учебном процессе, соответствующих подготовке преподавателей и разработке такого программного обеспечения, которое бы удовлетворяло бы требованиям к качеству учебного материала и с технологической и с педагогической точки зрения. В других европейских странах, в частности, в Финляндии в 1995 году министерство

образования приняло пятилетний план «образования, обучения и исследования в информационном обществе, национальную стратегию», согласно которой к 2000 году должна быть предоставлена возможность всем желающим и вузам страны доступа к информационным сетям. Такого же характера программа была принята министерством образования Германии, которая приняла трехлетнюю программу «школа и сети» с целью предоставления доступа более чем 10000 немецких школ к интерактивным информационным услугам.

В 1996 году [16,с.33] комиссия Европейского сообщества разработала трехлетнюю программу «обучение в информационном обществе», главными задачами которого являются «развитие системы образования в соответствии с запросами информационного общества, путем предоставления школам новых средств доступа к мировым информационным ресурсам; широкое применение мультимедийной технологии в педагогической практике, резкое возрастание числа пользователей мультимедийных образовательных продуктов и услуг, усиление культурного и лингвистического разнообразия европейской системы образования путем применения технологии информационного общества».

Наравне с широким применением информационно-коммуникационных технологий в образовательном процессе, ученые исследователи и международные институты предложили поиск путей формирования новой образовательной системы, в частности, обоснования развития идеи «непрерывного образования». Останавливаясь на принципиальной значимости непрерывного образования и относительной его дороговизне, Э. Тоффлер пишет: «тем не менее это гораздо дешевле, чем просто выбрасывать рабочих на свалку и субсидировать их все время при условии постоянного отсутствия у них работы. Если мы не поможем тем, кого все больше вытесняем, войти в новую культуру и новую экономику, то мы разрушим общество». Исходя из вышеприведенного, можно сделать вывод о том, что если не обеспечивать непрерывность образовательного процесса, особенно широко внедряя компьютерную технологию и широко используя разные специализированные образовательные порталы, откуда индивид- носитель человеческого капитала может черпать необходимую для обогащения своего человеческого капитала в плане общих и специфических знаний и навыков, то, учитывая положение когнитивной экономики, отражающей процесс сокращения циклов развития знаний до трех и менее лет, то можно сделать вывод о том, что уровень специфических составляющих человеческого капитала будет значительно отставать от уровня развития техники и технологии, что приведет к неэффективному использованию последней, с вытекающими отсюда последствиями. В этом случае, может появиться еще один более неблагоприятный вариант-работников уволят по причине несоответствия их знаний и умений требованиям производства, тогда не только производство не будет обеспечено кадрами, что связано с убытками, вдобавок к этому, еще обществу нужно будет содержать безработных, численность которых будет непрерывно расти. Все это свидетельствует об архиважности широкого внедрения непрерывного образования. Это, с одной стороны, с другой стороны, ведя речь об актуальности развития непрерывного образования, подчеркнул, что современное общество входит «в новую культуру и новую экономику». По мнению Э. Тоффлера, общество в новую экономику (имеется ввиду экономика знаний) может войти через новую культуру, которая является результатом непрерывного образования.

Для достижения такого уровня развития образования она должна превратиться в «открытую образовательную среду, состоящую из сетей знаний». Это свидетельствует о том, что современное традиционное образование, пока еще остается не до конца открытой системой, что не позволяет человеческому капиталу иметь широкий доступ к образовательным источникам. Останавливаясь на характеристике общества знаний, куда нацелено развитие мирового хозяйства, Masuda Y выделил пять основных направлений изменений, которые происходят в системе образования:

1) неформальное образование становится возможным в силу широкого внедрения в образовательный процесс компьютерных технологий; новая образовательная система носит индивидуализированный характер, который позволяет принимать во внимание возможности каждого конкретного человека; неформальное образование приведет к формированию самообразования, самообучению, в качестве ведущей формы образования; постепенно будет утверждать созидающее знание, означающее ценность информатизации в обществе, основанной на знаниях; образование через всю жизнь, а не на всю жизнь. Так как знания в сфере формального образования и в трудовой деятельности формируются не на всю жизнь», а индивид находится в среде образования через всю жизнь, то этапы формирования человеческого капитала (табл. 3) в целом хотя формально остаются без особых изменений, однако содержательно меняются.

**Таблица 3. Этапы формирования человеческого капитала**
**Table 3. Stages of human capital formation**

| **Формирование человеческого капитала** | **I этап- базовый человеческий капитал** | | | **II этап** | **III этап** |
|---|---|---|---|---|---|
| | годы жизни | | | | |
| | до 7 лет | от 7 до 17-18 лет | от 17-18 до 20-25 лет | от 17 до 55 более лет | от 55-60 лет и более |
| **направление** | воспитание | общее образование | Профессиональное образование | Трудовая деятельность | Пенсионный период |
| **Виды формирования человеческого капитала** | Культурно-просветительское начало, институцио-нальный и организационно-предпринимательский | | Трудовой, интеллектуальный, организационно-предпринимательский, культурно-нравственный | Расширенное воспроизводство (углубление и расширение) всех видов человеческого капитала | |
| **Источник инвестиций** | Собственный труд и усилия | | | | |
| | Расходы семьи и заработная плата родителей (родственников) | | | | |
| | Инвестиции фирмы | | | Бюджетные средства государства | |
| | Расходы общества | | | | |
| | международные и благотворительные фонды, обеспечивающие доступ к образовательным порталам | | | | |

Источник: таблица составлена автором

Из таблицы видно, что в формировании человеческого капитала индивида, прежде всего, главная роль принадлежит его трудовым усилиям и мотивированности, а также целеустремленности, в осуществлении которой, решающая роль принадлежит родителям и родственникам, общественным и международным фондам, которые в определенной степени вместе с бюджетными средствами государства создают максимум благоприятных условий для максимального обеспечения индивида необходимой образовательной информацией, вплоть до помощи в поиске школ, вузов и места работы, чтобы носитель человеческого капитала мог эффективно использовать свой потенциал.

Таблица отражает тесную взаимосвязь между этапами формирования и использования человеческого капитала, так как эффективность использования – получение работы, в соответствии с общеобразовательными и специфическими составляющими носителя человеческого капитала, базируется на уровне и глубине содержания человеческого капитала индивида. Так, согласно результатам исследований отечественных [9,с.118-120] и зарубежных [2] ученых, на уровень успешной реализации человеческого капитала индивида наряду с внешними факторами немаловажное влияние оказывают и внутренние факторы (табл. 4).

**Таблица 4. Классификация факторов, влияющих на использование человеческого капитала**
**Table 4. Classification of factors affecting the use of human capital**

| **По характеру влияния** | **По результативности влияния** | |
|---|---|---|
| | Способствующие эффективному использованию человеческого капитала | Приводящие к неэффективному использованию человеческого капитала |
| **Внутренние** | Подготовка специалистов, обладающих высокой квалификацией, способностью создавать новые методы труда, использование опыта старшего поколения; принципиальное обновление всей системы трудовых отношений | Превышение часов простоя над обработанным временем; невыполнение плановых заданий; снижение качества работы; нарушение кооперативных содействий по горизонталям и вертикалям между сотрудниками |
| **Внешние** | устранение барьеров, препятствующих профессиональной и территориальной мобильности, разработка и внедрение «новой техники и технологии, научных исследований; создание среды, необходимой для производства инноваций | Рассогласование между структурой спроса и предложения на рынке труда; несоответствие между сложившимися типами занятости и типами экономического развития; неудовлетворительное социально-экономическое развитие |

Таблица заимствована у Устинова, Леонидова с.41

Из таблицы 4 видно, что внутренняя и внешняя среда функционирования человеческого капитала, главным образом, формируется под влиянием общечеловеческих ценностей

индивида, носителя человеческого капитала. Если он обладает достаточной целеустремленностью [11,с.84-88], самодисциплиной, энтузиазмом и вдохновением, то может достичь уровня максимальной профессиональной подготовки, способности создавать не только новые товары и оказывать услуги высокого качества, делать больше того, за что ему платят, при необходимости, использовать опыт старших, достигших в конкретной области ярких результатов. Носитель человеческого капитала, сочетая привычки делать больше [11,с.84-88] с принципом целеустремленности, может достичь состояния, когда общество будет вознаграждать его старания и заслуги, в той мере, в которой сам индивид считает, что происходит справедливый обмен.

Обращая внимание, на актуальность принципа «делать больше, чем вам за это платят» Наполеон Хилл [12] пишет: «существует две основные причины, по которым всем успешным людям следует применять этот закон:

- подобно тому, как рука или конечности тела правильно развивается в нужной пропорции, потому что мы пользуются ими, с нашим интеллектом происходит то же самое. Выполняя максимальное количество работы, мы используем свои способности в полную силу и, соответственно, они становятся более четкими и правильными.

- работая больше, чем за это платят, вы привлечете к себе благосклонное внимание, и в скором времени к вашим услугам пожелают прибегнуть большое количество людей.

Таким образом, чем больше вы будете работать, тем лучшим специалистом вы станете, и вам будет трудно найти равных себе в своей области или отрасли. В этом случае вы, во-первых, не останетесь без работы, а во- вторых, вы будете получать такой доход от работы, что вполне хватит для удовлетворения ваших потребностей и потребностей вашей семьи.

Что касается факторов, влияющих негативно на эффективное использование человеческого капитала, то в каком бы случае не было, носитель человеческого капитала, способный реализовать свои способности, он найдет способы реализовывать их, по крайней мере в большинстве случаев, так как именно носитель креативного человеческого капитала способен позитивно повлиять на характер социально-экономических отношений в обществе».

Исследуя процесс формирования и использования человеческого капитала, считаем нужным отметить следующее:

- формирование и использование человеческого капитала является двумя взаимосвязанными и взаимообусловленными составляющими одного процесса.

- установлено, что по мере перехода от одной стадии к другой, человеческий капитал все больше наполняется специфической, профессионально-специальностной составляющей;

- на процесс формирования и использования человеческого капитала оказывают влияние внутренние, внешние факторы, влияние которых все уменьшается по мере углубления и расширения человеческого капитала индивида;

- при прочих равных условиях, человеческий капитал может эффективно развиваться и использоваться, когда государственная политика в области эффективного использования человеческого капитала будет гармонизировать с целями и задачами последней.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Виноградова Е.Б. Структурные преобразования в системе управления подготовкой –педагогических кадров: концепция, методология и практика. афт.д.э.н. / Е.Б. Виноградова. -Ростов на Дону, 2009. -54 с.
2. Икуджаро Н. Компания – создатель знаний. Зарождение и развитие инноваций в японских фирмах / Н. Икуджаро, Т. Хиротако. [Электронный ресурс] http//www.manage.com/methods_monako_seci-ru-itml.
3. Корчагин Ю.А. Российский человеческий капитал: фактор развития или деградации. Монография / Ю.А. Корчагин. -Воронеж: ЦИРЭ, 2005. – 252 с.
4. Карпенко М.П. Телеобучение / М.П. Карпенко. -М.: СБА , 2008. – 800 с.
5. Когномика. - 2009. [Электронный ресурс] http://www. muh.ru.
6. Механизм налогозамещения как главное условие экономического роста (обеспечение ускоренного роста России на основе эффективного использования природно-ресурсной ренты) / Д.С. Львов [и др.] // Экономика природопользования. - 2003. -№1. -С.2-20.
7. Мельянис В. Счастье от ума / В. Мельянис // Известия. - 17 мая 2000.
8. Madisson A. Dynamic Rorces in Capitalist Development / A. Madisson. A-Long run Comparative View. –Oxford, 1991. -№4. -P.37-43.
9. Макаров В.А. Экономика знаний: уроки для России / В.А. Макаров // Вестник Российской академии. - 2003. -№3. -С.118-120.
10. Макаров В.А. Микроэкономика знаний / В.А. Макаров. -М.: Экономика, 2007. - 208 с.
11. Наполеон Хилл. Как поднять себе зарплату / Наполеон Хилл. –Минск: Попурри, 2006. -С.84-88.
12. Наполеон Хилл. Магическая лестница к успеху / Наполеон Хилл. [Электронный ресурс]. http://www.koob.ru/hill/magic_ladder 712c.
13. Суморокова Е.В. Инвестиции в человеческий капитал: теория и практика / Е.В. Суморокова // Образование и общество. – 2004. -№2. [Электронный ресурс]. http://www.i nspp .ru/index.php? option=com_ content & task

14. Sianesi B. Отдача от образования: обзор эмпирической макроэкономической литературы / B. Sianesi, Van Recnen // Journal jn Economics Surveys. – 2002-2003. -vol. 17. issue 2. -С.157-200.
15. Щетинин В. Человеческий капитал и неоднозначность его трактовки. Экономика и экономическая теория / В. Щетинин // Мировая экономика и международные отношения. - 2001. -№12. -С.42-49.
16. Управление современным образованием: социальные и экономические аспекты / А.Н. Тихонов, А.В. Абрамешин, Т.П. Воронина [и др.]. -С.27,30,33.
17. Степанов Т.Е. Закон реконфигурации знаний / Т.Е. Степанов // Креативная экономика. -2007. -№3(3). -С.36-44.
18. Вульфсон Б.Л. Стратегия развития образования на Западе на пороге развития 21 века / Б.Л. Вульфсон. –М.: Изд-во УРАО, 1999. – 208 с.
19. Обзор системы высшего образования стран ОССР. -М., 2005. [Электронный ресурс] money .news .ru. www. ap.ru

**ТАШАККУЛ ВА ИСТИФОДАБАРИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ: МОҲИЯТ ВА АЛОҚАИ МУТАҚОБИЛА**

Зарурияти ташаккули сармояи инсонӣ бо талаботҳои объективии марҳилаи кунунии рушди умумиҷаҳонии иҷтимоӣ – иқтисодӣ шартнок гардидааст. Ташаккули сармояи инсонӣ аз таваллуд оғоз ёфта, дар тӯли зиндагӣ давом меёбад, то ки фард – барандаи сармояи инсонӣ ҳамеша аз ҷониби ҷомеа барои иштирок дар раванди «баландбардории истеҳсолнокии меҳнати корманди маҷмӯӣ» дархост бошад. Ташаккули сармояи инсонӣ раванди системавӣ мебошад, ки дар он фард дар кӯдакӣ, ҷавонӣ, оилаи ӯ, давлат ва ҷомеа иштирок менамоянд. Ин се ягонае мебошад, ки раванди иҷтимоӣ – иқтисодиро ташкил менамоянд, ки сармояи инсонӣ номгузорӣ мешавад ва дар амаликунии мутақобила ва алоқаи мутақобила бо тавсифоти дигар таркибдиҳандаҳо – давлат ва ҷомеа рушд меёбад. Дар мақолаи мазкур раванди ташаккул ва истифодабарии сармояи инсонии минтақа баррасӣ гардидааст. Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот чунин хулосабарорӣ шудааст, ки ба раванди ташаккул ва истифодабарии сармояи инсонӣ омилҳои дохила, беруна таъсир мерасонанд, ки таъсири онҳо аз рӯи амиқгардӣ ва васеъшавии сармояи инсонии фард кам мегардад.

**Калидвожаҳо**: сармояи инсонӣ, донишҳо, истифодабарӣ, ташаккул..

**ФОРМИРОВАНИЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА: СУЩНОСТЬ И ВЗАИМОСВЯЗИ**

Необходимость формирования человеческого капитала обусловлена объективными потребностями современного этапа общемирового социально-экономического развития. Формирование человеческого капитала начинается с рождения и продолжается в течение жизни, чтобы индивид – носитель человеческого капитала всегда был востребован обществом для участия в процессе «повышения производительности труда совокупного работника». Формирование человеческого капитала является системным процессом, где участвуют – индивид, в детстве, юношестве, его семья, государство и общество. Это триединая составляющая социально-экономического процесса, называемая «человеческим капиталом», развивается во взаимодействии и взаимосвязи с характеристиками остальных составляющих – государство и общество.В данной статье исследуется процесс формирования и использования человеческого капитала региона. По итогам исследования сделан вывод о том, что на процесс формирования и использования человеческого капитала оказывают влияние внутренние, внешние факторы, влияние которых все уменьшается по мере углубления и расширения человеческого капитала индивида.

**Ключевые слова**: человеческий капитал, знания, использование, формирование

**FORMATION AND USE OF HUMAN CAPITAL: ESSENCE AND RELATIONSHIPS**

The need for the formation of human capital is due to the objective needs of the modern stage of global socio-economic development. The formation of human capital begins at birth and continues throughout life, so that the individual - the carrier of human capital is always in demand by society for participation in the process of “increasing the productivity of the aggregate worker”. The formation of human capital is a systemic process in which the individual, in childhood, youth, his family, state and society participate. This article explores the process of formation and use of human capital in the region. The study concluded that the process of formation and use of human capital is influenced by internal, external factors, the influence of which all diminishes as the individual’s human capital deepens and expands.

**Key words:** human capital, knowledge, use, formation.

**Сведения об авторе:** ***Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат экономических наук, доцент кафедры «Финансы и кредит». **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **927-01-97-55**. E-mail: **istambonu@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khamidova Sarvinoz Khamraboevna*** - Khudzhand State University named after B. Gafurov, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Finance and Credit Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekova 1. Phone: **927-01-97-55**. E-mail: **istambonu@mail.ru**

**УДК:338.43**

# АСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МЕХАНИЗМИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ДАВРАИ МУОСИР

***Давлатова Ш.И., Одинаев Ш.Т., Одинаева М.Ш.***
**Институти иқтисоди кишоварзии академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоии босифат ва вазъи бозори озуқаворӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти бештар актуалӣ боқӣ мемонад. Таъминоти озуқаворӣ – ин қобилияти давлат ва ҷомеа дар таъмини дастрасии

воқеии озуқаворӣ ба миқдори кофӣ, таъмини кафолати дастрасӣ ба озуқаворӣ ва қобилияти харидории кофии аҳолӣ ва инчунин истеъмоли ғизо дар ҳаҷми зарурӣ барои қонеъ намудани талаботи ғизоӣ дар сатҳи меъёрҳои тавсияшаванда мебошад. Вазифаҳои мазкур бояд бо ҳар гуна тағйирот дар омилҳои берунӣ ва дохилӣ ва бе кам кардани ҳаҷми захираи озуқаворӣи давлатӣ ҳал карда шаванд.

Дар айни замон, мафҳуми бозори озуқаворӣ, ҳам дар адабиёти ватанӣ ва ҳам дар адабиёти ғарбӣ таҷассум ёфтааст. И.К. Беляевский бозори озуқавориро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи комплекси агросаноатӣ баррасӣ намудааст [1].

Ба ақидаи Л.И. Ушвитский ва Я.В. Собон, "комплекси озуқавориро ҳамчун системаи иборат аз се ҷузъи ба ҳам алоқаманд метавон тасаввур намуд: равандҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, бозори озуқаворӣ ва механизми иқтисодӣ"[2]. Дар ин маврид комплекси озуқаворӣ ҳамчун механизми истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва фурӯши он дар бозори озуқаворӣ баррасӣ карда мешавад.

Таърифи бозори озуқаворӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи комплекси агросаноатӣ дар навиштаҳои Р. Савино баррасӣ карда мешавад: "Бозори озуқаворӣ на ҳамаи маҳсулоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва захираҳои табииро, ба монанди КАС, балки он қисми онро, ки бевосита ба истеъмоли шахсии аҳолӣ меравад, дар бар мегирад» [3].

Алексеев А.Н. бозори озуқавориро ҳамчун маҷмӯи ҳамаи муносибатҳои молию пулии байни истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, коркардкунандагон, савдои яклухт ва чакана, истеъмолкунандаи ниҳоӣ маънидод мекунад [4].

Е.Ф. Злобина, «бозори озуқаворӣ инъикоси молию пулии байни истеҳсолкунандагон ва дигар иштирокчиёни сершумори хариду фурӯши маводи озуқаворӣ ва раванди аз ҷониби давлат танзимкунанда мебошад, ки аз сатҳи рушди ин системаи мураккаби иқтисодӣ имконияти пешбурди такрористеҳсоли васеъ дар соҳаҳои КАС ва таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар бештар вобаста аст» [5,с.87].

Аз нуқтаи назари мо, камбудии ин таърифи бозори озуқаворӣ дар он аст, ки маҳсулоти озуқаворӣ на танҳо истеҳсоли худӣ, балки дар аксар вақт воридоти озуқавориро дар бар мегирад.

Чунин таърифи хеле монанд инъикоси худро дар асарҳои илмии И. Гусманов ёфтааст: «Бозори озуқаворӣ маҷмӯи ҳамаи робитаҳои молӣ ва сохторҳои хоҷагӣ мебошад, ки ҳамкории байни истеҳсолкунандагони кишоварзиро бо харидорон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, савдои яклухт ва чакана ва истеъмолкунандагони ниҳоиро таъмин менамояд» [6].

Ба ақидаи Абдуллоев А.Х., бозори аграрӣ ҳамчун системаи муносибатҳои иқтисодӣ дар истеҳсолот, коркард, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулот муайян шудааст [7]. Дар ин таъриф, бозори озуқаворӣ ҳамчун фаъолияти самарабахши комплекси агросаноатӣ баррасӣ карда мешавад.

Ба назари мо, бозори озуқаворӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ дар асоси мубодилаи баробар, бо назардошти қонуни арзиш равона карда шудааст.

Соҳаи бозори озуқаворӣ на танҳо аз рӯйи таркиб ва вазифа, балки аз нуқтаи назари тавсифи бозор гуногунтаркиб аст. Чор намуди бозор вуҷуд дорад:

- бозори маҳсулоти ашёи хоми озуқаворӣ барои чунин соҳаҳо, аз қабили осиёб, ғалладона, қанд асосӣ мебошад, хусусияти хосси онҳо якхела будани маҳсулот, сатҳи баланди стандартикунонӣ, фурӯши маҳсулот ба миқдори калон ба ҳисоб меравад;
- бозори маводи озуқаворӣ дар сатҳи баланди коркард. Маҳсулот дар ин ҷо гуногун, хелҳои мол хеле бисёр аст (маҳсулоти қаннодӣ, консерваҳо, анвои ҳасибҳо). Ҳаҷми ин гурӯҳи молҳо мунтазам меафзояд. Гуногуннавъии маҳсулот аз рӯйи навъ, сифат, ҳамивазшавандагӣ дар истеъмолот рақобати қавӣ ва тағйирёбии нисбатан камро дар нархҳо ба вуҷуд меорад;
- бозори маҳсулоти нисбатан якхела бо дараҷаи пасти коркард (гӯшти, шир, маҳсулоти ширӣ). Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки сатҳи коркард ҳар қадар паст бошад, имкониятҳои тафриқаи маҳсулот ва, аз ин рӯ, нархҳо паст аст, вале монеаҳои дохилӣ дар ин бозор пасттаранд, нархгузорӣ дар асоси наздик ба рақобатнокӣ анҷом меёбад;
- бозори хизматрасонии озуқаворӣ тамоми шаклҳои ғизои умумиро дар бар мегирад. Ин бозор гуногунтаркиб аст. Дар он якчанд зергурӯҳҳоро бо сатҳи гуногуни монополизатсия (инҳисорият), бо ташаккулёбии нархи озод, то нархи бозор ва то монополӣ (инҳисорӣ) метавон ҷудо намуд. Боз як хусусияти бозори озуқаворӣ мавҷуд будани якчанд сатҳи он мебошад (расми 1).

Ба ақидаи мо, аксарияти маводи озуқаворӣ ба қатори маҳсулоти зудвайроншаванда дохил мешаванд.

**Расми 1. Сатҳи бозори озуқаворӣ**
**Figure 1. Food market rate**




Бозори маводи озуқавориро умуман муайян намуда, бояд қайд кард, ки ин бозор асосан рақобати монополистӣ бо шумораи нисбатан зиёди ширкатҳо ва тафриқаи (дифференсиатсияи) баланди хӯрокворӣ мебошад. Дар қатори рақобати нарх дар ин бозор рақобати ғайринархӣ аҳаммияти калон дорад. Бо назардошти омилҳои асосии бозори озуқаворӣ - талабот ва пешниҳод қайд намудан зарур аст, ки он соҳаи истеҳсоли молии маводи ғизоӣ, соҳаи истеъмоли он, интихоби озод, рақобатнокӣ, инфрасохтори бозор, танзими давлатии муносибатҳои бозориро оид ба истеҳсол ва фурӯши маводи озуқаворӣ фаро мегирад.

Дар баробари ин бозори озуқаворӣ дар ҷараёни мубодилаи мол иштирок мекунад, ки бо ёрии он истеҳсол ва истеъмолот танзим карда мешавад, ки дар он дар ҷараёни хариду фурӯш, аз як тараф, истеъмолкунандагон мебошанд, ки талаботи пардохтпазириро таъмин менамоянд ва дар натиҷа навъи мол, сифати маҳсулот ташаккул меёбад. Аз тарафи дигар бошад, истеҳсолкунандагони маводи озуқаворӣ, ки ҳадди аксарро таъмин мекунанд, тавсифи сифатӣ ва миқдории истеҳсолотро ташаккул дода, ба талаботи харидорон мутобиқ мешаванд.

Механизми назариявии ташаккулёбии нархи бозор аҳаммияти махсус дорад, ки дар шароити он қонуни талабот ва пешниҳод амал мекунад. Дар ин ҷо мо бо шароите, ки дар бозори озоди рақобатӣ ҷой дорад ва инчунин идеалӣ ном дорад, дучор мешавем. Муқаррар шудааст, ки байни нархи талабот ва пешниҳод робитаи мутақобила вуҷуд дорад. Дар шароите, ки арзиши талабот ба мол ва пешниҳодоти мол танҳо аз нарх вобаста аст, нархи баробарвазни бозор муқаррар карда мешавад, ки ба нуқтаи талабот ва пешниҳодоти качхата мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, нархи баробарвазни бозор дар нуқтаи талабот ва пешниҳоди качхата муайян карда мешавад, ки нуқтаи баробарвазн мебошад ва баробарии ҳаҷми талабот, ҳаҷми пешниҳодро инъикос мекунад. Баробарии ҳаҷми талабот ва ҳаҷми пешниҳодот ҳаҷми баробарвазнро тақозо мекунад ва баробарии бозорро муайян мекунад.

Муқаррар карда шудааст, ки агар арзиши мол аз тавозун камтар бошад, арзиши талабот нисбати ҳаҷми пешниҳод афзоиш меёбад, камчинии мол ба миён меояд ва нарх дар натиҷаи ин афзоиш хоҳад ёфт, то он вақте ки пешниҳодот бо талабот баробар нашавад. Агар арзиши мол аз тавозун баланд бошад, дар он сурат арзиши пешниҳод аз арзиши талабот зиёд хоҳад шуд, барзиёдии мол ба вуҷуд меояд ва дар натиҷаи ин нарх то он вақте ки талабот ва пешниҳод баробар нашаванд, паст мешавад.

Ба андешаи мо, дар мавриди афзоиш, ё ки камшавии яквақтаи талабот ва пешниҳод, натиҷа метавонад пешгӯинашаванда набошад, натиҷа аз он вобаста аст, ки кадоме аз ин ду омили амалкунандаи гуногунсамт бартараф мешаванд, яъне ба нархи тавозун (баробар) таъсири бештар мерасонанд. Ҳамин тариқ, дар бозори рақобатӣ нархҳо муқаррар карда намешаванд, онҳо гӯё ки худ зери таъсири талабот ва пешниҳод пайдо мешаванд. Бинобар ин онҳо нархҳои озоди бозор номида мешаванд.

Бо назардошти он, ки таъсири мутақобилаи байни талабот ва пешниҳод арзиши мол мебошад, ки он ҳам устувор нест ва аз бисёри омилҳо вобаста аст, яке аз ин омилҳо ин нуқтаи мубодилаи асъори миллӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, барои содиркунандагоне, ки дар дигар кишварҳо молҳои бо асъори миллӣ бадастовардашударо мефурӯшанд, қурби пасти асъори миллӣ нисбати асъори кишвар, ки дар он ҷо онҳо молро мефурӯшанд, боманфиат аст. Ҳар қадаре ки ин қурб паст бошад, ҳамон қадар миқдори зиёди асъори миллиро содиркунандагон метавонанд ба даст оранд, фоидаи аз содирот гирифташударо дар асъори хориҷӣ бо асъори миллӣ иваз намуда ва барои содироти минбаъда боз ҳам бештар мол харидорӣ намоянд. Ҳамин тавр, беқурб шудани сомонӣ нисбати, масалан доллар, ки бо номи девалватсия (коҳиши нарх, арзиш) маъмул аст, барои содиркунандагон боманфиат аст. То андозае давлат ҳам аз ин

фоида мебинад, ҷамъоварии андозро аз содиркунандагон зиёд намуда, онҳоро ба Бонки миллӣ, ки захираҳои арзии кишварро афзоиш медиҳад, барои фурӯхтани қисми фоидаи аз содироти асъори хориҷии бадастовардашуда маҷбур месозад. Аммо барои воридкунандагон девалватсия – беқурбшавӣ фоҷиа аст, зеро ки бо ҳамон маблағ онҳо аз хориҷи кишвар миқдори камтарини молро бо асъори хориҷӣ харидорӣ мекунанд.

Куллан, пастшавии қурби асъори воҳиди миллии пул нисбати асъорҳои (арзи) пешбари ҷаҳон – барои кишвар падидаи номусоиди иқтисодӣ мебошад, ки дар бораи ноустуворӣ, заифии асъори он шаҳодат медиҳад. Илова бар ин, бояд дар назар дошта шавад, ки нархҳо дар бозори дохилии кишвар ба қурби асъори миллӣ нисбати асъори хориҷӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд.

Аксарияти молҳо аз хориҷи кишвар харидорӣ мешаванд, бинобар ин дар натиҷаи беқурбшавии сомонӣ нисбати асъори кишвар, ки бо он молҳо харидорӣ мешаванд, нархи онҳо бо сомонӣ, воқеан баланд мешавад, ки ин ба рушди таваррум мусоидат мекунад.

Гарчанде аксари молҳои фурӯхташуда объекти фурӯши оммавӣ набошанд ҳам, онҳо аз рӯйи таркиби худ гуногунанд, дорои хусусиятҳои хос, сифат мебошанд, бинобар ин онҳо наметавонанд бо нархи якхела фурӯхта шаванд.

Ҳамин тариқ, муқаррар кардани нарх ба воҳидҳои алоҳидаи чунин мол зарур аст. Аз ин лиҳоз, мутобиқ ба чунин молҳои инфиродӣ усулҳои махсуси нархгузорӣ истифода мешаванд, ки баъзеи онҳо аллакай васеъ истифода мешаванд, баъзеи дигараш бошад, ташаккул меёбанд, таҳқиқ карда шудаанд ва дар амал санҷида мешаванд (расми 4)

**Расми 2. Усулҳои асосии нархгузории бозори озуқаворӣ**
**Figure 2. The main methods of the food market pricing**




Бояд қайд кард, ки аз як тараф, тағйирёбии талабот ва пешниҳод аз тағйирёбии нархҳо ва аз тарафи дигар, аз ноустувории талабот ва пешниҳод вобаста мебошад.

**Ноустуворӣ** - ин тадбирест, ки як арзиши тағйирёбандаро (талабот ё пешниҳод) ба тағйири дигар (нарх) вогузор мекунад. Ноустуворӣ тағйироти фоизии як тағйирёбиро дар натиҷаи тағйирёбии якфоизаи дигар як тағйирёбанда тасвият мекунад. Ҳамин тариқ, ноустувории талабот аз нарх тағйирёбӣ дар фоизи таносуби талабот ба мол, дар натиҷаи тағйирёбии якфоизаи арзиши мол мебошад. Дар ин робита, дар мавриди ҳар гуна тағйиротҳо дар нарх, миқдори молҳои фурӯхташуда, ки ба он дархост шудааст, доимӣ боқӣ мемонад.

Бинобар ин, агар талабот ба мол аз тағйирёбии нарх вобаста набошад, талабот комилан ноустувор аст. Бояд қайд кард, ки ноустувории талабот миқдори молро нисбати паст шудани нарх, ё ки камшавии миқдори зарурии мол нисбат ба афзоиши нархҳо меафзояд. Азбаски нарх ва талабот дар самти муқобил тағйир ёфтааст, пас ноустувории нархи талабот арзиши манфӣ дорад.

Коэффитсиенти (зариби) ноустуворӣ дар нарх аз як қатор омилҳо вобаста аст, мо қарор додем, ки аз ҳама муҳимтарини онро пешниҳод намоем (расми 3).

Умуман, ноустуворӣ ба доираи муайяни муваққатӣ дахл дорад, аз ин рӯ, барои аксари маҳсулот фарқ кардани коэффитсиенти кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати ноустуворӣ муҳим аст.

Ҳамин тариқ, барои аксари молҳои истеъмоли талаботи рӯзмарра дар муддати тӯлонии вақт нисбат ба кӯтоҳ хеле ноустувор аст. Ин ба сабаби он ки:

- аввал, ба одамон барои тағйир додани одатҳои истеъмолии худ (масалан,

**Расми 3. Коэффитсиенти ноустуворӣ дар нарх**
**Figure 3. Coefficient of volatility in price**




истеъмоли машрубот, қаҳва) вақт лозим аст;

- дуюм, талабот ба як мол метавонад бо захираи истеъмолкунандагони маҳсулоти дигари ивазшаванда алоқаманд бошад.

Ҳамин тариқ, равандҳои асосии бозори озуқаворӣ талабот, пешниҳод ва нарх мебошад.

Бозори озуқаворӣ таърихан рушд ва тағйир меёбад. Бозори муосири озуқаворӣ сохтори бой ва мураккаб дорад, ки метавонад ба тарзи зерин тасниф карда шавад:

- аз рӯйи тақсимоти иҷтимоии меҳнат - бозори маҳаллӣ, миллӣ;
- байналмилалӣ;
- аз рӯйи шакли моликият – бозори хусусӣ, кооперативӣ, давлатӣ;
- аз рӯйи объектҳои мубодилаи бозор – молӣ (воситаҳои истеҳсолот, меҳнат, мол ва хизматрасонӣ, ноу-хау);
- аз рӯйи ташкили мубодилаи бозор - яклухт, чакана;
- содиротӣ ва воридотӣ;
- аз рӯйи намудҳои рақобат - бозори рақобати комил, рақобати ғайрикомил;
- аз рӯйи сатҳи даромад барои як одам– бозор бо бо сатҳи пасти даромад, бозор бо сатҳи миёнаи даромад ва бозор бо сатҳи баланди даромад;
- аз рӯйи муҳлати нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулот - бозори нигаҳдории дарозмуҳлати мол ва бозори молҳои зудвайроншаванда.

Илова бар ин, мо чунин мешуморем, ки аломатҳои зеринро, ки ба бозорҳои озуқаворӣ тақсим мешаванд, ҷудо намудан зарур аст:

- бозори ғалла ва маҳсулоти ғалладона;
- бозори картошка;
- бозори меваю сабзавот;
- бозори қанд ва маҳсулоти қаннодӣ;
- бозори гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ;
- бозори шир ва маҳсулоти ширӣ;
- бозори равғани растанӣ;
- бозори моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ;
- бозори тухм;
- бозори нӯшокиҳои спиртдор ва ғайри спиртӣ.

Таснифи бозор чандпаҳлу аст, аз ин рӯ, тақсимоти шартии бозор аз рӯйи нишонаҳо зарур аст, зеро бозори озуқаворӣ метавонад ҳамзамон ҳам яклухт ва ҳам чакана бошад ва бозори рақобати ғайрикомил бошад, метавонад давлатӣ ё хусусӣ бошад.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти бозори озуқаворӣ афзоиши санадҳои хариду фурӯшро дар назар дорад. Бо мақсади баланд бардоштани истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ, рафтори харидоронро донистан зарур аст, зеро истеъмолкунанда нуқтаи ниҳоии тамоми истеҳсолот аст.

Аз ин лиҳоз, шарти асосии омӯзиши бозор ин таҳлили рафтори истеъмолкунанда мебошад. Назарияи интихоби истеъмолӣ бар он асоснок аст, ки истеъмолкунандагон кӯшиш мекунанд, ки қонеъгардонии эҳтиёҷоти худро бо харидани мол ва пардохти хизматрасониҳо таъмин намоянд.

Аммо, дар ин ҷо мо бо он рӯ ба рӯ мешавем, ки афзалиятҳо рафтори истеъмолкунандаро пурра шарҳ намедиҳанд. Ба интихоби инфиродӣ инчунин маҳдудиятҳои буҷет таъсир мерасонанд, ки бо ёрии нархҳо ба маҳсулоти гуногуни озуқаворӣ маҳдудияти истеъмоли одамон муқаррар карда мешавад. Азбаски ҳар як маҳсулот дар маҷмӯъ нархи гуногун дорад ва буҷаи истеъмолӣ маҳдуд аст, пас интихоби истеъмолкунанда маҳдуд мегардад. Интихоби имконпазир барои истеъмолкунанда хатти буҷаро инъикос мекунад.

***Хатти буҷа*** маҷмӯи молест, ки истеъмолкунанда метавонад қобилияти харидориро дар даромади мазкур дошта бошад. Хатти буҷа аз даромад ва нархи молҳо вобаста аст. Бо вуҷуди ин, даромад ва нархҳо аксар вақт тағйир меёбанд. Бо устувории нархҳои молҳои истеъмолӣ ва тағйирёбии даромадҳо (афзоиш ё камшавӣ) харидор метавонад хариди молро зиёд кунад ё коҳиш диҳад.

Фарз мекунем, ки нархи як маҳсулоти озуқаворӣ тағйир меёбад, дар ҳоле ки дигар бетағйир мемонад, пас истеъмолкунанда метавонад хариди хӯроквориро, ки нархи он тағйир ёфт, кам кунад ё афзоиш диҳад. Агар нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ тағйир ёбанд, аммо таносуби нархҳо бетағйир боқӣ монад, пас қобилияти харидории истеъмолкунанда метавонад афзоиш ёбад (бо коҳиши нархҳо) ё коҳиш ёбад (бо болоравии нархҳо). Ин нишон медиҳад, ки қудрати харидорӣ на танҳо аз ҳисоби даромад, балки бо нархҳо муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, беэътиноии каҷхата нишон медиҳад, ки харидор хоҳиши харидорӣ дорад, хатти буҷет бошад, истеъмолкунанда чӣ метавонад харидорӣ кунад.

Истеъмолкунандагон дар бозори озуқаворӣ интихоби оқилона мекунанд, яъне маҳсулотро ба чунин тарз интихоб мекунанд, ки ба ҳадди аксар эҳтиёҷоти худро дар буҷети маҳдуди худ қонеъ гардонанд.

Интихоби муносиби маводи истеъмолӣ бояд ба ду талабот ҷавобгӯ бошад:

- аввал, интихоб аз маҷмӯи гурӯҳҳо дар доираи даромади истеъмолкунанда рух медиҳад;

- дуюм, маҷмӯи оптималии молҳои истеъмолӣ ва хидматрасонӣ бояд ба истеъмолкунандагон маҷмӯи афзалиятдоштаи онро пешниҳод намояд.

Бинобар ин, маҷмӯе, ки ҳадди аксари талаботро қонеъ мегардонад, бояд дар беэътиноии каҷхатаи баландтарин қарор дошта бошад. Бо донистани интихоби истеъмолкунандагон дар шароити маҳдудиятҳои буҷет, талаботи инфиродиро муайян намудан мумкин аст. Дар таъсиррасонӣ ба системаи иқтисодӣ бозори озуқаворӣ чандпаҳлу ва ихтилофнок буда, ҳам нақши мусбат ва ҳам манфиро мебозад.

Бо нақши мусбат бозори озуқаворӣ вазифаҳои тақсимот ва ҳавасмандиро иҷро мекунад. Он ба тақсимоти самарабахши захираҳо мусоидат намуда, онҳоро барои фурӯши он мол ва хизматрасонӣ равона мекунад, ки ҷомеа бештар ба он эҳтиёҷ дорад. Таҳия ва татбиқи технологияи бештар самаранокро ҳавасманд намуда, ҷомеаро бо маводҳои зарурӣ таъмин мекунад, ки дар ҳаҷми зиёди захираҳои мавҷуда офарида шудааст.

Илова бар ин, самаранокии имконпазири иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Тавассути талабот, муҳаррики иқтисодиёти бозаргонӣ - бозори озуқаворӣ ҳаракати молро ба истеъмолкунанда равона мекунад ва бо ин мақсад барои ҳамаи иштирокчиён барои қонег гардонидани талаботи онҳо ниёзҳои моддиро фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, бозори озуқаворӣ аҳаммияти иҷтимоии истеҳсолот ва молро нишон медиҳад, маҷмӯи маҳсулоти умумии миллиро мефурӯшад, иқтисодиётро аз норасоии молҳо ва хизматрасониҳо озод мекунад. Умуман, бозори озуқаворӣ тавассути нархҳои рақобатпазир мутавозинии иқтисодиёт, истеҳсол ва истеъмолотро таъмин мекунад, фаъолияти иқтисодии мардумро бидуни маҷбуркунӣ ҳамоҳанг месозад, рақобати ихтиёрии байни онҳоро тавассути хариду фурӯш ташкил мекунад.

Ба ақидаи Ш.Т. Одинаев, барои ҳалли масъалаи озуқаворӣ, заминаи дахлдори қонунгузорӣ ва меъёрӣ, барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии комплекси агросаноатӣ, сиёсати гумрукӣ ва андоз зарур мебошанд. Хусусияти мушкилоти озуқаворӣ дар марҳилаи ҳозира бояд бо мақсади ҳалли он дар сатҳи миллӣ ба назар гирифта шавад. Ин муайян намудани механизми афзалиятноки рушди бозори озуқаворӣ ва самтҳои ояндадори рушди онро тақозо мекунад.

Аз лиҳози нақши манфӣ бозори озуқаворӣ ҳалли ҳамаи мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодиро кафолат намедиҳад, ки муҳимтарини он ин бекорӣ ва таваррум мебошад. Бозори озуқаворӣ ҳуқуқи меҳнат карданро барои онҳое, ки метавонанд кор кунанд ва мехоҳанд, ки кор кунанд таъмин намекунад.

Ниҳоят, механизми танзимкунандаи рақобат бо мурури вақт заиф гашта, монополияро ба вуҷуд меорад. Ва шарики ногузири шакли даврии ҳаракат талафи истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки самаранокии иқтисодётро коҳиш медиҳанд. Як механизми бозорӣ барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ нокифоя аст. Бинобар ин, механизми бозор ба ислоҳкунӣ эҳтиёҷ дорад, ки онро танҳо давлат метавонад ба иҷро расонад.

Танзими давлатӣ дар маънои васеъ ояндабинии ҳолати комплекси агросаноатӣ, банақшагирӣ дар истеҳсоли самаранок ва сермаҳсули маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ, маблағгузории рушди заминаи моддию техникӣ, такмили механизмҳои

ташкилии фаъолияти ташкилотҳои кишоварзӣ, ташкили системаи самараноки тақсимоти маҳсулоти хӯрокворӣ аз истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ, рушди инфрасохтори нақлиётию анбории савдои яклухти озуқавориро дар бар мегирад.

Танзими давлатии бозори озуқаворӣ як қатор тадбирҳоро, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ тавассути маҷмӯи усулҳо ва фишангҳо ба самти ташаккули амнияти озуқавории кишвар ва баланд бардоштани рақобатнокии истеҳсолкунандагони озуқаворӣ, кафолати дастрасии озуқаворӣ ба аҳолӣ тибқи меъёрҳои тавсияшавандаи истеъмолӣ андешида шудаанд, фаро мегирад, ба мавҷудияти онҳо асосан аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ асос ёфтааст. Ба ташкили истеҳсолоти самараноки аграрӣ дар асоси истифода ва идоракунии мақсадноки захираҳои табиӣ бо мақсади таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, саноат бошад, бо ашёи хом дар ҳаҷми зарурӣ барои рушди босуботи иқтисодиёт ва рушди иҷтимоии кишвар таъсир мерасонад.

Қайд намудан зарур аст, ки танзими давлатии бозори озуқаворӣ ба монанди дигар соҳаҳои фаъолият ба фишангҳои иқтисодӣ ҷудо мешавад, ки банақшагирӣ ва маъмурикунонӣ ва фишангҳои бозорро дар бар мегирад, ки ба таркиби онҳо буҷетикунонӣ, андозбандӣ, хариди давлатӣ, маҳдудиятҳои қонунгузорӣ дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, тавассути фишангҳои бозорӣ танзими давлатӣ ба унсурҳои асосии бозор: талабот ва пешниҳод, шарти фурӯш, аз ҷумла нарх, назорати сифати мол, инфрасохтор ва ғ. таъсир мерасонад. Мо чунин мешуморем, ки танзими давлатии бозори озуқаворӣ бояд ба таъмини тавозуни талабот ва пешниҳод равона карда шавад (расми 4).

**Расми 4. Сохтори самти танзими давлатии бозори озуқаворӣ**
**Figure 4. Structure of state regulation of the food market**




Ҳамин тавр, танзими талаботи дохилӣ бояд ба ҳавасмандгардонии он ва таъмини ратсионалӣ равона шуда бошад. Танзими талаботи беруна аксари вақт ба афзоиши он равона карда шудааст, зеро ки он манбаи даромади беруна мебошад. Танзими пешниҳоди дохилаи маводи озуқаворӣ бояд ба афзоиши он равона шуда бошад. Ҳадафи асосии танзими воридоти озуқаворӣ бояд бартарафсозии норасоии озуқаворӣ аз як тараф ва ҳифзи истеҳсолкунандаи ватанӣ аз тарафи дигар гардад.

Дар асоси масъалаҳои афзалиятнок ба танзими дастгирӣ ва ҳавасмандсозии талабот ва пешниҳод диққати махсус бояд дод. Системаи муосири бозор ба синтези механизми бозор ва вазифаҳои танзимкунандаи давлат асос ёфтааст, татбиқи ин вазифаҳо бо ҳалли вазифаҳои мушаххаси танзими давлатии иқтисодиёт таъмин карда мешавад, ки системаи афзалиятҳои сиёсати иқтисодии давлатро инъикос мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Статистика рынка товаров и услуг / И.К. Беляевский. -М.: Финансы и статистика, 2002. - 645 с.
2. Методология анализа развития продовольственного комплекса / Л.И. Ушвицкий, Я.В. Собонь // СевКавГТУ. Серия Экономика. – 2003. –№1(9). [Электронный ресурс]. URL:http:// www. seroe.ru/abiturient.ncstu.ru (дата обращения 25 сентября 2012г.)
3. Савинов Р.С. Продовольственный рынок России в условиях внешнеэкономической либерализации: дис.канд. экон. наук / Р.С. Савинов. –п. Персиановский, 2002. – 161 с.
4. Алексеев А.Н. Формирование организационно - экономического механизма агропродовольственного рынка регионов Крайнего Севера: дисс. …докт. эконом. наук / А.Н. Алексеев. – М., 2012. - 52 с.
5. Злобин Е.Ф. Рыночная модель аграрного сектора региона / Е.Ф. Злобин. -М.: Агри Пресс, 2000. -404 с.
6. Гусманов И.У. Аграрные отношения и рынок продовольствия: взаимосвязи и тенденции трансформации: дис. …докт. эконом. наук / И.У. Гусманов. –М., 2005. – 298 с.
7. Абдуллоев А.Х. Формирование рынка мяса в Республике Таджикистан: дис. …канд. эконом. наук / А.Х. Абдуллоев. -Душанбе, 2011. – 22 с.
8. Ядгаров Я.С. История экономических учений: Учебник для вузов / Я.С. Ядгаров. -3-е издание. -М.: ИНФРА-М, 2000. - 320 с.
9. Одинаев Ш.Т. Основные факторы и прогноз развития мирового рынка продовольствия / Ш.Т. Одинаев, С.Ш. Зайнуллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2015. -№2/1(157). -С.228-231.
10. Зинчук Г.М. Развитие продовольственного рынка: теория, методология, практика: дисс. …докт. эконом. наук / Г.М. Зинчук. – Йошкар-Ола, 2009. - 34 с.

## АСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МЕХАНИЗМИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ДАВРАИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур ақидаҳои назариявии олимон оид ба мафҳуми бозори озуқаворӣ, равандҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, механизми иқтисодӣ, механизми назариявии ташаккулёбии нархи бозор, маҷмӯи ҳамаи муносибатҳои молию пулии байни истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, коркардкунандагон, савдои яклухт ва чакана, истеъмолкунандаи ниҳоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар баробари ин, таъмини аҳолӣ бо маводи ғизоии босифат, вазъи бозори озуқаворӣ, қонеъ намудани талаботи ғизоӣ дар сатҳи меъёрҳои тавсияшаванда, равандҳои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, сатҳи рушди пешбурди такрористеҳсоли васеъ баррасӣ гардидааст. Бозори маводи озуқавориро умуман муайян намуда, бояд қайд кард, ки ин бозор асосан рақобати монополистӣ бо шумораи нисбатан зиёди ширкатҳо ва тафриқаи баланди хӯроквори мебошад. Дар қатори рақобати нарх дар ин бозор рақобати ғайринархӣ аҳаммияти калон дорад. Бо назардошти омилҳои асосӣ дар бозори озуқаворӣ талабот ва пешниҳодро қайд намудан зарур аст, ки он соҳаи истеҳсоли молии маводи ғизоӣ, соҳаи истеъмоли он, интихоби озод, рақобатнокӣ, инфрасохтори бозор, танзими давлатии муносибатҳои бозориро оид ба истеҳсол ва фурӯши маводи озуқаворӣ фаро мегирад. Қайд намудан зарур аст, ки танзими давлатии бозори озуқаворӣ ба монанди дигар соҳаҳои фаъолият ба фишангҳои иқтисодӣ ҷудо мешавад, ки банақшагирӣ ва маъмурикунонӣ ва фишангҳои бозорро дар бар мегирад, ки ба таркиби онҳо буҷетикунонӣ, андозбандӣ, хариди давлатӣ, маҳдудиятҳои қонунгузорӣ дохил мешавад. Ҳамин тариқ, тавассути фишангҳои бозорӣ танзими давлатӣ ба унсурҳои асосии бозор: талабот ва пешниҳод, шарти фурӯш, аз ҷумла нарх, назорати сифати мол, инфрасохтор ва ғ. таъсир мерасонад.

**Калидвожаҳо:** бозори озуқаворӣ, аҳолӣ, таъмин, ғизо, механизми иқтисодӣ, муносибатҳои молию пулӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, талабот, пешниҳод, рақобат, танзими давлатӣ, истеҳсолот, фурӯшанда, харидор, сифат, миқдор, меъёрҳои тавсияшаванда, истеъмол, нарх, инфрасохтор.

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И МЕХАНИЗМА ФОРМИРОВАНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ РЫНКОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

| На 1 га сельхозугодий: Капиталовложений, сомони. | 20077 | 10412 | 10567 | 13092 | 14661 | 1510 | 73,0 |
| Среднегодовых работников, чел. | 0,45 | 0,50 | 0,54 | 0,56 | 0,58 | 06 | 133,3 |
| Энергетических средств, л. с. | 0,40 | 0,60 | 0,71 | 0,85 | 0,90 | 0,92 | 2,30 |
| Плотность размешения животных, усл. голов | 2,40 | 2,60 | 2,70 | 2,71 | 2,74 | 2,8 | 116,7 |

Рассчитано по: Статистический ежегодник Республики Таджикистан/статистический сборник. –Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, 2018. –С.62

При проведения реорганизации хозяйств, особое место должно уделяться правовым знаниям землепользователей и профессиональной подготовке лиц, приобретающих земельные участки. Создание необходимой экономической основы для формирования и развития органического земледелия, когда у субъектов хозяйствования появится возможность самостоятельно выбирать способ возделывания сельскохозяйственных культур или выращивания животных, должно быть основным направлением в решении проблем рационального землепользования.

Используя экспериментальный метод, т.е. сравнение выхода продукции или прибыли с единицы земельного участка, на котором проводились соответствующие мероприятия, и участков, где они не проводились, можно определить влияние вышеперечисленных факторов на уровень эффективности землепользования. Умножая полученную разность на площадь, где не проводились мероприятия, а затем на общую кадастровую площадь, было выявлено влияние факторов на эффективность использования земельного фонда, с помощью многофакторного корреляционного анализа. Полученное уравнение регрессии приведено ниже: где, у - произведенный объем продукции на 100га сельскохозяйственный продукции;

$X_1$-бали бонитета почвы;

$X_2$-удельный вес пашни в общей площади;

$X_3$- доля орошаемых площадей в составе пахотных земель;

$X_4$- доля кормовых угодий в структуре площадей (%);

$X_5$-внесение органических и минеральных удобрений на единицу площади, NPK;

$X_6$-повторные и пожнивные посевы, %;

$X_7$-удельный вес посевов с интенсивной технологией;

$X_8$-уровень энергообеспеченности на 100га, КВТ;

$X_9$-численность поголовья животных на 100га сельскохозяйственных угодий, усл, гол.

**Таблица 2. Эффективность размещения отдельных культур и отраслей сельскохозяйственного производства по аридным территориям Хатлонской области, за 2010-2018гг.**

**Table 2. The effectiveness of the placement of certain crops and agricultural industries in the arid territories of Khatlon region, for 2010-2018**

| **Культуры и отрасли** | **Сельскохозяйственные зоны** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **I- Равнинная** | | **II- Предгорная** | | **III- Горная** | |
| | **Товарность, %** | **Рентабельность, %** | **Товарность, %** | **Рентабельность, %** | **Товарность, %** | **Рентабельность, %** |
| Хлопчатник | 100 | 20 | - | - | - | - |
| Зерновые | 85 | 30 | 90 | 30 | 93 | 45 |
| Картофель | 95 | 150 | 98 | 200 | 100 | 250 |
| Овощи | 88 | 120 | 90 | 130 | 95 | 140 |
| Молоко | 90 | 20 | 65 | 10 | 50 | 8 |
| Говядина | 90 | 50 | 9 | 30 | - | - |
| Баранина | 90 | 45 | 95 | 30 | 100 | 50 |
| Яйца | 100 | 50 | 100 | 50 | 50 | 30 |
| Мясо птицы | 100 | 45 | 100 | 45 | 30 | 20 |

Рассчитано: Статистический сборник. Регионы Республики Таджикистан. -Душанбе, 2018. -С.148

Многофакторный корреляционный анализ показывает, что коэффициент детерминации равен 0,83, а средняя ошибка аппроксимации равна-5,2%, что говорит о достаточно тесной зависимости между исследуемыми показателями, и их можно использовать в качестве исходной базы для прогнозирования резервов повышения эффективности земель предгорных, горных и

долинных аридных зон региона. Для оценки эффективности использования земельных ресурсов используют систему обобщающих, частных и вспомогательных показателей.

Размер прибыли, стоимость произведенной продукции, выход кормовых единиц на 100га сельскохозяйственных угодий относятся к обобщающим показателям, а урожайность культур, выход продукций с единицы площади, производство мяса и молоко на 100га сельскохозяйственных угодий относятся к частным показателям. Посредством умножения площади каждого вида угодий на балл почвы и делениям полученного результата на 100, определяют сопоставимую (кадастровую) площадь. Динамика урожайности сельскохозяйственных культур является показателем роста плодородия земли в процессе её использования. Себестоимость продукции, фонд ёмкости, трудоемкость, а также окупаемость затрат, являются вспомогательными показателями эффективности землепользования.

На наш взгляд, на перспективу, для повышения зональной эффективности землепользования надо расширять площадь занятых зерновыми в пределах севооборотов, в предгорных и горных зонах области.

Эффективность производства хлопчатника по совокупному баллу достаточно высокая. Эффективность размещения отдельных культур и отраслей сельскохозяйственного производства приведены в таблице 2. В силу финансового кризиса, целесообразно диверсифицировать отрасли сельского хозяйства области в пользу производства наиболее рентабельной и экспортно-ориентированной сельскохозяйственной продукции.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Андрюшенко С. Основные подсистемы экономического механизма рационального землепользования и охраны земель / С. Андрюшенко // Международный сельскохозяйственный журнал. -М., 1999. -№2. -С.41-43.
2. Ашуров И.С. Роль хозяйств населения в обеспечении роста экономики Республики Таджикистан / И.С. Ашуров, Р. Мадаминов // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2016. -№5(55). -С.160-168.
3. Беляева М.В. Модель управления земельными ресурсами муниципальных образований РФ / М.В. Беляева, А.Ю. Иванова, В.А. Павленко // Интерэкспо Гео-Сибирь. -Новосибирск, 2014. -№1. -С.202-207.
4. Буздалов И. Земельный оборот как условие эффективной системы аграрных отношений / И. Буздалов // АПК: экономика, управление. -М., 2007. -№10. -С.2-7.
5. Валиев Дж.С. Особенности регулирования земельных и земельно-имущественных отношений / Дж.С. Валиев, И.А. Хабарова // Московский экономический журнал. -М., 2018. -№3. -С.59-70.
6. Юровского и современность / М.И. Взгляды. А.В. Туган- Бараковского, Н.Д. Чаянова [и др.]. –М. 1991. -С.56.
7. Дегтярева С.М. Проблемы эффективного землепользования региона / С.М. Дегтярева, Т.И. Гуляева // Вестник ОрелГАУ. - Орел, 2009. -№6. -С.19-26.
8. Захарова Е.Н. Эффективное управление земельными ресурсами как фактор устойчивого развития региона / Е.Н. Захарова, И.А. Астахова // Вестник Адыгейского государственного университета. Серия 5: Экономика. -Майкоп, 2010. -№1. -С.48-55.
9. Кадиев Р.К. Основные направления эффективного землепользования / Р.К. Кадиев // Региональная экономика: теория и практика. -М.: «Финансы и кредит», 2013. -№47. -С.12-18.
10. Липски С.А. Особенности регулирования земельных отношений в условиях рыночной экономики / С.А. Липски. -М.: ГУЗ, 2001. – 104 с.


## САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН ДАР ШАРОИТҲОИ МИНТАҚАИ ДОРОИ ЗАМИНҲОИ ХУШК


Масоили муҳимми мукаммалгардонии муносибатҳои истифодабарии замин такмили азнавсозиҳои институтсионалӣ дар ҳошияи нақши истифодабарии замин дар рушди босуботи истеҳсолоти саноати аграрӣ дар минтақа мебошад. Як зумра олимон масоилҳои истифодабарии заминро ҳамчун қонунияти рушди иқтисоди миллӣ дар умум баррасӣ менамоянд, теъдоди дигари онҳо бошад масоилҳои рушди босуботи хоҷагии қишлоқро дар алоқаи бевоситаи он бо истифодабарии замин ҳангоми иқтисоди гуногунҷабҳа баррасӣ менамоянд. Дар мақолаи мазкур муаллиф масоили истифодабарии заминро дар ҷумҳурӣ аз мавқеи зарурияти воридсозии тағйиротҳо ба сохтори истифодабарии замин баррасӣ намудааст. Дар марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои истифодабарии замин муқарраротӣ аҳамиятнок тавсифоти марҳилаи кунунии рушд бо баҳисобгирии таҳлили объективии рушди сифатноки истифодабарии замин ҳамчун звенаи муҳимми идоракунии захираҳои замин маҳсуб мееёбад.



**Калидвожаҳо:** хоҷагии қишлоқ, мукаммалгардонии муносибатҳои истифодабарии замин, афзоиши истеҳсоли маҳсулот, рушди босуботи хоҷагии қишлоқ, рушди сифатноки истифодабарии замин.


## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ ЗЕМЛЕПОЛЬЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ АРИДНОГО РЕГИОНА


Немаловажной проблемой совершенствования земельных отношений, является совершенствование институциональных преобразований в контексте роли землепользования в устойчивом развитии агропромышленного производства региона. Одни рассматривают проблемы землепользования как закономерность развития национальной экономики вообще, другие ученые проблемы устойчивого развития сельского хозяйства рассматривают в непосредственной связи с землепользованием при многоукладной экономике. В данной статье автор рассматривает проблему землепользования в республике, с позиции необходимости внесения изменений в структуру землепользования. На данном этапе развития земельных отношений, наиболее значительным положением является характеристика современного этапа развития, с учетом объективного анализа качественного развития землепользования области, как важного звена управления земельными ресурсами.

**Ключевые слова:** сельское хозяйство, совершенствования земельных отношений, рост производства продукции, . устойчивое развитие сельского хозяйства, качественное развитие землепользования.

**MAIN DIRECTIONS OF INCREASING THE ECONOMIC EFFICIENCY OF LAND USE IN THE CONDITIONS OF THE ARID REGION**

An important problem in improving land relations is the improvement of institutional transformations in the context of the role of land use in the sustainable development of agro-industrial production in the region. Some consider land use problems as a pattern of development of the national economy in general, while other scientists consider the problems of sustainable agricultural development in direct connection with land use in a multi-structured economy. In this article, the author considers the problem of land use in the republic, from the perspective of the need to make changes to the structure of land use. At this stage in the development of land relations, the most significant provision is the characterization of the current stage of development, taking into account an objective analysis of the qualitative development of land use in the region, as an important link in land management.

**Key words:** agriculture, improvement of land relations, production growth. sustainable agricultural development, quality development of land use.

**Сведения об авторе:** ***Шодии Давлатали*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета анализ и аудита. **Адрес:** 733740, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **985-88-99-36.** E-mail: **shodi.10.01@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shodia Davlatali*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini, Senior Lecturer, Department of Accounting Analysis and Audit. **Address:** 733740, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **985-88-99-36.** E-mail: **shodi.10.01@mail.ru**

**УДК 330.5:31(575.3)**

# ИНСТИТУЦИОНАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЫ В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ

***Якубова К.Г., Мукимов К.М.***
**Таджикский государственный финансово-экономический университет**

Как известно, термин «социальная сфера» появился в теории на рубеже 80-90гг. на 25 съезде ЦК КПСС, где было проявлено немало интереса к социальной сфере как экономическому институту. Социальная сфера, как говорится в докладе ЦК КПСС съезду компартии СССР, «охватывает интересы классов и социальных групп, наций и народностей, отношения общества и личности, условия труда и быта, здоровья и досуга» [2,с.44].

В изначальном понимании категории «социальная сфера» ее институционализация не имела строгой структуризации, что отразилось в ее бессистемной трактовке.

При изучении и анализе экономической литературы, которая затрагивает проблемы, касающиеся социальной сферы, нами установлено, что на сегодняшний день не существует общепринятого понимания концепции о социальной сферы. Это немного усложняет ее анализ, а также разработку социальной политики, которая имеет приоритетное значение в жизнедеятельности общества.

Социальная сфера Республики Таджикистан по своим особенностям состоит, как и во многих странах, из важных системообразующих отраслей: здравоохранения, физической культуры и спорта, культуры, образования, социального обслуживания, жилищно-коммунального хозяйства, социального и пенсионного обеспечения.

Данные отрасли имеют следующие общие признаки; предоставление благ в виде услуг для людей, для нормального функционирования их жизнедеятельности, так как от предоставления благ зависит оптимальное состояние населения, особенно уязвимого, то естественно делают эти отрасли постоянным объектом оценки и исследования. Социальная сфера, в основном оказывает влияние на материальные, духовные и физические возможности людей.

К примеру, отрасль здравоохранения выделяется профилактикой и лечением различных заболеваний. В свою очередь физическая культура и спорт положительно отражаются на здоровье населения, укрепляя их иммунитет и оздоровляя его душевное состояние. Образование направлено на постоянное обучение и поэтапное повышение уровня полученных знаний. Отрасль культуры и искусства в совокупности со средствами массовой информации характеризуется тем, что отвечает за эмоциональное и эстетическое состояние человека. Социальное обслуживание обеспечивает потребность людей, нуждающихся в помощи, вследствие возраста, инвалидности или отсутствии имущества и крова. Жилищно-коммунальное хозяйство обслуживает эксплуатацию жилищ, для воспроизводства материальных условий ежедневной жизнедеятельности людей, связанных с водоснабжением,

отоплением, освещением и т.д.). Отрасли социального страхования предоставляют социальные пособия, а пенсионное обеспечение, в свою очередь, направлено на поддержку определенного уровня материальных возможностей населения, которые лишились своих доходов вследствие временной нетрудоспособности (производственной травмы, старости и т.д). Отрасли социальной сферы выражаются четкими и конкретными внешними эффектами от потребления их благ теми, кому они непосредственно направлены. В связи с этим, профилактика заболеваний и медицинская помощь для людей с определенным недугом оказывают положительное воздействие, как на тех, кто получает данные услуги, так и на других лиц, что естественным образом влияет на сокращение риска и масштабов заболеваемости населения республики.

Немаловажную роль играет грамотность, характеризующаяся положительным эффектом в функционировании всего общества, в частности и развития национальной экономики в целом. Деятельность отрасли культуры направлена на распространение и освоение населением страны определенных социальных ценностей, консолидирующих наше общество. Предоставляемая помощь со стороны социального обеспечения и социального обслуживания, слоям общества находящихся за чертой бедности, обеспечивает уровень их удовлетворенности от условий жизни в обществе, тем самым снижая риск их негативного антиобщественного поведения, связанных с участием в криминальной сфере, в массовых беспорядках и антиправительственных агитациях. Отрасли социальной сферы являются постоянным объектом ценностных оценок, как со стороны государства, так и со стороны общества.

В соответствии со статьями 38, 39, 40 и 41 Конституции Республики Таджикистан [1], каждому человеку положены блага, которые можно охарактеризовать следующими признаками:

1. Охрана здоровья;
2. Гарантия социального обеспечения;
3. Право на культурные блага;
4. Образование.

В экономике каждого государства существуют также и другие отрасли, включающие те виды деятельности, которые связаны с вышеперечисленными признаками.

К примеру, некоторые направления бытового обслуживания связаны с первым признаком и к ним можно отнести, сферу красоты и гигиены (парикмахерские, сауны и т.д.), однако они не связаны с остальными признаками. В свою очередь, сочетание всех четырех вышеуказанных признаков является неотъемлемой частью исследуемой нами группы отраслей, которых мы объединяем единым понятием «Социальная сфера Республики Таджикистан». Социальная сфера в Республике Таджикистан, как и в большинстве стран, независимо развитых или развивающихся, относится к одной из главных составляющих национальной экономики страны. К концу прошлого столетия затраты Республики Таджикистан, в связи с переходом к рыночной экономике и последствиями гражданской войны, на реализацию политики в социальной сфере, а также на содержание населения в данной сфере, составляли незначительную часть процента ВВП нашего государства.

**Таблица 1. Расходы государства на социальные отрасли за 2017 г.**
**Table 1. State spending on social sectors for 2017**

| № | Наименование отрасли | Расходы государства в тысячах сомони за 2017 год | В процентах к ВВП за 2017 |
|---|---|---|---|
| 1. | Здравоохранение | 1 440 782 | 2,6 |
| 2. | Культура и здоровье | 822 111 | 1,5 |
| 3. | Топливно-энергетический комплекс | 3 323 512 | 6,1 |
| 4. | Соцстрахование и соцзащита | 3 249 339 | 6,0 |
| 5. | ЖКХ, экология и лесное хозяйство | 702 861 | 1,3 |
| 6 | Образование | 1 116 235 | 2,0 |

По данным Министерства финансов РТ и Агентства по статистике при Президенте РТ

Социальная сфера Республики Таджикистан выражена высокой долей государственного участия в финансировании и в предоставлении производимых благ. При этом затраты государства и его долевое участие в поддержке социальной сферы увеличиваются пропорциально с ростом экономики страны.

Анализирование отраслей социальной сферы, таких, как лечение, передача навыков и знаний, своевременная помощь инвалидам, а также сиротам и неимущим в развитом человеческом обществе осуществлялись не только в пределах собственной семьи и родовых

общин, но и выражались в самостоятельных видах деятельности, которые регулировали отдельные люди и отдельные организации. Важную роль в развитии образования, здравоохранения и культуры издавна играли государство и религия.

В связи с этим, можно прийти к мнению, что особенностью исследования экономики социальной сферы, а также ее спецификой с точки зрения экономики, являются те разновидности человеческой деятельности, которые выражают стремление сравнивать осуществляемые затраты с достигнутыми результатами, соизмерять способы альтернативного использования при ограниченности ресурсов, а также оптимизацию соотношения выгоды и издержек. В нашем случае, предметом нашего исследования, являются также отношения людей, которые осуществляют такие действия, как сопоставление и выбор, и действуют по правилам институтов, занимающихся подобными вопросами. При обобщении этих признаков, можно определить экономическую точку зрения на социальные сферы. Это рассматривается как осуществляемая деятельность при использовании ограниченности ресурсов в получении результатов, сравниваемых с затратами. Такое использование характерно следующими типами действий:

1. Распределением ограниченных ресурсов финансового, материального, трудового характера при альтернативных способах их применения для получения результатов, сравниваемых с затратами этих ресурсов;
2. Замена одних объектов на другие (ресурсы, результаты), где происходит их сравнение.

И сегодня почти все социальные отрасли необходимо реформировать, так как недостаточное финансирование этой отрасли чревато такими последствиями, как обнищание и дисбаланс. Поэтому необходимо сконцентрироваться на причине ослабления социальной политики и попытаться понять, что еще, кроме дефицита государственного бюджета, влияет на образование, здравоохранение и пенсионное обеспечение. Поэтому Республика Таджикистан явно нуждается в кардинальных преобразованиях социальной сферы. В соответствии с национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, государством разрабатываются соответствующие планы по реформе социальной политики, призванной улучшить социальную сферу общества, изменить принципы пенсионного обеспечения, а также обеспечить переход к системе накопления.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, 6 ноября 1994г (изменения и дополнения 26.09.99г., 22.07.03г., 22.05.16г.)
2. Материалы XXVII съезда КПСС. – М.: Политиздат. 1986.
3. Социальная политика: Учебник / Под ред. Волгина Н.А. -М.: Экзамен, 2006. –548 с.
4. Управление социальной сферой. Учебник / Под. ред. В.Э. Гордина. -СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2008. -289 с.
5. Официальный сайт Государственного комитета статистики Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.stats.tj

## АҲАМИЯТИ ИҚТИСОДИВУ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ СОҲАИ ИҶТИМОӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

Дар мақола аҳаммияти институтсионаливу иқтисодии соҳаи иҷтимоиёт ва мавқеи он дар иқтисодиёти муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Соҳаи иҷтимоӣ бо инсоният ва он манфиату хизматҳое, ки барои нигоҳдории фаъолияти ҳаётии он дар ҷомеа заруранд, дар алоқамандии зич қарор доранд. Сохаи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хусусиятҳои худ монанди дигар давлатҳо аз якчанд соҳаҳои ҳаётан муҳим, ба монанди тандурустӣ, варзиш, маданият, маориф, хизматрасонии иҷтимоӣ, хоҷагии коммуналӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва нафақавӣ таркиб ёфтааст. Дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ соҳаи иҷтимоиро бо роҳи таҳқиқи инфрасохторе, ки тамоми соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти ба инкишофи шахсият дар ҷараёни қонеъ гардонидани талаботи ӯ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои муайян мусоидат менамояд, омӯхта мешавад. Дар пешрафти худ соҳаи иҷтимоӣ ба чунин вазифаҳои сиёсии иҷтимоие, ки барои беҳтар гардонидани ҳаёти аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва давомнокии ҳаёти аҳолӣ, инчунин беҳдошти саломатӣ ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шудааст.

**Калидвожаҳо**: иқтисодиёти иҷтимоӣ, равандҳои иқтисодӣ, категорияи иқтисодӣ, кумаки иҷтимоию иқтисодӣ, институт, сохтори соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, инфиродӣ, эҳтиёҷот.

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЫ В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматривается институционально - экономическое значение социальной сферы и ее место в современной экономике. Социальная сфера достаточно тесно связана с человеком и тем свойством потребления благ и услуг, которые необходимы для поддержания жизнедеятельности и функционирования в обществе. Социальная сфера Республики Таджикистан, по своей особенности состоит, как и во многих странах, из важных системообразующих отраслей: здравоохранения, физической культуры и спорта, культуры, образования, социального обслуживания, жилищно-коммунального хозяйства, социального и пенсионного обеспечения. В странах с рыночной экономикой отрасли социальной сферы необходимо рассматривать путем исследования их инфраструктур, которыми являются все отрасли и виды деятельности, способствующие полноценному

воспроизводству индивида в процессе удовлетворения его потребностей при предоставлении определенных услуг. В своем развитии отрасли социальной сферы опираются на такие задачи социальной политики, которые призваны улучшить качество жизни населения, повысить уровень благосостояния и длительность жизни населения, формировать и воспроизводить здоровое, творчески активное поколение.

**Ключевые слова:** социальная экономика, экономические процессы, экономическая категория, социально-экономическая помощь, институт, структура социальной сферы, социальная сфера, социальная политика, индивид, потребности.

**INSTITUTIONAL - ECONOMIC SIGNIFICANCE OF SOCIAL SPHERE IN MODERN ECONOMY**

In article is considered institutionally - economic value of the social sphere and its place in modern economy. The social sphere is rather closely connected with the person and that property of consumption of the benefits and services which are necessary for maintenance of activity and functioning in society. The social sphere of the Republic of Tajikistan, on the feature consists, as well as in many countries, from the important systemically important industries consisting of health care, physical culture and sport, culture, education, social service, housing and communal services, social and provision of pensions. In the countries with market economy of the industry of the social sphere, it is necessary to consider by a research of their infrastructures which are all industries and types of activity promoting full reproduction of the individual in the course of satisfaction of his requirements when providing certain services. In the development the industries of the social sphere lean on such tasks of social policy which are designed to improve quality of life of the population, to increase welfare and longevity of the population, to form and reproduce healthy, creatively active generation.

**Key words:** social economy, economic processes, economic category, social and economic help, institute, structure of the social sphere, social sphere, social policy, individual, requirements.

**Сведения об авторах:** ***Якубова Каринэ Георгиевна*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры международных финансово–кредитных отношений. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **931-74-72-60.** E-mail: **yakubova_karina@mail.ru**
***Мукимов Кудбиддин*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, декан факультета международных экономических отношений. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14

**Information about the author:** ***Yakubova Karine Georgievna*** - Tajik State Financial and Economic University, senior lecturer of the department of international financial and credit relations. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **931-74-72-60.** E-mail: **yakubova_karina@mail.ru**
***Mukimov Kudbiddin*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of International Economic Relations. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

**УДК 338.22(575.3)**

# ҲАМКОРИҲОИ ДАВЛАТ БО БАХШИ ХУСУСӢ ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Шарифова Д.М.***
**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсион дар шаҳри Кӯлоб**

Мақоми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ нақши бориз дорад. Рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиётро бидуни бахши хусусӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таҷрибаҳои мамолики хориҷӣ нишон медиҳад, ки аксарияти мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон асосан дар марҳилаҳои дуюми инкишофёбии шарикии давлат бо бахши хусусӣ қарор дошта, барои ҷалб кардани корхонаҳои хусусӣ дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ҷиҳати беҳтарсозии инфрасохтори давлатӣ шароит фароҳам меоваранд [1,с.14]. Дар воқеъ таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон доданд, ки ҳиссаи корхонахои хурди хусусии истеҳсолӣ дар рушди иқтисодиёти давлат нақши муассир дорад, чунки маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар байни дигар корхонаҳо рақобатпазир ҳастанд. Аз ҳамин нуқтаи назар корхонаҳои хусусӣ метавонанд барои рушди воқеии иқтисодиёт ҳиссаи зиёд дошта бошанд. Асосҳои консептуалии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар тадқиқоти Ҷ.М. Кейнс баҳодиҳӣ шудааст. Ӯ иброз доштааст, ки давлат тавассути сиёсати пулӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ метавонад суръати баланди ба даст овардани даромадро дар хонаводаҳо, ширкатҳои хусусӣ ьаъмин намояд [2]. Механизми сармоягзории хусусӣ ва низоми пуливу қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде солҳои охир беҳтар шуда бошад ҳам, аммо дар баъзе санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои соҳибкорон, корхонаҳо ва субъектҳои хоҷагидории кишвар имтиёзҳо дода нашудаанд.

Тибқи ақидаи Варнавский В.Г., «шарикии давлат бо бахши хусусӣ ин стратегияи институтсионалӣ ва ташкилӣ мебошад, ки он байни ҳукумат ва соҳибкорон бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои муҳимми иҷтимоӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, ба монанди

истеҳсолот ва соҳибкорӣ ва рушди хадамот мебошад» [3,с.315]. Дар ҳақиқат, дар шароити муосир рушди иқтисодиёти ин ё он давлатро бидуни истеҳсолот, тиҷорат ва хадамот тасаввур кардан ғайриимкон аст, чунки асоси пешравии иқтисоди бозорӣ истеҳсолот ва тиҷорат мебошад.

«Дар давлатҳои Канада, Британияи Кабир тақрибан 15-20% лоиҳаҳои сармоягузорӣ тариқи ҳамкориҳои давлат бо сектори хусусӣ татбиқ мешаванд [4,с.102].

Маврид ба зикр аст, ки сиёсати хусусигардонии моликият, ташкили ҷамъиятҳои саҳомӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак, аз як тараф, инчунин ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дар ин замина ҷалби сармояи бахши хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, хусусан, дар бахши хизматрасонии бозорӣ дар заминаи муносибатҳои шарикӣ аз ҷониби дигар, ҳамчун асоси рушди устувори иқтисодӣ хизмат мекунанд.

Яке аз бахшҳои асосие, ки дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим мебозад, бахши хусусӣ мебошад. Тавассути рушди бахши хусусӣ, пеш аз ҳама, шуғли аҳолӣ, истеҳсолоти миллии молу хизматрасонӣ, баландшавии сатҳу сифати зиндагии мардум, инчунин рушди сифатии сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ ва суръати баланду устувори рушди иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Имрӯз бахши хусусӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар ободонӣ, рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани некуаҳволии мардуми ҷумҳурӣ саҳми босазо гузошта истодааст.

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои Тоҷикистон механизми нави ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар мебошад ва он дар бисёре аз кишварҳои мутараққӣ механизми самараноки сармоягузорӣ маҳсуб мешавад. Бо мақсади тақвият бахшидан ба ин механизм дар Тоҷикистон, 28 декабри соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» қабул гардид.

Ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ дар иқтисодиёти минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ низ баръало ҳис карда мешавад.

Вилояти Хатлон аз рӯйи маълумотҳои оморӣ дар масоҳати 24,6 ҳазор км$^2$ ҷойгир мебошад, ки 17%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолӣ дар ин минтақа ба 1-уми январи соли 2017-ум 3124,3 ҳазор нафар мебошад. Корхонаҳои калонтарини вилоят: Ҷамъияти саҳомии «Ресанда», Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Қӯрғонтеппа, корхонаи муштараки «Азот»-и шаҳри Сарбанд ва ҶСШК «Тоҷикхимпром», ҶДММ «Ҷунгтай моҳир семент», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон, ҶСП «Ҷунгтай Данғара Текстил»-и и ноҳияи Данғара мебошанд. Ба 1 январи соли 2017-ум 613 корхонаи саноатӣ фаъолият кардааст, ки дар баланси мустақил қарор доранд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят ба 1 январи соли 2017-ум 4801,4 млн. сомониро ташкил додааст [5,с.6-7].

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии минтақа ин маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мебошад, ки тавассути тағйироти он, ба дараҷаи инкишофи иқтисоди минтақа ва сатҳи зиндагии аҳолии он баҳо медиҳанд. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ ба нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ комилан мувофиқ аст, яъне дар худ арзиши ниҳоии мол ва хизматҳо, воҳидҳои иқтисодиеро, ки намояндаи минтақаи мазкур мебошанд, инъикос менамояд. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон дар соли 2014-ум 11696,3 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли 2008-ум 6792,1 млн. сомонӣ, яъне 2,4 маротиба зиёд шудааст. МММ-и вилояти Хатлон дар соли 2014-ум ба сари ҳар нафар аҳолӣ 3,9 ҳазор сомониро ташкил кард, ки ин нисбат ба соли 2008-ум 2 баробар афзуда, тамоюли рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро таъмин намудааст. Дар рушди МММ нақши барномаҳои ҷумҳуриявии давлатӣ ва Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои 2005-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми октябри соли 2005 таҳти №420 қабул гардидааст, бориз мебошад [6,с.178-179].

Яке аз нишондиҳандаҳои иқтисодие, ки метавонад механизми беҳтарсозии ҳамкории давлатро бо бахши хусусӣ хубтар намояд, ин буҷети вилоят мебошад. Буҷети умумии вилояти Хатлон дар соли 2015-ум 1 200 622,9 ҳазор сомониро ташкил дод. Дар муқоиса бо соли 2013 афзоиши қисми даромади буҷет 30,4% ё бо ифодаи мутлақ 289 млн. 415 ҳазор сомониро ташкил намуд. Инчунин, дар соли 2015 воридшавии даромади андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷети умумии вилоят 670 млн. 643 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин назар ба соли 2013-ум 38,1% ё 184 млн. 988 ҳазор сомонӣ зиёд аст [7,с.56].

Дар вилояти Хатлон қисмати зиёди даромадҳои буҷетиро андозҳо ташкил медиҳанд:

Дар сохтори қисми даромади буҷети соли 2015 вазни қиёсии воридот аз андоз ва боҷҳо зиёд буда, 60%-и ҳамаи даромадҳоро ташкил медиҳад. Хароҷотро барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, тандурустӣ ва маориф ба сифати маблағгузории давлат ба сармояи

инсонӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки дар вилояти Хатлон ба маблағгузории соҳаи мазкур диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар айни ҳол роҳу усулҳои идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ дар Тоҷикистон ба қадри кофӣ муайян карда нашудаанд, чи дар сатҳи таҳия ва чи дар сатҳи муайян намудани сохтор ва таркиби буҷетҳои маҳаллӣ нуқсонҳо вуҷуд доранд. Ғайр аз ин, ҳоло аҳолии вилояти Хатлон ба маълумот дар бораи ҳаҷм ва ба кадом мақсадҳо равона гардидани маблағҳои буҷетӣ дастрасии пурра надорад.

**Диаграммаи 1. Қисмати даромад ва хароҷоти буҷети вилояти Хатлон тайи солҳои 2013-2015 бо млн сомонӣ)**

**Diagram 1. Part of Khatlon's budget revenue and expenditure over the period of 2013-2015 with millions of Somoni)**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Раёсати молияи вилояти Хатлон

Паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум яке аз ҳадафҳои асосии кишвар мебошад, ки афзоиши даромади пулии аҳолӣ, баланд бардоштани музди меҳнат ва нафақа ба ин таъсири мусбат расонида метавонад. Мувофиқи таҳлили сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тадқиқоти гузаронидашудаи сатҳи зиндагӣ дар соли 2009 сатҳи умумии камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 46,7% ва дар вилояти Хатлон бошад, 50,2%, сатҳи ниҳоят камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13,8% ва вилояти Хатлон 15,8% муайян гардида буд. Амалисозии барномаҳои давлатӣ имкон доданд, ки сатҳи умумии камбизоатӣ дар соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 30% ва дар вилояти Хатлон бошад, ба 33,7% баробар карда шавад.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии вилояти Хатлон дар соли 2014-2016**
**Table 1. Basic economic indicators of the Khatlon region for 2014-2016**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2016/2011 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи миёнаи машғули кор дар иқтисодиёт (солона бо ҳазор нафар) | 396,1 | 404,6 | 403,8 | +7,7 |
| Шумораи бекорони расмӣ (бо ҳазор нафар) | 24,3 | 20,7 | 18,9 | -5,4 |
| Сатҳи бекорӣ | 3,0 | 3,0 | 2,5 | -0,5 |
| Ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ | 615,23 | 645,05 | 714,13 | +98,9 |
| Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ | 219,71 | 219,91 | 232,64 | +12,93 |
| Андозаи ҳадди ақали нафақаи пиронсолӣ (бо ҳисоби миёнаи як моҳ), бо сомонӣ | 224,69 | 226,80 | 248,71 | +24,02 |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, бо нархҳои соли 2016, ҳазор сомонӣ | 4156908,5 | 4934250,4 | 5047738,2 | +890829,7 |

Сарчашма:Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмӯаи оморӣ. –Қӯрғонтеппа: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2017. -С.6-7

Шумораи машғулини кор дар вилояти Хатлон соли 2016 нисбат ба соли 2011, 7,7 ҳазор зиёд шуд. Ҳамасола дар вилоят барои бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ мақомотҳои дахлдор дар якҷоягӣ бо корхонаву ташкилотҳои вилоят ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ холиро ташкил мекунанд.

Таҳлилҳои муқоисавии солҳо дар ҷадвали зикршуда нишон медиҳад, ки ҳиссаи сохторҳои соҳаи саноат дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Хатлон соли 2016-ум нисбат ба соли 2011-ум дар намудҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ, комплекси мошинсозӣ, саноати хӯрокворӣ ва орду ярма кам гардида, намудҳои саноати

кимиё, саноати масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук, саноати хӯрокворӣ ва орду ярма зиёд шудааст.

Соҳаи дигари муҳимми иқтисодиёт, ки таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад, соҳаи кишоварзӣ мебошад, зеро дар ин ҷо маҳсулоти талаботи аввалиндараҷаи ҷамъият, яъне маҳсулоти хӯрокворӣ истеҳсол мегардад. Соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон тадриҷан рушд карда, бештар ҳиссаи бахши хусусӣ нисбат ба бахшҳои давлатӣ зиёд дида мешавад.

Дар соли 2016 ҳиссаи вилоят дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии мамлакат 53%, аз ҷумла пахта 68%, сабзавоту полизӣ 66, ғалладонагӣ 60%, чорво ва паранда 54%-ро ташкил медод. Бояд ишора намуд, ки ин бартарият дар гузашта, то замони истиқлолият низ ба мушоҳида мерасид ва дар ҳудуди имрӯзаи вилоят қариб 45%-и маҳсулоти кишоварзӣ ва 20%-и маҳсулоти саноатии мамлакат истеҳсол мегардид. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят пайваста меафзояд. Ин рақам дар соли 2011, 9 миллиарду 115 миллиону 172 ҳазор сомонӣ, соли 2014, 11 миллиарду 36 миллиону 571 ҳазор сомонӣ ва соли 2016 ба 11,7 миллиард сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015-ум 4,8% ё 536 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар семоҳаи якуми соли 2017 ин нишондиҳанда ба 440 миллион сомонӣ расонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6% зиёд мебошад [8].

Корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон якҷо бо бахши хусусӣ дар соли 2016 ба маблағи 4,4 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, ҳаҷми истеҳсолро нисбат ба соли гузашта 478 миллион сомонӣ зиёд ва суръати афзоишро 112% боло бурданд. Ба гунаи мисол, корхонаҳои истихроҷи маъдан ба маблағи 303 миллион ва корхонаҳои истихроҷи моводи ғайриэнергетикӣ ба андозаи 284 миллион сомонӣ маҳсулот тайёр намуда, ҳаҷми истеҳсолро мутаносибан 43-47% боло бурданд. Тибқи таҳлилҳо маълум шуд, ки соли 2016 нисбат ба соли 2015 182-миллион сомонӣ бештар аст. Таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ барои ҳам бахши давлатӣ ва ҳам ба бахши хусусӣ таъсири мусбӣ дорад, чунки дар ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёд шуда, иқтисодиёти вилоят рушд мекунад.

Тавре аз диаграмма маълум аст, шумораи корхонаҳои саноатӣ соли 2011-ум 281 адад ва соли 2016-ум 5375 ададро ташкил медиҳад. Шумораи миёнаи солонаи кормандони истеҳсолоти саноатӣ аз 18,9 ҳазор нафар дар соли 2011-ум ба 38,8 ҳазор нафар дар соли 2014-ум афзуд.

Ҳиссаи корхонаҳои хусусии вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нақши созгор дорад. Саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокӣ 512 миллион сомонӣ, нахи пахта – 583 миллион, маҳсулоти нассоҷию дӯзандагӣ – 212 миллион, коркарди тахтаву чӯб, маснуоти чӯбӣ, пойафзол, коғазу селюлоза, маҳсулоти нафтӣ, кимиёӣ, резинӣ, филизӣ 875 миллион сомониро ташкил дод.

**Диаграммаи 2. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон (аз рӯйи корхонаҳое, ки дар баланси мустақил қарор доранд)**
**Diagram 2. The number of industrial enterprises in the Khatlon region (on the basis of enterprises in the balance sheet)**




Сарчашма: Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмӯаи оморӣ. –Қӯрғонтеппа: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2017. – С.66-67

Бобати иҷрои дастури Сардори давлат дар хусуси ба кишвари истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ табдил додани Тоҷикистон соли ҷорӣ дар ҳудуди вилоят 53 корхонаву коргоҳ бунёд ва барои истифода супурда шуд, ки дар он 3 ҳазору 100 сокини маҳаллӣ соҳиби ҷойи кори доимӣ шуданд.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият дар вилояти Хатлон(бо ҳазор сомонӣ)**

**Table 2. Production of enterprises by Khatlon Region (in TJS)**

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 |
|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ | 4044690,2 | 4621160,4 | 5047738,3 |
| Сектори давлатӣ | 1648900,5 | 2510763,4 | 253355.9 |
| Корхонаҳои муштарак | 64,3 | 110,4 | 114.7 |
| Сектори хусусӣ | 1763354,4 | 1755616,1 | 4178239.8 |

Сарчашма:Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмӯаи оморӣ. –Қӯрғонтеппа: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2017. – С.70-71

Мусаллам аст, ки бо зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва тараққӣ ёфтани соҳаи саноат, ҳиссагузории он дар афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, зиёд гардидани даромади буҷет, устувории пули миллӣ, ташаккули усулҳои пешқадами ташкили истеҳсолот, идоракунӣ ва ташкили илмии меҳнат, имкониятҳои таъмини пешрафти илмию техникӣ ва инноватсионӣ фаъол мегардад. Дар ҳолати кам шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва инкишоф наёфтани ин соҳа сатҳи баланди рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хоҷагии манзил, коммуналӣ ва ғайра, ки некуаҳволии мардумро муайян мекунанд, таъмин буда наметавонад. Рушди соҳаи саноат дар вилояти Хатлон дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ - гузариш ба муносибатҳои васеи бозорӣ, дар асоси хусусигардонии моликият, эҳёи корхонаҳои нав ва дигаргунсозиҳои соҳавӣ ба роҳ монда шудааст. Ба ин васила ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти минтақа зиёд шуда, тамоюли рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар солҳои 2011-2016 таъмин намуданд.

Шумораи умумии соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мебаранд, дар соли 2016-ум, 90388 нафарро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 3. Миқдори субъектҳои хоҷагидори фаъолияткунанда дар миқёси ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ба ҳолати 1 октябри соли 2016**

**Table 3. The number of economic entities operating in the country and the Khatlon region in the case of October 1, 2016**

| Минтақаҳо | Патент | Шаҳодатнома | Ш. ҳуқуқӣ | Х.деҳқонӣ | Ҳаҷми умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҷумҳурӣ | 91 333 | 32 152 | 31 585 | 133 125 | 288 195 |
| Хатлон | 23 851 | 6 216 | 9 467 | 50 854 | 90 388 |

Сарчашма: Агентии омор, маълумоти “Равзанаи ягона”-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳрасти ягонаи давлатии мақомоти андоз

Дар рушди иқтисодиёт ва беҳтар кардани некуаҳволии аҳолӣ маблағгузорӣ нақши калидӣ дорад, он сарчашмаи асосии тараққиёт ба ҳисоб меравад. Маблағгузорӣ дар рушди инфарасохтори коммуникатсионӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, бахши хусусӣ, рушд ва таҷдиди иқтисодиёт нақши муассир дорад. Ба сатҳи маблағгузорӣ омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ маълум мегардад, ки дар минтақа мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба рушди босуботи иқтисодиёти вилояти Хатлон ва ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ таъсири манфӣ мерасонанд, аз ҷумла:

-пурра маҳдуд гардидани маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва кам шудани ҳиссаи он дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

-рақобатпазир набудани маҳсулотҳои дохилӣ нисбат ба маҳсулотҳои воридотӣ;

-пурра қонеъ нагардидани талаботи аҳолии минтақа аз ҷиҳати маҳсулотҳои озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва энергетикӣ;

-зиёд шудани барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ нисбат ба фаъолияткунанда дар вилояти Хатлон;

-афзоиши сатҳи ниҳоии камбизоатӣ дар вилотяи Хатлон;

-зиёд шудани шумораи бекороне, ки расмӣ дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд;

-коҳиш ёфтани сатҳи маблағгузорӣ аз ҳисоби манбаъҳои сармоягузорӣ дар минтақа ва ҳиссаи он дар ҷумҳурӣ.

Бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ ва бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта, ҳамзамон дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусии вилояти Хатлон иҷрои корҳои зеринро муҳим арзёбӣ менамоем:

-ташаккули муҳити соҳибкории оилавӣ, хусусан такмили заминаи ҳуқуқии он;

-ҷалби лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба соҳаи комплекси агросаноатӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворию тавлиди маҳсулотҳои рақобатпазир ва ба содирот нигаронида шуд;

-дар дохили минтақа бунёд кардани корхонаҳои истеҳсоли молҳои воридот ивазкунанда бо мақсади кам кардани воридот ва зиёд кардани содирот;

- мусоидат ба ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо;

- густариши ислоҳоти иқтисодӣ тавассути муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;

-истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахши энергетика, сохтмон, роҳҳои автомобилгард, инфрасохтори роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, маориф ва тандурустӣ.

## АДАБИЁТ


1. Частно-государственное партнерство: состояние и перспективы развития в России: Аналитический доклад. -М.: Институт экономики РАН, Национальный инвестиционный совет, 2006. -С.14.
2. Кейнс Дж. Общая теория занятости, процента и денег. Антология экономической классики / Дж. Кейнс. -М.: Экономика, 1992. -Т.2. (пер. англ.).
3. Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски / В.Г. Варнавский. -М.: Наука, 2005. -315 с.
4. Ходжаев П.Д. Зарубежный опыт формирования и развития партнерских отношений между государством и региональными предпринимательскими структурами / П.Д. Ходжаев // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. -Душанбе: РТСУ, 2014. -№3(46). -С.102.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон // Маҷмӯаи оморӣ. –Қӯрғонтеппа, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2017. –С.12-15.
6. Балашов С. Опыт функционирования ГЧП в развитых странах / С. Балашов // Государственно-частное партнерство в условиях кризиса: материалы научн.- практ. конф. -М., 2009. -С.281-282.
7. Мирсаидов М.Н. Таҳлили хусусиятҳои рушди иқтисодии минтақаи Хатлон: мушкилот ва дурнамо / М.Н. Мирсаидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. –Кӯлоб, 2014. –С.178-179.
8. Муродов Р. Силсилаи якум: дастгирии тадқиқоти мустақили таҳлилӣ ва ҷалби ҷомеаи академӣ. Буҷети вилояти Хатлон: таҳлил, мушкилот ва пешомадҳо / Р. Муродов. -Душанбе, 2017. -С.56-58.
9. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва намояндагони сокинони вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, 13 майи соли 2017. Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 15 майи соли 2017.
10. Сафарова Л.Д. Некоторые формы и модели развития государственно-частного предпринимательского партнерства на современном этапе/ П.Д. Ходжаев, Л.Д. Сафарова // Вестник Таджикского национального ун-та. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2013. -№ 3/7(125). -С.181.


## ҲАМКОРИҲОИ ДАВЛАТ БО БАХШИ ХУСУСӢ ОМИЛИ РУШДИ БОСУБОТИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ мавриди тадқиқ қарор гирифта, моҳияти он ба таври мушаххас аз ҷониби муаллиф нишон дода шудааст. Муаллиф дар мақола иброз доштааст, ки ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ яке аз омилҳои асосии рушди босуботи иқтисоди миллӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ барои механизми маблағгузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мусбӣ арзёбӣ гардидааст. Ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусиро муаллифи мақола дар иқтисодиёти вилояти Хатлон таҳлил ва тадқиқ кардааст. Нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон, ташаккули буҷети вилоят, иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатии вилоят, ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолии корхонаҳои бахши давлатӣ ва хусусии вилояти Хатлон, рушди соҳибкории хурду миёна аз ҷониби муаллиф таҳлил карда шудаанд. Инчунин, ҳамкории давлат ва бахши хусусиро муаллиф ҳамчун яке аз механизмҳои беҳтарсозии рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон баҳо додааст. Дар қатори пешравиҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилояти Хатлон, мушкилоти асосии он низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, тавсияҳои мушаххас барои баромадан аз ин мушкилот пешниҳод шудаанд.



**Калидвожаҳо:** бахши давлатӣ, бахши хусусӣ, ҳамкории давлат, иқтисодиёти вилояти Хатлон, рушди соҳибкории вилоят, рушди босуботи вилояти Хатлон, теъдоди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон.


## СОТРУДНИЧЕСТВО ГОСУДАРСТВА С ЧАСТНЫМ СЕКТОРОМ-ВАЖНЫЙ ФАКТОР ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


В данной статье исследованию подвергнуты теоретические и практические аспекты сотрудничества государства с частным сектором, автором раскрыта его сущность данного сотрудничества. Автором в статье заявляется, что сотрудничество государства с частным сектором считается одним из важных факторов устойчивого развития национальной экономики. К тому же, сотрудничество государства с частным сектором оценивается положительно для инвестирования различных отраслей экономики. Сотрудничество государства с частным сектором автор статьи анализирует на примере экономики Хатлонской области. Также рассмотрены основные показатели социально-экономического развития Хатлонской области, формирование бюджета области, производственный потенциал промышленных предприятий области, доля произведенной продукции государственного и частного секторов Хатлонской области, развитие малого и среднего бизнеса. Сотрудничество государства с частным сектором автор оценивает как один из механизмов улучшения социально-экономического развития Хатлонской области. Наряду с социально-экономическими достижениями Хатлонской области автором в статье рассмотрены также ее основные трудности, предложены конкретные рекомендации выхода из этих

трудностей. Автор приходит к выводу, что реально для устойчивого развития экономики региона следует наладить тесное сотрудничество государства с частным сектором.

**Ключевые слова:** государственный сектор, сотрудничество государства, экономика Хатлонской области, развитие предпринимательства области, устойчивое развитие Хатлонской области, число промышленных предприятий Хатлонской области.

**COOPERATION OF THE STATE WITH A PRIVATE SECTOR IMPORTANT FACTOR OF THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE KHATLON REGION**

This article examines the theoretical and practical aspects of cooperation between the state and the private sector, the author specifically disclosed its essence. The author of the article states that state cooperation with the private sector is considered one of the important factors for the sustainable development of the national economy. In addition, state cooperation with the private sector is evaluated positively for investing in various sectors of the economy. The author analyzes the cooperation of the state with the private sector on the example of the economy of the Khatlon region. The main indicators of the socio-economic development of the Khatlon region, the formation of the regional budget, the production potential of industrial enterprises of the region, the share of output of public and private sectors of the Khatlon region, and the development of small and medium businesses were also considered. The author evaluates the cooperation of the state with the private sector as one of the mechanisms for improving the socio-economic development of the Khatlon region. Along with the socio-economic achievements of the Khatlon region, the author also considered his main difficulties in the article, and offered specific recommendations for a way out of these difficulties. The author comes to the conclusion that it is realistic to establish close cooperation between the state and the private sector for the sustainable development of the regional economy.

**Key words:** public sector, state cooperation, economy of the Khatlon region, development of the region's entrepreneurship, sustainable development of the Khatlon region, number of industrial enterprises of the Khatlon region.

**Сведения об авторе:** ***Шарифова Дилором Мустафокуловна*** - Институт технологии и инновационного менеджмента в городе Кулябе, ассистент кафедры экономики и туризма. **Адрес:** 735140, Республика Таджиикистан, г. Куляб, улица Борбад. Телефон: **918-57-91-52.** E-mail: **dilorom.sharifova@bk.ru**

**Information about the author:** ***Sharifova Dilorom Mustafokulovna*** - Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulyab, Assistant of the Department of Economics and Tourism. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kulyab, Borbad Street. Phone: **918-57-91-52.** E-mail: **dilorom.sharifova@bk.ru**

**УДК: 332 (575.3)**

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РЕГИОНАЛЬНОГО РЫНКА ПРОДУКЦИИ СКОТОВОДСТВА

***Эгамов С.Х., Маликов И.А.***
**Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемура**

В современных условиях наращивания товарных ресурсов мяса говядины необходимы разработка и реализация системы программных мероприятий, направленных на создание условий для увеличения производства говядины и развития специализированного мясного скотоводства. В 2015 г. был принят Закон «О развитии сельского хозяйства», закрепляющий государственную аграрную политику. Для реализации этого закона была разработана Государственная программа « Развития сельского хозяйства и регулирования рынков сельскохозяйственной продукции, сырья и продовольствия с 2020-2030 гг.»

Следовательно, в процессе прогнозировании количественных и качественных параметров развития скотоводства ставилась задача более полного удовлетворения потребностей населения страны в продуктах питания высокого качества за счет отечественного производства.

В таблице 1. приведен расчет поголовья крупного рогатого скота во всех категориях хозяйств.

**Таблица 1. Расчет поголовья крупного рогатого скота во всех категориях хозяйств**
**Table 1. Calculation of the number of cattle in all categories of farms**

| Регионы | 2000 г. | | 2017 г. | | 2030 г. | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | всего, тыс. гол. | % к итогу | всего, тыс. гол. | % к итогу | всего, тыс. гол. | % к итогу |
| Всего по Республике Таджикистан | 1062 | 100,0 | 2317 | 100,0 | 3611 | 100,0 |
| в том числе: Горно-Бадахшанская Автономная Область | 79 | 7,5 | 118 | 5,2 | 189 | 5,2 |
| Согдийская область | 307 | 28,9 | 642 | 28,2 | 1150 | 31,8 |
| Хатлонская область | 421 | 39,7 | 968 | 41,2 | 1323 | 36,6 |
| Районы республиканского подчинения | 254 | 23,9 | 589 | 25,4 | 949 | 26,4 |

Источник. Расчет автора.

На основании произведенного расчета с 2017-2030 гг. рост поголовья крупного рогатого скота в Горно-Бадахшанской автономной области составит 60,2%, Согдийской области – 79,1%, Хатлонской области –40,0% и районы республиканского подчинения 26,4%.

На рисунке 1. приведено поголовье крупного рогатого скота во всех категориях хозяйств, включая прогнозное значение на 2030 г.

**Рисунок 1. Поголовье крупного рогатого скота во всех категориях хозяйств**
**Figure 1. The number of cattle in all categories of farms**




Министерством сельского хозяйства Республики Таджикистан и учеными Таджикской академии сельскохозяйственных наук разработана Программа по развитию отрасли скотоводства. Основной целью Программы стало определение производства мяса и мясопродуктов на основе сложившихся многолетних показателей о фактическом потреблении, производстве и импорте с учетом роста доходов.

Одной из мер государственной поддержки сельскохозяйственных производителей является субсидирование. Расчеты показывают, что в среднем по республике на одну условную голову племенного крупного рогатого скота приходится около 100 сомони субсидий. Этого недостаточно для рентабельного ведения хозяйства. Представляется, что данную цифру следует, по крайней мере, удвоить, приняв ее на уровне 200 сомони, на условную голову скота. В предварительных расчетах при принятии республиканского закона о развитии сельского хозяйства данная сумма обосновывалась на уровне 250 сомони.

В таблице 2. приведены показатели экономической эффективности выращивания племенных бычков в дехканском (фермерском) хозяйстве «Янги-курган».

**Таблица 2. Показатели экономической эффективности выращивания племенных бычков в ДФХ «Янги-курган»**
**Table 2. Indicators of economic efficiency of breeding bull calf in the dekhan farm "Yangi-Kurgan"**

| № | Показатели | 2018 г. |
|---|---|---|
| 1 | Прирост живой массы всего, ц | 137 |
| 2 | Средней вес 1 головы | 92 |
| 3 | Среднесуточный прирост, г | 448 |
| 4 | Себестоимость выращивания 1 ц живой массы, сомони | 500 |
| 5 | Удельный вес затрат на корма, % | 51,9 |
| 6 | Средняя цена реализации 1 ц живой массы, сомони в том числе: дехканским (фермерским) хозяйствам,<br>сельскохозяйственным организациям | 799<br>500<br>962 |
| 7 | Рентабельность (убыточность) | -22,85 |

Источник. Материалы отчетности ДФХ «Янги-Курган». 2018 г.

При проведении исследований таджикского сельскохозяйственного производства был сделан вывод, что подобные изменения в структуре вполне закономерны, так как в личных подсобных хозяйствах населения страны резервы увеличения производства практически исчерпаны (таблица 3.

Рост прогноза производства мяса в живом весе 2030 г. на сельскохозяйственных предприятиях 3,6%, в личных подсобных хозяйствах 91,6% и дехканских (фермерских) хозяйствах составляет 4,8%.

**Таблица 3. Прогноз производства мяса говядины в живом весе (во всех категориях хозяйств) по Республике Таджикистан и по регионам Согдийской области**
**Table 3. Forecast for the production of beef meat in live weight (in all categories of farms) in the Republic of Tajikistan and in the regions of Sughd region**

| Годы | Сельскохозяйственные предприятия | | Личные подсобные хозяйства | | Дехканские (фермерские) хозяйства | | Итого, тыс. т |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | тыс. т | % к итогу | тыс. т | % к итогу | тыс. т | % к итогу | |
| 2012 | 5 | 1,7 | 151 | 94,9 | 7 | 3,4 | 162 |
| региона | 5 | 13,1 | 31 | 81,6 | 2 | 5,3 | 38 |
| 2017 | 4 | 1,8 | 236 | 94,7 | 9 | 3,5 | 248 |
| региона | 1 | 1,9 | 51 | 94,4 | 2 | 3,7 | 54 |
| 2020 | 7 | 2,5 | 263 | 93,9 | 10 | 3,6 | 280 |
| региона | 5 | 5,3 | 85 | 91,4 | 4 | 4,2 | 94 |
| 2025 | 10 | 2,8 | 325 | 92,9 | 15 | 4,3 | 350 |
| региона | 8 | 6,6 | 105 | 86,7 | 8 | 6,6 | 121 |
| 2030 | 15 | 3,6 | 385 | 91,6 | 20 | 4,8 | 420 |
| региона | 10 | 6,6 | 125 | 83,3 | 15 | 10,0 | 150 |

Источник. Таблица составлена по материалам Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан, 2019 г.

Нами разработан и предложен определенный алгоритм действий, и в основу методики расчета положены показатели и критерии: уровень производства говядины на душу населения Республики Таджикистан – не менее 40 кг; обеспечение на одну голову крупного рогатого скота - не менее 3 га кормовых угодий; достижение уровня поголовья крупного рогатого скота, который республика имела в 1990 г.; рост производства выхода мяса на 1 голову 90-100 кг.

При исследовании определен объем государственной поддержки и регулирования производства продукции животноводства с 2016-2025 гг. - 97,1%, рост государственной поддержки Областной службы по ветеринарному и фитосанитарному надзору составляет 2,5% (таблица 4).

**Таблица 4. Государственная поддержка и регулирование производства продукции животноводства региона**
**Table 4. State support and regulation of livestock production in the region**

| Показатели | 2016 г. | 2017 г. | 2018 г. | 2019 г. | 2020 г. | 2025 г. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Объем бюджетных ассигнований за счет средств республиканского бюджета на реализации подпрограммы, млн. сомони | 445,2 | 553,4 | 695,5 | 764,5 | 870,4 | 976,5 |
| в том числе: Министерства сельского хозяйства | 432,2 | 536,4 | 676,0 | 742,7 | 846,5 | 952,5 |
| в % к итого | 97,1 | 96,9 | 97,2 | 97,1 | 97,2 | 97,5 |
| Республиканская служба по ветеринарному и фитосанитарному надзору, млн. сомони | 13,0 | 17,5 | 19,5 | 21,8 | 23,9 | 24,5 |
| в % к итого | 2,9 | 3,1 | 2,8 | 2,9 | 2,8 | 2,5 |

Источник: отчеты Управления животноводства Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан. 2019 г.

Рассмотрим применение мер государственной поддержки и регулирования производства продукции животноводства на примере конкретных хозяйств Республики Таджикистан.

В производственном комплексе «Янги-курган» Шахристанского района имеются большие возможности для привлечения инвестиций по развитию скотоводства. Хозяйство располагает земельными ресурсами, составляющими свыше 1000 га. В производственном комплексе возможна организация деятельности по следующим направлениям:

- разведение и продажа мясного крупного рогатого скота;
- производство и реализация мясопродуктов.

В производственном кооперативе «Холдоркипчок» Шахристанского района имеется животноводческий комплекс с производственными зданиями и сооружениями сельскохозяйственного назначения площадью 34,6 га. Производственные здания и сооружения состоят из 18 единиц общей площадью 23 тыс. кв. м.

В производственным кооперативе им. «Л. Муродова» Гиссарского района имеются 2929,0 га земельных угодий, здание для содержания крупного рогатого скота на 3500 голов, откормочный комплекс на 2000 голов. При привлечении инвестиций среднесуточный привес крупного рогатого скота может составлять 800 г. Данный производственный комплекс можно

использовать для выращивания крупного рогатого скота. Среднегодовая численность работников составляет 207 человек. В таблице 5 приведен прогноз поголовья крупного рогатого скота и продукции животноводства.

**Таблица 5. Прогноз поголовья крупного рогатого скота и продукции животноводства**
**Table 5. Forecast for livestock and livestock**

| Показатели | 2015 г. | 2017 г. | 2030 г. | |
|---|---|---|---|---|
| | | | прогноз | в % к 2015 г. |
| Поголовье крупного рогатого скота, тыс. гол. | 2209 | 2317 | 3611 | 158 |
| в.т.ч. по Согдийской области | 624 | 642 | 1027 | 160 |
| в том числе: мясного направления | 1024 | 1122 | 1910 | 183 |
| Реализация скота на мясо в живом весе – всего, тыс. т | 204 | 218 | 382 | 175 |
| в том числе: мясного направления | 198 | 200 | 280 | 140 |
| Уровень самообеспеченности, % | 25 | 20 | 30 | - |
| Среднесуточный прирост молодняка на откорме, г | 200 | 250 | 450 | 180 |
| Затраты кормов на 1 кг прироста, корм. ед. | 12 | 13 | 15 | 107,6 |
| Удельный вес концентратов, % | 25 | 30 | 35 | - |

Источник. Таблица составлена по материалам Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан. Душанбе, 2019 г.

Для формирования специализированных откормочных площадок необходимо организовать необходимые трудовые и материальные ресурсы. В производственном кооперативе «Карабчи» имеются необходимые производственные подразделения: тракторно-полеводческие бригады, 4 молочно-товарные фермы, убойно-обслуживающие подразделения, кормоцех, механизированный отряд, ремонтно-строительный отдел. В таблице 6 приведен прогноз поголовья мелкого рогатого скота и продукции животноводства в регионе.

**Таблица 6. Прогноз поголовья мелкого рогатого скота и продукции животноводства в регионе**
**Table 6. Forecast of livestock and livestock production in the region**

| Показатели | 2015 г. | 2017 г. | 2030 г. | |
|---|---|---|---|---|
| | | | прогноз | в % к 2016 г. |
| Поголовье мелкого рогатого скота, тыс. гол. | 5279 | 5581 | 8930 | 170 |
| в.т.ч. по Согдийской области | 1467 | 1521 | 2433 | 160 |
| в том числе: мясного направления | 2639 | 2790 | 4465 | 169 |
| Реализация скота на мясо в живом весе –всего, тыс. т | 1319 | 1452 | 2345 | 177 |
| в том числе: мясного направления | 1120 | 1200 | 1880 | 167 |
| Уровень самообеспеченности, % | 25 | 20 | 30 | - |
| Среднесуточный прирост МРС на откорме, г | 50 | 70 | 80 | 160 |
| Затраты кормов на 1 кг прироста, корм. ед. | 5 | 6 | 7 | 140 |
| Удельный вес концентратов, % | 15 | 20 | 25 | - |

Источник. Таблица составлена по материалам Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан. Душанбе, 2019 г.

В хозяйстве имеется возможность приобретения 14 тракторов, силосоуборочных и кормоуборочных комбайнов, 6 посевных комплексов, 9 кормосмесителей. Автопарк хозяйства обслуживает 8 грузовых автомобилей, более 30 единиц сельскохозяйственной техники.

**Таблица 7. Прогноз поголовья птицы всех видов в Таджикистане и в регионе**
**Table 7. Prediction of livestock of birds of all species in Tajikistan and in the region**

| Показатели | 2015 г. | 2017 г. | 2030 г. | |
|---|---|---|---|---|
| | | | прогноз | в % к 2017 г. |
| Птица всех видов, тыс. гол. | 5142 | 5217 | 8347 | 160 |
| в.т.ч. по Согдийской области | 1684 | 1718 | 2748 | 160 |
| в том числе: мясного направления | 2839 | 3190 | 5104 | 169 |
| Реализация птицы на мясо в живом весе – всего, тыс. т | 145 | 186 | 234 | 125 |
| в том числе: мясного направления | 112 | 120 | 188 | 167 |
| Уровень самообеспеченности, % | 15 | 18 | 25 | - |
| Среднесуточный прирост птицы на откорме, г | 50 | 70 | 80 | 160 |
| Затраты кормов на 1 кг прироста, корм. ед. | 5 | 6 | 7 | 140 |
| Удельный вес концентратов, % | 15 | 20 | 25 | - |

Источник. Таблица составлена по материалам Министерства сельского хозяйства Республики Таджикистан. Душанбе, 2019 г.

В таблице 7 приведен прогноз поголовья мелкого рогатого скота и продукции животноводства в регионе.

Расчет производства говядины по регионам Республики Таджикистан на перспективу в убойной массе приведен в таблице 4.6.

**Таблица 8. Расчет производства говядины по регионам на перспективу (в убойной массе)**
**Table 8. Calculation of beef production by region for the future (in slaughter mass)**

| Регионы | 2016 г. (факт) | 2020 г. | | 2025 г. | | 2030 г. | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | всего, тыс. т | всего, тыс. т | в % к 2016 г. | всего, тыс. т | в % к 2016 г. | всего, тыс. т | в % к 2016 г. |
| Всего по республике | 116 | 280 | 128,4 | 350 | 301,7 | 420 | 362,1 |
| в том числе: Горно-Бадахшанская автономная область | 5,5 | 16 | 131,2 | 25 | 204,9 | 29 | 527,3 |
| Согдийская область | 37,4 | 78 | 123,0 | 92 | 145,1 | 112 | 302,7 |
| Хатлонская область | 43,6 | 119 | 142,3 | 139 | 166,3 | 167 | 380,0 |
| Районы республиканского подчинения | 29,5 | 67 | 113,9 | 94 | 159,8 | 112 | 373,3 |

Источник. Расчет автора.

Рост производства говядины по республике на перспективу с 2016-2030 гг. составит 92,7%, в Горно- Бадахшанской АО прогнозируется рост в 2,4 раза, в Согдийской области 1,8 раза, в Хатлонской области 2,0 раза, в районах республиканского подчинения 1,9 раза.

На содержание и обеспечение полноценными кормами животных большое влияние оказывает размещение по регионам с учетом наличия пастбищных площадей. Так, в Хатлонской области площадь пастбищных угодий составляет 32,0% от общего размера пастбищных угодий. В Согдийской области сосредоточено 21,0% площадей пастбищных угодий республики. В районах республиканского подчинения размещено 28,0% пастбищ от их общего количества в стране.

Считаем, что для успешного развития сельского хозяйства и достижения намеченных показателей требуются решения следующих задач:

- улучшение племенного дела и кормовой базы;
- повышение уровня материально-технической базы отрасли скотоводства;
- совершенствование организационно-экономического механизма производства и реализации мясной продукции скотоводства.

Назрела необходимость усовершенствования структуры мясного скотоводства и оптимизации породного состава. Таким образом, в соответствии с функциями рынка, районы, производящие достаточное количество говядины для собственных потребностей, снабжают мясом регионы, которые не обеспечивают собственные потребности в говядине. С учетом кормовой площади и соответствующих климатических условий основное поголовье мясного скота целесообразно сосредоточить в Гиссарском, Файзабадском, Муминабадском, Шахристанском, Зафарабадском районах.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Голубев А.В. Тенденций аграрной динамики России / А.В. Голубев. -М: Издательство РГАУ– МСХА им. К.А. Тимирязева, 2011. – С.158–159.
2. Данкверт С.А. Скотоводство стран мира / С.А. Данкверт, А.М. Холманов, О.Ю. Осадчая. –М., 2007. –С.12–16.
3. Закшевская Е.В. Агропродовольственный рынок и маркетинг: теория, методология и практика / Е.В. Закшевская. -Воронеж: Центрально-Черноземное книжное издательство, 2003. –С.280-290 с.
4. Ибиев Г.З. Экономика окружающей среды в сельском хозяйстве / Г.З. Ибиев. -М.: Издательства РГАУ-МСХА, 2015. –С.60-61.
5. Кошелев В.М. Санкции и контрсанкции: некоторые результаты для стран Запада и России / В.М. Кошелев // Журнал Экономика сельского хозяйства России. -М., 2015. -№12. –С.17–22.
6. Коваленко Н.Я. Экономика сельского хозяйства / Н.Я. Коваленко. -М: Юрайт, 2017. –С.81-299.
7. Маликов И.А. Пути обеспечения конкурентоспособности производства мяса / И.А. Маликов // Вестник Кишоварз Таджикского аграрного университета. –Душанбе, 2011. –№2. –С.87-90.


**МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МИНТАҚАВИИ МАҲСУЛОТИ ЧОРВОДОРӢ**


Дар мақола масоилҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатии бозори минтақавии маҳсулоти чорводорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар шароитҳои муосири истеҳсооли захираҳои молии гӯшти гов коркард ва татбиқи системаи чорабиниҳои барномавӣ зарур мебошад, ки ба фароҳамории шароитҳо барои афзоиши истеҳсоли гӯшти гов ва рушди чорводории махсусгардонидашудаи истеҳсоли гӯшт равона карда шудаанд. Ба нигоҳдорӣ ва таъмини чорво бо хӯрока ҷо ба ҷо гузорӣ аз рӯи минтақаҳо бо баҳисобгирии масоҳати чарогоҳҳо таъсири калон мерасонад. Хамин тавр, дар вилояти Хатлон масоҳати киштзорҳои чарогоҳҳо 32,0% - ро аз масоҳати умумии киштзорҳои чарогоҳҳо ташкил медиҳад. Дар вилояти Суғд 21,0% - имасоҳати киштзорҳои

чарогоҳҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудааст. Дар ноҳияҳои тобеи марказ 28,0% - и чарогоҳҳо аз миқдори умумии онҳо дар мамлакат ҷойгир гардидааст. Зарурияти мукаммалгардонии сохтори чорводории истеҳсоли гӯшт ва мувофиқгардонии таркиби зоти он ба миён омадааст. Дар мувофиқа бо функсияҳои бозор, ноҳияҳое, ки миқдори кофии гӯшти говро барои қонеъгардонии талаботҳои худ истеҳсол менамоянд, минтақаҳоеро, ки талаботҳои худро ба гӯшти гов таъмин карда наметавонанд, таъмин мекунанд. Бо баҳисобгирии масоҳати чарогоҳҳо ва шароитҳои мувофиқи иқлимӣ саршумори асосии чорвои гӯштиро бояд дар ноҳияҳои Ҳисор, Файзобод, Муминобод, Шаҳристон, Зафаробод ҷойгир намуд.

**Калидвожаҳо:** чорводорӣ, бозори минтақавии маҳсулоти чорводорӣ, масоилҳои мукаммалгардонии механизми дастгирии давлатӣ, мукаммалгардонии сохтори чорводории истеҳсоли гӯшт.

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ РЕГИОНАЛЬНОГО РЫНКА ПРОДУКЦИИ СКОТОВОДСТВА

В статье рассматриваются проблемы совершенствования механизма государственной поддержки регионального рынка продукции скотоводства. В современных условиях наращивания товарных ресурсов мяса говядины необходимы разработка и реализация системы программных мероприятий, направленных на создание условий для увеличения производства говядины и развития специализированного мясного скотоводства. На содержание и обеспечение полноценными кормами животных большое влияние оказывает размещение по регионам с учетом наличия пастбищных площадей. Так, в Хатлонской области площадь пастбищных угодий составляет 32,0% от общего размера пастбищных угодий. В Согдийской области сосредоточено 21,0% площадей пастбищных угодий республики. В районах республиканского подчинения размещено 28,0% пастбищ от их общего количества в стране. Назрела необходимость усовершенствования структуры мясного скотоводства и оптимизации породного состава. В соответствии с функциями рынка, районы, производящие достаточное количество говядины для собственных потребностей, снабжают мясом регионы, которые не обеспечивают собственные потребности в говядине. С учетом кормовой площади и соответствующих климатических условий основное поголовье мясного скота целесообразно сосредоточить в Гиссарском, Файзабадском, Муминабадском, Шахристанском, Зафарабадском районах.

**Ключевые слова:** скотоводство, региональный рынок продукции скотоводства, проблемы совершенствования механизма государственной поддержки, усовершенствование структуры мясного скотоводства.

## IMPROVEMENT OF THE MECHANISM OF STATE SUPPORT OF THE REGIONAL CATTLE PRODUCTION MARKET

The article discusses the problems of improving the mechanism of state support of the regional livestock production market. In modern conditions of increasing commodity resources of beef meat, it is necessary to develop and implement a system of program measures aimed at creating conditions for increasing beef production and developing specialized beef cattle breeding. The maintenance and provision of full-fledged animal feed is greatly influenced by the placement in the regions, taking into account the presence of pasture areas. So, in the Khatlon region, the area of pasture land is 32.0% of the total size of pasture land. In Sughd region, 21.0% of the pasture land of the republic is concentrated. In areas of republican subordination, 28.0% of pastures of their total number in the country are located. There is a need to improve the structure of beef cattle breeding and optimize the breed composition. In accordance with market functions, areas that produce enough beef for their own needs supply meat to regions that do not provide their own needs for beef. Taking into account the feeding area and the corresponding climatic conditions, it is advisable to concentrate the main livestock of beef cattle in the Gissar, Fayzabad, Muminabad, Shakhristan, Zafarabad regions.

**Key words:** cattle breeding, regional market of cattle breeding products, problems of improving the mechanism of state support, improving the structure of beef cattle breeding

**Сведения об авторах:** ***Эгамов Сухроб Худойкулович*** **-** Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемура, преподаватель кафедры информационной технологии в АПК. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рудаки 146. Телефон: **931-22-23-92**

***Маликов Ином Алимкулович*** **-** Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемура, доцент кафедры информационной технологии в АПК. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рудаки 146. Телефон: **981-01-31-95**

**Information about the authors:** ***Egamov Sukhrob Khudoikulovich*** - Tajik Agrarian University. Sh. Shotemura, teacher of the department of information technology in agriculture. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 146. Phone: **931-22-23-92**

***Malikov, Inom Alimkulovich*** - Tajik Agrarian University. Sh. Shotemura, Associate Professor of Information Technology in the AIC. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 146. Phone: **981-01-31-95**

УДК:342 (575.3)

# НАҚШИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ СОҲАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚИИ ТАҲСИЛИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, Исматуллозода Фаридун Исматулло***
**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Эълон намудани соҳибихтиёрии давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бавуҷудоӣ ва мустаҳкамшавии низоми ҳуқуқии миллӣ оғоз бахшид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳои асосии давлати миллиро мустаҳкам намуда, ҳамзамон барои тавлиди як қатор падидаҳои нави ҳуқуқӣ замина гузошт. Созмонёбии қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ маҳсули давлати тозабунёди Тоҷикистон буда, ташкили давлати ҳуқуқбунёд бо падидаҳои инкишофёфтаи демократӣ ба воситаи қонунҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ амалӣ гардонида мешавад. Агар ҳадафи идоракунии давлатӣ дар мувозинат, оромӣ ва рушди иҷтимоӣ нигоҳ доштани ҷомеа бошад, воситаи асосии ноилшавӣ ба ин ҳадаф хизмати давлатӣ мебошад [7,с.3].

Ташаккули низоми хизмати давлатии касбӣ, ки барои самаранок ба амал баровардани функсия ва вазифаҳои давлат равона карда шудааст, яке аз тадбирҳои асосии бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ба шумор меравад.

Дар давлати муосир фаъолияти босамари ҳокимияти давлатӣ аз ҳамкории мураттаби рукнҳои сиёсӣ ва маъмурии низоми идоракунии давлатӣ ва ҷомеа вобастагӣ дошта, самаранокии идоракунии давлатӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи дастгирии шаҳрвандон муайян карда мешавад.

Хизмати давлатӣ ҳамчун қисми таркибии сохтори давлат дар байни давлат ва ҷомеа накши васлкунандаро бозида, ба зиммаи он таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, вогузор карда мешавад. Вазифаи асосии хизматчиёни давлатии Тоҷикистон на танҳо аз хизмат ба давлат, балки аз мусоидат ба давлат дар роҳи хизмат кардан ба ҷомеа иборат мебошад. Хизмати давлатӣ бояд барои амалӣ намудани афзалиятҳои миллӣ ва фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ мусоидат намояд [8, с.160].

Ташаккули хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо равандҳои таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ташаккули низоми нави сиёсӣ, рушди иқтисоди миллӣ, ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии кадрҳо робитаи зич дорад. Дар ба роҳ мондани соҳаи хизмати давлатии мамлакат ҳам анъанаю таҷрибаи давлатдории ниёгон ва ҳам таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ истифода гардидааст [5, с.160].

Дар асоси муқаррароти қисми 2 моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул гардидааст, баробарҳуқуқии шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ кафолат дода шудааст. Муқаррароти мазкур бори аввал дар сатҳи қонуни асосии кишвар баробарҳуқуқии шаҳрвандонро ба хидмати давлатӣ пешбинӣ намуд. Дар шароити умумии баробар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хидмати давлатӣ роҳ додани шаҳрвандон яке аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлол буда, аз моҳияти демократию ҳуқуқбунёдии кишварамон шаҳодат медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин зуҳуроти муҳимми давлату давлатдорӣ дахл намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд: «Ба ҳама маълум аст, ки сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ асоси сиёсати давлатии кадрҳо буда, қабл аз ҳама, ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ нигаронида шудааст.

Ба хотири татбиқи пурраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва пешбурди дурусти сиёсати давлат доир ба кадрҳо, пеш аз ҳама, ба мақоми ваколатдори соҳа зарур аст, ки низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои зарурии меъёрии ҳуқуқиро оид ба ин масъала таҳия ва ҳамоҳанг сохта, барои таҳкими низоми хизмати ягонаи давлатӣ тадбирҳои муассир андешанд.

Барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ аз зиёд кардани шумораи мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ худдорӣ намуда, бояд бештар ба тарбияи кадрҳои баландихтисосу соҳибмаълумот, дорои ҷаҳонбиниву дониши

амиқи касбиву сиёсӣ, қобилияти ташкилотчигиву кордонӣ, малакаи идоракунӣ, инчунин шахсони масъулиятшиносу ватандӯст, забондон ва аз технологияи муосир бархӯрдор таваҷҷуҳ бояд кард» [6].

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити рушди ҷомеа ва ҷаҳонишавӣ масъалаи муҳиме, ки дар назди давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, тарбияи насли нави хизматчиёни давлатии дорои донишу ҷаҳонбинии фарохи ба талаботи ҷаҳони имрӯза ва идоракунии муосири давлатӣ ҷавобгӯ мебошад. Таҳсил дар низоми хизмати давлатии шаҳрвандӣ омили асосии ташаккулдиҳандаи маҳорату малака ва тарбияи касбии кадрҳо арзёбӣ мегардад.

Низоми идоракунии таҳсилро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва муассисаи ваколатдори таҳсили хизматчиёни давлатӣ ташкил медиҳад, ки сиёсати таҳсили хизматчиёни давлатиро муайян карда, банақшагирӣ, ташкил, назорату ҳамоҳангсозии низоми таҳсилро татбиқ менамояд.

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» барои татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ таъсис дода мешавад, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад [4].

Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мақоми мазкур баъди қабули аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13 ноябри соли 1988 таҳти №687 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2001 таҳти №479 дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд.

Вобаста ба масъалаи мазкур, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид дошта буданд, ки:

«Яке аз муҳимтарин масъалаҳои рӯз танзими муносибатҳои вобаста ба хизмати давлатӣ мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани нақш ва мавқеи хизматчиёни давлатӣ дар ҷомеа, интизому савияи дониши онҳо, таҷрибаи кордонию касбияшон, интихоби кадрҳои боистеъдод ва ба манфиатҳои мардум содиқ ва ба як низоми муайян овардани сохтори идораҳои мамлакат Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ба ин мақоми навтаъсис зарур аст, ки ҳарчи зудтар ба ҳалли проблемаҳои мавҷуда даст занад ва дар ин самт тартиботро ҷорӣ намояд» [6].

Аввалин маротиба низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2002 таҳти №853 «Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шуд, ки дар асоси фармони мазкур Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ ба мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуд.

Баъдтар бо мақсади ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ ҷиҳати таъмини банақшагирии стратегӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат, бо дарназардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 2013 таҳти №12 ба тасвиб расид. Дар асоси фармони мазкур Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, таҳти №179 низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ менамояд.

Агентӣ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

Самтҳои асосии фаъолияти Агентиро татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ, ташкил ва адои хизмати давлатӣ, дар доираи ваколатҳои худ таъмин ва назорати иҷрои қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ, ташкили курсҳои тайёркунии касбӣ,

азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ, мусоидат ба амалишавии кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии онҳо ташкил медиҳанд.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигари мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ки муроҷиат мекунанд, чорабиниҳои зеринро анҷом медиҳад:

- таҳсили хизматчиёни давлатиро ташкил менамояд;
- масъалаҳои вобаста ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ ва таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои баландихтисосро ҳамоҳанг месозад;
- механизми таҳсили хизматчиёни давлатиро таҳия карда, якҷоя бо мақомоти давлатӣ арзёбии эҳтиёҷот ба таҳсилро муайян мекунад, барномаҳои таълимии мақомоти давлатиро тасдиқ ва татбиқ гаштани фаъолиятро дар ин самт назорат менамояд;
- фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба таъмини иҷрои фармоиши давлатии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ҳамоҳанг месозад;
- дар таҳияи нақша-ҷадвали ҳарсолаи курсҳои тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ иштирок мекунад;
- шумораи хизматчиёни давлатӣ, категорияҳои мансабҳои давлатии маъмуриро барои таҳсил, эҳтиёҷот ба таҳсили онҳоро муайян менамояд;
- мониторинги ҳолати ба таҳсил фаро гирифтани хизматчиёни давлатиро мегузаронад ва натиҷаи онро ҷамъбаст менамояд;
- таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатиро дар мақомоти давлатӣ ташкил ва амалӣ менамояд;
- дигар ваколатҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

Мутобиқи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ба амал бароварда шуда, дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ сурат мегирад.

Тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати танзимкунандаи муносибати байни «Фармоишгар» - мақомоти давлатӣ ва «Иҷрокунанда» - муассисаи давлатии таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ маънидод шудааст [2].

Мазмуни асосии Фармоиши давлатӣ аз он иборат аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёзи мақомоти давлатиро омӯхта, ба кадом мақоми давлатӣ кадом намуди ихтисос ва мутахассиси соҳаи хизмати давлатӣ зарур аст, муайян намуда, барои тайёр намудани онҳо ба муассисаҳои давлатии таҳсилотӣ фармоиш медиҳад. Фармоиши давлатӣ имкон медиҳад, ки хизматчиёни давлатӣ новобаста аз мансабу мақом ва серкорӣ ба таълим фаро гирифта шуда, донишу малака ва салоҳиятнокии касбии худро баланд бардоранд ва ба манфиати халқу ватан хизмат кунанд.

Мақсад аз таҳияи санади танзимкунандаи самти таҳсили хизматчиёни давлатӣ – Фармоиши давлатӣ, муқаррар ва ҷорӣ намудани стандарти ягонаи таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаи таҳсилоти хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби қонеъ гардонидани эҳтиёҷи мақомоти давлатӣ барои ба таҳсил фаро гирифтани хизматчиёни давлатӣ мебошад.

Фармоиши давлатӣ яке аз шаклҳои паҳнгардидаи тайёркунии кадрҳои хизмати давлатӣ мебошад. Дар маънии маҳдудаш Фармоиши давлатӣ феҳристи хизматрасониҳои мушаххасе мебошад, ки аз тарафи мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ харидорӣ карда мешавад. Дар асл Фармоиши давлатӣ нақшаи иловагии таҳсилоти касбии хизматчиёни давлатӣ мебошад, ки дар соли тақвимӣ аз маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлат пардохт гардида, ба мақомоти давлатӣ пешниҳод мегардад.

Ҳадафҳои асосии Фармоиши давлатӣ барои таҳсили иловагии касбии хизматчиёни давлатӣ чунинанд:

- таъмини сатҳи зарурии самаранокии идоракунии давлатӣ;

- ташкили сатҳи зарурии неруи кадрии вазорату идораҳои кишвар, ки ба мақсад ноил гаштани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро таъмин месозанд;

- ташкили низоми самараноки тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки саривақт ва дар ҳаҷми зарурӣ барои вазорату идораҳо мутахасиссони баландихтисосро таъмин месозанд.

Умуман, ҷорӣ намудани Фармоиши давлатӣ имконият медиҳад, ки ташкили низоми фаъоли таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар шакли стандартӣ ба роҳ монда шуда, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ мониторинги тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро дар мақомоти давлатӣ ба роҳ монда ва барои такмил додани он таъсир расонад.

Ҳамзамон, таҳия ва қабули санади мазкур ба фаъолияти самараноки хадамоти кадрӣ, таъмини ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ, бароҳмонии болоравии мансабӣ, беҳтар намудани шароити кории ҳар як корманди мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархости мақомоти давлатӣ фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро таҳия карда, барои ба нақша гирифтан дар нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Фармоиши давлатӣ дар нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои оянда бо нишон додани номгӯйи барномаҳои таълимӣ, шумораи хизматчиёни давлатӣ аз рӯйи категория ва мансаби онҳо, ҳаҷми маблағҳо пешбинӣ карда мешавад.

Яке аз мақсадҳои асосии ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон ин таъсис ва инкишофи системаи муосири таълими кадрҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ, такмили малака ва маҳорати хизматчиёни давлатӣ, ки барои иҷрои босамари вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда заруранд, ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, яке аз вазифаҳои асосӣ ҳалли мушкилоти ислоҳоти хизмати давлатӣ, ки ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар низоми идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст, ташкили низоми таҳсили кадрҳои касбӣ барои хизмати давлатӣ эътироф шудааст [3].

Дар Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, пешбинӣ гардидааст, ки баҳри ба мақсадҳои Барнома ноил гардидан, ҳаллу фасли як қатор масъалаҳо заруранд, аз ҷумла ташаккули низоми доимоамалкунандаи таҳсил ва тарбияи кадрҳои хизмати давлатӣ ва рушди касбии хизматчиёни давлатӣ [1].

Аз муқаррароти санадҳои болозикр маълум мегардад, ки ислоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ ҳамчун қисми таркибии ислоҳоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои муҳимми рушди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Заминаи ҳама гуна ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро бе ҳаллу фасли масъала ва проблемаи дигаргунии сифатии субъектҳои татбиққунандаи ин ислоҳот тасаввур кардан мумкин нест ва маҳаки ҳама гуна чунин ислоҳотро, пеш аз ҳама, салоҳиятнокӣ ва баланд бардоштани касбияти хизматчии давлатӣ ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, яке аз вазифаҳои асосии марҳилаи ҳозираи рушди соҳаи хизмати давлатӣ ташаккули низоми муназзами таҳсили хизматчиёни давлатӣ бо инфрасохтори пешрафта, идоракунии самарабахш ва таъминоти захиравие мебошад, ки битавонад ҳам барои зинаи олии идоракунӣ кадрҳои баландихтисос тайёр намояд ва ҳам азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои зинаи поёнӣ ва миёнаи идоракунии давлатиро амалӣ намояд. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ бояд ба таъмини эҳтиёҷоти хизмати давлатӣ ва пеш аз ҳама талаботи тахассусӣ нисбат ба мансабҳои хизмати давлатӣ нигаронида шавад.

Бо назардошти андешаҳои зикргардида, мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки поягузори низоми таҳсили хизматчиёни давлатии кишвар мебошанд, дарояндаи наздик вазифаи таъхирнопазири марҳилаи ҳозираи ислоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ ҳалли худро мeёбад ва таҳсили хизматчиёни давлатӣ ба сатҳи стандартҳои ҷаҳонии омӯзиши хизматчиёни давлатӣ баробар карда мешавад, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ барои рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва таҳкими давлату давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат хоҳад кард.

Дар марҳилаи бунёд гузоштани асосҳои хизмати давлатӣ барои Тоҷикистон, пеш аз ҳама, омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ ниҳоят зарур аст. Аз ин рӯ, самти аввалин ва бисёр муҳимми ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба барқарор ва амалӣ намудани робитаҳо бо академияҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, инчунин мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатии кишварҳои ИДМ бояд равона гардад.

Ин робитаҳо, пеш аз ҳама, бояд ба омӯзиши таҷрибаи соҳаи хизмати давлатии ин мамлакатҳо, тайёркунии касбии мутахассисон, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, омӯхтани таҷрибаи пешқадам ва технологияи муосири иттилоотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим, ташкил ва таъмини иштироки устодон ба семинару ҷаласаҳо, конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва табодули таҷрибаи якдигар нигаронида шаванд.

Дар баробари ин, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ба ҳалли як қатор масъалаҳои низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ мусоидат намоянд.

**Якум,** дар асоси Тартиби нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар ҳангоми таҳсил ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2013 таҳти №1399 тасдиқ шудааст, ба хизматчиёни давлатӣ ва шахсони ба онҳо баробар кардашуда дар тамоми давраи таҳсил нигоҳ доштани музди меҳнат ва мансаби ишғолнамуда кафолат дода мешавад.

Бо хизматчии давлатие, ки дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ё хориҷӣ барои соҳиб гаштан ба ихтисоси дуюм ва ё ба таҳсили дарозмуҳлат (аз 4 моҳ зиёд) бо озод шудан аз мансаби ишғолнамуда фаро гирифта мешавад, шартномаи сеҷониба (роҳбари мақомоти идораи давлатӣ, роҳбари муассисаи таълимӣ ва хизматчии давлатӣ) баста мешавад.

Дар заминаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ бо Бунёди Ҳаннс Зайдели Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз ҳисоби хизматчиёни давлатӣ аз рӯйи ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» таҳсил дар зинаи магистратура ба роҳ монда шудааст.

Тибқи муқаррарот бо хизматчии давлатие, ки барои таҳсил ба зинаи магистратураи Донишкада сафарбар карда мешавад, қарордоди сеҷониба ба имзо расонида мешавад. Дар асоси қарордоди мазкур Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои уҳдадориҳои мақомоти давлатиро, ки дар қарордод пешбинӣ гардидааст, назорат ва ба болоравии мансабии хатмкардагони зинаи магистратура мусоидат менамояд. Ҳамзамон, тибқи қарордод хатмкардаи зинаи магистратураро ҷиҳати таъйин намудан ба мансаби пештар ишғолнамудааш ё мансаби ба он баробар ба ихтиёри мақоми давлатӣ мефиристад.

Нигоҳ надоштани музди меҳнати хизматчии давлатӣ дар давраи таҳсил яке мушкилоти асосӣ дар низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳол он ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар тамоми давраи таҳсил нигоҳ доштани музди меҳнати хизматчии давлатиро кафолат додаанд. Дар баробари ин, баъзе мақомоти давлатӣ истисно буда метавонанд.

Вобаста ба ин, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади пурқувват намудани неруи зеҳнии хизматчиёни давлатӣ, ҳамасола бояд дар буҷети мақомоти дахлдор сатри алоҳида оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии онҳо дар дохили кишвар ва берун аз он пешбинӣ гардад.

**Дуюм,** дар асоси моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Аммо, муқарраротри мазкур на дар шакли қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар шакли Нақша-ҷадвали курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёнии давлатӣ барои соли тақвимӣ ба тасвиб мерасанд. Ҳол он ки дар таҷрибаи солҳои қаблӣ муқаррароти қонун татбиқ мегардид. Аз ҷумла, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти №605 «Дар бораи тасдиқи Фармоиши давлатии азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010» ва аз 30 августи соли 2011, таҳти №407 «Дар бораи тасдиқи Фармоиши давлатии

азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012».

**Сеюм, м**утобиқи банди 3.2. Ҷадвали чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007 таҳти №448 тасдиқ гардидааст, соли 2008 Консепсияи таҳсили хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳия мегардид, аммо то имрӯз ин санад ба тасвиб нарасидааст.

**Чорум** имрӯз вақти он расидааст, ки дар заминаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад, ки ба иҷрои ин вазифаҳои нави инноватсионӣ, яъне ба стандарти ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ, анҷом додани таҳқиқоти бунёдӣ ҷиҳати такмили низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ва гузоришҳои таҳлилӣ оид ба самти мазкур қодир бошад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, №448 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7,0. [Манбаи электронӣ]. http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.06.2019).
2. Қоидаҳои таҳия ва амалӣ намудани Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, №266 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7,0. [Манбаи электронӣ]. http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.06.2019).
3. Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №289 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7,0. [Манбаи электронӣ]. http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.06.2019).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 таҳти №233 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7,0. [Манбаи электронӣ]. http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.06.2019).
5. Нуриддинов Ҳ. Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Россия дар соҳаи хизмати давлатӣ. Такмили низоми таҳсили хизматчиёни давлатӣ: таҷрибаи байналмилалӣ ва кишварҳои ИДМ /Ҳ.Нуриддинов //Маҷмӯи мақолаҳо ва маърӯзаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. Душанбе, 2019. -200 с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7,0. [Манбаи электронӣ]. http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.06.2019).
7. Сайфиддинов А.А. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» / А.А. Сайфиддинов. - Душанбе, 2010 .– 168 с.
8. Капаров С.Г. Совершенствование государственной службы в Казахстане / С.Г. Капаров. - Екатеринбург, 2007. – 320 с.


## НАҚШИ МАҚОМИ ВАКОЛАТДОРИ СОҲАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАШКИЛ ВА ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚИИ ТАҲСИЛИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Вобаста ба ҷой доштани проблемаҳои зиёд дар саҳифаҳои интернетии паҳнкунанда ва рекламакунандаи маводҳои нашъовар мехостем ин самтро амиқтар таҳлили намоем. Вобаста ба пешравии илму техника ва аз рӯйи қайдҳои шабакаҳои алоқавӣ рӯз аз рӯз ҳазорҳо нафарон ба шабакаи интернетӣ пайваст мешаванд, ки аксари онҳо қурбонии саҳифаҳои интернетии паҳнкунанда ва рекламакунандаи маводҳои нашъовар мегарданд. Мутаассифона, суръати паҳнамоии маводҳои нашъовар тавассути шабакаи интернетӣ аз ҷониби ягон давлати дунё ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба таври ҷиддӣ назорат нашуда истодааст ва аудиторияи асосии онҳоро ҷавононе ташкил медиҳанд, ки онҳо имконияти пайвастшавӣ ба чунин шабакаи интернетиро доро мебошанд.

Саҳифаҳои интернетии паҳнкунанда ва рекламакунандаи маводҳои нашъовар шумораи зиёди WEB-саҳифаҳоро доро мебошанд: а) саҳифаҳои дорои маълумот вобаста ба рекламаи худи маводҳои нашъаовар; б) саҳифаҳои дорои маълумот вобаста ба рекламаи маводҳои нашъаовар ва тарзи истифодабарии онҳо; в) саҳифаҳои дорои маълумот вобаста ба рекламаи воситаҳои истеъмолкунии маводҳои мазкур; г) саҳифаҳои дорои маълумот аз ҳаёти шахсони бо муомилоти маводҳои нашъаовар машғул (наркобизнес); ғ) саҳифаҳои дорои маълумот вобаста ба кайфият бурдан пас аз истеъмоли чунин маводҳо; д) дар шабакаҳои дигари интернетӣ ҷойгир кардани маълумот вобаста ба пайвастшавӣ ба саҳифаҳои дорои маълумотҳо оид ба маводҳои нашъаовар; е) дар худи саҳифаҳо паҳнкунандаи маводҳои нашъовар насб намудани барномаи компютерие, ки ба саҳифаҳои ҳаммонанди дигар иқтибос медиҳанд; ё) ташкил кардани маълумотҳои тарғибкунанда дар шабакаи Интертет, ки бе дидани онҳо саҳифаи дигар кушода намешавад.

Айни замон дар давлатҳои Аврупо, ИМА ва Федератсия Русия шаҳрвандон метавонанд аз хона набаромада, тавассути шабакаи Интернет дорои маводи нашъаовар гарданд [6,с.62-63]. Ба таври дигар, бе сарф намудани қувваи зиёдатӣ бо истифода аз шабакаи интернетӣ метавонанд маводҳои нашъаоварро ғайримустақим муомилот кунанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки шахсони паҳнкунандаи маводҳои нашъаовар аз тарзҳои муосир ва хосси содиркунии ҷиноят, ҳамчунин аз техникаҳои махсус истифода менамоянд, ки проблемаҳоро вобаста ба ошкоркунӣ, кушодан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятии мазкур ба миён меоварад.

Айни замон ҷинояткорон воситаҳои электронӣ ва шабакаи Интернетро истифода намуда, бо чунин тарзҳо ҷиноят содир карда, осори онҳоро рӯйпӯш менамоянд:

I. Махфигардонии маълумотҳои электронӣ оид ба таҳвили ғайриқонунии маводҳои нашъаовар:

1. Бо роҳи равонкунии паёмакҳои электронӣ. Барои ирсолнамоии паёмакҳои электронӣ одатан компютер ва китобчаи электронии сабткунанда барои маълумотҳои минбаъда истифода мешавад. Дар компютер ва китобчаи сабткунандаи электронӣ чунин маълумотҳо сабт мешаванд: а) маълумотҳо оид ба рақами суратҳисоби бонкӣ; б) маълумотҳо оид ба манбаи иттилоот вобаста ба фаъол будан ва фаъолияти иқтисодӣ; в) маълумотҳо оид ба шарикони амалиёти ҷиноятии мазкур; г) маълумотҳо оид ба мутобиқгардонии ҷойҳои ғайриошкорое, ки дар он ҷо ҷиноят содир мешавад; ғ) маълумотҳо оид ба ҷойи вохӯрӣ барои амалӣ намудани фаъолияти ҷиноятӣ.

II. Истифода аз воситаҳои алоқаи электронии назоратнашаванда.

2. Телефон, факс, пейджер ва компютер барои амалӣ намудани амалиётҳои ҷиноятӣ ва ирсоли чунин маълумотҳо истифода мешаванд: а) маълумотҳо вобаста ба расонидани маводи нашъаовар ба ҷойи муайян; б) маълумотҳо оид ба барпо намудани алоқа вобаста ба ҳамлу нақли маводҳои нашъаовар; в) маълумотҳо оид ба суратҳисоби ирсол намудани маблағ.

Воситаи дигари электроние, ки ҳамчун омили содири ҷиноят ва проблемаҳоро вобаста ба ошкоркунӣ, кушодан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар ба миён меоварад, ин телефонҳое мебошанд, ки бевосита ба моҳвора пайваст ҳастанд. Ҷинояткороне, ки ба шабакаи интернетӣ имконияти пайваст шуданро надоранд, барои амалӣ намудани фаъолияти ҷиноятии худ, одатан аз телефонҳое, ки бевосита ба моҳвора пайваст мебошанд, истифода менамоянд. Чунин телефонҳо ба ширкатҳои алоқаи мобилӣ пайваст набуда, онҳо бевосита ба моҳвора пайваста мебошанд. Ҷинояткорон чунин воситаҳоро харидорӣ намуда, истифода менамоянд, ё ин ки шахсоне, ки аллакай дорои чунин телефонҳо мебошанд, телефонҳои онҳоро нусхабардорӣ (клонировани мекунанд. Яъне, телефон ва рақамҳои он ба номи дигар шахс ба расмият дароварда шудаааст, вале ҷинояткорон аз нусхаи онҳо амалҳои ҷиноятии худро анҷом медиҳанд. Бо чунин тарз содир шудани ҷинояти мазкур проблемаҳоро вобаста ба ошкоркунӣ ва кушодан ба миён меоварад, чунки назорат кардани он ғайриимкон мебошад. Ҳамчунин, гузаронидани баъзе намудҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии техникӣ вобаста ба ошкоркунӣ ва кушодани ҷинояти мазкур ғайриимкон аст.

Ҳамчунин, баъзе ҳолатҳо аз телефонҳои мобилии дастӣ истифода менамоянд. Онҳо аз картаҳои пешпардохти телефони васеъ истифода менамоянд.

Воситаи дигари электроние, ки ҷинояткорони самти мазкур истифода менамоянд, ин мавҷҳои васеи радиоӣ мебошад, ки тавассути он маълумотҳои гуногун интиқол карда мешавад ва назоратбарии чунин мавҷҳо душвор мебошад ва инро ҳам мушкилот вобаста ба ошкоркунии гардиши ғайриқонунии маводҳои нашъаовар шуморидан мумкин аст.

Айни замон ҷинояткорони самти мазкур аз хонаҳои махсусгардонидашуда барои барқарор намудани суҳбат дар як вақт аз ҷониби якчанд шахс, ки дар шабакаи интернет тавассути барномаҳои махсус сохта мешаванд ва назоратбариашон бениҳоят душвор мебошад, истифода менамоянд. Гарчанде чунин тарзи содиршавии гардиши ғайриқонунии маводҳои нашъаовар дар ҶТ мавҷуд набошад, ҳам чораҳои профилактикиро анҷом додан бамаврид аст.

III. Истифодаи воситаҳои электронӣ ҳамчун воситаи қонунигардонии маблағҳое, ки аз роҳи муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар ба даст оварда шудаанд.

Шабакаи Интернет бо худ хусусиятҳои хосе дорад, ки ҷинояткорон метавонанд маблағҳои бо роҳи ҷиноятӣ бадастовардаи худро қонунӣ гардонанд, ба монанди: имконияти озоди пайвастшавӣ, ба таври анонимӣ муносибат намудан бо муштариён ва ташкилотҳои тиҷоратӣ, бо суръати тез анҷом додани дилхоҳ муомилот [4,с.4].

Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бояд гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтиширо пурзӯр намоянд.

Ба ақидаи мо, бояд чунин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми содиршавии муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути алоқаҳои электронӣ содир мешаванд, гузаронида шаванд:

- муоинаи оперативии манзил, биноҳо, ҳуҷраҳо, иншоот, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт;
- назоратбарии оперативии муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар;
- гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо;
- гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа;
- гирифтани иттилоот аз компютер.

Воситаҳои муосири техникӣ айни замон имконият медиҳанд, ки мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ воситаҳои ҳимоявиро дар компютерҳо ва шабакаҳои интернетии дохилӣ насб намоянд, то ки бар зидди чунин барномаҳои мақсадашон ғаразнок муқобилият нишон дода тавонанд.

Муфаттиш, таҳқиқбаранда ва кормандони оперативӣ бояд донанд, ки ҷиноятҳо вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводҳои нашъаовар характери пинҳониро доро мебошанд. Ошкоркунӣ ва кушодани онҳо бошад, аз рӯйи далелҳои ҷамъовардашуда хело мураккаб мебошанд.

Барои барасмиятдарорӣ, ошкоркунӣ, кушодан, пешгирӣ ва бартараф намудани муомилоти воситаҳои нашъадор, ки тавассути шабакаи Интернет ва дигар воситаҳои алоқавию электронӣ содир мешаванд, кормандони муборизабаранда дар ин самтро мебояд, ки дорои дониши баланди техникӣ бошанд.

Далелҳо вобаста ба парвандаҳои ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути алоқаҳои электронӣ содир мешаванд, ҳангоми ошкоркунӣ бояд фавран ҷамъоварӣ шаванд (аз каналҳои техникии алоқа) гирифта шаванд, ё ақаллан дар давоми ду рӯз ба ҷамъоварии ҳама гуна маълумотҳо хотима бахшида тавонанд. Ҳангоми ҷамъоварӣ нашудан дар муҳлати кӯтоҳ ё маълумотҳои ҷамъовардашуда нокифоя бошанд, ҷамъоварии минбаъдаи маълумотҳо мушкил мешавад ва ҳатто мумкин аст умуман ба даст оварданашон ғайриимкон бошад. Ба ибораи дигар, нестшавӣ ва несткунии онҳо дар ҳар лаҳза аз назар дур нест.

Гузаронидани амалҳои асосии тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути алоқаи электронӣ ва шабакаи интернетӣ содир мешаванд, аз амалҳои тафтишие, ки вобаста ба ин ҷиноятҳо, ки бо дигар тарз содир мешаванд, фарқияте надорад. Ҳангоми ворид шудани маълумотҳо, вобаста ба истифодабарии шабакаҳои иртиботӣ мақомотҳои муборизабаранда дар ин самт бояд чунин амалҳои асосии тафтиширо гузаронанд: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков ва таъйини экспертиза. Чунки ба ҳайси олоти (воситаи) содиркунии ҷинояти мазкур бо чунин тарз компютерҳо, телефон, коммуникаторҳо, саҳифаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ ва бонкӣ, ки дар онҳо мумкин аст маълумотҳо дарҷ шуда бошанд, баромад менамоянд.

Аз ин лиҳоз, шахси содиркунандаи ҷинояти мазкур, ки бо чунин тарз ҷиноят содир намудааст ва он ба тафтишот маълум шудааст, бе доштани донишҳои махсус дар доираи технологияҳои компютерӣ ғайриимкон аст. Ҳолати қайдшуда яке аз хусусиятҳои хосси ҷинояткорӣ дар самти мазкур мебошад. Бе муболиға, қариб дар ҳама давраҳои тафтиши парвандаҳои ҷиноятии самти мазкур вобаста ба ҷамъоварии далелҳо ва баҳодиҳӣ ба онҳо бе доштани донишҳо дар бораи техникаю технологияи компютерӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳангоми ҷамъоварии маълумотҳо нисбати паҳнкунандаи маводҳои нашъаовар тавассути воситаҳои электронӣ ва шабакаи Интернет, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи самтиро зарур аст, ки маълумотҳоро дар бораи иҷорадиҳандаи ҷой дар саҳифаи интернетӣ ва зерсаҳифаҳо, омори пайвастшавӣ вобаста ба пуркунӣ ва таҷдидкунӣ, ҳамчунин маълумотҳо вобаста ба он ки, кӣ пардохткунандаи ҷойи иҷора мебошад, шакли пардохт, маълумотҳо вобаста ба самти минбаъдаи ҳаракати воситаҳои пулро ҷустуҷӯ ва ҷамъоварӣ кунанд.

Мақомотҳое, ки ҳуқуқи баамалбарории чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро вобаста ба назоратбарии оперативии муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар, гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва ҳуқуқи бо роҳи васл шудан ба дастгоҳҳои шабакаҳоро доранд, бояд барнома ва ё дастгоҳеро насб созанд, ки пешгирикунанда ва ошкоркунандаи ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути воситаҳои электронӣ ва шабакаи интернетӣ содир мешаванд, гашта тавонад. Яъне, бо навиштани ибораи «маводи нашъаовар» ва ё ибораи дигари ивазкунандаи номи онҳо тавассути чунин дастгоҳ таҳти назорат қарор гирад.

Ҳангоми тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайримустақим ва ғайриқонунии маводҳои нашъаовар чунин намуди экспертизаҳо таъйин шуданашон мумкин аст:

- экспертизаи судии фармакологӣ;
- экспертизаи судии ботаникӣ;
- экспертизаи судии психиатрӣ;
- экспертизаи судии фоноскопӣ (овозшиносӣ);
- экспертизаи судии компютерӣ-техникӣ [5,с.268-269].

Чизи дигареро бояд қайд намуд, ки вобаста ба шабака ва сайтҳои паҳнкунандаи маълумот дар бораи муомилот ва истеъмоли маводҳои мухаддиротӣ ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ маълумот ворид намешавад, яъне ин сабаби зиёд шудани шумораи латентии чунин ҷиноятҳо мебошад.

Воситаи асосии ошкоркунии чунин навъи ҷиноятҳо бо чунин тарз, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ ба ҳисоб меравад. Болоравии содиршавии ҷиноятҳо вобаста ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъаовар бо истифода аз шабакаи Интернет ва дигар воситаи иртиботии электронӣ тақозо менамояд, ки кормандони ин самт бояд донишҳои баланди техникии муосирро доро бошанд, то ки ҳангоми ҷамъоварии далелҳо, барасмиятдарорӣ ва баҳодиҳии онҳо ба иштибоҳ роҳ надиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Гузеева О.С. Распространение информации пронаркотического характера в Интернете как вид киберпреступления / О.С. Гузеева. [Электронный ресурс]. https://www.sovremennoepravo.ru. (дата обращение 10.04.2019).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо», аз 10 декабри соли 1999. [Захираи электронӣ] www.mmk.tj. (санаи муроҷиат 10.04.2019).
3. Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 3 декабри соли 2009. [Захираи электронӣ] www.mmk.tj(санаи муроҷиат 10.04.2019).
4. Қодиров Д.С. Пешниҳод ба Кодекси ҷиноятии ҶТ. (рекламаи воситахои нашъадор бояд ҷиноят бошад) / Д.С. Қодиров // Минбари ҳуқуқшинос. 2016. -№6-7. -С. 4.
5. Кодиров Д.С. Методика расследования безконтактного способа сбыта наркотиков / Д.С. Кодиров // Вестник Таджикского национального унверситета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№9. - С. 267-270.
6. Осипенко А.Л. Борьба с преступностью в глобальных компьютерных сетях: Международный опыт. Монография / А.Л. Осипенко. -М., 2004. -С.62-63. [Электронный ресурс]. https://www.sovremennoepravo.ru. (дата обращение 10.04.2019).
7. Паутова Т.А. Выявление, документирование и расследование преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, в том числе использованием электронных средств оплаты / Т.А. Паутова // Научно-методический электронный журнал «Концепт». -2013. –Т.3. –С.2. [Электронный ресурс]. URL://e-Koncept.ru/2013/53246.htm. (дата обращение 10.04.2019).


## БАЪЗЕ ПРОБЛЕМАҲО ВОБАСТА БА ОШКОРКУНӢ, КУШОДАН ВА ТАФТИШИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ ВОБАСТА БА МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДҲОИ НАШЪАОВАР, КИ ТАВАССУТИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ СОДИР МЕШАВАНД


Мақолаи мазкур ба проблемаҳои вобаста ба ошкоркунӣ, кушодан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути воситаҳои электронӣ содир мешаванд, бахшида шудааст. Муаллиф таҳқиқотҳоро дар самти муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути воситаҳои гуногуни электронии замони муосир содир карда мешавад, анҷом додааст. Ҳамчунин, муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба баъзе аз проблемаҳои ошкоркунӣ, кушодан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар равшанӣ андозад. Афзоиши ҷинояти гардиши ғайриқонунии маводҳои нашъаовар таҳдиди воқеиро ба миён меоварад. Аз ин

рӯ, тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводҳои нашъаовар хусусиятҳои хосро доро мебошанд. Яке аз хусусиятхои хосси он дар махсусияти предмети содири ҷиноят зоҳир меёбад. Қайд кардан бамаврид аст, ки тафтиши ҳаматарафа ва объективонаи парвандаҳои самти мазкур, дар аксар ҳолатҳо аз фаҳмиши дурусти предмети содири ҷиноят вобастагӣ дорад. Муқаррар кардани тарзи содиршавии ҷиноят бошад, ба мо имконият медиҳад, ки сабаб ва шароитҳои содиршавии ҷиноятро муайян намуда, тафтиши онро дуруст ба роҳ монем.

**Калидвожаҳо:** ошкорнамоии ҷиноят, кушодани ҷиноят, тафтиши ҷиноят, муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, шабакаи Интернет, воситаи электронӣ, киберҷиноят, амалҳои тафтишӣ, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.

**НЕКОТОРЫЕ ПРОБЛЕМЫ, СВЯЗАННЫЕ С ВЫЯВЛЕНИЕМ, РАСКРЫТИЕМ И РАССЛЕДОВАНИЕМ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С НЕЗАКОННЫМ ОБОРОТОМ НАРКОТИКОВ, В ТОМ ЧИСЛЕ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЭЛЕКТРОННЫХ СРЕДСТВ**

Статья посвящена проблемным вопросам выявления, раскрытия и расследования преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотиков, в том числе с использованием электронных средств. Автор акцентирует внимание на преступлениях в сфере наркобизнеса, совершаемых с использованием различных современных средств коммуникации и связи, и особенностях расследования указанных преступлений. Особую тревогу вызывает рост преступлений, связанных с незаконным оборотом наркотических средств. Расследование данных преступлений имеет свои особенности, одной из которых является специфика предмета преступления. Отметим, что полное и качественное расследование уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотиков, во многом зависит от ясного понимания того, что относится к предмету преступного посягательства. Установление способа совершения наркопреступления помогает выявить причины и условия, способствующие совершению преступления. Более того, автор постарался осветить некоторые проблемы связанные с выявлением, раскрытим и расследованием дел о преступлениях, связанных с незаконным оборотом наркотиков.

**Ключавые слова:** раскрытие преступлений, выявление преступлений, расследование преступлений,незаконный оборот наркотических средства, сеть интернета, электронные средства, киберпреступления, следственные действия, оперативно-розыскная деятельность

**SOME PROBLEMS ASSOCIATED WITH THE DETECTION, DETECTION AND INVESTIGATION OF CRIMES RELATED TO DRUG TRAFFICKING, INCLUDING THE USE OF ELECTRONIC MEANS**

The article is devoted to the problematic issues of identifying, criticizing and investigating crimes related to drug trafficking, including using electronic means. The author focuses on crimes in the drug business, committed using various modern means of communication and communication and the specifics of the investigation of these crimes. More tago, the author of posaralsiya, to highlight some of the problems associated with the identification, disclosure and investigation of crimes related to drug trafficking. Of particular concern is the increase in crimes related to drug trafficking. The investigation of this crime has its own characteristics, one of which is the specificity of the subject of the crime.It should be noted that a full and high-quality investigation of criminal cases related to drug trafficking largely depends on a clear understanding of what is the subject of criminal infringement. Establishing the method of committing a drug crime helps to identify the causes and conditions conducive to the commission of a crime. More than that, the author tried to highlight some of the problems associated with identifying, solving and investigating cases of drug trafficking offenses.

**Key words:** crime detection, crime detection, crime investigation, drug trafficking, Internet, electronic means, cybercrime, investigative actions, operational search activities

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Далер Сайфуллоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **989-15-32-32**. E-mail: **dalerkodirov1990@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kodirov Daler Sayfulloevich*** **-** Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **989-15-32-32.** E-mail: **dalerkodirov1990@mail.ru**

**УДК:342 (575.3)**

# ПРЕДМЕТ НЕЗАКОННОГО ПРОИЗВОДСТВА, ИЗГОТОВЛЕНИЯ, ПЕРЕРАБОТКИ, ПРИОБРЕТЕНИЯ, ХРАНЕНИЯ, СБЫТА, ТРАНСПОРТИРОВКИ ИЛИ ПЕРЕСЫЛКИ ПРЕКУРСОРОВ

***Муродзода Фируза***
**Академия МВД Республики Таджикистан**

Одним из основных направлений противодействия незаконному производству, изготовлению, переработке, хранению, сбыту, транспортировке или пересылке прекурсоров, предусмотренной ст. $202^1$ УК РТ, является применение мер уголовно-правового характера, эффективность которых во многом зависит от точного установления соответствия данного деяния признакам, предусмотренным уголовным законом. В этой связи для правильной квалификации незаконных действий, связанных с контролируемыми веществами важное научно-практическое значение имеет точное определение предмета преступления. Установление предмета преступления позволит определить принадлежность вида и названия

прекурсоров, избежать ошибок при разграничении исследуемого состава от смежных и сопутствующих, а также при его квалификации и назначении справедливого наказания.

В уголовно-правовой доктрине под предметом преступления принято понимать «элемент объекта преступления, ту социальная ценность, по поводу которой складываются общественные отношения. Эти ценности (блага, интересы и т.п.) всегда индивидуальны, всегда имеют конкретную принадлежность»[1,с.145].

«Юридическая оценка предмета преступления имеет существенное значение на законодательном и правоприменительном уровне. Ее установление в законодательном процессе содействует наиболее точной регламентации состава преступления и определения квалифицирующих его признаков»[2,с.73].

По своей юридической характеристике предмет преступления является факультативным признаком объекта и его наличие является необязательным для всех составов преступления. Для признания предмета преступления обязательным признаком состава преступления необходимо его закрепление в диспозиции статьи Особенной части УК РТ. С указанием предмета преступления в уголовно-правовой норме он наряду с другими элементами состава преступления служит основанием для привлечения лица к уголовной ответственности, а его отсутствие служит признанием отсутствия наличия всех признаков состава преступления совершенного деяния.

В контексте исследования незаконного производства, изготовления, переработки, хранения, сбыта, транспортировки или пересылки прекурсоров особый научно-практический интерес представляет термин «прекурсор».Поскольку в современной доктрине уголовного права вопросу, связанному с установлением правовой природы термина «прекурсор» уделено недостаточно внимания.

Мы считаем, что это обстоятельство связано, прежде всего, с относительно недавним закреплением термина «прекурсор» в уголовном законе.

Точное установление юридической природы понятия «прекурсор» позволит избежать его двоякого толкования правоприменителем, а также положительно отразится на процессе унификации норм отечественного уголовного закона с нормами международного права, что ввиду активной роли Республики Таджикистан в противодействии незаконному обороту наркотических средств на международной арене, как преступлению международного характера, имеет большое практическое значение.

Согласно русско-английскому словарю биологических терминов, термин «прекурсор»(precursor)произошел от английского и обозначает «предшественник, предтеча, предвестник»[3].

«Проведенное исследование происхождения термина «прекурсор» показывает, что он тесно связан с первыми разработками бинарного химического оружия, где под исследуемым термином следовало понимать химические вещества, являющиеся компонентом химического оружия»[4,с.14].

В Конвенции «О запрещении разработки, производства, накопления и применения химического оружия и его уничтожении» от 13 января 1993 года в статье 2 п. 3 указывается:

«Прекурсор означает: любой химический реагент, участвующий в любой стадии производства токсичного химиката каким бы то ни было способом. Сюда относится любой ключевой компонент бинарной или многокомпонентной химической системы.

(Для целей осуществления настоящей Конвенции прекурсоры выявлены для применения мер проверки, перечисленных в списках, содержащихся в приложении по химикатам)[5]».

«Наркотические средства и психотропные вещества имеют медицинское (фармакологическое) и правовое определения.Причем эти определения могут не совпадать. Международный комитет по контролю над наркотиками использует в целях контроля эти термины в их юридическом значении. Преступления, связанные с незаконным оборотом наркотиков, имеют международный характер, поэтому понятие и перечень наркотических средств определяется, прежде всего, в документах международного характера»[6,с.154].

Проведенный анализ международных нормативных правовых актов, объектом регулирования которых является борьба с незаконным оборотом наркотических средств, показывает, что, несмотря на широкое использование термина «прекурсор» на практике, в указанных документах он мало употребляется, что, по нашему мнению, является существенным недостатком требующем глубокого научно-практического исследования.

Как известно, в Конвенции Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 г. употребляется

понятие «вещества, часто используемые при незаконном изготовлении наркотических средств или психотропных веществ»[7].

Вещества, включенные в Таблицу I и Таблицу II Конвенции ООН 1988 года, указанные в данной Конвенции, также широко используются как в научной, так и в практической деятельности.

В то же время, в Докладе Международного комитета по контролю над наркотиками за 1997 год о выполнении статьи 12 Конвенции Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 года Прекурсоры и химические вещества, часто используемые при незаконном изготовлении наркотических средств и психотропных веществ», используется понятие «прекурсор», но делается оговорка следующего содержания:

«Термин «прекурсор» используется для обозначения любого из веществ, включенных в ТаблицуI и Таблицу II Конвенции Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 года, за исключением случаев, когда по контексту требуется другое выражение»[8].

Следует отметить, что критерием их обозначения являются присущие им химические свойства, их, как правило, именуют прекурсоры или основные химические вещества.

При принятии Конвенции 1988 года, на конференции полномочных представителей, вышеперечисленные термины не нашли своего отражения. Согласно редакции Конвенции, в нее была включена формулировка: «вещества, часто используемые при незаконном изготовлении наркотических средств или психотропных веществ». Однако для простоты использования термин «прекурсор» начал широко применяться на практике.

По нашему мнению, следует поддержать точку зрения Курченко В.Н. о том, что «особенностью прекурсоров является то, что из них изготавливаются путем синтеза химические продукты, которые содержат в своем составе наркотические средства и психотропные вещества. Однако в составе самих прекурсоров наркотические средства или психотропные вещества в чистом виде отсутствуют. Чтобы получить из прекурсоров наркотическое средство или психотропное вещество, необходимо осуществить синтез разных химикатов. Именно поэтому прекурсоры международным и внутригосударственным законодательством отнесены к самостоятельному предмету контроля»[9,с.160].

Проведенное исследование уголовно-правовой литературы относительно правовой природы термина «прекурсор» показывает, что в уголовно-правовой доктрине, несмотря на то, что большинство авторов склонны признавать вещества, часто используемые при производстве, изготовлении, переработке наркотических средств и психотропных веществ, подлежащих контролю[10,с.226] имеются различные точки зрения.

Так, по мнению А. В. Наумова, «прекурсор-любой химический реагент, участвующий в любой стадии производства токсичного химиката»[11,с.312].

Мы считаем, что точка зрения А.В. Наумова является научно обоснованной по ряду причин.

Во-первых, прекурсор - это прежде всего, химический реагент, являющийся обязательным компонентом токсического химиката.

Во-вторых, специфической особенностью прекурсора является то, что он используется на любой стадии производства токсичного химиката, что подчеркивает его универсальность.

Заслуживает внимания точка зрения Г.В. Зазулина о том, что использование термина «прекурсор» должно иметь место при производстве не всех видов наркотиков, а только синтезированных и стандартизированных.По этому поводу он пишет: «...какие прекурсоры могут быть у таких собранных (выделенных) наркотиков, как марихуана или маковая солома? Только применительно к незаконному обороту синтезированных наркотиков понятие прекурсор приобретает дополнительное качество нелегального товара, пользующегося спросом в первую очередь у криминогенных химиков»[12,с.101].

По мнению Курченко В.Н., «прекурсоры-это вещества, которые необязательно, будучи сами наркотиками, используются различным образом при переработке или изготовлении наркотических средств или психотропных веществ. В зависимости от своих основных химических свойств прекурсоры могут вступать в химическую реакцию с другими веществами, образуя наркотик (или какую – либо промежуточную форму), или же действовать лишь в качестве растворителей (например, при переработке наркотиков) или кислот (при образовании солей наркотиков)» [13,с.178].

При исследовании термина «прекурсор» в уголовно-правовой доктрине особое место отводится классификации веществ, используемых при производстве наркотиков и

психотропных веществ на основании его правового критерия. В этой связи особый научно-практический интерес представляет классификация, проведенная Н.В. Иванцовым, который делит их на четыре вида:

«– прекурсоры, включенные в Список IV наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров, оборот которых ограничен и в отношении которых установлены меры контроля в соответствии с национальным законодательством и соответствующими международными актами;

– вещества, используемые при производстве наркотиков и психотропных веществ, включенные в Список ядовитых веществ Постоянного комитета по контролю наркотиков (ПККН)*;

– вещества, используемые при производстве наркотиков и психотропных веществ, включенные в Список сильнодействующих веществ ПККН;

– вещества, используемые при производстве наркотиков и психотропных веществ, не включенные ни в какие списки (перечни) и не контролируемые перечисленными нормативными актами»[14,с.99].

Мы считаем, что наиболее точно и полно термин «прекурсор» закреплен в Законе Республике Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» от 10 декабря 1999 года. В статье 2 «Основные понятия, используемые в настоящем Законе» даётся определение:

«прекурсоры - вещества, классифицированные в соответствующей международной Конвенции и Национальном Списке как исходные или вспомогательные при производстве, изготовлении и переработке наркотических средств и психотропных веществ»[15].

По нашему, мнению законодатель в данном определении руководствуется, прежде всего, международными обязательствами Республики Таджикистан закрепленными в соответствующих международных нормативных правовых актах, а также подчеркивает их универсальное использование на всех стадиях незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ.

Подводя итоги проведенному исследованию, можно сделать следующие выводы:

-в современной юридической литературе вопросу, связанному с установлением правовой природы термина «прекурсор», уделено недостаточно внимания, что связано, прежде всего, с его относительно недавним закреплением в уголовном законе;

- несмотря на его широкое использование в практической деятельности, термин прекурсор в международных документах мало употребляется;

- Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» от 10 декабря 1999 года, даёт наиболее развернутое определение термину «прекурсор».

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Уголовное право России. Общая часть: под ред. В.В. Лукьянова, В.С. Прохорова, В.Ф. Щепелькова. 3-е изд., испр. И доп.-СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, 2018. -С.145.
2. Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник для бакалавров / отв. ред. А.И. Рарог.-2-е изд., перераб. и доп. -Москва: Проспект, 2017. -С.73.
3. Русско-английский словарь биологических терминов. [Электронный ресурс] URL: http://dic.academic.ru/dic.nsf/rus.eng_biology/ 2513/%D0%BF%D1%80%D0%B5%D0%BA%D1%83D1%80%D1%81%D 0%BE%D1%80.
4. Организация борьбы с контрабандой прекурсоров учебно-методическое пособие. -М.:-СИП РИА, 2001.-С-14
5. Конвенция ООН о запрещении разработки, производства, накопления и применения химического оружия и его уничтожении (принятая в Париже 13.01.1993) // Доступ с официального сайта ООН.
6. Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: уголовно-правовой и уголовно-процессуальные аспекты / В.Н. Курченко. -СПб.: Издательство «Юридический цента Пресс», 2003.-С.154.
7. Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ (заключена в г. Вене 20.12.1988) // Доступ с официального сайта ООН.
8. Доклад Международного комитета по контролю над наркотиками за 1997 год о выполнении статьи 12 Конвенции Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 года.
9. Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: уголовно-правовой и уголовно-процессуальные аспекты / В.Н. Курченко. -СПб.: Издательство «Юридический цента Пресс», 2003.-С.160.


*Утратил силу.

10. Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник/под ред. А. В. Бриллиантова.-2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Проспект, 2016.- С.759; Российское уголовное право. Особенная часть; под. ред. проф. А.И. Чучаева.-М.: КОНТРАКТ:ИНФРА-М. 2016.- С.226.
11. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / под ред. А.В. Наумова. М., 1998.- С. 312.
12. Зазулин Г.В. Противодействие незаконному обороту синтезированных наркотиков: дис. ... канд. юрид. Наук / Г.В. Зазулин. -СПб., 2000.- С. 101.
13. Курченко В.Н. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: уголовно-правовой и уголовно-процессуальные аспекты / В.Н. Курченко. -СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003.-С.178.
15. Иванцова Н.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика преступлений, совершаемых лицами, ответственными за соблюдение специальных правил в сфере оборота наркотических средств и психотропных веществ: дис. ... канд. юрид. наук / Н.В. Иванцова. -СПб., 2000. -С. 99.
16. Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 1999 год, №12, ст. 312; 2002 год, №4, ч-1, ст. 266, 2006 год, №4, ст. 192; 2007 год, №7, ст. 661; ЗРТ от 22.07.2013г. №988) // Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.


## ПРЕДМЕТИ ИСТЕҲСОЛОТ, ТАЙЁР, КОРКАРД, НИГОҲДОРӢ, ФУРӮШ, ИНТИҚОЛ ВА Ё ИРСОЛИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ПРЕКУРСОРҲО


Дар мақола предмети истеҳсолот, тайёр, нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқол ва ё ирсоли ғайриқонунии прекурсорҳо, ки бо моддаи 202[1]КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аз рӯи ақидаи муаллиф, яке аз самтҳои асосии мубориза бо истеҳсолот, тайёр, нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқол ва ё ирсоли ғайриқонунии прекурсорҳо, ки бо моддаи 202[1]КҶ пешбинӣ гардидааст, истифодабарии чораҳои дорои характери ҷиноӣ – ҳуқуқӣ мебошад, ки самаранокии онҳо аз бисёр ҷиҳат аз муқаррарсозии аниқи мувофиқати ин кирдор бо нишонаҳое мебошад, ки бо қонуни ҷиноӣ пешбинӣ гардидааст. Масъалаҳои баҳсноки муайянсозии предмети таркиботи таҳқиқшаванда мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳқиқоти гузаронидашудаи адабиёти ҷиноӣ – ҳуқуқӣ оиди муайянсозии «прекурсор» нишон медиҳад, ки дар доктринаи ҷиноӣ – ҳуқуқӣ, ба он нигоҳ накарда, ки аксарияти муаллифон пешниҳод менамоянд моддаҳоеро, ки ҳангоми истеҳсол, тайёр ва коркарди воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ хеле зиёд истифода мебаранд, бояд зери назорат гирифта шаванд, ки оиди ин нуктаҳои назари гуногун мавҷуданд. Инчунин қайд мегардад, ки дар санадҳои байналмилалии меъёрию ҳуқуқӣ, ки объекти танзими онҳо мубориза бо гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор мебошад, истилоҳи «прекурсор» ба истифодаи васеи он дар фаъолияти амалӣ нигоҳ накарда, хеле кам истеъмол карда мешавад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф илман асоснок намудааст, ки дар адабиёти муосири соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ки бо муқаррарсозии табиати ҳуқуқии истилоҳи «прекурсор» алоқаманд аст, диққати кам зоҳир гардидааст, ки ин пеш аз ҳама бо таҳкими он дар қонуни ҷиноӣ алоқаманд аст.



**Калидвожаҳо:** прекурсор, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, ҷавобгарии ҷиноӣ, мубодилоти ғайриқонунӣ, предмет, унификатсия, истеҳсолот, коркад, нигоҳдорӣ, фурӯш, интиқол ирсол.


## ПРЕДМЕТ НЕЗАКОННОГО ПРОИЗВОДСТВА, ИЗГОТОВЛЕНИЯ, ПЕРЕРАБОТКИ, ПРИОБРЕТЕНИЯ, ХРАНЕНИЯ, СБЫТА, ТРАНСПОРТИРОВКИ ИЛИ ПЕРЕСЫЛКИ ПРЕКУРСОРОВ


В статье исследуется предмет незаконного производства, изготовления, переработки, хранения, сбыта, транспортировки или пересылки прекурсоров, предусмотренный ст. 202[1] УК РТ. По мнению автора, одним из основных направлений противодействия незаконному производству, изготовлению, переработке, хранению, сбыту, транспортировке или пересылке прекурсоров, предусмотренных ст. 202[1] УК РТ является применение мер уголовно-правового характера, эффективность которых во многом зависит от точного установления соответствия данного деяния признакам, предусмотренным уголовным законом. Анализируются спорные вопросы определения предмета исследуемого состава. Автор подчеркивает, что проведенное исследование уголовно-правовой литературы относительно определения «прекурсор» показывает, что в уголовно-правовой доктрине, несмотря на то, что большинство авторов предлагают признавать вещества, часто используемые при производстве, изготовлении, переработке наркотических средств и психотропных веществ, подлежащих контролю, имеются различные точки зрения. Также отмечается, что в международных нормативных правовых актов, объектом регулирования которых является борьба с незаконным оборотом наркотических средств, термин «прекурсор» употребляется мало, несмотря на его широкое использование в практической деятельности. На основе проведенного исследования автор научно обосновывает, что в современной юридической литературе вопросу, связанному с установлением правовой природы термина «прекурсор», уделено недостаточно внимания, что связано, прежде всего, с его относительно недавним закреплением в уголовном законе.



**Ключевые слова:** прекурсор, наркотические средства, психотропные вещества, уголовная ответственность, незаконный оборот, предмет, унификация, производство, изготовление, переработка, хранение, сбыт, транспортировка, пересылка.


## SUBJECT OF ILLEGAL PRODUCTION, MANUFACTURE, PROCESSING, PURCHASE, STORAGE, SALES, TRANSPORTATION OR SHIPMENT OF PRECURSORS


The article examines the subject of illegal production, manufacture, processing, storage, marketing, transportation or transfer of precursors, provided for by Art. 2021 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. According to the author, one of the main directions of countering the illegal production, manufacture, processing, storage, sale, transportation or transfer of precursors provided for in Art. 2021 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan is the application of criminal law measures, the effectiveness of which largely depends on the exact establishment of compliance of this act with the signs provided for by the criminal law. The controversial issues of determining the subject of the composition under study are analyzed. The author emphasizes that the study of criminal law literature regarding the definition of “precursor” shows that in the criminal law doctrine, despite the fact that most authors propose the recognition of substances often used in the manufacture, manufacture, processing of narcotic drugs and psychotropic substances

control, there are different points of view. It is also noted that in international regulatory legal acts, the regulation of which is the fight against drug trafficking, the term “precursor” is used little, despite its widespread use in practice. Based on the study, the author scientifically substantiates that in modern legal literature the issue related to the establishment of the legal nature of the term “precursor” has not been given enough attention, which is primarily due to its relatively recent consolidation in the criminal law.

**Key words:** precursor, narcotic drugs, psychotropic substances, criminal liability, illicit trafficking, subject, unification, production, manufacturing, processing, storage, marketing, transportation, forwarding.

**Сведения об авторе:** ***Муродзода Фируза*** – Академия МВД Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мастонгулова 3.Телефон: **93-808-17-71**

**Information about the author:** ***Murodzoda Firuza*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address**:734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Mastongulova street, 3.Phone: **93-808-17-71**

**УДК:351/354 (575.3)**

# МАҚОМИ ПРОКУРАТУРА ДАР НИЗОМИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исмоилзода С.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Принсипи тақсимоти ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи муҳимтарини демократии конститутсионию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз дар принсипи мазкур моҳияти демократия зоҳир меёбад. Принсипи тақсимоти ҳокимият ҳамчун яке аз ниҳодҳои асосии демократия кафили таъмини ҳокимияти халқ мебошад, ки онро тавассути намояндагони худ амалӣ месозад. Принсипи мазкур дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст.

Дар адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ масъалаи тақсимоти ҳокимият хеле муфассал омӯхта шудааст. Аксарияти муаллифон бар он ақидаанд, ки вазифаи асосии принсипи мазкур айни ҳол таъмини тақсимоти вазифаҳои давлатӣ мебошад, ки амалисозии онҳо ба як шахс ё мақом вобаста нест, баръакс, чунин вазифаҳо аз ҷониби мақомоти мустақил, ки тибқи дастурҳои қонун амал мекунанд ва бо уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ба шахсони алоҳида ҳамчун ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон ва шаҳрванд алоқаманд мебошанд, иҷро карда мешаванд.[1] А.Н. Кокотов оид ба принсипи тақсимоти ҳокимият чунин ақида дорад: «Тақсимоти ҳокимият заминаи назариявию амалии низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ принсипи мазкур ба маънои том – ба сифати заминаи сохтори конститутсионӣ ва озодии аслии инсон, нишонаи демократӣ будани давлат баррасӣ карда мешавад [2]. Олими ватанӣ А.И. Имомов чунин қайд менамояд: «Тақвияти конститутсионии принсипи тақсимоти ҳокимият дар Тоҷикистон ба яке аз дастовардҳои муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил ёфт. Мақсади асосии он таъмини он ҳолате мебошад, ки ҳеҷ ягон шохаи ҳокимият онро ғасб накунад. Муқаррар намудани маҳдудиятҳои муайян ба ин шохаҳои ҳокимият имконият фароҳам меорад, то ин ки онҳо фаъолияти худро босамар анҷом дода тавонанд» [3,с.47]. Дар ҳақиқат, тақсимоти ҳокимият назар ба тақсимоти одии мақомоти давлатӣ маънои васеътар дорад, чунки он бояд бо принсипи «мувозинат ва боздорӣ» ҳамроҳӣ шавад.

Принсипи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият ёфтааст, ки мутобиқи он ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо мегардад. Чи тавре ки А.М. Диноршоев қайд мекунад, «меъёри мазкур дар Конститутсия ташаккул додани се шохаи ҳокимиятро пешбинӣ менамояд: қонунгузор – Маҷлиси Олӣ, иҷроия – Президент ва Ҳукумат, судӣ – Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ. Тартиби фаъолияти мақомоти давлатии зикргардидаро мутобиқи Конститутсия қонунҳои конститутсионии дахлдор: «Дар бораи Маҷлиси Олӣ», «Дар бораи интихоботи Президент», «Дар бораи Суди конститутсионӣ» ва ғайра танзим менамоянд» [3,с.47].

Тавре маълум шуд, меъёри конститутсионӣ ба низоми тақсимоти ҳокимият шохаи назоратии ҳокимиятро дохил намекунад, чунки назорат аз ҷониби мақомоти прокуратура амалӣ мегардид. Бинобар ин, баъзе муҳаққиқони ватанӣ нақши прокуратураро дар низоми тақсимоти ҳокимият аз лиҳози ҳокимияти иҷроия ё судӣ муайян менамоянд. Масъалаи мазкур боиси пайдо шудани саволҳо ва баҳсҳои зиёд ҳам аз нуқтаи назари назариявӣ ва ҳам амалии иҷро намудани вазифаҳои идоравии мақомоти ҳокимияти давлатӣ мегардад.

Яке аз саволҳои асосие, ки аз ин матн бармеояд, он аст, ки оё дар ҳақиқат таҷзияи ҳокимият ба се шоха амалӣ мегардад ё эҳтимолияти ташаккулёбии шохаҳои дигар низ вуҷуд дорад. Чи тавре таҷрибаи давлатдории кишварҳои гуногун нишон медиҳад, масъалаи мазкур ба анъанаҳои сиёсии дар ҳар кишвар мавҷудбуда, таҷрибаи пайдошуда, вазифаҳои амалишаванда ва ғайра вобаста мебошад. Чунки дар як қатор давлатҳо дар давраҳои гуногуни сохтори давлатдорӣ фарзияи маъмулии таҷзия такмил дода шудааст. Таҷрибаи конститутсионии баъзе кишварҳои Америкои Лотинӣ мавҷудияти боз як шохаи дигари ҳокимият – ҳокимияти таъсисиро дар назар дошт, ки он ба табоддулоти зуд-зуд рӯйдиҳанда алоқаманд буд. Соли 1976 дар Конститутсияи давлати Алҷазоир шаш шохаи ҳокимият номбар карда шуда буд, дар баробари шохаҳои анъанавӣ, шохаҳои сиёсӣ, назоратӣ ва таъсисӣ низ мавҷуд буданд [4]. Лекин бо вуҷуди ин, моҳияти таҷзияи ҳокимият тағйир намеёбад, яъне ба чанд шоха ҷудо шудани ҳокимият муҳим нест, муҳим он аст, ки дар як самт ғун нашавад.

Агар аз ин ҷиҳат назар кунем, гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон ба ғайр аз се шохаи ҳокимияти дар моддаи 9 Конститутсия номбаргардида, боз шохаи чоруми ҳокимият – шохаи назоратӣ вуҷуд дорад ва он аз ҷониби мақомоти прокуратура амалӣ мегардад. Ин ақидаи худро бо далелҳои зерин асоснок карда метавонем. Аввал ин ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба прокуратура боби алоҳида - боби 9 бахшида шудааст, ки дар он мақсаду вазифаҳои асосӣ, салоҳияту ваколатҳои прокуратура муайян шудаанд. Аз ин рӯ, чи тавре пештар қайд кардем, прокуратура мақоми ҳокимияти давлатиест, ки бо Конститутсия тақвият ёфтааст. Бо вуҷуди ин, ба он ҳолат аҳаммият додан лозим аст, ки дар муқоиса бо баъзе давлатҳои пасошӯравӣ, ки дар конститутсияи онҳо шаклҳои ҳуқуқии ташкилёбии прокуратура дар боби ҳокимияти судӣ ҷой дода шудааст, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи тавре қайд карда шуд, прокуратура боби алоҳидаи Конститутсияро дар бар мегирад. Бинобар ин, бо Конститутсия тақвият ёфтани ҳокимияти мустақили прокурорӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми пурзӯр шудани дахлнопазирии давлатӣ, самарабахш будани ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои ҷомеа ва давлат арзёбӣ мешаванд. Дуюм ин ки муқаррароти конститутсионӣ оид ба мақомоти прокуратура дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дубора тақвият меёбанд ва дар он прокуратура ҳамчун мақоми ягонаи мутамарказ муайян карда шудааст, ки дар доираи ваколатҳои худ назорати иҷрои ягонаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад, яъне муайян карда мешавад, ки прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи назоратист ва он ба сифати мувозинае мебошад, ки иҷрои қонунҳоро аз ҷониби ҳама мақомоти ҳокимият баробар мекунад.

Мавҷуд будани баҳсҳои зиёд оид ба нақши прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимият аз гузаштаи пасошӯравӣ маншаъ мегирад. Дар адабиёти ҳуқуқии он давра таҷзияи ҳокимият инкор карда мешуд, лекин дар баробари ин, қайд мешуд, ки чор шакли фаъолияти давлатӣ вуҷуд дорад: фаъолияти мақомоти намояндагӣ (ҳокимияти давлатӣ), фаъолияти иҷроияю амрдиҳӣ (идораи давлатӣ), адолати судӣ ва фаъолияти прокурорӣ [5].

Аммо, агар се шакли аввал дар давраи пасошӯравӣ ба шохаҳои мустақили ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) табдил ёфта бошанд, масъалаи фаъолияти прокурорӣ ҳамчун шакли алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ то ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст. Дар ин асно дар адабиёти муосири хориҷию ватанӣ бештар ба он диққат дода шудааст, ки се шохаи бунёдии ҳокимиятро бо воситаҳои назоратӣ пурра кардан лозим аст ва нигоҳ доштани чунин воситаҳоро мақомоти прокуратура пешниҳод менамоянд, ки худ уҳдадоранд ҳолатҳои қонуншиканиро муқаррар кунанд ва барои бартараф намудани чунин холатҳо чораҳо андешанд.

Лекин дар адабиёти соҳаи ҳуқуқ ақидаҳои тамоман ба ҳам зид низ ҳастанд. Агар чунин ақидаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунем, маълум мегардад, ки оид ба муайян намудани мақоми прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимият мавқеъҳои зерин мавҷуданд:

- прокуратура ҳамчун ҷузъи ҳокимияти қонунгузор;
- прокуратура чун мақоми ҳокимияти иҷроия;
- прокуратура ҳамчун унсури таркибии низоми адолати судӣ, ки онро ҳамроҳи ҳокимияти судӣ амалӣ мегардонад;
- ба ягон шохаи ҳокимият дохил намешавад.

Акнун мухтасар нуқтаи назари якчанд муаллифро оид ба мавқеъҳои номбаршуда баррасӣ менамоем.

Ба ақидаи В.В. Долежан, прокуратура мақоми мустақил набуда, бо ваколатҳо ва таҳти назорати ҳокимияти қонунгузор амал менамояд, ба таври воқеӣ амалисозии вазифаҳои онро оид ба таъмини волоияти қонун давом медиҳад, бинобар ин

прокуратураро ба низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбат додан лозим аст [6,с.44]. В.Д. Ломовский назорати прокурориро ҳамчун идомаи вазифаи қонунгузории давлат арзёбӣ менамояд, ки ба таъмини ягонагӣ ва волоияти қонун, фароҳам овардани заминаи устувор барои фаъолияти ҳама мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон равона гардидааст, чунки оид ба волоияти назорати прокурорӣ дар низоми фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ сухан меронд [7,с.74].

Метавонем бо ақидаи баённамудаи олимон розӣ нашавем. Назорати прокурорӣ ҳамчун воситаи амалисозии ҳокимияти давлатӣ арзёбӣ мешавад, бо вуҷуди ин, онро чи тавре аз мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, идомаи ҳокимияти қонунгузорӣ гуфтан мумкин нест. Тартиби ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод намудани Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Маҷлиси миллӣ анҷом дода мешавад, ҳисоботдиҳанда будани он ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамасола ё ҳангоми зарурат пешниҳод намудани ҳисобот оид ба вазъи риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳеҷ ваҷҳ тасдиқи тобеъ ё мансуб будани прокуратура ба шохаи қонунгузории ҳокимият нест. Вазифаи ҳама мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмини қонуният дар ҳудуди кишвар, аз ҷумла парлумон мебошад. Лекин ҳар кадоми мақомоти ҳокимияти давлатии зикргардида волоияти қонунро ба таври худ, ки дар Конститутсия муқаррар карда шудааст ва аз салоҳияту ваколатҳои ин мақом бармеоянд, таъмин менамояд. Вазифаи асосии парламенти кишвар таҳия ва қабули қонунҳо мебошад ва ба он мақомоти дигар, аз ҷумла прокуратура низ мусоидат менамоянд. Лекин прокуратура қонун қабул карда наметавонад, чунки ин ба вазифаи он дохил намешавад. Он иҷрои қонунҳоро назорат мекунад ва дар сурати ошкор шудани ихтилофот дар қонунҳо танҳо ба воситаи механизмҳои муқарраргардида ба парламент бартараф намудани онҳоро пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, мансуб донистани прокуратура ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ба фикри мо, беасос аст.

Ақидаи нисбатан маъмул, аз ҷумла дар соҳаи илми ватанӣ, ин дохил намудани мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад.

Чунин нуқтаи назарро бештар намояндагони ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ дастгирӣ менамоянд. Мавқеи онҳо бо он асоснок мегардад, ки фаъолияти назоратӣ ба сифати яке аз намудҳои фаъолияти иҷроияву амрдиҳӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ мегардад, баромад менамояд. Ҳамин тариқ, муҳаққиқони ватанӣ Р. Марифхонов ва Ҷ. Қодиров зикр менамоянд, ки «моҳияти назорат бо мушоҳидаи доимии фаъолияти мақомот ва шахсони махсуси ба онҳо тобеънабуда аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ ифода меёбад, ки бо мақсади ошкор намудани қонуншиканӣ анҷом дода мешавад. Дар ин сурат фаъолияти объекти назоратшаванда танҳо аз ҷиҳати қонуният арзёбӣ мегардад на аз ҷиҳати мувофиқи мақсад будани он» [8,с.104-108]. Вобаста ба ин ду намуди назорат мушоҳида мегардад: назорати прокурорӣ ва назорати маъмурӣ. [8,с.104-108] Моҳияти назорати прокурорӣ, ба ақидаи онҳо, аз амалҳои прокуророн оид ба ошкор, қатъ, бартараф ва пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иборат мебошад. Назорати маъмурӣ, дар навбати худ, чун тарзи таъмини қонуният ва илм, намуди махсуси фаъолияти давлатии мақомоти махсус ваколатдоршудаи ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳоро инъикос менамояд, ки ба риояи иҷрои қатъӣ ва дақиқи қоидаҳои иҷрояшон ҳатмӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин шаҳрвандон, ки барои ҷомеа ва давлат аҳаммияти муҳим доранд, равона шудааст [8,с.104-108].

Сабабҳои дигар низ мавҷуданд, ки тибқи онҳо мутахассисон мақомоти прокуратураро ба мақомоти ҳокимияти иҷроия мансуб медонанд. Ҳамин тариқ, ба ақидаи Э.П. Григонис, бо сабаби он ки прокуратура дар суд нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ ваколатҳои айбдоркунандаи давлатӣ, вазифаи таҳқиқи ҷиноятҳо, назорати таҳқиқи аз ҷониби мақомоти дигари таҳқиқ анҷомдодашавандаро иҷро мекунад, «мувофиқан бо чунин доираи маҳдуди ваколатҳои прокуратура моҳияти он ба сифати мақоми ҳокимияти иҷроия муайян карда мешавад» [9,с.123]. А.А. Безуглов ва С.А. Солдатов қайд менамоянд: «Прокуратура мақоми ҳокимияти иҷроия мебошад, лекин ба низоми мақомоти федералии тобеи президент ва ҳукумат дохил намешавад» [10,с.803]. М. Баршевский, дар навбати худ, чунин ақида дорад, ки «бо сабаби таҷзияи ҳокимият дар кишварҳои хориҷӣ прокуратура ё ба ҳокимияти иҷроия ва ё ба ҳокимияти судӣ мансуб аст» [11].

А.М. Диноршоев дар байни он олимони ватание қарор дорад, ки мақомоти прокуратураро мақомоти ҳокимияти иҷроия меҳисобанд. Лекин дар ин ҳолат низ ӯ тасдиқ менамояд, ки дар вазъияти ҳозира прокуратураро ба мақомоти ҳокимияти иҷроия мансуб

додан дуруст нест, чунки он дорои ҳама аломатҳои мақоми мустақил мебошад. Бинобар ин, ӯ пешниҳод менамояд, ки ислоҳоти низоми мақомоти прокуратура гузаронида шавад. Аз ҷумла, ӯ пешниҳод менамояд: мақомоти прокуратура ба низоми Вазорати адлия дохил карда шуда, вазифаҳои назоратии он ба мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ вогузор гарданд. Дар ин сурат Прокурори генералӣ бояд мансаби муовини аввали вазири адлияро ишғол намуда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад. Вазифаи асосии прокуратура бояд намояндагӣ кардани манфиатҳои давлат дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судӣ бошад. Ваколатҳо оид ба анҷом додани назорати иҷрои қонунҳо бояд ба зиммаи Суди конститутсионӣ, назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ҳама сохторҳо ва шахсони мансабдор ба зиммаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва чораҳои дигари хусусияти иҷборидошта, ки аз ҷониби суд таъйин мегарданд, бояд ба зиммаи Раёсати иҷрои ҷазои Вазорати адлия вогузор карда шаванд. Барои пешбарии тафтиши ҷиноятҳо бошад, бояд дар назди ВКД сохтори алоҳида таъсис дода шавад, ки ҷиноятҳоро таҳқиқ ва тафтиш мекунад. Дар ваколатҳои прокурорҳо бошад, танҳо ҳуқуқи тасдиқ намудани хулосаи айбдоркуниро нигоҳ доштан лозим аст [3,с.164-165].

Аз таҳлили мавқеи А.М. Диноршоев бармеояд, ки ӯ анҷом додани ислоҳоти мақомоти прокуратураро тибқи низоми дар ИМА истифодашаванда, дар ваколатҳои прокуратура танҳо нигоҳ доштани намояндагии манфиатҳои давлатро дар суд ва тасдиқи хулосаи айбдоркуниро пешниҳод менамояд. Мавқеи мазкур бениҳоят баҳсталаб мебошад. Ба сифати далел ба муқобили мавқеи ишғолнамудаи А.М Диноршоев мавқеи Н.В. Ерёминаро пешниҳод карда метавонем, ки ҳангоми таҳлили нақши прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимият ва дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ зикр менамояд, ки «дар масъалаи ташаккулёбии мақомоти прокуратура кӯр-кӯрона ба тарҳи кишварҳои дигар тақлид намудан хатост. Мақомоти прокуратура бояд бо назардошти вазъияти иҷтимоиву сиёсии кишвар, инчунин бо риояи анъанаҳои демократии ҳуқуқии давлат, афзалияти қонуният ва демократия таъсис дода шаванд. Дар асоси ин гуфтаҳо дар санадҳои байналмилалӣ принсипҳое ифода карда шудаанд, ки ба онҳо прокуратураи кишварҳои Аврупо такя мекунанд ва дар байни он принсипҳо «мустақилият аз политсия, низоми судӣ, ҳукумат (ҳокимияти иҷроия) мавҷуд аст» [12,с.125].

Дар ҳақиқат, далелҳои пешниҳоднамудаи Н.В. Ерёмина асоснок мебошанд. Дар ҳар як давлат ҷиҳатҳои хос дида мешаванд, аз ҷумла оид ба масъалаи ташаккулдиҳии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷониби онҳо анҷом дода шудани мақсаду вазифаҳои онҳо. Агар дар як кишвар ягон низом дуруст фаъолият кунад, ин исботи дар кишвари дигар низ бо сабаби анъанаҳои мавҷуда, хусусиятҳои ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ ва ғайра дуруст амал намудани тарҳи мазкур шуда наметавонад.

Ба масъалаи таносуби фаъолияти иҷроияву амрдиҳӣ ва назоратӣ баргашта, қайд карданием, ки гарчанде ин ду намуди фаъолият ба ҳам алоқаманд бошанд ҳам, дар ҳар сурат онҳо намудҳои гуногуни фаъолиятанд, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ мешаванд. Ба мақомоти ҳокимияти иҷроия бештар вазифаҳои назоратӣ хосанд. Дар хусуси вазифаҳои назоратии прокуратура ва ҳамкории он бо ҳокимияти иҷроия қайд кардан лозим аст, ки мақомоти прокуратура риоя гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои қонунҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаро аз ҷониби вазорату кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти дигари ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот назорат мекунанд. Ин қисмати калон дар кори назоратии мақомоти прокуратура унсури нигоҳдории ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб меравад. Биноан, чунин мешуморем, ки дохил намудани мақомоти прокуратура ба низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дуруст нест.

Мавқеи сеюми зикрнамудаамон чунин аст, ки мақомоти прокуратура ба ҳокимияти судӣ дохил карда шавад. Мавқеи мазкурро дар рисолаҳои муаллифони хориҷӣ дучор шудан мумкин аст, ки дар конститутсияи он кишварҳо суд ва прокуратура дар як боб ҷой дода шудаанд (масалан, Россия, Қазоқистон). Аз ин рӯ, онҳо чунин ақида доранд, ки мақсади асосии прокуратура, пеш аз ҳама, таъмини манфиатҳои адолати судӣ, асосан, ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад [13]. Сабаби дигаре, ки тибқи он прокуратураро ба ҳокимияти судӣ мансуб медонанд, дар он аст, ки прокуратура таъқиби ҷиноятиро оғоз намуда, ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ боқӣ мемонад [14,с.46].

Ба фикри мо, дар ин ҳолат омехташавии мафҳумҳо ба миён омадааст. Вазифаи асосии мақомоти судӣ амалисозии адолати судӣ мебошад ва фаъолияти судро оид ба баррасӣ, ҳалли парвандаҳои конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ мефаҳмонад, ки бо қабул намудани қарори дахлдори суд (ҳукм, таъйинот, қарор) анҷом

меёбад. Дар моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июни соли 2014 чунин муқаррар шудааст, ки адолати судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо аз тарафи суд амалӣ карда мешавад. Ягон мақом ё шахси мансабдори дигари давлатӣ ҳуқуқ надорад чунин фаъолиятро амалӣ созад ва чунин қарор қабул намояд.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки амалисозии адолати судӣ ва мусоидат ба амалисозии он мафҳумҳои гуногун мебошанд.

Мақомоти ба амалисозии адолати судӣ мусоидаткунанда ҳама мақомоти ҳифзи ҳуқуқи низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия (милитсия, мақомоти амният ва ғайра), инчунин адвокатура мебошанд, ки тамоман мақоми ҳокимият ҳисобида намешаванд. Лекин мақомоти мазкур, ки дар баробари прокуратура ба амалисозии адолати судӣ мусоидат мекунанд, ба ҳокимияти судӣ дохил намешаванд. Дар ин сурат ба ҳокимияти судӣ мансуб донистани мақомоти прокуратура дуруст нест. Прокуратура ҳукм намебарорад, парвандаро аз рӯйи моҳият баррасӣ намекунад, он танҳо як тарафест, ки дар муҳокимаи судӣ иштирок менамояд.

Нисбат ба мавқеи чорум ақидаи баённамудаи О.В. Воронин ҷолиби диққат мебошад. Аз ҷумла ӯ қайд мекунад, ки «баррасӣ намудани прокуратура на дар доираи шохаҳои мавҷудаи ҳокимият ё дуюмбора ҷоригардида, балки ҳамчун мақоме, ки бешакку шубҳа ба ягонтои онҳо мансуб нест, вале бо вуҷуди он, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, нисбатан босамар мебошад. Шохаҳои маъмули ҳокимият – қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки якҷоя ҳокимияти олии ягона ва таҷзияи онро таҷассум менамоянд, бешубҳа эҳтимолияти мавҷудияти ниҳодҳои дигари ҳуқуқии мустақилро, ки ба онҳо прокуратура мансуб аст, инкор намекунанд. Дар баробари муносибати вазифавӣ доштан ба ҳар кадом шохаи ҳокимият, прокуратура пурра ба ҳеҷ кадоми онҳо мансуб нест. Доштани чунин мавқеи ба худ хос дар сохтори давлатӣ аз як тараф ба он имкон медиҳад, ки ба сифати унсури мустақил ва босамари низоми тобоварии ҳама гуна шохаи ҳокимият амал кунад, инчунин вазифаҳои бешумори гуногунро, ки қонун дар бораи прокуратура ба зиммаи он гузоштааст, амалӣ гардонад» [15,с.98-101].

Оид ба ин масъала К. Сквортсов чунин фикр баён мекунад, ки «бо тарҳи ҳозир қабулшудаи се шохаи ҳокимият розӣ шудан мумкин нест. Қолабҳои сохтаи назария ва амалияи давлатию ҳуқуқӣ имконияти дуруст муайян намудани мавқеи прокуратураро дар низоми ҳокимияти давлатӣ аз байн мебаранд. Ба назар чунин менамояд, ки низоми прокурорӣ набояд ба таври ташкилӣ ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ дохил шавад».[16] Олими қазоқистонӣ Г.С. Сапаргалиев нуқтаи назари ба ин монанд дорад ва чунин меҳисобад, ки прокуратураи Ҷумҳурии Қазоқистон ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ дохил намешавад [17,с.155-156].

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ низ тарафдорони мавқеи мазкур ҳастанд. Ҳамин тариқ, З.Х. Искандаров қайд менамояд: «Имрӯз, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура мақоми мустақил, соҳибихтиёр, мутамарказ ва ягона мебошад, ки онро шохаҳои иҷроия ва қонунгузори ҳокимият таъсис медиҳанд. Ин ду шохаи ҳокимият тибқи конститутсия мустақилӣ ва соҳибихтиёрии онро эътироф кардаанд. Бинобар ин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқие, ки ба прокуратура вобастаанд, дар боби алоҳида, ки «Прокуратура» номида шудааст, ҷойгир карда шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки прокуратураи мустақил дар амалисозии принсипи фаъолияти шохаҳои мустақили ҳокимият: ҳамкорӣ, мувозинат ва боздорӣ метавонад нақши муҳим бозад» [18,с.65]. И.Т. Маҳмудов қайд менамояд: «Прокуратура дар низоми таҷзияи ҳокимият мавқеи мустақилро ишғол мекунад. Чунин мақоми ҳокимияти прокурорӣ ба он имкон медиҳад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро нисбатан босамар таъмин намояд ва ҳифз кунад. Бинобар ин, прокуратура ба сифати мақоми мустақил ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро на танҳо аз рӯйи таъйиноти вазифавӣ, балки ба сифати шохаи мустақили ҳокимият тавассути низоми мувозинату боздорӣ низ ҳифз мекунад» [19,с.83]. Оид ба масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ ҳангоми вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии таъсисёбии прокуратураи Тоҷикистон чунин баён намуданд: «Прокуратура яке аз мақомоти муҳимтарини сохтори давлатӣ мебошад, ки ба ягон шохаи ҳокимият мансуб нест ва назорати иҷрои қонунро аз ҷониби ҳама шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон анҷом дода, фазои ягонаи ҳуқуқиро дар кишвар таъмин менамояд» [20].

Таҳлили ақидаҳои пешниҳодгардида моро ба ду хулосаи асосӣ водор менамояд. Якум, бо ақидаи дар хусуси он ки прокуратура мақоми мустақилу соҳибихтиёри

ҳокимияти давлатӣ аст ва ба ягон шохаи ҳокимияти дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдшуда дохил намешавад, розӣ шудан лозим аст. Дуюм, прокуратура мақоми конститутсионӣ ва сервазифа буда, воситаи махсуси низоми «мувозинат ва боздорӣ»-и шохаҳои дигари ҳокимият ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, он бояд ба мувофиқ ва ҳамоҳанг будани амалҳои мақомоти дигар мусоидат кунад, чунин амалҳоро муътадил гардонад, то ин ки ягон шохаи ҳокимият бартарӣ пайдо накунад ва шохаи дигари ҳокимиятро ба худ тобеъ накунад. Фарқияти усулҳои амалисозии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби ин ё он мақомоти давлатӣ набояд ягонагии ҳокимиятро халалдор созад. Прокуратура бо мақсаду вазифаҳо ва ваколатҳои худ, дар баробари анҷом додани назорат, айнан барои таъмини чунин ягонагӣ таъйин гардидааст, чунки мухолифати байни шохаҳои ҳокимият хусусияти харобиовар дорад.

Лекин дар баробари ин, ба як нукта бештар диққат додан лозим аст: Агар прокуратура ба ягон шохаи ҳокимият дохил нашавад, мақоми онро дар низоми таҷзияи ҳокимият чӣ тавр муайян кардан мумкин аст? Чуноне ки баъзе олимон қайд менамоянд, «ҳама шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ низоми ягонаи амалисозии ҳокимиятро аз ҷониби мақомоти давлатӣ ташкил менамоянд. Ҳамзамон, аз шохаҳои ҳокимият берун қарор дошта, ба низоми мақомоти давлатӣ дохил шудан ғариимкон аст» [17,с.155-156].

Аз ин рӯ, мавқеи ишғолнамудаи Е.Б. Абдурасуловро дар хусуси он ки «агар ҳокимияти давлатиро ҳамчун низом, яъне маҷмӯи унсурҳои дар муносибату робитаҳои байниҳамдигарӣ, ки томияти муайянро ташкил менамоянд, баррасӣ намоем, унсурҳои низоми ҳокимияти ягонаи давлатӣ аз рӯйи ин ё он талабот тақсим карда мешаванд», дастгирӣ менамоем. Дар ҳолати мазкур таҷзияи ҳокимияти ягонаи давлатӣ тибқи қоидаи вогузор намудани ваколатҳо ва салоҳияти гуногун оид ба идораи давлатӣ ба зиммаи мақомоти давлатӣ сурат мегирад. Дар натиҷа низоми таҷзия ва ҳамкории мутақобилаи низоми ягонаи ҳокимияти давлатиро ба даст меорем. Ҳар як мақоми давлатие, ки ба зиммаи он вазифаҳои махсус вогузор шудаанд, ба ин ё он шохаи ҳокимият мансуб аст. Биноан, ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд дар низоми мазкур мавқеи худро ёбанд. Агар ин низом ба се шохаи ҳокимият таҷзия гардад, дар ин сурат мақоми давлатӣ бояд дар фазои ин се шохаи ҳокимияти давлатии ягона ҷой гирад, агар вазифаҳои мақоми давлатӣ ба низоми маъмулии таҷзияи ҳокимият мувофиқ набошанд, сухан бояд дар хусуси таҷзияи ҳокимияти ягонаи давлатӣ ба чор, панҷ ва аз ин зиёд шохаҳо равад. Аз ин рӯ, тасвияи «ба ягон шохаи ҳокимият мансуб нест» ин ё он мақоми давлатӣ ва ё шахси мансабдорро умуман аз низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ берун мекунад, ки мутлақо аз рӯйи мантиқ нест. Кори дигар аст, агар самти асосии фаъолияти ин ё он мақоми давлатиро муқаррар намуда, мувофиқан онро ба ин ё он шохаи ҳокимият дохил кардан лозим бошад. Агар самти асосии фаъолият ба шохаҳои маъмулии ҳокимият: қонунгузор, иҷроия ва судӣ «мувофиқ» набошад, ҷавоби ин саволро дар он вазифаҳои махсус ҷустан лозим аст, ки дар фаъолияти мақомоти давлатӣ мавқеи муайянро ишғол менамоянд ва «барои гузаронидани онҳо ба шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ номувофиқанд» [17,с.155-156].

Ба ибораи дигар, прокуратура ба сегонаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дохил нашуда, шохаи ҷудогонаи мустақил ва назоратии ҳокимият мебошад, ки дар ин бора пештар сухан ронда будем. Ба сифати шохаи мустақили ҳокимият эътироф кардани прокуратура пурра ба принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд, ки дар он дар ҳама самтҳо қонун ҳукмрон аст ва ба ягон қонуншиканӣ роҳ дода намешавад, мувофиқ аст. Таҳкими мақоми прокуратура дар низоми сиёсӣ мавҷудияти вазъи мутобиқи ҳуқуқии прокурорро талаб менамояд, ки он аз ҳама гуна фишороварӣ ё дахолат ба фаъолияти ӯ озод аст. Асоси чунин мустақилият дар сатҳи қонунгузорӣ бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда шудааст.

Дар марҳилаи муосири ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд прокуратура бояд ба мақоми сервазифаи ҳокимияти давлатӣ табдил ёбад, ки бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад, дорои вазъи махсусест, ки ба вазифаи он, назорати давлатии риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои қонунҳо вобаста аст.

Ҳамин тариқ, дар баробари муайян намудани мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, омилҳои зеринро ба инобат гирифтан лозим аст:

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура ниҳоди мустақили давлатию ҳуқуқӣ мебошад, ки низоми алоҳидаи мустақил ва мутамаркази мақомоти ҳокимияти давлатиро инъикос менамояд.

2. Он пурра ба ягон шохаи ҳокимияти мавҷуда мансуб набуда, ба сифати шохаи мустақили ҳокимият амал мекунад, ки дорои унсурҳои низоми мувозинат ва боздорӣ мебошад.

3. Мавқеи махсус дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба прокуратура барои иҷрои вазифаҳои сершумор, ки бо хусусиятҳои худ хосси шохаҳои гуногуни ҳокимият мебошанд, имкон медиҳад. Масалан, амалисозии таъқиби ҷиноятӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷинояткорӣ ба мақомоти ҳокимияти иҷроия хос аст. Дар сурате ки вазифаи назоратӣ, ба ақидаи мо, бештар ба мақомоти намояндагӣ (ҳеҷ набошад, вақте сухан дар бораи назорати иҷрои қонун меравад) хос аст. Дар навбати худ, дастгирии айбдоркунии давлатӣ ва иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳои дигар аз ҷониби суд бояд, пеш аз, ҳама ба манфиатҳои амалисозии адолати судӣ, яъне ноил шудан ба мақсади дар назди шохаи ҳокимияти судӣ гузошташуда мусоидат кунанд.

## АДАБИЁТ


1. Комментарии к Конституции Российской Федерации / под ред. В.Д. Зорькина, Л.В. Лазарева. -М.: Эксмо, 2010. -613с.
2. Кокотов А.Н. Конституционное право России / А.Н. Кокотов, М.И. Кукушкин. - М.: Юристъ, 2003. - 540 с.
3. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2007. -С. 47.
4. Арбузкин М. А. Конституционное право зарубежных стран / М. А. Арбузкин. -М., 2008; Чиркин В.Е. Конституционное право зарубежных стран / В.Е. Чиркин. -М., 2014.
5. Фарбер И. Конституционные основы прокурорского надзора в Советском государстве / И. Фарбер // Советская прокуратура на страже законности. -Саратов, 1973. -С. 28; Бровин Г.И. О прокурорско-надзорных правоотношениях / Г.И. Бровин // Совершенствование прокурорского надзора в СССР. -М., 1973. -С. 94; Голунский С.А. Теория государства и права / С.А.Голунский, М.С. Строгович. -М., 1940. -С. 54; Тадевосян В.С. Прокурорский надзор в СССР / В.С. Тадевосян. - М., 1956. -С. 23.
6. Долежан В.В. Проблемы компетенции прокуратуры: Автореф. дис... д-ра юрид. наук / В.В. Долежан. - М., 1991. -С. 44.
7. Ломовский В. Какой власти принадлежит прокуратура / В. Ломовский // Российская юстиция. -2001. -№ 9. Николаева Л.А. Надзор прокуратуры: Проблемы теории и практики / Л.А. Николаева // Прокурорская и следственная практика. -1997. -№ 2. -С. 84.
8. Административное право Республики Таджикистан: Цикл лекций /Под ред. к.ю.н. Диноршоева А.М. - Душанбе, 2014. -С. 104-108.
9. Григонис Э.П. Правоохранительные органы / Э.П. Григонис. - СПб., 2001. -С. 123.
10. Безуглов А.А. Конституционное право России / А.А. Безуглов, С.А. Солдатов. - М., 2003. - С.803.
11. Барщевский М. Подчинить генеральную прокуратуру Министерству юстиции / М. Барщевский // Газета. -2002.
12. Ерёмина Н.В. Место прократуры Российской Федерации в системе разделения властей: дисс.. на соиск. уч. ст. к.ю.н./ Н.В. Ерёмина. - М., 2009. -С. 25.
13. Настольная книга государственного служащего / Под ред. В.И. Шатулла. М.: Норма, 1999.-С. 44.
14. Точиловский В.М. О концепции прокурорской власти / В.М. Точиловский // Сов. государство и право. -1990. -№ 9. -С. 46.
15. Воронин О.В. К вопросу о типе и месте отечественной прокуратуры в системе органов государственной власти / О.В. Воронин //Вестник Томского государственного университета. - 2010. - № 339. - С. 98-101.
16. Становление правового государства в Российской Федерации и функции прокуратуры. Круглый стол // Государство и право. -1994. -№ 5.
17. Шалабаев С.Р. Место и функции прокуратуры Республики Казахстан в системе разделения властей / С.Р. Шалабаев // Международный научный журнал «Инновационная наука» . -2016. - №1. –С. 155-156.
18. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность / З.Х. Искандаров // Правовая жизнь. -2017. -№4. -С. 65.
19. Махмудов И.Т. К вопросу о месте прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей / И.Т. Махмудов // Правовая жизнь. -2013. -№3. -С. 83.
20. Народная газета. -2005, 5 янв. -№ 1.


## МАҚОМИ ПРОКУРАТУРА ДАР НИЗОМИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба иштироки мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки мақомоти прокуратура дар ҷараёни иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаи асосии худ – таъмини волоияти қонунро амалӣ мегардонад. Инчунин, дар мақола шаклҳои иштироки мақомоти прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлил шудаанд.



**Калидвожаҳо:** прокуратура, парлумон, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қонун.


## СТАТУС ПРОКУРАТУРЫ В СИСТЕМЕ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Статья посвящена вопросам правотворческой деятельности органов прокуратуры в Республике Таджикистан. Авторами подчеркивается, что, участвуя в правотворческой деятельности, прокуратура реализуют возложенную на нее правозащитную функцию, обеспечивающую верховенство закона. Также в статье изложены формы участия органов прокуратуры в правотворческой деятельности.



**Ключевые слова:** Прокуратура, парламент, правотворческая деятельность, закон.

**STATUS OF THE PROSECUTORY OFFICE IN THE SYSTEM OF STATE AUTHORITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article is devoted to the law-making activities of the prosecution authorities in the Republic of Tajikistan. The authors emphasize that by participating in law-making activities, the prosecutor's office implements the human rights function entrusted to it, which ensures the rule of law. The article also outlines the forms of participation of the prosecution authorities in law-making activities.

**Key words:** prosecutor's office, parliament, law-making activity, law.

**Сведения об авторе:** ***Исмоилзода С.А.*** **–** Таджикский национальный универсиет, соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Ismoilzoda S.A***. - Tajik National University, applicant for the Department of Human Rights and Comparative Law at the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av., 17

**УДК:340 (581)**

# ЧОЛИШҲОИ ПИЗИШКӢ ВА ДОРУИИ ҶАҲОНШУМУЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ФИКРӢ

***Ҳабибуллоҳ Муманд, Бибизода Аминӣ, Муҳаммадгафси Нидо***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ин як ҳақиқати ғайриқобили инкор аст, ки дар асри кунунӣ низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ ба унвони ниёзи ҷиддӣ, яке аз меъёрҳои асосии пешрафт ва тавсеаи кишварҳо дар заминаҳои пизишкӣ ва доруӣ қаламдод мешавад. Аҳаммияти ин мавзӯъ ҳангоме намоёнтар мешавад, ки бидонем ин низом ифогари нақши асосӣ дар ташвиқ ва ҳимоят аз ихтирооти доруӣ ба ҳисоб меояд. Ҷаҳоншмулии моликияти фикрӣ дар ҳавзаи пизишкӣ ва дору ба ин маъно аст, ки дар ҳоли ҳозир, ихтирои маҳсулоти доруӣ ва пизишкӣ фориғ аз марзбандиҳои сиёсӣ, дар ҳар ҷо ва ҳама ҷо мавриди ҳимоят воқеъ шавад. Аз ин рӯ, низоми коромади ҳуқуқи моликияти фикрӣ дорои вежагии роҳбурдӣ барои кишварҳои соҳиби санъати доруӣ аст ва дар иртиқои иқтисоди миллӣ нақши бебадал дорад.

Ихтирооти доруӣ, ҳамвора раванди рӯ ба рушди мустамаре дошта ва мавзӯоти ҷадидеро ба ҳавзаи ҳуқуқи моликияти фикрӣ афзудааст. Тағйир ва таҳаввули ин шоха аз моликият, мутаассир аз таҳаввулоти иқтисоди иҷтимоӣ ва низ пешрафтҳои фановарӣ будааст. Имрӯз, ҳуқуқи моликияти фикрӣ, ба бахше аз дороӣ ва сармояи номалмуси ширкатҳои бузург ва таъсиргузор дар арсаи навини дорусозӣ табдил шудааст. Бинобар ин, ҳузури шахсӣ ва инфиродии дорандагон ва моликони ин ҳуқуқ камрангтар шудааст. Аз ин ҳам фаротар, дар даврони ҳозир, низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ таъйинкунандаи масири дастёбии ҷомеа ба дастовардҳо барои зиндагии беҳтар шудааст.

Ин мақола талошест дар ростои баррасии ҳуқуқии чолишҳои мухталиф бар сари ҳимояти ҷаҳонӣ аз ихтирооти доруӣ ва раванди ҷаҳонишудани он. Дар ин мутолиа саъй шудааст, то мухолифатҳои муҳим ва мутанаввеъ дар хусуси таҳаввулоти ҷаҳоншмули низоми моликияти фикрӣ дар арсаи пизишкӣ мадди назар қарор гиранд. Намунаи боризи ин гароишҳо истинод ба таъсири номатлуби ҳимояти инҳисорӣ аз ихтирооти пизишкӣ ва доруӣ аст, ки дар ин ҳаракат ба самти ҷаҳоншмулӣ монеае бар сари тавсеа ва рушди бахши беҳдошт ва дармон, бавежа дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва пас аз он сайре ба фазоӣ фаротар монанди стандартҳо аст.

Албатта, ин баррасӣ наметавонад мунъакискунандаи тамоми воқеияти ҷаҳони имрӯз бошад, чаро ки дар канори ин эътирозот тарафдорони ҳимояти ҳаддиаксар аз и пизишкӣ, дидгоҳҳои вежаи худро дар арсаи ҳимоят аз маҳсулоти доруӣ матраҳ мекунанд ва мулоҳизаи ин ихтилофот ҷиҳати табйини аҳаммияти баррасии чолишҳои ҷаҳонисозии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ аст. Бинобар ин, дар ин таҳқиқ, беш аз таваҷҷуҳ ба худи ҷаҳонисозӣ, мухолифатҳои таъсиргузор ва низ пурсишҳои чолишӣ дар хусуси ҳимоят аз ихтирооти доруии назир мавриди тардид қарор додани аҳаммият ва таъсири ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар рушд ва тавсеаи саноеи пизишкӣ ва доруӣ мулоҳиза шудааст. Бинобар ин, дар ин мақола ба тартиб дар чаҳор банд чолишҳо ва эродоти ҳимояти ҷаҳоншмул аз ихтирооти доруӣ ва пизишкӣ ва саранҷом ин низоъро баррасӣ хоҳем кард.

1. **Танаввӯи мухолифатҳо бо ҷаҳонисозии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар ҳавзаи пизишкӣ ва доруӣ**. Аз ҳамон ибтидо, ҳуқуқи моликияти фикрӣ тарафдорони сарсахт ва мухолифони сарсахт дошт, агарчи дар чанд қарни гузашта, тақлид ва густариши навоварӣ ва халлоқият таҳаввулоте доштааст, аммо мубоҳисот ва мунoқишот

бар сар моликияти фикрӣ, такрори ҳамон даъвоҳои пешин аст. Аз ин муҷодилот метавон ду модели тафаккури мутафовит дар хусуси ҳуқуқи моликияти фикриро истинбот кард: нахустин улгу ҳимояти ҳаддиаксаре аз моликияти фикриро барои тавсеаи саноеи пизишкӣ ва доруӣ тавсия мекунад ва дувумӣ, ҳимояти заиф ё адами ҳимоятро барои тарвиҷ ва густариши дониш пизишкӣ.

Назарияи ҳимояти ҳаддиаксар аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ, бо эътирозоти шадиде мувоҷеҳ шудааст. Нахустин далели мухолифон ин аст, ки ҳимояти музоаф аз моликияти фикрӣ музир аст, чаро ки бо эҷоди инҳисори қонунӣ, тарвиҷ ва густариши дониши пизишкӣ ва дорусозиро коҳиш дода ва бо монеъ мувоҷеҳ месозад (Андерсон, 2006, с. 89). Аз он ҷо ки дониш дониш меоварад, моликияти фикрӣ чархаи инҳисорӣ ва доираи бастаеро эҷод менамояд, ки фаъолиятҳои ибтикориро мутаваққиф хоҳад кард. Ин истидлол бавежа дар хусуси саноее мисли саноеи доруӣ ва пизишкӣ, ки дар онҳо нававарӣ, вобаста ба маҷмӯае аз ибтикороти дунболадор, такмилкунанда ва идомадиҳандаи фановариҳои пешин аст, сидқ мекунад (Мерҷз, 1990. – С. 910).

Дар ин маворид, тақлид ва иқтибос метавонад мунҷар ба нававариҳои бештар шавад, дар ҳоле ки инҳисори шадид ношӣ аз гувоҳиҳои ҳаққи ихтироъ, монеъ аз вуқӯи чунин рӯйдоде хоҳад шуд (Бессен, 2009, с. 611). Бо ташдиди ҳимоят аз ихтироот, ҳазинаҳои ҳуқуқи қазоӣ беш аз ҳазинаи сармоягузорӣ дар нававарӣ хоҳад шуд ва дар ниҳоят, як низоми илм ва фановарии мубтанӣ бар даовӣ (додрасӣ) ва на таҳқиқ ва пажӯҳиш хоҳем дошт. Саранҷом, ин ҳуқуқдонон ҳастанд, ки мунтафаи асли низоми ҷаҳоншмули ҳуқуқи моликияти фикрӣ хоҳанд шуд, на пизишкон ва дорусозони мубтакир ва нававар.

Дувум ин ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ наҳваи сармоягузори бар рӯйи нававариро ҳам дигаргун ва аз ҳолати саҳеҳ ва табиии худ мунҳариф месозад, чаро ки сармоягузоронро танҳо ба самти мавзӯоте, ки суди бештаре хоҳад дошт ва бештар мавриди ҳимояти моликияти фикрӣ хоҳад буд, ҳидоят мекунад ва дар натиҷа соир заминаҳои фановарӣ ва фурсатҳои мавриди ниёзи ҷомеа мағфул воқеъ хоҳад шуд. Барои намуна, исбот шудааст, ки навъ ва мизони ҳимоят дар як низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, на танҳо бар фаъолиятҳои навоварона, балки бар самти таҳаввулоти фаннӣ низ таъсиргузор будааст (Маузер, 2005, с. 1214). Бинобар ин, ҳимояти ҳадди аксаре аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ, ба маслиҳат ва дар ҷиҳати таъмини манофеи умумии ҷомеа нахоҳад буд (Макмилан, 2006, с. 69). Истидлоли севум он аст, ки сабти ихтирооти густурда ва фаровон дар саноеи доруӣ ва пизишкӣ, беш аз он ки боиси ташвиқ ба нававарӣ шавад, монеи халлоқият ва нававарӣ будааст. Ақоиди мухолиф бо ҷаҳоншмулии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои кишварҳои дар ҳоли тавсеа пуррангтар ҷилва мекунад. Дар ин кишварҳо, дониш ва сохторҳои марбут ба илм ва фановарӣ ҳанӯз мароҳили ибтидоии шаклгирии худро тай мекунанд ва дар сурати эҷоди тавофуқи ҷаҳонӣ бар ҳимояти ҳадди аксар аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ ва лузуми пардохти баҳои сангин барои интиқоли фановарӣ, ин кишварҳо ба шиддат таҳти таъсири осори ногувори ин назми ҷаҳоншмул қарор хоҳанд гирифт (Лай Эдвин, 1998, с. 153. Аз дидгоҳи шимолиу ҷануб (Парелло, 2008, с. 259) низоми ҷаҳоншмули моликияти фикрӣ, монеае бар сари рушди дар ҳоли тавсеаҳо аст, чаро ки мизони интиқоли дониш ва низ тақлидро коҳиш дода ва баръакс ҳазина ва баҳои дастрасӣ ба донишро афзоиш медиҳад (Ҳелпман, 1993, с. 1247).

Низоми моқабли Тарипс, ки низоми бо ҳимояти ҳадди аксаре аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар кишварҳои тавсеаёфта ва ҳимояти заиф дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа буд, назми матлуб ва созгоре дошт, чаро ки ба кишварҳои бо даромади кам то мутавассит, иҷоза, интифоъ аз мазиятҳои эҷодшуда дар ҷойи дигар (кишварҳои тавсеаёфта)-ро медод. Бинобар ин, зарба ба тавсеа, яке аз осор ва аворизи мувофиқатномаи Тарипс буд, ки иҷозаи эҷоди як низоми нававарӣ ва тавсеаи пойдорро ба кишварҳои дар ҳоли рушд намедод. В-он гаҳе, ҷаҳонисозии низоми моликияти фикрӣ сабаби рушд ва интиқоли манобеъ аз иқтисодҳои дар ҳоли тавсеа ба тавсеаёфтаҳо шуда ва раванди рушд ва тавсеаи кишварҳои дар ҳоли тавсеаро бо мушкил мувоҷеҳ мекунад.

Ҳамчунин, интиқодот аз ҷаҳоншмулии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, мутаваҷҷеҳи бархе молҳо ва маҳсулоти ҳаётии машмули ҳимояти ин низом шудааст. Мисоли бориз ин маҳсулот, доруи вирусҳое чун АИДЗ буд, ки машмули ҳаққи ихтироъ ва дар инҳисори ширкатҳои бузурги дорусозии амрикоӣ ва аврупоӣ (машҳур ба Big Pharma) қарор дошт, бо вуҷуди ин инҳисори қонунӣ саноеи доруӣ дар Африқои Ҷанубӣ иқдом ба сохти ғайримуҷози ин доруҳо карданд, ки мунҷар ба тарҳи шикояти ширкатҳои мазкур алайҳи давлати Африқои Ҷанубӣ шуд. Давлати Африқои Ҷанубӣ истидлол кард, ки аксар мубталоён ба АИДЗ, қодир ба пардохти қимати доруи сабти ихтироъшуда нестанд. Кампини дастрасӣ ба дору аз чунон қудрат ва нуфузи иҷтимоӣ бархӯрдор буд, ки тавонист

ширкатҳои бузурги доруиро водор ба истирдод даъвӣ намояд (1998, шумора парванда 98/4183).

Дар ин қазия, интиқод аз ҷаҳонисозии низоми моликияти фикрӣ бо фаъолиятҳо ва ҷунбишҳои сиёсии иҷтимоӣ гиреҳ хӯрд. Ин ҳаракатҳои иҷтимоӣ ба мубориза бо сиёсати ширкатҳои фаромиллӣ ва Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат дар ҳимояти ҳадди аксаре аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ пардохтанд. Ширкатҳои бузурге чун Майкрософт ва низ ширкатҳои бузурги дорусозии ИМА, беш аз дигарон аз сӯйи кампинҳои мухолифи инҳисори моликияти фикрӣ ҳадаф қарор гирифтанд.

Пурсиши чолишӣ: Таъсири воқеии ҳимояти инҳисорӣ аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар эҷоди ангеза ва тавлиди дору чӣ қадар аст?

Бештар чолишҳо ва мунокишот бар сари нақши низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар ҷомеаи пизишкӣ бар посух ба як саволи асосӣ такя дорад: ҳимоят аз низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ то чӣ мизон муҷиби ташвиқи навоварӣ ва тавлиди ихтироъ мешавад? То дараҷае ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ, умури мазкурро ташвиқ мекунад, бояд мавриди ҳимоят воқеъ гардад. Ин пурсиш як саволи дигарро низ ба дунбол дорад: То кадом андоза ҳимоят аз моликияти фикрӣ дар тавсеаи саноеи доруӣ ва рушди беҳдошт ва саломатӣ муассир аст? Ин пурсиши фаръӣ, бавежа барои кишварҳои дар ҳоли тавсеа ва камтартавсеаёфта ба далели талоши онҳо барои иртиқои стандартҳои зиндагии шаҳрвандонашон аз тариқи тавсеаи фаннӣ ва рушди фардӣ аз аҳаммияти фавқулодае бархӯрдор аст.

Равшан аст, ки ҳимоят аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ, лузуман пешшарти ташвиқи тамоми фаъолиятҳои ибтикорӣ ва халлоқ намебошад.

Бисёре аз ихтирооти муҳим ва таъсиргузор, пеш аз эҷоди низоми сабт ва ҳимоят аз ихтироот халқ шудаанд: борут, дастгоҳи чоп ва дастгоҳи таъйини соат ва замони ҳузур ва ғаёби коркунон, ҳамагӣ бидуни баҳраҳмандӣ аз мушаввиқҳои моддӣ ироа шуда, дар низоми кунунии ҳуқуқи моликияти фикрӣ, ихтироъ шудаанд. Ин мисолҳо нишон медиҳанд тазмини суди молӣ дар низомҳои феълии ҳуқуқи моликияти фикрӣ, пешшарти зарурӣ барои ҳамаи навовариҳо нест.

Ҳанӯз ҳам тасвири зеҳнии хотироти ҳунармандони тангдаст ва мухтареоне, ки девонавор дар зери замини муҳақир машғули офариниш ва халлоқият будаанд, ба қуввати худ боқӣ буда ва нишона ва улгуи талошҳои навоварона аст. Албатта, бо вуҷуди ин, дар нигоҳи кулли, бисёре аз маҳсулот ва фаъолиятҳои ибтикорӣ, бавежа онҳое, ки барои халқ, тиҷорисозӣ ё арза ва тавзеъ, ниёзманди сармоягузориҳои калон ҳастанд, қатъан бидуни мушаввиқҳои моддӣ фароҳам омада, дар қавонини моликияти фикрӣ эҷод нахоҳанд шуд. Саноеи дорусозӣ, тасовири мутаҳаррик ва барномаҳои печидаи компютерӣ, намунаҳои айнӣ аз фаъолиятҳои муттакӣ ба мушаввиқҳои низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ ҳастанд.

Бар асоси эъломи анҷумани таҳқиқ ва сохти доруии Амрико ҳазинаи мутавассити эҷоди озмоиш ва бозорёбии як доруи ҷадид, ҳудуди понсад миллион доллар мешавад. Аз миёни панҷ ҳазор доруи озмоишшуда ба таври мутавассит танҳо панҷ дору дар озмоишҳои болинӣ тест шуда ва фақат яке аз онҳо муҷаввизи истифода бар рӯйи беморро дарёфт менамояд. Ва мутавассити замони арзаи як доруи ҷадид ба бозор, ба таври тақрибӣ, дувоздаҳ то понздаҳ сол аст. Аз даҳ дору танҳо сето метавонанд ба андозае даромадзоӣ кунанд, ки ҳазинаҳои таҳқиқ ва тавсеаашонро пӯшиш диҳад (Таҳқиқ ва созандагони доруи Америка, 2000). Падид овардан, озмудан ва бозорёбии муваффақ як нармафзори компютерӣ низ ниёзманди сарфи кор ва сармояи ҳангуфте мебошад.

Дуруст аст, ки роҳҳои дигаре ғайр аз баҳрабардории тиҷорӣ низ барои таъмини молии таҳқиқоти пизишкӣ ва дармонӣ, мисли бунёдҳои хайрия вуҷуд доранд, аммо ҳақиқат ин аст, ки дар набудани мушаввиқҳои молӣ барои такомули ин доруҳо ва маҳсулоти пизишкӣ, халқи фаровардаҳои пойдор ва бодавом дучори вақфа мешавад ва мавориди истисноии мазкур қобили иттико нест. Ҳуқуқи моликияти санъатӣ барои пизишкон ва дорусозон мушаввиқҳои моддии лозимро барои офариниш ва муҳимтар аз он барои сарфи замон ва манобеи бештар ҷиҳати такмил ва рафъи навоқиси маҳсулоти пизишкӣ ва доруӣ фароҳам меоварад.

Қавонини ҳуқуқи моликияти фикрӣ, бо ангезасозӣ барои навоварӣ, тавсеаи тиҷорӣ ва иқтисоди кишварҳоро суръат мебахшанд. Тардиде нест, ки як низоми қудратманди моликияти фикрӣ дар сатҳи байналмилал аз лиҳози иқтисодӣ ба суди кишварҳое аст, ки маҳсулоташон дар дунё ба сурати ғайримуҷоз таксир ва тавзеъ мешавад. Аз ин рӯ, суди воқеиро кишварҳое мебаранд, ки аз фурсатҳои эҷодшуда дар ҷаҳоншумулии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ барои халқи сарват баҳра мебаранд.

Дар набудани низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, агарчи ширкатҳои саршиноси дорусозӣ, ба хотири таъсири ночизи тавлиди ғайримуҷози ихтирооти доруӣ бар

даромадҳои ҳангуфташон аз идомаи кори худ даст намекашанд, аммо дорусозони камтар шинохташуда дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа бештарин осебпазириро дар баробари нақзи ҳуқуқи моликияти фикрӣ мутаҳаммил шуда ва бахши муҳиме аз даромадашонро ба иллати таҷовуз ба ҳуқуқ ва тақлиди ғайримуҷоз аз даст медиҳанд.

Нақши низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар тавлиди сарват, танҳо дар эҷоди ангеза барои навоварӣ хулоса нашудааст ва ангезаи лозим барои арзаи дору ва маҳсулоти ҷадид ба умумро низ дар бар мегирад. Лағви ҳимояти қонунӣ аз дорусозон ва дигар арзакунандагони маҳсулоти пизишкӣ таъсири номатлубе бар кайфият ва густураи тавзеи умумии ин ихтироот мегузорад. Дар ҳоле ки имрӯз бо зуҳури имкони арзаи шахсӣ ва инфиродии маҳсулот дар интернет, тавзеи дору осонтар шуда бошад. Ҳазф ва аз миён рафтани саноеи навпо ва мубтакири доруӣ дар асари лағви ҳимоятҳои инҳисорӣ, таъсири мухаррибе бар дастрасии умум ба тайфи васее аз доруҳои ҷадид хоҳад дошт. Бад-ин ҷиҳат, бояд миёни ҳимоят аз падидоварандагон ва дастрасии умум ба беҳдошт ва дармон, ба гунае таодул барқарор гардад, ки тамоми масирҳои арзаи маҳсулот ба умум, чи маҷори суннатӣ ва чи хурӯҷиҳои ҷадиди расонаӣ, дар сояи ҳимоятҳои қонунӣ қарор дошта бошанд.

Нигоҳи мутафовит ва чолишӣ: мизони қудрат ва нуфузи воқеии ҳуқуқи моликияти фикрӣ чӣ қадар аст?

Ҳам мухолифон ва ҳам мувофиқони ҷаҳоншмулии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, дар назароти худ нукоте аз шаклгирӣ, интиқол ва густариши навоварӣ баён кардаанд, аммо ғолиб ин аст, ки ҳарду тафаккур муттакӣ ба фурӯзи матраҳ дар китобҳои дарсӣ ҳастанд: ин осор низоми ҳуқуқи моликияти фикриро аз он чи ки дар воқеи амр ҳаст, қудратмандтар фарз кардаанд. Ҳарду назария чунин тасаввур кардаанд, ки ҳимояти ҳадди аксар аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ, ҳифозат аз ихтироъ, навоварӣ ва дороиҳои фикриро тазмин карда, дар муқобил ҳимояти заиф ба муқаллидон иҷозаи дастрасӣ ба дониши марбутро медиҳад. Дар ҳоле ки чунин нест ва шавоҳиди амр ҳокӣ аз он аст, ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ камасартар аз он аст, ки ҳарду мактаб фарз кардан. Аз назаргоҳи мухтареъ ва навовар, ин мавзӯъ бояд равшан шавад, ки мазияти иқтисодии асли он сарфи ҳимоят аз моликияти фикрӣ нест, балки касби суд аз он аст. Барои беҳбуд ва иртиқои даромадзоӣ аз ихтироот, навовариҳо ва дороиҳои фикрӣ, ширкатҳои дорусозӣ бояд сиёсатгузориҳои печидаеро иттихоз кунанд, ки шомили таҳқиқ ва тавсеа, тарроҳӣ, сарфи замон, тавоноии арзаи маҳсул ба бозор ва низ таркиби фавту фаннҳои кӯзагарӣ дар санъат бо қувоиди ҳуқуқи моликияти фикрӣ мешавад. Моликияти фикрӣ танҳо яке аз аносири ин стратегия ва на муҳимтарини онҳост. Таҳқиқоти анҷомшуда дар хусуси ширкатҳои доруии амрикоӣ ва аврупоӣ баёнгари он аст, ки сабти ихтироъ ва соир иқдомоти ҳуқуқӣ нисбат ба соир авомил камтарин аҳамиятро дорад (Арундил, 2001, с. 611).

Аз дидгоҳи масрафкунандагон, тақлидкунандагони эҳтимолӣ ба сарфи дастрасӣ ба донише, ки мавриди ҳимояти ҳуқуқи моликияти фикрӣ қарор нагирифтааст, тавоноии лозим барои тавлиди маҳсулро ба даст нахоҳанд овард. Бакоргирии дониш барои тавлиди дору ба маҷмӯаи бузург аз аносири мухталиф вобаста аст. Ҳуқуқи моликияти фикрӣ, ҳадди аксар бахше аз дониши тадвин ва изҳоршударо ҳифозат мекунад, аммо унсури муҳимтаре ба номи (дониши зимнӣ, дарунӣ ва пинҳон) вуҷуд дорад, ки дар авроқи ҳаққи ихтироъ, китобҳои роҳнамо, нармафзорҳо, нақшаҳо ва тарҳҳо ёфт намешавад Павитт 1999, с. 25).

Тақлидкорон барои истифодаи дуруст аз ин дониш ниёзманди дастрасӣ ба бахши зимнии он ҳастанд. Ҳамчунон ки истифодаи ройгон ва озод аз ҳаққи ихтирои сохти як дору муҷиб намешавад истифодакунанда битавонад фавран корхонаи тавлиди доруи мазкурро роҳандозӣ кунад. Ҳаққи ихтироъ беш аз бист сол эътибор надорад. Пас аз ин муддат дониш мавриди ҳимоят аз тариқи гувоҳии мазбур, дар дастраси умум қарор мегирад. Бо вуҷуди ин, тасаввури ин ки агар бо бардошта шудани ҳимоят дар саросари дунё кишварҳои дар ҳоли тавсеа қодир бошанд ба суръат дониши мутааллиқ ба тавсеаёфтаҳоро шабеҳсозӣ ва корбурдӣ намоянд, бисёр душвор аст. Далели он сода аст: дастрасӣ ба дониш беш аз он ки бо абзорҳои ҳуқуқӣ манъ шуда бошад, бо набудани қобилияти кофӣ дар тақлидгарон ва набудани соир манобеъ такмили номумкин шудааст. Ҷавҳари калом он ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ, камтар аз он чи ки холиқон ва масрафкунандагони дониш тасаввур кардаанд, аҳаммият дорад.

Албатта, дар иқтисоди печидаи имрӯз, ки саноеи мухталифе бо хусусиёти мутафовит вуҷуд дорад, наметавон ҳукми куллӣ содир кард. Таҳқиқот нишон додааст, ки вокуниши саноеъ ва маҳсулоти мухталиф ба ҳуқуқи моликияти фикрӣ яксон набудааст. Дар миёни саноеи тавлидӣ, дорусозӣ ва бо фосилаи зиёд пас аз он саноеи химиёвӣ беш аз соир саноеъ ба ҳаққи ихтироъ вобастаанд. Дар набудани низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар саноат,

дору, дусум ва дар саноеи химиёвӣ як сум аз навовариҳо муҳаққиқ намешуд (Мунзфилд, 1986, с.181). Дар соир саноеъ бо фановарии пешрафта, назири компютер, электроника, ҳавофазо, худрав ва муҳандисии механикӣ, ҳуқуқи моликияти фикрӣ нисбат ба соир авомили иртиқои навоварӣ ҷанбаи фаръӣ ё такмилӣ дорад.

Ағлаб баҳсҳо ва чолишҳо перомуни ҷаҳоншмулии низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, бар мавзӯи саноати дору мутамарказ шудааст. Ин амр таъйидкунандаи аҳаммияти моликияти фикрӣ ва бавежа ҳаққи ихтироъ барои ин санъат аст ва маҳрумият аз дору ба иллати инҳисори ҳуқуқи моликияти фикрӣ метавонад таъсири фаврӣ бар саломатӣ дошта бошад ва ба ҳамин далел аст, ки таваҷҷуҳи расонаҳо, ҷунбишҳои иҷтимоӣ ва мақомоти кишварҳоро ба худ ҷалб кардааст. Аз лиҳози ахлоқӣ, ин истидлол, ки ҳар шаҳрванд фориғ аз сатҳи даромадаш бояд ба доруи мавриди ниёзаш дастрасӣ дошта бошад, сухани мантиқӣ аст (Браун, 2014, с.151).

Бо вуҷуди ин, ба душворӣ метавон пазируфт, ки ба маҳз лағви Тарипс, санъати дорусозии f дар кишварҳои дар ҳоли тавсеа ба суръат рушд карда ва табдил ба як фановарии пешрафта шавад. Бинобар ин миёни ду нукта дар баҳси дору бояд қоил ба тафкик буд. Нуктаи нахуст, дастрасӣ ба дору ва мавзӯи дувум, зарфияти тавсеаи иқтисодӣ ва фаннӣ дар кишварҳои бо даромад кам ва мутавассит аст. Фарзияи мо ин аст, ки агарчи мувофиқатномаи Тарипс дастрасӣ ба доруро дар кишварҳои камдаромад таҳти таъсир қарор додааст, аммо тавсеаи фаннӣ ва иқтисодии онҳоро монеъ нашудааст.

Ба таври хулоса бояд гуфт, ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ ба худи худ наметавонад суду даромади ношӣ аз ихтироъ, навоварӣ ва ба таври куллӣ дороиҳои фикриро тазмин кунад, ё коҳиш диҳад. Суди навовариҳо аз маҷори мухталифе ба даст меояд ва агар аз ширкатҳои доруӣ бипурсед, ҳаққи ихтироъро омили фаръӣ дар касби даромад аз навоварӣ муаррифӣ менамоянд. Ин воқеият саволи мантиқиро пеш мекашад: Агар таъсири моликияти фикрӣ ин қадар кам аст, чаро то ба ин ҳад мавриди таваҷҷуҳи ширкатҳои дорусозӣ, давлатҳо, гурӯҳҳои фишор (лобиҳо) ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ қарор гирифтааст?

Як фарзия ин аст, ки бигӯем ҳуқуқи моликияти фикрӣ беш аз соир авомил дида шуда, ба ҳамин далел ҳам сареътар ва осонтар аз дигар аносир дар даромадзоӣ аз халлоқият қобили тағйир ва ислоҳ аст, дар ҳоле ки соир авомили ташвиқ ва эҷоди ангезаи навоварӣ печидатар ва пинҳонтаранд. Фарзия дувум ҳам ин аст, ки сабти ихтироот табдил ба мусобиқаи бенатиҷа ва бефоида миёни ширкатҳои доруӣ шудааст, ки дар он ҳар ширкат мекӯшад барои ақиб намондан ва муҳтоҷ нашудан ба рақибон то ҷое ки дар тавон дорад, ба сабти ихтироъ бипардозад. Натиҷаи ин рақобат ташвиқи ширкатҳои дорусозӣ ба бузургтар кардани маҷмӯа ва сабади дороиҳои фикриашон бидуни таваҷҷуҳ ба арзиши ношӣ аз онҳо бо ҳадафи дар амон мондан аз руқабо, на муқаллидон аст.

**2. Таъсири тақобулҳо ва чолишҳои доруӣ ва пизишкӣ бар сарнавишти низоми ҷаҳоншмули моликияти фикрӣ.** Ҷараёне, ки аз сӯйи ширкатҳои бузурги амрикоӣ раҳбарӣ ва ҳидоят мешавад, ҳамвора ба дунболи эҷоди як низоми ҷаҳоншмули қудратманд ва ҳимояти ҳадди аксар аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ будааст. Мувофиқатномаи Тарипс самараи аслии ин талош буд. Ин фаъолиятҳо мунҷар ба эҷоди чолишҳо ва тақобулҳои ҳассос ва ҷиддӣ ҳам дар фазои илмӣ ва донишгоҳӣ (академӣ) ва ҳам дунёи хориҷ гардид. Тарафдорони ҳимояти ҳадди аксар аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ муътақид буданд, ки бидуни чунин ҳимоят ин хатар вуҷуд дорад, ки ширкатҳои доруӣ ва соир сармоягузорони бахши беҳдошт ва саломатӣ ангезаи кофӣ барои сармоягузори рӯйи таҳқиқ ва тавсеаи навоварӣ нахоҳанд дошт. Дар муқобил, мухолифони ҷаҳоншмулӣ бар ин бováранд, ки ташдид ва тақвияти ҳимоят аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ кишварҳои дар ҳоли тавсеаро дар созгорӣ бо ин назми ҷадиди ҷаҳонӣ дучори мушкил мекунад.

Ин ду дидгоҳ бо вуҷуди ин ки сиёсатгузориҳои комилан мутафовитеро натиҷа хоҳанд дод, дар як нукта бо ҳам муштараканд ва он ин аст, ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ метавонад дар амал иқтисод ва иҷтимоъро дигаргун созад. Дар муқобил, дар матолиби қабл баҳс кардем, ки ҳуқуқи моликияти фикрӣ ба худи худ тағйири умдае дар фароянди интиқол ва таҳсили фановарӣ эҷод намекунад. Мавонеи дигаре ғайр аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ бар сари роҳи интиқоли фановарӣ вуҷуд дорад. Бо адами сармоягузорӣ дар таҳқиқ ва тавсеаи омӯзиш ва зерсохтҳои лозим, имкони интифои кишварҳои дар ҳоли тавсеа аз дониши эҷодшуда дар соир нуқот номуҳтамал ва баид аст. Ҳуқуқи моликияти фикрӣ, чи дар вазъияти заиф ва чи дар ҳолати қавии худ, таъсире дар ин мавзӯъ нахоҳад дошт.

Дар як муҳити иқтисодии мутағайир ва дар ҳоли таҳаввул, бозигарони иқтисодӣ низ мутаносиб бо қимат ва ҳазинае, ки барои навоварӣ мепардозанд, қодир ба тағйири рафтори худ ҳастанд. Агар ҳазинаи таҳсили навоварӣ ва дониши тавлиди маҳсулот афзоиш ёбад, бозигарони ҷадид аз ин мавқеият ба унвони фурсате барои вуруд ба бозорҳои судовар истифода мекунанд. Ҳимояти ҳадди аксар аз ҳуқуқи моликияти фикрӣ

ва ташдиди замонати иҷроҳои он, дорандагони ин ҳуқукро ба афзоиш қиматҳо ба ҷойи иртиқои маҳсул тарғиб мекунад: бо иттихози сиёсатҳои сахтгиронатаре нисбат ба дору бисёре аз ширкатҳо маҷбур ба тарки истифода аз «маҳсулоти копияшуда» шуданд ва ин, қатъан ба суди ширкатҳои тавлидкунандаи дору буд, аммо бо афзоиши қиматҳо муштарён ба дунболи ҷойгузин рафтанд. Ин амр мунҷар ба густариши ногаҳонӣ ва дур аз интизори низомҳои ҷойгузин – назири анҷуманҳои хайрияи дармонӣ гардид. Бад-ин тартиб, аз фурӯши доруҳои машмул ҳаққи ихтироъ коста шуд. Ширкатҳо ағлаб ба ин натиҷа расидаанд, ки беҳтарин роҳ барои таҳсили суд аз навовариҳо ва ихтирооташон, инъитоф дар аъмоли ҳуқуқи моликияти фикрӣ марбут аст, чаро ки чунин сиёсат ба густариш ва тарвиҷи маҳсулоташон кумак мекунад.

Ба унвони натиҷа бояд гуфт, ки ҳанӯз бо як низоми ҷаҳоншумул ва муассири ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар арсаи пизишкӣ бисёр фосила дорем, агарчи кишварҳои ғарбӣ бо истифода аз нуфуз ва қудрати худ дар созмонҳои байналмилалӣ тавонистаанд ба сатҳи якнавохтсозии қавоиди ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар сатҳи байналмилалӣ даст пайдо кунанд, аммо ҳанӯз кишварҳо салиқа ва назорати шадиде бар наҳваи пиёдасозӣ ва замонати иҷрои муқаррароти Трипс дар дохили марзҳои худ аъмол мекунанд ва ба ин василa ҷаҳоншумулии ин низомро бо тардид мувоҷеҳ кардаанд. Низоми ҳаллу фасли ихтилофоти Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат низ дорои маҳдудиятҳое аст, ки боис шуда танҳо дар мавориди маъдуд ва чорчӯбаи маҳдуд мавриди истифодаи кишварҳо қарор гирад. Ҳамин тариқ, дар ҳоли ҳозир фоқиди як низоми ҷаҳоншмул ва қудратманди ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар заминаи пизишкӣ ва доруӣ ҳастем ва дар кӯтоҳмуддат низ таҳаққуқи чунин назм ғайримумкин ба назар мерасад.

### АДАБИЁТ


1. Andersen, Birgitte, ed, 2006, Intellectual Property Rights. Innovation, Governance and the Institutional Environment. Cheltenham: Edward Elgar, p.89.
2. Archibugi, Daniele, Andrea, Filippetti, 2015, The Global Handbook of Science, Technology and Innovation. Oxford: Wiley, p.12.
3. Arundel, Anthony, 2001, The Relative Effectiveness of Patents and Secrecy for Appropriation. Research Policy, 30: 611.
4. Bessen, James, Eric, Maskin, 2009, Sequential Innovation, Patents, and Imitation. The RAND Journal of Economics, 40: 611.
5. Helpman, Elhanan, 1993, Innovation, Imitation and Intellectual Property Rights. Econometrica, 61: 1247.
6. Lai, Edwin, 1998, International Property Right Protection and the Rate of Product Innovation. Journal of Development Economics, 55: 153.
7. Macmillan, Fiona, 2006, Public Interest and the Public Domain in an Era of Corporate Dominance. In Intellectual Property Rights. Innovation, Governance and the Institutional Environment, edited by Birgitte Andersen, p.69. Cheltenham: Edward Elgar.
8. Mansfield, Edwin, 1986, Patents and Innovation: An Empirical Study. Management Science, 32: 181.
9. Merges, Robert P, Richard, R, Nelson, 1990, On the Complex Economy of Patent Scope. Columbia Law Review, 90: 910.
10. Moser, Petra. 2005. How Do Patent Laws Influence Innovation? Evidence from Nineteenth Century World's Fairs. The American Economic Review, 95: 1214.
11. Parello, Carmelo P, 2008, A North-South Model of Intellectual Property Rights Protection and Skill Accumulation. Journal of Development Economics, 85: 259.
12. Pavitt, Keith, 1999, Technology, Management, and Systems of Innovation, Cheltenham: Edward Elgar, p.25.
13. Pharmaceutical Company Lawsuit v the Government of South Africa, Case number: 4183/98, 1998, High Court of South Africa (Transvaal Provincial Division).
14. Pharmaceutical Research and Manufacturers of America, Why Do Medicines Cost So Much?, 2000, at http://www.phrma.org/ publications/publications/brochure/questions/whycostmuch.phtml (last visited Aug. 17, 2001).


## ЧОЛИШҲОИ ПИЗИШКӢ ВА ДОРУИИ ҶАҲОНШУМУЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ФИКРӢ


Ҷаҳоншмулии моликияти фикрӣ дар хусуси маҳсулоти пизишкӣ ва доруӣ ба ин маъно аст, ки дар ҳоли ҳозир ихтирооти доруӣ ва пизишкӣ фориғ аз марзбандиҳои сиёсӣ, дар ҳар ҷо ва ҳама ҷо мавриди ҳимояти инҳисории моликияти саноатӣ воқеъ шаванд. Дар ин пажӯҳиш, аз аснод, матолиб ва мақолоти муртабит бо ҷаҳонисозии моликияти фикрӣ дар ҳавзаи дору ва пизишкӣ мундариҷ дар торнамоҳо ва манобеи китобхонаӣ истифода шудааст. Ин мақола талоше аст дар ростои баррасии ҳуқуқии чолишҳои мухталиф дар ҳимоят аз ихтирооти доруӣ ва раванди ҷаҳонишавии он. Бинобар ин, дар ин таҳқиқ бештар таваҷҷуҳ ба тақсимоти ҷуғрофиёӣ, чолишҳои таъсиргузор ва низ интиқодоти ворида ба ҳимоят аз ихтирооти доруӣ мулоҳиза шудааст. Метавон гуфт, ки дар ҳоли ҳозир бо таваҷҷуҳ ба чолишҳои ҳуқуқии эҷодшуда, фоқиди як низоми ҷаҳоншмул ва қудратманди ҳуқуқи моликияти фикрӣ дар заминаи пизишкӣ ва доруӣ ҳастем ва дар кӯтоҳмуддат низ таҳаққуқи чунин назме ғайримумкин ба назар мерасад.



**Калидвожаҳо**: саноати дорусозӣ, ҷаҳонисозӣ, низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ, ихтирооти доруӣ, чолишҳои ҷаҳоншмулӣ.


## ПРАВОВЫЕ ПРОБЛЕМЫ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ В МЕДИЦИНЕ И ФАРМАЦИИ


Уровень развития общества зависит от уровня развития и состояния техники, науки и культуры. Важность развития конкурентной среды в социальных сферах, таких как медицинская деятельность, растет с каждым годом.

Здоровая конкуренция и свободное предпринимательство являются важнейшими факторами развития экономики любой страны и защиты интеллектуальных прав в медицине и фармации. В современный период важное значениеимеет доступ к эффективным средствам правовой защиты объектов интеллектуальных правдля правообладателей. Уровень защиты интеллектуальной собственности определяет решение правообладателей о выходе на зарубежные рынки и передаче технологий в другие страны. Защита интеллектуальных прав на международном и региональном уровнях тесно связана с мировым технологическим и культурным развитием общества. Современный глобальный рынок интеллектуальной собственности в сфере медицины и фармации создает единые условия обращения прав на интеллектуальную собственность. Права на результаты интеллектуальной деятельности и интеллектуальную собственность в медицинской деятельности и фармацевтической промышленности являются одним из видов абсолютных прав. Статья посвящена изучению данной темы.

**Ключевые слова**: фармацевтическая промышленность, глобализация, система прав интеллектуальной собственности, изобретения в сфере фармации, мировые проблемы .

**LEGAL PROBLEMS OF INTELLECTUAL PROPERTY IN MEDICINE AND PHARMACY**

The level of development of society depends on the level of development and the state of technology, science and culture. The importance of developing a competitive environment in social fields, such as medical activities, is growing every year. Healthy competition and free enterprise are the most important factors in the development of the economy of any country and the protection of intellectual rights in medicine and pharmacy. In the modern period, it is important to have access to effective legal remedies for intellectual property rights holders. The level of protection of intellectual property determines the decision of copyright holders to enter foreign markets and transfer technologies to other countries. The protection of intellectual rights at the international and regional levels is closely linked to the global technological and cultural development of society. The modern global market of intellectual property in the field of medicine and pharmacy creates uniform conditions for the circulation of intellectual property rights. The rights to the results of intellectual activity and intellectual property in the medical activity and the pharmaceutical industry are one of the types of absolute rights. The article is devoted to the study of this topic.

**Key words:** pharmaceutical industry, globalization, system of intellectual property rights, inventions in the field of pharmacy, world problems.

**Сведения об авторах: Х*абибуллох Муманд*** – Таджикский государственный университет коммерции, соискатель. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2. **,**

***Бибизода Амини*** -аджикский государственный университет коммерции, соискатель. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2. **,**

***Мухаммадгафси Нидо*** -аджикский государственный университет коммерции, соискатель. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2.

**Information about the authors:** ***Khabibulloh Mumand*** - Tajik State University of Commerce, applicant. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2 A. Dekhoti Street

***Bibizoda Amini***-Tajik State University of Commerce, applicant. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2 A. Dekhoti Street

***Muhammadgafsi Nido***-Tajik State University of Commerce, applicant. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2 A. Dekhoti Street

**УДК 343(575.3)**

# ҚАСОС ДАР ФИҚҲ

***Саид Маҳдӣ Заргарӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қатли нафс аз ҷумлаи аввалин ҷиноёте аст, ки бо қатли Ҳобил тавассути Қобил бар рӯйи замин рух додааст. Ва аз гузашта бо шадидтарин аксуламал, ки ҳамон хунхоҳии мақтул буда, мувоҷеҳ мешудааст, ки аз он ба қасос ном бурда мешавад. Шореи муқаддас дар китоб ва суннат аз қасос сухан гуфта, онро ҳаққи мусалламе муҷниилайҳ ё валии дами ӯ дар ҷиноёти амд донистааст ва перомуни он мабоҳиси мухталифе дар тамоми абъод матраҳ ва ташреҳ намудааст. Қатли нафс ба далели салби ҳаёти фард аз ҷумлаи манфуртарин ҷиноёте аст, ки бо аксуламали шадиди иҷтимоӣ мувоҷеҳ аст. Дар ҷавомеи ибтидоӣ адами вуҷуди қудрат ва ҳокимияти марказӣ, муҷиб мешуд зиёндидагон аз ҷинояти худ шахсан нисбат ба муҷозоти муҷримин иқдом намоянд, то он ҷо ки гоҳе сабаби ҷангҳо ва кушта шудани ҷамъи касире дар муқобили хунхоҳӣ аз як фард мешуд. Дар ислом қавонини бисёре вазъ шуд, ки муҷиби таъдили рафторҳои хушунатбори иҷтимоӣ ва эҷоди таносуб байни ҷурми ҳосила ва муҷозоти таъйиншуда гардид.

Дар Қуръон ду даста оёт нисбат ба қасос баён шудааст: як даста оёте, ки ба сароҳат далолат бар асли қасос доранд ва дастаи дигар оёте, ки ба сурати ом бар қасос далолат доранд. Ва дар пайи он ривоёте матраҳ шуда, ки завоёи бештаре аз ҳукми аслиро равшан менамояд. Дар ин маҷол нигоҳи иҷмолӣ ба баҳси қасос дар фиқҳ хоҳем дошт.

**Мафҳуми қасос.** *Таърифи қасос дар луғат.* Қасос дар луғат ба маънои кинкашӣ ба мисл ва кушандаро куштан омадааст. Ҳамчунин, қасос аз решаи қассаса ба маънои радгирӣ ва пайгирӣ аст. Қасос ба маънии ҳаммонандӣ ва мумосилат низ омадааст. Бархе қасосро аз қасса ба маънои қатъ ва буридан медонанд.

Муодили калимаи қасос, калимаи қавада аст, ки ҷонеро бо таноб ба сӯйи авлиёи мақтул мебурда, то агар хостанд ӯро бикушанд ва агар хостанд ӯро афв намоянд.

Қасос муқобила ба мисл дар ҷинояти амдӣ аст ва аз ин ҷиҳат ба он қасос мегӯянд, ки дар таъқиби ҷиноят ва дар пайи он аст.

**Қасос дар Қуръон.** Қатли нафс аввалин ҷурме аст, ки аз дидгоҳи Қуръон дар замин воқеъ шуда, ки ҳокӣ аз хӯйи таҷовузгарӣ ва худмеҳварии инсон аст ва ин амал дар ҳамон замон ҳам ҷурм ва гуноҳ будааст (сураи «Моида» оёти 27 ва 32). Бинобар ин, агар аз ибтидои ҳаёти инсон қатл ва зарбу ҷарҳ ба унвони як таҳдиди ҷиддӣ барои зиндагии ӯ ба ҳисоб омадааст, бояд қабул кунем, ки инсон аз ибтидо дифоъ аз худро як ҳақ дониста ва дар муқобили ин таҳдид аз худ аксуламал нишон додааст. Аксуламали инсонҳо дар баробари ин ҷурм дар ҳама адвори таърих мутаносиб бо сатҳи огоҳӣ, фарҳанг ва рушди ақлонии онҳо мутафовит ва мутағайир будааст. Вале ба назар мерасад, ки муқобила ба мисл аввалин аксуламал бошад, ки ба сурати табиӣ мавриди таваҷҷуҳи инсон воқеъ шуда, бо ин тафовут, ки ин муқобила ҳеҷ ҳад ва марзе надоштааст. Лизо дар Алвоҳи дувоздаҳгонаи Рим ва дар маҷмӯаи қавонини Ҳаммуроби ва дар шариати ҳазрати Мӯсо (а) ва Исо (а) қасос вуҷуд дошта ва мавриди қабул буда ва дар ислом ҳам асли қасос бо шароите мавриди пазириш қарор гирифтааст.

Дар Қуръон оёти бисёре вуҷуд дорад, ки нозир ба асли қасос мебошад. Ин оётро метавон ба ду даста тақсим кард:

1. Оёте, ки ба асли муқобила ба мисл ба сурати куллӣ далолат доранд, монанди ояи 45 сураи «Моида».

2. Оёте, ки мустақиқан ба худи масъалаи қасос марбут мешаванд, монанди ояи 178 сураи «Бақара»:

«یا ایها الذین آمنوا کتب علیکم القصاص فی القتلی الحُرّ بالحُرّ و العبد بالعبد و الانثی بالانثی...»

Дар ин оя манзур аз «кутуб алайкум ал-қасос» ташреи қасос дар ислом аст ва мурод аз «ал-қатлӣ» кушташудагони амдӣ аст ва дар қатли хатоӣ ва шабаҳи амд қасос нест.

Ояи 179 сураи «Бақара»:

«و لکم فی القصاص حیوه ...»

(Барои шумо дар қасос зиндагӣ ҳаст). Агар инсон бидонад, ки дар сурати куштани касе ӯро хоҳанд кушт, касеро намекушад ва ин сабаби ҳаёт ва зинда мондани мардум мешавад.

Шаҳиди Сонӣ дар китоби худ қасосро ин гуна таъриф кардаанд:

«القِصاص، و هو اسم الإستیفاء مثل الجنایه من قتل، أو ضرب، أو جرح. و اصله إقتفاء الأثر. یقال: قَصَّ أثرهَ إذا تبعه فکأن المقتص یتبع أثر الجانی فیفعل مثل فعله»[4]

Қасос номе аст барои истифоъ кардани мисли ҷиноят аам аз куштан, буридан, задан ва маҷрӯҳ сохтан ва асли қасос пайравӣ кардан аст. Гӯё қасоскунанда аз касе, ки ҷиноятро ворид сохта, пайравӣ мекунад ва коре ҳаммонанди кори ӯ анҷом медиҳад ва аз ин рӯ ба ин кори вай қасос гуфта мешавад.

Дар «Лисон-ал-араб» омада, ки қасос намудани чизе, яъне батадриҷ ба дунболи асари он рафтан.

«قص آثارهم- قصاً- قصصاً: تتبعها به اللیل و قیل: هو تتبع الأثر أی وقت کان، قال تعالی؛ «فأرتد اعلی آثارهما قصصاً»(سوره کهف، آیه 64)، القصاص: القود و هو القتل به القتل أو جرح بالجرح و القصاص اسم هو أن یفعل به مثل فعله من قتل أو قطع أو ضرب أو جرح و الاقتصاص»

Қасос аз моддаи қасса - қасас мебошад ба маънии пайҷӯӣ кардан, дунбол кардани асароти он дар шаб. Худованд фармудааст: «Пайҷӯёна ба нишонаи қадамҳои хеш бозгаштанд». Қасос масдар дар замони ҳол буда ва дар ин оя ба маънии пайҷӯӣ ва атбои асар аст. Қасос ҳамон куштан дар баробари куштан ва ҷароҳат дар баробари ҷароҳат аст. Қасос исм аст ва иборат аст аз анҷом додани мисли он феъле, ки ҷонӣ қатл ё қатъи узв ё задани ҷароҳат анҷом дода, нисбат ба худаш.

Қасос дар «ал-Фиқҳ фӣ мазоҳиб ал-арбаъа»:

«و أما القصاص فهو أن یعاقب الجانی بمثل جنایته علی الأرواح الناس أو عضو من اعضائهم فإذا قتل شخص آخر استحق القصاص و هو قتله کما قتل غیره. قصاص مأخوذ من قص الأثر و هو اتباعه»

Қасос он аст, ки ба ҷоне кайфар дода мешавад, монанди ҷинояти ӯ бар ҷонҳои мардум ё узве аз аъзои онҳо. Пас, ҳангоме ки шахс дигареро бикушад ва мустаҳаққи қасос

мешавад ва дар қасос куштани ӯст, ҳамон тавре ки ӯ дигареро кушта. Қасос аз (қас асара) гирифта шуда ва он дунбол кардани асар аст.

**Фалсафаи қасос дар ислом.** Дини мубини ислом мол ва ҷони мусулмонро бар соир мусулмонон ҳаром фармуда ва ҳаргиз иҷозаи тааддӣ ва қатл ба аҳадеро надодааст. Расул акрам (с) пас аз маносики ҳаҷ дар маҳалле аз Мино таваққуф намуда ва мардумро мухотаб қарор дода ва фармуданд: «Кадом рӯз аз ҳама рӯзҳо азизтар аст? Гуфтанд: Ҳамин рӯз (Иди Қурбон). Фармуданд: Кадом моҳ аз ҳама моҳҳо муҳтарамтар аст? Гуфтанд: Ҳамин моҳ (зулҳиҷҷа). Фармуданд: Кадом шаҳр бар ҳама шаҳрҳо раҳи ҷон дорад? Гуфтанд: Ҳамин шаҳр (Макка). Он гоҳ фармуданд: Амволи шумо ва хуни шумо бар шумо ҳаром аст, ҳаммонанди ҳурмати ин рӯз дар ин моҳ ва дар ин шаҳр».

Ва боз фармуданд: «Аввалин мавзӯе, ки дар рӯзи қиёмат мавриди бозхост қарор мегирад, масъалаи хунҳои ба ноҳақ рехташуда аст, аввал дар мавриди ду фарзанди Одам (а) Ҳобил ва Қобил қазоват мешавад, пас онон, ки аз Қобил пайравӣ карданд ва ба он бидъат амал намуданд, мавриди муҳокима қарор мегиранд».

Пас, оини муқаддаси ислом, ҷон ва моли мусулмонро муҳтарам шумурда ва ҳаром фармуда ва ба мутаҷовиз ба ин қонун ба сахтӣ бархӯрд мекунад, то мусулмонон дар амният ва оромиш зиндагӣ кунанд.

Тамоми оёте, ки дар заминаи қавонини ҷазоӣ, билохас қонуни қасос нозил шуда ва аз аҳкоми он метавон натиҷа гирифт, ки ҳама дар мавриди эҳтимом ба мақом ва эҳтиром ба ҷон ва моли инсон буда ва усулан ин қавонин барои ҳифзи ҳаёти ҷомеаи башарӣ аст ва барои барқарории амнияти иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳудуд ва ҳуқуқи умумӣ ва ҳаётии инсони ҷомеа аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки аз ибтидои ҳаёти инсон қатл ва зарбу ҷарҳ ба унвони як таҳдиди ҷиддӣ барои зиндагии ӯ маҳсуб мешуд, метавон натиҷа гирифт, ки инсон аз ибтидо дифоъ аз худро як ҳақ дониста ва дар муқобили ин таҳдид аз худ аксуламал нишон додааст ва муқобила ба мисл аксуламали ибтидоии инсон аст.

Қасос дар манзари Қуръон ва фиқҳ низ ба ҳамин маъно, яъне ҳаммонандӣ ва мумосилат, муқобила ба мисл, коре ҳаммонанди фарди муҷрим анҷом додан, пайҷӯӣ ва табаият аз асар ба кор рафтааст.

Ислом ҷон ва моли мусулмонро бар якдигар муҳтарам шумурда ва таҷовуз ба онро ҳаром донистааст ва иҷозаи тааддӣ нисбат ба онро раво надоштааст. Ва бо фарди мутаҷовиз ба ин қавонин бо шиддат бархӯрд менамояд, то ҳама дар амният ва оромиш ба сар бибаранд.

Қавонини ҷазои мавзӯа дар ислом, хусусан қасос, бо абъоди васеи аҳкоме, ки ҷиҳати таҳаққуқ ва иҷрои он баён шуда, баёнгари аҳамияти эҳтиром ба ҷон ва моли инсон буда, ҷанбаи ҳифозати ин қавонин аз ҳаёти ҷомеаи башарӣ ва барқарории амният ва адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳудуд ва ҳуқуқи афрод аст.

### АДАБИЁТ


1. Қуръони карим
2. Ибни Манзур, Абулфазл Ҷамолиддин Муҳаммад ибни Мукаррам. Лисон-ул-араб. Нашри Адаб-ал-ҳавза. – Қум, Эрон, 1363. – Ҷ. 7. – С. 48.
3. Шаҳиди Сонӣ. Шарҳи Ламъа. – Бейрут: Дор-ул-маориф, бето. – С. 10-15.
4. Сайид Алӣ Акбар Қаршӣ. Қомус-ал-Қуръон. – Теҳрон: Дор-ул-китоб ул-исломия, 1386. Чопи понздаҳум.


### ҚАСОС ДАР ФИҚҲ


Бо таваҷҷуҳ ба ин ки аз ибтидои ҳаёти инсон қатл ва зарбу ҷарҳ ба унвони як таҳдиди ҷиддӣ барои зиндагии ӯ маҳсуб мешуд, метавон натиҷа гирифт, ки инсон аз ибтидо дифоъ аз худро як ҳақ дониста ва дар муқобили ин таҳдид аз худ аксуламал нишон додааст ва муқобила ба мисл аксуламали ибтидоии инсон аст. Қасос дар манзари Қуръон ва фиқҳ низ ба ҳамин маъно, яъне ҳаммонандӣ ва мумосилат, муқобила ба мисл, коре ҳаммонанди фарди муҷрим анҷом додан, пайҷӯӣ ва табаият аз асар ба кор рафтааст. Ислом ҷон ва моли мусулмонро бар якдигар муҳтарам шумурда ва таҷовуз ба онро ҳаром донистааст ва иҷозаи тааддӣ нисбат ба онро раво надоштааст. Ва бо фарди мутаҷовиз ба ин қавонин бо шиддат бархӯрд менамояд, то ҳама дар амният ва оромиш ба сар бибаранд. Қавонини ҷазои мавзӯа дар ислом, хусусан қасос, бо абъоди васеи аҳкоме, ки ҷиҳати таҳаққуқ ва иҷрои он баён шуда, баёнгари аҳамияти эҳтиром ба ҷон ва моли инсон буда, ҷанбаи ҳифозати ин қавонин аз ҳаёти ҷомеаи башарӣ ва барқарории амният ва адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳудуд ва ҳуқуқи афрод аст.



**Калидвожаҳо:** қасос дар манзари Қуръон, қавонини исломӣ, амният ва оромиш, қатл ва зарбу ҷарҳ, аксуламал, эҳтиром ба ҷон ва моли инсон.


### КРОВНАЯ МЕСТЬ В ИСЛАМЕ


Кровная месть – обычай, требующий обязательного возмездия за убийство человека или нанесение ему увечий, которая представляла собой одно из наиболее действенных средств социальной регуляции и защиты личности или группы в обществах, где отсутствовала или слабо проявлялась государственная власть. В доисламский период широкое распространение кровной мести приводило подчас к истреблению

десятков и сотен людей за убийство одного человека и была одним из древних обычаев доисламских арабов и других народов, однако в Исламе Кровная месть существенно ограничивается местью лично виновному. Борясь в целом с обычаями времен невежества, Коран отдает предпочтение замене кровной мести уплатой за пролитую кровь(диа). Кровная месть являлось важнейшей составной частью традиционного судопроизводства, играя роль жестокого, но необходимого в определенных исторических условиях регулятора социальных отношений. Исламское право, шариат, затрагивает самый широкий круг вопросов общественной жизни и регулирует общественные отношения в исламском мире. Нормы шариата санкционируются законодательством исламских стран. Мусульманское право имеет четыре основных источника и первостепенным из них является Коран.
**Ключевые слова:** Коран -священная книга мусульман, месть в Исламе, исламские законы, безопасность, казнь, противодействие, уважение к жизни и имуществу человека.

**BLOOD REVENGE IN ISLAM**

Blood feud is a custom requiring mandatory retaliation for killing or mutilating a person, which was one of the most effective means of social regulation and protection of an individual or group in societies where state power was absent or weakly manifested. In the pre-Islamic period, the widespread spread of blood feud sometimes led to extermination tens and hundreds of people for the murder of one person and was one of the ancient customs of pre-Islamic Arabs and other peoples, however, in Islam, Blood Revenge is significantly limited to revenge on the person personally guilty. Struggling in general with the customs of times of ignorance, the Qur'an prefers replacing blood feud with payment for shed blood (dia). Blood feud was an essential component of traditional legal proceedings, playing the role of a cruel, but necessary in certain historical conditions regulator of social relations. Islamic law, Sharia, touches on a wide range of issues in public life and regulates social relations in the Islamic world. Sharia law is sanctioned by Islamic law. Muslim law has four main sources, and the Koran is the primary one.
**Key words:** Quran - the holy book of Muslims, revenge in Islam, Islamic laws, security, execution, opposition, respect for human life and property.

**Сведения об авторе:** ***Саид Махди Заргари*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Said Mahdi Zargari*** - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

**УДК 021.89+025 (575.3)**

# МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНОТИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ КИТОБХОНАҲО

***Зафари Шариф***
**Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистогн ба номи Мирзо Турсунзода**

Фароҳам овардан заминаи боэътимоди меъёрии ҳуқуқии фаъолияти китобхонаҳо, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ-методии онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми назариявии китобхонашиносии муосир ба шумор рафта, баррасии илмии он ба рушди мақсаднок ва бомароми амалияи китобдорӣ мусоидат хоҳад кард.

Мавриди зикр аст, ки ба таҳқиқи мавзӯи таъминоти меъёрии ҳуқуқии фаъолияти китобдорӣ, аз ҷумла таъминоти меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо олимону мутахассисони тоҷик, ба истиснои баъзе мақолаҳои илмӣ [7,с.8], ҳанӯз ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд, ҳол он ки баррасии назариявии он ба такомули қонунгузории миллӣ оид фаъолияти китобдорӣ мусоидат намуда, ба ин васила барои рушди соҳа тибқи стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ фазои мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам меояд.

Имрӯз заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳоро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, оинномаҳо, дастурамалҳое, ки ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти методии китобхонаҳоро танзим менамоянд, ташкил медиҳанд.

«Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» барои ташаккул, татбиқи амалию самарабахши сиёсати китобдорӣ дар мамлакат заминаҳои боз ҳам устувортари ҳуқуқӣ фароҳам овард, ки онҳо ҷавобгӯи талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Дар санади мазкур ҳуқуқи шаҳрвандон дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои истифодабарандагони китобхонаҳо, вазифа ва ҳуқуқҳои китобхонаҳо, масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо, инчунин принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ муайян карда шудаанд.

Фарқияти куллии қонуни мазкур аз асноди расмии соҳаи китобдории замони Шӯравӣ дар он аст, ки он мутобиқ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ соҳаи китобдориро аз доираи маҳдуди идеологӣ вораҳонида, онро ҳамчун соҳаи фаъолияти иттилоотӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва омӯзишӣ (моддаи 1) арзёбӣ намуд» [8,с.12].

Дар моддаи якуми қонуни мазкур – «Мафҳумҳои асосӣ» қайд гардидааст, ки - «фаъолияти китобдорӣ - соҳаи фаъолияти иттилоотӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва омӯзишие мебошад, ки ба вазифаҳои он таъсис ва инкишоф додани шабакаи китобхонаҳо, ташкилу такмили фонди онҳо, ба роҳ мондани хизматрасонии китобдорӣ, иттилоотӣ, маълумотию библиографии истифодабарандагони китобхонаҳо ва таъминоти илмию методии рушди китобхонаҳо дохил мешавад» [6,с.28]. Яъне, дар қонуни мазкур таъминоти илмию методии рушди китобхонаҳо ба сифати яке аз вазифаҳои асосии соҳаи фаъолияти китобдорӣ арзёбӣ гардида, ҳамзамон алоқамандӣ ва вобастагии рушди китобхонаҳо аз масъалаи таъминоти илмию методӣ таъкид гардидааст.

Иҷрои муқаррароти қонуни мазкур барои тамоми зинаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарону масъулони тамоми намуди китобхонаҳо, аз ҷумла ашхосе, ки ба таҳияи зерсандаҳои қонунгузорӣ, низомномаву оинномаҳо, дастурамалҳои вазифавию мансабӣ ва амсоли ин машғуланд, ҳатмӣ мебошад. Ба ибораи дигар, зимни тарҳрезии оинномаву низомномаи китобхонаҳо, дастурамалҳои вазифавии кормандони китобхонаҳо бояд муқаррароти қонун дар самти таъминоти меъёрии ҳуқуқии фаъолияти китобхонаҳо, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ-методии онҳо аз мадди назар дур намонад.

Дар моддаи 19-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» қайд гардидааст, ки «китобхонаи марказӣ вазифадор аст, ки дар ҳудуди барои хизматрасонӣ фарогирифтаи худ маҷмӯи нисбатан умумии ҳуҷҷатҳоро ташкил намояд, ҳифз намояд ва ба истифодабарандаи китобхона пешниҳод намояд, истифодаи муштараки захираи китобхонаро созмон диҳад ва ба китобхонаҳо ёрии методӣ расонад» [6,с.37]. Тибқи муқаррароти қонуни мазкур ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ваколат дода шудааст, ки ба китобхонаи умумии пешбар мақоми китобхонаи марказиро диҳанд, ки функсияи онро дар сатҳи вилоят – китобхонаи вилоятӣ, дар шаҳрҳо – китобхонаи марказии шаҳрӣ ва дар ноҳияҳо китобхонаи марказии ноҳиявӣ иҷро мекунанд.

Бо назардошти муқаррароти моддаи 19-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як китобхонаи номбурда вобаста ба мақоми худ (сатҳи худ – вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ) бояд функсияи маркази методиро барои китобхонаҳои минтақаи худ иҷро кунанд ва муқаррароти функсияи мазкур бояд дар оинннома ва низомномаи онҳо инъикос ёбад.

Бинобар ин, зинаи дигари ташаккулёбии заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо мустақиман худи китобхонаҳо - марказҳои методӣ ба шумор рафта, мақсаду вазифаҳо, функсияҳо, самтҳо ва дигар мушаххасоти фаъолияти инноватсионӣ-методӣ асосан дар оинномаи онҳо, низомномаи сохторҳои дахлдори (марказҳо, шуъбаву бахшҳои методӣ, илмӣ-методӣ ё инноватсионӣ-методӣ) онҳо инъикос меёбанд.

Дар сархати 3-юми моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (аз 26.03.2009, № 506) омадааст, ки «Оиннома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти ташкилоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин муносибати онҳоро бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд» [4].

Масалан, дар боби «Мақсад ва вазифаҳои Китобхона»-и Оинномаи Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» масъалаҳои зерин инъикос гардидаанд, ки бевосита функсияи методии муассисаи мазкурро ифода мекунанд:

- ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидгардонии фаъолияти ҳама навъҳои китобхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- пешбурди фаъолияти китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ, инчунин ба амал баровардани фаъолият ба сифати маркази методӣ, илмию иттилоотӣ ва фарҳангии аҳаммияти ҷумҳурхуриявидошта;
- доир намудани тадбирҳои фарҳангию маърифатӣ ва таълимӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ, илмию иттилоотӣ ва методӣ дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ, библиографӣ, кори китобшиносӣ ва дигар соҳаҳои бо ҳам алоқаманд;
- ворид кардани навгониҳо дар хизматрасонии китобдорӣ ба аҳолӣ, такмили фаъолият ва хизматрасонии китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон[5].

Яъне, дар санади мазкур функсияҳои ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидгардонӣ, пешбурди фаъолият, аз ҷумла ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ, таълимӣ, анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ, илмию методӣ, иттилоотӣ, ҷорӣ намудани

навгониҳо дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият пешбинӣ гардидаанд, ки асосан хосси фаъолияти методии китобхонаҳо мебошанд.

Илова бар ин, дар Оинномаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон самтҳои фаъолияти илмӣ-методии муассисаи мазкур ба таври муфассал инъикос гардидаанд, ки онҳоро дар шумули функсияҳои методии китобхона ба таври фишурда дар сатрҳои зерин нишон додан мумкин аст:

- созмондиҳӣ ва баргузории таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонии китобдорию библиографӣ;
- таҳияи меъёрҳои хизматрасонии китобдорӣ;
- ҳамоҳангсозии корҳои илмию методӣ;
- омӯзиш ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;
- таҳияи маводи методӣ;
- ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами китобдорӣ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат;
- ташкил намудани маркази таълимию тренингӣ баҳри азхуднамоии технологияҳои навтарини соҳаи китобдорӣ барои китобдорони мамлакат.

Мавриди зикр аст, ки дар банди 17-уми Оинномаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон фаъолияти методӣ ба сифати яке аз навъҳои асосии фаъолият ворид карда шудааст.

Вале дар моддаи 18-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», ки пурра ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшида шудааст, фаъолияти методӣ ҳамчун навъ ё самти фаъолияти муассисаи мазкур зикр нагардидааст ва ин масъулин, инчунин мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор менамояд, ки вобаста ба ин тағйироту иловаҳои дахлдорро ба қонуни номбурда пешниҳод намоянд. Зеро дар шароити доимотағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва фазои иттилоотии дар ҳоли таҳаввул ва рушд китобхонаҳои кишвар, махсусан китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва бачагона бе роҳбарии методии ягона ва марказонидашуда роҳу равиши фаъолияти ояндаи худро аз нигоҳи илмӣ дуруст муайян карда наметавонанд.

Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар кишвар ягона муассисаи китобдорӣ-библиографиест, ки дар он таҷрибаи пешқадами кори методӣ андухта шуда, он дар қиёс ба дигар китобхонаҳои ҷумҳурӣ дорои шумораи бештари мутахассисони соҳавӣ мебошад, ки онҳо қодиранд китобхонаҳои мамлакатро ба самти ба талаботи замони муосир ҷавобгӯи китобдорӣ-иттилоотӣ раҳнамун созанд. Воқеияти имрӯзаи фаъолияти китобдории кишварҳои пешрафтаи олам моро водор месозад, ки баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ тадбирҳои оҷил ва муассир андешем, зеро фардо фосила миёни вазъи китобдории миллӣ ва сатҳи пешрафти китобхонаҳои кишварҳои мутараққӣ хеле тӯлонӣ хоҳад шуд.

Тавре маълум аст, 2 июни соли 2011 таҳти рақами 282 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ» Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ муайян карда шудааст. Аммо воқеият чунин аст, ки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби мақоми маъмурии давлатӣ будан нисбат ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон дар ташкилу роҳандозӣ ва умуман роҳбарӣ ба фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо (дар дигар самтҳо низ) имкониятҳои (илмӣ, кадрӣ) маҳдудтар дорад. Пас аз 8 соли сипарӣ гардидан аз қабули қарори мазкур Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иҷрои ваколатҳои худ вобаста ба роҳбарии методӣ ба фаъолияти китобхонаҳои мамлакат ягон тадбири мушаххас наандешидааст.

Дар мавриди ба зиммаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон вогузор намудани масъулияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ вазъият на танҳо дар самти фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо, балки дар дигар ҷанбаҳои фаъолияти китобдорӣ ба маротиб беҳтар хоҳад гашт. Аммо қаблан, тавре ки аллакай зикр гардид, ба моддаи 18-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» вобаста ба функсияҳои иҷтимоии Китобхонаи миллии Тоҷикистон бояд тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шаванд. Зеро амалияи китобдории кишварҳои мутараққии олам собит менамояд, ки функсияи роҳбарии ягонаи методӣ ба фаъолияти китобхонаҳо одатан ба зиммаи китобхонаи калонтарин вогузор карда шудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар самти фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд, ин тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ баланд бардоштани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти роҳбарӣ ва идоракунии соҳаи китобдорӣ мебошад. Масалан, дар қиёс бо санадҳои қонунгузории кишварҳои узви ИДМ, ки нақш ва

ҷойгоҳи мақомоти номбурдаро дар соҳаи китобдорӣ муайян менамоянд, нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти кишвар дар соҳаи китобдорӣ, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо чандон назаррас нест. Зиёда аз ин, зарурати мушаххасгардонии функсияи роҳбарикунандаи онҳо дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ кайҳо ба миён омадааст.

Дар моддаи 14-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», ки «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ» унвон дорад, қайд гардидааст, ки «Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидора ҳамоҳангсозии робитаҳои байниминтақавӣ ва байниидоравии хизматрасонии иттилоотию китобдорӣ, аз ҷумла иттилоотонии ҷомеаро ташкил мекунанд» [6,с.35]. Аз ин бармеояд, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар мавриди ошкор гардидан ё ошкор намудани таҷрибаи пешқадами хизматрасонии иттилоотию китобдорӣ, инчунин дастовардҳои инноватсионӣ-методӣ дар фаъолияти китобхонаҳои ягон минтақаи Тоҷикистон муваззафанд, ки барои дастрас ва паҳн намудани он дар китобхонаҳои ҳудуди марзӣ-маъмурии худ тадбирҳои амалӣ андешанд. Албатта, ин вазифаро онҳо тавассути китобхонаи марказии шаҳрӣ ё ноҳиявӣ анҷом дода, ба ин васила дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ саҳм мегузоранд. Дар татбиқи ин вазифа мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо нисбат ба шаҳрҳо бояд бештар манфиатдор бошанд, зеро ноҳия (деҳот) дар қиёс бо шаҳр аз нигоҳи инфрасохтори иҷтимоӣ-фарҳангӣ имкониятҳои маҳдудтар дорад ва ин норасоиро тавассути сиёсати фаъолонаи китобдорӣ-иттилоотӣ ҷуброн карда метавонад.

Мутобиқи моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (17.05.2004, №28) Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколатҳои хеш «роҳҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоии маҳалро муайян намуда, нақша ва барномаҳои дахлдорро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунад» [3]. Шакли асосии фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ ба шумор рафта, тавассути он ваколати мақомоти номбурда амалӣ мегардад.

Бинобар ин, дар доираи ваколатҳои қонунии хеш мақомоти номбурда имкон доранд «Низомнома оид ба низоми фаъолияти инноватсионӣ-методӣ дар вилоят (шаҳр, ноҳия)» ё «Низомнома оид ба хадамоти ягонаи инноватсионӣ-методии вилоят (шаҳр, ноҳия)», инчунинстандартҳои давлатӣ оид ба ин ё он намуди фаъолияти китобхонаҳо, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ-методиро тасдиқ ва раванди иҷрои онҳоро назорат кунанд.

Агар таҷрибаи кишварҳои мутараққии оламро дар ин самт таҳлил намоем, басо ибратангез аст. Масалан, дар бисёр субъектҳои Федератсияи Россия дар давоми нимсолаи дуюми солҳои 90-ум қонунҳое қабул карда шуданд, ки фаъолияти китобдориро танзим менамоянд. Мавриди зикри аст, ки дар тамоми асноди қонунгузории минтақавии Федератсияи Россия китобхонаҳои марказӣ вазифадор карда шудаанд, ки ба китобхонаҳои минтақаи «худ» ёрии методӣ расонанд.

«Аз 63 қонунҳои минтақавӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ дар 41 адади онҳо (65%) фаъолияти методӣ шарҳу эзоҳ дода шудааст, яъне функсияҳои асосӣ, мақсаду вазифаҳои онҳо муайян карда шудаанд. Дар байни функсияҳои асосиии кори методии китобхонаҳои марказӣ, ки қонунҳои минтақавӣ (Федератсияи Россия, З.Ш.) муайян кардаанд, дар мақоми аввал функсияи идоранамоӣ ва ташкилӣ ҷой гирифтааст» [1, с. 36].

Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами субъектҳои Россия, ки низоми китобдориашон ба Тоҷикистон шабоҳат дорад, басо мароқангез буда, ҷоринамоии онҳо дар амалияи қонунэҷодкунии Тоҷикистон ба пешрафти фаъолияти китобдорӣ дар мамлакат мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ**


1. Качковская И.Н. Нормативно-правовая база методической деятельности региональных библиотек [Текст] / И.Н. Качковская, Л.Н. Михеева // Библиотечное дело.- 2011.- № 21.- С. 36-41.
2. Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар [Матн]: маводи роҳбарикунанда; мураттибон Қ. Авғонов, Ҷ. Раҷабов; муҳаррир М. Юсупова.- Душанбе: Санадвора, 2009.- 60 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (аз 17.05.2004, № 28). [Манбаи электронӣ].- Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj/
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (аз 26.03.2009, № 506). [Манбаи электронӣ].- Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj/.

5. Оинномаи муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон»: Бо фармоиши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.02.2011, №2 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ].- Низоми дастрасӣ http://www.kmt.tj/content/
6. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ [Матн]: маълумотнома ва тавсияҳои методӣ / Мураттиб С. Шосаидов, Муҳаррир А. Раҷабов.- Душанбе: Недра, 2008.- 152 с.
7. Шосаидов С. Имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи китобдорӣ: вазъият ва проблемаҳо [Матн] / С. Шосаидов, А. Валиев// Паёмномаи фарҳанг: Нашрияи илмию таҳлилӣ.- Душанбе: Истеъдод, 2014.- №4 (28).- С. 3-11.
8. Шосаидзода С. Сиёсати китобдории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Фаъолияти китобдорӣ. Фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ: назария, услубҳо, амалия [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо; таҳияи Қ. Бӯриев.- Душанбе: Ирфон, 2013.- 240 с.

## МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНОТИ ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ КИТОБХОНАҲО

Мақола ба проблемаи таъминоти заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо бахшида шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола, заминаи меъёрии ҳуқукии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатӣ-оммавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низомномаҳо, оинномаҳо ва дигар дастурамалҳое, ки ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти методии китобхонаҳоро танзим менамоянд, ташкил медиҳанд. Қайд карда шудааст, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» дар мамлакат барои ташаккул ва татбиқи амалии сиёсати китобдории ба талаботи меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯ, заминаҳои нисбатан устувори ҳуқуқӣ фароҳам омаданд. Муаллиф қайд намудааст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» функсияи ҳамоҳангсози китобхонаҳои марказии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, аз ҷумла китобхонаҳои вилоятӣ нисбат ба тамоми китобхонаҳои марз (вилоят, шаҳр, ноҳия) инъикос ёфтааст. Китобхонаи марказӣ ҳамчун марказӣ илмӣ-методӣ барои китобхонаҳои шаҳр, ноҳия ба шумор меравад, он марказест, ки кори методии китобхонаҳои идораву муассиса ва ташкилотҳои гуногунро ҳамоҳанг месозад. Ба андешаи муаллиф, субъектҳои Федератсияи Россия дорои низоми китобдории бо Тоҷикистон шабеҳ (монанд) мебошанд, аз ин рӯ дар мақола зарурияти омӯзиши таҷрибаи пешқадами онҳо оид ба ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо таъкид шудааст.

**Калидвожаҳо:** заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ, сиёсати китобдорӣ, фаъолияти китобдорӣ, фаъолияти инноватсионӣ-методӣ, оиннома, низомнома, китобхонаи марказӣ, маркази инноватсионӣ-методӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЙ БАЗЫ ИННОВАЦИОННО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БИБЛИОТЕК

Статья посвящена проблеме обеспечения нормативно-правовой базы инновационно-методической деятельности библиотек. По мнению автора, нормативно-правовую базу инновационно-методической деятельности государственных массовых библиотек Республики Таджикистан составляют Конституция Республики Таджикистан, законы Республики Таджикистан, в том числе Закон Республики Таджикистан «О библиотечной деятельности», другие нормативно-правовые акты, положения, уставы и другие инструкции, регулирующие отдельные аспекты методической деятельности библиотек. Отмечается, что с принятием Закона Республики Таджикистан «О библиотечной деятельности» в стране были созданы наиболее устойчивые правовые основы для формирования и практической реализации библиотечной политики, отвечающие международным нормативно-правовым требованиям. Автор отмечает, что в Законе Республики Таджикистан «О библиотечной деятельности» зафиксирована координирующая функция центральных городских, районных, в том числе и областных библиотек по отношению ко всем библиотекам территории (области, города и района). Центральная библиотека является научно-методическим центром в помощь работе библиотек города, района, центром, обеспечивающим координацию методической работы библиотек различных ведомств, учреждений и организаций. Автор считает, что субъекты Российской Федерации имеют аналогичные с Таджикистаном библиотечные системы, поэтому в статье констатируется необходимость изучения их передового опыта по формированию нормативно-правовой базы инновационно-методической деятельности библиотек.

**Ключевые слова:** нормативно-правовая база, нормативно-правовое обеспечение, библиотечная политика, библиотечное дело, инновационно-методическая деятельность, устав, положение, центральная библиотека, инновационно-методический центр.

## THE PROBLEM OF PROVIDING NORMATIVE-LEGAL BASE OF INNOVATIVE-METHODICAL ACTIVITY OF LIBRARIES

The article is devoted to the problem of ensuring the regulatory framework of innovative and methodological activities of libraries. According to the author of the article the normative-legal base of innovative-methodical activity of the state mass libraries of the Republic of Tajikistan is made by the Constitution of the Republic of Tajikistan, laws of the Republic of Tajikistan, including the Law of the Republic of Tajikistan "On library activity", other normative-legal acts, regulations, charters and other instructions regulating certain aspects of methodical activity of libraries. It is noted that with the adoption of the Law of the Republic of Tajikistan "On library activities" in the country, the most stable legal framework for the formation and practical implementation of library policy that meet international legal requirements was created. The author notes that the Law of the Republic of Tajikistan "On library activities" fixed coordinating function of the Central city, district, including regional libraries in relation to all libraries of the territory (region, city and district). The Central library is a scientific and methodological center to help the libraries of the city, district, center, providing coordination of methodical work of libraries of various departments, institutions and organizations. The author believes that the subjects of the Russian Federation have similar library systems with Tajikistan, so the article States the need to study their best practices in the formation of the regulatory framework of innovative and methodological activities of libraries.

**Key words:** normative legal base, normative legal support, library policy, library business, innovation and methodical activity, Statute, regulation, Central library, innovation and methodical center.

**Сведения об авторе:** ***Зафари Шариф*** – Таджикский государственный институт культуры и искусства имени Мирзо Турсунзода, зав. кафедрой библиотековедения и библиографоведения. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад, 73[а]. Телефон: **(+992) 938-06-02-72**

**Information about the author:** ***Zafari Sharif*** – Tajik State Institute of Culture and Art named after Mirzo Tursunzod, head. Department of Library Science and Bibliography. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad street, 73[a]. Phone: **(+992) 938-06-02-72**

**УДК: 343(575.3)**

## ОБЪЕКТИВНЫЕ ПРИЗНАКИ ЗАРАНЕЕ НЕ ОБЕЩАННОГО УКРЫВАТЕЛЬСТВА

***Ходжазода Ф.Ф.***
**Академия МВД Республики Таджикистан**

В доктринальных материалах до сих пор отражается дискуссия об определении родового объекта укрывательства. Отдельная группа авторов выдвигает положение о многообъектности укрывательства как вида прикосновенности, определяя при этом, с одной стороны, общественные отношения в сфере предотвращения, пресечения или изобличения конкретных преступлений; с другой - общественные отношения в сфере предупреждения преступлений определенного рода, т.е. аналогичных тем, в отношении которых имел место факт непредотвращения, непресечения или неизобличения [1,с.8-9]. Г.И. Баймурзин, не соглашаясь с такой точкой зрения, отмечает: «...исходя из этого они приходят к выводу, что деятельность прикосновенного лица одновременно посягает на два объекта, коими являются интересы правосудия и объект того преступления, в связи с которым эта деятельность возникает. При этом основным, определяющим признается объект преступления, о прикосновенности к которому идет речь. Представление о двойственной природе прикосновенности следует признать ошибочным. Оно основано на искусственном расчленении единой сущности прикосновенной деятельности» [2,с.10]. Л.В. Лобанова указывает, что укрывательство носит промежуточный характер, которое, с одной стороны, есть нарушение условий для осуществления как процессуальной деятельности, так и деятельности по исполнению приговора, а с другой – мешает выполнению вполне определенной задачи правосудия-изобличению виновных, определению меры их вины и применению к ним заслуженного наказания. Возможно, «пограничность» данного состава и послужила одной и причин того, что законодатель поместил его в конце главы 31 УК [3]. Другая группа ученых утверждает, что объектом прикосновенности к преступлению выступают общественные отношения, обеспечивающие основы общественной безопасности и общественную безопасность [4,с. 29-30, 54]. Так, в своей работе Н.С. Косякова, изучив различные подходы законодателя и многообразие точек зрения ученых, приходит к выводу, что сущность прикосновенности выражается в посягательстве на целую систему общественных отношений, составляющих условия нормального и безопасного существования общества. Нарушая правила, предписываемые нормами о прикосновенности, лицо посягает на безопасный уклад жизни людей. В итоге она делает вывод о целесообразности переноса норм, составляющих институт прикосновенности, в раздел УК РФ «Преступления против общественной безопасности» [5,с.12]. Исследовавший укрывательство по советскому уголовному законодательству П.К. Евдакимов приходит к выводу, что действия укрывателя посягают на те же общественные отношения, охраняемые уголовным законом, что и действия исполнителя преступления [6,с.10-12]. Напротив, О.И. Семыкина аргументирует, что заранее не обещанное укрывательство, хотя объективно и соединено с основным особо тяжким преступлением, однако не наносит действительного ущерба его непосредственному объекту и направлено на причинение вреда общественным отношениям исключительно в сфере правосудия. Объединение же двух объектов различных посягательств либо выделение в качестве объекта сокрытия преступления и преступника общественных отношений, нарушаемых в процессе совершения основного преступления, в корне искажает юридическую природу укрывательства как самостоятельного уголовно-наказуемого деяния и, кроме того, превращает его в придаток соучастия [7].

С.А. Денисов непосредственным объектом укрывательства определяет общественные отношения, обеспечивающие нормальную деятельность органов правосудия в части изобличения виновных и расследования дел об особо тяжких преступлениях [8]. В учебниках

по уголовному праву отражается аналогичный подход [9]. К примеру, в учебном пособии по уголовному праву под редакцией А.Б. Мельниченко, С.Н. Радачинского предлагается преступления против правосудия по непосредственному объекту подразделить на пять групп, где укрывательство относится к преступлениям, посягающим на деятельность органов по своевременному пресечению и раскрытию преступлений [10]. В.Ю. Шарая, классифицируя преступления против правосудия на шесть групп, заранее не обещанное укрывательство включила в группу преступлений, объединенных признаком отказа от выполнения конституционных, процессуальных обязанностей либо приговора суда, посягающих тем самым на установленный порядок расследования [11,с.19].

Учитывая дискуссионность вопроса об объекте прикосновенности, представляется, что под таковым (во всяком случае, основным) следует понимать общественные отношения в сфере деятельности соответствующих государственных органов по предотвращению, пресечению и раскрытию преступлений, что является неотъемлемой частью нормального отправления правосудия. Обосновать этот вывод можно тем, что соответствующие нормы уголовного закона располагаются в главе «Преступления против правосудия» и поскольку одной из задач правоохранительных органов является предупреждение и пресечение преступлений, то прикосновенность в любом виде и помимо возможного причинения ущерба другим отношениям, в первую очередь и всегда посягает на интересы правосудия [12].

Таким образом, доминирующим и, на наш взгляд, верным является мнение тех авторов, которые определяют объектом укрывательства, как вида

прикосновенности общественные отношения в сфере деятельности соответствующих органов государства по выявлению, предотвращению, пресечению и раскрытию преступлений [13]. «Нельзя не согласиться с мнением Тишкевича И.С., утверждавшего, что укрыватели - это лица, которые «помогают преступнику уйти от ответственности, скрывая следы совершенного им правонарушения, а подчас и его самого», чем причиняют большой ущерб интересам правосудия, препятствуют осуществлению принципа неотвратимости наказания [14,с.84] «- аргументирует В.Г. Трифонов. Далее автор указывает: «По замечанию В.Г. Смирнова, укрыватели препятствуют «борьбе ...государства с преступным посягательством». Ш.С. Рашковская конкретизирует, говоря, что объект укрывательства - это «нормальная деятельность органов дознания, предварительного следствия и суда по раскрытию преступления и изобличению преступника». Объектом заранее не обещанного укрывательства также А. Пионтковский определял нормальную деятельность органов правосудия, «поскольку укрывательство затрудняет раскрытие преступления и изобличение виновных. Именно посягательством на этот объект определяется общественная опасность данного преступления. Однако степень общественной опасности укрывательства значительно повышается вследствие того, что укрывательство, не затрагивая других объектов, вместе с тем создает условия для совершения других, в ряде случаев тяжких преступлений» [15].

К числу спорных вопросов, касающихся объективной стороны заранее не обещанного укрывательства, следует отнести способ совершения рассматриваемого преступления. Одни правоведы утверждают, что укрывательство возможно путем бездействия [16], если оно осуществляется путем молчаливого предоставления укрываемому тех или иных материальных средств, находящихся в ведении укрывателя [17]. «В этих случаях укрывательство осуществляется посредством непротиводействия основному преступнику, использующему его средства для сокрытия или совершенного импреступления» [18]. М.И. Ковалев же считает, что подобное укрывательство имеет место в тех случаях, когда должностное лицо, обязанное в силу своего служебного положения нести ответственность за сохранность государственного или общественного имущества, заведомо не препятствует его хищению [19,с.9]. Между тем, непротиводействие основному преступнику должностным лицом по ранее действующему уголовному законодательству рассматривалось не как укрывательство, а как попустительство. Не признавая убедительными аргументы авторов, В.Г. Трифонов утверждает, что в их примерах отражено бездействие попустителей преступлению либо недоносителей о преступлении [14,с.86]. В свое время еще Н.С. Таганцев, характеризуя Уложение 1845 года, определял, что укрывательство предполагает совершение какого-либо активного действия, направленного на сокрытие преступника или следов преступления [20], эта деятельность должна иметь физический характер: содействие иными приемами и способами такому сокрытию виновного от правосудия под понятие укрывательство не подходило [21].

Кроме того, в юридическом словаре укрывательство определяется как умышленное сокрытие преступника или следов преступления. Далее, «скрыть» определяется синонимами: спрятать, чтобы другие не могли обнаружить. Сделать чего-либо незаметным, не

привлекающим внимания; сделать невидимым, недоступным взгляду; утаить, сохранить в тайне от других. Не дать возможности другим заметить [22].

Часть 2 статьи 347 УК РТ не дает определения заранее не обещанного укрывательства, тем не менее, предусматривает наказание в виде лишения свободы на срок до пяти лет.

Обобщая выборочное изучение современных учебников по уголовному праву и комментариев к уголовному законодательству, можно отметить, что укрывательство преступника состоит в умышленном предоставлении ему убежища с целью сокрытия от правоохранительных органов; в видоизменении его внешнего вида, затрудняющем разоблачение (например, передача парика, наложение грима, удаление усов или бороды либо волос на голове, перемена одежды и т.п.); снабжение преступника подложными (фиктивными) документами; предоставление укрываемому лицу транспортных средств, в том числе с целью облегчения побега от погони, одним словом, все то, в силу чего виновный на долгое или даже на короткое время, например, на время обыска, был укрыт или долженствовал быть укрытым от органов власти, причем эта деятельность должна была иметь физический характер [21,с.628].

Как укрывательство преступника следует рассматривать не только случаи сокрытия самого исполнителя преступления, но и соучастников (организатора, пособника, подстрекателя) [23,с.60,61], причем не имеет значения, укрывается ли лицо, обвиняемое или еще не изобличенное в совершении преступления, так как во всех случаях присутствует факт прикосновенного укрывательства, посягающего на нормальную деятельность органов правосудия по привлечению виновных к уголовной ответственности [14,с.92].

Укрывательство следов преступления заключается в их сокрытии, уничтожении или видоизменении. Практически в подобных случаях речь идет об уничтожении, сокрытии или видоизменении вещественных доказательств, т.е. предметов, которые сохранили на себе следы преступления, либо изменении первоначального вида обстановки, места совершения преступления. Обращает внимание уголовное дело, в материалах которого указано, что 27.08.2004г. примерно в 19.30 часов 102 микрорайоне г. Душанбе, двое неизвестных лиц с применением насилия опасного для жизни и здоровья, завладели у гр. А. автомашиной марки «Мерседес-бенц – 190». Сотрудниками ОМВД по району Сино г. Душанбе был задержан гр. К., и объявлен в розыск не установленный следствием «Рустам». Подозреваемый показал, что после совершения преступления они сообщили о преступлении и договорились с гр. В., который предоставил двор частного дома для разборки автотранспортного средства с целью дальнейшей продажи. Последний для уничтожения кузова попросил знакомого сварщика гр. И. помочь. Суд района Сино г. Душанбе признал виновными за преступление, предусмотренное ч.2 ст. 347 УК РТ, и назначил В. и И. по 3 годам лишения свободы с отбыванием наказания в колонии поселения для лиц, осужденных к лишению свободы, оправдав за отсутствием в их действиях состава преступления, предусмотренного ст. 255 (Умышленное уничтожение или повреждение имущества) УК РТ, и определил, что подсудимые В. и И. по просьбе «Рустама» и К. за 2700 сомони помогли скрыть следы преступления [24]. На наш взгляд, в данном случае имеет место идеальная совокупность преступлений, так как В. и И., разрезая на куски кузов автотранспортного средства, все же осознавали, что своими действиями уничтожают чужое имущество, предвидели наступление общественно опасных последствий и желали этого. А мотивы в заранее не обещанном укрывательстве и умышленном уничтожении чужого имущества значения при квалификации не имеют.

Укрывательство орудий и средств преступления существенным образом затрудняет работу органов правосудия, так как при этом скрываются такие предметы, которые могут служить средством обнаружения преступления, установления фактических обстоятельств дела. Уголовно правовая доктрина признает под орудиями преступления предметы, которыми непосредственно совершается преступление, а средствами совершения преступления называются такие предметы, которые облегчают совершение преступления или используются при этом. Под укрывательством орудий и средств совершения преступления следует понимать их сокрытие, уничтожение.

Вместе с тем, выборочное изучение 12 уголовных дел, возбужденных по статье 347 УК РТ в период с 2004 по 2015 годы, показало, что имелись случаи привлечения к уголовной ответственности по статье 347 УК за бездействие (4 (25%) из 12 уголовных дел) лиц, узнавших по каким-либо причинам о факте совершения основного преступления и не сообщивших в правоохранительные органы, т.е., как указывается в материалах уголовных дел, виновным инкриминировали заранее не обещанное укрывательство «за несообщение в правоохранительные органы о фактах тяжкого или особо тяжкого преступления», поскольку уголовное законодательство Республики Таджикистан предусматривает ответственность за

Несообщение о достоверно известном готовящемся или совершенном тяжком или особо тяжком преступлении, а равно несообщение о достоверно известном лице, совершившим это преступление, или о месте его нахождения.

По смыслу диспозиции статьи 347 УК РТ следует, что рассматриваемое преступление имеет формальный состав и оконченным считается с момента совершения соответствующих действий укрывателем [25,с.22]. Необходимо отметить, что укрывательство в отдельных случаях может выразиться в единичном конкретном действии, но нередко оно представляет собой длящееся преступление (например, виновный в течение длительного времени скрывает преступника или хранит у себя дома похищенные предметы) [26,с.49]. В связи с этим важно определение начального и конечного момента заранее не обещанного укрывательства, так как в ряде случаев данные обстоятельства влияют на исчисление сроков давности привлечения к уголовной ответственности. Начальным моментом рассматриваемого преступления следует считать совершение активных действий, направленных на сокрытие преступника или следов преступления, независимо от достигнутых целей. Заранее не обещанное укрывательство длится до тех пор, пока виновный продолжает скрывать преступника, орудия и средства совершения преступления, предметы, на которых содержатся следы преступления либо предметы, добытые преступным путем.

По общему правилу, конечный момент укрывательства как формального состава зависит от ряда обстоятельств, которые условно можно разделить на 3 группы:

-прекращение укрывателем действий по своей собственной воле;

-под влиянием явлений и событий реальной действительности, которые препятствуют продолжению преступления;

-наступление обстоятельств, устраняющих преступность деяния [26,с.50].

Таким образом, исследование объективных признаков заранее не обещанного укрывательства позволяет обозначить основные моменты, заключающиеся в том, что: исследуемое преступление посягает на общественные отношения в сфере деятельности органов правосудия по выявлению, предотвращению, пресечению и раскрытию тяжких и особо тяжких преступлений, что, на наш взгляд, и является объектом заранее не обещанного укрывательства; заранее не обещанное укрывательство с объективной стороны характеризуется исключительно активными физическими действиями, направленными на укрывательство преступника, орудий и средств совершения преступления, следов преступления либо предметов, добытых преступным путем.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Виттенберг Г.Б. Прикосновенность к преступлению по советскому уголовному праву.: Уч. пособ./ Г.Б. Виттенберг, П.Н. Панченко. – Иркутск, 1976. -С.13-14; Ковалев М.И. Уголовная ответственность за укрывательство преступлений по советскому уголовному праву: автореф. дисс... к.ю.н./ М.И. Ковалев. -М., 1952. -С. 8-9.
2. Баймурзин Г.И. Ответственность за прикосновенность по советскому уголовному праву: автореф. дисс... к.ю.н./ Г.И. Баймурзин. - М., 1966. -С. 10.
3. Лобанова Л.В. Преступления против правосудия: теоретические проблемы классификации и законодательной регламентации / Л.В. Лобанова. – Волгоград: Изд-во Волг. гос. универ., 1999. -50с.
4. Разгильдиев Б.Т. Уголовно-правовые проблемы прикосновенности к преступлению / Б.Т. Разгильдиев. - Саратов, 1981. -С.29-30, 54.
5. Косякова Н.С. Прикосновенность к преступлению по российскому уголовному праву: становление, состояние и перспективы развития: автореф. дисс...к.ю.н. / Н.С. Косякова. Академ. управления МВД России. -М., 2001.-С. 12.
6. Евдакимов П.К. Ответственность за укрывательство по советскому уголовному праву: автореф. дисс... к.ю.н./ П.К. Евдакимов. - Л., 1953. -С. 10-12.
7. Семыкина О.И. Ответственность за укрывательство преступлений по уголовному праву России: автореф. дисс... к.ю.н. Росс. академ. правосудия / О.И. Семыкина. - М., 2003.-18с.
8. Комментарий к УК РФ с постатейными материалами и судебной практикой. – Ростов н/Д: Изд. центр «МараТ», 2002. -С.387.
9. Комментарий к Уголовному кодексу Кыргызской Рсепублики/ Т.А. Асаналиев, А.Ж. Каримбеков, К.А. Осмоналиев. – Бишкек, 2002. С. 541; Комментарий к Уголовному Кодексу РФ/ РАН ИГЛ; Отв. ред. А.В. Наумов. -2-е изд.. перераб. и доп. – М.: Юристь, 2000.С. 757; Мельниченко А.Б., Радачинский С.Н. Уголовное право. Общ. ч: уч. пособ. для студ. юрид. фак-в и специальностей вузов. – Ростов н/Д: изд.центр «МараТ», 2002. С387; Федоров А.В. Преступления против правосудия (вопросы теории, понятие и классификация) /отв.ред. А.И.Чучаев.-Калуга: Изд. АКФ «Политоп», 2004. С. 182 и др.
10. Мельниченко А.Б., Радачинский С.Н. Указ соч. С.354. Также о квалификации преступлений против правосудия см.: Лобанова Л.В. Преступления против правосудия: теоретические проблемы классификации и законодательной регламентации. Волгоград: Изд. Волгоград. Гос. Универ., 1999; Гаранина М.А. Система преступлений против правосудия (формирование и развитие): Автореф. дисс...к.ю.н. М., 1995; Чучаев А.И. Преступления против правосудия: Науч.-практ коммент. -Ульяновск, 1997; Денисов С.А. Актуальные проблемы уголовной ответственности за преступлений против правосудия: Дисс.

Д.ю.н.(12.00.08.)/А.С.Денисов; МВД РФ., СпбУ. СПб.: СПбУ МВД РФ,2002; Денисов С.А. Преступления против правосудия : Уч. пособ./МВД Рос. СПбУ; Под общ. Ред. В.П. Сальникова.-СПб., 2001. Идр.
11. Шарая В.Ю. Объект преступлений против правосудия: автореф. дисс...к.ю.н. / В.Ю. Шарая. - СПб., 2005.-С.19.
12. Галактионов Е.А. Соучастие в преступлении. Монография/ Е.А. Галактионов/ Под ред. Сальникова В.П. -СПб.: СПбУ МВД РФ, 2001. -С. 156.
13. Баймурзин Г.И. Указ. соч. С.10-11., Трифонов В. Г. Заранее не обещанное укрывательство преступлений и несообщение о них как виды прикосновенности к преступлению. автореф. дисс... к.ю.н. СПбУ МВД РФ. СПб., 2000.-16С., Семыкина О.И. Ответственность за укрывательство преступлений по уголовному праву России. Дисс. ... к.ю.н. Росс.академ.правосудия. М., 2003.-С62. и др. Следует отметить, что видные юристы 19 века как Н.С. Таганцев, В.Д. Спасович, А.В. Лохвицкий, Н. Полетаев, А.Н. Трайнин основным объектом укрывательства определяли интересы правосудия.
14. Трифонов В.Г. Заранее не обещанное укрывательство преступлений и несообщение о них как виды прикосновенности к преступлению: д...к.ю.н. СПбУ. МВД РФ. СПб., 2000. С. 84
15. Курс уголовного права /Под ред. Пионтковского А.А. т.4. -М., 1970. -С. 175
16. Ковалев М.И. Уголовная ответственность за укрывательство преступлений по советскому уголовному праву. Автореф.дисс...к.ю.н. М. 1952. С. 9-10, Омаров А.С. Ответственность за укрывательство по советскому уголовному праву. Автореф. дисс. ... к.ю.н. М., 1954. С.8, Кузнецова Н.Ф. Об одной дискуссионной работе//Вестник МГУ. №1. 1958. С. 153., Разгильдиев Б.Т. Уголовно-правовые проблемы прикосновенности к преступлению Саратов. 1981. С.54.
17. Разгильдиев Б.Т. Уголовно-правовые проблемы прикосновенности к преступлению Саратов. 1981. С.54.
18. Разгильдиев Б.Т. Уголовно-правовые проблемы прикосновенности к преступлению: автореферат дис. ... канд.юр. наук. – М., 1979. С.12
19. Ковалев М.И. Уголовная ответственность за укрывательство преступлении по советскому уголовному праву. Автореф. дисс. М., 1952. С.9.
20. Таганцев Н.С. Курс русского уголовного права. Кн. 3. С-Пб. 1880. С.159
21. Таганцев Н.С. Русское уголовное право: Часть общ. /Н.С. Таганцев. - [Переизд.]. – Тула: Автограф, 2001. Т.1, С. 628. Аналогичные взгляды отражаются и в работах таких видных правоведов, как Рашковская Ш.С. Преступления против правосудия. – М., 1978,С. 89; Смирнов В.Г. Понятие прикосновенности по советскому уголовному праву.-М.,1957,С. 59; Баймурзин Г.И. Ответственность за прикосновенность к преступлению. - Алма-Ата, 1968, С. 104; Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. -М. :АО «Центр ЮрИнфоР», 2001. С. 234. Федоров А.В. Преступления против правосудия (вопросы теории, понятие и классификация) /отв.ред. А.И. Чучаев. – Калуга: Изд. АКФ «Политоп», 2004. С. 184.
22. Большой толковый словарь русского языка/Гл. ред. С.А. Кузнецов.-СПб.: «Норинт», 2003.С.1203, 1382; Ушаков Д.Н. Большой толковый словарь современного русского языка. - М.: «Альта-Принт», 2005. С. 1099.
23. Смирнов В.Г. Понятие прикосновенности по советскому уголовному праву. – М.,1957. С.58. Также: Бушуев И. А. Ответственность за укрывательство преступлений и недоносительство. М., «Юридическая литература», 1965. С. 60, 61.
24. Архив суда района Сино г. Душанбе.
25. Гришанин П. Ответственность за укрывательство преступлений и недонесение о них// Советская юстиция, №15. 1975. С. 22.
26. Хабибуллин М.Х. Ответственность за укрывательство и недоносительство по советскому уголовному праву. – Казань, 1984. С.49.

## НИШОНАҲОИ ОБЪЕКТИВИИ РӮПӮШКУНИИ ПЕШАКӢ ВАЪДАНАКАРДАШУДА

Дар мақола нишонаҳои объективии рӯпӯшкунии пешакӣ ваъданакардашуда мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар маводи доктриналӣ то имрӯз мубоҳиса оиди муайянсозии объекти ҳамгуни рӯпӯшкунӣ давом дорад. Гурӯҳи ҷудогонаи муаллифон муқарраротро оиди серобъективии рӯпӯшкунӣ ҳамчун навъи таалуқ доштан пешниҳод сохта, аз як тараф муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи пешгирӣ, барҳамдиҳӣ ва ё ошкор кардани ҷиноятҳои аниқ, аз тарафи дигар – муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи пешгирии ҷиноятҳои навъи муайян, яъне он ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо далели пешгирӣ накардан, барҳам надодан ва ё ошкор накардан муайян менамояд. Таҳқиқи нишонаҳои объективии рӯпӯшкунии пешакӣ ваъданакардашуда имконият медиҳад, ки лаҳзаҳои асосиро ишорат намоем, ки иборат аз он аст, ки: ҷинояти таҳқиқшаванда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди ошкор, пешгирӣ, барҳамдиҳӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин тааруз менамояд, ки ин аз назари мо объекти рӯпӯшкунии пешакӣ ваъданакардашуда маҳсуб меёбад; рӯпӯшкунии пешакӣ ваъданакардашуд аз ҷиҳати объективӣ бо амалҳои фаъоли ҷисмонӣ тавсиф мегардад, ки ба рӯпӯшкунии ҷинояткор, олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят, нишонаҳои ҷиноят ва ё ашёҳои бо роҳи ҷиноӣ бадастовардашуда равона карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** рӯпӯшкунӣ, муайянсозии объекти ҳамгуни рӯпӯшкунӣ, серобъективии рӯпӯшкунӣ,, пешгирии ҷиноятҳои дорои хелҳои гуногун, рӯпӯшкунии ҷинояткор.

## ОБЪЕКТИВНЫЕ ПРИЗНАКИ ЗАРАНЕЕ НЕ ОБЕЩАННОГО УКРЫВАТЕЛЬСТВА

В статье рассмотрены объективные признаки заранее необщеннанного укрывательства. В доктринальных материалах до сих пор отражается дискуссия об определении родового объекта укрывательства. Отдельная группа авторов выдвигает положение о многообъектности укрывательства как вида прикосновенности, определяя при этом, с одной стороны, общественные отношения в сфере предотвращения, пресечения или изобличения конкретных преступлений; с другой - общественные отношения в сфере предупреждения преступлений определенного рода, т.е. аналогичных тем, в отношении которых имел место факт непредотвращения, непресечения или неизобличения. исследование объективных признаков заранее не обещанного укрывательства позволяет обозначить основные моменты, заключающиеся в том, что: исследуемое преступление посягает на общественные отношения в сфере деятельности органов правосудия по выявлению, предотвращению, пресечению и раскрытию тяжких и особо тяжких преступлений, что, на наш взгляд, и является объектом заранее не

обещанного укрывательства; заранее не обещанное укрывательство с объективной стороны характеризуется исключительно активными физическими действиями, направленными на укрывательство преступника, орудий и средств совершения преступления, следов преступления либо предметов, добытых преступным путем.

**Ключевые слова:** укрывательство, определении родового объекта укрывательства, многообъектность укрывательства, предупреждение преступлений определенного рода, укрывательство преступника.

**OBJECTIVE SIGNS IN ADVANCE OF NOT PROMISED HIDDEN**

The article discusses the objective signs of advance unpublished concealment. The doctrinal materials still reflect the discussion about the definition of the generic object of concealment. A separate group of authors puts forward the provision on the multidimensional nature of concealment as a form of implication, while determining, on the one hand, social relations in the field of preventing, suppressing, or exposing specific crimes; on the other, public relations in the field of the prevention of crimes of a certain kind, i.e. similar to those in respect of which there was a fact of non-prevention, non-suppression or non-exposure. the study of objective signs of concealment not promised in advance allows us to identify the main points that: the investigated crime encroaches on public relations in the field of activity of the judiciary to identify, prevent, suppress and solve serious and especially serious crimes, which, in our opinion, It is the object of advancement of promised concealment; concealment that was not promised in advance on the objective side is characterized by exclusively active physical actions aimed at harboring the offender, tools and means of committing a crime, traces of a crime or objects obtained by criminal means.

**Key words:** concealment, determination of the generic object of concealment, multiple objectivity of concealment, prevention of crimes of a certain kind, concealment of a criminal.

**Сведения об авторе:** ***Ходжазода Ф.Ф.*** - Академия МВД Республики Таджикистан, адъюнкт. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Мастонгулова 3.

**Information about the author:** ***Khodzhazoda F.F.*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, associate. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 3 Mastongulova street.

**УДК:341 (575.3)**

# МАВҚЕИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳусейнов Ш.А.***

**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ**

Дар таҷрибаи ҷаҳонии конститутсионӣ шартномаи байналмилалӣ ба сифати қисми таркибии низоми миллии ҳуқуқӣ бо афзалият доштани он нисбат ба қонунгузории дохилидавлатӣ эътироф шудааст. Аммо дар матни моддаи 10-уми Конститутсияи ҶТ истилоҳи «шартномаи байналмилалӣ» вуҷуд надорад. Тасвияи «санади ҳуқуқии байналмилалӣ» эҳтимол маънои «санад-созишнома»-и байналхалқиро дошта бошад. Бо вуҷуди ин, дар моддаи 89-уми Конститутсияи ҶТ аз он хусус сухан меравад, ки масъалаҳо оид ба таносуби Конститутсия бо шартномаҳои ба қувваи амал надаромадаи шартномаҳои Тоҷикистон меравад, ки таҳти назорати Суди конститутсионии ҶТ мебошанд. Ҳамин тариқ, шартномаи байналмилалӣ дар сурати эътироф шудани он аз ҷониби Тоҷикистон ва нашри расмии он ба ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ табдил ёфта, дар муносибат ба қонунҳои миллӣ афзалият пайдо мекунад. Чунин хулоса аз маънои моддаҳои 10-ум ва 89-уми Конститутсияи ҶТ бармеояд. Тибқи Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон (инчунин шартномаҳои байналмилалӣ, ки ин ҷо дар назар аст) қисми таркибии низоми ҳуқуқ мебошанд, ҳангоми мухолифат бо қонунҳо низ истифода гардида, ба таври расмӣ дар баробари дигар қонунҳо нашр мешаванд.

Муқаррарот оид ба он ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқ мебошанд, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 12-уми марти соли 2009 низ сабт шудааст. Ғайр аз ин, қонуни мазкур муқаррарот оид ба «амали бевосита»-ро низ дорад (м.8). Қонун инчунин тартиби нашри расмии санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар бар мегирад (м.58). Ҳарчанд аз рӯйи Конститутсия, афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои дохилӣ зикр мешавад, бо вуҷуди ин, дар қонуни мазкур ҷойи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар иерархияи низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ поинтар аз Конститутсия гузошта шудааст.

Дар қиёс аз Конститутсияи ҶТ ва ҚонуниҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки дар онҳо шакли абстрактии «санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» истифода шудааст, Кодекси граждании ҶТ тасвияҳои «принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ» ва «шартномаи байналмилалӣ»-ро васеъ истифода кардааст. Мувофиқи б.1 м. 7 КГ ҶТ, шартномаҳои байналмилалии ҶТ қисми таркибии низоми ҳуқуқии мамлакат ба шумор меравcovered.

КГ ҶТ инчунин муқаррарот оид ба татбиқи бевоситаи шартномаҳои байналмилалиро дар нисбати як қатор муносибатҳоеро дар бар, ки дар кодекси мазкур ишора шудаанд. Масалан, муносибатҳо дар робита бо вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муомилоти граждани, асоси пайдоиш ва амалигардонии ҳуқуқи моликият алоқамандона бо татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои бегонанашавандаи инсон ва ғайра (б.1 ва 5-и м. 1 КГ ҶТ). Агар эҳтиёҷ ба нашри санади дохилидавлатӣ пайдо шавад, пас шартномаи байналмилалӣ тавассути ин ё он воситаи муайян амалӣ мегардад (б.2 м. 7 КГ ҶТ).

КГ ҶТ (дар муқоиса бо Конститутсия ва қонуни дар боло зикршуда) авлавияти шартномаи байналмилалиро инъикос кардааст. Чунончи, тибқи б. 2 қ. 2 м. 7 КГ ҶТ: «Агар шартномаи байналмилалии ҶТ қоидаи дигар дар тафовут бо қонунгузории гражданӣ муайян карда бошад, он гоҳ қоидаи шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд».

Кодекси меҳнатии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардааст, ки агар аз ҷониби санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои имтиёзнок дар муқоиса бо санадҳои қонунгузорӣ ва ё меъёрӣ оид ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуда бошанд, он гоҳ қоидаҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба кор бурда мешаванд [1,с.123].

Муқаррарот оид ба шартномаи байналмилалӣ ҳамчун қисми низоми ҳуқуқӣ ва авлавияти он назди қонунҳо дар дигар санадҳои қонунгузорӣ низ мустаҳкам карда шудаанд. Дар адабиёт таърифи доктриналӣ ва расмии шартномаи байналмилалиро истифода мекунанд.Таърифи расмии ин меъёр дар моддаи 2-юми Конвенсияи Вена «Оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ» аз соли 1969 дода шудааст, ки тибқи он «созишномаи байналмилалӣ дар шакли хаттӣ аз ҷониби давлатҳо баста шуда ва новобаста аз он ки ин созишнома дар як ҳуҷҷат, ду ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд мураттаб гардидааст ва новобаста аз унвони мушаххаси он тавассути ҳуқуқи байналмилалӣ танзим мешавад» [3,с.45]. Таърифи доктриналӣ ба тарафҳои гуногуни сифатии шартномаи байналмилалӣ, қабл аз ҳама, аз он сарчашма мегирад, ки шартномаи байналмилалӣ ҳуқуқи байналмилалиро тавлид карда, манбаи он ба шумор меравад ва ба созиши иродаи байниҳамдигарии давлатҳо ва ҳатмӣ будани муқаррароти он барои тарафҳои шартномабанд асос меёбад [5,с.34]. Дар асоси таърифи расмӣ дар адабиёт кӯшиши ҷудо кардан ва таҳлил намудани аломатҳои алоҳидаи он анҷом дода мешавад. Чунончи, М.Н. Марченко ба аломатҳои зерини шартномаи байналхалқӣ ишора кардааст: а) шартнома метавонад унвонҳои гуногун дошта бошад – шартнома, конвенсия, тракт, эъломия; б) метавонад дар як ва ё якчанд ҳуҷҷат ҷой гирифта бошад; в) бояд ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад; г) бояд дар шакли хаттӣ баста шавад[7,с.123]

Дар таҷрибаи байналхалқӣ-ҳуқуқӣ аломатҳои алоҳидаи шартномаи байналмилалӣ зикр мешшавад, чунончи, дар Конвенсия Вена аз соли 1986 ба шумори субъектҳои шартномаи байналмилалӣ инчунин созмонҳои байналхалқиро низ шомил намудаанд [7,с.43]. Ҳамчунин, Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз соли 1969 шароити бекор эътироф намудани шартномаҳои байналмилалиро низ пешбинӣ кардааст. Ба сифати чунин шартҳо метавон хатои давлат, фиреб дар бастани шартнома, бо ришва ба даст овардани ризоияти намояндаи давлат ва ё маҷбур кардани намояндаи давлат ё худи давлат ба бастани шартномаро ном бурд.

Навъҳои шартномаи байналмилалиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23-юми июли соли 2016 муайян намудааст. Инҳо: а) шартномаҳое, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешаванд (байнидавлатӣ); б) шартномаҳое, ки аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешаванд (байниҳукуматӣ) ва в) шартномаҳое, ки аз номи кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ баста мешаванд (байниидоравӣ) [1,с.45].

Мутаносибан тартиби ҷудогонаи вориднамоии шартномаҳои байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст. Шартномаҳои байнидавлатӣ аз ҷониби парламенти Тоҷикистон ратификатсия (тасдиқ) мешаванд. Шартномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ тавассути фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати ҶТ ва санади мақоми дахлдори ҳокимияти иҷроия шомил карда мешаванд.

Мутаносибан бо системаи дар қонун зикршудаи шартномаҳои байналмилалӣ бояд масъалаи таносуби навъҳои гуногуни шартномаи байналмилалӣ бо қонунҳо ҳал карда шавад. Ҳамон тавре ки маълум аст, шартномаи байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ афзалияти юридикӣ дорад. Вобаста ба таснифоти расмии шартномаҳои байналмилалӣ масъалаи таносуби онҳо бо қонунҳо якранг ҳал намешавад, чунки масалан, шартномаи байниҳукуматӣ ва зиёда аз ин, шартномаи байниидоравӣ, ки аз ҷониби парламент тасдиқ нашудааст, аммо тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти

ҳокимияти иҷроия тасдиқ шудааст, наметавонад бо назардошти қувваи пасти амалаш ба қонунҳо волоият дошта бошад. Аз ин рӯ, танҳо шартномаи аз ҷониби парламент тасдиқшуда метавонад қувваи бештари ҳуқуқӣ нисбат ба қонунҳо дошта бошад. Фақат дар ҳамин ҳолат муқаррароти қонунгузорӣ оид ба авлавияти шартномаи байналхалқиро нисбат ба қонунҳои давлат тафсир намудан лозим мешавад. Ҳамин гуна андешаро дар таносуби шартномаҳои Россия нисбат ба қонунҳои Федератсияи Россия М.Н. Марченко баён кардааст [7,с.67].

Вобаста ба таносуби шартномаи байналмилалӣ бо Конститутсияи ҶТ масъалаи авлавият доштани Конститутсияи ҶТ ҷойи шакку шубҳа надорад. Мувофиқи моддаи 89-уми Конститутсияи ҶТ, Суди конститутсионии ҶТ ваколадор аст, ки мувофиқати «шартномаҳои ба қувваи амал надаромадаи Тоҷикистонро» бо Конститутсияи ҶТ муайян намояд.

Ин чунин маъно дорад, ки шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон бояд ҳатман бо Конститутсияи ҷумҳурӣ мувофиқат кунанд. Санҷиши конститутсионӣ будани шартномаи байналмилалӣ дар марҳилаи ҳоло тасдиқ нашуданаш аз ҷониби парламент бояд сурат гирад (аз ҷониби Маҷлиси намояндагон тибқи м. 57 Конститутсияи ҶТ). Дар ҳолати мухолифати баъзе муқаррарот ё тамоми матни шартномаи байналмилалӣ Суди конститутсионии ҶТ ин навъи шартномаро зиддиконститутсионӣ бо ҳама оқибатҳои ба амал меомадааш эътироф хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, шартномаи байналмилалӣ метавонад эътироф шавад, агар аввалан, ба Конститутсияи ҷумҳурӣ мувофиқат дошта бошад; дуюм, ба навъи шартномаҳои байналмилалие мансуб бошад, ки бо қонуни махсуси парламент мавриди тасдиқ қарор дода мешаванд.

Муқаррарот оид ба афзалияти ҳуқуқии Конститутсия дар муносибат бо шартномаи байналмилалӣ аҳаммияти фавқулода дорад. Дар дилхоҳ ҳолатҳо, вақте сухан дар бораи таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ меравад, зарур аст, ки манфиатҳои миллии мамлакат, хусусан, мустақилияти ҳуқуқи худии дохилидавлатӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти давлати соҳибистиқлол ҳимоя карда шаванд.

Ин маънӣ махсусан барои давраи муосири рушди давлат аҳаммият дорад, зеро маҳз дар рӯзҳои мо давлатҳои аз ҷиҳати молиявию иқтисодӣ ва ҳарбӣ қудратманд нақши офарандагони мутлақи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро иҷро мекунанд. Хеле зиёд ҳодисаҳое ба назар мерасанд, ки принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалиро маҳз давлатҳои абарқудрат вайрон мекунанд, фишор овардани давлатҳои хурду камқудрат аз ҷониби кишварҳои абарқудратро ҳатто баъзе созмонҳои байналмилалӣ (САҲА ва ғ.) дастгирӣ менамоянд, дар олам ҳарчи бештар амрикокунонии сиёсати байналхалқӣ, тобеияти низомҳои ҳуқуқии миллӣ ба ҳуқуқи глобалӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳанӯз Н.А. Коркунов зимни таснифот шартномаҳои байналмилалиро ба «конститутивӣ» ва «танзимкунанда» ҷудо карда буд. Шартномаҳои «конститутивӣ», ба андешаи Н.А. Коркунов, ба танзими «муносибатҳои алоҳидаи мушаххас» равона шудаанд, шартномаҳои танзимкунанда бошанд, ба ҳадафи «бамеъёрдарории як қатор муносибатҳои ҳаммонанд» нигаронида шуда, меъёрҳои умумиро барои ҳама навъҳои муносибатҳои ба ҳамдигар монанд» муқаррар мекунанд [7,с.67].

Тибқи мулоҳизаи одилона баённамудаи М.Н. Марченко, бартарияти ҳама шартномаҳои байналмилалӣ нисбат ба ҳамаи қонунҳои миллӣ ҳамчун «нонсенс» менамояд, зеро «ягон давлати соҳибихтиёр, чӣ гуна арзишҳои умуминсониеро, ки ҳимоя накунад», наметавонад «бе таваккали аз даст додани мустақилият, ихтиёран ва бечунучаро ҳуқуқи миллии худро дар вобастагии мутлақ аз байналмилалӣ, бигзор ҳуқуқи шартномавӣ ҳам бошад, гузорад» [5,с.67].

Шартномаҳои байналмилалӣ метавонанд характери умумӣ ва ё хусусию ҳуқуқӣ дошта бошанд. Мутаносибан онҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ё меъёрҳои инфиродиро таҷассум мекунанд. Бо назардошти ин, дар адабиёт шартномаҳои ҳуқуқтавлидкунанда (дорои меъёр ё меъёрмуқарраркунанда) ва шартномаҳои хусусию ҳуқуқӣ (шартнома-аҳдҳо)-ро ҷудо мекунанд. Чунин таҷзия аҳаммияти амалӣ дорад, зеро сарчашмаи ҳуқуқ метавонад он шартномае бошад, ки меъёрҳои умумӣ ва абстрактӣ дорад. Шартномаҳои характери инфиродӣ дошта нишондодҳои инфиродие доранд, ки танҳо ба тарафҳои шартнома дахл доранду халос.

Таҷрибаи кодификатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби Комиссияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар конфронсҳои гуногун ҳамчунин гувоҳӣ медиҳад, ки чун қоида, шартномаи нави байналмилалӣ унсурҳои тартиби эъломиявӣ ва ҳам унсурҳои инкишофи прогрессивии ҳуқуқи байналмилалиро фаро мегирад.

Аммо шартномаи байналмилалӣ метавонад сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ бошад, лекин барои ин ё он иштирокчӣ ҳатмӣ набошад, масалан, бо назардошти он ҳолат, ки давлат ва ё дигар субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ то охир ризояти худро барои ҳатмӣ будани ин шартнома баён накардааст. Дар навбати худ, агар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъан ба ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалӣ розигии хешро баён намуда, аммо шартномаи мазкур ҳоло ба қувваи қонунӣ надаромада бошад, дар ин ҳолат низ вай шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор нарафта, ба низоми ҳуқуқии ҶТ ворид карда намешавад.

Ҳамин тавр, шартномаи байналхалқӣ дар он ҳолат қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, ки агар ин шартнома ба сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалӣ табдил ёбад, яъне дар сатҳи байналмилалӣ ба қувваи қонунӣ дарояд ва дар нисбати он Ҷумҳурии Тоҷикистон ризояти хешро дода бошад. Бо назардошти мулоҳизаҳои дар боло баёншуда, қайд намудан зарур аст, ки ҷузъи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон на дилхоҳ шартномаи байналмилалӣ, балки ҳамон шартнома буда метавонад, ки ба талаботи зерин посух гуфта тавонад. Шартномаи байналхалқие, ки дар шакли хаттӣ баста шуда, ба қувваи қонунӣ даромада, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ ва таъсири танзимкунандагии ин шартнома бояд ба муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо, инчунин мақомоти давлатӣ равона шуда бошад ва инчунин муқаррароти ин шартнома бояд аниқу дақиқ, пурра, мушаххас, яъне худиҷро буда, ба нашри ин ё он санадҳои меъёрии инкорпоративӣ аз тарафи давлат ниёз надошта бошад. Шартномаи байналмилалӣ бояд расман мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

### АДАБИЁТ


1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Матни расмӣ. – Душанбе: Қонуният, 1997. – М. 11.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11-уми декабри соли 1999. – М. 3.
3. Венская конвенция о праве международных договоров от 23 мая 1969 г. – М. 2. п. 1
4. Международное право в документах / Мураттиб Н.Т. Балатова. - М., 1982. - С. 70.
5. Тункин Г.И. Теория международного права / Г.И. Тункин; зери таҳрири умумии Л.Н. Шестакова. - М., 2000. – С. 75-76;
6. Оппенгейм Л. Международное право / Л.Оппенгейм. - Т. 1. - М., 1948. - С. 48.
7. Мартенс Ф.Ф. Современное международное право цивилизованных народов (нашри соли 1904) / Ф.Ф. Мартенс. - М., 1996. - С. 264.
8. Коркунов Н.А. Международное право / Н.А. Коркунов. - СПБ, 1886. - С. 121-122.


### НАҚШ ВА МАВҚЕИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масоили эътирофнамоии шартномаҳои байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки шартномаи байналмилалӣ дар сурати эътироф шудани он аз ҷониби Тоҷикистон ва нашри расмии он ба ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ табдил ёфта, дар муносибат ба қонунҳои миллӣ афзалият пайдо мекунад. Инчунин, дар мақола муқаррарот оид ба татбиқи бевоситаи он ишораҳо шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар мақола навъҳои шартномаҳои байналмилалиро пешниҳод намуда, таносуби онҳоро бо конститутсия ва қонунгузории дохили барраси намудааст.



**Калидвожаҳо:** шартномаҳои байналмилалӣ, конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, шартномаҳои байниҳукуматӣ, Конвенсияи Вена, принсипҳои умумиэътирофшуда, шартномаҳои конститутивӣ.


### РОЛЬ И МЕСТО МЕЖДУНАРОДНОГО ДОГОВОРА В ПРАВОВОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье рассматриваются те вопросы, которые относятся к международному праву с точки зрения научно-теоретических позиций, а также непосредственно рассматриваются с позиций основных звеньев правовой системы Республики Таджикистан. Автор отметил, что в случае признания Таджикистаном международного договора и официального его опубликования превращения, его в одну из основных частей правовой системы Республики Таджикистан, удастся значительно усовершенствовать национальное законодательство. Исходя из этого, в статье также прямо предусматривается принятие норм международного договора, а также говорится о многих других правовых областях. Кроме того, автор рассматривает предложение о подразделениях международного права и их соотношении с Конституцией и внутренним законодательством: Международное соглашение, Конституция, международно-правовые документы, межправительственное соглашение, Венская конвенция, признание универсальных принципов, конституционное соглашение.



**Ключевые слова:** международные договоры, конституция, международно - правовые акты, межправительственные договоры, общепризнанные нормы, Венская конвенция, конститутивные договоры.


### ROLE AND PLACE OF THE INTERNATIONAL AGREEMENT IN THE LEGAL SYSTEM OF TAJIKISTAN


This article deals with those issues relating to international law from the point of view of scientific and theoretical position, as directly considered from the main parts of the legal system of the Republic of Tajikistan.The author noted that in the case of recognition of the international agreement by Tajikistan, and the official publication of its transformation into

a quality of one of the main parts of the legal system of the Republic of Tajikistan thus will be able to create an improvement in relation to national law.On this basis, the article also provides directly for the adoption of the rules of international agreement and also refers to many other legal areas.In addition, the author considers the proposal on the divisions of international law and their proportion to the Constitution and domestic legislation.

**Key word:** international agreement,Constitution, international legal instruments, intergovernmental agreement, Vienna Convention, recognition of universal principles, constitutional agreement.

**Сведения об авторе:** ***Хусейнов Шухрат Абдукаримович*** - Таджикский технический университет им.М.С. Осими, старший преподаватель кафедры социологии. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г Душанбе, улица академиков Раджабовых 10. Телефон: **935-02-07-36.** E-mail: **shurik-810102@mail.ru**

**Information about the author:** ***Huseynov Shukhrat Abdukarimovich*** - Tajik Technical University named after M.S. Osimi, Senior Lecturer, Department of Sociology. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academician Radjabov Street 10. Phone: **935-02-07-36**. E-mail: **shurik-810102@mail.ru**

**УДК 342.7**

# ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚӢ-МОЛИЯВӢ ДАР ТАЪРИХИ ТОИСЛОМИИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

***Расулов Ф.М., Элмуродов Ч.З.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Фаъолияти молиявӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ, чун дар дигар манотиқи ҷаҳон, баробари пайдоиш ва рушди давлату муносибатҳои давлатӣ, гузариш ба тарзи ҳаёти кишоварзӣ ва инкишофи заминдорӣ пайдо шуда, минбаъд ташаккул ёфтааст.

Таъсиси мақомоти махсуси идоракунии марбут ба муносиботи молиявӣ, ҳанӯз ба замони пайдоиши давлатҳои қадим мансуб аст. Аз ин рӯ ҳақ ба ҷониби муҳаққиқонест, ки таърихи қадима доштани идораҳои молиявиро тасдиқ менамоянд. Манбаъҳо оид ба мавҷудияти ду девони молиявӣ – девони боҷ ва девони хазина дар сарзамини қадимаи тоҷикон ҳанӯз дар замони Каёниён – нахустин ташкилаи давлатӣ (дар давраи ҳукмронии шоҳаншоҳ Гуштосп) хабар медиҳанд [13,с.83]. Вале фаъолияти молиявии рушдёфта дар замони худ дар ҳудуди Осиёи Марказии имрӯза дар асрҳои VI-IV то милод бо пайдоиши давлати Ҳахоманишиҳо ба миён омадааст. Давлати Ҳахоманишӣ ба асоси таълимоти ойини зардуштӣ бунёд ёфта буд, адолатхоҳӣ ва раиятпарварӣ аз фазилатҳои муҳим ва барҷастаи он ба шумор мерафтанд. Побандӣ ва ихлосмандӣ ба таълимоти зардуштӣ Ҳахоманишиҳоро ба корнамоиҳои арзишманде дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳидоят ва роҳнамоӣ карда буд [8,с.47-48]. Ин ҷо бояд дар назар дошт, ки мазмуни истилоҳи «адолат» нисбӣ буда, дар раванди таърих он хеле тағйир хӯрдааст. Чунончи, моҳияти «адолат» дар замони мо аз он мазмуне, ки дар Эрони бостон дошт, албатта, фарқ мекунад. Бинобар ин, «адолат»-е, ки дар нақлу ривоёт ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ ёд мешавад, хосси ин ё он замон мебошад. Асосгузори давлати Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир дар пешгоҳи Худо Аҳурамаздо савганд ёд карда буд, ки дар кӯҳи Бесутун нигошта шудааст: «…Ман ва хонаводаам мутобиқи ростӣ ва дурустӣ ҳукумат кардем, ростиро дӯст доштаам ва аз норостӣ парҳез кардаам. Иродаи ман буд, ки ҳеҷ беадолатӣ ба бевазане ва ятиме нашавад…» [8,с.40]. Ин гуфтаҳо дар фаъолияти молиявии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо низ принсипҳои роҳбарикунанда дониста мешуданд.

Дар аҳди Ҳахоманишиҳо, ки империяи бузурги фарогири ҳудуди калони Шарқ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ буд, фаъолияти молиявӣ ва назорати молиявӣ самти муҳимми функсияи давлатро ташкил медод. Шоҳаншоҳи ҳахоманишӣ Дорои Бузург дар баробари ислоҳоти маъмурию ҳарбӣ, ислоҳоти молиявию пулиро ба амал баровард, ки дар натиҷа ниҳодҳои молиявӣ-ҳуқуқӣ дар давлат рушду такомул ёфтанд. Пас, аз ислоҳоти ӯ бо таъсиси девонсолорӣ оид ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ дар Тоҷикистони таърихӣ сухан рондан мумкин аст. Дар ин марҳила ҳалли масоили сиёсӣ ба рушду такомули низоми идоракунӣ фаъолона мусоидат намуд ва баръакс. Бо вусъатёбии ҳудуди давлат зарурати ташаккули тарзи муносибати нав дар идоракунии давлат пурзӯр гардид. Вобаста ба ин бо мақсади таҳкими шоҳаншоҳӣ ислоҳот гузаронида шуд. Таҳкими ҳолати ҷуғрофию маъмурии давлат, ташаккули низоми нави идоракунии ҳудуди паҳновари мамлакат ва рушди худфаъолиятии аҳолӣ ҷорӣ намудани идоракунии молиявии маҳаллиро бо шаклу усулҳои назорати ба онҳо хос тақозо намуд. Шумораи мақомоти алоҳидаи баамалбарорандаи идоракунии вилоятҳои нав ва ҳудудҳои фатҳшуда ва ё ҳамроҳгардида мунтазам афзуданд. Аз ин марҳила шурӯъ карда дар давлати Ҳахоманишиҳо ташаккули фаъолонаи низоми идоракунии омезишёфтаи идоракунии

марказонидашудаи давлат ва маҳалҳо оғоз ёфт. Низоми девонсолории ташаккулёфтаи бар ивази идоракунии шахсию бевоситаи шоҳ бавуҷудомада ба як қатор вазоратҳо функсияи идоракунии молиявиро вогузор намуд.

Албатта, дар тамоми давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳо дар ба амал баровардани функсияи идоракунии молиявӣ, пеш аз ҳама, шоҳаншоҳ – сарвари давлат мақоми махсусро дошта, ҳокимият ва салоҳиятҳои номаҳдудеро соҳиб буд. Шоҳаншоҳ дар баробари ҳуқуқи қонунгузорӣ, эълони ҷангу сулҳ, муайян намудани сиёсати дохилию хориҷии кишвар, ҳуқуқи таъйин кардан ба вазифа ва озод намудан аз он, ҳуқуқи таъйини ҷазо ва авфи онро дошта, инчунин андозҳоро муқаррар менамуд, сатрапиҳоро аз пардохти молиёт озод мекард ва дар маҷмӯъ фаъолияти молиявӣ тахти назорату роҳбарии умумии ӯ сурат мегирифт.

Аз шоҳаншоҳии Дориюши Кабир оғоз намуда, дар назди шоҳаншоҳ мақомоти машваратӣ – Шӯрои ҳафтнафара (Шӯрои хирадмандон) таъсис гардид. Ин шӯро мақоми машваратӣ ва додрасӣ дошта, шоҳ барои баррасии масоили муҳимми сиёсӣ, аз ҷумла оид ба масоили молиявӣ, назорату ҷамъоварии молиёт низ ба он муроҷиат менамуд. Агар оид ба масъалае шӯро қарор қабул менамуд, бо имзои шоҳаншоҳ он эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, иҷроишаш хусусияти ҳатмӣ-ҳокимиятӣ мегирифт.

Пас аз шоҳаншоҳ мансаби муҳимтарини давлатӣ вазифаи Вазрак Фармодор (Вазир) - раиси тамоми риҷоли дарбор, дабирони давлат ва роҳбари дастаи муҳофизони шоҳ - дастаи даҳҳазорнафара буд. Сиёсати дохилии кишвар, некуаҳволии халқ, масоили додрасӣ ва мазолим, таъмини дастгоҳи давлатӣ ва нафақаю олоту аслиҳаи низомиён, аз ҷумла идораи умумии молияи давлат ва ҷамъоварии молиёт зери назорати вазир анҷом мегирифт [2,с.46-47]. Салоҳияти молиявии вазири бузург то ҳамон дараҷа яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти ӯро ташкил медод, ки дар баъзе сарчашмаҳо Вазрак Фармодор вазири боҷ (ё мумкин аст хазина) ва ёрдамчии ӯ Эрон оморгар номида шудааст [13,с.83]. Бояд ёдовар шуд, ки дар асрҳои VI-VII коргузори хоҷагии дарбор ва масъули назорати воридоту содироти давлатро Фрамандор (фармондор) меномиданд [6,с.396]. Таҳлили вазифаҳои мансабии вазир баёнгари он аст, ки аллакай Ҳаҳоманишиҳо падида ва ё ниҳоди идоракунии умумиро ҷорӣ намуда буданд. Дар тафовут бо ин, мувофиқи ислоҳоти Дорои Бузург ниҳоди идораи соҳавӣ низ таъсис ва ташаккул дода шуд. Идораи соҳавӣ (девонҳо) аз ҷониби дабирон амалӣ мегардид. Девонҳои махсуси алоҳидае, ки масъули ҳисобу китоб, назорат, инчунин танзими муносиботи молиявӣ ва ҷамъоварии андозҳо буданд, таъсис гардиданд. Муҳаққиқи эронӣ М. Рашшод ба таври зайл дабирони (вазирони) давлати Ҳахоманишиҳоро номбар карда, дар қавсайн мазмуни имрӯзии онҳоро меорад: шоҳомордабир (вазири доройӣ), ганҷҳомордабир (вазири хизонадорӣ), кодоҳомордабир (вазири муҳосиботи дарбори салтанатӣ), охурҳомордабир (вазири истаблхона), оташҳомор (вазири муҳосиботи оташкадаҳо), равангондабир (вазири авқоф), доддабир (вазири додгустарӣ), эрондабирбад (вазири расоил ва муншаот), артишторонсолор (фармондеҳи кулли сипоҳ), аргбад (қалъабегӣ), гундсолор (раиси фавҷ), биғонсолор (раиси пиёдагон), андарзбадоспваргон (омӯзгорони саворон), сутурпизишк (байтор) [10,с.107-108]. Тавре аз ин ҷо маълум мегардад, панҷ дабир, яъне шоҳомордабир (вазири доройӣ), ганҷҳомордабир (вазири хизонадорӣ), кодоҳомордабир (вазири муҳосиботи дарбори салтанатӣ), оташҳомор (вазири муҳосиботи оташкадаҳо), охурҳомордабир (вазири истаблхона) ба масоили хоҷагию молиявӣ, хазинадорию муҳосибот ва назорати молиявӣ ваколатдор будаанд. Агар диққат диҳем, ба назар мерасад, ки дар фарқият аз дигар дабирон дар таркиби ин панҷ калимаҳои мураккаб истилоҳи «омор» мавҷуд аст ва ин моро водор месозад, ки маънои ин калимаи қадимаи форсию тоҷикиро ин ҷо баррасӣ намоем. Мусаллам аст, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ «омор» асосан ба маънии «статистика» истифода бурда мешавад. Агар ба маънии таърихии истилоҳи мазкур ба луғатномаҳо муроҷиат намоем, дар онҳо «омор» ба маънии шумор, ҳисоб, ҳисобу китоб [11,с.309-310] ва ба маънии ниҳояти талаб ва тафаҳҳус, таҷассус (ҷосусӣ, назорати пинҳонӣ), истиқсо (тадқиқу тафтиш) ва татаббӯъ (таҳқиқу кофтуков) ба назар меояд [3,с.60-61]. Ҳатто истилоҳи дабир низ дар баробари маънии котиб ва вазирро доштанаш таърихан ба маъноҳои муҳосиб, ҳисобчӣ, ҳисобгир, дафтардори махсуси дарбор, ки ба ҳисобу китоби пул маъмур буд, фаҳмида мешуд. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» низ дарҷ кардааст, ки дар Баҳори Аҷам навишта, ки «дабир» ба маънии муншӣ ва муҳосиб ҳар ду омада [7,с.327].

Хоразмӣ низ баъзе аз мансабдорони масъули фаъолияти назоратӣ ва молиявии давлати Ҳахоманишиҳоро дар асараш «Мафотеҳ-ул-улум» номбар карда, ваколати онҳоро шарҳ медиҳад, ки дар таркиби номи онҳо истилоҳи «омор» мавҷуд аст. Чунончи, тибқи иттилои ӯ «шаҳроморкор» муставфӣ ва раиси ҳисобдории шаҳристонҳо,

«охуроморкор» ҳисобдори истабл ва «дароморкор» раиси ҳисобдорӣ ва маъмури дахлу харҷи оидоти дарбор будааст [9,с.189]. Дар аҳди Ҳахоманишиҳо, ба қавли Р. Фрай, сатрапҳо монанди ҳукумати марказӣ дарбор ва дастгоҳи идораи худро доштанд [12,с.151]. Ба андешаи мо, эҳтимол мансабдороне, ки Хоразмӣ номбар мекунад, мансабдорони дарбору дастгоҳи идории сатрапҳо ва кормандондони маҳаллии девонҳои дар боло зикргардида мебошанд.

Муҳаққиқи таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон И.Б. Буриев ваколатҳои дабирони Ҳахоманишиҳоро номбар карда, менависад, ки шоҳомордабир асосан масъули омор ва баҳисобгирии дахлу харҷи давлат, даромадҳои давлатӣ, аз ҷумла андоз, таъмини сиёсати давлатӣ бо воситаҳои пулӣ буда, дар ҳалли вазифаҳои худ бо ганҷомордабир (хазинадор) ҳамкорӣ менамуд [2,с.47]. Кормандони ин девон, ки тобеи шоҳомордабир буданд, шаҳроморкор ном доштанд. Ганҷомордабир бошад, барои баҳисобгирии даромади буҷет, ҷобаҷогузорӣ ва нигоҳдории онҳо масъул буда, тартиботи муайяни қабули онро дошт. Бояд гуфт, ки охуромордабир ба идораи артиш масъул набуда, фаъолияти молиявию хоҷагии лашкарро назорату идора ва тафтишу ҳисобу китоб мекард, яъне таъминоти моддии ҷанговарон бо хӯрокаю либосу аслиҳа, асп ва ему хошоки онро охуромордабир ба уҳда дошта, ба ӯ охуроморкорҳо (ҳисобдорони истабл) тобеъ буданд.

Ба ин монанд оташомордабир низ фаъолияти молиявию хоҷагии оташкадаҳо, маъбадҳо ва умуман молияю хоҷагии муассисаҳои диниро идораву назорат ва ҳисобу китоб менамуд ва бевосита ба корҳои динӣ масъулу ваколатдор набуд. Гуфтан мумкин аст, ки Ҳахоманишиҳо, на танҳо дар сатрапиҳо бо мақсади пешгирӣ сохтани қудратмандӣ ва марказгурезӣ ҳокимияти ҳарбию гражданӣ ва молиявию додрасиро таҷзия намудаанд, балки дар девонҳои соҳавӣ низ бо ин мақсад фаъолияти молиявию хоҷагиро ба девонҳои алоҳида вогузор сохтаанд.

Ин навъ таҷзияи ваколатҳо дар аҳди Ҳахоманишиҳо хеле иқдоми қатъию пешрафта буда, раванди тафриқасозии соҳаҳои идоракуниро тезонид, ки ба махсусгардӣ ва пешбурди касбии кору фаъолияти идоракунию хидмати давлатӣ, аз ҷумла дар фаъолияти молиявӣ-ҳуқуқӣ оварда расонд.

Ҳахоманишиҳо сулолаи муқарраркунандаи принсипи назорати ҳокимияти маҳаллӣ, эътирофгари функсияи назорат аз болои ҳокимияти маҳаллию шахсони мансабдори маҳаллӣ дониста мешаванд. Тибқи ислоҳоти Дорои Бузург дар бахши ҷамъоварии андозҳо дар сатрапиҳо дар баробари сатрап, мансабдорони махсусе, ки барои ҷамъоварии андоз, баррасии баҳсҳои амволӣ масъул буданд, таъйин гардиданд. Яъне, дар маҳалҳо баробари шохаҳои гражданӣ, низомӣ ва додрасӣ шохаи ҳокимияти алоҳидаи молиявӣ низ таҷзия карда шуд.

Ин ҷо қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҳар як шахсони мансабдори аз марказ таъйингардида нисбати дигар мансабдорони ҳамин маҳал функсияи назоратиро соҳиб буданд. Доро бо гузаронидани ислоҳот дар як вақт идоракунии давлатро беҳтар сохт, соҳаҳоро ҷудо намуд, унсурҳои идоракунии соҳавиро дар маҳалҳо низ роҳандозӣ намуд, шароити мавҷудияти боздошт ва мувозинаро муҳайё сохт, ки натиҷаҳои мусбат ба бор оварда, давлату давлатдории мазкурро дар давоми зиёда аз дусад сол таҳким бахшид.

Бояд қайд кард, ки боз як низоми дигари назорат аз ҷониби давлат, аз ҷумла дар соҳаи молия амал мекард. Ин гумоштагони ҳокимияти марказӣ – «чашму гӯш»-и шоҳ буданд, ки дар тамоми гӯшаву канори мамлакат ва давлатҳои ҳамсоя таъйин мегаштанд ва ба ҷамъоварии иттилооти гуногун аз аҳволи мардум то ғункунии андозҳо, аз ҷумла роҷеъ ба фаъолияти молиявии шахсони мансабдор ва олирутбаи маҳалҳо машғул буданд. Иттилоъ дода мешавад, ки вазъият дар шаҳру рустоҳо, дар ҳар як кунҷу канори мамлакат зери назорат қарор дошт, ки ба мансабдорон ва ҳамаи дигар шахсон имкон намедод ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ё халалдорсозии ҳуқуқи мардум машғул шаванд. Сатрап ва ё мансабдоре, ки ба ҷамъоварии андоз масъул буд, наметавонист худсарона ва бенизому беадолатона андоз ситонад, ҳаҷми онро баланд намояд ва ё дар хазинаи худ пинҳонӣ чизе боздорад. Ба андешаи муҳаққиқон, ислоҳоти гузарондашуда зуҳури ҷудоихоҳӣ ва марказгурезиро дар ҳокимони маҳаллӣ бартараф месохт, ки онҳо ҳаматарафа зери назорат қарор доштанд, иттилоот чи аз фаъолияти ҳарбӣ ва чи молиявии мансабдорони сатрапӣ мунтазам ба дарбори шоҳ расонда мешуд.

Вобаста ба ин, муаррихи шинохтаи франсуз Р. Гиршман менависад, ки шоҳи ҷавон Дорои Бузург ислоҳоти ниҳоят олии низоми кишвардориро ба амал баровард, ки таваҷҷуҳи соири зимомдоронро ба худ ҷалб сохт ва ҳатто, сиёсати кишвардории подшоҳи бузурги асри VIII-уми сарзамини Гал (Фаронсаи кунунӣ) Карлро низ таҳти таъсир қарор дод. Ӯ низ ба иқтибос аз сиёсати Доро аз соли 742 сар карда солона ҳайати иборат аз

бозрасони мухталифро ба нуқтаҳои гуногуни императории худ фиристода, робитаи мустақиме байни сатрапиҳо ва ҳукумати марказӣ барқарор намуд [4,с.152].

Ба амал баровардани идораи молиявӣ, низоми дурусти андозбандӣ ва робитаи иқтисодии доимӣ низоми ягонаи пулиро дар саросари кишвар талаб мекард. Дар натиҷа ислоҳоти пулӣ дар ташкили низоми ягонаи пулӣ, сикказании тангаҳои шакли ягона ва вазни ягона ифода ёфт. Тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисӣ сикка зада мешуданд. Воситаи асосии муомилоти пулӣ тангаҳои тиллоии 8,4-грамма ба ҳисоб мерафтанд, ки ба шарафи Дорои Бузург «дорик» номида шуда буданд. Онҳо дар тамоми қаламрави давлати Ҳахоманишиҳо бемамоният ба кор мерафтанд ва рушди устувори иқтисодиётро таъмин намуда, иқтидори молиявиро таҳким бахшиданд [1,с.23]. Сикка задани онҳоро танҳо хазинаи марказии давлат ҳуқуқ дошт. Тангаҳои нуқрагиро сатрапҳо ва мисиро бошад, ҳар як шаҳр сикка зада метавонист [5,с.24]. Ҳаминро ҳам бояд хотирнишон кард, ки халқҳои Осиёи Миёна дар давраи Ҳахоманишиҳо аввалин бор бо пули танга ошно шуданд [6,с.116]. Ҳатто баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки дар ҷаҳон ин нахустин бор буд, ки мубодилот дар асоси тилло ва нуқра қарор гирифт [9,с.184]. Муҳаққиқи тоҷик бо иқтибос аз китоби Р. Гиршман, В. Минорский, Р. Саизви (Персия – безсмертное царство. Лондон. 1971. с.60) иттилоъ медиҳад, ки «таъсиси бонкҳо (албатта, на ба маънои имрӯза – Р.Ф.) ва сурат гирифтани муомилоти молу пулӣ аз тариқи онҳо ба ҳамин давра рост меояд. Бонкҳои хусусӣ ва давлатӣ мавҷуд буд, ки онҳо ба мизоҷони худ вексел-эътиборнома медоданд» [8,с.55].

Мувофиқи ислоҳоти дар соҳаи молия ва андозситонӣ ҷоринамудаи Дорои I ҳар як вилоят мебоист андози солонаро бо пул адо кунад. Ғайр аз ин, ба тариқи молиёти ҷинсӣ, яъне маҳсулоти зироатӣ, ё ки ҳунармандӣ андоз мепардохтанд. Илова бар ҳамаи ин, боҷҳои дохилӣ ва андозҳои роҳ низ вуҷуд доштанд.

Албатта, ҳудуди паҳновари давлати Ҳахоманишиҳо ва мавҷудияти андозу пардохтҳо ва лашкаркашиҳои бузург ба Миср, Юнон, Шарқ ва Ғарб талаб мекард, ки барои даромад ва сарвати давлат созмони дурусте ба вуҷуд ояд.

Муҳаққиқи эронӣ Ҷаъфар Маҳдии Ниё менависад, ки ҳазорон лавҳаи гилии пайдошуда дар «Тахти Ҷамшед»-и Эрон оид ба мавҷудияти интизоми молиявӣ, ҳисобу китоби рушдёфта дар ин шоҳаншоҳии қадима шаҳодат медиҳанд. Се ҳазори ин лавҳаҳои гилиро профессор Ҷорҷ Камрон ба шаҳри Чикаго (ИМА) бурдааст ва таҳлилу таҳқиқи онҳо нишон додааст, ки аксарияти онҳо асноди харҷӣ буда, ҳаҷми андозҳои нақдӣ ва ҷинсии андозсупорандагони мушаххас, пешпардохти кори муҳосибонро, ки бояд хазина мепардохт, дар бар мегирифтанд [9,с.183].

Ҳаҷми андозҳо барои ҳар як сатрапӣ аз ҷониби шоҳаншоҳ муайян мегардид, ки албатта, сатрапро дар истисмор намудани аҳолӣ ва инчунин ҷамъоварии сарват, ки метавонист барои марказгурезӣ ва ҷудоихоҳӣ боис гардад, маҳдуд менамуд. Дар аҳди Дорои Бузург ҳаҷми андози ҳар як сатрапӣ аниқ муқаррар гардид, то ки принсипи адолат ва қонуният дар ҷамъоварии молиёт риоя шавад. Ба қавли Геродот, маблағи умумии андози солонаи давлати Ҳахоманишиҳоро 14560 талант (як талант – қариб 30 кг нуқра) нуқраи бобулӣ ташкил намуда [9,с.183-188], аз ҷумла қабилаҳои кӯчманчии сокини канораҳои баҳри Каспий (сатрапии XI) 200, Бохтар (сатрапии XII) 360, сакоиҳо (сатрапии XV) 250, Хоразм, Суғд ва Порт (сатрапии XVI) 300 талант молиёт медоданд [6,с. 98]. Тибқи маълумоти муаррихон ҳаҷми андозҳо дар дафтари «дот» (қонун), дафтарҳои девонӣ ва молиётӣ сабт мешуд [9,с.183-188] ва дар ҳар як аз сатрапӣ ва шаҳру деҳаҳо ҳар сол санаде (сурате) мунташир мегардид, то аҳолӣ аз ҳаҷми андозҳое, ки бояд бипардозанд, хабардору огоҳ бошанд ва нафаре ба онҳо зулму ситам нанамояд [10,с.102].

Доро чунин низомеро муқаррар намуд, ки зимни он ҳар кас нисбати шахси мансабдори андозситон шикоят карда метавонист, маблағеро, ки сатрап барои нигоҳдошти лашкар ва ҳокимияти маҳал ҳуқуқи истифода бурдан дошт, муайян намуд, боқимондааш бояд ба хазинаи давлат супорида мешуд. Бояд қайд намуд, ки хароҷоти андозҳои ҷамъоваришуда чунин сурат мегирифт, нахуст хароҷотҳои маҳаллӣ пардохт мешуданд, аз ҷумла маоши гарнизони маҳаллӣ ва қисмҳои ҳарбӣ, баъдан боқимондааш ба хазина супорида мешуд [9,с.188].

Ба ақидаи Соякс, маҳдудиятҳои муқарраршуда ва таъйини мансабдорони махсус, инчунин ҳаҷми аниқи андозҳо кафолати равнақи минтақа буд, аз он ки сатрап ҳеҷ наметавонист қоидаи муқарраргардидаро вайрон кунад, ӯ масъул буд роҳу муросилотро дар ҳолати истифода нигоҳ дорад, инчунин тартиботи ҳуқуқӣ ва амнияти аҳолиро таъмин созад, дигар ин ки тибқи тартиботи мазкур подшоҳ низ наметавонист аз сатрапҳо маблағу молиёти иловагию фавқулода талаб намояд [9,с.187].

Бо вуҷуди он ки дар саросари кишвар қонуни ягона қабул шуда, амал мекард, албатта, давлати Ҳахоманишиҳо дар қиёс бо имрӯз хусусияти истибдодӣ дошта, ҳокимияти шоҳ мутлақу номаҳдуд буд. Дар самти фаъолияти молиявию назоратӣ низ ин баръало ба назар мерасид. Масалан, дар асоси меъёрҳои одатӣ подшоҳ ҳар гоҳ ба яке аз атрофиёни худ изҳори лутфе мехост бикунад ё хизматҳои ӯро подош диҳад, ҳукумати яке аз ин сатрапиро, ки дар суратҳои молиётӣ дарҷ буд, медод. Ҳатто метавонист ӯро аз пардохти андозҳо озод намояд. Чунонки Доро бо Зопир, ки шӯриши Бобилро фурӯ нишонд, ба ҳамин тартиб рафтор кард, яъне фармонравоии Бобилро якумра ба ӯ супурд ва ӯро аз пардохти молиёт озод кард ва туҳфаҳо низ тақдим намуд.

Ҳамин тавр, дар аҳди Ҳахоманишиҳо аллакай тарҳу сохтори мақомотҳои ҳокимияти давлатии умумию соҳавие, ки функсияи идоракуниву назорати молиявиро нисбати ҷамъоварони андоз, хазинаҳои маҳаллӣ, дахлу харҷи ҳокимони маҳаллӣ, ҳарбиён ва маъбадҳо ба амал мебароварданд, ташкил ёфтанд ва дар давраҳои минбаъда ҳамчун намунаи давлатдорӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

## АДАБИЁТ


1. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана (от древнейших времен до начала XX века) / И.Б.Буриев. –Душанбе, 2007. –Т.1. -Ч. 1-2. –244 с.
2. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон/ И.Б. Буриев / Таҳти назари академик Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе, 2013. -Қисми аввал. – 268 с.
3. Бурҳон М. Бурҳони қотеъ / М. Бурҳон. –Душанбе: Адиб, 1993. -Ҷ. I. – 416 с.
4. Гиршман Р. Таърихи Эрон (аз даврони бостон то пирӯзии ислом). / Р.Гиршман; тарҷумаи Муҳаммад Ҷавдӣ. -1385 ҳ. Чопи аввал. –414 с.
5. Ғафуров Б.Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик / Б.Ғ. Ғафуров. –Сталинобод, 1949. –476 с.
6. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: (Иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғ. Ғафуров. –Душанбе: Ирфон, 1998. –704 с.
7. Ғиёсуддин М. Ғиёс-ул-луғот: Иборат аз се ҷилд. –Душанбе: Адиб, 1987. -Ҷ. 1. Алиф-шин. -480.
8. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон / Ҳ. Назаров. –Душанбе: Пайванд, 2005. -492 с.
9. Ниё Ҷ.М. 7 бор ишғоли Эрон дар 23 қарн. -1377 ҳ. -Ҷ. 2. –345 с.
10. Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд). Ҷ. 1 ва 2. –Душанбе, 1990. –480 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ (X – ибтидои асри XX). Дар ду ҷилд. Ҷилди I А-О / Зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. –М., 1969. –951 с.
12. Фрай Р. Наследие Ирана. –М.: Наука, 1971. –468 с.
13. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. –Душанбе: Маориф ва фарњанг, 2005. –488 с.


## ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИИ ДАВЛАТИ ҲАХОМАНИШИҲО


Дар мақола таърихи пайдоиш ва рушди фаъолияти молиявӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун ниҳоди давлатдории тоисломии тоҷикон дар аҳди Ҳахоманишиҳо таҳлил гардидааст. Дар заминаи таҳқиқот муаллифон ба хулосае омадаанд, ки дар аҳди Ҳахоманишиҳо, махсусан пас аз ислоҳоти Дорои Бузург, сохтору мақомоти махсуси молиявӣ ташкил гардида, низоми молиявии марказию маҳаллӣ ва соҳавӣ мавҷуд буд. Дар идоракунӣ Ҳахоманишиҳо аллакай сохтори мақомотҳо ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатиро таъсис намуданд, ки ба ҷамъоварӣ ва омилони андоз, хазинаи маҳаллӣ, даромад ва хароҷоти ҳокимони маҳаллӣ ва ҳарбӣ назорати молиявӣ мебурданд. Шахсони мансабдор ва мақомотҳои номбурда инчунин шикоятҳоро баррасӣ мекарданд, тафтишу санҷишро ба роҳ монда, вайронкунандагони муносибатҳои андозбандиро ба ҷавобгарӣ ҷалб менамуданд.



**Калидвожаҳо:** ниҳоди назорати молиявӣ, омор, дабир, шоҳомордабир, ганҷомордабир, эрономоргар, кодоҳомордабир, охурҳоморкор, шахроморкор, дароморкор, сатрап, дорик.


## ПРАВОВАЯ И ФИНАНСОВАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В ИСТОРИИ ДОИСЛАМСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ ТАДЖИКОВ


В статье проведено историко-правовое исследование становления и развития финансово-правовых основ финансовой деятельности государства Ахеманидов. На основе исследования авторы приходят к выводу, что во времена правления Ахеманидов, особенно после реформы Дария Великого, образовались специальные финансовые структуры и ведомства, существовали центральные, местные и отраслевые финансовые системы. В правление Ахеманидов уже начали создаваться схемы и структуры органов и должностных лиц государственной власти, которые вели финансовый контроль за сбором и сборщиками налогов, за местными казначеями, за доходами и расходами военных, местных правителей. Указанные должностные лица и органы также рассматривали жалобы, вели расследование и привлекали виновных за нарушения налогово-правовых отношений к ответственности.



**Ключевые слова:** институт финансового контроля, статистика (омор), дабир, шохомордабир, ганджомордабир, эрономоргар, кодохомордабир, охурхоморкор, шахроморкор, дароморкор, сатрап, дорик.


## LEGAL BASIS OF FINANCIAL ACTIVITY OF THE STATE OF AHEMANIDS


The article contains a historical and legal study of the formation and development of the financial and legal foundations of the financial activities of the Ahemanid state. Based on the study, the authors conclude that during the reign of the Ahemanids, especially after the reform of Darius the Great, special financial structures and departments were formed, and there were central, local and sectoral financial systems. During the rule of the Ahemanids, the schemes and structure of state bodies and officials began to be created, which exercised financial control over the collection and tax

collectors, the local treasurers, the income and expenses of the military, local rulers. The said officials and bodies also considered complaints, conducted an investigation and brought those responsible for violations of tax and legal relations to responsibility.

**Key words:** institute of financial control, statistics (omor), dabir, shokhomordabir, ganjomordabir, eronomorgar, kodokhomordabir, okhurkhomorkor, shahromorcore, daromorcore, satrap, doric.

**Сведения об авторах:** ***Расулов Фотех Миркозиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 933-16-22-80**. E-mail: **foteh83@mail.ru**
***Элмуродов Чехрон Зарифович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: **(+992) 928-60-08-04**. E-mail: **zarifzod94@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Rasulov Foteh Mirkozievich*** – Tajik state financial and economic University, candidate of low Sciences, Assistant professor of the department of economy, finance and anti-corruption law. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14. Phone: **(+992) 933-16-22-80.** E-mail: **foteh83@mail.ru**
***Elmurodov Chehron Zarifovich*** –Tajik state financial and economic University, Assistant of the department of economy, finance and anti-corruption law. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov 64/14. Phone: **(+992) 928-60-08-04**. E-mail: **zarifzod94@mail.ru**

**УДК:347.1(575.3)**

# МАФҲУМИ МАҲДУДНАМОИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

***Исозода Парвиз Асадулло***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Машҳуртарин тамоюли ҳуқуқии замони муосир, васеъшави доираи ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки ҳам дар зинаи умумиҷаҳонӣ, ҳам дар зинаи минтақавӣ, ва ҳам дар сатҳи дохилидавлатӣ ба тавраи равшан эҳсос мегардад [1]. Дарвоқеъ, бунёди давлатдории миллӣ дар шароити муосир бидуни эътироф, риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ғайриимкон аст. Имрӯз яке аз нишонаҳои асосии мавҷудияти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Халқи тоҷик таърихан ба адолату адолатпарварӣ, доду додрасӣ, довариву инсоф нигоҳи хосса дошта, дар таърихи башарият бо санадҳои дар бахши ҳуқуқи инсон қабулнамудааш маълуму машҳур гардидааст [2].

Масъалаи ҳуқуқи инсон ва риояву эҳтироми он дар маркази таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ҷумла, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар санаи 23 апрели соли 2014 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз меъёрҳои Конститутсияи мамлакат, ки ҳамагӣ фарогири масъалаҳои ҳуқуқи инсонанд, ҷонибдорӣ ва истиқбол намуд: «Конститутсияи кишвар Тоҷикистони моро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили дорои низоми мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ муаррифӣ намуд, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, барои шароити зиндагии арзанда ба ҳар шахс заминаҳои устувори иҷтимоиву иқтисодӣ гузошта шудаанд» [3]. Дар воқеъ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати фарогирии меъёрҳо вобаста ба ҳуқуқи инсон яке аз конститутсияҳои беҳтарини дунё маҳсуб меёбад [4,с.155].

Имрӯз ченаки асосии демократӣ будан ё набудани ин ва ё он кишвар сатҳи кафолат ва таъмини ҳуқуқи инсон баромад мекунад. Шарту шароити маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон низ ҷузъи таркибии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳо ба ҳисоб меравад. Воқеан, маҳдудсозӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон «рангу бӯй» мебахшад. Вагарна озодии мутлақ баргаштан ба ҷомеаи ибтидоӣ ва поймолшавии ҳуқуқу озодиҳо мегардад. Яъне чи қадаре ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ набошанд ҳам, имконияти маҳдуднамоии онҳо бо роҳи қонунӣ вуҷуд дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ то ҳол мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон шарҳи якхелаи ҳудро наёфтааст. Ҳатто дар санадҳои меъёрӣ-хуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ низ ин мафҳум пешбинӣ нагардидааст. Дар санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ одатан шартҳои маҳдудсозӣ пешбинӣ карда мешаванд. Масалан, дар Конститутсия - пойдевори тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар қисми 3 моддаи 14 чунин дарҷ гардидааст: «Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад» [5,с.11].

Мувофиқи моддаи 29 қисми 2-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мафҳуми маҳдуднамоӣ пешбинӣ нашуда, шартҳои маҳдудсозӣ чунин оварда шудаанд: «Ҳар инсон ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои худ ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки дар асоси қонун ва танҳо бо мақсади таъмини зарурии эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ ва некаҳволии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ муқаррар шудааст» [6,с.11].

Муқаррароти шабеҳро дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар моддаи 4 вохӯрдан мумкин аст: «Давлат метавонад танҳо чунин маҳдудиятҳои ин ҳуқуқро муқаррар кунад, ки тибқи қонун муқаррар карда мешаванд ва танҳо ба андозае ки ин бо моҳияти ҳуқуқи мазкур мувофиқ аст ва танҳо мақсади мусоидат намудан ба некуаҳволии умум дар ҷомеаи демократро дорад» [6,с.14].

Дар қисми 3 моддаи 12 Паймони байнамилалӣ оид ба шаҳрвандӣ ва сиёсӣ чунин дарҷ гардидааст: «Маҳдудиятҳое, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд ва барои ҳимояи амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ ё ҳуқуқу озодии дигарон заруранд ва бо дигар ҳуқуқҳое, ки дар Паймони мазкур эътироф шудаанд, мутобиқ мебошанд» [6,с.32].

Дар китобҳо оид ба назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳум ва тавсифи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври умумӣ таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, диққати бештар ба мафҳуми ин ҳуқуқ ва озодиҳо, сохтори вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ба нақши давлат дар барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншудаи инсон ва то андозае ба асосҳои маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷамъият зоҳир карда мешавад.

Сотиволдиев Р.Ш. дар китоби «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» маҳдуднамоиро чунин шарҳ додааст, ки ҳудуд, андоза, меъёри озодии инсон бо дарназардошти манфиатҳои одамон, ҷомеа ва давлат, баҳри таъмини фаъолияти озоди аъзои ҷомеа, таъмини низому субот дар ҷомеа муқаррар мешаванд. Ҳуқуқи муосир наметавонад озодии як гурӯҳи одамонро бар зарари одамони дигар ё бар хилофи манфиатҳои ҷомеаву давлат таъмин намояд [7,с.349].

Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. дар китоби «Ҳуқуқи инсон» мафҳуми маҳдуднамоиро чунин таъриф додаанд: Маҳдудияти ҳуқуқӣ ин сарҳадест, ки тавассути меъёри ҳуқуқ муайян гашта, дар доираи он субъектҳо бояд фаъолият намоянд ва ин гуна сарҳадгузориҳо бо дарназардошти ҳимоя ва манфиатҳои ҷамъиятӣ сурат хоҳад гирифт [8,с.41].

Лукашева Е.А. бошад, дар китоби «Ҳуқуқи инсон» танҳо дар робита ба вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҷанбаҳои умумии асосҳои маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Зимнан, ӯ мафҳуми мустақили маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пешниҳод намекунад, танҳо қайд менамояд, ки «истифодаи ҳуқуқ бо ҷавобгарии инсон, бо имконияти маҳдуднамоӣ, муайянкунии андоза ва сарҳади озодӣ, ки бо ҳуқуқ, принсипҳои башардӯстона, ҳамраъйӣ ва ахлоқии муқарраршуда» алоқаманд мебошад. Ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ ҳавола намуда, ҳолатҳоеро номбар менамояд, ки дар таҷриба ба маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳ дода шудааст [9].

Нерсесянс В.С. бошад, проблемаи ҳуқуқи инсонро дар доираи андешаҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ намуда, ҳуқуқи инсонро дар маҷмӯъ бо ҳуқуқ алоқаманд мекунад. Аз ин рӯ, ӯ мафҳуми махсуси маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро шарҳ намедиҳад. Вале муҳокимаи ӯ оид ба маҳдуднамоии ҳуқуқҳо ва дар бораи зарурати мавҷудият ва эътирофи баробарии ҳуқуқии озодиҳои субъектони ҳуқуқ, яъне дар хусуси мустақилияти расмии онҳо аз якдигар, дар бораи манфиатҳои субъектон ҷолиби диққат мебошад. Ӯ асоснок менамояд, ки тавассути механизми ҳуқуқ доираи васеи одамони аз лиҳози ҳуқуқӣ маҳдудшуда бо мурури замон ба афроди озод мубаддал мегарданд [10].

Алексеев С.С. дар таҳқиқоти худ вобаста ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар назарияи ҳуқуқ қайд менамояд, ҳамзамон бевосита муайян намекунад, ки чунин маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар марҳилаи муосир чӣ аҳаммият дорад. Аз ин рӯ, дар хусуси ҳуқуқҳои инсон ҳамчун падидаи хусусияти ҷаҳонидошта андешаронӣ намуда, дар ин аснод дар бораи зарурати риояи қатъии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеаи демократӣ, бартараф намудани вайронкуниҳои бавуҷудомада, мухолифатҳо ва ғ. ҳарф мезанад. Ӯ ҳамчунин оид ба баробарии одамон дар давлати иҷтимоӣ, яъне дар хусуси баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва дар бораи баробарӣ дар бахшҳои афзалиятноки ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ (бидуни маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ) ибрози андеша менамояд [11,с.673-674,727]

Радко Т.Н. дар доираи функсияи маҳдудкунандаи ҳуқуқ мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқро ҷудо намуда, онро ҳамчун тарзи ба худ хосси баробарнамоии манфиатҳои

муқобил муайян мекунад. Баъдан, тавассути ин мафҳум, олим маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро шарҳ дода, иброз менамояд, ки чунин маҳдуднамоӣ метавонад дар қонунгузорӣ танҳо ба он андозае муқаррар карда шавад, ки барои мақсадҳои ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар ашхос зарур бошад.

Аз таҳлилҳо маълум мегардад, ки дар назарияи давлат ва ҳуқуқ то имрӯз мафҳуми дақиқи маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд коркард нашудаст ва ин маҳдудкуниҳо танҳо аз нигоҳи сиёсӣ-ҳуқуқӣ тавсиф карда мешаванд. Гарчанде маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳо ҳамчун муайянкунандаи андоза ва сарҳади озодӣ, ки қонун, принсипҳои башардӯстӣ, муттафиқӣ ва ахлоқӣ муқаррар кардаанд, шарҳ дода мешаванд (Лукашева Е.А.); ин маҳдудиятҳо дар иртибот бо ҳуқуқ баррасӣ мешаванд, яъне ҳамчун маҳдуднамоии ҳуқуқ, озодиҳои субъектони ҳуқуқ (Нерсесянтс В.С.); маҳдуднамоии баррасишаванда дар ҷанбаи маҳдуд намудани ҳуқуқ ва озодиҳо аз тарафи суд ва дар маънои имкониятҳои гуногуни инсон таҳқиқ карда мешаванд (Алексеев С.С.); ин маҳдудиятҳо тавассути баробар намудани манфиатҳои муқобил омӯхта мешаванд (Радко Т.Н.). Маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳамчун тарзу шаклҳои имконпазири суиистифода ва поймолсозии ҳуқуқҳо шарҳ дода мешавад.

Дар робита ба ин саволҳои зерин ба миён меоянд: Маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд чӣ мебошад? Он аз куҷо саршаъ мегирад? Дар марҳилаи муосир барои он кадом омилҳо асос шуда метавонанд?

Барои посух гардонидан ба ин саволҳо, пеш аз ҳама, ба мафҳуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бо назардошти таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ рӯ меоварем.

Сотиволдиев Р.Ш. чунин андеша дорад ки ҳар як аъзои ҷомеа, новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, мавқеи иҷтимоӣ, молумулкӣ ва ғ., дорои озодӣ аст. Аз тарафи дигар, ҳуқуқи муосир ифодаи меъёрии озодии инсон аст. Истилоҳи «ифодаи меъёрӣ» маънои онро дорад, ки ҳуқуқ тавассути меъёрҳо (меъёрҳои конститутсия, қонунҳо ва санадҳои дигар) андоза, ҳад, меъёри озодии инсонро эътироф ва таъмин мекунад. Озодии инсон беинтиҳо буда наметавонад. Озодии беинтиҳо заминаи бетартибӣ, бесарусомонӣ, бемасъулиятӣ, худсарӣ, номуташаккилӣ, бенизомӣ дар ҷомеа мебошад. Барои ҳамин муқаррар намудани андоза ё меъёри озодии инсон аҳаммияти ҳаётӣ дорад [7,с.348].

Ба андешаи Имомов А., ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд набояд бо мазмуни инкор ё беқурб кардани дигар ҳуқуқу озодиҳои эътирофшудаи инсон ва шаҳрванд шарҳ дода шаванд. Рушди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд пурзӯр кардани кафолати онҳо барои васеъ гардидани кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ заминаи муҳим мебошад [12,с.275]. Онҳоро бе асоси комил ва берун аз расмиёти конститутсионӣ муқарраршуда маҳдуд сохтан ва бекор кардан ғайриимкон аст [13,с.65].

Ба андешаи Лукашева Е.А., «табиати меъёрии ҳуқуқи инсон, ки талаботи ӯро ба неъматҳои муайян ва шароити муқаррарии ҳаёти рӯзмарра қайд менамояд, ба ҳаёти ҷамъиятӣ, субот ва тартиботи ҳуқуқӣ ворид менамояд. Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, кафолати онҳо – ин яке аз тарзҳои нигоҳдории худбаҳодиҳии шахсият, ҳуқуқи ӯ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахсӣ, ба зиндагии арзанда, озодӣ аз эҳтиёҷмандӣ ва таҳқирнамоӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва мустақилияти эътиқодӣ, фарҳангӣ ва миллӣ мебошад” [14,с.89].

Ба андешаи мо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин низоми неъматҳо ва арзишҳои иҷтимоии устувор ва то андозае анъанавӣ мебошад, ки дар худ объекти талаби ҳуқуқии иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ – инсон ва шаҳрвандро мемонанд.

Ҳар як ҳуқуқ ва ҳар як озодии инсон ва шаҳрванд низоми муносибатҳои ҳуқуқиеро мемонад, ки ирсан бо муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра алоқаманд буда, вобаста ва дар иртибот ба неъматҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, шахсӣ, сиёсӣ ва дигар неъмат ва арзишҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳаҷми ҳуқуқ, ҳаҷми муносибатҳои дахлдори он дар маҷмӯъ дорои ҳудуди табиии худ мебошад, ки дар вазъияти мушаххас ҳудуди онро муайян менамояд. Албатта, ин ҳудудҳо хусусияти инкишофёбанда доранд. Онҳо метавонанд васеъ карда шаванд, вале ҳамзамон дар натиҷаи маҳдуд намудан, онҳо метавонанд аз байн бурда шаванд.

Аҳаммияти муҳимро дар муқаррар намудани ҳудудҳои зикршудаи ҳар як ҳуқуқ ва ё озодии мушаххаси инсон ва шаҳрванд, ба андешаи мо, шароитҳои воқеан ҷойдоштаи татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳо, аз ҷумла маҳдуднамоии онҳо мебозад, ки, дар навбати худ, таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор доранд.

Ҷараёни қонеъгардонии талаботи инсон ва шаҳрванд дар маҷмӯъ ба он неъмат ва арзишҳои иҷтимоӣ, ки моҳияти ҳуқуқ ва озодиҳоро ташкил медиҳанд, батартибдарорӣ ва танзимнамоии ҳуқуқии худро талаб менамояд. Ин функсияро танҳо давлат, тавассути истифодаи восита, шакл ва расмиёти ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама қонунгузорӣ, иҷро карда

метавонад.

Амалигардонии функсияи зикршуда вобаста ба батартибдарорӣ ва батанзимдарории қонеъгардонии талаботи ҳуқуқӣ аз тарафи давлат, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ифода меёбад, дар алоқамандии низомнок бо дигар функсияҳои давлат дар иртибот ба ҳуқуқ ва озодиҳо (эътироф, кафолат, ҳимоя ва ғ.) қарор дорад. Вале давлат чӣ тавр функсияи мазкурро амалӣ мегардонад?

Тавре зикр намудем, дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва Паймонҳои байналмилалии соҳа гуфта мешавад: давлат бояд ҳуқуқҳои тамоми шахсонеро, ки дар қаламрави он қарор доранд, таъмин намояд, инчунин эҳтиром ва риояи умумии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро таблиғу ҳавасманд кунад, тавассути ҳокимият ин ҳуқуқ ва озодиҳоро ҳифз намуда, барои амалигардонии ҳуқуқҳо чораҳои қонунгузорӣ ва дигар чораҳо андешад, инчунин имкониятҳои баробари истифодаи ҳуқуқҳоро таъмин намояд [15,с.39, 44, 45, 54].

Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, дар моддаи 5 давлатро вазифадор менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Мутобиқи моддаи 14-и Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд (қ. 2 м. 14-и Конститутсияи ҶТ).

Ҳуқуқҳои асосии инсонро, ки дар асос ва ё дар алоқамандӣ бо онҳо низоми ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ташаккул меёбад, давлат ба вуҷуд намеорад, вале аҳаммият ва нақши давлат дар эътироф, таъмин, кафолат ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд бениҳоят муҳим ва тағйирнопазир мебошад. Бинобар ин, дарки мазмун ва моҳияти тамоми низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар алоҳидагӣ, берун аз алоқамандии функсионалии онҳо бо ҳокимияти давлатӣ ғайриимкон мебошад. Бояд дар назар дошт, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд шакли ҳуқуқӣ гирифта, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун унсури муҳимтарини низоми ҳуқуқии давлат мустаҳкам шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳуқуқҳои асосии фардии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор ҳолатҳо дар ҳуқуқҳои коллективии асосӣ ифодаи худро меёбанд ва маҳдуд намудани ин ҳуқуқҳои коллективӣ дар як вақт маънои маҳдуд намудани ҳуқуқҳои фардиро дорад.

Дар он категорияи ҳуқуқҳои субъективӣ, ки вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро ташкил медиҳанд, ҳар як ҳуқуқ дар намуди мушаххаси он салоҳияти инсон ва шаҳрвандро ба талабот нисбат ба неъмати муайяни шахсӣ ва ё ҷамъиятӣ ифода менамояд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи субъективӣ дар худ тавзеҳоти кӯтоҳ, вале то андозае пурмазмун, комил ва мақсаднокро дар хусуси он ки маҳз кадом неъмат мавзӯи ҳуқуқи мазкурро ташкил медиҳад, фаро мегирад. Бо назардошти ин зарур дониста мешавад, ки ҳангоми баррасии масъалаи имконпазирии маҳдудкунии ҳуқуқ тасаввур бояд кард, ки маҳдуднамоӣ ба чӣ равона шудааст ва он кадом унсурҳои ҳуқуқи субъективиро фаро мегирад.

Ба андешаи мо, маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд якчанд лаҳзаҳои муҳимми пурмазмунро фаро мегирад.

Пеш аз ҳама, вақте ки сухан дар хусуси маҳдуднамоии ҳуқуқи мушаххас меравад, бояд дар назар дошта шавад, ки муқаррар намудани маҳдудияти қонунгузорӣ наметавонад он неъмати шахсӣ ва ё ҷамъиятиро, ки худи мавзӯи ҳуқуқро ташкил медиҳад ва он инсон ва шаҳрвандро ба иддао намудан нисбати он неъмат ваколат медиҳад, тағйир диҳад.

Ҳама гуна маҳдуднамоии ҳуқуқ метавонад танҳо ҳамчун чораи муваққатӣ иҷозат дода шавад. Дар акси ҳол он ҳамчун бекор кардани ҳуқуқ арзёбӣ мегардад, ки хилофи моддаҳои 14 ва 46 Конститутсияи ҶТ мебошад.

Маҳдуднамоии ҳуқуқ (агар андешаҳои дар боло овардашудаи Нерсесянтс В.С.-ро оид ба ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон пайравӣ намоем) – ин дар сатҳи қонунгузорӣ ихтисорнамоӣ, ё ин ки камнамоии неъматҳо, чи аз рӯйи моҳият ва чи аз рӯйи вақти истифодабарии онҳо мебошад, ки мавзӯи ҳуқуқи субъективиро ташкил медиҳанд. Мутаносибан, на худи неъмат (ҳаҷми он, пуррагӣ ва томияти таркибии он, нишондиҳандаҳои сифатии он ва ғ.), балки шароитҳои талаботи нисбати неъмати шахсӣ ва ё ҷамъиятӣ, давомнокӣ, комилият ва сифати истифодабарӣ аз неъмати мазкур маҳдуд карда мешавад.

Аз ин рӯ, ҳамчун категорияи назарияи ҳуқуқ, маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба андешаи мо, воқеан ҳам маҳдудиятҳои танҳо дар қонунгузорӣ

мустаҳкамшудаи шароитҳо ва имкониятҳои талаб намудани неъмати муайян мебошад, на кам кардани худи неъмат, ки ҳаҷм ва сифати он бузургии то андозае доимиро мемонанд.

Аз тарафи дигар, маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин нигоҳ доштани ҳуқуқ ва озодиҳо танҳо дар доира ва сарҳади муайяни қонунгузорӣ, баробар кардани манфиатҳо ва неъматҳои тарафи муқобил мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Раҳмон Д.С. Дурнамои инкишофи низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тақвиятёбии тамоюлҳои муосири ҳуқуқӣ / Д.С. Раҳмон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. -2016. -№ 3(03).
2. Саъдизода Дж.. Декларация Кира Великого и Великая Хартия Вольностей: сходства и различия. (на тадж. яз.) / Дж. Саъдизода Ф. Некрузи // Правовая жизнь. Издательство юридического факультета ТНУ. - Душанбе, 2015. -№2(10). – С. 71-85; Саъдизода Дж. Права человека: от Заратуштры до Кира Великого. Монография / Дж.Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе: Бахманруд, 2016. – 164 с.
3. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014. – [Манбаи дастрасӣ]: http://www.prezident.tj/node/6598
4. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Насурдинов Э.С. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 155.
5. Конститутсияи ҶТ, ки 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шудааст. - Душанбе, 2016. – С.11.
6. Маҷмӯаи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2016. – С. 11.
7. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқук. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. –Душанбе, 2014. -349 с.
8. Диноршоев А. Ҳуқуқи инсон. Воситаи таълимӣ / А. Диноршоев, Б. Сафаров, Д. Сафаров. –Душанбе, 2011. - С. 41.
9. Лукашева Е.А. Права и свободы человека // Теория государства и права / Е.А. Лукашева. - М.: БЕК, 1995. -С. 217-244. Она же. Правовой статус человека и гражданина // Права человека. -М.: НОРМА-ИНФРА-М, 1999. -С. 102-105.
10. Нерсесянц В.С. Прогресс в праве (исторический опыт и перспективы) // Теория государства и права / В.С. Нерсесянц. - М.: БЕК, 1995. -С. 287-300. Он же. Права человека в истории политико-правовой мысли // Права человека. -М.: НОРМА- ИНФРА-М, 1999. -С. 35-37.
11. Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения / С.С. Алексеев. - М.: НОРМА, 2001. -С. 673-674,727 и др.
12. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / А. Имомов. -Душанбе: Офсет-империя, 2017. – 275 с.
13. Имомов А. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Монография / А.Имомов. –Душанбе, 2013. - С. 65.
14. Лукашева Е.А. Права человека: итоги века, тенденции, перспективы / Е.А. Лукашева //Государство и право. - 2001. -№5. -С. 89.
15. Международные акты о правах человека (Сборник документов). – М., 1998. –С. 39, 44, 45, 54.


## МАФҲУМИ МАҲДУДНАМОИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД


Мақолаи мазкур ба баррасии мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Маҳдуднамоии ҳуқуқ – ин дар сатҳи қонунгузорӣ ихтисорнамоӣ, ё ин ки камнамоии неъматҳо, чи аз рӯйи моҳият ва чи аз рӯйи вақти истифодабарии онҳо мебошад, ки мавзӯи ҳуқуқи субъективиро ташкил медиҳанд. Мутаносибан, на худи неъмат (ҳаҷми он, пуррагӣ ва томияти таркибии он, нишондиҳандаҳои сифатии он ва ғ.), балки шароитҳои талаботи нисбати неъмати шахсӣ ва ё ҷамъиятӣ, давомнокӣ, комилият ва сифати истифодабарӣ аз неъмати мазкур маҳдуд карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳамчун категорияи назарияи ҳуқуқ, маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба андешаи мо, воқеан ҳам маҳдудиятҳои танҳо дар қонунгузорӣ мустаҳкамшудаи шароитҳо ва имкониятҳои талаб намудани неъмати муайян мебошад, на кам кардани худи неъмат, ки ҳаҷм ва сифати он бузургии то андозае доимиро мемонанд. Аз тарафи дигар, маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин нигоҳ доштани ҳуқуқ ва озодиҳо танҳо дар доира ва сарҳади муайяни қонунгузорӣ, баробар кардани манфиатҳо ва неъматҳои тарафи муқобил мебошад.



**Калидвожаҳо:** мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, неъмати шахсӣ ва ё ҷамъиятӣ, категорияи назарияи ҳуқуқ, баробар кардани манфиатҳо ва неъматҳои тарафи муқобил.


## ПОНЯТИЕ ОГРАНИЧЕНИЯ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА


Статья посвящена разработке определения конституционного понятия «ограничение прав и свобод человека и гражданина» и выделению признаков исследуемого понятия. Также указывается на значение данного понятия для науки и правотворческой деятельности. Ограничение прав и свобод человека и гражданина» обуславливает неопределенность его содержания и многообразие точек зрения относительно данного феномена. Ограничение прав и свобод человека и гражданина - это установленные законом в конституционных целях границы, рамки, пределы реализации человеком (гражданином) его прав и свобод, соразмерные этим целям. Безусловно, ограничения призваны обеспечить соблюдение интересов общества в целом или отдельной личности в частности. Однако ограничения прав и свобод нельзя напрямую связывать только с функцией сдерживания противоправного деяния, они, как правило, носят превентивный характер, остерегают от возможных неблагоприятных последствий как субъектов, относительно которых действуют ограничения, так и иных лиц.



**Ключевые слова:** понятияе «ограничение прав и свобод человека и гражданина», личные или общественные блага, категория теории права, равенство интересов и благ противной стороны.


## THE CONCEPT OF THE RESTRICTION OF HUMAN AND CITIZEN'S RIGHTS AND FREEDOMS


The article is devoted to the development of a definition of the constitutional concept “restriction of the rights and freedoms of man and citizen” and the identification of signs of the concept under study. The importance of this concept for

science and law-making activity is also indicated. Restriction of the rights and freedoms of man and citizen ”determines the uncertainty of its content and the variety of points of view regarding this phenomenon. The restriction of the rights and freedoms of man and citizen is the boundaries established by law for constitutional purposes, the scope, limits of the realization by a person (citizen) of his rights and freedoms, commensurate with these goals. Of course, the restrictions are designed to ensure the interests of society as a whole or an individual in particular. However, restrictions on rights and freedoms cannot be directly associated only with the function of deterring an unlawful act; they, as a rule, are of a preventive nature, they protect against possible adverse consequences both of subjects subject to restrictions and other persons.

**Key words:** the concept of “restriction of the rights and freedoms of man and citizen”, personal or public goods, category of the theory of law, equality of interests and benefits of the opposite side

**Сведения об авторе:** ***Исозода Парвиз Асадулло*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудлаки, 17. Телефон: **989-15-15-13**

**Information about the author:** ***Isozoda Parviz Asadullo*** - Tajik National University, assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudlaki avenue, 17. Phone: **989-15-15-13**

**УДК 347.61/.64 (575.3)**

## МАҲДУДСОЗӢ, ҲУДУД ВА ПРИНСИПҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚҲОИ ПАДАРУ МОДАР

***Собирзода И.С.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ**

«Давраи муосир бо тағйир ёфтани мавқеи ҳуқуқи оилавӣ дар низоми ҳуқуқ... ва тағйир ёфтани мафкураи он хислатнок карда мешавад. Акнун меъёрҳои он барои амалигардонии комили тамоми ҷанбаҳои чи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва чи ҳуқуқҳои молумулкии ҳамаи шахсоне, ки ба доираи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ҷалб гардидаанд, мусоидат менамоянд» [1,с.31]. Бинобар ин, бо андешаи М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода розӣ шудан мумкин аст, ки «муносибатҳое, ки дар байни одамон ҳамчун аъзои оила пайдо мегарданд, танҳо бо муносибатҳои оилавӣ маҳдуд нагардида, берун аз он низ амал мекунанд ва онҳо на танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, балки бо меъёрҳои ахлоқӣ низ ба танзим дароварда мешаванд». Онҳо инчунин қайд мекунанд, ки «... на ҳамаи муносибатҳое, ки дар байни аъзоёни оила пайдо мегарданд, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Чунин муносибатҳо ҳамчунин аз ҷониби меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба танзим дароварда мешаванд» [2,с.99].

Нуқтаи назари ба ин монандро ҳамчунин муҳаққиқони рус С. Селетская, Е. Яковлева дар мавриди тадқиқи мақоми ҳуқуқии ҳамсарон ва табиати байнисоҳавии он баён медоранд. Онҳо тибқи таҳлили муқоисавии мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар доираи қонунгузории гражданӣ, оилавӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ ва дигарҳо ба хулосае омаданд, ки «дар давраи муосири пешрафти ҷомеа он чиз равшан аён мегардад, ки ҳамсарон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсус мегарданд, ки бо ин онҳо аз дигар аъзоёни оила фарқ менамоянд» [3,с.37-40].

Нуқтаи назарҳои овардашуда имкон медиҳанд дар он хусус хулосабарорӣ намоем, ки ҳамсарон дар муносибатҳои ҳуқуқии гуногун мақоми ягона надошта, доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии воридшаванда муайян карда мешавад. Чунончи, дар асоси моддаи 12, қисми 5 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас уҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик, ки доираи онҳоро Кодекси мазкур муайян кардааст, нишондод диҳад. Тибқи моддаи 6 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми хешовандони наздик падару модар, фарзандон, фарзандхондшудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар фаҳмида мешаванд.

Талаботи моддаи 174 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамсарон ҳимоя шудани шаъну шараф ва эътибори кории тарафи дигарро баъд аз вафот истисно наменамояд. Вобаста ба муқаррароти ин модда, агар шахси паҳнкардаи маълумоте, ки шаъну шараф ё эътибори кории шаҳрвандро паст мезанад, дурустии ин маълумотро ба исбот нарасонад, шаҳрванд ҳақ дорад аз тариқи суд раддияи чунин маълумотро талаб кунад. Бо талаби шахси манфиатдор ҳифзи шаъну шарафи шаҳрванд пас аз вафоташ низ имконпазир аст (моддаи 174, қисми 1).

Муқаррароти дигари ба ин монандро инчунин қонунгузории дигари Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ва ғ. пешбинӣ менамоянд ва онҳоро мавриди танзим қарор медиҳанд.

Мавриди қайд аст, ки новобаста аз танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо иштироки ҳамсарон тавассути доираи васеи қонунгузорӣ, мавқеи қонунгузории оилавӣ дар ин самт хосса буда, бояд дар ин низом ҷойгоҳи калидиро дошта бошанд. Зеро, чи хеле ки М. Аминов қайд менамояд, «муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дар худ намуди махсуси муносибатҳои ҳуқуқиро ифода менамоянд, ки ба онҳо нишонаҳои хоса мансуб мебошанд. Онҳо дар худ муносибатҳои бо қонунгузорӣ танзимгардидаи байни аъзоёни оиларо ифода менамоянд, ки барандаи хислати ба боварӣ асосёфта буда, ба таври бемузд пайдо мегарданд ва муҳлати амали онҳо бо доираи вақт маҳдуд карда нашудааст» [4,с.107].

Таҳлили сабабҳои болоравии содиршавии ҷиноятҳои алоқаманд ба оила ва ноболиғон, даст кашидан аз ҳуқуқи падару модар ишора ба он менамоянд, ки аксари онҳо маҳз бо таъмин нагардидани фарзандон аз ҷониби яке аз падару модар пайвандӣ дошта, тарафи дигарро барои даст задан ба амалҳои ниҳоӣ водор менамояд. Чунончи, шаҳрванд Н.Н. бо аризаи даъвогӣ нисбати Н.М. ва ҳамҷавобгарии З.З. дар бораи бартараф намудани монеа ба Суди шаҳри Ваҳдат муроҷиат намуда, аз суд хоҳиш кардааст, ки монеаи аз ҷониби ҷавобгар ва ҳамҷавобгарон дар хусуси маскун гардидан ба манзили истиқоматии молик З.З. ба вуҷуд овардашуда бартараф карда шавад.

Дар мурофиаи судӣ маълум гардид, ки шаҳрванд Н.Н. соли 1997 бо шаҳрванд З.Ф. тариқи меъёри шариат ақди никоҳ баста, оила барпо менамояд, ки аз ҳамзистии якҷоя соҳиб се фарзанд мегарданд. Соли 2005 шавҳараш барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия сафар карда, бо ҳамин «бе ному нишон» мегардад. Соли 2013 хоҳарони шаҳрванд З.Ф. шаҳрванд Н.Н.-ро ҳамроҳи се кӯдаки умумумии ноболиғ аз манзили истиқоматӣ берун мекунанд.

Дар мурофиаи судӣ шаҳрванд Н.Н. аз суд бинобар сабаби бо фарзандони умумии ноболиғ ҷойгир нашудан дар манзили истиқоматии падар боисрор маҳрум карда шудан аз ҳуқуқи модарӣ ва маскун намудани фарзандони умумии ноболиғро дар манзили истиқоматии шаҳрванд З.З., ки бобои фарзандони ноболиғи умумӣ аз ҷониби падар мебошад, талаб мекард.

Талаботи мазкур аз ҷониби Суди шаҳри Ваҳдат гарчанде дар қисмати бартараф намудани монеа қонеъ карда шуда, дар қисмати маҳрум кардан аз ҳуқуқи модарӣ баррасӣ нагардид, ишора ба он менамояд, ки дар шароити муосири пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ болоравии шумораи бекор гардидани ақди никоҳ ва бо ҳамин тариқи зиёдшавӣ тағйир ёфтани уҳдадории алиментӣ ба мушкилоти рақами аввал табдил ёфта, аз нигоҳи илмӣ комилан пурра ва ҳаматарафа таҳлил шудани худро талаб менамояд.

Мавриди қайд аст, ки дар доираи таҳлили мушкилоти уҳдадории алиментӣ бояд ду мафҳуми комилан гуногун ва ба ҳам монанд набуда: таъминот ва алимент аз ҳам фарқ карда шаванд.

Б. Гонгало дуруст қайд менамояд, ки таъминот аз нигоҳи мазмун ва моҳият бо мафҳуми алимент як набуда, аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ менамояд [5]. Мафҳуми таъминот назар ба алимент васеъ буда, метавонад дар байни шахсоне низ пайдо гардад, ки онҳо бо ҳам дар муносибатҳои оилавӣ қарор надоранд. Масалан, шахсони ғайриқобили меҳнат, ки таҳти таъминоти меросгузор қарор доранд (моддаи 1170 КГ). Алимент мафҳум ва мазмуни маҳдуд дошта, тибқи муқаррароти қонунгузории оилавӣ байни шахсоне пайдо мешавад, ки бо ҳам дар муносибатҳои оилавӣ қарор доранд. Аз ин ҷо, фарқияти муҳим ва калидии алимент ва таъминот дар мавҷудияти муносибатҳои оилавӣ байни субъектони алимент ва таъминот зоҳир мегардад. Фарқияти дигари алимент ва таъминот бо меъёрҳои танзимсозанда низ муайян карда мешавад. Меъёри танзимсозандаи алимент қонунгузории оилавӣ буда, таъминот тавассути қонунгузории гражданӣ низ танзим мегардад.

Б. Гонгало бар он ақида аст, ки дар илми ҳуқуқ ба ҳам монанд кардани мафҳуми таъминот ва алимент аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида, дар сарчашмаи ягонаи пайдоиш доштани онҳо зоҳир мегардад. Сарчашмаи ягонаи пайдоиши онҳо «алимент» **(alimentum)** буда, маънои «таъминот», «нигоҳ доштан»-ро ифода месозад [5].

А. Пергамент нисбати уҳдадории алиментӣ ҳанӯз дар аҳди шӯравӣ диққат зоҳир намуда, эътимод ба он дошт, ки падару модар ва фарзандон уҳдадоранд ҳамдигарро таъмин намоянд [6,с.420]. Ин як намуди мафҳуми уҳдадории алиментӣ буд, ки аз ҷониби А. Пергамент вориди илм карда шуд. Мафҳуми ба ин монанди уҳдадории алиментӣ аз ҷониби намояндаи илми муосир Н. Шерстнева пешниҳод карда шудааст. Ӯ ишора ба он

менамояд, ки пардохти ихтиёрии алимент мумкин аст шахсан аз ҷониби шахс ё дар асоси созишнома дар бораи пардохти алимент амалӣ карда шавад [7,с.14].

Ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ба истисноИ субъектони зикргардида, инчунин бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия, Кодекси гражданӣ, Кодекси оила, Кодекси меҳнат, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар ва кафолат дода мешаванд.

Аз нигоҳи аввал он чиз ба назар расиданаш мумкин аст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак бо доираи васеи субъектон ва заминаҳои мустаҳками конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мушкилоти худро куллан ҳаллу фасл намуда, дучори ягон масоил нест.

Таҳлили асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва манфиати кӯдак шаҳодат ба он медиҳанд, ки оид ба ҳифзи манфиатҳои кӯдак ҳанӯз ҳам мушкилоти зиёд ба назар расида, дар сатҳ ва сифати дахлдор амалӣ шудани кафолати давлатӣ ва ҳуқуқии манфиатҳои кӯдакро душвор мегардонанд [8].

Дар байни асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Зеро меъёрҳои ҳуқуқии бевосита ба ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ бахшидашуда, бори аввал дар қонунгузории миллӣ танҳо бо қабули Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо гардиданд [9, с.271]. Ин санад мафҳуми расмии кӯдакро пешбинӣ карда, асосҳои заминавии ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро нисбати санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи мақоми кӯдак муқаррар менамояд.

Бинобар ин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро зарур аст ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди роҳбарӣ қарор дода, таҷрибаи ягонаро дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак асос гузоранд.

Моддаи 24 Кодекси оила доираи масъалаҳоеро муайян менамояд, ки суд вазифадор аст онҳоро ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ҳаллу фасл намояд:

а) муайян кардани маҳалли истиқомати фарзандони умумии ноболиғ пас аз бекор кардани ақди никоҳ, яъне бо кадоме аз падару модар мондани онҳо;

б) муайян кардани андозаи алимент ва тарафе, ки уҳдадор аст онро барои таъминоти моддии фарзандони умумии ноболиғ супорад;

в) бо талаби ҳамсарон ё яке аз онҳо тақсим намудани молу мулке, ки таҳти моликияти муштараки онҳо қарор дорад;

г) муайян кардани андозаи таъминоти моддӣ бо талаби ҳамсаре, ки барои гирифтани чунин таъминот ҳуқуқ дорад.

Қонунгузории оилавӣ дар моддаи мазкур барои аз ҷониби суд ҳаллу фасл гардидани масъалаҳои зикргардида ду шарти асосиро пешбинӣ менамояд:

а) байни ҳамсарон ҷой надоштани созишнома оиди масъалаҳои дар боло номбаршуда;

б) муқаррар гардидани поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои ҳамсарон ё фарзандони умумии ноболиғ бо созишнома.

Дар асоси талаботи моддаи 24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон суд метавонад ҳангоми баррасии аризаи даъвогӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, оиди баррасии масъалаҳои номбаршуда бидуни талаботи алоҳида дар шакли аризаи даъвогии иловагӣ ташаббус нишон диҳад.

Кодекси мурофиавии гражданӣ бо ба танзим даровардани тартиби баррасии парвандаҳои оилавӣ, масъалаи пайгиришавандаро дахл карда, онро ба таври дигар танзим менамояд. Тибқи талаботи моддаи 5, қисми 1 Кодекси мурофиавии гражданӣ, суд парвандаи гражданиро дар асоси аризаи шахсе, ки барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ муроҷиат кардааст, оғоз менамояд. Тибқи моддаи 198, қисми 3 Кодекси мурофиавии гражданӣ, ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад. Вобаста ба ин, суд ҳуқуқ надорад ҳангоми баррасии аризаи даъвогӣ ва қабули санад, аз доираи талаботе берун шавад, ки дар ариза нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, қонунгузории мурофиавии гражданӣ дар асоси ба танзим даровардани тартиби баррасии парвандаҳои оилавӣ, салоҳияти судро бархилофи моддаи 24 Кодекси оила маҳдуд намуда, аз ҷониби он нишон дода шудани ташаббусро бобати баррасии масъалаҳои бо қонунгузории оилавӣ пешбинигардида манъ менамояд, ки метавонад оқибатҳои зеринро ба вуҷуд орад:

а) пинҳон карда шудани сарчашмаи даромад бо мақсади озод шудан аз пардохти таъминоти моддӣ нисбати фарзандони умумии ноболиғ ва ҳамсари ғайриқобили меҳнати эҳтиёҷманд ё кам пардохт намудани он;

б) бегона кардани молу мулке, ки таҳти моликияти муштарак қарор доштанд, ё ба таври дигар корношоям гардонидани онҳо;

в) аҳаммиятнокии худро гум кардани ҳолатҳое, ки метавонистанд дар мавриди саривақт зоҳир шудани таваҷҷуҳ, дуруст ва дар муҳлати муқарраргардида ҳаллу фасл шудани талабот замина гузоранд;

г) халалдор шудани манфиати кӯдак бинобар сабаби саривақт нагирифтани таъминоти моддӣ ё аз адолати судӣ пинҳон шудани тарафе, ки бояд таъминоти моддӣ пардохт намояд.

Тартиби мазкур ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ҷиддан дахл намуда, осебпазирии онро боло мебарад. Бинобар ин, бо мақсади ба муқарраротн қонунгузории оилавӣ мутобиқ намудани муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ дар қисмати ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, дар таҳрири зерин илова карда шудани сархати нав ба моддаи 5, қисми 1 Кодекси мурофиавии граждании пешниҳод мегардад:

«Судя ҳангоми баррасии ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқ дорад масъалаҳои дар моддаи 24 Кодекси оила пешбинигардидаро ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо намояд, ё онро дар як вақт бо ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намояд».

Ҳамин тавр, бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати ҳимоя карда шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак низ боло рафта, талаб менамояд, ки дар навбати аввал, мухолифати санадҳо бартараф карда шуда, таҷрибаи ягона ба вуҷуд оварда шавад. Ҷой надоштани таҷрибаи ягона аксаран гуногунтатбиқшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, дар як маврид маҳдудшавии ҳуқуқу озодиҳо, дар мавриди дигар поймолшавии ҳуқуқу озодиҳоро асос мегузорад, ки аз ин ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак низ истисно нест.

Қонунгузории оилавӣ маҳаки асосии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро дар байни аъзоёни оила, аз ҷумла ҳамсарон бо назардошти махсусиятҳои ин соҳа муқаррар ва танзим намуда, ба сифати сарчашмаи асосии муносибатҳои ҳуқуқии алоқаманд ба ҳаёти оилавӣ баромад менамояд.

Дар асоси таҳлили муқаррароти қонунгузории оилавии Тоҷикистон ба хулоса омадан мумкин аст, ки КО Тоҷикистон нисбати муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ҳамсарон танҳо ду моддаро дар доираи боби 6 бахшида, бо ин дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ маҳдуд гардидааст. Ин мутобиқан дар танзимсозии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар байни ҳамсарон кофӣ набуда, зарурати васеъ карда шудани доираи худро талаб менамояд. Зеро дар шароити муосири пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ доираи предмети танзимсозии меъёрҳои ахлоқӣ ба таври назаррас маҳдуд гардида, имконияти таъсиррасонии онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва субъектони онҳо рӯ ба таназзул овардааст. Баробари ин, таҳлили сабабу омилҳои болоравии шумораи бекоршавии ақди никоҳ дар байни навхонадорон (оилаҳои ҷавон) онро собит менамояд, ки дар ин самт риоя нашудани талаботи меъёрҳои ахлоқӣ низ мавқеи назаррасро ишғол карда истодаанд.

Таҳлили амалия ба он ишора менамояд, ки дар парокандашавии оилаҳои ҷавон дар баробари сабабу омилҳои дигар, доғдор гардидани иффати ҳамсар то бастани ақди никоҳ, доштани муносибатҳои маҳрамона бо шахсони бегона дар давраи ақди никоҳ аз ҳарду ҷониб (ҳам шавҳар ва ҳам ҳамсар), нобоварӣ нисбати тарафи дигар ва монанди инҳо, ки аслан бо меъёрҳои ахлоқӣ ба танзим даровaрда мешаванд, ба сатҳи аввал баромада истодаанд. Ин сабабу омилҳо дар ҳолатҳои алоҳида барои даст ба ҷиноят задани тарафи дигар оварда мерасонанд. Чунончи, аз ҷониби истиқоматкунандаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Шодиев М. мавриди лату кӯб қарор дода шудани ҳамсараш бо гумони даст доштан дар содири хиёнат [10].

Дар чунин ҳолат дар баробари ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён гузошта шудани ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Зеро ин ҳуқуқпоймолкунӣ бо ҳуқуқпоймолкуниҳои дигар монандӣ ё айният надошта, бо хусусиятҳо ва таркиби субъективӣ фарқ менамояд, гарчанде байни онҳо аломатҳои умумӣ низ ҷой доранд.

Ба сифати субъекти ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ шахсоне баромад мекунанд, ки онҳоро муносибатҳои оилавӣ ба ҳам мепайвандад, яъне чунин шахсон нисбати ҳамдигар бегона набуда, дар муносибатҳои умумии оилавӣ қарор доранд. Предмети чунин

ҷавобгариро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи иҷро ё ба таври дахлдор иҷро нашудани ӯҳдадориҳои оилавӣ пайдо мегарданд. Масалан, ӯҳдадориҳои алиментӣ.

Розӣ шудан мумкин аст, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин муносибати пурмасъули инсон нисбати ӯҳдадориҳои худ ва масъулият оид ба иҷрои дурусти ӯҳдадориҳои ба зиммаи шахс тибқи қонун вогузоршуда мебошад. Дар ҳолати аз ҷониби шахс иҷро нашудани чунин ӯҳдадориҳо, ҷавобгарӣ ба маънои негативии он - водор кардан, ҷуброн намудан, ҷазо додан фаро мерасад [11,с.73]. Ин масъала нисбати ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ баъзе мушкилоти худро дорад. Масалан, С.П. Гришаев ба он назар аст, ки «ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар намуди тоза вуҷуд надорад, нисбати поймолкунандагон муқаррароти ҳуқуқи граждании, ҷиноятӣ ва оилавӣ татбиқ карда мешаванд» [12,с.11]. С.Н. Тағоева ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқиро ба сифати падидаи комплексӣ арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, ин ҷавобгарӣ дар ҷое вуҷуд дошта метавонад, ки дар он сухан дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқ ё маҳрум кардан аз ҳуқуқ ё чораҳои иловагӣ нисбати шахсе меравад, ки ба ҳуқуқвайронкунии оилавӣ роҳ додааст [13,с.17].

Дар асоси таҳлили муқаррароти қонунгузории оилавӣ хулоса кардан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон чунин ҷавобгарии ҳуқуқӣ умуман вуҷуд надорад ё ҷавобгарии мазкур бо ҷавобгарии дигари ҳуқуқӣ - ҷавобгарии гражданӣ айният карда шудааст [14,с.16]. Ҳангоми чунин ранг гирифтани ҳолат мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ тағйир ёфта, онҳо наметавонанд ба чунин сифат баромад кунанд. Чунончи, қонунгузории гражданӣ мафҳуми ҳамсаронро дар мавридҳои алоҳида (масалан, моддаи 304) истифода карда, дар мавридҳои дигар ба чунин сифат баромад кардани ҳамсаронро истисно менамояд. Дар ин робита онҳо мақоми даъвогар ва ҷавобгарро соҳиб гардида, мушкилоти худро ба чунин сифат ҳаллу фасл менамоянд. Ин ҳолат метавонад дар доираи муқаррароти моддаи 198, қисми 3 КМГ Тоҷикистон истисно шудани ҳолатҳои барои баррасии парванда аҳаммиятдоштаро, ки бо мақоми ҳамсаронро доштани тарафҳо алоқаманд мебошанд, замина гузорад. Зеро судя тибқи талаботи моддаи 198, қисми 3 КМГ Тоҷикистон ҳуқуқ надорад ҳалномаро берун аз доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул намояд.

Ба танзим даровarда шудани ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар доираи боби алоҳида имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳимми алоқаманд ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, ки фарогири мақоми ҳуқуқии ҳамсарон мебошанд, дуруст ва пурра ҳаллу фасл карда шаванд, чигунае ки инро дар мавриди бекор кардани ақди никоҳ (моддаи 24 КО), тақсими молу мулки муштараки ҳамсарон (моддаи 39, қисми 3 КО) мушоҳида кардан мумкин аст. Лекин, барои ин мухолифате, ки дар байни қонунгузории мурофиавии гражданӣ ва қонунгузории оилавӣ дар қисмати тартиби баровардани ҳалнома ҷой дорад, монеа эҷод намояд. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки барои аз байн бурдани ин мухолифат, моддаи 198, қисми 3 КМГ Тоҷикистон дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«3. Ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад, агар бо қонунгузории соҳавии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми бо қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидани тартиби дигар, судя онро дар мавриди баррасии парванда ва баровардани ҳалнома ба назар мегирад».

Бастани ақди никоҳ дар мавриди дуғдор будани иффати ҳамсар ва ё доштани муносибати маҳрамона дар давраи ақди никоҳ аз ҷониби ҳарду ҳамсарон хислати қасдонаро дошта, метавонад бо назардошти арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ҳолати равонии тарафи дигар зарари маънавии ҷиддӣ расонад. Дар ин раванд расонида шудани зарари моддӣ дар намуди хароҷот барои бастани ақди никоҳ (бо назардошти анъанаҳои миллӣ), гирифтани табобат ҳангоми осеб дидани ҳолати равонӣ бинобар сабаби ошкор шудани амалҳои ношоистаи тарафи дигар ва ғайра истисно карда намешавад.

Аз нигоҳи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ (моддаи 141 КҶ) ин ба ҷумлаи озодии шахс шомил гардида, зиндагӣ кардан бо ҳаёти маҳрамона аз ҷониби худи ӯ баъди расидан ба синни шонздаҳ мустақилона муайян карда мешавад. Ин озодӣ аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои миллӣ маҳдудиятҳои худро дошта, ба мустаҳкамии оила ва муҳити солими он метавонад ба таври манфӣ таъсир расонад. Бинобар ин, бо мақсади таъмин намудани мустаҳкамии оила ва солим нигоҳ доштани муҳити оилавӣ, он чиз дуруст шуморида мешавад, ки агар дар доираи боби 5 КО Тоҷикистон ба сифати яке аз асосҳои беэътибор донистани ақди никоҳ бо ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, содир намудани амалҳои бо меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои миллӣ манъгардида аз ҷониби яке аз тарафҳо чӣ то давраи бастани ақди никоҳ ва чи баъди он, ки оқибаташ баъди бастани ақди никоҳ фаро расидааст, муқаррар карда шавад.

Муқаррар шудани асосҳои нави беэътибор донистани ақди никоҳ ва эътироф гардидани ҳуқуқи тарафи дигар барои талаб намудани ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ,

аз як тараф, мустаҳкам гардидани ҳаёти оилавиро замина гузорад, аз тарафи дигар мақоми ҳуқуқии ҳамсаронро дар низоми муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ мушаххас намуда, барои дар як вақт ба инобат гирифта шудани манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаи шахсони сеюм замина фароҳам меорад.

Бо он розӣ шудан ғайриимкон аст, ки намояндагони алоҳидаи илми ҳуқуқи оилавӣ барои танзими мақоми ҳуқуқии ҳамсарон қабул гардидани қонуни алоҳидаро ба мақсад мувофиқ мешуморанд. Чунончи, С. Селетская, Е. Яковлева иброз медоранд, ки «мулоҳизаи мо оид ба махсусияти мақоми ҳуқуқии ҳамсарон, ки дар хусусияти байнисоҳавӣ доштани он ифода меёбад, имконият доданд, ки дар бораи зарурияти қабул шудани қонуни махсуси сатҳи федералӣ - «Дар бораи мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар Федератсияи Россия» хулосабарорӣ намоем». Онҳо дар ин қонун мустаҳкам шудани меъёрҳоеро мувофиқи мақсад медонанд, ки тартиби муайян намудани ҳамсаронро ҳамчун субъекти на танҳо муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, инчунин муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ пешбинӣ менамоянд [15,с.39].

Қонунгузории оилавӣ, ки дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мақоми марказиро ишғол мекунад, имконият дорад, ки тамоми масоили алоқаманд ба мақоми ҳуқуқии ҳамсаронро пурра мавриди танзим қарор диҳад, ки ин зарурияти қабул шудани қонуни алоҳидаро истисно мекунад. Бо мақсади дар қонунгузории дигар нигоҳ доштани асосҳои заминавии мақоми ҳуқуқии ҳамсарон он чиз дуруст шуморида мешавад, ки дар Кодекси оила ба ин қонун мутобиқ будани муқаррароти қонунгузории дигар ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ пешбинӣ карда шавад, чуноне ки ин дар КГ Тоҷикистон ба назар мерасад (моддаи 2, қисми 1 КГ).

Ҳамин тариқ, мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар низоми муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ комилан мазмун ва моҳияти ягонаро надошта, вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқие муайян карда мешаванд, ки ҳамсарон ба он дар ҳаёти муқаррарӣ ворид мегарданд. Бинобар ин, он чиз набояд мадди назар карда шавад, ки дар чунин ҳолат маҳаки асосӣ қонунгузории оилавӣ буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ набояд ба он мухолифат намоянд, дар ҳолати акс ин санадҳо метавонанд қувваи ҳуқуқии худро аз даст диҳанд, зеро:

а) ин барои бартараф карда шудани мухолифат байни қонунгузории Тоҷикистон ва қонунгузории оилавӣ мусоидат менамояд;

б) таҷрибаи ягонаи татбиқи муқаррароти қонун, аз ҷумла қонунгузории оилавиро нисбати мақоми ҳуқуқии ҳамсарон ба вуҷуд меорад;

в) арзишҳои ахлоқию маънавии оилавиро мустаҳкам намуда, барои устувории муносибатҳои оилавӣ замина мегузорад.

**АДАБИЁТ**


1. Джандарбек Б.А. Семейное право в системе права РК (вопросы предмета и метода) /Б.А.Джандарбек. –Алматы: «Қазақ университети», 2008.
2. Маҳмузода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. -Душанбе Эр-граф, 2015.
3. Селецкая С.Б. О некоторых особенностях правового статуса супругов и его межотраслевой природе / С.Б.Селецкая, Е.А. Яковлева // Вестник Казанского юридического института МВД России. 2016. -№3 (25).
4. Аминов М.М. Правовые основы признания и исполнения иностранных судебных решений по семейным делам в Республике Таджикистан / М.М.Аминов // Теоретический и политико-правовой журнал Министерство юстиции Республики Таджикистан «Жизнь и закон». 2016. -№1.
5. Гонгало Б.М. Алиментное обязательство. [Электронный ресурс]. URL: http://www.finexg.ru/alimentnoe-obyazatelstvo/ (дата доступа: 09.07.2017 г).
6. Советское гражданское право // Под ред. С.Н. Братуся. -М., 1951. -Т. II.
7. Шерстнева Н.С. Принципы семейного права. М.: ТК Велби, Проспект, 2004.
8. Чапурко Т. Государственная политика в сфере защиты прав и интересов несовершеннолетних / Т.Чапурко // Власть. 2008. -№6. -С.15-18; Еланина И. Защита интересов ребенка / И.Еланина [Электронный ресурс] http://familyties.ru/docs/C3F96C108DDFD02BC325772F00450518.htm (дата доступа: 15 декабря 2015 год).
9. Волков А. Направление совершенствования управления в области охраны и защиты прав несовершеннолетних в Республике Таджикистан / А.Волков, О. Юнусова // Ученые записки Худжанского государственного университета имени академика Б. Гафурова. Серия гуманитарные науки. 2013. -№4 (37).
10. Исбот кун ки хиёнат накардӣ… Ҷангу ҷанҷоли зану шавҳар то суд рафт [Захираи электронӣ] // Реҷаи дастрасӣ: http://akhbor.com/-p6761-117.htm (санаи дастрасӣ: 25.08.2018).
11. Строгович М.С. Сущность юридической ответственности / М.С. Строгович // Советское государство и право. 1979. -№5.
12. Гришаев С.П. Семейное право в вопросах и ответах / С.П. Гришаев. -Москва: Новая правовая культура, 2008.
13. Тагаева С.Н. Правовая сущность семейно-правовой ответственности / С.Н. Тагаева. -Душанбе: Ирфон, 2012.
14. Тагаева С.Н. Правовая сущность семейно-правовой ответственности / С.Н. Тагаева. -Душанбе: Ирфон, 2012.
15. Селецкая С.Б. О некоторых особенностях правового статуса супругов и его межотраслевой природе / С.Б.Селецкая, Е.А. Яковлева // Вестник Казанского юридического института МВД России. 2016. -№3 (25).

**МАҲДУДСОЗӢ, ҲУДУД ВА ПРИНСИПҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚҲОИ ПАДАРУ МОДАР**

Мақолаи мазкур маҳдудсозӣ, ҳудуд ва принсипҳои амалисозии ҳуқуқҳои падару модарро дар бар гирифта, амалигардонии комили тамоми ҷанбаҳои чи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва чи ҳуқуқҳои молумулкии ҳамаи шахсоне, ки ба доираи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ҷалб гардидаанд, таҳлил гардидааст. Ҳамчунин, таҳлили муқоисавии мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар доираи қонунгузории граждании, оилавӣ, мурофиаи граждании, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ ва дигар ба миён гузошта шудааст. Ҳамзамон, дар мақолаи илмии мазкур ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, ки бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия, Кодекси граждании, Кодекси оила, Кодекси меҳнат, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар ва кафолат дода мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Инчунин, таҳлили ин раванд аз нигоҳи амалияи судӣ, ҷой доштани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар мавриди вайрон шудани муносибатҳои молумулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, дар мақолаи илмӣ ақидаҳои муҳаққиқону олимони соҳа вобаста ба мавзӯи таҳқиқшаванда, ки аз муносибатҳои оилавӣ маншаъ мегирад, гирд оварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** маҳдудсозии ҳуқуқҳо, падару модар, таъминот, қонунгузории оилавӣ, суд, никоҳ, кӯдак, оила, ҷавобгарӣ, кодекс.

**ОГРАНИЧЕНИЯ, ГРАНИЦЫ И ПРИНЦИПЫ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ РОДИТЕЛЬСКИХ ПРАВ**

В этой статье рассматриваются ограничения, границы и принципы родительских прав, а также анализируется полное осуществление всех аспектов, как неимущественных прав, так и имущественных прав всех лиц, вовлеченных в брачные и семейные отношения. Так же сравнительный анализ правового статуса супругов проводится в рамках законодательств гражданского права, семейного права, хозяйственного судопроизводства, экономического судопроизводства, административного судопроизводства и других. В то же время, в научной статье рассматриваются права и интересы ребенка, которые утверждены и установлены многими нормативно-правовыми актами, в том числе Конституцией Республики Таджикистан, Гражданским кодексом, Семейным кодексом, Трудовым кодексом, Законами Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», «О предупреждении насилия в семье», «О защите прав ребенка» и ряде других нормативно-правовых актов, гарантирующих права и интересы ребенка. Также при анализе этого процесса, с точки зрения судебной практики, существует юридическая ответственность, в том числе семейно-правовая ответственность за нарушение имущественных отношений и личных неимущественных отношений. В статье собраны мнения ученых и исследователей в этой сфере, которые касаются семейных отношений.

**Ключевые слова:** ограничение прав, родительские права, положение, семейное законодательство, суд, брак, ребенок, семья, ответственность, кодекс.

**LIMITATIONS, BOUNDARIES AND PRINCIPLES FOR THE IMPLEMENTATION OF PARENTAL RIGHTS**

This article discusses the limitations, boundaries, and principles of parental rights, and analyzes the full implementation of all aspects of both non-property rights and property rights of all persons involved in marriage and family relations. A comparative analysis of the legal status of spouses is carried out in the framework of civil law, family law, civil proceedings, economic proceedings, administrative proceedings and much more. At the same time, this scientific article examines the rights and interests of the child, which are approved by a number of legal acts, including the Constitution, the Civil Code, the Family Code, the Labor Code, and the Laws of the Republic of Tajikistan on “Responsibility of Parents for Child Education and Upbringing”, on “Prevention of Domestic Violence”, on “Child Rights Protection” and other legal acts. Also, when analyzing this process from the point of view of judicial perspective, the article examines legal liability, including family legal liability for violation of property relations and personal non-property relations. This article gives an overview of the range of challenges that children face when forced to flee from situations which give serious pathological changes in the psyche of child. The article points to the importance of taking into account the factors when seeking to understand the social and emotional challenges children face. There are collected opinions of scientists and researchers of the researching sphere, which is rooted in the family relations.

**Key words:** restriction of rights, parental rights, position, family law, court, marriage, child, family, responsibility, code.

**Сведения об авторе:** ***Собирзода Исфандиёр Салом*** - Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова Академии наук РТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **sis-tj85@mail.ru**. Телефон: **(+992) 938-08-22-66**

**Information about the authors:** ***Sobirzoda Isfandiyor Salom*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law them. A.M. Bakhoviddinov Academy of Sciences of the RT, Applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Prospect Rudaki, 33. E-mail: **sis-tj85@mail.ru**. Pone: **938-08-22-66**

**УДК:347.2/.3 (575.3)**

# ОТГРАНИЧЕНИЕ НЕЗАКОННОЙ ТРАНСПОРТИРОВКИ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ОТ НЕЗАКОННОГО ХРАНЕНИЯ И КОНТРАБАНДЫ

***Юлдашева Г.М.***

**Таджикский национальный университет**

Транспортировка наркотических средств, в соответствии со статьёй 200 Уголовного кодекса Республики Таджикистан, является одним из способов распространения наркотических

средств. Транспортировка означает перемещение наркотиков из одного места в другое любыми транспортными средствами.

В соответствии с Постановлением Пленума Верховного суда, транспортировка означает перемещение наркотиков из одного места в другое любыми транспортными средствами [1]. Перемещение наркотических средств, особенно транспортным средством (так как предполагается в крупном и особо крупном размере), наряду со сбытом можно считать способом распространения наркотиков и в силу этого транспортировка представляет повышенную общественную опасность. Незаконная перевозка (транспортировка) наркотических средств характеризуется фактическим незаконным их владением виновным и намерением доставить наркотические средства в пункт назначения в основном с целью их дальнейшего сбыта, а также потребления или передачи третьим лицам. Следовательно, транспортировка наркотических средств может быть осуществлена как самим владельцем наркотиков, так и другими лицами, взявшими на себя обязательство по доставке наркотиков. Перемещение наркотических средств из одного места в другое, независимо от способа транспортировки, расстояния, вида транспортного средства, на котором они перевозятся, представляет собой оконченное преступление с момента начала движения транспортного средства. Мы не согласны с мнением авторов, которые считают, что («перевозка - это своеобразная форма хранения-хранения в движении») транспортировка (перевозка) наркотических средств даже в крупном и особо крупном размерах является разновидностью хранения и слово «перевозка» следует исключить из кодекса [2,с.46]. «Одним из самых спорных вопросов практики рассмотрения дел о преступлениях, связанных с наркотическими средствами, психотропными веществами, сильнодействующими или ядовитыми веществами, является вопрос о незаконной перевозке указанных средств и веществ и отграничение этого состава от незаконного хранения во время поездки…Результаты изучения судебной практики свидетельствуют о том, что аналогичные по существу действия, в одних случаях квалифицируют как незаконную перевозку наркотиков, в других же не признают их как перевозку и расценивают как незаконное хранение во время поездки» [3,с.103]. Необходимо отличать транспортировку от переноски наркотических средств, которая представляет собой частный случай хранения, а в этом вопросе следственные органы иногда допускают ошибку. Под понятием «транспортировки» необходимо понимать перемещение наркотических средств из одной местности в другую с использованием транспортного средства, если размер наркотического средства составляет крупный или особо крупный, а в остальных случаях необходимо квалифицировать деяние как хранение наркотических средств.

Уголовный кодекс Республики Таджикистан в главе 27 «Преступления в сфере экономической деятельности», в части второй, статьи 289 устанавливает ответственность за контрабанду наркотических средств или психотропных веществ. Незаконное перемещение наркотических средств и психотропных веществ через таможенную границу Республики Таджикистан, то есть контрабанду указанных средств, необходимо отграничивать от незаконной транспортировки и хранения наркотических средств и психотропных веществ. Такие действия следует квалифицировать по совокупности ст. 200 и ст. 289 УК РТ. Таможенный кодекс Республики Таджикистан определяет понятия таможенной территории, таможенной границы, дает определение средств таможенной идентификации, определяет порядок декларирования перемещаемых товаров.

Данное преступление одновременно посягает на два непосредственных объекта:

первый, соответствующий родовому объекту преступлений в сфере экономической деятельности, общественным отношениям, обеспечивающим внешнеэкономическую деятельность;

второй, тождественный непосредственному объекту ст. 200 УК РТ, - безопасность здоровья населения, в отношении такого предмета, как наркотические средства или психотропные вещества, пребывающие в состоянии готовности, способности вызвать наркотическое опьянение ими.

Объективная сторона преступления, предусмотренного ч. 2 ст. 289 УК РТ, заключается в перемещении через таможенную границу Республики Таджикистан товаров и иных предметов и веществ (в том числе наркотических средств и психотропных веществ), в отношении которых установлены специальные правила перемещения через таможенную границу Республики Таджикистан: а) помимо, или с сокрытием от таможенного контроля; б) с обманным использованием документов или средств таможенной идентификации; в) сопряженным с недекларированием или недостоверным декларированием перемещенных товаров или иных предметов и веществ.

Контрабанда наркотических средств и психотропных веществ является разновидностью их незаконной транспортировки [4,с.74]. Отличие контрабанды наркотических средств от «обычной» перевозки выражается в перемещении этих средств через таможенную границу РТ. Правоохранительными органами отмечается необходимость в случае прекращения уголовного дела о контрабанде ввиду отсутствия умысла на контрабандное перемещение наркотиков, разрешать вопрос о наличии в действиях подозреваемых признаков преступления, предусмотренного ст. 200 УК РТ как обычное перемещение наркотических средств.

Отличие объективной стороны контрабанды наркотических средств (ч. 2 ст. 289 УК РТ) от незаконной перевозки (ст. 200 УК РТ) заключается в дополнительных условиях, связанных с легальным перемещением груза через таможенную границу.

Порядок перемещения через таможенную границу наркотических средств, психотропных веществ регламентирован [4,с.124], Таможенным кодексом, Законом о наркотических средствах. При соблюдении определенных условий, право на их перемещение могут получить только государственные унитарные предприятия. Основанием на перемещение через таможенную границу РТ наркотических средств и психотропных веществ является лицензия, выданная Министерством экономического развития РТ.

Вполне понятно стремление законодателя выделить контрабанду наркотиков в отдельную статью УК РТ. Это обусловлено сочетанием различных объектов посягательств, повышенной общественной опасностью данного вида преступления, международным масштабом проблемы противодействия наркобизнесу. В остальном объективная сторона контрабанды наркотиков соотносится с их перевозкой, а равно хранением при себе во время поездки.

Объективную сторону контрабанды наркотических средств составляют действия, направленные на их сокрытие от таможенного контроля [5,с.74]. При обычной транспортировке сокрытие наркотиков обусловлено устранением препятствий к перемещению наркотиков.

Субъект транспортировки и хранения наркотических средств то есть физическое, вменяемое лицо, достигшее шестнадцати лет [6,с.40]. В качестве субъекта контрабанды наркотических средств, предусмотренной п. «б» ч. 3 ст. 289 УК РТ, выступает должностное лицо, специальный субъект.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 12 декабря 2002г. «О судебной практике по делам, связанным с наркотическими средствами и психотропными веществами или прекурсорами».
2. Алиева Р.Х. Уголовно - правовые и криминологические проблемы борьбы с незаконным оборотом наркотиков: автореферат дисс. на соискание учёной степени кандидата юрид. наук/ Р.Алиева. - Махачкала, 2005. - С. 46.
3. Надысева Э.Х. Преступления против здоровья населения и общественной нравственности: вопросы современного состояния и совершенствования законодательства: автореферат на соискание учёной степени канд. юрид. наук/ Э Надысева. - М., 2011. - С. 103.
4. Калачёв Б.Ф. Контрабанда наркотиков в Россию: Научно-аналитический обзор/ Б Калачёв, Т. Веретенникова, И. Моднов, А. Клипачёв . - М., 1998. - С. 124.
5. Минковский Г.М. Наркотизм: профилактика и стратегия борьбы: Учебное пособие/ Г. Минковский, Э. Побегайло. - Москва, 1999. - С. 74.
6. Федорюк С.Ю. Проблемы уголовно-правовой регламентации ответственности за незаконный оборот наркотических средств и психотропных веществ и их аналогов: диссертация на соискание учёной степени канд. юрид. наук/ С.Федорюк. - Ставрополь, 2004. - С. 40.


## ФАРҚ ГУЗОШТАНИ ИНТИҚОЛИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР АЗ ҒАЙРИҚОНУНӢ НИГОҲ ДОШТАН ВА ҚОЧОҚИ ОН


Ғайриқонунӣ интиқол додани маводи мухаддир дар баробари ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва дигар ҳаракатҳои алтернативӣ дар моддаи 200 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани маводи мухаддир, новобаста аз тарзи интиқол, намуди воситаи нақлиёте, ки онро бурдааст, аз лаҳзаи ҳаракат намудани воситаи нақлиёт, таркиби ҷинояти хотимаёфтаро ташкил медиҳад. Ғайриқонунӣ интиқол додани маводи мухаддир бо ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва инчунин бо қочоқи маводи мухаддир, ки дар қисми дуюми моддаи 289 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, баъзе аломатҳои ба ҳам монандро доро мебошанд. Интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир ба воситаи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне қочоқи воситаҳои нашъадор бояд аз интиқоли одӣ ва ғайриқонунӣ нигоҳ доштани он фарқ карда шавад. Чунин амалҳо бояд ҳамчун маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаҳои 200 ва 289 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд. Қочоқи маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ яке аз намудҳои интиқоли ғайриқонунӣ мебошад. Фарқияти қочоқи маводи мухаддир аз интиқоли одии ғайриқонунӣ дар он ифода меёбад, ки ин маводҳо ба воситаи сарҳади гумрукии ҶТ гузаронида мешаванд. Аз тарафи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ қайд карда мешавад, ки дар ҳолати қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ оиди қочоқи маводи мухаддир дар асоси мавҷуд набудани қасди ба воситаи сарҳади гумрукӣ интиқол додан дар амалҳои гумонбаршуда, масъала бояд ҳамчун интиқоли одӣ бо моддаи 200 КҶ ҶТ ҳал карда шавад. Барои дуруст бандубаст намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 200 ва 289 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, ин ҷиноятҳо бояд бо воситаи муқаррар намудани ҳама аломатҳои асосӣ ва иловагӣ, аз якдигар фарқ карда шаванд.



**Калидвожаҳо:** интиқол, нигоҳ доштан, қочоқ. мухаддир, мавод, психотропӣ, восита, ҷиноят, тарз, гумрук, таҷовуз, ҳаҷм, калон, бандубаст. ҷиноятӣ, сарҳад.

**ОТГРАНИЧЕНИЕ НЕЗАКОННОЙ ТРАНСПОРТИРОВКИ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ОТ НЕЗАКОННОГО ХРАНЕНИЯ И КОНТРАБАНДЫ**

Незаконная транспортировка наркотических средств наряду с хранением и другими альтернативными действиями предусмотрена статьёй 200 Уголовного кодекса Республики Таджикистан. Перемещение наркотических средств из одного места в другое, независимо от способа транспортировки, расстояния, вида транспортного средства на котором они перевозятся, образует оконченное преступление с момента начала движения транспортного средства.Незаконная транспортировка наркотических средств имеет некоторые общие признаки с незаконным хранением, а также с контрабандой наркотических средств, которая предусмотрена частью второй статьи 289 УК Республики Таджикистан. Незаконное перемещение наркотических средств и психотропных веществ через таможенную границу Республики Таджикистан, то есть контрабанду указанных средств, необходимо отграничивать от незаконной транспортировки и хранения наркотических средств и психотропных веществ. Такие действия следует квалифицировать по совокупности ст. 200 и ст. 289 УК РТ. Контрабанда наркотических средств и психотропных веществ является разновидностью их незаконной транспортировки. Отличие контрабанды наркотических средств от «обычной» перевозки выражается в перемещении этих средств через таможенную границу РТ. Правоохранительными органами отмечается необходимость в случае прекращения уголовного дела о контрабанде ввиду отсутствия умысла на контрабандное перемещение наркотиков, разрешать вопрос о наличии в действиях подозреваемых признаков преступления, предусмотренного ст. 200 УК РТ как обычное перемещение наркотических средств. Для правильной квалификации преступления, предусмотренных статьями 200 и 289 УК РТ, необходимо отграничить эти деяния, определив все обязательные и факультативные признаки этих составов.

**Ключевые слова**: транспортировка, хранение, контрабанда, наркотические, средства, психотропные, вещества, преступление, способ, таможенная, посягательств, размер, крупный, квалификация, уголовная, граница.

**DELIMITATION OF ILLICIT DRUG TRAFFICKING FROM ILLEGAL STORAGE AND SMUGGLING**

Illegal transportation of narcotic drugs along with storage and other alternative actors is provided for by article 200 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The movement of narcotic drugs from one place to another, regardless of the mode of transportation, the distance the type of vehicle at which they are transported, constitutes the completed crime since the moment the vehicle began to move.Illegal transportation of narcotic drugs has some common features with illegal storage, as well as smuggling of narcotic drugs which is provided for by the second part of the article 289 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. The illegal movement of narcotic drugs and psychotropic substances across the customs border of the Republic of Tajikistan, that is, the smuggling of these funds, must be restricted from the illegal transportation and storage of narcotic drugs and psychotropic substances. Such actions should be qualified according to the aggregate of the article 200 and article 289 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. Smuggling of narcotic drugs and psychotropic substances is a type of their illegal transportation. The difference in the smuggling of narcotic drugs from conventional transportation is expressed in the movement of these funds across the customs border of the Republic of Tajikistan. Law enforcement agencies noted the need in case of termination of a criminal case on smuggling due to the lack of intent to smuggling drugs to resolve the issue of the presence of suspects in the action, signs of a crime under the article 200 of the Criminal Code from the usual movement of drugs.In order to properly qualify a crime under articles 200 and 289 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, it is necessary to limit these acts by defining all the mandatory and optional features of these trains.

**Key words:** transportation, storage, smuggling, drugs, psychoactive, substances, crime, movement, way, customs, encroachment, size, large, qualification, criminal, border.

**Сведения об авторе:** ***Юлдашева Гилмоной Мирзомуродовна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **901-60-10-62**

**Information about author:** ***Uldasheva Gilmonoy Mirzomurodovna*** **-** Tajik national university, senior lecture at the department of criminal law and anti corruption. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **901-60-10-62**

**УДК:340 (575.3)**

# АСОСҲОИ ИЛМӢ ВА МАФҲУМИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ

***Сотиволдиев Р.Ш., Назирзода Ҷ.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» солҳои 1970-ум вориди илми ҳуқуқшиносӣ гардид. Таваҷҷуҳи бештар ба ин мафҳум солҳои 1990-ум дода мешавад. Дар ин давра таҳлилҳои комплексии сиёсати ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд, паҳлуҳои назариявии ин мафҳуми нави илмӣ, аз қабили принсипҳо, ҳадафҳо, воситаҳо, шаклҳои амалисозӣ муайян мешаванд [3;8;14;15;16;22;23;27].

Ба ин нигоҳ накарда, як қатор олимон бар он андешаанд, ки айни ҳол консепсияи илмии сиёсати ҳуқуқӣ дар шакли ниҳоӣ тарҳрезӣ нашудааст. Дар ин бора муаллифони имрӯза таъкид мекунанд. Ба ин масъала, аз ҷумла дар семинари махсуси «Сиёсати ҳуқуқӣ: консепсия ва воқеият», ки соли 2001-ум баргузор гашта буд, ишора шуда буд [22].

Дар шароити имрӯза такмили самаранокии танзими ҳуқуқӣ тавассути сиёсати ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад. Ислоҳоти ҳокимияти давлатӣ, мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии давлат, такмили низоми идоракунӣ бо нигоҳдошти раванди демократӣ, бо дарназардошти инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ ва ҳуқуқи хусусӣ бояд дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ ва тавассути тадбирҳои сиёсӣ амалӣ карда шавад. Бесабаб нест, ки тарҳрезии консепсияи расмии сиёсати ҳуқуқӣ, муайян намудани самтҳо ва вазифаҳои консепсияи илмии инкишофи ҳуқуқӣ барои солҳои наздик, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ пазируфта мешавад [17,с. 309].

Аз ин хотир, ақидаҳо ва таклифҳои олимон дар бахши муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷониби аксари муҳаққиқон дастгирӣ меёбад. Дар ин самт дар Россия лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ тарҳрезӣ мешавад [6]. Дар Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 6 феврали соли 2018 тасдиқ шудааст.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар дигар давлатҳои аъзои ИДМ низ қабул шудааст. Истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои амалӣ намудани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст.

Дар Тоҷикистон ислоҳоти ҳуқуқӣ бояд дар заминаи сиёсати ҳуқуқии давлат роҳандозӣ гардад. Барои ҳалли ин вазифа муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҳангоми муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ ба масъалаҳои зерин бояд таваҷҷуҳ намуд: ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ; маълумот оид ба проблемаҳои муҳимми ҳаёти ҳуқуқии кишвар; присипҳои сиёсати ҳуқуқӣ, ки дар фаъолияти ҳамарӯза бояд татбиқ гарданд; чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, ки барои таъмини самаранокии ислоҳоти ҳуқуқӣ кумак мекунанд; асосҳои муносибати байни ҳокимият ва ҷомеа дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва кумаки дуҷониба дар пайгирии ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқӣ; шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ; самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ; асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ.

Барои таъмини самаранокии консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ тасдиқи он дар сатҳи расмӣ аҳаммияти зиёд дорад. Дар ин ҳолат консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ эътибори расмӣ пайдо карда, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ дар заминаи асосҳои илмӣ ва консепсияи ягонаи расмӣ амалӣ мешавад.

Дар адабиёти илмӣ моҳияти сиёсати ҳуқуқӣ мавриди баҳсҳои илмӣ қарор дорад. Ба андешаи як қатор олимон, сиёсати ҳуқуқӣ маънои тарҳрезӣ ва амалисозии ақидаҳои ҳуқуқии дорои аҳаммияти стратегиро дорад. Ба ин маъно, сиёсати ҳуқуқӣ тарҳрезии барномаи назариявиро дар назар дорад. Ақидаи ҳуқуқӣ бошад, ба маъноҳои гуногун, аз ҷумла ҳамчун шакли танзими ҳуқуқӣ ё самтҳои стратегии инкишофи давлат ва ҷомеа дарк карда мешавад [7,с.11].

Олимони дигар бар ин андешаанд, ки сиёсати ҳуқуқӣ маънои танҳо коркарди барномаҳои назариявиро надошта, хислати бештар амалӣ дорад. Ба ибораи дигар, сиёсати ҳуқуқӣ маънои тарҳрезии барномаи амалиро дорад [30,с.11].

Ба ақидаи В.В. Трофимов, андеша дар хусуси сиёсати ҳуқуқӣ чун тарҳрезии ақида ё барномаи назариявӣ бояд аз нигоҳи нав таҳлил гардад, зеро чунин нуқтаи назар паҳлуҳои амалии сиёсати ҳуқуқиро сарфи назар мекунад. Ба ақидаи ӯ, асоси сиёсати ҳуқуқиро на ақидаҳои ҳуқуқӣ, балки карорҳои ҳуқуқӣ, ки натиҷаҳои ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд, бояд ташкил диҳанд. Ин зайл қарорҳо аз як тараф нав, аз тарафи дигар бояд ҳатман хислати илмӣ дошта бошанд. Ҳамзамон, қарорҳои ҳуқуқӣ бояд мутобиқ ба воқеият бошанд, натиҷаҳои ҳуқуқиро марбут ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт пешбинӣ карда тавонанд. Илова бар ин, қарорҳои ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф гарданд [29,с.144].

Дар заминаи чунин андешаҳо мафҳуми дигари сиёсати ҳуқуқӣ пешкаш мешавад. Дар ин ҳолат сиёсати ҳуқуқӣ бо истилоҳи «сиёсати ҳуқуқ» иваз карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқ маънои пешбинии илмии натиҷаҳои амалӣ гаштани нишондоди ҳуқуқиро дорад [29,с.144].

Як қатор муаллифон мафҳумҳои «сиёсати ҳуқуқӣ» ва «сиёсати ҳуқуқ»-ро фарқ накарда, якҷоя истифода мебаранд. Ба андешаи А.В. Поляков, сиёсати ҳуқуқӣ ё сиёсати ҳуқуқ «маҷмӯи тасаввурот оид ба роҳҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба ҳолатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа баҳри наздик шудан ба идеали ҳуқуқӣ мебошад» [21,с.421].

Ба ақидаи В.А. Рудковский, асоснокии илмии сиёсати ҳуқуқӣ талаботи асосӣ мебошад. Ба ибораи дигар, сиёсати ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Дар акси ҳол, сиёсати ҳуқуқӣ чун маҷмӯи тадбирҳое баромад мекунад, ки дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ амалӣ гашта, вале низоми муташаккилона надоранд. Дар чунин ҳолат тадбирҳо дар самти сиёсати ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо амалӣ мешаванд, чунки ба як барномаи

умумии илмӣ такя надоранд. Дар ниҳояти кор, сиёсати ҳуқуқӣ чун низоми тадбирҳои ҷудогонаи бенизом ба натиҷаи дилхоҳ намеорад [25,с.7].

Аз ин нуқтаи назар, илми ҳуқуқшиносӣ дар муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Зарурати муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ бо он муайян мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ самти стратегии рушди ҳуқуқии ҷомеа, аз ҷумла самтҳои стратегии сиёсати давлатро дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа муайян мекунад. Ба ин масъала, аз ҷумла нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар тарҳрезии консепсияи илмии сиёсати ҳуқуқӣ олимон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Чунончи, А.В. Малко чунин ибрози ақида мекунад, ки дар заминаи маҳз таҳқиқоти илмӣ «мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ пешбарӣ мешаванд,… инкишофи технологияҳои ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешавад» [10,с.19].

Илмӣ будани сиёсати ҳуқуқӣ дар як қатор таҳлилҳои илмӣ ба ҳайси сифати ҳатмӣ ва ҷудонопазири ин падидаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Чунончи, О.Ю. Рибаков ба хусусиятҳои зерини сиёсати ҳуқуқӣ ишора мекунад: «илмият, асоснокӣ дар заминаи дастовардҳои пешқадами илми ҳуқуқшиносӣ» [26,с.78]. Ин сифатҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи он баррасӣ карда мешаванд.

Мавсуф ҳамчунин таъкид мекунад, ки «хусусияти зикршудаи сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷумлаи вазифаҳои нави илми ҳуқуқшиносӣ дар ҷодаи ҳимояи манфиатҳои ҷомеа маҳсуб мешавад» [26,с.78].

А.В. Малко ва К.В. Шундиков ба он ишора мекунанд, ки мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ маъноҳои зиёд дорад. Айни замон онҳо дар робита бо эътирофи хусусияти илмии сиёсати ҳуқуқӣ чунин таърифи илмиро пешбарӣ мекунанд: «Сиёсати ҳуқуқӣ – ин фаъолияти илман асоснокшуда, мунтазам ва низомноки субъектҳои босалоҳият (пеш аз ҳама, мақомоти давлатӣ ва худидора) дар самти ташкили механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ, истифодаи оқилонаи воситаҳои ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими интизом, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ташаккули давлатдории ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва шахс мебошад» [12].

Сиёсати ҳуқуқӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ;
- таъмини шароити кофӣ барои инкишофи ҳуқуқӣ баҳри дигаргунии воқеияти иҷтимоӣ;
- таъмини асосҳои ҳуқуқии ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ;
- таъмини рушди ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа;
- таъмини фаъолияти босамари мақомоти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ;
- таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ;
- таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ, алалхусус, ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ;
- ҳимояи манфиатҳои миллӣ зимни эътирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба ҳайси ҷузъи низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ.

Аммо вазифаҳои хешро сиёсати ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолати доштани асосҳои ҳуқуқӣ ҳал карда метавонад. Ин ҷо сухан танҳо дар хусуси истифодаи хулосаҳои илми ҳуқуқшиносӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ намеравад. Сухан аслан дар хусуси он меравад, ки раванди қабули қарорҳои ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад.

Олимон бар он андешаанд, ки асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқӣ на ҳамаи донишҳои илмӣ, балки донишҳои асосӣ, заминавӣ, бунёдӣ, муайянсозандаро дар назар доранд. Ба ибораи дигар, донишҳои асосӣ заминаи илмии сиёсати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Чунин донишҳои бунёдӣ дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ пешбарӣ мешаванд.

Ҳамин тариқ, илм чун унсури муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷониби аксари олимон пазируфта мешавад. Дар бештари таърифҳои мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ илм чун ҷузъи сиёсати ҳуқуқӣ баромад мекунад. Айни замон истилоҳи «асосҳои илмӣ» ба маънои донишҳои заминавӣ, асосӣ истифода мешавад. Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқиро маҷмӯи донишҳои илмии заминавӣ ва асосӣ ташкил медиҳанд, чунки сиёсати ҳуқуқӣ самти стратегии қабул ва амалисозии қарорҳои ҳуқуқиро дар назар дорад.

Айни замон дар адабиёти илмӣ истилоҳи «илми сиёсати ҳуқуқӣ» низ истифода мешавад. Аз як тараф, сиёсати ҳуқуқӣ асосҳои илмии худро дорад. Аз тарафи дигар, илм оид ба сиёсати ҳуқуқӣ ё назарияи сиёсати ҳуқуқӣ арзи ҳастӣ дорад. Илми сиёсати ҳуқуқӣ маҷмӯи ҳамаи донишҳои илмӣ мебошад, чунки илм дар асл низоми кулли донишҳои назариявӣ маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, истилоҳи «илми сиёсати ҳуқуқӣ» ҳамаи донишҳои назариявии илман асоснокшударо дар бар мегирад.

Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ - низоми донишҳои назариявӣ ва амалӣ мебошанд, ки барои коркард, қабул ва амалисозии қарорҳои ҳуқуқӣ, таъмини фаъолияти муътадили низоми ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҳуқуқӣ,самаранокии танзими ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Дар тарҳрезии асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ субъектони гуногун саҳмгузор мебошанд. Субъектони ташаккул ва инкишофи асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ инҳо мебошанд:

а) олимон (ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва намояндагони соҳаҳои дигари илм) ва коллективҳои илмӣ, ки дар ҷодаи низоми ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҳуқуқӣ таҳқиқоти илмиро анҷом медиҳанд;

б) марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои илмӣ ва олии таҳсилотӣ, ки лоиҳаи қарорҳои ҳуқуқии дорои хусусияти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунандаро омода мекунанд;

в) шуъбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, ки қабули қарорҳои ҳуқуқии дорои хусусияти тактикӣ ва стратегиро таъмин мекунанд.

Илмӣ будани қарорҳои ҳуқуқӣ аз сатҳи кори мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, маҳорати касбии кормандони мақомоти давлатӣ, сатҳи робитаи байни илм ва мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, истифодаи дастовардҳои илмӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ вобастагӣ дорад. Барои ҳамин, мақомоти қонунэҷодкунанда вазифадоранд дар ҷалби муассисаҳои илмӣ ва олимон ба ҷараёни тарҳрезии лоиҳаи қонунҳо фаъол бошанд, муҳокимаи лоиҳаи қонунро бо иштироки олимон, намояндагони ташкилотҳои дахлдор ва мутахассисон ҷоннок намоянд.

Муайян намудани асосҳои илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мураттабсозии қонунгузорӣ вазифаи муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Банақшагирии тарҳрезии лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи муҳимми таъмини сатҳи илмии ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, зеро маҳз дар ҳамин давра донишҳои илмӣ, аз ҷумла донишҳои махсуси илмӣ дар соҳаи техникаи ҳуқуқӣ истифода мешаванд, консепсияи илмии қонун муайян карда мешавад, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии қонун дар лоиҳаи он бо дарназардошти стратегияи рушди ҷомеа сабт карда мешаванд. Айни замон асосҳои илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ на танҳо зимни фаъолияти мақомоти қонунгузор, балки мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои давлатии дахлдор, инчунин мақомоти худидора муайян карда мешаванд, чунки мақомоти зикршуда субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳсуб мешаванд.

Муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ ва умуман илми сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти методологияи илмӣ анҷом мепазирад, чунки донишҳои назариявӣ бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти илмӣ ва дарки воқеият, аз ҷумла ҷамъу таҳлили далелҳои воқеӣ, таҳлили амиқи равандҳои ҳаёти ҷомеа, таҳлили маълумоти оморӣ ва дигар ба даст омада, аз лиҳози методологӣ исбот карда мешаванд. Методологияи илмӣ барои сиёсати ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро қарорҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти воқеият, талаботи объективии ҳаёти ҷомеа, ниёзи аҳолӣ қабул карда мешаванд. Ба андешаи як қатор олимон, «барои таҳлили илмӣ ва беғарази ҳолатҳои воқеӣ ва моҳияти аслии проблемаҳое, ки бо ҳуқуқ робита доранд, ҳамеша имконияти васеъ вуҷуд дорад» [4,с.380]. Истифодаи чунин имконият бо мақсади таҳлили воқеии равандҳои ҳаёти ҷомеа, ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, талаботи объективии инкишофи ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи олимон маҳсуб мешаванд. Дар акси ҳол, ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ яктарафа ва бидуни талаботи ҳаёти воқеӣ муайян карда мешаванд. Аз ин хотир, асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ бо истифода аз методологияи илмӣ муайян карда мешаванд.

Донишҳои назариявӣ, ки асоси илмии сиёсати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ба статикӣ ва динамикӣ ҷудо карда мешаванд. Ба эътибор гирифтани онҳо зимни тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ҳамеша дигаргуниҳои онтологӣ ва гносеологӣ ба инобат гирифта шаванд. Ба андешаи олимон, истифодаи донишҳои статикӣ ва динамикӣ барои «дарки ҳолати кунунӣ ва амали низоми ҳуқуқӣ, инчунин такмили он бо мақсади мутобиқаташ ба проблемаҳои минбаъда мусоидат мекунад» [4,с.381].

Донишҳои техникӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили донишҳои забонӣ, услубӣ, мантиқӣ ва дигар, ки зимни тарҳрезии лоиҳаи қарорҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд, ҷузъи таркибии асоси илмии сиёсати ҳуқуқӣ мебошанд. Аз истифодаи донишҳои зикршуда сифати қарорҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, сифати қонун вобастагӣ дорад. Сифати қонун заминаи амалӣ гардидани қонун маҳсуб мешавад. Аз ин хотир, ба истифодаи техникаи ҳуқуқӣ аксари олимон таваҷҷуҳ доранд. Ба андешаи А.В. Малко, ҷавҳари илми сиёсати ҳуқуқиро «донишҳо оид ба омодасозӣ ва интишори санадҳои ҳукукӣ (қоидаҳои меъёрэҷодкунӣ),

қоидаҳои мураттабсозии ҳуқуқӣ ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои баланд бардоштани сатҳи ҳуқуқэҷодкунӣ ва таъмини самаранокии натиҷаҳои он коркарди ҳаматарафа ва истифодаи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ бо дарназардошти дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим дорад. Коркарди нокифояи ин қоидаҳо дар бештари мавридҳо татбиқи дурусти меъёрҳоро душвор мегардонад, заминаҳои тартиботи ҳуқуқиро халалдор месозад» [9,с.350].

Дар ҷараёни амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳангоми ҳалли масъалаҳои стратегӣ донишҳои илмҳои дигар истифода мешаванд. Чунончи, донишҳои сотсиологӣ барои мутобиқ намудани донишҳои назариявӣ ба воқеият мусоидат намуда, зимни муайян намудани асоси илмии сиёсати ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд. Тавре В.А. Бачинин менависад: «Дар сотсиологияи ҳуқуқӣ ҷомеа ба ҳайси низоми мураккаб, ки бо ҳуқуқ алоқаҳои зич дорад, дарк карда мешавад. Ҳуқуқ баҳри инкишофи муътадили хеш ин робитаро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, сотсиологияи ҳуқуқӣ бо низоми ҳуқуқӣ робита дошта, дар он донишҳои зарур оид ба ҷомеа, ки ба он одамон эҳтиёҷ дошта, тавассути онҳо инкишофи муътадили институтҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ таъмин мешавад, пешбарӣ мешаванд» [1,с.31].

Бо мақсади ҳосил намудани донишҳои амиқ оид ба асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ мебояд як қатор маҳакҳоеро муайян намуд, ки тавассути онҳо унсурҳои илми сиёсати ҳуқуқӣ мураттаб мегарданд. Ба ҳайси чунин маҳакҳо баромад мекунанд:

а) соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ки дар онҳо донишҳои илмӣ бо мақсади таъмини амали самараноки низоми ҳукуқӣ истифода мешаванд: иқтисод, сиёсат, ҳаёти иҷтимоӣ, таҳсилот, тандурустӣ, экология, нақлиёт ва ғайра;

б) проблемаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, ки ҳалли худро талаб мекунанд: аз байн бурдани натиҷаҳои бесамари амали низоми ҳуқуқӣ; ҳалли вазифаҳои ҷории соҳаи амалисозӣ ва татбиқи ҳуқуқ; пешбинӣ намудани тағйироти имконпазири ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ки метавонанд ба низоми ҳуқуқӣ таъсир расонанд; ба нақша гирифтани қарорҳои ҳуқуқӣ, ки ба такмили низоми ҳукуқӣ мусоидат мекунанд;

в) таъмини самаранокии амалисозии ҷамъиятӣ ва фардии сиёсати ҳуқуқӣ: асосҳои илмии ҳуқуқэҷодкунӣ; асосҳои илмии амалисозии ҳуқуқ; асосҳои илмии амалӣ намудани қарорҳои ҳуқуқӣ ва таъмини фаъолияти амалии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ;

г) талаботи саривақтии амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ: асосҳои илмии қабули қарорҳои ҳуқуқии фаврӣ; асосҳои илмии қабули қарорҳои ҳуқуқии стратегӣ [29,с.160-161].

Дар адабиёти илмӣ шаклҳои зерини фаъолияти илмӣ ё намудҳои усулҳои таъмини ҳадафу вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: 1) мониторинги иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ; 2) омӯзиши афкори умум; 3) экспертизаи қонунҳо ва фаъолияти қонунэҷодкунӣ; 4) таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ; 5) усули мантиқӣ-назариявии ташаккули таърифҳои илмии мафҳумҳои ҳуқуқӣ; 6) тарзу усулҳои техникаи ҳуқуқӣ; 7) усули таърихӣ; 8) усули математикӣ; 9) усули эксперименталӣ; 10) усули таҳлили ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ; 11) усулҳои равонӣ ва иҷтимоӣ-равонӣ; 12) усули мушаххаси сотсиологӣ; 13) усулҳои пешбинии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ; 14) усули низомӣ-таркибӣ; 15) усулҳои ҷамъу таҳлили иттилоот; 16) усули кибернетикӣ; 17) усули муайян намудани самаранокии тарбияи ҳуқуқӣ; 18) усули моделсозии ҳуқуқӣ; 19) усулҳои омӯзиши механизми иҷтимоии амали нишондоди ҳуқуқӣ [29,с.151].

Бояд гуфт, ки илми ҳукуқшиносӣ пештар ҳам ба истифодаи усулҳои сотсиологӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Аммо дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеа, дигаргун гаштани сохти ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла ташаккули гурӯҳҳои нави иҷтимоии аҳолӣ ба инобат гирифтани омилҳои иҷтимоии ташаккули ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳоло зарурати пешбарии назарияи нави иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ эҳсос мешавад. Ин назария дар баробари ба инобат гирифтани робитаи ҳуқуқ бо ҳаёти воқеӣ, ҳамчунин истифодаи усулҳои нави методологиро тақозо мекунад. Дар ин робита таҳлилҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ низ ба мадди аввал мебароянд. Тавре И.В. Михайловский менависад: «Ҳаёти ҳуқуқӣ қисми таркибии ҳаёти иҷтимоӣ мебошад» [18,с.38].

Аз ин хотир, зарурати инкишофи таҳлилҳои сотсиологӣ-ҳуқуқӣ ҳоло бештар эҳсос мешавад. Дар ин бобат пешбарии асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ дар робита бо таҳлилҳои сотсиологии ҳуқуқӣ бояд ба роҳ монда шавад. Айни замон усулҳои таҳлили ҳуқуқ низ тағйир меёбанд. Навгонии усули зикршуда дар он ифода меёбад, ки пештар мафҳумҳои илмӣ дар асоси мутобиқати онҳо ба ғояҳои идеологӣ, сиёсӣ, фалсафӣ баҳо дода мешуданд. Ҳаёти ҳукуқии имрӯза аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар баробари саҳми фаъоли давлат ва мақомоти он дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалигардонии ҳуқуқ, инчунин фаъолияти иттиҳодияҳо, корпоратсияҳо, шахсиятҳои алоҳида, алалхусус соҳибкорон ҷоннок шуда истодааст. Онҳо дар эҷоди меъёрҳои нави ҳуқуқӣ ва таҳкими амалияи ҳуқуқӣ нақши

муҳим мебозанд. Ҳамаи ин равандҳои нав талаб мекунанд, ки таҳлилҳои сотсиологии ҳуқуқ ба шароити нави ҳаёт мутобиқ карда шаванд.

Ҳуқуқэҷодкунӣ, ки яке аз шаклҳои фаъоли сиёсати ҳуқуқӣ мебошад [11,с.185], амалӣ гаштани ду функсияи муҳимро талаб мекунад: 1) функсияи инъикоси паҳлуҳои ҷудогонаи ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ; 2) функсияи инъикоси равандҳои имконпазири ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ [5,с.101-108].

Ҳангоми инъикоси ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ, дар навбати аввал, манфиатҳо бояд инъикос карда шаванд. Ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар қарорҳои ҳуқуқӣ моҳияти иҷтимоии ҳуқукро ифода мекунад. В.В. Субачев дар ин бора менависад:«Вобастагии ҳуқуқ аз ҳаёти иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқ манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро дар кадом сатҳ ифода мекунад, ин манфиатҳоро тавассути механзимҳои дар давлат муқарраршуда таъмин мекунад» [28,с.61].

Айни замон на ҳамаи манфиатҳо, балки манфиатҳое, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд, дар ҳуқуқ инъикос мешаванд. Ба андешаи В.В. Трофимов, «кӯшиши инъикоси бисёре аз манфиатҳои иҷтимоӣ, ки табиати ғайриҳуқуқӣ доранд, метавонад ба натиҷаи манфӣ орад» [29,с.153]. Ба андешаи Н.Н. Вопленко, дар ин ҳолат «танзими ҳуқуқӣ аз ҳад мегузарад», дахолати беандозаи ҳуқуқ ба ҳаёти иҷтимоӣ мушоҳида мешавад» [2,с.83].

Хусусияти муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки он манфиатҳои муҳимми доираҳои васеи аҳолиро ифода мекунад. Тавре С.В. Поленина менависад: «ҳуқуқ манфиатҳои муҳимтарини гурӯҳҳо, табақаҳо, синфҳои иҷтимоӣ ва умуман ҷомеаро ифода мекунад» [20,с.184]. Дар ин ҳолат манфиатҳои иҷтимоӣ, ки аз дигар манифтаҳо ҷудо карда мешаванд, объекти танзими ҳукуқиро ташкил медиҳанд, зеро ҳуқуқ муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим карда метавонад.

Вазифаи асосии усули нави сотсиологии ҳуқуқӣ дар он аст, ки ҳангоми инъикоси ҳукуқии манфиатҳои иҷтимоӣ имкони аз ҳам ҷудо намудани манфиатҳои умумӣ ва хусусиро фароҳам созад. Дар ин ҳолат манфиатҳои умумӣ, яъне манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва кулли ҷомеа ва манфиатҳои шахс ҷудо карда мешаванд. Дар чунин ҳолат «намуд ва андозаи амали муайяни шахс таъмин гашта, қонун бо дарназардошти ҳимояи муносибатҳои бамиёномада ва тарзҳои қонеъ гардонидани манфиатҳои фард дар ҳолатҳои мушаххас истифода мешавад», давлат бошад, «таҷрибаи бамиёномадаро дар қонун инъикос мекунад» [27,с.16].

Ба андешаи А. Нашитс, зимни таҳлили илмии вобастагии ҳуқуқ аз омилҳои иҷтимоӣ ду намуди омилҳои иҷтимоиро мебояд ҷудо намуд: якум, омилҳое, ки ба ҳуқуқ таъсир мерасонанд, дуюм, омилҳое, ки ба институтҳои гуногуни ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Ин ақида аз он хотир пешкаш мешавад, ки намудҳо ва андозаи амали инсон дар муносибатҳои гуногуни хусусӣ, яъне дар институтҳои ҳуқуқ гуногун аст [19,с.54-55].

Ба андешаи А.И. Экимов, манфиатҳое, ки дар ғояҳои ҳуқуқӣ инъикос мегарданд, бояд бо ду усул омӯхта шаванд: 1) дар сатҳи микротаҳлил; 2) дар сатҳи макротаҳлил [31,с.23].

Ҳамин тариқ, сиёсати ҳуқуқӣ асоси илмӣ дорад. Онро донишҳои илмии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Ин донишҳо зимни қабули қарорҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Айни замон дар шароити имрӯзаи густариши робитаи байни илмҳо, ки бештар ба мушоҳида мерасад, истифодаи васеи донишҳои соҳаҳои гуногуни илмӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Зарурати ба инобат гирифтани робитаи илми ҳуқуқшиносӣ бо илми ҷомеашиносӣ, аз ҷумла аҳаммияти инъикоси манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ зимни қабули қарорҳои ҳуқуқӣ болотар исбот гардид. Истифодаи донишҳои иқтисодӣ низ, ки заминаи иқтисодии сиёсати ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, чунки ҳоло афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда мешаванд. Ба инобат гирифтани донишҳои соҳаҳои дигари илм низ зимни муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ аҳаммияти зиёд дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Бачинин В.А. Основы социологии права и преступности / В.А. Бачинин. - СПб., 2001. – 117 с.
2. Вопленко Н.Н. Право в системе социальных норм / Н.Н. Вопленко. - Волгоград, 2003. – 86 с.
3. Гаврилов О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование/ О.А. Гаврилов. - М., 1993. – 128 с.
4. Денис Ллойд. Идея права / Денис Ллойд. - М., 2002. – 376 с.
5. Керимов Д.А. Методология права / Д.А. Керимов. - М., 2001. – 559 с.
6. Концепция правовой политики в Российской Федерации // Правовая политика: словарь и проект концепции / под ред. А.В. Малько. - Саратов, 2010. - 276 с.
7. Коробова А.П. Правовая политика как общетеоретическая проблема / А.П. Коробова // Правовая политика и правовая жизнь. -2001. -№ 2. - С. 12-13.
8. Кудрявцев В.Н. Право и поведение / В.Н. Кудрявцев. - М., 1979. **- 192с.**

9. Малько А.В. Правовая политика как способ организации правовой жизни / А.В. Малько // Российская правовая политика. – 2003.– VI. - С. 149-156.
10. Малько А.В. Современная российская правовая политика и правовая жизнь / А.В. Малько // Правовая политика и правовая жизнь. Материалы «Круглого стола», состоявшегося 12 сентября 2000 г. в ПГТУ / под ред. В.А. Казначеева; Пятигорский технологический университет. Научные труды. - Вып. I. - Серия «Юридические науки». - Пятигорск, 2002. - С. 7-10.
11. Малько А.В. Формы реализации и виды правовой политики // Российская правовая политика / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. - М., 2003. - С. 163-169.
12. Малько А.В. Правовая политика современной России: цели и средства / А.В. Малько, К.В. Щундиков // Государство и право. -2001. - № 7. - С. 9-17.
13. Малько А.В. Правовая политика: понятие, принципы, виды / А.В. Малько // Правовая политика: учебное пособие / под ред. А.В. Малько, Р.В. Пузикова. - Тамбов, 2012. - С. 5-17.
14. Матузов Н.И. Общая концепция и основные приоритеты российской правовой политики / Н.И. Матузов // Правовая политика и правовая жизнь. Академический и вузовский журнал. – 2000. - Ноябрь - С. 27-43.
15. Матузов Н.И. Актуальные проблемы российской правовой политики / Н.И. Матузов // Государство и право. - 2001. - № 10. - С. 6-15.
16. Матузов Н.И. Понятие и основные приоритеты российской правовой политики // Правоведение. - 1997. - № 4. – С. 4-11.
17. Матузов Н.И. Правовая политика современной России: предлагаем проект концепции для обсуждения / Н.И. Матузов, А.В. Малько, К.В. Шундиков // Правовая политика и жизнь. - 2004. - № 1. - С. 14-15.
18. Михайловский И.В. Очерки философии права / И.В. Михайловский. - Томск, 1914. - Т. 1. - 512 с.
19. Нашиц А. Правотворчество. Теория и законодательная техника/ А.Нашиц. -М., 1974. -С. 54 – 55.
20. Поленина С.В. Правотворческая политика // Российская правовая политика: курс лекций / С.В. Поленина; под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. - М., 2003. - 205 с.
21. Поляков А. В. Петербургская школа философии права и задачи современного правоведения / А. В. Поляков // Государство и право. - 2000. - № 2. - С. 20–26.
22. Правовая политика: словарь и проект концепции / под ред. А.В. Малько. - Саратов, 2010. - 276 с.
23. Правовая политика как научная теория в историко-правовых исследованиях. - М., 2011. - 245 с.
24. Российская правовая политика / Под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. - М., 2003. – 234 с.
25. Рудковский В.А. О принципах правовой политики / В.А. Рудковский // Правовая политика и правовая жизнь. - 2003. - №4. - С. 11-14.
26. Рыбаков О.Ю. Формы реализации правовой политики / О.Ю. Рыбаков // Правовая политика и правовая жизнь. - 2003. - № 2. - С. 5-14.
27. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика как общетеоретическая категория: анализ концептуальных подходов / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. - 2013. - № 108 (3/2). - С. 68 -74.
28. Субочев В.В. Законные интересы в механизме правового регулирования / В.В. Субочев. - М., 2007. – 188 с.
29. Субочев В.В. Интерес и право: анализ взаимосвязи / В.В. Субочев // Актуальные проблемы правоведения. - 2003. - № 3. - С. 57-64.
30. Трофимов В.В. Научные основы правовой политики: проблемы формирования / В.В. Трофимов // Правовая политика в Российской Федерации: региональный уровень / под ред. А.В. Малько. –Тамбов, 2008. - С. 138-146.
31. Феофанов К.А. Никлас Луман и функциональная идея ценностно-нормативной интеграции: конец вековой дискуссии / К.А. Феофанов // Социологические исследования. - 1997. - № 3. - С. 9-16.
32. Экимов А.И. Интересы и право в социалистическом обществе / А.И.Экимов. - М., 1984. – 213 с.

## АСОСҲОИ ИЛМӢ ВА МАФҲУМИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ

Солҳои 1990-ум таҳлилҳои комплексии сиёсати ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд, паҳлуҳои назариявии ин мафҳуми нави илмӣ, аз қабили принсипҳо, ҳадафҳо, воситаҳо, шаклҳо муайян мешаванд. Дар шароити имрӯза такмили самаранокии танзими ҳуқуқӣ тавассути сиёсати ҳуқуқӣ аҳаммияти зиёд дорад. Ислоҳоти ҳокимияти давлатӣ, мустаҳкам намудани асосҳои давлат, такмили низоми идоракунӣ бо нигоҳдошти раванди демократӣ, дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ, ҳуқуқи хусусӣ бояд дар чаҳорчӯбаи сиёсат, тадбирҳои сиёсӣ андешида шаванд. Барои таъмини самаранокии консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ тасдиқи он дар сатҳи расмӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин ҳолат консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ эътибори расмӣ пайдо карда, ҳамзамон, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ дар заминаи асосҳои илмӣ ва дар чаҳорчӯбаи консепсияи ягонаи расмӣ амалӣ мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Дар акси ҳол сиёсати ҳуқуқӣ чун маҷмӯи тадбирҳое баромад мекунад, ки дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ амалӣ гашта, вале низоми муташаккилона надоранд. Дар чунин ҳолат тадбирҳо дар самти сиёсати ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо амалӣ карда мешаванд, чунки ба як барномаи умумии илмӣ такя надоранд. Дар ниҳояти кор, сиёсати ҳуқуқӣ чун низоми тадбирҳои ҷудогонаи бенизом ба натиҷаи дилхоҳ намеорад. Зарурати муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ дар он аст, ки сиёсати ҳуқуқӣ самти стратегии инкишофи ҳуқуқии ҷомеаро, аз ҷумла самтҳои стратегии сиёсати давлатро дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа муайян мекунад. Илм чун унсури муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ эътироф мешавад. Дар бештари таърифҳои мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ илм чун ҷузъи сиёсати ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Ҳамзамон, истилоҳи «асосҳои илмӣ» ба маънои донишҳои заминавӣ, асосӣ истифода мешавад.

**Калидвожаҳо**: сиёсати ҳуқуқӣ, асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ, илми ҳуқуқшиносӣ, консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои ҳуқуқӣ, ғояҳои ҳуқуқӣ.

## НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ И ПОНЯТИЕ ПРАВОВОЙ ПОЛИТИКИ

В 1990-е годы в рамках комплексного исследования правовой политики были раскрыты ее теоретические аспекты, в частности, ее принципы, цели, средства, формы. Ныне обоснована идея об эффективности правового регулирования посредством правовой политики. Реформа государственного управления, упрочение основ

государственности в рамках демократизации и с целью эффективного правового регулирования рыночных отношений связана с политикой, политическими мерами. Эффективность концепции правовой политики зависит от ее официального утверждения. В этом случае концепция правовой политики приобретает официальное значение, причем экономическая, социальная, правовая реформа будет проведена на научной основе и в рамках официальной концепции правовой политики. Правовая политика должна иметь научные основы. В противном случае правовая политика будет выступать как система хаотичных мер в сфере правотворчества, правоприменения, не имеющих организационного характера. В таком случае меры в сфере правовой политики будут реализованы обособленно, поскольку не основаны на единой научно обоснованной концепции. В конечном счете, правовая политика, выступая в качестве хаотичной, неорганизованной совокупности мер не даст желаемых результатов. Необходимость в разработке научных основ правовой политики объясняется тем, что она определяет стратегию развития общества, в частности, стратегические направления политики государства в правовой жизни. Наука служит основой правовой политики, и данное обстоятельство, подразумевающее систему научных знаний, учитывается во многих определениях указанного понятия.

**Ключевые слова**: правовая политика, научные основы правовой политики, юридическая наука, концепция правовой политики, правовые решения, правовые идеи.

**SCIENTIFIC BASE AND NOTION LEGAL POLITICIANS**

In 1990-e years within the framework of complex study legal politicians were reveal;open her(its) theoretical aspects, in particular, her(its) principles, purposes, facility, the forms. Now idea is motivated about efficiency of the legal regulation by means of legal politicians. The Reform improvement state management, strengthening bases state within the framework of democratization and for the reason efficient legal regulation of the market relations is connected with the policy, political measure. Efficiency to concepts legal politicians depends on her(its) official statement. In this case concept legal politicians gains official importance moreover economic, social, legal reform will is organized on scientific base and within the framework of official concept legal politicians. The Legal policy must have a scientific bases. Otherwise legal policy will emerge as system unorganized measures in sphere process of the publishing the rates of the right**,** process of the using the rates of the right**,** not having organizing nature. In such event of the measure in sphere legal politicians will be marketed separate since are not founded on united scientifically motivated concept. Eventually, legal policy, actaasing unorganized**,** unorganized collection of the measures will not give desired rezulitatov. Need in development scientific baseslegal politicians is explained that that she defines the strategy of the development society, in particular, strategic directions politicians state in legal life. The Science serves the base legal politicians, and given circumstance, implying system of the scientific knowledges, is taken into account in many determinations of the specified notion.

**Key words**: legal policy, scientific bases legal politicians, legal science, concept legal politicians, legal decisions, legal ideas.

**Сведения об авторах:** ***Сотиволдиев Рустам Шарофович*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **www-rustam-tj@mail.ru**
***Назирзода Джамшед Назир*** **-** Таджикский национальный университет, магистр кафедры теории и истории государства и права юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.E-mail: **jamshed_59@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sotivoldiev Rustam Sharofovich*** **-** Tajik National University, Doctor of Law, Professor, Head of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **www-rustam-tj@mail.ru**
***Nazirzoda Jamshed Nazir*** **-** Tajik National University, Master of the Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **jamshed_59@mail.ru**

**УДК.32.327.34**

# МАСОИЛИ КРИМИНАЛИЗАТСИЯИ МУҲОҶИРАТИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ДАР ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ширинҷонов Ф.И.***
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Криминализатсия ҷараёни ошкор намудани намудҳои рафтори инсонии ба ҷамъият хавфнок мебошад, ки дар сатҳи давлатӣ эътироф намудани зарурият, имконият ва мувофиқи мақсад будани мубориза и ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бо онҳо ва дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят мустаҳкам кардани онҳо муҳиманд. Меъёри мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятиро пешбинӣ намуда (хусусан содир намудани кирдорҳои муайяни ба ҷамъият хавфнокро манъ мекунад), давлат ба вусъатёбии хавфноки онҳо эътино зоҳир менамояд, ба онҳо баҳои манфӣ медиҳад, онҳоро маҳкум ва бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ манъ мекунад. Таҳияи меъёри ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ эътинои аввалини давлат (дар шахсияти он тамоми ҷамъият) нисбати ба ҷамъият хавфнокии намудҳои муайяни рафтор, хусусан ҷиноятгорӣ мебошад [6,с.92].

Қабл аз он ки ба тавсифи сабабияти иҷтимоии криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ рӯ орем, муайян мекунем, ки оё дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намудани

ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ мувофиқи мақсад аст? Ғайр аз ин, муқаррароти шартномаҳои байналмилалиро ба инобат гирифтан лозим аст, ки талаботро нисбати криминализатсия кардани намудҳои алоҳидаи муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва амалҳо оид ба ташкили он пешбинӣ намудаанд. Чи тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, худ аз худ шартномаи байналмилалӣ танҳо розигии давлатҳоро оиди муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори муайян ифода мекунад, пас аз ин бояд меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ тағйир дода шавад ё чунин меъёри нав қабул гардад. Аммо мазмуни шартномаҳоро меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ ташкил дода, агар на ҳамаи таркиби ҷиноятро муайян кунанд ҳам, метавонанд қисмҳои алоҳидаи онро муайян намуд, ки намунаи хос барои қонунгузории миллӣ мебошад. Шартномаи байналмилалӣ муқарраротеро дар бар гирифта метавонад, ки барои татбиқи муштарак тибқи меъёрҳои қонунҳои ҷиноятии дохилидавлатӣ бо роҳи маънидодкунии онҳо пешбинӣ шудааст. Бо мақсади муайян намудани самаранокии муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ назар меафканем. Масъала оид ба мувофиқи мақсад будани илова намудани моддаи алоҳида ба Кодекси ҷиноятиро ҳал намуда, ки он ҷавобгариро барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешбинӣ намояд, талаботи байналмилалӣ нисбати криминализатсияи амали шахсро, ки ғайриқонунӣ интиқол ва транзити муҳоҷиронро ба амал мебарорад, ба инобат гирифтан лозим аст. Масалан, дар банди «а» моддаҳои 3 ва 6 Протокол алайҳи воридоти ғайриқонунии муҳоҷирон бо роҳи хушкӣ, баҳрӣ ва ҳавоӣ кирдори сазовори ҷазои ҷиноятӣ будан муайян гардидааст, ки дар гирифтани фоидаи молиявӣ ё дигар фоидаи моддӣ аз ғайриқонунӣ даромадан ба дилхоҳ давлати иштирокчӣ аз тарафи шахсе, ки шаҳрванди он намебошад ё доимӣ дар қаламрави он иқомат надорад, ҳамчунин дар пешкаш намудани имконияти дар ин давлат ҷой гирифтан, бе риояи талаботи зарурии барои истиқомат дар он муҳим ба шаҳрвандоне, ки дар қаламрави он доимӣ истиқомат намекунанд, зоҳир мегардад [9].

Ҳаҷми криминализатсияи ин кирдорҳо аз қонунгузории ҳар як давлат вобаста аст ва бештар маврид бо омилҳои ҷуғрофӣ вобаста буда, ба мавҷуд будан ё набудани ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ иртибот дорад. Ба ақидаи А.В. Наумов, ҳаҷми маъни миллии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ шарт нест, ки бо ҳаҷми меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ мувофиқ ояд, қонунгузории миллӣ метавонад талаботи нисбатан сахттарро дар фарқият аз санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ намояд [8,с.20–21].

Ҳамин тариқ, дар қисмати криминализатсия намудани ғайриқонунӣ гузаштани муҳоҷирон аз сарҳади гумрукӣ дар моддаҳои 335[1], 335[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат бо ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қисмати гузаштани шахсон аз сарҳади давлатии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, як масъала ҳалнашуда мемонад, ки ин криминализатсия нашудани амалҳое мебошад, ки ба пешкаш намудани имконияти дар ин давлат ҷой гирифтан бе риояи талаботи зарурии барои истиқомат дар он муҳим ба шаҳрвандоне, ки дар қаламрави он доимӣ истиқомат намекунанд, мебошад [1,с.44-46].

Сабабияти иҷтимоии ин ё он ҷиноят бо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор муайян мегардад [3,с.66 ]. Асоснокии аз ҷиҳати қонунгузорӣ ҷиноят эътироф намудани кирдори мушаххас ба мавҷуд будани асос, шартҳои криминализатсия вобаста аст. Асоси криминализатсияро олимон ҳамчун қоида дараҷаи кофии ба ҷамъият хавфнокӣ меҳисобанд. Ҷиноятҳо дар соҳаи муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ки дар моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, пеш аз ҳама, ба дахлнопазирии сарҳади давлатии Тоҷикистон суиқасд мекунанд. Ба ҷамъият хавфнокии ин ё он кирдор аз арзиши муносибати ҷамъиятӣ вобаста аст, ки ба он суиқасд карда мешавад ва аз тарафи қонунгузор аллакай дар лаҳзаи қабули қонун вобаста аз шартҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъиятӣ муайян аст. Бояд он муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ мавриди ҳимояи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ қарор гиранд, ки ҳангоми вайрон шудани онҳо зарари назаррас расонида шавад. Қайд кардан зарур аст, ки дар дебочаи Протокол алайҳи воридоти ғайриқонунии муҳоҷирон бо роҳи хушкӣ, баҳрӣ ва ҳавоӣ масъалаи вусъатёбии назарраси фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил оид ба воридоти ғайриқонунии муҳоҷирон ва фаъолияти ҷиноятии ба ин вобаста, ки ба давлатҳо зиёни калон мерасонанд, ташвишовар арзёбӣ гардидааст [9]. Аз ин рӯ, ба ҷамъият хавфнок будани муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз тарафи худи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ эътироф гардидааст.

Муҳиммияти риояи тартиби муқарраргардидаи амалигардонии ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ на танҳо ба зарурияти ҳимояи амнияти миллии давлат, некуаҳволии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хислати инсондӯстонаи он, балки ба рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ сабабият дорад, зеро ҷиноятҳои дар моддаи 335 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо метавон ба ҷиноятҳои хислати байналмилалӣ дохил намуд.

Зери мафҳуми ҷинояти хислати байналмилалӣ дошта кирдоре фаҳмида мешавад, ки ба манфиати якчанд давлат суиқасд намуда, дар натиҷа хатари байналмилалӣ ба миён меоварад, аммо аз тарафи шахсоне (гурӯҳи шахсон) содир мешавад, ки ба сиёсати ин ё он давлат вобаста набуда, мақсадҳои ғайриқонуниву ғаразноки худро доранд.

Муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҳамчун ҷинояти хислати байналмилалӣ дошта, ба фикри мо, амалест, ки дар ташкили интиқоли ихтиёрии хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд аз сарҳади давлатӣ бо вайрон намудани тартиби муқарраргардида, ташкили иқомати ин шахсон дар дигар давлатҳо, бе мавҷуд будани асосҳои қонунӣ ё бо вайрон намудани муҳлати будубоши қонунӣ зоҳир мегардад.

Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, мавҷудияти сарҳади умумӣ бо давлатҳое, ки аз он ҷо бисёр шаҳрвандон мехоҳанд ба қаламрави Тоҷикистон ба муҳоҷират оянд, ба зиёдшавии факти муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар шаклҳои гуногуни зоҳиршавии онҳо оварда мерасонад, аз ин рӯ зарурияти қабули тадбирҳои зарурӣ оид ба муқовимат бо ин зуҳуроти манфию ба ҷамъият хавфнок ба миён меояд. Олимон чунин мепиндоранд, ки «муҳоҷирати ғайриқонунӣ масъалаи умумиминтақавӣ аст», ки он барои Тоҷикистон хос аст.

Шароити криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонуниро тавсиф намуда, онро қайд намудан зарур аст, ки ба он шартҳои хислати иҷтимоӣ-психологӣ, криминологӣ, ҳуқуқӣ, ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ дошта дохил мешаванд [10,с.448–453].

Шартҳои хислати иҷтимоӣ-психологӣ доштаи криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ, хусусан дар он зоҳир мегардад, ки он, пеш аз ҳама, тартиби муқарраргардидаи воридшавӣ ба қаламрави давлат, истиқомат дар онро вайрон мекунад. Ин ҳолат муносибати хуби аҳолиро бо шахсе, ки хоҳиши дар қаламрави давлат истиқомат карданро дорад, аммо талаботи қонунгузории миллиро нисбати тартиби амалигардонии ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ иҷро намекунанд, истисно мекунад.

Дар байни шартҳое, ки боиси пайдоиши масъалаҳои муаммоангез гаштаанд, ҷойи муҳимро нокомилии қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ ишғол мекунад. Сухан дар бораи на танҳо Кодекси ҷиноятӣ д, балки қонунгузории ҷорӣ меравад, ки нуқсонҳои он аз сарҳад гузаштани муҳоҷиронро ба қаламрави Тоҷикистон имконпазир мегардонанд ва амали онҳо дар минтақаҳои мамлакат ба ҳолати иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат таъсир расонида, табъи зиддимуҳоҷиратии аҳолиро боло мебардорад.

Муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҳамчунин ба асосҳои амнияти миллии давлат дар қисмати дахлнопазирии сарҳади давлатии он суиқасд зоҳир мекунад. Тибқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 [5] таҳдид ба дахлнопазирии сарҳади давлатӣ яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба масъалаи амнияти миллии Тоҷикистон иштироки ин мамлакат дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои байналмилалӣ, терроризм, гардиши моводи нашъадор ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ мебошад.

Шартҳои хислати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ доштаи криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ онро дар назар доранд, ки он бо моддаи 335 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар рақобат буда, дорои таркиби омехтаи ҷиноят мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби омехтаи ҷиноят ҳамчунин дар моддаи $130^1$ – «Хариду фурӯши одамон» мушоҳида мешавад.

Дар баҳои таҳдиди ҷинояткории муташаккил дар Тоҷикистон аз соли 2019 қайд мегардад, ки хариду фурӯши одамон дар сатҳи фаромиллӣ амалӣ гардида, шакли муҳоҷирати ғайриқонунӣ бо дараҷаи баланди криминализатсия мебошад. Дар ҳарду намуди ҷинояткорӣ майли шахс оиди баромадан аз мамлакаташ ҷой дорад; дар ҳарду ҳолат роҳҳои муҳоҷират истифода мешаванд. Муҳоҷирони ғайриқонунӣ аксар маврид қурбони хариду фурӯши одамон мешаванд, ҳамчун қоида бо мақсади истисмори меҳнатӣ истифода мешаванд; хам дар ҳолати хариду фурӯши одамон ва ҳам аз рӯйи муҳоҷирати ғайриқонунӣ роҳҳои гузариши ғайриқонунӣ зери пуштибонии коррупсионӣ қарор доранд, дар ин ҳолат баъзан ба ин намояндагони муассисаҳои дипломатии мамлакати шарикӣ доранд.

Муҳиммияти фарққгузории ин таркиби ҷиноятҳоро чунин баён намудан мумкин аст: воридоти ғайриқонунии муҳоҷирон ва хариду фурӯши одамон аз рӯйи нишонаҳои гуногун фарқ мекунад. Ғайриқонунӣ гузаронидан аз сарҳади давлатӣ ҷиноят ба муқобили давлат, хариду фурӯши одамон бошад, ҷиноят ба муқобили шахсият аст; ғайриқонунӣ ворид намудани муҳоҷирон гузаронидани муҳоҷирон аз сарҳади давлатиро дар назар дорад, барои ҷинояти дар моддаи $130^1$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда гузариш аз сарҳади давлатӣ (ҳам қонунӣ ва ҳам ғайриқонунӣ) аҳамият надорад; барои

ғайриқонунӣ гузаронидани муҳоҷирон аз сарҳади давлатӣ розигии муҳоҷир ҳатмӣ аст, барои хариду фурӯши одамон бошад, розигии ҷабрдида ҷой надорад, ё он бо роҳи зӯрӣ гирифта шудааст.

Дар моддаи 335 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракати муташаккили муҳоҷирон баҳри фоида, дар моддаи 130[1] бошад, ҷалбкунии муташаккил, ҳамлу нақл ва истисмори қурбонӣ баҳри ба даст овардани фоида криминализатсия шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳолате ки агар хариду фурӯши одамон бо ташкили ғайриқонунӣ аз сарҳади давлатӣ гузаронидани онҳо вобаста бошад, роҳбарии чунин амалҳо ё мусоидат ба содиршавии онҳо бо фармоишҳо, маслиҳатҳо, пешкаш намудани воситаҳо ё бартараф намудани монеаҳое, ки маҷмӯи ҷиноятро доро мебошад, дар моддаҳои 130[1] ва 335 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Зарурияти бандубасти иловагӣ ба он вобаста аст, ки таҳрири амалкунандаи моддаи 130[1] КҶ ҶТ интиқоли ғайриқонунии одамон аз сарҳади давлатиро дар бар намегирад.

Таркиби ҷиноятҳои дар моддаҳои 130[1], 335, 335[2] КҶ ҶТ зикршударо таҳлил намуда, қайд мекунем, ки баъзе олимон онҳоро нодуруст ба таркиби ба ҳам наздик дохил мекунанд, зеро онҳо дорои аломатҳои муҷовир нестанд. Аз ин рӯ хариду фурӯши одамонро, ки ба ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Тоҷикистон вобаста аст, аз рӯйи маҷмӯъ бандубаст намудан лозим аст. Шартҳои хислати мурофиаи ҷиноятӣ дошта имконияти исботи гуноҳ дар содир намудани муҳоҷирати ғайриқонунӣ мебошад. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи механизмҳои ҳуқуқӣ ҷой дода шудаанд, ки дар истеҳсолоти парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯйи ҷинояти моддаи 335 КҶ ҶТ исботро талаб менамоянд, аз ҷумла тартиби ёрии ҳуқуқӣ аз рӯйи истеҳсолоти ҷиноятӣ, тартиби истирдоди шахсон ба қаламрави Тоҷикистон ва ғайра муқаррар гардидаанд.

Оид ба криминализатсия сухан ронда, дар мақолаи мазкур ба он чунин назар меафканем:

1) бояд уҳдадориҳое, ки аз шартномаҳои байналмилалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида бармеоянд, иҷро гарданд;

2) таъсиси механизми тасдиқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун уҳдадории асосии давлат зарур аст;

3) амалишавии муқаррароти Конститутсияи ҶТ ва дигар қонунҳо (қонунгузории танзимкунанда) зарурият дорад.

4) натиҷаи тадқиқоти криминологии динамика ва паҳншавии ин ё он кирдор.

Сабаби аввали криминализатсия ин зарурияти таъсиси механизмҳои тасдиқ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун уҳдадории асосии давлат мебошад [7,с.134]. Ба ақидаи мо, дилхоҳ давлат бояд ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба қаламрави Тоҷикистон ҳиҷрат намуда, ин мамлакатро ҳамчун макони доимӣ ё муваққатии зист қарор додаанд, ҳимоя намояд. Ҳамчунин, давлат бояд уҳдадориҳои байналмилалии ба зиммаи худ гирифтаро дар қисмати фароҳам овардани шароит барои иқомати гурезагон ё паноҳҷӯяндагон дар қаламрави давлат иҷро намояд. Аз тарафи дигар, барои таъмини рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, бартараф намудани низоъҳои байнимиллӣ, динӣ ва ғайра давлат бояд пешбурди сиёсати самараноки муҳоҷиратро таъмин намояд, ки дар он муҳоҷирони ғайриқонунӣ бемамоният ба қаламрави Тоҷикистон даромада наметавонанд. Дар соҳаи танзими ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ уҳдадории давлат таъмини амнияти шаҳрвандони худ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии онҳо мебошад, ки дар шароити ҷой надоштани назорат аз болои ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ таъмин гаштанашон имконнопазир аст.

Сабаби дуюми криминализатсия ин натиҷаи тадқиқоти криминологии динамика ва паҳншавии ин ё он амал мебошад. Оид ба мувофиқи мақсад будани криминализатсияи кирдори пешбининамудаи моддаи 335 КҶ ҶТ натиҷаи криминологии тадқиқоти динамика ва паҳншавии ғайриқонунӣ аз сарҳади давлатии Тоҷикистон гузаштан шаҳодат медиҳад.

Сабаби сеюми криминализатсия ақидаи ҷомеа буда, оиди он шаҳодат медиҳад, ки муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ саривақтӣ буда, он метавонад муборизаро бо ин зуҳурот самаранок гардонад. Дар рафти гузаронидани пурсиш оиди мувофиқи мақсад будани муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат 80% пурсидашудагон онро тасдиқ намуданд. Гузаронидани ин гуна пурсишҳо на танҳо криминализатсия кардани кирдори муайянро асоснок мекунанд, балки зарурияи баррасӣ намудани масъалаи криминализатсияи иловагии баъзе кирдори дигари ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ вобастаро ба миён меоранд.

Ба фикри мо, он равише бештар асоснок аст, ки вазъи ҷуғрофии давлати моро ба инобат мегирад. Ғайр аз асос ва шартҳои криминализатсия олимон боз принсипҳои

криминализатсияро номбар мекунанд. Масалан, Д.А. Балобанова дар зери мафҳуми принсипҳои криминализатсия маҳдудияти муқаррар намудани ҷазои ҷиноятии ба хусусиятҳои техникаи қонунгузорӣ, талаботи тартиботи дохилӣ вобастаро дар назар дорад. Ин муаллиф ба онҳо дохил мекунад:

1) мавҷуд набудани нуқсон дар қонун ва барзиёдии манъкорӣ;

2) ягонагӣ ва яқинии истилоҳот;

3) мувофиқи мақсад будан. Азбаски равшан намудани ин масъала ба предмети тадқиқоти мазкур дохил намешавад, дар мавриди тавсифи принсипҳои криминализатсия онҳоро ба инобат хоҳем гирифт.

Принсипи аввали криминализатсия мавҷуд набудани нуқсон дар қонун ва барзиёдии манъкорӣ мебошад. Олимони алоҳида ба нокифоягии манъи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дар моддаи 335 КҶ ҶТ ишора намуда, пешниҳод доранд, ки ба ин кодекс меъёр оиди ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ илова гардад.

Таркиби ҷиноятҳои дар моддаҳои 335, 335[1], 335[1] КҶ ҶТ пешбинишударо таҳлил намуда, чунин нуқсонҳои криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонуниро мушоҳида намудан мумкин аст:

1) ҷой надоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Тоҷикистон;

2) ҷой надоштани криминализатсияи амалҳое, ки ба фароҳам овардани имконияти бе риояи талаботи қонунгузорӣ доимӣ ё муваққатӣ иқомат намудан дар қаламрави мамлакат ба шахсоне, ки шаҳрванди ин мамлакат намебошанд, вобастаанд;

3) ҷой надоштани баинобатгирии ҳолатҳое, ки ҷавобгариро барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ вазнин мекунанд;

4) ҷой надоштани асосҳои қонунгузорӣ барои татбиқи тадбирҳои хислати ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ дошта нисбати шахсони ҳуқуқӣ барои содир намудани ҷинояти пешбининамудаи моддаи 335 КҶ ҶТ;

5) ҷой надоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки ғайриқонунӣ дар вақти манъ кардани воридоти онҳо ба қаламрави Тоҷикистон ғайриқонунӣ сарҳади давлатиро убур кардаанд;

6) мавҷуд набудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ убур намудани сарҳади давлатии Тоҷикистон бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлатӣ.

Нуқсони охиринро тавсиф намуда, қайд мекунем, ки тибқи моддаи 5 Протокол алайҳи воридоти ғайриқонунии муҳоҷирон бо роҳи хушкӣ, баҳрӣ ва ҳавоӣ он барои таъқиботи ҷиноятии муҳоҷирон аз сабаби ҷой доштани он ҳолате, ки онҳо объекти ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ гаштаанд, татбиқ намешавад. Ба ақидаи мо, таърифи субъекти ташкили муҳоҷирати ғайриқонуниро маҳдуд намуда, таваҷҷуҳро ба асоси барангезандаи муҳоҷири ғайриқонунӣ оиди убур кардани сарҳади давлат зоҳир намудан лозим аст. Агар муҳоҷир мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлати будубош дошта бошад, пас амали он ҳамчунин бояд баҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ гирад [2,с.127].

Ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар шароити омодагии номатлуб метавонанд мустақилона сарҳади давлатии Тоҷикистонро убур намоянд. Дар бисёр ҳолатҳо муҳиҷирони ғайриқонунӣ аз хизмати шахсони таъминкунандаи роҳҳои бехатар барои убури сарҳад истифода баранд ҳам, баъзан маврид ин шахсон метавонанд мустақилона сарҳади давлатиро убур намоянд.

Ғайр аз ин, дастгир намудани муҳоҷири ғайриқонунии мустақилона сарҳади давлатии Тоҷикистон гузаштаистода воқеан муқаррар намудани субъекти муҳоҷирати ғайриқонуниро, ки сарҳадгузариро мустақилона ташкил кардааст, барои ин шароити заруриро фароҳам овардааст (аз ҷумла тавассути алоқаҳои коррупсионӣ бо ашхоси мансабдор), имконнопазир мегардонад. Агар ин муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар қаламрави Тоҷикистон дастгир шаванд, пас ҷавобгарӣ танҳо аз рӯйи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд. Бо назардошти ин криминализатсияи кирдори шахси ғайриқонунӣ сарҳади Тоҷикистонро убурнамуда, ки боиси расидани зарар ба манфиати давлат мегардад, имкон медиҳад, ки нисбати шакли ба ҷамъият хавфноки убур намудаи сарҳади давлатии Тоҷикистон муқовимат бурда шавад. Дар ҳамаи дигар ҳолатҳо воситаи самараноки муқовимат расмиёти оҷилии ба таври маъмурӣ аз қаламрави Тоҷикистон берун кардан ва фиристодан ба мамлакате, ки муҳоҷир аз он ҷо омадааст, мебошад.

Принсипи дуюми криминализатсия ягонагӣ ва яқинии истилоҳот мебошад. Моддаи 335 КҶ ҶТ-ро таҳлил намуда, аз ҷониби мо як қатор камбудиҳо дар бахши барасмиятдарории терминологии меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ошкор гардиданд.

Аз ном ва диспозитсияи моддаи 335 КҶ ҶТ - “Ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бармеояд, ки шахсони ғайриқонунӣ муҳоҷиронро аз сарҳади давлатӣ гузаронанда зиёд ҳастанд. Аммо, азбаски ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам барои гузаронидани як шахс ба миён меояд, номи модда ва диспозитсияи қисми 1 м. 335 КҶ ҶТ-ро бо роҳи иваз намудани калимаи “шаҳрванд” ба калимаи “шахс” тағйир додан зарур аст. Дар ин ҳолат номи моддаи баррасишаванда ба талаботе ҷавоб медиҳад, ки аз рӯи он дар ҳолати гузаронидани як шахс аз сарҳади гумрукӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд.

Дар моддаи 335 КҶ ҶТ муқаррарот оиди ғайриқонунӣ иқомат намудани муҳоҷир дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой надорад. Ҳамин тариқ, ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ маънои ғайриқонунӣ гузаронидан аз сарҳади давлатиро дорад. Дар ин ҳолат чунин шакли муҳоҷирати ғайриқонунӣ, аз қабили вайрон кардани қоидаи гузариши транзитӣ диспозитсияи ин моддаро дар бар гирифта наметавонад.

Дар қисми 2 моддаи 335 КҶ ҶТ зарур аст аломати бандубастшавандаи ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ чун нияти ғаразнок дохил карда шавад. Дар ин ҳолат ташкили ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ ҳамчун қоида аз ангезаи ғаразнок амалӣ мегардад, ки хусусан тадқиқотҳои сатҳи байналмилалӣ инро исбот намудаанд. Ҳамин тариқ, ангезаи содир намудани ин ҷиноят, ки дар аксари ҳолатҳо вомехӯрад, аз тарафи қонунгузор аломати бандубастшаванда эътироф гардида, ба талаботи қонуни ҷиноятӣ ҷавобгӯ нест, ки тибқи он дар таркиби одии ҷиноят бояд аломатҳои намудии тарафи объективӣ ва субъективии таркиби ҷиноят ҷой дошта бошанд.

Дар матни моддаи 335 КҶ ҶТ ба камбудиҳои терминологӣ ҷой надоштани мушаххасоти мақсади ин ҷиноят (расонидани зарар ба манфиатҳои давлат)-ро дохил намудан мумкин аст. Азбаски мақсади ҷиноят аломати ягонаи байни ин таркиби ҷиноят ва таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинишуда мебошад, онро мушаххас намудан лозим аст.

Ҳамин тариқ, техникаи қонунгузорӣ, ки дар ташкили меъёри моддаҳои 335, 336 КҶ ҶТ истифода гардидааст, ба такмили минбаъда ниёз дорад.

Мақсади сеюми криминализатсия мақсаднокии он мебошад. Ин принсип воқеан аллакай аз ҷониби мо дар боло, дар таҳлили масъалаи асос ва шароити криминализатсия тавсиф дода шуда буд. Аз ин рӯ, ба фикри мо, мумкин аст мақсаднокӣ ба криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ татбиқ карда шавад.

Тафриқасозии ҷавобгарӣ барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ хусусан ба он вобаста аст, ки ҷинояти дахлдор одатан бисёрлавҳагӣ аст, хусусан агар сухан оид ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ равад, ки аз сарҳади якчанд давлат гузаштанро дар назар дорад. Дар баробари ин, қонунгузор таркиби алоҳидаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро пешбинӣ намудааст, ки дар муҳоҷирати ғайриқонунӣ ифода меёбад.

Ин моддаҳо дар боби 27 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки бо тартиби идоракунӣ вобастаанд” ҷой дода шудаанд. Ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки субъекти он муҳоҷирони ғайриқонунӣ мебошанд, аз таркиби ҷинояти дар моддаи 335 КҶ ҶТ мустаҳкамшуда фарқ кунонидан лозим нест, зеро муҳоҷирон барои ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд ва нисбати кирдори онҳо моддаҳои 497-499 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ менамояд.

Байни ҷинояти дар моддаи 335 КҶ ҶТ пешбинишуда ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар моддаи 499 КҲМ ҶТ пешбинишуда фарқият дар мақсади содир намудани кирдор аст. Мақсади ҷинояти моддаи 335 КҶ ҶТ расонидани зарар ба манфиатҳои давлатӣ мебошад. Ин аломат хислати баҳодиҳанда дорад. Вобаста ба ин олимони алоҳида воқеан татбиқнашаванда будани моддаи 335 КҶ ҶТ-ро тасдиқ мекунанд. Масалан, дар қисми 1 моддаи 335 КҶ ҶТ қонунгузор мустақиман ба мақсади содир намудани ҷиноят ҳамчун аломати ҳатмии тарафи субъективӣ ишора мекунад, ки ба бандубасти он таъсир мерасонад. Ҷой надоштани мақсад аз он шаҳодат медиҳад, ки дар амалҳои шахси гунаҳкор танҳо аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавҷуданд. Ба ҳар ҳол мақсади содир намудани ҷинояти моддаи 335 КҶ ҶТ ба мушаххасот ниёз дорад.

Мақсади ҷинояти моддаи 335 КҶ ҶТ метавонад аз мафҳуми манфиатҳои давлатӣ барояд, ки зери он манфиатҳое фаҳмида мешаванд, ки аз меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бармеоянд. Асоси онҳоро ҳамеша талабот дар амалишавии амалҳо, барномаҳои умумидавлатӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) ташкил медиҳанд, ки баҳри ҳимояи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, сарҳади давлатии Тоҷикистон, таъмини амнияти иқтисодӣ, иттилоотӣ, экологӣ, ҳифзи замин ҳамчун боигарии миллӣ, ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи субъектҳои ҳуқуқи моликият ва хоҷагидорӣ ва

монанди инҳо равона гардидааст. Манфиатҳои давлат метавонанд пурра ё қисман ба манфиатҳои мақомоти давлатӣ, корхонаҳову ташкилотҳои давлатӣ, манфиатҳои ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар он ҳиссаи муайяни худро дорад, мувофиқ оянд, ё баръакс мувофиқ наоянд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло зарур мешуморем, ки мақсади содир намудани ҷинояти моддаи 335 КҶ ҶТ мушаххас карда шавад ва дар назар дошта шавад, ки воридот ба Тоҷикистон ва берун баромадан аз он бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлат дар соҳаи соҳибихтиёрии миллӣ, тамомияти арзӣ, сарҳади давлатӣ, амнияти миллӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, экологӣ содир мешавад.

Нисбати таркиби ҳуқуқвайронкунии дар боло баррасишуда қайд намудан зарур аст, ки барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба криминализатсияи кирдори ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ вобаста, кирдор оиди мусоидат ба истиқомати ғайриқонунии муҳоҷирони ғайриқонунӣ дар қаламрави давлат дар шакли пешбининамудаи КҲМ ҶТ онҳоро ба ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҳамчун ҷинояти хислати байналмилалӣ дошта ҳамроҳ намоем.

Ҳамин тариқ, дар қ. 2 м. 335, 335[1], 335[2] КҶ ҶТ зарур аст, ки чунин аломати бандубастшавандаи гузаштан аз сарҳади давлатии Тоҷикистон, ба монанди нияти ғаразнок ҷой дода шавад. Дар ин ҳолат ташкили ғайриқонунӣ фиристодани шахс аз сарҳади давлатӣ, ҳамчун қоида, аз нияти ғаразнок бармеояд. Аз навиштани мақолаи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- мақсади ҷиноят аломати ягона байни ин таркиби ҷиноят ва таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурии дар КҲМ ҶТ пешбинишуда мебошад, онро мушаххас намудан лозим аст;
- криминализатсия намудани муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҳангоми мавҷуд будани асосу шартҳои пешбининамудаи қонун асоснок мебошад;
- бо назардошти уҳдадориҳои байналмилалии давлат якчанд нуқсонҳои алоҳида дар муҳофизати ҷиноятӣ-ҳуқуқии тартиби амалигардонии ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ ошкор гардидаанд, ки ислоҳи онҳо зарур аст;
- ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Тоҷикистон бо мақсади расонидани зарар ба манфиатҳои давлатро криминализатсия намудан зарур аст;
3. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ. -Душанбе, 2014. - С.3.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 22 декабри соли 2016. - С. 28-29.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». ш.Душанбе, 22 декабри соли 2017. –С. 37.
6. Миралиён К. А. Молодёжная политика. (На примере Таджикистана). Душанбе, 2016. -С.51.
7. Немерюк А.А. О молодежной политике в современной России / А.А. Немерюк // Власть. -2009. -№ 4.
8. Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмонов бо ҷавонони ҷумҳурӣ. Душанбе-1993. 23.02.1993. Сомонаи расмии Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. http://youth.tj Раҳмон Э. Уфуқҳои истиқлол. Душанбе, 2018. - С.310.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.10.2011 № 480. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон». – Душанбе, 2012. –С.3.


## НАҚШИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ШАКЛГИРИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар пасманзари сиёсати давлатии ҷавонон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аҳаммияти сиёсати давлатии ҷавонон дар фаъолияти дастаҷамъонаи сохторҳои давлатӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои стратегии мамлакат муайян карда шудааст. Махсусиятҳо ва заминаҳои сиёсати давлатии ҷавонон нишон дода шуда, инчунин нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити муосир муайян карда шудааст. Тамоюлҳои рушди мутахассисони ҷавон дар раванди барқароршавӣ ва рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқи Тоҷикистон тавсиф карда шудаанд. Таҳияи чораҳои мукаммалгардонии сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси назорати даврагии татбиқи чораҳои банақшагирифташуда, инчунин истифодаи маҳакҳои муайякунандаи вазъи мутахассисони ҷавон дар ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.



**Калидвожаҳо:** сиёсати давлатии ҷавонон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҷавонон, барномаҳо, ташкилоти ҷавонон, стратегия.


## РОЛЬ ЭМОМАЛИ РАХМОНА В УЛУЧШЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ В ТАДЖИКИСТАНЕ


В статье рассматриваются основные вопросы социально-экономического развития Таджикистана в контексте государственной молодежной политики. Выявлено значение молодежной политики в комплексной деятельности государственных структур для достижения стратегических целей страны. Показаны особенности и предпосылки государственной молодежной политики Таджикистана, а также определены роль и значение Э. Рахмона в разработке и реализации мероприятий государственной молодежной политики в современных условиях. Характеризуется тенденция развития молодых специалистов в процессе становления и развития основных сфер народного хозяйства Таджикистана. Предложена разработка мер совершенствования государственной молодежной политики на основе периодического надзора, реализации планированных мер, а также внедрения индикаторов, определяющих положение молодых специалистов в социальной, политической и экономической жизни Таджикистана.



**Ключевые слова:** государственная молодежная политика, Основатель мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, социально-экономическое развитие, молодежь, программы, молодежная организация, стратегия.


## ROLE OF E. RAKHMON IN IMPROVING STATE POLICY OF YOUTH IN TAJIKISTAN


The article considers the main issues of socio-economic development of Tajikistan in the context of state youth policy. The importance of youth policy in the integrated activities of government agencies to achieve the strategic goals of the country is revealed. The features and prerequisites of the state youth policy of Tajikistan are shown, as well as the role and importance of E. Rahmon in the development and implementation of measures of state youth policy in modern conditions. The development trend of young specialists in the process of formation and development of the main spheres of the national economy of Tajikistan is characterized. The development of measures to improve the state youth policy on the basis of periodic supervision of the implementation of planned measures, as well as the introduction of indicators determining the position of young professionals in the social, political and economic life of Tajikistan are proposed.

**Key words:** state youth policy, Founder of Peace and National Unity, Leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, socio-economic development, youth, programs, youth organization, strategy.

**Сведения об авторе:** ***Каримов Рустам Илхомович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант философии (PhD) по специальности-экономика. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **907-89-89-40**. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**

**Information about the author:** ***Karimov Rustam Ilkhomovich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, doctoral candidate of philosophy (PhD) in economics. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: **907-89-89-40.** E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**

**УДК:321 (575.3)**

## МОДЕРНИЗАТСИЯ ВА ТРАНСФОРМАТСИЯ ЧУН ШАКЛҲОИ ИНКИШОФИ СИЁСИИ ҶОМЕА

***Муродова Н.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавлиди назарияи модернизатсияи сиёсӣ дар солҳои 60-уми асри гузашта дарки масъалаҳои назариявӣ ва методологии онро ба миён овард. Аз сабабе, ки таълимоти мазкур тағйирпазирии сохтори низомиро ифода намуда, онро дар раванди дигаргун гаштани низоми анъанавӣ ба муосир таҳлил месохт, ба назарияҳои мавҷудаи илмии то ин маврид ҷойдошта такя карда, масъалаҳои асосии тадқиқотии худро муайян намуд. Дар ин асос баҳсҳои гуногуни илмӣ ба миён омаданд, ки бештар ба масъалаи тағйирпазирии сиёсӣ алоқаманд буданд. То ба вуҷуд омадани таълимоти модернизатсияи сиёсӣ байни мафҳумҳои илмӣ ба монанди «инкишофи сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ» ва «модернизатсияи сиёсӣ» тафовуте вуҷуд надошт. Зеро рафти инкишоф чун ҷараёни муқаррарии дигаргун гаштани ҳодисаҳо дониста шуда, ҳолатҳои тағйирёбӣ ба назар намерасид. Масалан, агар ба ҷараёни инкишофи сиёсии олам назар андозем, ҳолатҳои сиёсӣ аз як навъ ба навъи дигар иваз гардида бошанд ҳам, дар онҳо нишонаҳои муосиршавӣ начандон аён гаштаанд. Ё воқеа ва падидаҳои гуногуни сиёсиро дар муддати муайяни таърихӣ ҷамъ овардан зарур буд, ки моҳияти пешқадам будани натиҷаи онҳо маълум карда шавад. Бинобар ин, таълимоти мазкур, маҳз масъалаи муосиршавӣ ва ё ба ҳолати пешқадам иваз гардидани низоми сиёсиву иҷтимоиро ба инобат гирифта, онро масъалаи меҳварии тадқиқоти худ донист. Дар ин асос дар илми сиёсӣ мафҳумҳое пайдо гардиданд, ки гӯё ҳаммаъно ҳастанду бо мафҳумҳои ҷудогона исмгузорӣ намудани онҳо зарурияте надошт, масъалаи наверо ба луғати илмии сиёсӣ ворид намуд. Мафҳумҳои «инкишофи сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ» ва «модернизатсияи сиёсӣ» чун ҷараёнҳои гуногуни раванди сиёсӣ фаҳмида шуда, байни худ айният ва тафовутро ба миён оварданд. Пас, фарқият байни ин мафҳумҳои сиёсӣ дар чист?

Аввалан, дар бораи мафҳуми «инкишофи сиёсӣ» ҳарф мезанем. Мафҳуми инкишофи сиёсӣ ифодаи ҷараёнест, ки рафти амалишавии сиёсатро дар маҷмӯъ бо ҳолатҳои тағйирпазирии он муайян мекунад. Инкишофи сиёсӣ метавонад ба қуллаҳои олӣ расад ва ё дар ҳолатҳои муътадил рушд ёбад. Дар ҳар маврид он инкишоф аст. Таърихи башарият, ки бештар аз низоъҳо, зиддиятҳо ва мисолҳои мушаххаси бунёди давлату ҷомеадорӣ иборат аст, хоҳу нохоҳ чун раванди инкишоф эътироф мегардад.

Дар илми сиёсӣ фаҳмии ягонаи мафҳуми «инкишофи сиёсӣ» вуҷуд надорад. Масалан, муаллифон В.Смогунов ва В.Семенов ин масъаларо ба таври зайл тавсиф намудаанд: «Инкишофи сиёсӣ - ин раванди тағйирпазирии зарурии омодашуда аст, ки ба низоми сиёсӣ ворид мешавад ва дар он хусусиятҳои талаботҳои сиёсии дохилӣ ё талаботҳои берунаи муҳити иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ зоҳир мeёбад» [11,с.124]. Онҳо инчунин қайд мекунанд, ки «баъзан инкишофи сиёсӣ бо модернизатсияи сиёсӣ ҳаммаъно аст. Лекин, модернизатсияи сиёсӣ яке аз шаклҳои инкишофи сиёсӣ мебошад» [11,с.124]. Муаллифон инкишофи сиёсиро дар маҷмӯъ ба се намуд ҷудо намудаанд: модернизатсияи сиёсӣ (инкишофи ҷомеаи анъанавӣ ба сӯйи ҷомеа муосир), модификатсияи сиёсӣ (тағйирпазирӣ ва ташаккули институтҳои сиёсӣ), трансформатсияи сиёсӣ (раванди тағйирпазирии байни форматсияҳо ё низомҳои сиёсӣ, ки метавонад ҳам хусусияти пешқадам ва ҳам хусусияти начандон пешқадам дошта бошад).

Роҷеъ ба андешаҳои боло чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст:

Аввалан, дар сиёсатшиносии солҳои 50-60-уми асри XX мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» аз ҷониби олимон чун шакли гузариши ҷомеа аз намуди анъанавӣ ба муосир фаҳмида шудааст ва он чун инкишофи пешқадам эътироф гардидааст. Дар ин ҷо он чун

таълимоти илмӣ баромад мекунад, ки масъалаи омӯзиши он ҷомеаи муосир мебошад. Дуюм, модернизатсияи сиёсӣ ин давраи гузариши ҷомеаи анъанавӣ ба муосир мебошад. Дар ин маврид андешаҳои Л.Сморгунов ва В.Семенов ҷонибдорӣ мешаванд. Чи тавре ки дар таҷрибаи кишварҳои мутамаддин собит гашт, инкишофи мазкур раванди баъдимодернизатсиониро соҳиб гардида, ҷомеа ба ҷомеаи технологӣ, индустралӣ ё иттилоотии комилан муосиргашта мубаддал мешавад. Ё бештари маврид онҳоро чун ҷомеаи муосир шарҳ медиҳанд. Сеюм, инкишофи минбаъдаи раванди сиёсии давраи гузариш ҳамчун модификатсияи сиёсӣ ва трансформатсияи сиёсӣ ҷорӣ мегардад. Лекин дар раванди модернизатсия ҳам омилҳои трансформатсионӣ ва ҳам модификатсионӣ ҷой доранд. Пас, инкишофи сиёсӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур ёфта, ё яке дигареро иваз мекунад ва натиҷаи дилхоҳро соҳиб мегардад, ё онҳо дар ҳамбастагии ҳамдигар амалӣ мешаванд, ки самараи умумии раванди инкишофро маълум месозад. Модернизатсияи сиёсӣ омили ҷамъбастии инкишофи сиёсӣ мебошад, ки хусусияти сифатии ивазшавии ҷомеа аз шакли анъанавиро ба муосир муайян мекунад. Дар раванди инкишофи сиёсӣ ҳам ҳолатҳои трансформатсионӣ ва ҳам модернизатсионӣ мушоҳида мешаванд. Ё ҳамаи ҷараёнҳои модернизатсионӣ дар ибтидо ҳолати трансформатсиониро доштанд ва баъдан майли онҳо ба ҷомеаи муосир дида мешавад.

Пас инкишофи сиёсӣ масъалаест, ки ҳамеша бо рафти инкишофи таърихи инсоният ҳамқадам буда, ҷараёнҳои пешқадамро соҳиб гашт ва маҷмӯи чунин воситаҳои пешрафта ҷомеаи муосирро тавлид сохт, ки тадқиқи онро таълимоти модернизатсияи сиёсӣ бар дӯш дорад.

Баъдан, диққати худро ба мафҳуми «трансформатсияи сиёсӣ» равона месозем. Дар мавриде, ки сухан дар бораи кишварҳои «ҷаҳони сеюм» меравад, моҳияти аслии модернизатсия дар раванди инкишофи онҳо ба назар намерасад. Яъне, ҳолати анъанавӣ ба муосиршавӣ майл дорад, лекин онро қисман қабул намуда, аз унсурҳои анъанавии ҷомеадорӣ ба таври пурра даст намекашад. Дар ин бобат, муҳаққиқон Ҷ. Нэсбитт ва П.Эбурдин инкишофи низоми сиёсии кишварҳои мазкурро ба инобат гирифта, онро бо мафҳуми «трансформатсия» ишора месозанд [10,с.113]. Ҷ. Нэсбитт ва П.Эбурдин таъкид месозанд, ки инкишофи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ дар кишварҳои Шарқ аз «муосиркунии» низоми сиёсӣ - иҷтимоӣ ва иқтисодии Ғарб тафовут дорад. Ё ба андешаи С.Хантингтон дар кишварҳои шарқӣ модернизатсия бе вестернизатсия амалӣ мешавад, ё чи гуна ки ӯ қайд мекунад, «…дар баробари инкишофи тарҳҳои гуногуни технологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии муосир, хосиятҳои динӣ, сиёсӣ ва фарҳанге, ки ба ҷомеаи анъанавӣ хосанд, ҷой доранд» [12,с.86]. Агар Ҷ.Нэсбитт ва П.Эбурдин модернизатсияро танҳо хосси ҷомеаи аврупоӣ ва намунаи аврупоӣ донанд, пас С.Хантингтон онро тағйирпазирии васеи ҷомеаҳои алоҳида медонад, ки ҷараёни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии худро соҳибанд. Дар ин ҷо омезиши муосиршавии шакли аврупоӣ бо арзишҳои ҷойдошта ё муносибатҳои эндогенӣ ба назар мерасад, ки бештари олимон, ба мисли Абдумалик, А.Турен, С.Хантингтон, Ш.Эйзенштадт онро ҷонибдорӣ намудаанд. Абдумалик ба ҳисоб гирифтани шаклҳои эндогении инкишофи кишварҳои «ҷаҳони сеюм»-ро дар рафти модернизатсия зарур дониста, таъкид мекунад, ки хосиятҳои кулли ҷомеаҳои гуногунро дар ҳолати мазкур ба инобат гирифтан муҳим аст. Абдумалик муқобилгузории анъанаҳои шарқӣ ва раванди модернизатсиониро дар таълимоти модернизатсия хато ҳисобида, кӯшиш намудааст, ки дар мавриди қабули модернизатсия хусусиятҳои эндогении кишварҳои ғайриғарбиро ба назар гирад. Манбаи асосии ғояҳои ӯ дар таълимоти эндогенӣ зоҳир ёфтааст. Таълимоти мазкур истифодаи таҷрибаи эҷодӣ, мероси фарҳангӣ ва шаклҳои фарҳангро, ки ба халқҳои гуногун хос мебошанд, ифода мекунад [9,с.489].

Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки дар ҳолатҳои тағйирпазирии ҷомеа омилҳои гуногуни инкишоф мавҷуданду ба шакли воқеии талаботҳои эълондошта ҷавобгӯ нестанд, чун трансформатсия пазируфта мешаванд. Инчунин, дар фаҳми сиёсии мафҳуми «модернизатсия» бо мафҳумҳои нисбатан ба он алоқаманд, ба мисли «модификатсия», «демократизатсия», «вестернизатсия» рӯ ба рӯ мешавем, ки ҳамчун шаклҳои тағйирпазирии ҷомеа қабул гардидаанд. Мафҳумҳои мазкур барои тадқиқи тағйирпазирии ҷомеа, махсусан, институтҳои сиёсӣ ва равандҳои сиёсӣ истифода мешаванд. Бештар чунин хосият ба мафҳуми «трансформатсия» рост меояд. «Трансформатсия» равиши дигаргуниҳои бунёдии сохтор ва пояи низоми сиёсии ҷомеаро инъикос мекунад. Дар маънои аслӣ мафҳуми «трансформатсия» чун раванди модернизатсияи сиёсӣ, дар маънои васеъ чун гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир ё баръакс (яъне, аз ҷомеаи муосир ба анъанавӣ) ва ё чун тағйирпазирии маҳдуди сохтори анъанавӣ, масалан ивазшавии арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ ё динӣ фаҳмида мешавад. Чунин ҳолат дар таҷрибаи сиёсии кишварҳои муосир низ ба назар мерасад. Дар

бештари маврид дар кишварҳое, ки ба модернизатсия рӯ овардаанд, намунаҳои навоварӣ дар шаклҳои мухталиф қабул гардида, яке дигареро иваз намуда, натиҷаҳои аслии модернизатсияро намедиҳанд. Ҳолатҳои мазкур ҳамчун раванди трасформатсия фаҳмида мешаванд.

Дар охир ба мафҳуми «трансформатсия»-и сохтор ва институтҳои сиёсӣ равандҳоеро ворид намудан лозим аст, ки омезиши намунаҳои гуногуни тағйирпазририро соҳиб буда, на пайдарҳам ва ботартибона, балки лаҳзавӣ ҷорӣ гардида, хосияти умумро доро мебошанд. Ба чунин намунаҳои тағйирпазирии сиёсӣ кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мансубанд, ки дар андешаҳои Ҷ.Нэсбитт и П.Эбурдин инъикоси хешро пайдо намудаанд.

Мафҳуми «модернизатсия» дар илми сиёсӣ хосияти хосро соҳиб аст. Дар он модернизатсияи сиёсӣ чун тағйирпазирии намунаҳои ҷомеаи анъанавӣ ба намунаҳои ҷомеаи муосир, ки дар макон ва замони гуногуни таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба амал меоянд, фаҳмида мешавад. Ё модернизатсияи сиёсӣ чун гузариш аз «ҷомеи пӯшида» ба «ҷомеаи кушод», аз низоми барҷомондаи дер мутобиқшаванда ба олами беруна ба низоми ташаккулёбандаи тарҳи рушдёфта мебошад, ки чун ҳолати намуна – модернизатсия қабул гардидааст.

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки мафҳуми «модернизатсия» дар ҷомеаи анъанавӣ бегона гаштани намунаҳои пешин ва ворид кардани навоварӣ мебошад, ки метавонад, чун «модерн» баромад кунад. Зарурат надорад, ки он мантиқан пайдарпай ва бо суръати муътадил ба мисли инкишофи Европаи Ғарбӣ сурат гирад. он метавонад ба таври босуръат ё дарозмуддат ҷорӣ гардида, бе натиҷа ва беохир бошад ва бештари ҳолатҳо он омезиши арзишҳои гуногунро таҷассум кунад. Ба андешаи муҳаққиқи рус А.Г. Дугин, дар раванди модернизатсияи аврупоӣ омилҳои консервативӣ тавонистанд, ки ба худ бо истифодаи «забони муосир» ба ҷаҳони сиёсат ворид шаванд, чи гунае ки омилҳои муосир дар кишварҳои ғайриғарбӣ бо истифодаи «забони анъана» муосиршавиро ҷорӣ сохтанд [2,с.21]. Бинобар ин, «анъана» бо либос куҳнаи худ ба муосиршавӣ дохил гардида, омехтагии анъанаро бо муосиршавӣ амалӣ намудааст. Дар намунаи аврупоии модернизатсия ин ҳолат мушоҳида мешавад. Баръакс, омилҳои муосиршавӣ дар зери пардаи анъана пинҳон гашта, дар кишварҳои ғайриғарбӣ ташаккул меёбанд. Ё чи тавре дар боло қайд намудем, назарияи эндогении ташаккул дар раванди модернизатсия аз лиҳози он мебошад.

Агар ба инкишофи имрӯзаи кишварҳои олам назар афканем, пас истифодаи ин мафҳумҳо бештар бо мазмуни воқеӣ мувофиқ нест, зеро кишварҳо худро дар раванди модернизатсия эътироф сохта, аслан хосияти трансформатсияро доранд. Масалан, чунин ҳолатро дар инкишофи сиёсии кишварҳои пасошӯравӣ собит сохтан мумкин аст. Кишварҳои мазкур пас аз он ки истиқлолияти сиёсии худро соҳиб гаштанд, ба майлонҳои демократикунонӣ дода шуда, ба тағйир додани унсурҳои давлатдорӣ ва идоракунии низоми ҷомеа шурӯъ намуданд. Таҷрибаи се даҳсолаи охир маълум месозад, ки кишварҳои пасошӯравӣ ба модернизатсияи низоми сиёсӣ начандон ноил гаштанд. Онҳо нишонаҳои реҷаи демократиро қабул намуда, истифодаи босамари онро собит месозанд ва майлонҳои муосири идорасозиро ҷонибдорӣ менамоянд, лекин хосияти давлатдории кишварҳои мазкур ба авторитаризми замони шӯравӣ айният дорад. Ё чунин шакли инкишофи ба ном «демократӣ»-ро бо забони имрӯзаи илми сиёсӣ, чун шакли сунъии демократия ном мебаранд. Мавҷуд будани чунин ҳолат сабабҳои худро дорад. Пеш аз ҳама, он бо вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва байналхалқӣ низ алоқаманд аст. Муҳлатнокии давраи идракунии сарварони кишвар хело тӯлонӣ, хосияти идоракунии яккаҳизбӣ (дигар ҳизбҳо вуҷуд доранд, лекин хусусияти волоияти даврагиро дар хукумат надоранд), фаъол набудани мавқеи ҳизбҳо ва шаҳрвандони кишвар дар ҳаёти сиёсӣ ва таъсиррасонии кишварҳои ҳамсоя ва хориҷӣ ба низоми дохилии кишвар ва ғайра.

Таълимоти модернизатсионӣ таълимоти илмие мебошад, ки инкишофи ҷомеаи муосирро вобаста ба тағйирпазирии пурпечутоб, бошитоб ва зиддиятнок тадқиқ намуда, механизмҳои воқеии тағйирпазирии иҷтимоӣ ва рафти амалгардии ин дигаргуниҳоро дар бар мегирад. Дар илми сиёсатшиносӣ баъзе омилҳоро бештари муҳаққиқон ҳамчун нишондодҳои асосии модернизатсия қабул намуданд, ки холати аслии гузариши ҷомеаро аз трансформатсия ба модернизатсия маълум месозад. Модернизатсия ҳамчун шакли тағйирёбии ҷомеа ва афрод чунин андозаҳо ё ченакҳои дигаргуниро дар худ таҷассум менамояд:

1) гузариш аз сохтори иҷтимоии одӣ ба сохтори иҷтимоии мураккаб;

2) гузариш аз хосияти интегратсионии ғайрииқтисодӣ ба интегратсияи иқтисодии ҷомеа;

3) гузариш аз этатизм ба иқтисоди бозоргонӣ;

4) мубаддалшавии инсони офаранда ба инсони ихтироъкор;

5) гузариш аз шаклҳои одии шуур ба гуногунақидагӣ;

6) гузариш аз мустаҳкамии комил ба тағйирёбии доимӣ;

7) гузариш аз тоталитаризм ва авторитаризм ба демократия [6,с.486].

Тағйиротҳои зикргардида байни ҳам алоқамандӣ доранд ва инкишофи ҳамдигарро таъмин месозанд. Агар алоқамандии онҳо коста гардида ба мақсадҳои зарурӣ нарасад, пас натиҷаи модернизатсия низ маҳдуд ё қисман ба миён меояду халос. Пас танҳо бо тағйирпазирии чунин омилҳои мавҷуда гуфтан мумкин аст, ки трансформатсия ба модернизатсия мубаддал гашт ё не.

Ҳамин тариқ, мафҳумҳои «инкишофи сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ» ва «модернизатсияи сиёсӣ» чун ҷараёнҳои гуногуни раванди сиёсӣ дар ҳамбастагӣ вуҷуд доранд. Мафҳуми «модернизатсияи сиёсӣ» дар кул моҳияти инкишофи замонавии ҷаҳони муосирро муайян мекунад, ки онро чун шаклҳои гуногуни ҷомеа, ба мисли ҷомеаи кушод, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи индустриалӣ, ҷомеаи демократӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва ғайра эътироф месозанд.

## АДАБИЁТ


1. Гавров С.Н. Модернизация во имя империи. Социокультурные аспекты модернизационных процессов в России / С.Н. Гавров. – М.: Едиториал УРСС, 2004. – 323с.
2. Дугин А.Г. Трансформация политических структур и институтов в процессе модернизации традиционных обществ: дис. …док.полит.наук: 23.00.02 / А.Г. Дугин. – Ростов н/Д. 2004. – С.147с.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсї /Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. -Љилди 1. – 520с.
4. Ильин М.В. Идеальная модель политической модернизации и пределы ее применимости / М.В. Ильин. -М., 2000. – 238 с.
5. Козловский В.В. Модернизация: от равенства к свободе / В.В. Козловский, А.И. Уткин, В.Г. Федотова. – СПб, 1995. – 234с.
6. Канарш Г. Ю. Опыт и уроки советской модернизации /Г.Ю. Канарш //Информационный гуманитарный портал «Знание. Понимание. Умение». - 2016. -№3. – С.56-63.
7. Мельвиль А. Ю. «Царь горы», или почему в посткоммунистических автократиях плохие институты /А.Ю.Мельвиль, Д.К.Стукал, М.Г.Миронюк // Политические исследования. – 2013. -№ 2. – С. 125-143.
8. Муродова Н.С. Модернизатсияи сиёсї: моњият, хусусиятњо ва дурнамо /Н.С. Муродова. -Душанбе, 2016. -200 с.
9. Мухаев Р.Т. Политология: учебник //Концепция модернизации как парадигма анализа политических изменений / Р.Т. Мухаев. -М., 2011. – 608с.
10. Нэсбитт Дж. Что нас ждет в 90-е годы. Мегатенденции. Год 2000 / Дж. Нэсбитт, П.Эбурдин. –М., 1992. – 113с.
11. Сморгунов Л. Политология. Учеб.пособ. / Л.Сморгунов, В.Семенов.- СПб., 1996. – 124с.
12. Хантингтон С. Будущее демократического процесса: от экспансии к консолидации / С. Хантингтон // Мировая экономика и международные отношения. – 1995. -№ 6. – С.19-28.


## МОДЕРНИЗАТСИЯ ВА ТРАНСФОРМАТСИЯ ЧУН ШАКЛҲОИ ИНКИШОФИ СИЁСИИ ҶОМЕА


Дар мақолаи мазкур мушкилоти рушди сиёсии ҷомеа, хусусан раванди навсозӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф андешаҳои худро нисбат ба шаклҳои инкишофи сиёсӣ – модернизатсия ва трансформатсия иброз намудааст. Бо назардошти андешаҳои илмии ҷойдошта ва адабиёти мавҷуда муаллиф модернизатсия ва трансформатсияро бо омилҳои гуногун алоқаманд месозад. Тадқиқи истилоҳоти илмӣ, ба монанди «инкишофи сиёсӣ», «тағйирпазирии сиёсӣ» ва «модернизатсияи сиёсӣ» дар мақола ба назар мерасад. Ба ақидаи муаллиф, инкишофи сиёсӣ дар шаклҳои модернизатсияи сиёсӣ, модификатсияи сиёсӣ ва трансформатсияи сиёсӣ воқеият дорад. Модернизатсияи сиёсӣ чун инкишофи ҷомеаи анъанавӣ ба сӯйи ҷомеаи муосир фаҳмида мешавад. Трансформатсияи сиёсӣ раванди тағйирпазирии байни форматсияҳо ё низомҳои сиёсӣ, ки метавонад пешрафт ё раванди баръакси баргаштан ба анъана бошад. Муаллиф масъалаҳои инкишофи сиёсиро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дар давраи трансформатсияи низоми сиёсӣ қарор доранд. Реҷаи сиёсии демократӣ чун воситаи идоракунӣ қабул гардида, дар шакли дурнамои инкишоф пазируфта шудааст, бинобар ин инкишофи сиёсии ин кишварҳо ба худ шакли демократияи сунъиро соҳиб аст. Муҳаққиқ дар мақола тафовути байни ҷомеаи муосирро бо ҷомеаи анъанавӣ собит месозад. Пеш аз ҳама, тавофути мазкур ба ҳолати ҷомеа ва афрод, ки дар раванди гузариш ба миён меояд, андоза мегардад. Дар интиҳои маводи илмӣ навъҳои ҷомеаи муосир, ки дар шаклҳои гуногун, ба мисли ҷомеаи кушод, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи индустриалӣ, ҷомеаи демократӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва ғайра эътироф гардиданд, номбар шудаанд.



**Калидвожаҳо:** инкишофи сиёсӣ, тағйирпазирии сиёсӣ, модернизатсия, трансформатсия, модификатсия, вестернизатсия, демократикунонӣ, анъана, «ҷаҳони сеюм», ҷомеаи кушод.


## МОДЕРНИЗАЦИЯ И ТРАНСФОРМАЦИЯ КАК ФОРМЫ ПОЛИТИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА


В статье рассматриваются проблемы политического развития общества, особенно модернизационного процесса. Излагая свои идеи о формах политического развития – модернизации и трансформации, автор раскрывает их политическую сущность. На основе научных концепций и имеющейся литературы, автор раскрывает факторы, влияющие на модернизационные и трансформационные процессы. Исследуются научные термины, такие как «политическое развитие», «политические перемены» и «политическая модернизация». С точки зрения автора, политическое развитие можно разделить на три части: политическая модернизация, политическая модификация, политическая трансформация. Политическая модернизация воспринимается как форма перехода традиционного общества к современному. Политическая трансформация -это процесс политических перемен, между формациями, которые могут иметь прогрессивный характер или обратный процесс возврата к традиции.

Автор, рассматривая проблемы политического развития, подчеркивает, что постсоветские республики находятся на стадии трансформации политической системы. Демократический политический режим, который является средством управления, принимается как перспектива государственного развития, поэтому политическое развитие этих стран можно называть авторитарным или одним из видов гибридной демократии. Автор в статье приводит основные отличия современного общества от традиционного общества. Прежде всего, данные отличия измеряются состоянием общества и индивида, которые складываются в переходном режиме. В конце научной работы перечисляются общепризнанные виды современного общества: открытое общество, гражданское общество, индустриальное общество, демократическое общество, информационное общество и т.д.

**Ключевые слова**: политическое развитие, политические перемены, модернизация, трансформация, модификация, вестернизация, демократизация, традиция, «третий мир», открытое общество.

**MODERNIZATION AND TRANSFORMATION AS A FORM OF POLITICAL DEVELOPMENT OF SOCIETY**

The article deals with the problems of the political development of society, especially the modernization process. Expressing his ideas about the forms of political development - modernization and transformation, the author reveals their political essence. On the basis of scientific concepts and having literature, the author reveals the factors influencing the modernization and transformation processes. The scientific terms are investigated as “political development”, “political changes” and “political modernization”. From the point of view of the author, political development can be divided into three parts: political modernization, political modification, political transformation. Political modernization is perceived as a form of transition of traditional society to modern. Political transformation is a process of political change, between formations that may have a progressive nature or a reverse process of returning to tradition. The author, considering the problems of political development, emphasizes that the post-Soviet republics are at the stage of transformation of the political system. The democratic political regime, which is as a means of control, is accepted as a prospect of state development, therefore the political development of these countries can be called authoritarian or one of the types of hybrid democracy. The author in the article cites the main differences of modern society from traditional society. First of all, these differences are measured by the state of society and the individual, which are formed in a transitional mode. At the end of scientific work, generally accepted types of modern society are listed as an open society, civil society, industrial society, democratic society, information society, etc.

**Key words:** political development, political changes, modernization, transformation, modification, westernization, democratization, tradition, “third world”, open society.

**Сведения об авторе:** ***Муродова Нигина Сулаймонова*** – Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **munisu71@mail.ru**. Телефон: **939-41-17-00**

**Information about the author:** ***Murodova Nigina Sulaimonova*** - Tajik National University, Candidate of Political Sciences, Associate Professor at the Department of Political Science, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **munisu71@mail.ru**. Phone: **939-41-17-00**

**УДК 321(575.3)**

# МАҚОМ ВА НАҚШИ АХЛОҚ ДАР ҶОМЕА ВА ДАВЛАТ

***Ҳукмишоев З. Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ахлоқ арзиши олӣ маҳсуб гардида, мақом ва нақши он дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бузург мебошад. Зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар раванди муносибатҳои ҷомеа самараи ақли такомулёфтаи инсон аст. Маҳз дар заминаи такомули ақл инсон аз олами ҳайвонӣ берун рафта, вориди дунёи маънавӣ ва фарҳангӣ гардида, ба мартабаи худшиносӣ расидааст. Ақли такомулёфта инсонро аз ҳолати табиӣ берун оварда, ба дунёи тамаддун ворид сохта, андеша, гуфтор ва кирдори ӯро нек сохтааст. Бартарият ва афзалияти инсон дар нисбати дигар мавҷудоти олам ин соҳиби ҷавҳари ақл будани ӯ мебошад. Ақл ҷавҳари созанда ва эҷодкунандаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ буда, мақом ва нақши он дар шинохти ҳастии инсон ва дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ яқинан бузург аст.

Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ арзишҳои ахлоқиро сарфи назар намудан амали ғайриоқилона мебошад. Арзишҳои ахлоқиро метавон таъминкунандаи амният ва ифодакунандаи манфиатҳои ҷомеа донист, зеро дар он ҷомеае, ки ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ эътироф мегардаду амал менамояд, амният дар ҷомеа яқинан таъмин хоҳад буд. Коҳиш ёфтани арзишҳои ахлоқӣ дар муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа таъсири манфӣ расонида, метавонад суботи сиёсиро аз миён бубарад ва барои давлат ва ҷомеа мушкилоти зиёд эҷод намояд.

Арзишҳои ахлоқӣ аввалан дар муҳити оила тавлид гардида, тадриҷан дар заминаи васеъ шудани ҳудуди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар доираи қавму қабилаҳо ва бо тақозои замон ва бо назардошти манфиатҳои ҷомеа ба вуҷуд омадани давлат ҳамчун институти сиёсӣ, ташаккулу инкишоф ёфтаанд. Комилан метавон арзишҳои маънавию ахлоқиро ифодакунандаи раванди ташаккулёбии дунёи маънавии инсон донист.

Аз он хотире, ки олами табиии инсон аз лиҳози хӯрдану ошомидан ва хуфтану алоқаи ҷинсӣ намудану мубориза бурдан барои зинда мондан шабоҳат ба олами ҳайвонот дорад, ақли комил арзишҳои маънавию ахлоқиро ба хотири заиф сохтани неруи ҳайвонӣ дар вуҷуди инсон ва фарҳангӣ сохтани муносибатҳои ҷамъиятӣ эҷод намудааст. Агар ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ дар ҷомеа амал нанамояд, амният, оромӣ ва сулҳу субот дар ҷомеа аз байн хоҳад рафт. Ахлоқи ҳар як фард аз дунёи маънавии ӯ маншаъ гирифта, комил будани ҷаҳони фарҳангии инсон дар ахлоқи ӯ таъсири мусбӣ расонида, дар ҳоли буҳрони маънавӣ қарор доштани олами ботинии инсон, ҷаҳолат дар ахлоқи ӯ таъсири манфӣ хоҳад расонид. Барои ҳамида сохтани ахлоқи инсон аввал мебояд дунёи маънавии ӯро комил сохт.

Моҳиятан ахлоқи нек ҳам барои шахс ва ҳам барои ҷомеа манфиатбахш мебошад. Ахлоқи бад барои шахс ва ҷомеа зарар эҷод намуда, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ахлоқи неку бад ифодакунандаи суду зиён буда, амали нек содир намудану аз аъмоли зишт худдорӣ кардан, нишонаи хирадмандист. Амали нек барои шахс ва ҷомеа манфиат бахшида, амали бад зиёновар мебошад. Ақли солиму бохирад воқиф аз моҳияти ахлоқи хубу зишт буда, ҳоким бар инсон аст. Мутафаккирони олами башарият бо неруи хирад тавонистанд меъёрҳои ахлоқии инсон ва ҷомеаро муайян намоянд ва натиҷаи амали неку бадро ошкор созанд. Инсон аз оғози ҳастии худ то ба имрӯз ахлоқи некро ҳамчун арзиши олӣ эътироф намуда, онро асоси устуворӣ ва пойдории муносибатҳои ҷамъиятӣ дониста, дар баробари ин ахлоқи зиштро маҳкум кардааст.

Тавлидкунандаи аъмоли зишт ин ҳолати табиии инсон буда, такомул додани олами маънавии худ ва фарҳангӣ сохтани муносибатҳо, рисолати ҳар як фард дар ҷомеа мебошад. Инсон танҳо бо такомул додани ҷаҳони андешаи худ, метавонад неруи ҳайвониро дар вуҷуди худ маҳв созад ва ба маънои том инсон гардад. Ба андешаи Родоман Б. Б., парокандагии сиёсӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки раванди такомулёбии инсон то ҳанӯз ба анҷом нарасидааст [6,с.21-25].

Ақлро мебояд бо неруи хирад тавоно сохту ҳукумат бахшид. Чун ақл ҳоким гардад бар инсон, ахлоқи нек тантана хоҳад намуд ва тадриҷан аъмоли зишт аз миён хоҳад рафт. Метавон қайд намуд, ки мавҷудияти ахлоқи нек барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии шахс ва ҷомеа зарур буда, он ҳамчун арзиши олӣ эътироф мегардад. Аз он хотире, ки ахлоқи нек ҳамчун арзиши олӣ ва ахлоқи бад дар чашми мардум зишт вонамуд мегардаду эҷодкунандаи зарар ба худи шахс ва ҷомеа мебошад, инсон кӯшиш менамояд, ки аз содир намудани амали манфӣ худдорӣ намояд, зеро кирдори бад сабаби коҳиш ёфтани обрӯю эътибор ва нуфузи шахс дар ҷомеа хоҳад шуд.

Ахлоқ падидаест, ки инсоният онро ҳамчун меъёри муайянкунандаи мавқеи инсон дар ҷомеа медонад. Эътирофу эҳтироми афрод дар ҷомеа аз ахлоқи нек вобаста буда, ахлоқи зишт метавонад нуфузу обрӯи шахсро аз миён бубарад ва ӯро ҳатто аз озодӣ маҳрум созад. Консепсияҳои ахлоқӣ ифодакунандаи фарҳанги муносибат, муошират ва танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф гардидаанд. Таърихи инсоният нишон медиҳад, ки ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ дар баъзе мавридҳо, аз ҷумла буҳронҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ нуфузи худро то андозае аз даст додааст, вале ҳастии хешро гум накардааст. Баръакс, дар ҳоли рӯ ба буҳрон овардани ахлоқ ҷомеа ба он бештар ниёзманд гардидааст, зеро коҳиш ёфтани ахлоқ муносибатҳои ҷамъиятиро мураккаб сохта, мушкилоти сангин барои ҷомеа эҷод менамояд. Ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ ба он хотир эътироф мегардад, ки бартарафкунандаи мушкилоти инсон ва ҷомеа мебошад. Аз он хотире, ки аз ахлоқи ҳамида барои ҷомеа манфиати бузург мерасад, ҷомеа арзиши олӣ доштани онро эътироф ва эҳтиром менамояд. Ҳар қадаре, ки нуфузу эътибори ахлоқ дар ҷомеа боло меравад, ҳамон андоза содир шудани аъмоли зишт рӯ ба таназзул меорад, вале дар сурати рӯ ба буҳрон овардани ахлоқи ҷомеа, ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ тадриҷан мавқеи худро аз даст медиҳад ва чунин ҳолат заминаи вайрон гардидани тартибу интизом дар ҷомеа хоҳад шуд.

Ҷомеаи инсонӣ ва мутафаккирони олами башарият ҳамеша кӯшиш намудаанд ва кӯшиш хоҳанд намуд, ки ин арзиши олиро, ки падидаи ҳаётан муҳим мебошад, ҳамчун гавҳараки чашм қадр намоянд ва мавҷудияти онро то замоне ки инсон дар кураи Замин арзи ҳастӣ дорад, нигоҳ доранд. Аз он хотире, ки ахлоқ падидаи манфиатбахш барои кулли башарият мебошад, ҳеҷ як фард арзиши олӣ доштани онро сарфи назар нахоҳад кард. Ҳамчуноне, ки динро баъзе аз элитаҳои динӣ ва давлатро баъзе аз элитаҳои сиёсӣ қурбони манфиатҳои худ месозанд, аз ахлоқи ҳамидаи баъзе аз ашхос, баъзе афрод ба манфиати худ истифода хоҳанд бурд. Дар сурати авҷ гирифтани ин амали зишт тадриҷан некию накукорӣ ҳамчун арзиши олии ахлоқӣ нуфузи худро аз даст хоҳанд дод, вале

метавон комилан тасдиқ намуд, ки умри ин амали зишт поянда нест, зеро кирдори мазкур аз ҷониби тамоми башарият маҳкум карда мешавад. Он чи аз ҷониби ҷомеа ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва эҳтиром намегардад, заволпазир хоҳад буд. Маҳз аз ҷониби умум эътироф гардидани ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ имконият медиҳад, ки нуфузи арзишҳои олии ахлоқӣ дар ҷомеа поянда бошад. Нафрати мардумро дар нисбати ахлоқи зишт ва самимияту эҳтироми ҷомеаро дар нисбати аъмоли нек комилан метавон мушоҳида намуд, зеро яке ҳамчун падидаи манфӣ ва дигаре мусбӣ зоҳир хоҳад шуд.

Инсоният дар раванди ҳастии худ суду зиёнро хуб омӯхтаасту марзи ин ду падидаро муайян намудааст. Он чи асрҳо барои ҷомеаи башарият хизмат намудааст, барои вайрон сохтану аз байн бурдани он талош варзидан хатои маҳз аст. Тамоюли шикастани ин қолабҳо дар ин ва ё он нуқтаи сайёра дар олами муосир ба мушоҳида мерасад, хосатан дар кишварҳои мутараққии олам. Пешрафти илму техника набояд дар коҳиш ёфтани ахлоқи ҷомеа мусоидат намояд. Ҳамчуноне ки ахлоқ аз ҷониби башарият арзиши олӣ эътироф мегардад, мақом ва нақши илм низ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа арзишманд мебошад, зеро илм сарчашмаи пешрафти тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсоният аст. Бе илм на иқтисодиёту иҷтимоиёт ва на сиёсат наметавонанд рушд намоянд, вале дар сурате ки илм воситаи коҳиш ёфтани ахлоқи шахс ва ҷомеа мегардад, он ҳам барои шахсу ҷомеа ва ҳам барои давлат мушкилот эҷод хоҳад намуд. Рисолати илм барои инсон манфиат бахшидан аст, на зиён. Он чи дирӯз манфиат мебахшиду имрӯз зиён меорад, фардо мавҷудияти худро нигоҳ доштанаш хело душвор мебошад. Ҳар он илме, ки қудрати созандагии худро аз даст медиҳаду сӯзандагиро пешаи худ қарор медиҳад, оқибат рӯ ба завол хоҳад овард. Арзиши олие, ки тӯли асрҳо барои башарият хизмат намудааст, онро наметавон аз миён бурд.

Давлатеро дар ҷаҳон наметавон пайдо намуд, ки ҷавҳари конститутсияи он ахлоқ набошад. Тамоми қонунҳое, ки ба сифати танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа амал менамоянд, агар моҳиятан таҳлил карда шаванд, хусусияти ахлоқӣ доранд. Дар низоми давлатдорӣ меъёрҳои ахлоқӣ дар қолаби қонун рехта шуда, ҷойгоҳи ахлоқ дар танзими муносибатҳои ҷомеа барҷаста мебошад. Давлатҳо дар сиёсати фарҳангии худ дар тарбияи ҷомеа аз арзишҳои маънавию ахлоқӣ оқилона ва самаранок истифода мебаранд. Коҳиш ёфтани ахлоқи ҷомеа барои давлат мушкилоти ҷиддӣ эҷод намуда, раванди идоранамоиро мураккаб месозад. Авҷ гирифтани ҷиноят дар ҷомеа ва давлат аз коҳиш ёфтани ахлоқ вобаста буда, буҳрони маънавию ахлоқӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъсири манфӣ расонида, пеши роҳи инкишофро хоҳад гирифт.

Пайдоиш ва раванди ташаккулу инкишофёбии меъёрҳои ахлоқӣ таҳаввулоти дурударози таърихиро дар бар мегирад. Мураккаб гардидани муносибатҳои ҷомеа ва ба вуҷуд омадани давлат дар ташаккул ёфтани консепсияҳои ахлоқӣ мусоидат намудааст. Давлатҳо аз консепсияҳои ахлоқӣ дар раванди фаъолияти худ ва дар таъмини тартиботу интизоми ҷомеа оқилона истифода мебаранд. Аз он хотире ки ахлоқ ҷавҳари таълимоти дин аст, давлат динро ҳамчун падидаи фарҳангӣ эътироф ва эҳтиром намуда, дар тарбияи олами маънавию ахлоқии ҷомеа аз он самаранок истифода хоҳад бурд.

Мубориза бурдан барои зинда мондан хосси танҳо инсоният набуда, тамоми мавҷудоти зинда барои нигоҳ доштани ҳастии худ мубориза хоҳанд бурд. Метавон гуфт, ки дар тавлиди меъёрҳои ахлоқӣ муборизаи инсон барои зинда мондан нақши муҳим бозидааст. Рисолати ахлоқ таъмини муносибати хуб, оромию амният ва эмин нигоҳ доштани инсон аз таъсири аъмоли зишт мебошад. Комилан метавон гуфт, ки гуфтор ва кирдори зишт қотили инсон аст. Бузургони олами башарият барои аз миён бурдану маҳв сохтани ин қотили башарият принсипҳои олии ахлоқӣ андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори некро эҷод намудаанд. Ин принсипҳои олии ахлоқиро метавон ҳамчун арзиши олӣ ва ҳомии зиндагии башарият донист.

Давлатҳо дар сиёсати хориҷии худ бо дигар кишварҳои олам ва дар сиёсати дохилии худ кӯшиш менамоянд аз принсипи гуманизм ва адолат истифода бубаранд. Зеро давлате, ки сиёсаташ орӣ аз ин ду принсип: гуманизм ва адолат мебошад, дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ муваффақ нахоҳад шуд. Сиёсате, ки ҷавҳари он ахлоқ аст, мавриди эътирофи ҳамгон қарор хоҳад гирифт. Хосатан гуманизм ва адолат дар сиёсати геополитикии давлатҳои абарқудрат бояд нақши меҳварӣ бозад. Ҳисси абарқудратӣ давлатҳои бузурги ҷаҳонро мағрур сохта, дар сиёсати геополитикии онҳо гуманизм ва адолат ҳамчун шиор боқӣ монда, моҳиятан ҳастии худро гум кардаанд. Сиёсат тавонист дар раванди таърих қисме аз давлатҳоро муқтадир созад, вале ғурури сиёсӣ онҳоро аз саҳнаи сиёсат барканор сохт.

Давлатҳои бузургро зарур аст, ки нисбати давлатҳои кӯчак ва рӯ ба инкишоф аз меъёрҳои ахлоқӣ: гуманизм, адолат ва раҳму шафқат дар сиёсати худ истифода бубаранд.

Инчунин, барои ҳар як давлат зарур аст, ки дар сиёсати дохилии худ нисбати шаҳрвандон аз ин арзишҳои ахлоқӣ истифода намояд. Давлате, ки сиёсаташ орӣ аз ахлоқ аст, метавонад дар давраи муайяне муваффақ гардад, вале оқибат ба нокомӣ дучор хоҳад шуд.

Таърих империяҳои бузургеро дар хотир дорад, ки бо истифода аз қудрати низомӣ ва сарфи назар намудани принсипи гуманизму адолат тавонистаанд дар як давраи муайяни таърихӣ муваффақ шаванд, вале оқибат ба таназзул рӯ ба рӯ гардиданд. Имрӯз таъсири таълимоти «макиавеллизм»-ро дар сиёсати геополитикии баъзе аз давлатҳои абарқудрат метавон мушоҳида намуд. «Макиавеллизм» таълимоти Н. Макиавелли буда, мувофиқи он барои муқтадир гардидани давлат аз тамоми омилҳои ғайриахлоқӣ, аз ҷумла дурӯғ, фиреб, ба қатл расонидан, зӯроварӣ ва хиёнат метавон истифода бурд. Ҳадафи Н. Макиавелли Италияро ба як давлати мутамарказу муқтадир табдил додан буд.

Ба андешаи Н. Макиавелли сиёсат падидаест, ки дар худ меъёрҳои муайяни ахлоқӣ надошта, меъёрҳо ва қонунҳое дар он вуҷуд дорад, ки воситаи ҳимояи манфиатҳо мебошанд. Мутафаккири Юнони қадим Афлотун низ андешааш оид ба масъалаи ахлоқ ва сиёсат қаробат бо идеяи Н. Макиавелли дошт. Ба андешаи Афлотун, ҳоким барои нигоҳ доштани мардум дар тобеияти худ, ҳуқуқ дорад, ки аз дурӯғ истифода бубарад. Макиавелли барои нигоҳ доштани ҳокимият истифода бурдани тамоми омилҳоро раво медонад. Дар консепсияи Макиавелли сиёсате, ки дар он амали манфӣ нест, тасаввурнашаванда мебошад.

Воқеан, дунёи сиёсат мураккаб буда, дорои тактика ва стратегияе мебошад, ки раванди амалӣ гардидани он боиси халалдор гардидани баъзе аз меъёрҳои ахлоқӣ хоҳад шуд. Бо назардошти зарурат вайрон шудани баъзе аз меъёрҳои ахлоқӣ дар дунёи сиёсат бояд хело маҳдуд бошаду ноаён. Дар сурате, ки дар ҷаҳони сиёсат амалҳои ғайриахлоқӣ аз ҷумла, дурӯғ, фиреб, найранг ва дигар аъмоли зишт дар шакли барҷаста дар чашми мардум зоҳир мегарданд, сабаби коҳиш ёфтани обрӯ, нуфуз ва эътибори сиёсат дар ҷомеа хоҳад шуд. Эътимоди ҷомеаро аз даст додан нишонаи зираку ҳушёр набудан дар ҷаҳони сиёсат ва оқибат ба нокомӣ дучор гардидан аст. Дар олами муосир дар сиёсати кабир содир гаштани аъмоли зиште, ки барангезандаи нафрати ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, мушоҳида мешавад. Сарфи назар гардидани арзишҳои олии ахлоқӣ дар заминаи бархӯрди манфиатҳои геополитикии давлатҳои абарқудрати олам ҷомеаи ҷаҳониро нигарон сохтааст. Макиавеллизмро нуқтаи меҳварӣ дар сиёсат қарор додан, нафрати мардум ва давлатҳо нисбати худ барангехтан аст. Сиёсате, ки дар нисбати худ нафрат меофарад на самимият, натиҷааш самаранок ва поянда нахоҳад буд.

Ахлоқ ҳамчун падидаи мусбӣ ва арзиши олӣ тавонист дар раванди ҳаёт барои инсоният хизмати бузург намояд. Консепсияҳои ахлоқӣ куштану хӯрдани инсон, ғулом сохтану истисмор намудани инсонро маҳкум намуда, гуманизму адолат ва раҳму шафқатро арзиши олӣ дониста, инсонро аз олами ҳайвонию дарандагӣ берун оварда, ба камоли маънавӣ расонидааст.

Ахлоқи нек ҳамчун арзиши олӣ аз ҷониби шахс ва давлат эътироф мешавад, вале, мутаассифона, ашхос ва давлатҳо дар баъзе мавридҳо ба хотири ҳимояи манфиатҳои худ меъёрҳои ахлоқиро сарфи назар намуда, онро қурбони манфиатҳои худ месозанд. Ҳимояи манфиатҳо мушкилотро дар муносибатҳои ҷомеа бавуҷуд оварда, барангезандаи низоъ мебошад. Ҳалли бархӯрди манфиатҳо муносибати оқилона ва одилонаро талаб намуда, гузашт кардан яке аз принсипҳои неки ахлоқӣ маҳсуб мегардад.

Таҳаммулпазириро бояд ҳамчун арзиши олӣ дар тамоми муносибатҳои шахсию ҷамъиятӣ ва давлатию байнидавлатӣ эътирофу эҳтиром намуд. Таҳаммулпазирии як шахсро шахси дигар ва таҳаммулпазирии як давлатро давлати дигар ба манфиати худ истифода бурдан, натиҷаи манфӣ касб намуда, таъсиру нуфузи таҳаммулпазириро дар раванди муносибатҳо ва дар ҷомеаи башарӣ коҳиш дода, ин арзиши олиро тадриҷан аз миён хоҳад бурд. Чунин тамоюлро дар олами муосир комилан метавон мушоҳида намуд. Аз он хотире, ки ҳимояи манфиатҳо ҳамчун ҳадафи олӣ дар муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ амал менамоянд, арзишҳои олии ахлоқӣ сарфи назар мешаванд. Чунин тарзи амал дар мураккаб гардидани муносибатҳо ва ба вуҷуд омадани низоъҳои сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Новобаста аз оне, ки имрӯз инсоният ба муваффақиятҳои бузурги илмию техникӣ ноил гардидааст, муносибатҳои сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ рӯз то рӯз мураккабтар гардида, хусусияти таҳаммулпазириро аз даст медиҳанд. Авҷ гирифтани низоъҳои сиёсию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ аз буҳрони маънавию ахлоқии ҷомеа шаҳодат медиҳад. Пирӯзии таҳаммулпазирӣ дар муносибатҳои ҷомеаи башарӣ аз такомули олами маънавии инсоният вобаста буда, солим сохтани ҷаҳони андешаи инсон шарт ва зарур мебошад, зеро гуфтору кирдори инсон аз дунёи андешаи ӯ маншаъ мегирад.

Ахлоқ ҳамчун падидаи фарҳангию иҷтимоӣ барои ҷомеаи башарӣ хизмати бузург намуда, таърихи пайдоиши он ба сохти обшинаи ибтидоӣ мерасад. Ахлоқ ва меъёрҳои он дар заминаи мубориза бар муқобили бадӣ ба вуҷуд омада, рисолати ахлоқ саодат бахшидан барои инсон аст. Гуманизм ҷавҳари ахлоқ буда, тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ифодакунандаи талаботу манфиатҳои инсон мебошанд.

Дар он марҳилаи таърихие, ки ахлоқ ҳамчун падидаи фарҳангию иҷтимоӣ ба вуҷуд омаду барои инсоният хизмат менамуд, на давлат вудуд дошту на низомҳои сиёсӣ ва на қонун. Метавон гуфт, ки дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ сиёсату қонунҳо бунёд гардида,ташаккулу инкишоф ёфтаанд. Гуманизму адолат ва озодӣ арзишҳои олии ахлоқӣ маҳсуб ёфта, дар сарқонуни тамоми давлатҳои олам ин арзишҳои олӣ ифода ёфта, дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа таҷассум гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки ахлоқ сиёсат ва қонун се падидае мебошанд, ки бо ҳам робитаи ногусастанӣ дошта, ахлоқро аз сиёсату қонун ҷудо сохтан имконнопазир мебошад. Агар арзишҳои ахлоқиро аз қолаби сиёсату қонунҳо берун орем, сиёсату қонунҳо ҷисме хоҳанд шуд беҷон. Ҳар қадаре, ки сиёсат ҷавҳари ахлоқии худро гум мекунад, ҳамон қадар самаранокӣ ва пояндагиаш аз миён меравад. Ғайриахлоқӣ шудани сиёсат норозигии ҷомеаро ба вуҷуд оварда, давлатро дар чашми ҷомеа зишт вонамуд месозад. Инсоният мехоҳад дар симои давлат қудрату тавоноӣ, инсонгароӣ, адолатпарварӣ, накукорӣ, ваҳдатгароӣ, таҳаммулпазирӣ, озодибахшӣ ва дар маҷмӯъ саодатбахширо бубинад. Танҳо давлат бо чунин сифатҳо метавонад пояндагии худро нигоҳ дорад ва барои башарият хизмат намояду созанда бошад.

То замоне ки афрод ба хотири ҳимояи манфиатҳо миёни худ хусумат меварзанду меҷанганд ва яке кӯшиш менамояд, ки дигарро заифу мағлуб созад, осудагии хотир дар ҷаҳони андешаи инсон аз миён рафта, муносибатҳо хусусияти фарҳангии худро гум хоҳанд кард. Манфиатҳоро метавон оқилона ҳимоя намуду самимият ва ҳусни тафоҳумро дар фазои муносибатҳо ба вуҷуд овард. Агар муносибатҳои ҷомеа дар заминаи арзишҳои олии ахлоқӣ сурат бигиранд, ин ҳам баҳри саломатии инсон муфид асту ҳам барои таъмини дарозумрӣ дар раванди ҳаёт. Комилан метавон гуфт, ки аз муносибатҳои ҷамъиятӣ саломатӣ ва дарозумрии инсон вобаста мебошад. Дар сурате ки давлатҳо бошитоб мусаллаҳ мешаванд ва яке дар муқобили дигаре қарор мегираду кӯшиш менамояд, кибо истифода аз қудрати низомии худ давлати дигареро заифу нотавон созад ва ҳукмрониро аз болои ӯ ҷорӣ намояд ва ё давлатеро, ки кӯчак асту нотавон, вале дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад, қурбони манфиатҳои худ созад, оё метавон чунин ҷомеаро ҷомеаи мутамаддин номид?

Ҳадафи олии ҷомеаи башарӣ бояд бунёди ҷомеаи мутамаддин бошад. Хусусияти тамаддунӣ пайдо намудани муносибатҳои ҷомеа аз боло ба поён сурат мегирад. Аввалан давлатҳоро зарур аст, ки дар сиёсати дохилӣ ва дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ аз арзишҳои олии тамаддун истифода бубаранд ва ҷомеа дар пайравӣ ба онҳо ба ҷомеаи мутамаддин табдил хоҳад ёфт. Муносибатҳое, ки орӣ аз арзишҳои ахлоқӣ мебошанд, тадриҷан мушкилот барои инсоният эҷод намуда, бартараф намудани онҳо душвор хоҳад шуд. Барои ҷомеаи башарӣ шарт ва зарур аст, ки дар муносибатҳои худ аз арзишҳои олии тамаддуни умумиинсонӣ истифода бубарад ва муносибатҳои худро солиму оқилона созад. Ҷомеаи башарӣ бояд дар муносибатҳои худ гуманизм, интернатсионализм ва таҳаммулпазириро ҳамчун арзиши олӣ эътирофу эҳтиром намоянд ва ҷаҳони худро мутамаддин созанду рисолати инсонии худро анҷом бидиҳанд.


**АДАБИЁТ**

1. Аристотель. Этика / Аристотель. - М.: АСТ, 2004. -492 с.
2. Гусейнов А. Теория морали // Этическая мысль: современные исследования / А. Гусейнов. - М.: Прогресс-Традиция, 2009. -480 с.
3. Кант И. Основы метафизики нравственности / И.Кант. - М.: Наука, 1999. -653 с.
4. Нижников С. А. Мораль и политика в контексте духовных и интеллектуальных традиций . Монография / С. А. Нижников. - Москва: Инфра-М, 2011. -333 с.
5. Платон. Сочинения: в 3-х т. / Платон; пер. с древнегреч. -М.: Мысль, 1970. -611 с.
6. Родоман Б.Б. Мы уже не обезьяны, но ещё не люди // Здравый смысл, 2010, № 3 (56), с. 21 – 25 [электронный ресурс]. www.intelros.ru 21.XII.2011.
7. Сартр Ж.-П. Тетради по морали. Проблема цели и средств в политике / Ж.-П. Сартр // Этическая мысль. Науч.-публицист. чтения. 1991. М.: Республика, 1992. 446 с.


## МАҚОМ ВА НАҚШИ АХЛОҚ ДАР ҶОМЕА ВА ДАВЛАТ

Ахлоқ арзиши олӣ маҳсуб гардида, мақом ва нақши он дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бузург мебошад. Зуҳури арзишҳои ахлоқӣ дар раванди муносибатҳои ҷомеа самараи ақли такомулёфтаи инсон аст. Маҳз дар заминаи такомули ақл инсон аз олами ҳайвонӣ берун рафта, вориди дунёи маънавӣ ва фарҳангӣ гардида, ба мартабаи худшиносӣ расидааст. Ақли такомулёфта инсонро аз ҳолати табиӣ берун оварда, ба дунёи

тамаддун ворид сохта, андеша, гуфтор ва кирдори ӯро нек сохтааст. Бартарият ва афзалияти инсон дар нисбати дигар мавҷудоти олам ин соҳиби ҷавҳари ақл будани ӯ мебошад. Ақл ҷавҳари созанда ва эҷодкунандаи арзишҳои маънавию ахлоқӣ буда, мақом ва нақши он дар шинохти ҳастии инсон ва дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ яқинан бузург аст. Дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ арзишҳои ахлоқиро сарфи назар намудан амали ғайриоқилона мебошад. Арзишҳои ахлоқиро метавон таъминкунандаи амният ва ифодакунандаи манфиатҳои ҷомеа донист, зеро дар он ҷомеае, ки ахлоқ ҳамчун арзиши олӣ эътироф мегардаду амал менамояд, амният дар ҷомеа яқинан таъмин хоҳад буд. Коҳиш ёфтани арзишҳои ахлоқӣ дар муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа таъсири манфӣ расонида, метавонад суботи сиёсиро аз миён бубарад ва барои давлат ва ҷомеа мушкилоти зиёд эҷод намояд.
**Калидвожаҳо:** маънавиёт, сиёсат, давлат, қонун, макиавеллизм, таҳаммулпазирӣ, адолат, озодӣ, инсондӯстӣ .

**МЕСТО И РОЛЬ НРАВСТВЕННОСТИ В ОБЩЕСТВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

Нравственность является высшей ценностью и велика ее роль в общественных отношениях. Проявление нравственных ценностей в процессе общественных отношений является результатом усовершенствования человеческого разума. Именно на основе усовершенствованияразума человек вышел из мира животных и вошел в нравственный и культурный мир,и достиг самопознания. Совершенстванный разум вывел человека из его естественного состояния и привел его к цивилизованному миру, облагородив его мысли, его высказывания и поведение. Превосходством и преимуществом человека относительно других существ мира является его разум. Разум является созидателем нравственных и моральных ценностей, его место и роль в познании сущности человека и в регулировании общественных отношений действительно очень велики. В регулировании общественных отношений отступление от нравственных ценностей является антиморальным поступком. Нравственные ценности можно утвердить как гарант безопасности и выразителем интересов общества, так как в обществе в котором нравственность признается и действует как высшая ценность, безопасность в обществе будет обеспечена. Распад нравственных ценностей в экономических, социальных, политических и культурных отношениях отрицательно влияет на общество и может привести к исчезновению политической стабильности и создасть проблемы и трудности для государства и общества в целом.
**Ключевые слово:**мораль, политика, государство, закон, макиавеллизм, толерантность, справедливость, свобода, гуманизм.

**PLACE AND ROLE OF MORALITY IN SOCIETY AND STATE**

Morality is the highest value and its great role in public relations. The manifestation of moral values in the process of social relations is the result of the improvement of the human mind. It was on the basis of improving the mind that man came out of the animal world and entered the moral and cultural world, and reached self-knowledge. A perfect mind brought man out of his natural state and led him to the civilized world, ennobled his thoughts, his statements and behavior. The superiority and advantage of man relative to other creatures of the world is his mind. Reason is the creator of moral and moral values, its place and role in understanding the essence of man and in the regulation of social relations is really very large. In the regulation of social relations, deviation from moral values is an anti-moral act. Moral values can be affirmed as a guarantor of security and an spokesman for the interests of society, since in a society in which morality is recognized and acts as the highest value, security in society will be ensured. The collapse of moral values in economic, social, political and cultural relations negatively affects society and can lead to the disappearance of political stability and create problems and difficulties for the state and society as a whole.
**Key words:** morality, politics, state, law, Machiavellianism, tolerance, justice, freedom, humanism.

**Сведения об авторе:** ***Хукмишоев З.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **919-10-08-05**

**Information about the author:** ***Khukmishoev Z.D.*** - Tajik National University, Candidate of Political Sciences, Associate Professor at the Department of Political Processes of Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **919-10-08-05**

**УДК:94(47)+327**

# РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Акмалова М.А.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар шароити муосир соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ яке аз сохторҳои асосии ҷомеа буда, манфиатҳои синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, миллатҳо, халқҳо, шароити кор, зиндагӣ, ҳифзи саломатӣ, истироҳат ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар мегиранд. Маҳз дар ин сохторҳои ҷомеа натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, ки дар манфиатҳои ҳаётии одамон дарҷ мегарданд, амалӣ мешаванд. Марҳилаи кунунии ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва постиндустриализм, афзалияту вазифаҳои иқтисодии ҳар миллатро ба таври назаррас тағйир медиҳанд ва масъалаи ҳифзи истиқлолияти миллии кишварро пеш мегузоранд.

Яке аз равандҳои калидии иқтисодиёти ҳозира ҷаҳонигардии муносибатҳои истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ буда, аксарияти иқтисодиёт ва бозори дохилии кишварҳоро

якранг мегардонад. Дар чунин шароит озодона гузаштани захираҳои гуногуни молиявӣ сарҳадҳои давлатҳои миллӣ намудҳои фаромиллии идоракунии хоҷагӣ ба назар мерасад, ки дар натиҷаи он фазои ягонаи геоиқтисодӣ барпо мешавад. Дар марҳилаи ҳозираи рушди иқтисодиёт, мавҷудияти шакли хоҷагидории иқтисодиёти миллӣ–давлатиро зери хатар мегузорад, ки он заминаи нигоҳдории истиқлолияти иқтисодӣ буда, рушди минбаъдаи давлатдории миллиро муайян мекунад.

Дар чаҳорчӯбаи назарияи иқтисодии муосир, раванди ҷаҳонишавӣ ба ташаккул ёфтани усулҳо ва равишҳои нав меорад ва фаҳмидани равандҳои савдо ва тиҷорат ба тағйирёбии андешаҳо доир ба зуҳуроти иқтисодӣ боис мегардад. Ҳангоми таҳлили воқеияти иқтисоди ҷаҳонӣ, масъалаҳои асосӣ нақш ва мақоми иқтисоди миллӣ, имкониятҳои онҳо дар заминаи рушд ва идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ мебошанд.

Ҷаҳонишавӣ ба таҳкими иртибот ва ба вобастагии кишварҳои ҷаҳон аз якдигар оварда истодааст. Суръатбахшии тамоми шаклҳои муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ аз рӯйи табиати худ объективӣ мебошад. Равобити мутақобилаи равандҳои геоиқтисодӣ ва геополитикӣ зиддияти асосии иқтисодии замони муосирро ҳамчун зиддияти байни густаришёбии равандҳои фаромиллию бунёди системаи иқтисодии ҷаҳонӣ аз як тараф, ва аз тарафи дигар бошад, мавҷудияти шакли идоракунии иқтисодиёти миллиро такомул медиҳанд. Иқтисодиёти миллӣ, ки мавқеи муҳимро дар ҷаҳон ишғол мекунад, зери фишори қавии субъективӣ аз маркази умумиҷаҳонӣ ва ҳамчунин фишорҳои объективӣ аз тарафи равандҳои либералии ҷаҳонӣ ва ҳампайвандӣ қарор дорад, ки барои рушди сиёсати иқтисодии кишвар монеа мебошанд. Раванди мутобиқсозии иқтисоди миллӣ дар шароити тағйирёбии ҷаҳонӣ ва ҳифзи он бо роҳи ҷудо кардан аз бозори ҷаҳонӣ ғайриимкон аст. Иқтисоди рушдкардаи миллӣ, ки ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ дохил нашудааст, самаранок буда наметавонад. Дар шароити шиддат ёфтани рақобати ҷаҳонӣ ва рушди мунтазами технологӣ, тағйири субъектони асосии фазои глобалӣ, рушди истеҳсолот, мавҷудияти маҷмӯи миллии хоҷагидорӣ бе дохил шудан ба муомилот бо ҷаҳони иқтисодии рушд амал кардан ғайриимкон аст.

Ба даст овардани истиқлолияти иқтисоди миллӣ тавассути мустақилияти молиявӣ, худтаъминкунии озуқаворӣ, мустақилияти технологӣ, худкифоии зеҳнӣ ва суботи демографӣ имконпазир аст. Мустақилияти молиявӣ модели рафтори молиявии миллиро ташаккул медиҳад, ки ба татбиқи афзалиятҳои стратегии молиявӣ ва сармоягузорӣ якҷоя бо иштироки фаъол дар амалиётҳои молиявии ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

Афзалияти асосии давлат тақвияти истиқлолияти иқтисодии кишвар мебошад, ки мақсад ҳифзи он ва такмил додани низоми иқтисодии миллӣ мебошад. Маҳз давлат ба рушди иқтисодӣ манфиатдор аст. Соҳибкории хусусӣ ва дигар субъектҳои тиҷоратӣ ҳадафи рушди ояндаи тамоми иқтисодиёти миллиро надоранд, онҳо бештар ҳарчи зудтар ба даст овардани натиҷаҳои миқдорӣ дар фаъолияти худ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Танҳо давлат метавонад ҳамчун бунёде баромад намояд, ки низоми иҷтимоию иқтисодиро танзим кунад.

Дар асл, тамоми системаи воситаҳои иқтисодии ҳокимият заиф гардид. Як намуди механизми боздории рушди иҷтимоию иқтисодӣ, пешгирии тағйирёбии пешраванда, ки имконияти истифода бурдани афзалиятҳои ҷомеаро пешкаш мекард.

Ҳолати пешазбуҳронӣ дар соҳаи иҷтимоӣ низ мушоҳида мегашт. Он аз чунин нишондиҳандаҳо иборат буд:

– бартарии усулҳои технократӣ;

– принсипи боқимондаи тақсими захираҳо барои эҳтиёҷи иҷтимоӣ, фарҳанг ва дар натиҷа ғайриқаноатбахш будани иқтидори иҷтимоию гуманитарии ҷумҳурӣ.

Пас аз он ки Тоҷикистон истиқлолияти худро ба даст овард, ба буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ кашида шуд, ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишвар зарар расонд ва сохтори иҷтимоияш тағйир ёфт. Дар натиҷаи муноқишаи дохилии солҳои 1992-1997, маблағи умумии талафоти моддӣ зиёда аз 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод, ки дар натиҷа иқтисодиёти кишвар нобуд гардид. Оқибатҳои зарари ҷанги шаҳрвандӣ бо омили дигари мавҷуда пайваст гардид, ки пас аз вайроншавии робитаҳои иқтисодӣ пайдо шуданд. Бисёре аз корхонаҳои Тоҷикистон аз алоқаҳои пештараи муносибатҳои иқтисодӣ канда шуданд, корхонаҳо ва фабрикаҳо аз фаъолият бозмонданд, коргарон ва мутахассисон бекор монданд.

Бо вуҷуди ин, ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишвар зиёни калон расонид, даҳҳо корхона, садҳо биноҳои маъмурӣ ва гражданӣ нобуд шуданд. Барқарор намудани иқтисодиёт хароҷоти зиёди моддӣ ва молиявиро талаб мекард. Ба Тоҷикистон ҷомеаи ҷаҳонӣ – созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии байналмилалӣ кӯмаки бебаҳо расониданд. Баъзе кишварҳо

кумаки башардӯстона, техникӣ ва молиявӣ дар татбиқи барқарорсозии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон расониданд.

Пас аз ҳалли мунокишаҳо, Ҳукумати Тоҷикистон, мақсадҳои стратегии худро муайян намуда, барои бақароркунии кишвар ва рушди иқтисодиёт ислоҳоти иқтисодӣ гузаронид. Соли 1997, рушди иқтисодиёт дар кишвар оғоз ёфт.

Дар марҳилаи кунунӣ Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони табиӣ ва зеризаминӣ буда, захираҳои маъданҳои фоиданок зиёда аз 400 намуд аст, ки то имрӯз таҳқиқ карда нашудаанд. Тоҷикистон инчунин ба номгӯйи мамлакатҳои дорои захираҳои зиёди металлҳои қиматбаҳо, аз ҷумла тилло, дохил мешавад. Захираҳои бузурги тилло дар дарёи Зарафшон бисёр вақт диққати истеҳсолкунандагони асосии ин оҳани қиматбаҳоро ҷалб намуда, дар айни замон дар Тоҷикистон як қатор корхонаҳои муштарак таъсис дода шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди об ва захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад - зиёда аз 60%-и захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ҷойгираст. Тоҷикистон бо мақсадҳои гуногун танҳо то 7%-и обро истеъмол мекунад, қисмати боқимонда бо мақсади обёрӣ ва истеъмолӣ ба кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ мегузаранд. Оид ба маблағгузории гузаронидани ташхиси байналхалқии имконпазири сохтмон ва бехатарии истифодаи неругоҳи Роғун дар дарёи Вахш, ки яке аз комплексҳои бузургтарини гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон маҳсуб меёбад, Тоҷикистон бо Бонки Ҷаҳонӣ созишномаро ба имзо расонид. Дар давоми сол, НОБ-и Роғун метавонад 3,600 МВт нерӯи энергетикии арзонтарро истеҳсол кунад. Дар татбиқи барномаи энергетикӣ якчанд иншооти стратегӣ сохта ва мавриди истифода қарор дода шудаанд, аз ҷумла хатти интиқоли барқи 500 кВ. "Ҷанубу Шимол", зеристгоҳи 500 КВ «Душанбе», Маркази барқу гармидиҳии "Душанбе" бо неруи барқи 500 МВт. Албатта, дар татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон Бонки Осиёии Рушд (БОР), давлатҳои Чин, Русия ва Эрон фаъолона иштирок карда истодаанд.

Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги стратегии рушд мебошад, ки имрӯз ба таври дуруст арзёбӣ нашудааст ва барои ҳалли вазифаҳои стратегӣ бояд истифода шавад.

Асоситарини онҳо:

- Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон ҳамчун роҳи кӯтоҳтарин байни кишварҳои Осиё (Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Хитой ва ғайра) ваЕвразия (Россия, кишварҳои ИДМ, Аврупо, кишварҳои Скандинавия). Ҳоло, вақте ки марказҳои истеҳсолоти саноатӣ ба кишварҳои Осиё ҳаракат мекунанд, ин омил метавонад дар шароити тағйирёбии интиқоли борҳои ҷаҳонӣ амалӣ карда шаванд.

Аз рӯйи захираҳои табиӣ ва иқлимӣ Тоҷикистон аз кишварҳои густурда бартарӣ дорад. Тоҷикистон яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар иқтидори гидроэнергетикӣ мебошад. Дар кишвар захираҳои баландсифати ангиштсанг, нуқра, уран ва дигар канданиҳои фоиданок мавҷуд мебошанд. Шароитҳои иқлимӣ имкон медиҳанд, ки меваҳои барвақтӣ ва сабзавотро ба қаламрави ғарбӣ ва шарқии Русия ва минтақаҳои дигари ҷаҳон содирот намоянд.

- Эҳёи муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ИДМ-ро бо роҳи ҳамроҳшавӣ ба иттиҳоди ягонаи гумрукӣ ба амал баровардан мумкин аст. Ин ба кишвар имкон медиҳад, ки дар фазои иқтисодӣ бо аҳолии қариб 200-250 миллион одам, дастрасӣ ба маҳсулоти арзони нафтӣ ва бозори бузург барои моли худ имконияти ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ дошта бошад.

- Хусусиятҳои фарҳангӣ ва динии рушди кишвар ва аҳолии он, ки дар сатҳи нисбатан баланди саводнокӣ, маориф, таҳаммулпазирӣ, фарҳанг ва мероси таърихӣ ифода ёфтааст. Дар кишвар мавҷуд будани рушди шабакаи таҳияшудаи муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, тадқиқотӣ ҳамчун асос барои рушди сармояи инсонӣ хизмат мекунанд.

- Таҷрибаи мавҷудият дар системаи ягонаи комплекси мудофиаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳифзи унсурҳои он то имрӯз вуҷуд доранд. Ин то андозае амниятро аз таҳдидҳои мустақим аз ҷониби кишварҳои дигар кафолат медиҳад. Имрӯз ин иқтидор ба таври лозима омӯхта нашудааст ва барои рушди кишвар истифода бурда намешавад.

Дар тӯли солҳои истиқлолият як қатор мушкилоти мавҷуда ва монеаҳои форматсияҳои нав бартараф карда шуданд. Ин махсусан ба раванди ташаккули бозори дохилӣ, ҳамчун заминаи иқтисодии давлати мустақил тааллуқ дорад. Ҳукумат стратегияи иқтисодиро таҳия кард, ки ба тағйирёбии ҷиддии иҷтимоиву иқтисодӣ оғоз намуд. Стратегияи иқтисодии кишвар дар чор самт таҳия шудааст: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии кишвар.

Дар Паёми худ (соли 2016) ба Парлумони кишвар Президенти мамлакат қайд намуданд: "Дар марҳилаҳои минбаъда ин мақсадҳо сифатҳои навро ба даст хоҳанд овард, асоси он аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши неруи барқ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани кишвар ба кишвари транзитӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ бо дастрасии аҳолӣ ба ғизои сифатнок иборат мебошад. Дар ин раванд, афзалият ба самаранокии бахшҳои воқеии иқтисодиёт, рушди потенсиали инсонӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, таҳкими институтсионалӣ ва рушди минтақаҳо дода мешавад. Мо минбаъд низ рушди устувори кишварро дар шаклҳои саноатӣ ва инноватсионӣ муҳокима намуда, барои баландбардории самаранокии истифодаи захираҳо ва имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ кӯшиш менамоем ва аллакай барои пешгирӣ намудани осебпазирии иқтисоди миллӣ дар давраи дарозмуддат тадбирҳои алоҳида андешида шудаанд» [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодии худро дар майдони ҷаҳонӣ бунёд намуда, ба шарикии баробарҳуқуқ ва ҳамкории мутақобилан судманд такя мекунад. Қадамҳои пайдарҳами Ҳукумат дар ин самт ба густариши доимии ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд, ки дар тӯли солҳои истиқлолияти давлатӣ ба афзоиши нуфузи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

Дар Стратегияи минбаъдаи рушд саноаткунонии кишвар пешниҳод карда шудааст. Ин марҳила ба болоравии коркарди ашёи хом, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири дохилӣ ва таҳкими иқтидори содиротии кишвар мусоидат намуда, асоси воқеии тавозуни савдои хориҷӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоиро фароҳам меорад.

Иқтисоди миллӣ тағйироти назаррасро ба вуҷуд овард. Зиёда аз 80 барномаҳои соҳавӣ қабул гардид, ки ба афзоиши бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат карданд. Афзалиятҳо ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян карда шуданд.

Дар марҳилаи кунунии рушди давлат дар барномаиислоҳоти иқтисодӣ аҳамияти муҳим ба таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон дода мешавад, зеро танҳо дар ин ҳолат Тоҷикистон метавонад мушкилоти озуқавориро ҳал намояд, роҳҳои нави оҳан ва автомобилгард кушода шаванд, корхонаҳои муштарак таъсис дода шаванд, ҳамкориҳои муштарак созмон дода шуда, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд бардошта шавад ва барои таҳкими давлат шароитҳо фароҳам оварда мешаванд.

Татбиқи Барномаи амнияти озуқаворӣ, шарикии баробарҳуқуқ ва густариши ҳамкории байналмилалӣ дар шароити мутақобилан судманд дар минтақа ва дар арсаи байналмилалиро пешниҳод менамояд. Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда барномаҳои муштарак ҳамоҳанг карда мешаванд ва бо ташкилотҳои байналхалқӣ алоқаи зич ба роҳ мондан лозим аст: Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти умумиҷаҳонии озуқавории Созмони Милали Муттаҳид ва Барномаи кумаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ. Ҳамкорӣ бо чунин ташкилотҳо барои таъмини амнияти озуқавории кишвар равона мешавад.

Бо мақсади таъмини истиқлолияти энергетикӣ якчанд неругоҳҳои хурди гидроэнергетикӣ дар кишвар сохта шуданд, аз ҷумла сохтмон ва ба истифода додани неругоҳи “Сангтӯда”-1, неругоҳи “Сангтӯда”-2, оғози нахустин агрегати **Нерӯгоҳи барқи обии Роғун** ва дигар марказҳои хурду бузург ба кор дароварда шуданд. Дар маҷмӯъ, дар Тоҷикистон 235 неругоҳи хурди барқи обӣ бо иқтидори аз 5 то 2500 киловатт ба истифода дода шуд.

Бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар, барномаҳои соҳавӣ, ки ба рушди истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ мусоидат мекунанд, қабул карда шуданд. Корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ва иншооти зиёди иҷтимоӣ сохта шуданд.

Ҳукумати кишвар ба рушди соҳибкорӣ диққати махсус дода, ба масъалаи ҳифз ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар сиёсати иқтисодии кишвар афзалият медиҳад. Дар ин кор, санадҳои ҳуқуқӣ барои бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ дар соҳаи соҳибкорӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятнок мебошад, зарур аст. Рушди ҷиддии фаъолияти иқтисодӣ бо ҷорӣ намудани услуби «Равзанаи ягона» дар системаи бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ, гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти сохтмонӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои сармоягузорон тавассути тақвияти қонунгузорӣ дар бораи ширкатҳои саҳомӣ ва содагардонии расмиёти муфлисшавӣ дида мешавад.

Пас аз пош хӯрдани системаи ягонаи идораи иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишвари дорои иқтидори баланд дар соҳаи меҳнат ва захираҳои табиӣ ба кишваре табдил ёфт, ки иқтисодиёт аз истеҳсолкунандагони хориҷӣ бо сатҳи пасти истеҳсолот вобастагии зиёд дошта, сатҳи шуғли аҳолӣ низ паст меравад. Ин вазъияти иқтисодӣ боиси рафтани

аҳолии қобили меҳнат аз ҷумҳурӣ ба ҷустуҷӯи кор гардид. Дар тӯли солҳои истиқлолият иқтисодиёти миллӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гардид. Бо вуҷуди ин, масъалаи бекорӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст ва шумораи зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон фаъолияти худро дар хориҷи кишвар анҷом медиҳанд. Қисми зиёди даромади аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад, ки ҳиссаи калони ММД - аз 20% то 50%-ро ташкил медиҳад (мувофиқи нишондодҳои ҷаҳон, ин нишондиҳанда хеле балан даст, масалан, ин нишондиҳанда дар Молдова, ММД 25%, Лесото - 19%, Албания - 15% мебошад) [2]. Интиқоли маблағи соли 2001 танҳо 21% тавассути сектори бонкӣ сурат мегирифт ва бинобар ин, дар омори расмӣ ба назар гирифта нашуда буд, ки қисмати даромади аҳолӣ ба хароҷоти хонавода коҳиш ёфт. Беҳсозии низоми интиқоли бонкӣ шароити муҳоҷирони меҳнатиро ҳангоми интиқоли маблағҳо расман тағйир дода, фиристодани пул ба воситаи шахсҳони алоҳида камтар шуд.

Дастрасӣ ба неруи энергетикӣ барои Тоҷикистон дар самти расидан ба ҳадафҳои рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Бо мақсади беҳтар кардан ва таъмини аҳолӣ бо неруи барқ, сохтмони хатти минтақавии энергетикӣ -CASA-1000 (252 км) дар ҳаҷми 2,2 миллиард сомонӣ оғоз ёфт, ки шабакаҳои энергетикии Тоҷикистону Қирғизистонро бо дигар кишварҳои минтақа пайваст намуда, ба густариши ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои ҳамсоя мусоидат мекунад.

Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ барои рушди тамоми бахшҳои иқтисодиёти кишвар масъалаи муҳимми ҳаётӣ аст. Стратегияи азнавсозии роҳҳои автомобилгард, бунёди роҳҳои мошингард, роҳи оҳан, фурудгоҳҳои ҳозиразамон, алоқа бо тамоми ҷаҳон аз тариқи кушодани хатсайрҳои нав ба рушди иқтисодиёт, савдои дохилӣ ва хориҷӣ такони ҷиддӣ бахшид. Стратегияи мазкур марҳила ба марҳила дар чаҳорчӯбаи Консепсияи "Роҳи бузурги Абрешим" амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, омилҳои асосии стратегии рушди иқтисодёти Тоҷикистон, ки ҷанбаи муҳимми пешрафти кишвар ба шумор меравад, рушди дарозмуддат ва таҳкими истиқлолиятро таъмин хоҳанд кард.

### АДАБИЁТ


1. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона к Парламенту страны, от 20 января 2016г.
2. Daly, Herman E. Beyond Growth: The Economics of Sustainable Development. Beacon Press, 1997. c.5


### РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Дар мақолаи мазкур раванди ташаккулёбии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз стандартҳои ҷаҳонӣ, рушди устувори соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро таъмин мекунад. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст, ба назари муаллиф. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Барои татбиқи ин ҳуҷҷат, буҷети давлатӣ хусусияти иҷтимоӣ қабул намуд, ки ба рушди соҳаи маориф, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дастгирии соҳибкории хурд ва миёна, нақлиёт, энергетика ва амнияти озуқаворӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир менамояд. Барои татбиқи барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ Ҳукумат ҳуҷҷатҳои имконпазирро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои тиҷорати хурд ва миёна ба роҳ мондааст. Тибқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ташаккул ва рушди корхонаҳои хурду миёна нишондоди муҳимми рушди иқтисодиёти кишвар ва омили асосӣ барои гузаштан ба муносибатҳои нави бозорӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, раванди ташаккулёбии иқтисодиёти миллӣ, шароити соҳибистиқлолӣ, сиёсати молиявии ҷумҳурӣ, энергетика ва амнияти озуқаворӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ


### РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


В данной статье автором рассмотрен процесс формирования национальной экономики Республики Таджикистан в период независимости. Финансовая политика Республики Таджикистан с использованием мировых стандартов обеспечивает устойчивое развитие социально-экономических сфер общества. Один из важных документов, которое приняло ПравительствоРеспублики Таджикистан, с точки зрения автора, является “Стратегия снижения уровня бедности”. Для внедрения данного документа государственный бюджет вобрал в себя социальную специфику, которая основное внимание обращает на равитие сфер образования, здравоохранения, социальной защиты населения, поддержку малого и среднего предпринимательства, транспорта, энергетики и продовольственной безопасности. Для внедрения предпринимательской деятельности в сферах малого и среднего бизнеса Правительство страны приняло ряд документов для развития предпринимательской деятельности в серах малого и среднего бизнеса. Согласно практики развитых государств формирование и развитие малых и средних предприятий является важным показателем развития экономики страны и основным фактором для перехода к новым экономическим отношениям.



**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, процесс формирования национальной экономики, условия независимости, финансовая политика республики, энергетика и продовольственная безопасность, снижение уровня бедности.

**DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING INDEPENDENCE**

In this article, the author considers the process of formation of the national economy of the Republic of Tajikistan during the period of independence. The financial policy of the Republic of Tajikistan using world standards ensures the sustainable development of socio-economic sectors of society. One of the important documents adopted by the Government of the Republic of Tajikistan, from the point of view of the author, is “Poverty Reduction Strategy”. To implement this document, the state budget has incorporated social specifics, which focuses on the development of education, healthcare, social protection, support for small and medium enterprises, transport, energy and food security. To introduce entrepreneurial activity in the fields of small and medium-sized businesses, the Government of the country adopted a number of documents for the development of entrepreneurial activity in the fields of small and medium-sized businesses. According to the practice of developed countries, the formation and development of small and medium enterprises is an important indicator of the country's economy and the main factor for the transition to new economic relations.

**Key words:** Republic of Tajikistan, the process of formation of the national economy, conditions of independence, financial policy of the republic, energy and food security, poverty reduction.

**Сведения об авторе:** ***Акмалова Мунира Абдунабиевна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, к.п.н, доцент кафедры Международных отношений, декан факултета политологии. **Адрес:** 737700, Республики Таджикистан, город Худжанд, 17 мкр-н, дом 1

**Information about the author:** ***Akmalova Munira Abdunabievna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Ph.D., Associate Professor of the Department of International Relations, Dean of the Faculty of Political Science. **Address:** 737700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 microdistrict, house 1

## МУНДАРИҶА СОДЕРЖАНИЕ

### ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


***Исайнов Ҳ.Р., Расулов Д.Т.*** Масъалаҳои тамоюли истифодаи захираҳои обию озуқаворӣ ва таъсири он ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)........ ***5***

***Имомназарова Т.А., Майдаева М.С.*** Таҳлили вазъи муосири қарзҳои хурди пешниҳодгардида аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар микёси ҷумҳурӣ........ ***11***

***Шарофова Ч.Р., Хурамова З.М.*** Перспективы предпринимательства и новая модель экономического роста Таджикистана........ ***14***

***Хамидова С.Х.*** Роль налоговой системы Республики Таджикистан в структуре национальной экономики........ ***20***

***Газизода Ситора.*** Факторы, влияющие на оказание услуг водоснабжения населению в условиях рынка........ ***26***

***Джумъаев Б.М.*** Современное состояние и тенденции развития рынка бизнес-услуг в Республике Таджикистан........ ***31***

***Зиёев Б.С., Манучехри Нозими.*** Основные принципы и методы регулирования землепользования в условиях аридного региона........ ***36***

***Арабов Ф.П.*** Теоретические аспекты инвестиционной деятельности земельно-водных ресурсов: понятие, сущность и источники формирования........ ***45***

***Саидхаджаев Ф.С.*** Государственно-частное партнерство в Таджикистане: текущее состояние и возможности для развития........ ***48***

***Махшулов С.Ҷ., Ашуров Ғ.М., Хоҷаев Б.Б.*** Рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва мутобиқати нишондиҳандаҳои молиявии онҳо бо индексҳои пардохтпазирӣ........ ***53***

***Саидов К.М.*** Анализ зарубежной практики развития кластеров пищевой промышленности........ ***58***

***Қурбонов Ш.Я.*** Омилҳои иқтисодӣ – иҷтимоии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ ***63***

***Ҳусайнов М.С.*** Баъзе масъалаҳои ташаккулёбии бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон........ ***69***

***Джуразода З.А., Маджонова М.М.*** Этапы становления и развития инфраструктуры поддержки предпринимательства в Республике Таджикистан........ ***74***

***Бакаев М.Х.*** Криптоасъор ҳамчун падидаи иқтисодиёти замонавии иттилоотӣ........ ***81***

***Сайдиев А.Д., Мамадбекова Н.А.*** Сармоягузории хориҷӣ ва нақши он дар ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон........ ***86***

***Абдуллоева Н.*** Арзиши даромад ва фоидаи корхонаҳои автомобилгарди мусофиркашон........ ***90***

***Раҳматов Б.К.*** Шуғли аҳолӣ ва нақши он дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон........ ***93***

***Боқилов Б., Қараева Ҷ.Ғ.*** Асосҳои илмии идоракунии молиявии соҳаи маориф........ ***98***

***Шарифзода Н.Ш., Фасеҳзода И.С., Нуралиев Ҳ.Ф.*** Низоми байналхалқии асъор ва марҳилаҳои инкишофи он........ ***100***

***Ҳабибуллоҳ Мументанд, Бибизода Аминӣ.*** Модели арзёбии амалкарди талфиқӣ мавриди мутолиаи саноати дорусозӣ........ ***105***

***Саид Муҷтабо Содот.*** Вежагиаҳои иқтисодии тарроҳии гидроликии каналҳои боз дар шароити Афғонистон........ ***112***

***Фозилов Р.Ш.*** Сохтори идоракунии истифодаи захираҳои обию ирригатсионии Ҷумҳурӣ: муаммоҳои ҷойдошташуда ва роҳҳои такмилдиҳии он........ ***116***

***Буризода Ҳалима Эмомалӣ.*** Даврабандӣ ва марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ........ ***124***

*Ҳомидова М.И.* Инфрасохтори энергетикӣ – раванди тараққиёти он: муаммо ва роҳҳои ҳалли он 131

*Шарипов Ф.З.* Моҳият ва нақши хариди давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ.......................... 135

*Бободжанова М.М.* Занятость населения в условиях высокого уровня внешней трудовой миграции.... 139

*Джураева Дж.Х.* Swot – анализ как инструмент оценки конкурентоспособности рынка энергетических услуг Республики Таджикистан………………………………………………………. 144

*Хамидова С.Х.* Формирование и использование человеческого капитала: сущность и взаимосвязи…... 148

*Давлатова Ш.И., Одинаев Ш.Т., Одинаева М.Ш.* Асосҳои иқтисодӣ ва механизми ташаккули бозори озуқаворӣ дар давраи муосир........................................................................................... 156

*Имомалиев Б.Б.* Мушкилоти асосӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд.................. 164

*Сафаров П.Р.* Вижагиҳои иқтидори инноватсионӣ ва нақши он дар раванди рушди инноватсионии минтақа......................................................................................................... 168

*Шодиев Ф.Т., Ходжаев П.Д.* Теоретические аспекты развития инновации в сфере транспортных услуг........................................................................................................................ 171

*Кодиров А.А., Назаров Х.М., Саторов М., Рахимов Я.* Перспективы производства молибдена в Таджикистане……………………………………………………………………………………….. 179

*Шодии Давлатали.* Основные направления повышения экономической эффективности землепользования в условиях аридного региона 182

*Якубова К.Г., Мукимов К.М.* Институционально-экономическое значение социальной сферы в современной экономике……………………………………………………………………………… 187

*Шарифова Д.М.* Ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ омили рушди босуботи иқтисодиёти вилояти Хатлон....................................................................................................................... 190

*Эгамов С.Х., Маликов И.А.* Совершенствование механизма государственной поддержки регионального рынка продукции скотоводства…………………………………………………….. 196

## ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИСПРУДЕНЦИЯ

*Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, Исматуллозода Фаридун Исматулло.* Нақши мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар ташкил ва таъминоти ҳуқуқии таҳсили хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................... 202

*Давлатзода Ф. М.* Участие прокурора в производстве по делам об административных правонарушениях по законодательству Республики Таджикистан……………………………………….. 208

*Қодиров Д.С.* Баъзе проблемаҳо вобаста ба ошкоркунӣ, кушодан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводҳои нашъаовар, ки тавассути воситаҳои электронӣ содир мешаванд.............................................................................................. 215

*Муродзода Фируза.* Предмет незаконного производства, изготовления, переработки, приобретения, хранения, сбыта, транспортировки или пересылки прекурсоров…………………………………….. 221

*Исмоилзода С.А.* мақоми прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................................................................... 226

*Ҳабибуллоҳ Муманд, Бибизода Аминӣ, Муҳаммадгафси Нидо.* Чолишҳои пизишкӣ ва доруии ҷаҳоншумули низоми ҳуқуқи моликияти фикрӣ..................................................................... 233

*Саид Маҳдӣ Заргарӣ.* Қасос дар фиқҳ.............................................................................. 239

*Зафари Шариф.* Масъалаҳои таъминоти заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо.......................................................................................................... 242

*Ходжазода Ф.Ф.* Объективные признаки заранее не обещанного укрывательства……………………. 247

*Ҳусейнов Ш.А.* Мавқеи шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 252

***Расулов Ф.М., Элмуродов Ч.З.*** Фаъолияти ҳуқуқӣ-молиявӣ дар таърихи тоисломии давлатдории тоҷикон........................................................................................................................... ***256***

***Исозода Парвиз Асадулло.*** Мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд............ ***261***

***Собирзода И.С.*** Маҳдудсозӣ, ҳудуд ва принсипҳои амалисозии ҳуқуқҳои падару модар................ ***266***

***Юлдашева Г.М.*** Отграничение незаконной транспортировки наркотических средств от незаконного хранения и контрабанды………………………………………………………………………………… ***272***

***Сотиволдиев Р.Ш., Назирзода Ҷ.Н.*** Асосҳои илмӣ ва мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ............................. ***275***

***Ширинҷонов Ф.И.*** Масоили криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................................................................................. ***282***

## СИЁСАТШИНОСӢ - ПОЛИТОЛОГИЯ

***Латифов Дж.*** Военно-политическая обстановка в Афганистане накануне президентских выборов в стране……………………………………………………………………………………………………… ***290***

***Саидзода Дилшод Саид.*** Назарияи бюрократии идоракунӣ: моҳият ва хусусиятҳо........................ ***295***

***Алиев А.Дж.*** Комиссия по национальному примирению как механизм функционирования консультативного форума (на примере межтаджикского диалога)……………………………………….. ***299***

***Каримов Р.И.*** Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар шаклгирии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон........................................................................................................................... ***304***

***Муродова Н.С.*** Модернизатсия ва трансформатсия чун шаклҳои инкишофи сиёсии ҷомеа……… ***309***

***Ҳукмишоев З.Д.*** Мақом ва нақши ахлоқ дар ҷомеа ва давлат........................................................... ***313***

***Акмалова М.А.*** Рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият..... ***318***

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---


**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2019. №5. Часть II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 41,12, усл. п.л. 41,12.
Подписано в печать 15.05.2019